ОБИД ШАКУРЗОДА

ШАРҲИ «ГУЛИСТОН»

бар асоси тасҳеҳ ва табъи шодравон Муҳаммадалии Фурӯғӣ (бо бозгардон ба кириллӣ ва бо маънии вожаҳо ва шарҳи ҷумлаҳову байтҳои душвор) ва муқаддимаи шодравон Ғуломҳусайни Юсуфӣ

Душанбе
«Адиб»
2014

Ба хотираи падару модари бузургворам...
Муаллиф

ББК – 84 Тоҷик 7-4-5
Ш-76

Муҳаррири масъул *Ӯктами Холиқназар*
Муҳаррири нашриёт *Асрори Раҳмонфар*

Ш – **Обид Шакурзода. Шарҳи «Гулистон»-и Саъдӣ.**
–Душанбе, «Адиб», 2014, 540 саҳ.

Китобе, ки дар даст доред, самараи заҳмати сангини шаборӯзии муаллиф ва нахустин шарҳи густардаи «Гулистон»-и бехазони Муаллими бузурги ахлоқи ҳамидаи инсонӣ Шайх Муслиҳуддин Саъдии Шерозӣ (1204–1292) бо ҳуруфи кириллии тоҷикӣ мебошад, ки дар заминаи чандин нусхаи комилу шарҳи муътабар ва сарчашмаҳои гуногун ба қалам омада, дар ҷоддаи омӯзиши ҳамаҷониба ва фаҳму дарки дақиқи маъниҳои амиқи он аз ҷониби талабагону муаллимони макотиби миёнаву олӣ ва куллияи хонандагони тоҷикзабон метавонад мададрасон гардад.

ISBN 978-99947-2-283-6

© Нашриёти «Адиб», 2014.

ПЕШГУФТОР

«Сухани пок чун дарахте пок аст, ки решааш дар замин устувору шохаҳояш дар осмон аст» (Қуръони Маҷид, сурайи Иброҳим /24).

Ба номи Офаридгори яктову беҳамто, ки «тоъаташ мӯҷиби қурбат асту ба шукр андараш мазиди ниъмат». Шаҳрёри мулки сухан ва шаҳсавори майдони ҳикмату панд –Афсаҳул-мутакаллимин Саъдийи Шерозӣ на танҳо аз нобиғагони адабу ирфони форсӣ, балки бино бар таъйиду тамҷиди зубдайи удабову афсаҳи уламойи олам, аз афзалтарину аъламтарин устодони ҷаҳони сухан аст. Бинҷомин Франклин, сиёсатмадору физикдони омрикоӣ ва яке аз пешвоёни озодиву истиқлоли Омрико, дар арзёбии «Бӯстон» мефармояд, ки қисматҳое аз ин китоб бояд «аз ҷумлаҳойи мафқудшудайи ашъори Таврот бошанд». Оре, агар илҳоми Илоҳӣ набудӣ, гумон аст бузургони адабе ҳамчун Саъдӣ бо сеҳри каломи осмонӣ дидаву дилҳоро тасхир мекарданд.

Дар ин дунёйи пур аз ихтилофу тазодду моҷаро, ки инсонҳо ағлаб дастхуши майлонҳойи нафсониву шаҳвониянд, маҳз шамъи розу ниёзи маънавӣ ва машъали фурӯзони хираду дониш роҳнамову ноҷийи онҳо аз ин банди ҳавву ҳавас аст, ки ба фазли Худованди маннон адибону донишмандони бедори мо бузургтарин осореро дар ин масир ба мерос гузоштаанд. Акнун ташнагони донишу ҳикмат дар ҳар гӯшаву каноре аз чашмайи оби ҳаёти адабийёти форсӣ нӯш мекунанд, ки чакидайи табъи барнодилони фариштатабъе чун Фирдавсию Хайёму Мавлонову Саъдиву Ҳофиз будааст. Дигарон агар аз афкору асрори ин шерони бешайи андешаҳо тавассути тарҷумаҳо ошноӣ ёбанд, мо ин афкори гуҳарборро аз намунаҳойи асл (туфайли забони қудсийи форсийи модариамон) дармеёбем. Пас, бидуни шак, ҷойи сипосу шукри беҳамтост Худовандро, ки ин мероси биҳиштмашомро баройи мо ба забони модариамон арзонӣ доштааст.

Ҳоло айём ба ком аст, ки дар сояи боли ҳумоюнийи истиқлоли миллӣ саъодати ҳамнишинӣ бо бузургони илму ирфон мусоъидтарамон гардида, саъйе раҳбару ёварамон шуд, ки як «Гулистон»-и ҷомеъ бо ҳавошиву тавзеҳоте бар пояи пажӯҳишҳойи соҳибназарони адаби порсӣ таҳия шавад ҳамчун муждае аз сухани ғайбийи Саъдӣ. Дар борайи Саъдӣ ва мақому мартабати эшон баҳсороиӣ кори

пажӯҳандагону муҳаққиқон аст, ки ман аз ҷоддайи онҳо берун ва мухлису иродатманди ин шайхи бузургвор ҳастаму бас. Аммо чиро даст ба чунин коре басо муҳимму масъулу нозук задам?

Бо Саъдиву Ҳофиз ва низ бо Фирдавсиву Дақиқӣ, Ибни Синову Санойӣ, Аттору Мавлонову Шамси Табрез ва Ҷомиву Бедилу… аз замони баччагӣ дар ҳошияйи суҳбатҳойи падари нохондаву донишмандам ошно шудаам. Падарам, раҳмати Эзидӣ бар равони покашон, марде кишоварз буду саводи казоӣ надошт, Қуръон мехонду «Чаҳоркитоб», аммо камолёфта дар суҳбати асҳоби фазле буд, ки аз дарёйи донишу маърифати Бухоройи Шариф нӯш кардаву муллову мударрису аълам гашта буданд. Падарам раво намедошт, ки мо номи бузургонро, ба таъбири он кас, «тоқ» бигирем: бояд номро «ҷуфт» бигирифт, ба мисли Эшони Саъдӣ (на Саъдӣ!), Эшони Хоҷа Ҳофиз, Мулло Фирдавсӣ, Ҳазрати Шамси Табрезӣ, Ҳазрати Мавлоно ва амсоли ин. Падарам ҳар як аз ин Хуршедмисолони маърифатро валиюллоҳ мехонд ва суханҳояшонро партаве аз илҳоми қуръонӣ мешумурд.

Хотирайи равшану фавқул-ъода қавийи падар атрофиёнро ба ҳайрат меовард ва то кунун мӯҷиби ҳайрати банда низ ҳаст. Тақрибан тамоми қиссаҳойи «Шоҳнома»-ро бо ҷузъиёт мо аз падар шунидаем; достонҳойи шӯрангези Юсуфу Зулайхо, Маҷнуну Лайлӣ, Хусраву Ширин, Варқаву Гулшоҳро якояк ба мо нақл мекард. Ман саргузашти паёмбарони поку чаҳорёри рошидин ва саҳобагони киборро бо силсилайи валиюллоҳҳойи балогардону қазогардон бори нахуст аз падар шунидаам.

Падар ҳар гоҳ ба нақл мепардохт, он гуна бо ҷузъиёт ва самимийяту эҳсосот сухан мегуфт, ки гӯё ин саргузашту достонҳоро нашунида ё нахонда, балки худ шоҳиду шарики бевосита бошад. Аз рӯйи нақли падар намешуд Пирони Виса, вазири некмаҳзари Афросиёби тундхӯро дӯст надошт; намешуд ба Рустами Таҳамтан, Пури Дастон, ки дар адабийёти ҷаҳонӣ як намоди беназири ҷавонмардиву меҳанпарастиву доду рой аст, дил набаст; намешуд баройи нокомиҳойи Сиёвуши роди номурод ашк нарехт ва ё ба хабосатҳойи Судобайи сабуксори тирарой нафрин накард…

Модарам низ, Худованди Бузург раҳматаш кунад, уммӣ буд, аммо адабдӯсту шоъиртабъ. Агар дар китобҳойи дарсӣ иттифоқан, назараш ба аксе аз бузургони адабийёти мо, ба мисли Фирдавсӣ ё Хайём ва ё Саъдиву Ҳофиз меафтод, беихтиёр ба нишони эҳтиром даст ба рӯйи акс мегузошту ба дидагон мемолид. Аз Ҳофиз ғазалҳойи зиёд медонист, Хайёмро тақрибан битамом ҳифз карда

буд; аз китоби Ҳакими Нишопур рубоъиёт мехонду ашк мерехт. Ёд дорам, рӯзи марги падарам ӯ бо садойи ҳазин ин рубоъиро замзама дошт, ки аз Хайём буд:

Ай чарх, дилам ҳамеша ғамнок кунӣ,
Пероҳани фаррухийи ман чок кунӣ.
Боде, ки ба ман вазад, ту оташ кунияш,
Обе, ки хӯрам, дар даҳанам хок кунӣ!

Муҳити хона ин гуна буд, аммо дар мактаб савдойе дигар. Дарси адабийёт бозичайи дасти сиёсат буд. Ба мо талқин мекарданд, ки Рӯдакиву Бӯъаливу Фирдавсиву Носири Хусрав ва Хайёму Саъдиву Ҳофизу Ҷомиву Бедил ҳама зидди дин будаанд, ба ин хотир Рӯдакиро кӯр кардаанду Шайхур-раису Носири Хусравро таъқиб; ҷасади Фирдавсиро дар мазори умум роҳ надодаанд. Бедил материалист буд, ки гуфт–«Одамӣ, ҳам пеш аз он к-одам шавад, бӯзина буд!».

Пас аз таъассуроти мактаб дубора аз падар мепурсидам, ки агар Фирдавсӣ зидди дин набудӣ, чиро нагузоштанд, ки ӯро дар мазори умум дафн кунанд? Падар мегуфт: «баройи он чунин шуд, ки ҳуккоми сабуксор ба гуфтаҳойи бадгӯёну ҳасудон бовар карданд, аммо баъдан пушаймон шуданд. Кадом бегонайи дину ойин «Фирдавсӣ» тахаллус кардааст? Ту «Шоҳнома»-ро боз кун, хоҳӣ дид, ки бо номи Худованд оғоз ва бо номи Худованд анҷом шудааст»…

Саъдию Ҳофиз низ дар муҳити мо ҷойгоҳе табаррук доштанд. Дар деҳа афроди ба ҳарфу каломи ин ду бузургвор ошно соҳиби мартабату эътибори вижае буданд. Китобҳойи Саъдию Ҳофизро ҳар табақае аз мардум, ба мисли Қуръони Маҷид, дар манзили хеш муқаддас медоштанд, бӯса медоданду сурмайи чашмон мекарданд. Ва гуфтаҳойи баланди онҳо беихтиёру боихтиёр вирди забонҳо буд. Вақте бузургсолони деҳ аз Фирдавсӣ ё Саъдиву Ҳофиз сухан мегуфтанд, ман бо тасаввури кӯдаконайи хеш гумон мекардам, ки онҳо замоне бо ин шоҳмардони диёнату каромат ҳамнишину шогирду мурид будаанд ва дар симойи покашон хисоли накӯйи он бузургонро медидам. Ин таъассуроту хотироти наҷибро сайри дилнишини «Гулистон» бори дигар дар зеҳни банда равшантар сохт. Ман мисле ҳамроҳ бо падар дар ин «Гулистон» қадам мезадам ва ҳар ду бо ҳам бо Шайхи Аҷалл дам мезадем. Аз ҳарфу ҳиҷойи Эшони Шайх Саъдӣ овози падар ба гӯшам мерасид. Чӣ падарам мисли Саъдӣ дарвеш, озода ва мӯъмину

муслиҳу порсо буд. Аз дурӯғу риёву кибру ҳикду ҳирсу ҳавас барҳазар, росту содаву қониъу муттақӣ ва ташна ба тоъат ва мудомулвақт машғул ба ибодати Илоҳӣ буд. Саъдиро ҳам болотар аз ин хислатҳо мешинохт. Аз ин рӯ, ин заҳмати нокиройиро ба рӯҳи поки падару модари биҳиштиам мебахшам.

Саъдӣ, алайҳирраҳма, нисбат ба падару модари хеш басо бо ихлосу иродат ёдоварӣ мекунад. Ва шубҳае нест, ки маншаъи ин илҳом аз фармудаҳойи Ҳазрати Ҳакими Қадир аст, ба унвони ин мисол: «Худоро бипарастед ва ҳеч чиз бо Вай шарик нагиред ва бо падару модар некӯйӣ кунед…, ки Худованд бандайи худсито ва нозукашро дӯст надорад!» (Қуръони Маҷид, сурайи Нисо /36). Ин аст, ки Саъдӣ дар ҷойе канору бари модарро Биҳишту мазҳари мубораки падарро тӯбиосо муқаддасу мукаррам мехонад ва ҷойе ангушти надомат мегазад, ки ба ҷаҳли ҷавонӣ бонг бар модар задааст ва дар ҷое ҳам ба фарзанди пирмарди араб, ки (дар Диёри Бакр) падар ӯро дар мазоре аз Худованд хоста буду ин писар орзуйи марги он падар мекард, ин гуна ҳушдор медиҳад:

Солҳо бар ту бигзарад, ки гузор
Накунӣ сӯйи турбати падарат.
Ту ба ҷойи падар чӣ кардӣ хайр,
То ҳамон чашм дорӣ аз писарат?!

«Парвардгоро, марову падару модарам ва ҳамайи мӯъминонро дар Рӯзи Шумор биёмурз» (Қуръони Маҷид, сурайи Иброҳим /41)…

Осори Шайх Саъдӣ, аз ҷумла «Гулистон», бо ҳуруфи тоҷикии кириллӣ агарчи борҳо рӯйи табъро дидааст, аммо ё ноқис чоп шуда ва ё ҳам ноқису ҳам пур аз иштибоҳ. Нахустин бор «Мунтахаби куллиёти Саъдӣ» бо кӯшиши Иброҳими Ализодаву Абдуссаломи Деҳотӣ соли 1956 (дар Сталинобод) нашр шуда, дар солҳойи навади садайи гузашта чаҳорҷилдайи куллиёти ӯро интишороти «Адиб» пешкаши хонандагон кардааст. Намунайи аввал, яъне, чопи соли 1956, агарчи камиштибоҳ менамояд, мисли боғи тороҷшудайи дасти бедодгаронест. Ва медонем, ки ин бедодгариро на мураттибони муҳтарам, балки сиёсати бедод содир кардааст, ба он маънӣ ки дар китоби мазбур аз Саъдӣ, бавижа, аз «Бӯстон»-у «Гулистон» сонсур (сензура), бо майли худ, ҳар чизе хоста ҳазф кардааст ва, ҳар чизе хоста, ҷой додааст. Дар натиҷа мо на ба «Гулистон»-и ҳамешабаҳори Саъдӣ, балки ба як гулистоне таҷовузу тороҷшуда ворид мешавем, ки ба ҷойи ҳаловат бурдан аз сайр,

воҳасратойи заҳмати боғбони арҷмандро мехурем, ки пас аз оростану перостани ин равзайи мино инсоният чанд садсола атри гулҳойи онро дар ҳар гӯшаву канори дунёйи мутамаддин бо ҳаловати тамом мешамид, аммо кунун аз ҷониби гурӯҳе худсару қайсару бемаърифати коммунизмсоз дучори тороҷу таҷовузу чаповул шудааст.

«Гулистон»-е, ки (дар куллиёти чаҳорҷилдийи Саъдӣ) соли 1990 чоп шудааст, тақрибан фарогири матни пуррайи ин шоҳкори Саъдист, аммо, ба назари инҷониб, оканда ба шитобкориҳову камтаваҷҷуҳиҳову саҳлангориҳост ва хонанда дар сартосари матни ин китоб дучори хатоҳойи зиёди хурду бузурги имлойиву мантиқӣ мешавад. Яъне, то имрӯз «Гулистон»-е форсию бо хатти русӣ (кириллӣ) ба назар намерасад, ки комилу саҳеҳу бехатову беғалат мунташир шуда бошад.

Хулласи калом, агар иттифоқи суҳбате бо устод Ӯктами Холиқназар надошта будам, шояд банда низ даст ба ин кори нозуку ниҳоят масъул намезадам. Суҳбати мо аз он буд, ки аз замоне, ки ҳуруфи форсиро аз мо зудуда ва кириллиро таҳмил карданд, тақрибан китобе мунташир нашудааст, ки аз нақсу хато орӣ бошад. Ҳатто дар нашри осори бузургони илму адабу фарҳангамон саҳлангорӣ менамоему дониста ё надониста осорашонро пур аз иштибоҳ чоп мекунем. Ва, аз ҷумла, чун намуна «Гулистон»-ро ёдовар шудем. Ба устод Ӯктам гуфтам:

– Оё тавонем, ки дар ниҳояти кор як «Гулистон»-е мунташир кунем, ки дасткам камхататар бошад?

Устод Ӯктам фармуд, ки банда метавонад ин корро кунад ва ба хотири равони поки Саъдӣ бояд ин корро кард.

Гуфтам:

– Аз ман ин кор барнаёяд, чунки арабиро намедонам, магар Шумо низ холисанлиллоҳ баргардони матнро бозхонӣ кунед.

Ва устод Холиқназар бидуни вақфа фармуд, ки ба поси эҳтирому маҳаббат ба Шайх Саъдӣ, бо камоли майл, ба ин камтарин ёрӣ хоҳад кард.

То қуръайи фоли ин кор ба номи банда зада шавад, марҳамати Худовандӣ будааст, ки аз лутфи раҳнамойӣ ва ҳамкорӣ бо устод Ӯктами Холиқназар баҳраманд гардида бошам. Устод Холиқназар аз соҳибназарони забону адабиёт аст, сарфу наҳви форсӣ (тоҷикӣ)-ро қиёсан бо сарфу наҳви арабӣ ва русӣ хуб медонад, дар илми луғат чира мебошад ва низ ҳамчун мутарҷими босалиқаву адиби мумтоз шинохта шудааст. Аз Қуръону аҳодис хуб огоҳ, порсову мӯъмин ва

сӯфимашраб аст. Ман ба ин донишманди фарҳехта ва ошиқи забону фарҳангу адаби миллати хеш баройи ҳамкорӣ ва ёриҳойи холисонаву судманд дар таҳияи ин китоб самимона сипосгузорӣ мекунам. Воқиъан, агар ҳамкорийи эшон намебуд, шояд ин китоб низ дар дасти шумо, хонандайи арҷманд, намебуд.

Хушбахтона, назди ман ду нусха аз осори Саъдӣ, яке «Куллиёти Саъдӣ», бо кӯшиши Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ ва дигаре «Гулистон»-и Саъдӣ, табъи Муҳсини Рамазонӣ (ҳар ду ҳам нашршуда дар Эрон) ҷой дошт ва устод Ӯктами Холиқназар низ се нусхайи муътабар аз Саъдӣ дошт: 1. «Куллиёти Саъдӣ», бо иҳтимоми Муҳаммадалийи Фурӯғӣ (Теҳрон, 1381 ҳ. ш.). 2. Матни интиқодийи «Гулистон», табъи шодравон Рустам Алиев (Маскав, 1959). 3. «Шавқи «Гулистон»-и мусаввар» (чопи Тошканд, 1309 ҳ. қ.).

Матни устод Фурӯғӣ ба унвони асоси кор баргузида шуд ва бо чаҳор табъи зикршудайи дигар муқоясайи калима ба калима ба амал омад. Зимнан, Хуррамшоҳӣ, Хатиби Раҳбар, Рамазонӣ ва Алиев низ матни устод Фурӯғиро асоси кори хеш хондаанд. Ва устод Хуррамшоҳӣ баробари таҳияйи матн баъзе аз нукоти душвору ибороти арабийи «Гулистон»-ро низ шарҳ додааст ва ин кори шойистайи эшон моро низ илҳом бахшид, ки аслан шарҳи «Гулистон»-ро, то ҷое, ки имкону тавон даст диҳад, бар пояйи шарҳҳойи муътабари Саъдипажӯҳони номдор баройи хонандайи тоҷик ҳозир кунем.

Ҳамчунин лозим медонам, ба ду шахси муҳтарам–Олимҷон Салимзода ва Нормуҳаммад Саййидзода, ки ҳар ду пайванду бародару аниси мананд ва баройи банда ду шарҳи муътабари «Гулистон»-ро, яке аз доктор Ғуломҳусайни Юсуфӣ ва дигаре аз доктор Хатиби Раҳбар эҳдо карданд, самимона миннатдорӣ кунам. Яъне, китоби ҳозир бо истифода аз се шарҳ, ки дутойи он комиланд, таҳия гашт. Дар матни китоби ҳозир иқтибосот аз Ғуломҳусайни Юсуфӣ бо як аломати ситорача–*, Хатиби Раҳбар бо ду–** ва Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ бо се–*** ишора шудаанд. Дар охири матн шарҳи бархе аз калимоти душворфаҳмро низ таҳия кардаем, ки баройи хонандагони арҷманд беаҳаммийят набояд бошад. Бо вуҷуди ин, ҳеч гоҳ иддиъо надорем, ки матни таҳиякардайи инҷониб орӣ аз нақсу кӯтоҳӣ бошад. Аз хонандагони арҷманд илтимос дорем, ки ҷиҳати такмили нусхайи комили «Гулистон» бо хатти кириллӣ агар саҳву иштибоҳеро аз ин кор дарёфт кунанд, ба мо хабар расонанд, ки бо камоли майл пазируфта хоҳад шуд.

Муқаддимайи устод Ғуломҳусайни Юсуфиро таҳти унвони

«Саъдӣ ва «Гулистон» низ, ки бисёре аз маъонию мазомини «Гулистон»-и ҳамешабаҳорро шарҳу маънӣ мекунад, ба таври мухтасар дар ибтидои китоби мазкур ҷой додем.

Дар анҷом додани ин кор устоди донишмандам Фотеҳи Абдуллоҳро, ки бо лутфи тамом асарро бозхонӣ карда, машваратҳойи судмандеро дареғ надошт, қалбан сипос мегӯям. Ба писарholаам, Шоҳмансури Шоҳмирзо низ, ки кунун дар Теҳрон мусофират дорад, баройи бозбинии матни китоб ва танзими ояҳои шарифаи Каломуллоҳ ба хатти арабӣ изҳори ташаккур мекунам.

Ба бародарони пайвандам Абдурраззоқи Салимзодаи (дареғо, ки соли гузашта ногаҳон бо дунёи маърифату ҷавонмардию садоқату меҳраш ба ҷавори Ҳазрати Дӯст шитофту сад доғе андаруни дилҳои мо гузошт! Равони гавҳаринаш шоду раҳмати Илоҳӣ бар турбати покаш бод!) ва Имоммуҳаммади Саййидзода баройи ёрмандӣ ва низ ба ҳамсарам Фотимаву фарзандонам Фаридуну Нӯшбонуву Фараҳманд, ки дар рафти кор бандаро дастёрӣ мекарданд, сипосгузорӣ мекунам.

Бизоъат наёвардам илло умед,
Худоё, зи афвам макун ноумед!

Обид ШАКУРЗОДА,
апрели 2008–ноябри 2011,
шаҳри Душанбе.

САЪДӢ ВА «ГУЛИСТОН»

Он чӣ дар «Гулистон» беш аз ҳар чиз ҷалби назар мекунад, тачрибаҳойи фаровону мутанаввеъи Саъдист дар зиндагонӣ. Вақте ин китобро бадиққат аз назар мегузаронем, симойи марде дунёдида ва пухтаву андешавар дар назарамон муҷассам мешавад, ки дар саросари умр аз фарозу нишебҳойи бисёр гузашта, дар Шероз–шаҳри шеъру ишқ ва дигар ҷоҳо таъаммулҳо карда, дар билоди муҳимми дунёйи он рӯз аз мазҳари бузургоне назири Абулфараҷ ибни Ҷавзӣ, Абуҳафс Умари Суҳравардӣ ва дигарон нуктаҳо омӯхтаву баҳраҳо бурда, бо табақоти мухталиф–аз подшоҳону вазирон гирифта то афроди мутавассит ва оммайи мардум–ҳашру нашрҳо дошта, дар сафарҳо бо корвониён аз ҳар даста ба сар бурда, аз шаҳре ба шаҳре рафта, биёбонҳо дарнавардида ва дар ҳар ҷо чизҳое тоза дидаву афзун бар китобҳойи бисёр, ки хонда, ҷаҳонро аз роҳи тачрибайи мустақим озмудаву шинохтааст. Ба илова, ҳуши саршору зеҳни равшану борикбини ӯ дар варо (пас, пушт)-и ҳар чиз, ҳатто машҳудоти одӣ, нуктаҳое зарифу бадеъ дарёфтааст.

Яке аз ҷилваҳойи идроки қавӣ ва озмунҳойи Саъдӣ дар зиндагӣ мардумшиносийи ӯст ва маърифати вай ба руҳийёти афроди башар, ки ба сувари гуногун дар «Гулистон» ба назар мерасад. Дар ҳикоёти «Гулистон» аз мавориди нақсу айб ё истеъдоди некӯйи инсон бисёр сухан меравад. Ҳама ҷо дидайи воқеъбини Саъдист, ки ҳақойиқе талху ширинро мебинад ва моро бо онҳо ошно мекунад. Як ҷо яке аз мардуми Шомро мебинем, ки то дар беша мунзавӣ *(гӯшанишин)* аст, қаноъат меварзад ва чун ба ниъмату роҳат мерасад, аз уҳдайи таманниёти худ барнамеояд ва ғарқи лаззатҷӯйӣ мешавад. Дере намегузарад, ки асири доми дунё мегардад ва Саъдӣ аз забони ҳукамо дар борайи ӯ мегӯяд: «**Зулфи хубон занҷири пойи ақл асту доми мурғи зирак**».

Аҳволи аъробие, ки дар биёбон танҳову гурусна монда буду кисайе ёфт ва муқоясайи завқу шодийи ӯ, ки пиндошт дар он гандуми бирён аст ва талхийи навмедияш вақте маълум шуд, ки пури марворид аст, намунайе дигар аз эҳсоси одамӣ дар авқоти мухталиф аст. Башаре, ки ҳамвора дар пайи зару сим давон аст, рӯзгоре низ ба он ҷо мерасад, ки менависад:

Дар биёбон фақири сӯхтаро,
Шалғами пухта биҳ ки нуқрайи хом!

Назири ин таҷрибаро Саъдӣ аз мушоҳадайи худ нақл мекунад, ки вақте «поям бараҳна монда буду иститоъати пойпӯше надоштам. Ба ҷомеъи Куфа даромадам дилтанг. Якеро дидам, ки пой надошт. Шукри ниъмати Ҳақ Таъоло ба ҷой овардам ва бар бекафшӣ сабр кардам».

Бо молдоре хасис низ рӯбарӯ мешавем, ки хайраш ба ҳеч кас намерасад ва об аз нохуни ӯ намечакад, вале вақте дар дарёйи Мағриб гирифтори тӯфон мешавад, даст ба дуъо бармедорад. Касони вай низ маргашро ғанимат мешумарандуа меросашро мехуранд ва Саъдӣ дар намойиши аволим *(ҷамъи олам)* ва андешаҳойи эшон мегӯяд:

Ваҳ, ки гар мурда бозгардидӣ
Ба миёни қабилаву пайванд,
Радди мерос сахттар будӣ
Ворисонро зи марги хешованд!

Талаввуни табъи подшоҳон зеҳни нуктаёби Саъдиро мутаваҷҷеҳи эшон месозад, ки «вақте ба саломе биранҷанду вақте ба душноме хилъат диҳанд». Аз ин рӯ, дар кори девони подшоҳ ду тараф мебинад: «умеду бим». Ва гоҳ онро чун сафари дарё мешуморад: «хатарноку судманд».

Табиъати айбҷӯйи гурӯҳе аз одамиён мавзӯъи ҳикояте дигар аст. Касе бо моҳрӯе дар халват нишаставу дар ба рӯйи худ бастааст. Ҷамъе аз ошноён дар назди яке аз уламо аз ӯ сухан меронанд, ки «ҳеч бошад, ки ба қуввати парҳезгорӣ аз вай ба саломат бимонад?». Ҷавобе, ки шуниданд, гӯшайе аз кунҳи андешаашонро ба эшон намуд. Вай гуфт: «Агар аз маҳрӯён ба саломат бимонад, аз бадгӯён намонад».

Аз ин қабил аст сухани дигари Саъдӣ, ки ҳокӣ аз таҷриба асту маърифат ба нуфуси одамиён: «Ҳар кӣ бо бадон нишинад, агар низ табиъати эшон дар ӯ асар накунад, ба феъли эшон муттаҳам гардад, то агар ба хароботе равад ба намоз кардан, мансуб шавад ба хамр хӯрдан».

Ҳамин ошнойӣ бо табоеъи мардум сабаб шуда, ки Саъдӣ бигӯяд: «Дидайи душманон ҷуз бар бадӣ намеояд» ва он ки ба дидайи инкор менигарад, сурати Юсуф(а)-ро нозебо мебинад ва ҳунар дар назараш айб менамояд, аммо:

Вар ҳунаре дориву ҳафтод айб,
Дӯст набинад ба ҷуз он як ҳунар!

Ҷилвайе дигар аз ин дилбастагӣ ишқ аст, ки вақте бар одамӣ муставлӣ мешавад, ихтиёр аз каффи ӯ мерабояд. Аз ин рӯ, дар «Гулистон» бандайи зеборӯеро мебинем, ки чун хоҷааш бад-ӯ назар дорад, вай забондарозиву беадабӣ мекунад; ё порсое, ки аз маҳбуби худ ҳар маломатро ба ҷон мепазираду дам барнамеоварад; ва қозийи Ҳамадон, ки бар асари дилдодагӣ, бо ҳама шарафи мансаби доварӣ, ба ҳар хориву табоҳӣ тан дармедиҳад. Саъдӣ ин рафтори афроди башарро, ки мебинад, аз сари басират мегӯяд:

Ҳар куҷо султони ишқ омад, намонд,
Қуввати бозуйи тақворо маҳал.

Достони ҷавоне муштзан, ки азми сафар дошту мубоҳасайи ӯ бо падараш, ки бо ройи ӯ мухолиф буд, намудорест дигар аз намойиши руҳийёт ва тарзи тафаккури гунагуни мардумон. Дар ин ҷо, дар як тараф, писаре мебинем варзишкор ва муттакӣ ба зӯри бозуи хеш, аҳли саъю талош ва умедвор ба пирӯзӣ ва, дар сӯйи дигар падари ӯ мардест, ки ҷаҳонро озмуда ва таҷрибаҳойи талхи ӯро ба сарнавишт муътақид карда ва ба ин натиҷа расида, ки «тиҳидастонро дасти далерӣ баста асту панҷайи шерӣ шикаста». Аммо он чӣ дар достон бахусус қобили таваҷҷуҳ аст, сухан гуфтани Саъдист аз кунҳ *(асл)*-и замири ҳар як ва нишон додани андешаҳойи эшон. Ҳамин кайфийятро дар арза доштани аҳволу афкори ду гурӯҳи дигар дар «Ҷидоли Саъдӣ бо муддаъӣ» метавон дид, ки ҳар як аз ду табақайи тавонгарону дарвешон чӣ тавр меандешидаанд ва бархурдашон бо якдигар ва тарзи талаққишон аз масойили ҳаёту ҳудуди вазойиф ва таваққуъоте, ки доштаанд, чӣ гуна будааст.

Саргузашти марде дарвеш, ки фарзанд надошту аз Худо орзуйи писар мекард ва писарбаччайе, ки нишонҳойи булуғро ҷӯё буд ё дарвеши солиҳ, ки лашкарийи мардумозоре бар сараш санг заду ӯ фурсат нигоҳ дошт, то чун малик бар лашкарие хашм гирифту дар чоҳаш афканд, ҳамон сангро бар сари ӯ кӯфт, ҷилваҳоест дигар аз афкору таманниёте, ки мумкин аст, гурӯҳе аз мардумро дер замон ба худ машғул бидорад; ё қиссайи ҳамқафас шудани зоғу тӯтӣ ва дилозурдагийи онҳо аз мусоҳабати якдигар мисолест равшан аз эҳсосоти мардум нисбат ба ҳам ва ба ин натиҷа расидан, ки «сад чандонки доноро аз нодон нафрат аст, нодонро аз доно ваҳшат аст».

Дар «Гулистон» мехонем, ки ҳикоят бар мизоҷи мустамиъ гуфтан вайро ба сухани ту мойил хоҳад намуд, чунонки ҳар оқиле бо Маҷнун нишинад, набояд ҷуз зикри Лайлӣ кунад. Ин гуфта аз ошноийи нависанда бо руҳиёт ва тамоюлоти ашхос ҳикоят мекунад. Ҷойи дигар таҷрибаву мардумшиносийи вай аз нӯки қаламаш метаровад, ки «қаҳбайи пир аз нобакорӣ чӣ кунад, ки тавба накунад ва шаҳнайи маъзул аз мардумозорӣ?»; ё «ҳар кӣ даст аз ҷон бишӯяд, ҳар чӣ дар дил дорад, бигӯяд».

Ин нуктаҳо, ки дар «Гулистон» фаровонанд, нависандаро марде нишон медиҳад жарфбину ошно бо аҳволу ахлоқи нуфуси башарӣ ва фазойилу нақойиси онон. Ин ҳама мавзӯъоти дақиқу зарифро Саъдӣ ба либоси ҳикояту тамсил чунон содаву матбӯъ арза карда, ки хонанда ба умқи маънийи онҳо дертар таваҷҷуҳ пайдо мекунад.

* * *

Ҳашру нашри Саъдӣ бо анвоъи ашхос ва таъаммул дар рафтору хулқийёти онон мӯҷиб омада, ки дар «Гулистон» аз табақоти мухталифи мардум сухан равад. На танҳо ду боби «Гулистон» ба «Сирати подшоҳон» ва «Ахлоқи дарвешон», балки дар хилоли ҳикоёту ривоёте, ки пароканда аст, тасвире аз зиндагонийи мардуми гуногунро ба вузуҳ метавон дид. Шояд яке аз ҷиҳоти маҳбубийяти омми ин ҳамин ҷомеъийят ва шумули он бошад, ки ба умуми ашхос–аз порсоён гирифта то подшоҳони ҷаҳонгир ва пиёдагони сарупобараҳна–пардохтаву аз онон сухан рондааст. Ба илова, он чӣ нависанда аз онон гуфта, аз ҳақиқат ба дур нест ва маълум медорад, чӣ гуна ин марди ҳушманд дар аҳволи ҳар гурӯҳ таъаммулу диққат кардаву гӯшаҳое аз зиндагонийи ононро, ки дархури таваҷҷуҳ дида, дар либоси ҳикоёте кӯтоҳ ба қалам овардааст.

«Гулистон»-и Саъдӣ аз лиҳози мутолиъоти иҷтимоъӣ дар асри ӯ китобест қобили мулоҳаза ва аз ин назаргоҳ мумкин аст мавриди нуктасанҷиҳо ва баҳсҳойи фаровон воқеъ шавад. Ин ки бархе аз суханони Саъдӣ дар ин китоб ҳикматомез менамояд ва ба гуфтаҳойи марде мемонад, ки гӯйӣ таҷрибаву ҳикматро дар ҳам омехтаву усорайи онҳоро дар қолиби ривоёти гуногун арза кардааст, ношӣ аз ҳамин басирати ӯст, ки ҷаҳониёнро дар ҳолоти мутанаввеъ ва мавоқиъу мавзиъи мухталиф дидаву шинохта ва ба чунин ҷаҳонбинийи шомилу хоссе даст ёфтааст.

Дар ин китоб бо вазире рӯбарӯ мешавем некмаҳзар, ки дар фикри раҳонидани ҷони асире аз хашми подшоҳ асту дар баробар вазире

дигарро мебинем гирифтори хубси тинат. Пеши рӯйи ин ду асири даст аз ҷон шустайест дар шураф *(остонайи, наздик ба)*-и кушта шудан. Гоҳ аз Маҳмуди Ғазнавӣ сухан меравад, ки «ҳанӯз нигарон аст, ки мулкаш бо дигарон аст». Дар дастгоҳи султонӣ маликзодагонро мебинем, ки бар зидди бародари худ тавтиъа мекунанду дар ҳикояте дигар Ҳурмуз вазирони падарро аз биму эҳтиёт дар банд мекунад. Як ҷо тойифайи дуздон роҳро бар корвониён бастаанд ва вақте ғуломе аҷамӣ дар киштӣ менишинад ва, чун дарё надида, ларза бар андомаш меафтад ва ҳакиме табоеъшинос, ки дар киштист, ӯро оромиш мебахшад. Дар ҳикояте вазъи лашкариёни мустамиррӣ ногирифта ва эҳсосоташон нисбат ба фармондиҳи худ матраҳ аст ва дар ҳикояти дигар вазире муғул ба ҳалқайи дарвешон дармеояд.

Гоҳ дарбони яке аз бузургон роҳ бар Саъдӣ мебандаду ҷафо мекунад ва замоне ҷавоне, ки «дар санъати куштӣ гирифтан саромад» қасд мекунад устодашро дар мусораъат мағлуб намояд. Бо шайёде бархурд мекунем, ки иддиъоҳойи нодуруст дораду баъд маълум мегардад. Ду бародар низ ҳастанд, ки яке хидмати султон мекунаду тавонгар аст ва дигаре ба зӯри бозувон мехураду дарвеш аст. Гуфтугӯйи ин ду шуниданист, аз ҷумла, вақте марди дарвеш мегӯяд: «Нони худ хӯрдану нишастан биҳ, ки камари шамшери заррин ба хидмат бастан!».

Дар ҷомеъи Баъалбакк мустамиъони ваъзи Саъдӣ ҷамоъатеанд «афсурдайи дилмурда, раҳ аз сурат ба олами маънӣ набурда», ки нафаси вай дар онон дарнамегирад. Бо порсое низ ошно мешавем, ки захми паланг дошту Худоро шукр мегуфт, ки ба мусибате гирифтор аст, на ба маъсияте. Аз ду дарвеши хуросонӣ ҳам ёд мешавад: яке заъифу камх(в)ор ва дигаре пурх(в)ору қавӣ, ки сарнавиште шигифтангез доранд. Дар ҳикоёти дигар сухан аз баққолест дар Восит, ки ҳар рӯз талаби худро аз сӯфиён ба хушунат мехост ё муханнасе, ки сарвате ба ҳам задаву дар хушксолийи Искандария баройи мусофирон суфра кушода буду тангдастонро ёрӣ мекард ва ё хоркане баландҳиммат, ки тарҷеҳ медод, «нон аз амали хеш хурад ва миннати Ҳотами Тойӣ набарад».

Илова бар инҳо, дар «Гулистон» бо ашхоси гуногун ошнойӣ пайдо мекунем, аз қабили бозаргоне ҳарис, ки «саду панҷоҳ шутур бор дошту чиҳил бандаву хидматгор», Саҳбони Воъил ва фасоҳати ӯ, хатибе кареҳуссавт, шоъире, ки ҳатто амири дуздонро сано мегуфт, бозаргоне зиёнкарда ва дарвеше дар мақоми подшоҳӣ.

Дар ин китоб занон низ каму беш дар ҳикоятҳо ба чашм мехуранд, аз ҷумла, духтари яке аз бузургони Ҳалаб, ки ба никоҳи

Саъдӣ дармеояд ва бадхӯй асту ситезарӯй ё духтари зишт, ки бо вуҷуди ҷиҳозу сарват ногузир зани марди нобиное шуд; падари духтар аз мудовойи чашми домод нигарон буду мегуфт: «Тарсам, ки бино шавад ва духтарамро талоқ диҳад». Пирмарде ҳам дар Бағдод духтарашро ба кафшдӯзе дода буд ва рафтори марду сухани падари духтар мавзӯъи ҳикоятест мазоҳомез, ки Саъдӣ дар баёни бақойи хӯйи бад дар табиъати одамӣ овардааст.

Баҳс дар боби табақоти мухталифи ҷомиъа дар ҳикоёти «Гулистон» ва ашхоси достонҳо худ мавзӯъи мақолайе муфассал тавонад буд (руҷуъ кунед: Доктор Ҷалоли Матинӣ, *Ашхоси достон дар «Гулистон»-и Саъдӣ*). Аз ҳамин ишорайи мухтасар ин ҳақиқат маълум мешавад, ки Саъдӣ то чӣ ҳад бо анвоъи мардум муъошарат кардаву аз тарзи тафаккуру салиқаҳову авомили эшон огоҳӣ доштааст. Натиҷайи ин унсу омезиш аст, ки дар хотироту ривоёти ӯ аз ин ҳама мардуми гунагун–аз фақиру ғанӣ, олию донӣ *(фурӯмоя)*–сухан меравад ва он чӣ аз дунёйи онон батафсил ё баиҷмол ва гоҳ ба сурати ишорайе зудгузар оварда, гӯшайе аз воқеъийят аст ва намудоре аз назари тезбини ӯ.

* * *

Бар «Гулистон»-и Саъдӣ эрод гирифтаанд, ки ба унвони китобе ахлоқӣ бар як асоси собит устувор нест ва «он чиро фарангиён «систем» мегӯянд» фоқид аст. Ба иборати дигар, «як андешайи марказиву асосӣ надорад, ки фусули китоб баройи таъййиди он навишта шуда бошад», балки «ин китоб, яъне, «Гулистон», монанди кашкул ё чунг (*китобе, ки дар он бархе ашъори чандин шоъир бе назму тартиб гирд оварда шуда бошад)*, маҷмӯъайест аз он чӣ Саъдӣ дар таййи сиву чанд соли сайру саёҳат дидаву шунидааст». Муфассалтарин интиқодҳоро бар ин китоб Алийи Даштӣ навиштааст, ки худ яке аз шефтагони Саъдист. Вай намунаҳое гуногун аз ҳикоёту суханони Саъдиро дар «Гулистон» нишон дода, ки бархе бо якдигар мутаноқиз менамояд ё ҳадафе ахлоқӣ надорад ва дар баъзе аз онҳо фикри маслаҳати шахсию сиёнати нафс бар фазилати ҳақпарастӣ ғалаба мекунад ва аҳёнан бархе аз ҳикоёт бо унвони бобҳо созгор нест (*Қаламрави Саъдӣ.* Теҳрон, 1338 ҳ. ш, с. 246 ва баъд).

Агар, аз он назар, ки Даштӣ ба «Гулистон» нигаристааст, ғавр кунем, ба ҳамин нуктаҳо хоҳем расид. Аммо ҳақиқат он аст, ки пандҳову андешаҳойи Саъдиро дар ахлоқу масойили иҷтимоъию кишвардорӣ дар «Бӯстон» метавон ёфт. Ҷаҳони орзуйи Саъдӣ дар

«Бӯстон» ҷилвагар аст, на дар «Гулистон». Ман ин таъбири оқойи доктор Зарринкӯбро дар мавриди «Гулистон» меписандам, ки «Саъдӣ дар ин китоб инсонро бо дунёи ӯ ва бо маъойибу маҳосини ӯ бо тамоми тазоддҳову танақуз *(зидду нақизи ҳам)*-ҳое, ки дар вуҷуди ӯ ҳаст, тасвир мекунад… Дар дунёи «Гулистон» зебоиӣ дар канори зиштӣ ва андӯҳ дар паҳлӯйи шодисту танақузҳое ҳам, ки айбҷӯён дар он ёфтаанд, танақузҳоест, ки дар кори дунёст. Саъдӣ чунин дунёеро, ки пур аз танақузу тазод(д) ва саршор аз шигифтиву зиштист, дар «Гулистон»-и хеш тавсиф мекунад ва гуноҳи ин танақузҳову зиштиҳо ҳам бар ӯ нест, бар худи дунёст. Назари Саъдӣ он аст, ки дар ин китоб инсону дунёро ончунонки ҳаст тавсиф кунад, на ончунонки бояд бошад. Ва дунё ҳам мисли инсон, ончунонки ҳаст, аз танақузу шигифтиҳойи бисёр холӣ нест». *(«Бо корвони ҳулла»,–* Теҳрон, 1343 ҳ. ш., с. 234–235). Агар ҳам насиҳате дар китоб мундариҷ аст, ба қавли Саъдӣ «ба шаҳди зарофат баромехта» аст ва оростани китоб ба «наводиру амсолу ҳикоёт ва сияри мулуки мозӣ» ва «гуфтори тарабангезу тибатомез» малҳуз будааст.

Ин сифати «Гулистон», яъне, намойиши ҳақиқӣ ва гарму зинда аз дунё худ, имтиёзу ихтисосест баройи ин китоб. Дар «Гулистон» инсон бо дунёе сарукор дорад маҳсусу воқеъӣ, на фақат бо олами нигорину хаёломези бархе ахлоқнависон, ки ғолибан ламс нашуданисту дур аз дастрас. Аз ин рӯ, хонанда бо воқеъийёти гуногун рӯбарӯ мешавад: талху ширин, матлубу номатбуъ. Бахусус, ки Саъдӣ ба воситайи таҷрибаҳойи фаровону нуктаёбиҳойи шигифтангез ва ғавр дар аҳволу афкори инсон ва қудрати қалами хеш дар ин нигоргарӣ, бо ҳунармандӣ ва устодийи хоссе аз уҳда баромадааст.

Дар ин дунё диданиҳо бисёр асту қобили таъаммул. Як ҷо мехонем, ки пасттарини бандагони Ҳорунуррашид дар ғояти ҷаҳл ба ҳукмронийи Миср мерасад ё кимиёгаре гурусна мемонаду аблаҳе дар хароба ганҷ меёбад. Ҷойе дуздеро мебинем дар либоси дарвешон, ки моли мардумро мебарад ва низ бо гадойе рӯбарӯ мешавем, ки моле фаровон андӯхтаасту ҳозир нест ҳатто ба подшоҳ маблаға вом диҳад ё бо «аблаҳе самин» бо «хилъате симин дар бар, қасабе мисрӣ бар сар ва маркабе тозӣ дар зери рон ва ғуломе аз пай давон». Писаре низ ҳаст, ки марги падари меҳрбонро орзу мекунаду порсозодайе, ки вақте бар мероси амуҳойи худ даст меёбад, ҳар фискӯ фуҷуру маъсиятеро муртакиб мешавад ва насиҳат намепазирад; рӯзе низ мерасад, ки аз накбати ҳол баройи пӯшок пора-пора ба ҳам медӯзаду баройи хурок луқма-луқма меандӯзад.

Дар ин ҷаҳон муъаллиме дида мешавад, ки ба ҳусни башарайи шогирди худ назар дорад. Сӯфиён низ агар пеш аз ин «тоифае дар ҷаҳон пароканда буданд ба сурат ва ба маънӣ ҷамъ», инак қавме шуда буданд «ба сурат ҷамъу ба дил пароканда».

Ҳамчунон ки дар дунёи воқеъӣ хубиҳову бадиҳо, зебойиҳову зиштиҳо бисёр аст ва гоҳ канори ҳам низ ин ҳамаро дар бар дорад ва ба сурате бориз. Ҷилвайи хосси «Гулистон» дар ин аст, ки ин олами рангорангро ҷилави чашми мо муҷассам кардааст. Масалан, мебинем, фармонравоён дар кишвардорӣ шеваҳойи мутафовит доштаанд: яке аз эшон, бо он ки ба маразе ҳойил гирифтор аст, бар хилофи дастури табибон, ки заҳрайи одамиро танҳо доруйи вай медонанд, ва, алорағами фатвойи қозию ризояти падару модари писаре деҳқон ба нобудийи фарзанд, розӣ намешавад, ки ҷавонеро баройи муъолаҷайи ӯ бикушанд ва мегӯяд; «Ҳалоки ман авлотар, ки хуни бегуноҳе рехтан» ва дар ҳамон ҳафта шифо меёбад. Дигаре, яъне Анӯшервон, ба мулозимони худ суфориш мекунад, ҳатто андаке намак ба ройгон наситонанд ва баҳойи онро бипардозанд, «то расме нагардад ва деҳа хароб нашавад»; ва дар ҷавоби суъоли эшон, ки «ин қадар чӣ халал кунад?» мегӯяд: «Бунёди зулм дар ҷаҳон аввал андаке будааст ба мазиди ҳар кас бад-ин дараҷа расидааст».

Дар ҳикояте дигар аркони давлати халифайи Аббосӣ изҳори назар мекунанд, кайфари сарҳангзодайе, ки писари халифаро душноми модар додааст, куштан аст ё забон буридан ва ё мусодара кардану нафй. Аммо халифа мегӯяд: «Ай писар, карам он аст, ки афв кунию агар ба зарурат интиқом хоҳӣ, ту низаш душноми модар деҳ, на чандонки аз ҳад бигзарад, ки он гаҳ зулм аз тарафи ту бошад ва даъвӣ аз қибали хасм».

Аммо ҳамайи фармонравоён аз ин гуна набудаанд. Яке «дасти татовул ба моли раъийят дароз карда буд»-у насиҳат намепазируфт; дигаре дар риъояти мамлакат ва осуда доштани лашкар сустӣ мекард ва ҳар як аз эшон ба кайфари аъмолу рафтори худ гирифтор шуд.

Вазирону риҷоли ҳукумат низ табоеъу шеваҳойи мухталиф доштаанд: яке султонеро бим медод, ки «ту мар халқро парешон баройи чӣ мекунӣ? Магар сари подшоҳӣ кардан надорӣ?». Дигаре хонайи раъийятро хароб мекард, то хизонайи султонро обод кунад. Вазире соҳибғараз Амри Лайсро бармеангехт, ки бандайи аз хидмат гурехтаро бикушад, аммо яке аз вузаро ҳам буд, ки ба зердастон раҳм мекарду салоҳи эшонро ба хайр тавассут менамуд.

Дар «Гулистон» мардум аз ҳама табақаву дар ҳар либос

сиратҳойи гуногун доранд ва дар баробари ҳаводису масоил аксуламалҳошон мутафовит аст. Ин ки Саъдӣ дар ҳикоёти худ ин ҳама ашхоси мутафовитро офарида, эъҷобангез асту дилпазир. Як ҷо дарвеше мустаҷобуддаъва дар Бағдод дар ҳаққи Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф, ҳокими бедодгари Банӣ-Умайя, ки аз ӯ дуъойи хайр мехоҳад, мегӯяд: «Худоё, ҷонаш биситон!». Ҳаҷҷоҷ гуфт: «Аз баҳри Худой, ин чӣ дуъост? Гуфт: дуъойи хайр аст турову ҷумлайи мусалмононро». Дарвеше дигар ба дараҷае аз «фароғи мулки қаноъат» расидааст, ки ба убури подшоҳе илтифот намекунад. Савумӣ, ки дар оташи фақр месӯзад, розӣ намешавад ба назди марде карим ҳоҷат барад ва муътақид аст, ки «ба гуруснагӣ мурдан биҳ, ки ҳоҷат ба касе бурдан»; ҳатто аз дузде сухан меравад, ки гадойиро шармангез мешуморад ва дуздиро биҳтар аз он.

Аммо ҳамайи мардум яксон нестанд, агарчи ба зоҳир ҳамонанд бошанд. Бар хилофи он мардуми порсову бениёз, марде, баройи он ки дар назари подшоҳ заъифтар намояду иътиқоди вайро ба худ ҷалб кунад, надониста доруйи кушанда мехурад ва мемирад. Яке аз аз донишмандон низ аз яке аз бузургон хост, ки маъишати ӯро таъмин кунад, «овардаанд, ки андаке дар вазифайи ӯ зиёдат карду бисёре аз иродат кам». Ин ҳолатҳойи мухталиф дар ҳама ҷо ҳасту дар миёни ҳамайи табақот. Гоҳ Саъдӣ муъаллимеро дар диёри Мағриб тавсиф мекунад «туршрӯй, талхгуфтор, бадхӯй, мардумозор, гадотабъ», ки «ҷамъе писарони покизаву духтарони дӯшиза ба дасти ҷафойи ӯ гирифтор, на заҳрайи ханда доранду на ёройи гуфтор»; ва дар канори ӯ муъаллиме дигарро нишон медиҳад «порсо, салим, некмарду ҳалим». Қозие дигар, ки маликзодайеро таълим медиҳад, бар ӯ сахт мегирад. Чун писар ба назди падар шикоят мебарад ва подшо сабабро ҷӯё мешавад, устод мегӯяд: «Сухан андешида бояд гуфтан ва ҳаракати писандида кардан ҳама халқро, алалумум ва подшоҳонро, алалхусус, ба мӯчиби он ки бар дасту забони эшон ҳар чӣ рафта шавад, ҳаройина ба афвоҳ бигӯянд ва қавлу феъли авом унносро чандон эътибор набошад». Малик ҳам ҳусни тадбири ӯро меписандад. Пири тариқате низ дар баробари муриде бо садоқату бузургворӣ самимона эътироф мекунад: «Маро, ки ҳусни занни ҳамгинон дар ҳаққи ман ба камол асту ман дар айни нуқсон, раво бувад андеша бурдану тимор хӯрдан!»

Дар «Гулистон» гоҳ бо мардуме Худошиносу ориф рӯбарӯ мешавем, ки ҳамайи мавҷудоту зарроти ҷаҳонро «тасбеҳгӯй» мебинанду «бандайи Ҳазрати Карим». Дар ибодату хузуъ *(фурӯтанӣ)*-и эшон ҳақиқатесту ҳолате васфнашуданӣ. Дар баробар, ҷамъе низ

ҳастанд риёкор, ки афкору рафторашон мутафовит аст. Дар ин китоб ҳам аз ишқи руҳонӣ сухан меравад, ҳам аз назарбозиву ишқи маҷозӣ, ҳам аз ашхосе, ки исору ҷавонмардиву бузургманишийи онон ҳимматангез асту хостанӣ ва аз касоне, ки дар луға *(миёни дарё)*-и худҳоҳиву ҳақорат дасту по мезананд. Симойи баъзе ба нури ҳикмату хираду фикри баланд равшан аст ва гурӯҳе дигар чиҳраашон торик асту русво ва гоҳ дар айни ғафлату нодонӣ ба сар мебаранд. Маконҳо низ, ҳамчунин мутанаввеъ аст: вақоеъ гоҳ дар боғҳову чаманзорҳойи дилкаше рӯй медиҳад, гоҳ дар биёбонҳойи хушку сӯзону хатарнок, замоне дар равоқи масҷиду мадраса ва вақте дар маросими ҳаҷҷу мавқеъе дигар дар базме дилкушо. Пас, на аҷаб, ки аз Масҷиди Синҷор ёд мешавад ё аз Диёри Бакру Диёри Мағриб ва Балхи Бомиёну Искандарийя ва Ҷомеъи Баъалбакку Басраву Бағдоду Ҳамадон…

Дар ин дунёи воқеъӣ, яъне, «Гулистон», ҳастанд касоне, ки ба подошу кайфари аъмолу рафтори худ мерасанд, монанди ҳикояти маллоҳе, ки аз ду бародари ғариқ дар гирдоб нахуст онро раҳонд, ки вақте аз ӯ некӣ дида буду дувумӣ, ки вайро тозиёна зада буд, ғарқ шуд ё сарнавишти талхи малике ситамгор, ки ба роҳнамоийи мушовире хайрандеш низ вақъ *(қадр)*-е намениҳод ё вазири ғофил, ки ба раъоё зулм раво медошту саранҷом гирифтори уқубати подшоҳ шуд ва золиме, ки ҳезуми дарвешонро мехариду ба тавонгарон мефурӯхту дар ҳар ду маврид ситам раво медошт ва оқибат анбори ҳезуму сойири амлокаш бисӯхт. Аммо ҳамайи ҳикоёти «Гулистон» аз ин даст нест, чунонки носиҳе хирадманд гирифтор мешавад, агарчи ҳақ бо ӯсту низ басо, ки пирӯзӣ насиби ҳақгузорон намешавад ё достон, ончунонки инсон дар олами андеша орзу мекунад, сурати амал ба худ намегирад.

Бадбахтона, бояд гуфт, ин низ аз ихтисосоти дунёи воқеъ аст, ки дар «Гулистон» ҷилвагар шудааст. Агар дар олам ҳамеша ҳақ ба ҳақдор мерасиду ҳар кас мутобиқи он чӣ аз ӯ сар мезад, сазо медид, рӯзгори инсон ҷуз ин буд.

Ин сифат на танҳо дар дунёе, ки Саъдӣ дар он зиста, вуҷуд дошт, балки бо тамаддуни қарни бистум низ башар ҳанӯз натавонистааст ин ғубори дилозорро аз чиҳрайи ҷаҳон бизудояд ва онро чунонки орзу мекунад, биёрояд.

Дар ҳар ҳол, Саъдӣ тавонистааст, ба лутфу маҳорати тамом парда аз чиҳрайи дунёйи воқеъийи рӯзгори хеш баргираду бо садоқату якрангийи дилпазире бо мо сухан гӯяд, бе мулоҳазаву пардапӯшӣ. Ин қудрати дарёфти ӯ ва тавсифи комилу равшанаш,

бо ин ҳама танаввуъ, ки дунёйи «Гулистон» дорад, ҳунарест ошкор ва шояд камтар касе аз нависандагони Эрон пеш аз ӯ тавониста бошад фарозу нишеби олам ва мавориди нақсу фазойили одамиёнро чунин ба мо бишиносонад.

Бино бар ин, агар гуфта шавад авзоъи иҷтимоъийи асри Саъдӣ дар «Гулистон» мутаҷаллист ва ин яке аз имтиёзоти боризи ин китоб аст, сухане нодуруст нест. Аз хилоли ин хотироту ҳикоёт, ки Саъдӣ ба қалам оварда, хуб метавон ба масоиле муҳимму борик пай бурд–дар борайи авзоъи ҳукумат, рафтори уммоли девон, аҳволу афкору руҳийёту муътақидоти мардум, русуми ҷомиъа ва тарзи тафаккури табақоти мухталиф дар он аҳд; чунонки Даштӣ низ бо ҳама нуктагириҳойи худ бар «Гулистон» ба ҳамин натиҷа расидааст. (Қаламрави Саъдӣ, саҳ. 263–270).

Масалан, аз рӯбоҳе сухан меравад, ки гурезон буду бим дошт, ки чун шутуронро мегиранд, мабодо ӯ низ гирифтор шавад ва дар ҷавоби ин суъол, ки ӯро бо шутур чӣ мушобаҳат аст, гуфт: «Хомӯш, ки агар ҳасудон ба фарз гӯянд шутур асту гирифтор оям, киро ғами тахлиси ман бошад, то тафтиши ҳоли ман кунад?! Ва то тарёқ аз Ироқ оварда бошанд, моргазида мурда бошад!». Оё дар қисса, ки Анварию Мавлавӣ ҳам онро ба назм овардаанд, наметавон гӯшайе аз фиқдон *(гум шудан, нобудӣ)*-и адолату инсофро дар он аср ҷилвагар дид? Хосса, ки ин ҳикоят дар ҷавоби касе омада, ки гуфтааст: «Онро, ки ҳисоб пок аст, аз муҳосиб чӣ бок аст?!»

Дар ҳикояте дигар Бузургмеҳр дар мақоми машварат дар миёни ҷамъи вузаро назари Анӯшервонро таъйид мекунад. Вазирон дар ниҳон аз ӯ мепурсанд: «Ройи маликро чӣ мазийят дидӣ бар фикри чандин ҳаким?» Гуфт: «Ба мӯҷиби он ки анҷоми кор маълум нест ва ройи ҳамгинон дар машийят аст, ки савоб ояд ё хато. Пас, мувофақати ройи малик авлотар аст, то агар хилофи савоб ояд, ба иллати мутобаъати ӯ аз муъотабат эмин бошам». Пайдост, ки дар ин сухани Бузургмеҳр маслаҳати вақту сиёнат *(нигаҳ доштан)*-и нафс бештар риъоят шудааст, то ҷустуҷуйи ҳақиқат. Шояд дар ин ҳикоят низ битавон тасвире аз худкомагийи ҳуккоми муғулро дар замони Саъдӣ ҷилвагар дид, хосса вақте мехонем, ки хилофи раъйи эшон изҳори назар кардан, ба таъбири Шайх, «ба хуни хеш даст шустан» буд.

Ин руҳи муҳофазакорию эҳтиёт, ки дар бисёре аз ҳикоёти «Гулистон» дида мешавад, намудорест аз муҳите ноамн ва бисёре аз воқеъийятҳойи он замон, вагарна Саъдӣ гуфтани сухани ҳақро борҳо ситудааст. Бад-ин сабаб, мехонем: «Ҳар кӣ бо бузургон ситезад, хуни

худ резад» ва ин назири «панҷа бо шер андохтан ва мушт бо шамшер задан» аст, ки «кори хирадмандон нест»; ё насиҳат кардани подшоҳон баройи касе мусаллам шумурда шудааст, ки «бими сар надорад ё умеди зар»; ҳатто, ба маҳрамиҳойи дӯстона наметавон мутмаъин буд, ки суфориш шуда: «ҳар он сирре, ки дорӣ, бо дӯст дар миён маниҳ, чӣ донӣ, ки вақте душман гардад».

Як ҷо вазъи ҷуҳудонро пеши чашм мебинем, ки дар хандақи Тароблус ба кори гил маҷбур будаанд. Соҳибдиле аз хонақоҳ ба мадраса меояду мегӯяд: «Хонақоҳиён дар фикри онанд, ки гилеми хешро аз мавҷ бадар баранду олимон дар талоши гирифтану раҳонидани ғариқ». Зиндагонийи фасодомези қозийи Ҳамадон ва ҳавасбозийи вай шояд назири дигар ҳам доштааст, чунонки ӯ худ ба малик мегӯяд: «Ин ҷурм на танҳо ман кардам дар ҷаҳон, дигареро (аз қалъа) бияндоз, то ман ибрат гирам». Малик низ саранҷом ба касоне, ки қатли қозиро воҷиб мешумурданд, хитоб мекунад: «Ҳар кӣ ҳаммоли айби хештанед». Дар чунон авзоъ аҷаб нест, ки Саъдӣ дар борайи қузоти аср бигӯяд: «Ҳама касро дандон ба туршӣ кунд гардад, магар қозиёнро, ки ба ширинӣ»; ё аҳли фазилатро маҳрум бинад.

Падаре дар мақоми насиҳат ба писари худ сафарро фақат баройи панҷ тойифа судманд мешумарад: бозаргони сарватманд, олими ширингуфтор, хубрӯйи хушмуъошарат, хонандайи хушовоз ва пешаваре заҳматкаш. Пире тавонгар дар Диёри Бакр баройи фарзанд доштан дар пойи дарахти зиёратгоҳ шабҳойи дароз меноладу мурод металабад, аммо чун соҳиби писаре мешавад ва фарзандаш рушд мекунад, вақте писар бо рафиқон оҳиста мегӯяд: «Чӣ будӣ, гар ман он дарахт бидонистамӣ куҷост, то дуъо кардамию падарам бимурдӣ!».

Дар сафари ҳаҷ пиёдагонро мебинем дар ҳам афтодаанду низоъ мекунанд ва доди ҷидол медиҳанд, бе он ки зиёрати хонайи Худову қасди тақарруб дар онҳо асаре карда бошад; бодияро ба сар бурдаанд, вале батар шудаанд! Роҳи Балхи Бомиён низ аз ҳаромиён пурхатар асту мусофирон дар бим.

Рафтори хушунатомези бархе аз арбобон бо бандагон дилозор аст, монанди «яке аз худовандони ниъмат, ки бандаеро дасту пой баста уқубат ҳамекард». Мардумони он рӯзгор машварат бо занонро табоҳ мешумурданд монанди саховат бо муфсидон…

Бо ғавр дар «Гулистон»-у нуктаҷӯйӣ дар он метавон тасвире тамом аз муҳити асри Саъдию гӯшаканорҳойи он ба даст дод, агарчи ба зоҳир нависанда маҷмӯъае аз хотироту машҳудоту мас-

муъоти хешро ба риштайи таҳрир кашидааст.

* * *

Рост аст, ки дар «Гулистон»-и Саъдӣ намойише аз иҷтимоъи асри ӯро тавон дид, аммо нуктайи қобили мулоҳаза он аст, ки вай худ дар бисёре аз ҳикоёт ворид мешаваду сухан мегӯяд ва ҷузъи ашхоси достон меояд. Гумони дахолати ӯ дар ҳамайи ин ҳикоёт мутобиқи воқеъ *(ҳақиқати амр)* нест ва то ҳудуде ранги достонӣ дорад. Ба иборати дигар, бар хилофи тасаввури Ҳонрӣ Мосе, наметавон ин ишоротро далел қарор дод ва ба яқин гуфт, ки дар ҳамайи ин вақоеъ Саъдӣ, ҳамчунон ки ривоят карда, ширкати мустақим дошта ва ё ҳамайи ҷоҳоеро, ки зикр карда, дидаву ба он билод сафар кардааст. Аммо ин ки ӯ бархе аз ривоётро ба унвони таҷрубийёти шахси худ нақл мекунад, самимийяте хос ба навиштааш бахшидааст ва бар таъсири ҳикоёти «Гулистон» афзудааст. Дар ин маворид хонанда чунин эҳсос мекунад, ки дӯсте бо ӯ дар гуфтугӯст, ки аз саргузашти хеш бо садоқат ва бе риёву розпӯшӣ сухан мегӯяд, ҳатто, агар лозим бошад, ба нақсҳову уюби худ низ эътироф мекунад, то самарайи таҷоруби хештанро дар тӯли ҳаёт бо вай дар миён ниҳад. Ин лаҳни сухан гуфтани Саъдӣ миёни хонанда ва ӯ навъе тафоҳуму ҳамдостонӣ ва басо якдиливу унс падид меовард.

Масалан, як ҷо аз унфувони ҷавонийи хеш ёд мекунад ва сару сирре, ки бо шоҳиде дошта, «чунонки афтаду донӣ»; ва ё аз рӯзи хуше, ки ба кӯе гузар доштаву назар бо рӯе. Гоҳ иқрор мекунад, ки бар хилофи суфориши Ибни Ҷавзӣ, ки ба тарки самоъ мефармуд, дар айёми шабоб ба пайравӣ аз ҳавову ҳавас аз самоъу муҷоласат ҳазз *(баҳра)*-е бармегирифтааст. Ҷое дигар рӯзеро аз сари надомат ба хотир меовард, ки ба ҷаҳли ҷавонӣ бонг бар модар задааст; ё шаберо, ки дар айёми тифлӣ ба ибодат гузаронда ва, аз ин ки атрофиён ба ғафлат хуфтаанд, озурда шудаву ба падар гуфтааст: «Яке аз инон сар барнамедорад, ки дугонае бигузорад» ва ҷавоби нуктаомӯзи падар, ки «ту низ агар бихуфтӣ, биҳ, ки дар пӯстини мардум уфтӣ».

Достонҳойи мусофаратҳо, ғолибан, ба сурати мушоҳадоти нависанда ба қалам омадааст. Аз ин сафарҳо ривоятҳойи гуногун дорад ҳама шуниданву нуктаомӯз, ки аз забони худи вай баён мешавад. Шабе дар корвоне аз фарти хастагӣ фурӯ хуфта ва саҳаргоҳ овози шӯридайе маҷзуби Ҳақ ӯро ба худ меовард. Достони асире дар хандақи Тароблус таҷрибайи муҳимми дигарест ва суханоне, ки дар Димишқ аз пире саду панҷоҳсола дар ҳолати назъ шунидааст, гӯшайест аз аҳволу афкори инсон. Аз ин қабил

аст гузориши дӯстиҳову ҳамдилиҳо ва гилаҳову ошонойиҳову монанди он ва дигар вақоеъи зиндагӣ!

Саъдӣ дар «Гулистон» аз он чӣ дида, шунида, гуфта ва ё ба таҷрибаву таъаммул дарёфта, мукаррар сухан мегӯяд. Дар ин ривоёт, ҳамчунон ки ҳосили мушоҳадоту андешаҳойи ибратомӯзи худро бо мо дар миён мениҳад, парвое надорад, ки хатоҳову лағзишҳойи хештанро низ ба забон оварад, чунонки айбҳову нақойиси дигаронро низ аён месозад ва ҳам маҳосин *(хубӣ)*-шонро. Аҳволи дили зебописанди ӯву ҷозибайе, ки зебойӣ баройи вай дошта, қисмате аз саргузашти ҷовидонийи инсон аст. Агар ӯ аз шефтагийи худ борҳо ёд мекунад, дар ин олам танҳо нест. Гоҳе порсоёну донишмандонро низ мебинед, ки ба маҳаббати касе гирифторанд. Бино бар ин, бояд гуфт, он ҷо ҳам, ки Саъдӣ масоъили мавриди назарро дар хилоли саргузашти хеш мегунҷонад ва фазойи ҳикоятро қобили ламс мекунад, боз сухан аз башар аст ва зиндагийи ӯву аволими ӯву ин дунёйи пур аз шигифтӣ.

* * *

Дар «Гулистон» ҳам аз фазоили олийи башарӣ сухан меравад, ҳам аз ағрозу тамойилоти пасту фурӯмояи ашхос. Аз ин рӯ, чӣ бисёр нуктаҳое ҳикматомезу афкори баланду устувори бамуносабат дар китоб матраҳ мешавад. Дар ин нуктасанҷиҳо, ба таъбири Даштӣ, Саъдӣ ба воситайи касрати мушоҳадоту вуфури таҷриба дар бисёре аз маворид ройи худро камтар ба сурати қатъиву якторафа изҳор мекунад, балки ҳар ду рӯйи қазоёро мебинаду месанҷад. Бар рӯйи ҳам китоб муштамил аст бар бисёре аз дақойиқи фикру таҷриба, ки Саъдӣ онҳоро, бахусус ба сурате муъҷаз дар қолиби калимоте қисор *(кӯтоҳ)* ба ёдгор ниҳодааст. Гумон мекунам, нақли чанд намуна, ки фақат боби ҳаштуми китобро кушодаву бар ҳасби тасодуф онҳоро интихоб кардам, кофӣ бошад, ки бархе аз дарёҳойи ҳакимонайи Саъдиро нишон диҳад:

«Ҳама касро ақли худ ба камол намояд ва фарзанди худ ба ҷамол…»

«Ду кас ранҷи беҳуда бурданду саъйи бефоида карданд: яке он ки андӯхту нах(в)ард ва дигар он, ки омӯхту накард».

«Се чиз пойдор намонад: моли бе тиҷорат ва илми бебаҳс ва мулки бе сиёсат».

Саъдӣ мукаррар мегӯяд: олим набояд бо ҷоҳил дарафтаду обрӯйи худро барбод диҳад; аммо, дар айни ҳол, ёдовар мешавад, ки «олимро нашояд, ки сафоҳат аз омӣ ба ҳилм даргузаронад, ки

ҳар ду тарафро зиён дорад: ҳайбати ин кам шаваду ҷаҳли он мустаҳкам». Дуруст аст, ки ҳилм матлуб асту ситуданӣ, вале, ба шарти он ки бағо бошаду судманд. Дар ин тамсили сода ин мавзӯъи дақиқро равшан кардааст: «Ҳилми шутур, чунонки маълум аст, агар тифле миҳораш гираду сад фарсанг барад, гардан аз мутобаъаташ напечад. Аммо агар дарае ҳавлнок пеш ояд, ки мӯҷиби ҳалок бошаду тифл он ҷо ба нодонӣ хоҳад рафтан, зимом аз кафаш даргусалонаду беш мутоваъат накунад , ки ҳангоми дуруштӣ мулотафат мазмум аст ва гӯянд: душман ба мулотафат дӯст нагардад, балки тамаъ зиёдат кунад». Аммо «подшоҳ бояд, ки то ба ҳадде чашм бар душманон наронад, ки дӯстонро иътимод намонад». Бе сабаб нест, ки мегӯяд: «Мулк аз хирадмандон ҷамол гирад ва… подшоҳон ба насиҳати хирадмандон» ниёзманданд.

Ба илова бо он, ки дар «Гулистон» бо таваҷҷуҳ ба авзоъи замона ва худкомагийи фармонравоёни аср гоҳ аз хештандорию маслаҳатандешӣ ва ҳифзи ҷон дар баробари эшон сухан рафтааст, боз ғалаба бо талқини адл асту риъояти ҳаққу инсонийят. Аз ин рӯ, насиҳати Саъдӣ ба яке аз мулуки беинсофи араб, ки аз душмане саъб андешнок аст ва дар турбати Яҳёи пайғомбар(а) аз ӯ ҳиммат металабад, ин аст, ки «бар раъийяти заъиф раҳмат кун, то аз душмани қавӣ заҳмат набинӣ»; ва дар дебочайи китоб низ Абубакр ибни Саъд ибни Зангиро мухотаб месозад, ки поси хотири бечорагон бар ӯ воҷиб аст.

«Гулистон» ҳосили дарёфту бархурдҳои гуногуни марде андешавар аст бо дунёву масоъилу душвориҳои ҳаёти инсон. Назаргоҳи васеъу ҷаҳонбинийи густардаву шомили Саъдӣ мӯҷиб омада, ки бисёре аз суханони ӯ дар ин китоб бар дили ҷаҳониён аз милалу ниҳал *(мазҳабу диёнат)*-и мухталиф асар кунад ва ӯро нависандае бишиносанд, ки аз дунёи онону зиндагонийи онон сухан гӯяд. Аз ин рӯ, шуҳрати Саъдию каломи ӯ қарнҳост аз марзҳойи Эрону забони форсӣ фаротар рафта ва дар Урупо низ пас аз тарҷумайи «Гулистон» ба забони фаронсавӣ ба тавассути Андре ду Руер (**Andre du Ryer)** дар соли 1634 м., сити номи ӯ бисёре аз бузургони фикру адабро ҷазб кардааст (ниг. Ғуломҳусайни Юсуфӣ, Коғази зар, Теҳрон, 1363 ҳ. ш., саҳ. 1–3). Дар ин овозаву ҳайсийят китоби «Гулистон» дар ҳадди худ таъсири фаровон дошт аст. Бино бар ин, саҳми бузурги Саъдию китоби ӯро дар фарҳангу адаби Эрон бояд арзёбӣ карду шинохт.

Доктор Ғуломҳусайни ЮСУФӢ,
Теҳрон, исфандмоҳи 1365 ҳ. ш.

«Г У Л И С Т О Н»

Дебоча

БИСМИЛЛОҲИ-Р-РАҲМОНИ-Р-РАҲИМ

(***Бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим****–ба номи Худованди бахшояндайи меҳрбон; дар оғози ҳамаи сураҳойи Қуръон (ба ҷуз сурайи Тавба(9) омадаву як бор ҳам дар матни сурайи Намл (ояи 30) ба кор рафтааст. Мусалмонон дар оғози қироъати Қуръон ё дар шурӯъи корҳо ин ояро мехонанд; ба қавли Ҳаким Низомӣ–«Ай номи Ту биҳтарин сароғоз!». Ва «оғози Китоби Худо ба номи* ***Аллоҳ*** *ва* ***Раҳмону Раҳим*** *аз он ҷиҳат аст, ки ҳама маъонӣ дар он се ном ҷамъ асту он маъонӣ се қисм аст: қисме ҷалолу ҳайбат ва он дар номи* ***Аллоҳ*** *аст; қисме ниъмату тарбият ва он дар номи* ***Раҳмон*** *аст; қисме раҳмату мағфират ва он дар номи* ***Раҳим*** *аст. Маънийи дигар он аст, ки дар он замон, ки Худованд Пайғамбарро ба халқ фиристод, мардум се гурӯҳ буданд: бутпарастон, ҷуҳудон, тарсоён. Гурӯҳи нахуст номи Офаринандаро Аллоҳ медонистанд ва ин ном дар миёни онон машҳур буд. Гурӯҳи дувум номи Ӯро Раҳмон медонистанд ва дар Таврот мазкур. Гурӯҳи савум Ӯро Раҳим медонистанд ва назди онон дар Инҷил маъруф аст. Ин ки оғоз ба номи* ***Аллоҳ*** *ва баъд* ***Раҳмону*** *сипас* ***Раҳим*** *шуда, ҷиҳати он аст, ки сароғоз ҳама офариниш асту баъд қудрату парвариш ва сипас раҳмату омурзиш. Яъне, ки ба қудрат биёфаридам ва ба ниъмат бипарваридам ва ба раҳмат биёмурзидам!»–аз «Тафсири адабӣ ва ирфонийи Қуръони Маҷид ба форсӣ», аз китоби «Кашф-ул-асрор», нигориши Ҳабибуллоҳи Омӯзгор. Минбаъда, ба тарзи мухтасар, «Кашф-ул-асрор» ёд мешавад.*

Баъзе аз пажӯҳандагон овардаанд, ки Саъдӣ сафҳайи нахусти «Дебоча»-и «Гулистон»-ро 80 бор бозпардозӣ кард, то ба сурати кунунӣ даромад!)

Миннат Худойро Азза ва Ҷалла, ки тоъаташ мӯҷиби қурбат аст ба шукр андараш мазиди ниъмат**.

(***Миннат Худойро:*** *миннат–сипос ниҳодан (Алиакбари Деҳхудо, «Луғатнома»). Ҳофиз фармояд:*

Душман ба қасди Ҳофиз агар дам занад, чӣ бок?!
Миннат Худойро, ки наям шармсори Дӯст!

Маънийи иборат*: иҳсону сипос хосси Худост.*

Азза ва Ҷалла: *мураккаб аз ду феъли мозӣ, ки ҳолати сифатро пайдо кардааст, яъне, азиз (беҳамтову арҷманд) ва бузург аст.*

******Тоъат:*** *фармонбурдорӣ; маҷозан, ибодат кардан. Маънийи ҷумла ишорате ба ояи 7 дар сурайи Иброҳим(14) дорад:*

وَإِذْ تَأَذَّنَ رَبُّكُمْ لَئِن شَكَرْتُمْ لَأَزِيدَنَّكُمْ وَلَئِن كَفَرْتُمْ إِنَّ عَذَابِي لَشَدِيدٌ.

«Ҳангоме ки Худованд шуморо огоҳӣ дод, ки агар шукри ниъматҳо гузоред, Ман бар он меафзоям» (баргардон аз «Кашф-ул-асрор»–О. Ш.). Мавлавӣ фармояд:

Шукри ниъмат ниъматат афзун кунад,
Куфри ниъмат аз кафат берун кунад!

*****Қурбат:*** *хешиву наздикӣ («Мунтаҳ-ал-араб»); дар ин ҷо маънийи ахир ва тақарруб ба Худо манзур аст. Ин ҷумларо ишора ба ояи шарифа донистаанд:*

إِنَّ أَكْرَمَكُمْ عِندَ اللَّهِ أَتْقَاكُمْ إِنَّ اللَّهَ عَلِيمٌ خَبِيرٌ.

Яъне, «Гиромитарини шумо дар назди Худо парҳезгортарини шумост»–Ҳуҷурот(49), ояи 13. (Доктор Муҳаммади Хазоилӣ, «Шарҳи Гулистон», с. 116).

«Мунтаҳ-ал-араб» («араб» бо алифи мафтуҳ) «Китобест ҳовии луғоти арабӣ ба форсӣ…, таълифи Мирзо Абдурраҳим ибни Абдулкарими Сафипурӣ, ки мукаррар ба чоп расидааст»–Доктор Муҳаммади Муъин–О. Ш.).

Ҳар нафасе, ки фурӯ меравад*, мумидд (*ёригар*)-и ҳаёт асту чун бармеояд, муфарриҳ *(шодмонкунанда)*-и зот. Пас дар ҳар нафасе ду ниъмат мавҷуд асту бар ҳар неъмате шукре воҷиб.

(*Ҳар нафасе, ки фурӯ меравад….: *Сироҷуддин Маҳмуди Урмавӣ (594–682 ҳ. қ.) низ дар китоби «Латоиф-ул-ҳикмат» (тасҳеҳи Ғуломҳусайни Юсуфӣ. –Теҳрон, 1351 ҳ. ш.) навиштааст: «Уламо гуфтаанд, ки дар шабонарӯзе одамӣ бисту чаҳор ҳазор нафас бизанад. Пас, ҳар шабонарӯзе одамӣ аз фазли Офаридгор бисту чаҳор ҳазор бор хилъати ҳаёт бипӯшад…».*

Гёте, шоъири номдори олмонӣ низ ба илҳом аз ин сухани Саъдӣ гуфтааст: «Дар ҳар нафасе ду ниъмат мавҷуд аст: он гаҳ ки дам фурӯ меравад он гаҳ ки бармеояд, то аз ин рафтану баромадан шамъи ҳаёт фурӯзон монад…»).

*Аз дасту забони кӣ** барояд,*

К-аз уҳдаи шукраш ба дар ояд.

(****Яъне,** *аз дасту забони кас барнамеояд, ки Худоро, чунонки шояд, сипос гузорад).*

«Иъмалу ола Довуда шукран ва қалилун мин ъибодия-ш-шакуру»

اِعْمَلُوا آلَ دَاوُدَ شُكْرًا وَقَلِيلٌ مِّنْ عِبَادِيَ الشَّكُورُ .

(сурайи Сабо(34), ояи 13: «Ай хонадони Довуд, шукр ба ҷой ored ва андаке аз бандагони ман шукргузоранд»).

Банда ҳамон биҳ, ки зи тақсири хеш
Узр ба даргоҳи Худой оварад.
Варна сазовори Худовандияш*
Кас натавонад, ки ба ҷой оварад.

(***Тақсир:*** *сустӣ кардан дар корҳо, кӯтоҳӣ кардан.*

****Варна сазовори Худовандияш:*** *вагарна тоъати шойистаи парвардгории Ӯро ҳеч кас аз уҳда барнамеояд.*

«Ин қитъа ишора дорад ба каломи Абубакри Сиддиқ, ки гуфт: «Ал-ъаҷзу ъанил-ъирфони ъирфонун», яъне, «Аҷз аз шиносоийи Ҳақ худ навъе шиносоист». Ин матлабро Эмонуил Кант дар китоби «Интиқоди ақли назарӣ»-и худ батафсил баён кардааст (Доктор Муҳаммади Хазойилӣ. «Шарҳи «Гулистон», саҳ. 119).

Бороні раҳмати беҳисобаш ҳамаро расида ва хони ниъмати бедареғаш ҳама ҷо кашида; пардаи номуси бандагон ба гуноҳи фоҳиш надарад ва вазифаи рӯзӣ ба хатои мункар *(гуноҳи зишт)* набурад.

(******Номус: яъне****, обрӯ. Ин калима муъарраб аст ва асли он* ***нумус–nomos****–юнонист ба маънойи одату шариъат. «Бурҳони қотиъ», ҳошияи шодравон Муъин. Ҳофиз гӯяд:*

Соқӣ биёр бода, ки моҳи сиём рафт,
Дардиҳ қадаҳ, ки мавсими номусу ном рафт!).

Ай Кариме, ки аз хизонайи ғайб*
Габру тарсо вазифах(в)ар дорӣ.
Дӯстонро* куҷо кунӣ маҳрум,**
Ту, ки бо душман ин назар дорӣ?!

(***Карим:*** *аз сифоти Худованд аст; бахшанда, бахшоянда.*

*****Хизонайи ғайб:*** *ганҷхонайи ниҳон; ин таъбирро мутаъассир аз ояи шарифа донистаанд:*

لاَ أَقُولُ لَكُمْ عِندِي خَزَآئِنُ اللّهِ وَلا أَعْلَمُ الْغَيْبَ .

Яъне, «Ман шуморо намегӯям, ки ганҷҳойи Худо назди ман аст ва на он ки аз ғайб огоҳам», сурайи Анъом(6), ояи 50; сурайи Ҳуд(11), ояйи 31. Ва низ ишора ба ин оя:

وَإِن مِّن شَيْءٍ إِلاَّ عِندَنَا خَزَائِنُهُ وَمَا نُنَزِّلُهُ إِلاَّ بِقَدَرٍ مَّعْلُومٍ

Яъне, «Ҳеч чиз вуҷуд надорад, магар он ки хизонаҳойи он дар назди Мост, вале Мо аз он ҷуз ба андозаи муъайян фурӯ намефиристем», сурайи Ҳичр(15), ояи 21 (Доктор Муҳаммади Хазойилӣ, «Шарҳи «Гулистон», с. 121).

Габру тарсо: *яъне, зардуштӣ ва масеҳӣ. (Ба навиштаи доктор Хуррамшоҳӣ) «Мурод адёну мазоҳиби хориҷ аз ислом аст. Ва ин ки Саъдӣ дар мисраъи дувуми байти дувуми ин қитъа ононро «душман» мехонад, бештар тобеъи санъати шеърист, ки дар мисраъи аввал аз «дӯстон» (мусалмонон) ёд кардааст, вагарна Саъдӣ биссароҳа ва ба қасду амд аз аҳли китоб ба унвони* ***душман*** *ёд намекунад ва инсондӯстиву бетаъассубии ӯ аз саросари осораш бармеояд».*

*****Дӯстон, душман:*** *мурод аз «дӯстон»-ро гаравандагону мӯъминон ва мусалмонон донистаанд бо тавақҷуҳ ба ояи шарифа:*

إِنَّ الدِّينَ عِندَ اللّهِ الإِسْلاَمُ.

Сурайи Оли Имрон(3), ояи 19; «Ҳамоно дин(-и писандида) назди Худо ислом аст ва ин ки дигарон шариъати комилтар, яъне, исломро напазируфтаанд» («Ҳавошии Муҳаммадалии Фурӯғӣ бар «Гулистон»). Баъзе низ дар посухи нуктагирон (шояд бо тавақҷуҳ ба навиштайи Алии Даштӣ («Қаламрави Саъдӣ», низ «Маздаясно ва таъсири…») ин ду байтро дар таъйиду такмили банди боло донистаанд ва нозир ба растагорону гумроҳон; ва навиштаанд, ки «Саъдӣ дар ҳангоми сурудани қитъаи ёдшуда дар садади муқоясайи ойинҳову фарқ миёни пайравони онҳо набудааст. Аз раҳмати Худои Карим ба ҳамайи бандагон сухан гуфтааасту бас» (Нуруллоҳи Эронпараст, «Дувумин қитъаи шеъри «Гулистон»).

******Маънийи байт:*** *Дӯстони дини худро бебаҳра намегардонӣ, Ту, ки бо кофирон ё душманони ислом ҳам меҳрбонӣ мекунӣ. Дар Қуръон, сурайи 3, ояи 19 Худованд мефармояд: «Ҳамоно дин назди Худо ислом аст».)*

Фарроши боди саборо гуфта, то фарши зумуррудӣ бигустарад

ва дояйи абри баҳориро фармуда, то баноти набот дар маҳди замин бипарварад. Дарахтонро ба хилъати наврӯзӣ қабойи сабзварақ дар бар гирифтаву атфоли шохро ба қудум *(бозомадан аз сафар ва…)*-и мавсими рабеъ *(ҳангоми баҳор)* кулоҳи шукуфа бар сар ниҳода. Усорайи ноле** ба қудрати ӯ шаҳди фойиқ шудаву тухми хурмое ба тарбияташ нахли босиқ (*болида*) гашта.

(***Усора:*** *шира, он чӣ ба фишурдан барояд.* ***Нол****–найшакар;* ***ноле****–найи ночизу ҳақир.*

*******Шаҳди фойиқ:*** *фойиқ исми фоъил аз фавқ аст ба маънойи «ҷаййидун холис», яъне, неку покиза. Дар ин ҷо «шаҳди фоиқ», яъне, ширинийи пок ё баргузида. Шаҳдро набояд асал маънӣ кард).*

Абру боду* маҳу хуршеду фалак дар коранд,
То ту ноне ба каф орию ба ғафлат нахӯрӣ.
Ҳама аз баҳри ту саргаштаву фармонбурдор,
Шарти инсоф* набошад, ки ту фармон набарӣ!**

(*****Абру бод…:*** *мафҳуми ин мисраъро ишора ба ояи шарифа донистаанд:*

وَسَخَّرَ لَكُمُ الشَّمْسَ وَالْقَمَرَ دَآئِبَيْنَ.

Яъне, «Хуршеду моҳро аз баройи шумо пайваста мусаххар кард», сурайи Иброҳим(14), ояи 33 (Доктор Муҳаммади Хазойилӣ, «Шарҳи «Гулистон», с. 124); низ ниг. сурайи Наҳл(16), ояи 12; Луқмон(31), ояи 20; Ҷосия(45), ояи 31.

*****Шарти инсоф набошад****–шарту ойини инсоф нест. Дар ҷои дигар аз «Гулистон» Саъдӣ гуфтааст:*

Гуфтам: «Ин шарти одамийят нест,
Мурғ тасбеҳгӯю мо хомӯш!»

Ҳофиз низ суруда:

Бар бисоти нуктадонон худфурӯшӣ шарт нест,
Ё сухан дониста гӯй, ай марди бихрад ё хамуш!

******Хулосаи маънийи байт****: Дигарон баройи осоиши мо мекӯшанд; пас мо ҳам бояд баройи дигарон кор кунем ва таклифи хешро бидонем).*

Дар хабар аст аз Саррвари коиноту мафхари мавҷудот ва

раҳмати оламиёну сафвати одамиён ва татиммаи давру замон, Муҳаммади Мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам *(дуруду саломи Худой бар ӯ бод)*.

(***Дар хабар аст:*** *хабар–ҳадис, гуфтори Пайғамбар (с) ва имомон (а). Мафҳуми ҷумла ин аст, ки аз қавли Расули Акрам нақл шудааст.*

*****Раҳмати оламиён:*** *мояйи бахшоиш бар ҷаҳониён. Ишора аст ба ояи шарифа:*

وَمَا أَرْسَلْنَاكَ إِلَّا رَحْمَةً لِّلْعَالَمِينَ.

Яъне, «Ва туро нафиристодем магар ба сурати раҳмате баройи ҷаҳониён», сурайи Анбиё(21), ояи 107.

Татиммаи давру замон: **мояйи тамомӣ ва камоли гардиши рӯзгор.*

Мустафо: *баргузида; покшуда аз бадиҳо.*)

Шафиъун мутоъун набийюн карим,
Қасимун ҷасимун насимун васим.

(*Ин байт дар «Бӯстон» омадааст (дар оғози китоб, дар «Ситойиши Пайғамбар, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи»). Аммо дар баъзе аз нусхаҳо (аз ҷумла дар «Шарҳи «Бӯстон»-и Ғуломҳусайни Юсуфӣ) дида нашуд. Шарҳи калима ба калимаи он аз Муҳаммади Хазойилӣ (аз «Шарҳи «Бӯстон»-у «Шарҳи «Гулистон»):*

Шафиъун *(шафеъ)–шафоъаткунанда;*

Мутоъун *(мутоъ)–фармонраво (исми мафъул аз масдари «итоъата»); *касе, ки фармонаш мавриди итоъат аст.*

Набийюн *(набӣ)–паёмбар, ҷамъи он–анбиё;*

Карим*–бузургвор, гиромӣ, ҷамъи он–киром;*

Қасимун *(қасим)–зеборӯй ё қисматкунандаи Биҳишту Дӯзах;*

Ҷасимун *(ҷасим)–хушандом, муъаззам;*

Насимун *(насим)–зебо, *бо бӯйи хуш (**басим**–хандонрӯй);*

Васим–*олинасаб, некӯрӯй ё дорои муҳри нубувват.*

Баргардони ин байт аз ҷониби Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ:

Шафоъатгари фармонравой, Паёмбари гиромӣ,

Соҳибҷамоли хушандоми хушбӯйи нишондор ба муҳри нубувват.

Хатиби Раҳбаронро чунин баргардон кардааст:

Ӯст хоҳишгар, фармонраво, Паёмбари Худой;

Род, соҳибҷамол, баандом, бӯё, ба муҳри паёмбарӣ нишонкарда).

* * *

Чӣ ғам девори умматро, ки дорад чун ту пуштибон,
Чӣ бок аз мавҷи баҳр онро, ки бошад Нуҳ киштибон.

***(*Нуҳи киштибон:** ишорааст ба саргузашти Нуҳ(а), аз пайғамбарони улулъазм, ки солҳо қавми худро ба роҳи рост даъват кард, аммо онон аз гумроҳӣ даст накашиданд ва дучори тӯфони азим шуданд. Нуҳ киштие сохт ва пайравони хеш ва анбуҳе аз ҷондоронро наҷот дод (ниг. сурайи Анкабут(29), ояҳои 14–15).*

Балаға-л-ъуло бикамолиҳи, кашафа-д-дуҷо биҷамолиҳи,
Ҳасунат ҷамиъу хисолиҳи, саллу алайҳи ва олиҳи*.

(****Маънийи байт:** Ба воситаи камоли худ ба баландпоягӣ расид, ба нури ҷамоли хеш торикиро бартараф кард. Ҳамаи хубиҳову сифоти ӯ некӯст, бар ӯву хонадонаш дуруд фиристед. Қисмати ахир мубтанист бар ин ояи шарифа: «Ай касоне, ки имон овардаед, бар ӯ (Пайғамбар) дуруд фиристед», сурайи Аҳзоб(33), ояи 56).*

Ҳар гоҳ ки яке аз бандагони гунаҳкори парешонрӯзгор дасти инобат *(бозгашт ба сӯйи Худо, тавба)* ба умеди иҷобат *(орзуи пазиришу қабул)* ба даргоҳи Ҳақ–Ҷалла ва Ъало–бардорад, Эзид Таъоло дар вай назар накунад. Бозаш бихонад, боз эъроз кунад. Бозаш ба тазарруъу зорӣ бихонад, Ҳақ–Субҳонаҳу ва Таъоло–фармояд:

***(Субҳонаҳу:** Худойро аз зану фарзанд дуриву покист.*
***Субҳон**–поку муназзаҳ шумурдан.*
***Таъоло:** бас баландқадр.)*

«Ё малоикати, қад истаҳйайту мин ъабдӣ ва лайса лаҳу ғайрӣ фақад ғафарту лаҳу».**

(***Маънийи хабар:** *«Ай фариштагон, Ман аз бандаи Худ шарм дорам. ӯро ҷуз Ман касе нест; пас, ӯро биёмурзидам». **Маҷозан, мурод аз «ҳаё»* «ва «*истаҳё», дар ин ҷо навмед нагардонидан аст; яъне, «нописанд медонам дуъоро напазируфтан ва доъи (дуъокунанда)-ро навмед гардонидан»).*

Даъваташро иҷобат кардам ва ҳоҷаташ баровардам, ки аз бисё-

рийи дуъову зорийи банда ҳаме шарм дорам.

Карам бину лутфи Худовандгор,
Гунаҳ банда кардасту Ӯ шармсор!

Окифони каъбаи ҷалолаш ба тақсири ибодат муътариф, ки «Мо ъабаднока ҳаққа ъибодатика» *(*«Туро, чунонки шойистаи парастиши Туст, парастиш накардем»)* ва восифони* ҳилйаи ҷамолаш ба таҳайюр мансуб*, ки «Мо ъарафнока ҳаққа маърифатика»*.

*(****Восифони ҳилйаи ҷамолаш:*** *васфкунандагон ва ситояндагони зевари ҷамоли Ӯ.*

*****Ба таҳайюр мансуб:*** *ба саргаштагӣ нисбат дода шудаанд, худро саргашта меёбанд.*

*****Мо ъарафнока:*** *Туро чунонки шойистаи шинохти Туст, нашинохтем. Дар «Шарҳи Судӣ» (с. 28) ва «Шарҳи «Гулистон»-и Муҳаммади Хазойилӣ (с. 131) ин ду байти мансуб ба Абуалийи Сино нақл шудааст:*

Иътисому-л-вароби маърифатик
Ъаҷаза-л-восифуна ъан сифатик.
Туб ъалайно фаиннано башарун
Мо ъарафнока ҳаққа маърифатик.

«*Паноҳу ҳифози мардум ба шиносоийи Туст. Ситояндагон аз васфи Ту фурӯ мондаанд. Тавбаи моро бипазир, чи мо башар ҳастем ва, чунонки ҳақшиносийи Туст, Туро нашинохтем.*»

Санойӣ ҳам ин мазмунро мукаррар овардааст).

Гар касе васфи Ӯ зи ман пурсад,
Бедил аз Бенишон чӣ гӯяд боз?
Ошиқон куштагони маъшуқанд,
Барнаёяд зи куштагон овоз!

(***Бедил:*** *ошиқи шайдо; мурод худи Саъдист дар ин ҷо.*

Бенишон: *Худойи бенишон ё бечандеву чуне ва муназзаҳ. Яъне, ошиқи шайдо наметавонад сухане аз Маъшуқи бенишон бозгӯяд.*

Доктор Абдулғанӣ, донишманди Ҳинд, дар рисолайи хеш «Аҳвол ва осори Мирзо Абдулқодири Бедил» (саҳ. 23) чунин менигорад: «…(Бедил) аз ҳамон авоил чунин эҳсос мекард, ки ҳар вақт байте иншо мекунад, розеро фош месозад. Шояд аз ҳамин сабаб

*буда, ки дар ибтидо «Рамзӣ» тахаллус дошт. Аммо Хушгӯ, муаллифи тазкираи «Сафинаи Хушгӯ» (асри 18) менависад: Рӯзе Бедил машғули мутолаъайи «Гулистон» буд; чун дар муқаддимайи он ба мисраъи зайл расид: «**Бедил аз Бенишон чӣ гӯяд боз**?» (яъне, як шахси бидуни дил (яъне, маъшуқ), дар бораи Худованди бенишон чӣ гӯяд?) ба вақд омад ва баъд аз он ки ҷиҳати ҳидоят ба руҳи Ҳофиз дуъо кард, тахаллуси худро аз «Рамзӣ» ба «Бедил» табдил кард».*

Абдулғанӣ дар ҳошияи ин ҷумалот тавзеҳе ҷолиб низ овардааст: «Ҳусайнқулихон дар «Ништари Ишқ» менависад, ки Бедил аз руҳи Саъдӣ истимдод намудааст. Вале ман қавли Хушгӯро тарҷеҳ медиҳам, зеро баройи ин мақсад доиман «Девони Ҳофиз» истеъмол мешавад».).

Яке аз соҳибдилон сар ба ҷайби муроқабат* фурӯ бурда буд ва дар баҳри мукошафат мустағриқ шуда. Ҳолӣ ки аз ин муъомала бозомад, яке аз дӯстон гуфт:

– Аз ин бӯстон, ки будӣ, моро чӣ туҳфа каромат кардӣ?

*(*****Соҳибдил:*** *ориф, соҳибназар; шояд Саъдӣ дар ин ҷо ҳам аз «соҳибдил» нафси худро ирода карда бошад.*

*****Муроқабат:*** *дар луғат ба маънойи нигаҳбонӣ кардан ва дар истилоҳи тасаввуф ба маънойи нигоҳ доштани дил аст аз таваҷҷуҳ ба ғайри Ҳаққу яқин доштани банда ба ин, ки Худованд дар ҳамаи аҳволи олам бар замири ӯст.*

Мукошафат: *дар истилоҳи мутасаввифа «мукошафа» онро гӯянд, ки ошкоро шавад носуту малакут ва ҷабаруту Лоҳут; яъне, аз нафсу дил ва руҳу сир воқифи ҳол шавад («Онандроҷ»»); асрори ниҳонро дарёфтан.*

Аз ин бӯстон, ки будӣ: *бӯстон, ба истиъора, мурод гулзори маъорифи Илоҳист).*

Гуфт:

– Ба хотир доштам, ки чун ба дарахти гул расам, домане пур кунам ҳадяи асҳобро. Чун бирасидам, бӯйи** гулам чунон маст кард, ки доманам аз даст бирафт**.

(***Бӯйи гул:*** *ба истиъора, лаззати таҷаллиёт.*

Маънойи ҷумла: ***«Лаззати таҷаллиёти Илоҳӣ чунон маро сармаст кард, ки зимоми ихтиёр аз каф бидодам». Муроқаба ва мукошафаро ба ҳолати мастӣ ташбеҳ кардааст, ки аз он орифон чун ба ҳуш оянд, хабаре натавонанд доду парвойи гуфтан надо-*

ранд).

Ай мурғи саҳар, ишқ зи парвона биёмӯз,
К-он сӯхтаро ҷон шуду овоз наёмад.
Ин муддаъиён* дар талабаш бехабаронанд,
К-онро, ки хабар шуд, хабаре бознаёмад.**

(***Ин муддаъиён…:** инон, ки иддиъо мекунанд, Худоро шинохтаанд, аз Ӯ хабаре надоранд.

****Маънойи байт:** инҳо, ки иддиъо мекунанд Худоро шинохтаанд, аз Вай огоҳӣ надоранд, зеро он ки Худойро шинохт, аз ӯ хабаре ба дигарон нарасид).

* * *

Ай бартар аз хаёлу қиёсу гумону ваҳм
В-аз ҳар чӣ гуфтаанду шунидему хондаем,
Маҷлис* тамом гашту ба охир расид умр,
Мо ҳамчунон дар аввали васфи Ту мондаем!

(***Маҷлис:** ҷойи нишастан; маҷмаъе баройи дарсу ваъз ва низ он чӣ дар чунин маҷмаъе ба сурати ваъзу амсоли он гуфта шавад. Аз ин рӯ, «маҷлис гуфтан» киноя аз ваъз кардан ба кор мерафтааст. Дар ин ҷо ҳамон маънойи маҷмаъу суханоне, ки дар он гуфта шавад, мақсудро мерасонад; дар айни ҳол навиштаанд: «Муроди Саъдӣ аз «тамом гаштани маҷлис» ба поён расидани хутбайи оғози китоб аст, ки ба ҳамду шукри Илоҳӣ оғоз шудааст» (Доктор Халил Хатиби Раҳбар). Аммо бояд дар назар дошт, ки сухан аз ба охир расидани умр аст ва маҳдуд кардани маҷлиси манзур ба хутбайи оғози китоб аз вусъати мафҳуми калом мекоҳад.

Тавзеҳи Хатиби Раҳбар: маҷлис: ҷойи нишастан, вале мурод суханонест дар ситоиши Худованд ва наъти Паёмбар, ки воъизон бар минбар мегуфтанд ва маҷлисгӯӣ, яъне, эроди сухан дар ваъз ё хутба бисёр ривоҷ дошт, монанди маҷолиси панҷгонайи Саъдӣ ва маҷолиси Мавлавӣ. Дар ин ҷо муроди Саъдӣ аз тамом гаштани маҷлис ба поён расидани хутбаи оғози китоб аст, ки ба ҳамду шукри Илоҳӣ оғоз шудааст).

* * *

Зикри ҷамил *(ёдкарди нек)*-и Саъдӣ, ки дар афвоҳи авом афтодааст ва сит *(овоза, шуҳрати нек)*-и суханаш, ки дар басити замин

рафтаву қасабулҷайби ҳадисаш, ки ҳамчун шаккар мехуранд ва руқъайи муншаъоташ, ки чун коғази зар мебаранд, бар камоли фазлу балоғати ӯ ҳамл натавон кард.

(***Қасабулҷайби ҳадисаш***–*«қасабулҷайб» аз таркибҳои печидаест, ки дар шарҳи он Саъдипажӯҳон натавонистаанд ба иттифоқи назар оянд. Саъдӣ ин таркибро як бор ба кор бурдааст, аммо дар осори дигар адибони форсигӯ ба назар нарасидааст. Доктор Хуррамшоҳӣ дар ташреҳи он навишта: «Ин таркиб аз дер боз маъракаи оройи Саъдипажӯҳон ва шореҳони «Гулистон» будааст. Муфассалтарин шарҳро баройи он шодравон Юсуфӣ овардааст, ки даҳ-дувоздаҳ рою қироъати мухталифро нақл кардааст, ки аз ҳама муҳимтар қироъати шодравон Хонларӣ ва сипас рою назари доктор Шаҳидист. Шодравон Хонларӣ ин иборатро* ***қасбу ҷайб*** *хондааст. Калимаи аввал ба маънои хурмойи хушкпӯст, ки ҳанӯз ба сурати қасбу қушбак дар Форсу Хузистон ба кор меравад. Калимаи дувум, яъне, хурмойи тару тоза ва шаҳдолуд. Ва муроди Саъдӣ аз ин иборат чизе назири ғассу самин (лоғару фарбиҳ, киноя аз ду чизи нақизи якдигар–«Фарҳанги Сабо»,–О. Ш.) аст. Яъне, мамдуҳ бар асари лафзе, ки дар ҳаққи ӯ дорад, сухани ғассу самини ӯро бисёр гиромӣ мешуморад. Устод Шаҳидӣ бо истинод ба байте аз Анварӣ ин иборатро қасабу курут (фарбиҳу чоқ–«Фарҳанги Сабо»–О. Ш.) хондаанд. Аввалӣ ба маънойи хурмойи марғубу дувумӣ ба маънойи хурмойи номарғуб ва, дар маҷмӯъ, ғасс ва самин».*

Хатиби Раҳбар низ зимни тавзеҳ қотиъ нест ва бештар ба тахминҳо такя мезанад. Ӯ менигорад: «Дар бораи ин таркиб, яъне, ***қасабулҷайб*** *ҳадсҳои гуногунест. Қасаб–найшакар, най. Ҷайб–гиребон; кисайе, ки пайваста ба гиребони ҷома буваду имрӯз бар домани ҷома бештар дӯхта мешавад. Шояд қасабулҷайб пораҳойи найшакари пӯстбозгирифтае будааст, ки мардум дар ҷайби ҷомайи худ мениҳоданду мехӯрданд, шояд ҳам худ як навъ ширинийи хос будааст. Дар қасабулҷайби ҳадис ташбеҳи сареҳ аст, яъне, найшакари ҳадис бо шаҳди сухан. Найшакари сухани Саъдиро чун шакари холис мехуранд».*

Аммо шарҳи шодравон Ғуломҳусайни Юсуфӣ нисбатан муфассалтар ва боитминонтар ба назар мерасад. Бо ин вуҷуд, аз тавзеҳоти ӯ низ намешавад яқин кард, ки, билохира, Шайхи арҷманди Шероз зери ин таркиб чӣ маънойеро нуҳуфтааст. Инак, тавзеҳоти устод Юсуфӣ: [«Забти ин калима ва низ маънойи он мавзӯъи баҳсҳо шудааст. Дар нусхаҳо ба суратҳойи мухталиф навишта шуда. Аммо баъзе маъонӣ, ки баройи он навиштаанд, аз ин

қарор аст: навъе аз хурмо ва навъе шакар ва навъе аз ширинӣ ва киноя аз қалам («Кашф-ул-луғот», ба нақл аз Абдулазими Қариб, «Гулистон», 1/5, Ҳ). «Қасабулҷайб» (дар бархе нусхаҳо) найи дӯстдошташуда ва маҳбуб, киноя аз найшакар (Абдулазими Қариб, ҳамон ҷо); навъе аз хурмойи каммаза ва навъе аз шакар ва навъе аз ширинӣ («Шамс-ул-луғот», ба нақли доктор Парвизи Хонларӣ, «Сухан», 14/727). Маъонийи дигар, ки дар фарҳангҳо баройи он навиштаанд, чунин аст: порае кӯчак аз най, ки номабарон номаҳойи амирон дар он ниҳодаву ба кисайи ҷайб пинҳон карда, ба масофати баъида мебаранд; қаламе, ки собиқ дар гиребон мегузоштанд; найшакари муқашшар, ки дар ҷайби худ мегузоштанд ва ба дӯстон ҳадя менамуданд; қасабе мушобиҳи найшакар, ки андак ширинӣ дорад, киноя аз қалам; гиёҳест мисли найқалам, ки дар замини рӯдхонаҳо мерӯяд ва бехаш андак ширинӣ дорад ва ба ҳиндӣ «конас» гӯянд; хурмойи хушк, ки дар даҳон аз ҳам бипошад. «Қасабулҷубб» (ба замми «ҷим» ва ташдиди «бо») қисме най, ки дар атрофу даруни чоҳҳо мерӯяд; қаламдон… (ба нақли доктор Саййид Маҳмуди Нишот, «Ваҳид», соли чаҳорум, шуморайи 12 (озари 1346 ҳ. ш., саҳ. 1080–1081) ва низ р. к: «Луғатномайи Деҳхудо»). Дар ҳошияи чопи шодравон Абдулазими Қариб бо тавоҷҷуҳ ба забти нусхаи асос «қасабулҷайб» (бо «син»–О. Ш.) омадааст: «Дар луғат «қасб»–ба фатҳи аввалу сукуни «син», ба маънойи «хурмойи хушк, ки дар даҳон аз ҳам бипошад» аст ва ин маънӣ муносибтарину биҳтарин аз маъонӣ мебошад». Назари Муҳаммадалии Фурӯғӣ чунин буда: «Иҷмолан маълум аст, ки мақсуд шириниест, ки аз қалами ӯ ҷорӣ мешавад» («Гулистон»–200); навъе аз хурмо ва шакар, навъе аз ширинӣ;, қаламе, ки собиқ бар гиребон мегузоштанд» (Куллиёти Саъдӣ, 289, ба нақли доктор Нишот, «Ваҳид», 4/1082). Ҳадси шодравон Алиакбари Деҳхудо, бо тавоҷҷуҳ ба байте аз Абуисҳоқи Атъима, «қасаби анҷир» аст аз қабили меваҳо, на ширинихо ва пухтанихо» (ниг. «Луғатнома», зайли «қасабулҷайб», «зикр», «зикри ҷамил», Муҳаммад Парвини Гунободӣ, «Дониш», 3/365–366).

«Мурод аз най қалам аст… Дар рӯзгори пешин… нависандагону мунишиён қаламе ё қаламдоне мухтасар ё муфассал дар ҷайб мегузоштанд ва матолиби фаврӣ ё ғайри фавриро менавиштанд. Албатта, «ҷайб» ҳам дар маҳалли гиребон дӯхта мешуда. Бино бар ин, «қасабулҷайб» «най (қалами)-и гиребон аст»–(доктор Нишот).

Шодравони доктор Муҳаммади Хазойилӣ «қасабулҷайб»-ро саҳеҳ мешуморад ва менависад: «Қасабулҷайб» чизест, ки ҳамакнун намунааш вуҷуд дорад ва ҳам бархе аз заргарону дуъо-

*нависон бо он ошно ҳастанд. Имрӯза ба қасди ҳифзи кӯдакони худ аз хатар, Қуръони кӯчакеро аз қобе аз тило ё нуқра ҷой медиҳему дар гардани кӯдак меовезем. То чанде пеш ба ҷойи қоб лулае муҷаввафи дороӣи чанд гираҳ аз нуқра ё тило месохтанду аз сӯрохӣ, ки дар ҳар гираҳ таъбия шуда буд, банд ё занҷире мегузаронданду онро дар ҳамон замон «қасабулҷайб» меномиданд ва ин ному ин истеъмол ҳануз маҳфуз аст(?)»….**]**.*

*«**Қасабулҷайб** «порае кӯчак аз най бошад, ки номабарон номаҳойи умаро дар он ниҳода, ба кисайи ҷайб пинҳон сохта, ба масофоти баъида мебаранд; ва баъзе муҳаққиқин **қасабулҳабиб** навиштаанд, ба маънойи найшакар; дар ин сурат дар фиқраи «Гулистон» ба ҷойи **найшакар** лафзи шакар менависанд ба ин тавр ва **қасабулҳабиб**-и ҳадисашро ҳамчу шакар мехуранд» («Ғиёс-ул-луғот», ҷилди 2, с.136.–О. Ш.).*

*****Маънойи ҷумла**: Шуҳрати неки Саъдиро ба сухандонийи ӯ нисбат натавон дод, балки зикри ҷамили вай аз иноятӣ шоҳ аст).*

Балки худованди ҷаҳону қутби доирайи замон ва қоиммақоми Сулаймону носири* аҳли имон Атобаки Аъзам, музаффароддунё ваддин Абубакр ибни Саъд ибни Зангӣ, зиллуллоҳи таъоло фӣ арзиҳи**.

(**Худованди ҷаҳон:** подшоҳи ҷаҳон. Худо дар форсийи миёна ба маънойи подшоҳ ба кор мерафтааст ва дар назму насри қадими форсӣ, аз ҷумла, дар осори Саъдӣ, ба ин маънӣ дида мешавад.

****Қутби доирайи замон:** миҳвари чархи рӯзгор ё маркази доирайи рӯзгор, яъне, рукни олами ҳастӣ. Чун вуҷуди доира ба марказ вобаста аст. Қутб: сутунаи оҳанийи осиё, ки аз миёни доирайи санги зерину забарин мегузарад; сутунайи чарх.

Қоиммақом: ҷонишин.

***Носири аҳли имон:** ёвари имоновардагон.

Атобак: лафзест туркӣ, ба маънойи падарбузург; мураккаб аз «ото»–падар ва «бак»–бузург. Маъмули Салҷуқиён ин буд, ки фарзандони хуро ба касоне муътамад месупурданду оноро «атобак» мехонданд. Атобак ҳукмрони ноҳияе буд ва тарбияти шоҳзодагон, бавижа, валиаҳдро, ба уҳда дошт (доктор Хазойилӣ).

****Атобаки аъзам:** атобаки бузург. «Атобак» ё «атобек», яъне, «падари бузург»; «ато» дар туркӣ ба маънойи падар ва «бак» ё «бек» ба маънойи бузург ва маҷозан ба маънойи адабомӯз. Ва нигоҳдорандаи ин лақаб, бар ҳасби маъмул, аз тарафи подшоҳони

салҷуқӣ ба ғуломони туркнажоде дода мешуд, ки дар дарбор ба воситайи абзори лаёқату кифоят ба мартабаи ҳоҷибӣ расида буданд ва тарбият ё сарпарастии яке аз шоҳзодагони хурдсоли салҷуқӣ ба онон супурда мешуд ва агар шоҳзода ба ҳукумат мерасид, сарпарасти вай низ бо ӯ ҳамроҳ мерафту ба тамшият (ҷорӣ кардан, равон кардан–О. Ш.)-и умур мепардохт. Андак-андак, ба сабаби заъфи Салҷуқиён, ҳар як аз ин атобакон дар бахше аз кишвар ҳукумате мустақил ба номи худ эҷод карданд. Аз он ҷумлаанд Атобакони Форс, ки чун аз насли шахсе ба номи Сулғур буданд, ба Атобакони Сулғурӣ маъруфанд.

******Музаффаруддунё ваддин:*** *пирӯзиёфта дар дунёву нусратёфта аз дин.*

******Абубакр ибни Саъд ибни Зангӣ:*** *подшоҳи номбурдори сулғурӣ (623–658); мамдуҳи Саъдист, ки бо Ҳалокухони муғул оштӣ кард ва Форсро аз ҳуҷуми ваҳшиёнайи тотор дар амон дошт ва дар Форс биноҳойи хайрия бисёр сохт;*

******Зиллуллоҳи…:*** *сояйи Худои бузург дар замин).*

Рабби арза ъанҳу ва арзиҳи (***Парвардгоро, аз вай хушнуд гарду хушнудаш гардон)* ба айни иноят *(чашми лутф)* назар кардааст ва таҳсини балеғ фармудаву иродати содиқ намуда. Лоҷарам, коффайи аном аз хавоссу авом ба маҳаббати ӯ гароидаанд, ки «анносу ъало дини мулукиҳим»*.

*(******Мардум*** *равиши подшоҳони хеш пеш гиранд. Шодравон Фурӯзонфар ин байти «Маснавӣ»-ро: Хӯйи шоҳон дар раъийят ҷо кунад, Чархи ахзар хокро хазро кунад–нозир ба ин ҳадис медонад, ки «анносу ъало дини мулукиҳим»).*

З -он гаҳ, ки туро бар мани мискин назар аст,
Осорам аз Офтоб машҳуртар аст.
Гар худ ҳама айбҳо бад-ин банда дар аст,
Ҳар айб, ки султон биписандад, ҳунар аст.

*(*****Маънойи*** *ду байт: Аз он гоҳ ки ту бар мани нотавон ба меҳр нигаристӣ, нишонаҳову асарҳойи ман аз Хуршед ҳам ошкортар шудааст; агар ҳама айбе ҳам дар ман бошад, ҳар айбе, ки мақбули шоҳ афтад, худ ҳунарест. Ва мурод он аст, ки ҳар чӣ писандидайи бузургони қавм бошад, мардум низ онро меписанданд).*

* * *

Гиле хушбӯй дар ҳаммом рӯзе
Расид аз дасти маҳбубе ба дастам.
Бад-ӯ гуфтам, ки мушкӣ ё абирӣ,
Ки аз бӯйи диловези ту мастам?!
Бигуфто: «Ман гиле ночиз будам,
Валекин муддате бо гул нишастам.
Камоли ҳамнишин дар ман асар кард,
Вагарна ман ҳамон хокам, ки ҳастам!».

*(****Гиле хушбӯй:*** *мақсуд гили саршӯисту он гилест хушбӯ, ки занон бад-он сар шӯянду «гили порсӣ» ва ба арабӣ «тини форсӣ» хонда мешавад. («Бурҳони қотиъ»).*

*Ин қитъайи Саъдӣ ёдовари қитъайе куҳан аз шоъири румӣ Федр (**Phedre**) аст, ки гуфтааст: «Пирзане анбарча (анбардон, атрдон)-и холӣ дар роҳ афтода дид. Атре, ки дар он зарф ҷой дошта буд, ҳанӯз ройиҳайе латиф аз худ мепароканд. Пирзан бо шавқу ҳирс онро бӯйидан гирифту бонг бароварда: «Чӣ бӯйи диловезе! Аз ин бӯй, ки боқист, пайдост, чӣ гаронбаҳо мояеро ту дароне хеш медоштай!». Бадеҳист, сурату натиҷайи шеъри вай бо қитъайи Саъдӣ тафовут дорад (доктор Абдулҳусайни Зарринкӯб, На шарқӣ, на ғарбӣ–инсоне, саҳ. 496).*

Аллоҳумма маттиъи-л-муслимина битули ҳаётиҳи ва зоъиф савоба ҷамили ҳасанотиҳи варфаъ дараҷата-авиддоъиҳи ва вулотиҳи ва даммир ъало аъдоъиҳи ва шунотиҳи бимо тулиа филқуръони мин оётиҳи. Аллоҳумма, омин балдаҳу ваҳфаз валадаҳу.

*(Дар нусхаҳое, ки аз рӯйи Куллиёти Саъдӣ–нашри устод Фурӯғӣ таҳия шудаанд, ҳамчун чопи Хуррамшоҳӣ, Хатиби Раҳбар ва Муҳсини Рамазонӣ, калимаи «савоба» дар ин дуъо наомадааст, аммо дар нусхаҳойи Ғуломҳусайни Юсуфӣ, Муҳаммади Хазойилӣ ва қисмати «Гулистон»-и арабӣ («Равзат-ул-вард», баргардони Муҳаммад-ул-Фуротӣ), ки Рамазонӣ таҳия кардааст, ин калима омада, яъне, «ва зоъиф **савоба**(!)»)*

***Баргардони дуъо**: «Аллоҳумма…»: «Худовандо, мусалмононро ба тӯли умри ӯ баҳраманд гардон; ва подоши корҳойи некӯву писандидаашро дучандон кун ва пойгоҳи дӯстону ҳокимони ӯро баланд соз ва душманону бадхоҳони вайро ба ҳаққи оёте, ки дар Қуръон хонда мешавад, ҳалок кун! Худовандо, шаҳри ӯро эмин бидору фарзандонашро ҳифз фармо» (Ғуломҳусайни Юсуфӣ).*

«Бор Худоё, мусалмононро ба дарозои зиндагонийи вай баҳраёб

гардон ва савоби корҳойи неки ӯро дучандон соз; пойгоҳи дӯстону амирони ӯро барафроз ва душманону бадхоҳони вайро ба ҳаққи ҳар чӣ оя, ки дар Қуръон хонда мешавад, нобуд кун. Худоё, шаҳрашро эмин фармову фарзандашро нигоҳ дор!» (Хатиби Раҳбар).

Лақад саъидаддунё биҳи дома саъдуҳу
Ва аййадаҳулмавло биалвиятиннасри
Казолика таншаъу линатун ҳува ъиркуҳо,
Ва ҳусну наботиларзи мин карамилбазри

(******Лақад саъидаддунё:** ин ду байти арабӣ аз қасидайе, ки Саъдӣ... дар вайронийи Бағдод сурудааст, гирифта, дар мадҳи мамдуҳони ӯ Абубакр Саъд ибни Зангӣ ва фарзанди ӯ Саъд гуфта шудааст:*

Ҷаҳон ба юмни вуҷуди ӯ, ки саъодаташ пойдор бод, некбахт шуд,
Ва Худованд ӯро бо бахшидани дирафшҳои пирӯзӣ ёрӣ диҳод!
Хурмобуне (= Саъд) рагу решааш ӯ (= Абубакр) бошад, чунин меболад,
Ва некийи ҳар гиёҳе, ки дар замин аст, аз некӯийи донайи ӯст.
«Гетӣ ба вай (Абубакр) некбахт шуд, ки некбахтияш ҳамеша бод; ва корфармойи ҷаҳон ӯро бо дирафшҳои пирӯзӣ неру диҳод. Чунин меболад дарахте, ки вай (мурод Абубакр аст) рагу решайи ӯсту накӯийи рустанийи замин аз тухми некӯст (дарахт: истиъора аст баройи Саъд, фарзанди Абубакр; ъирқ: истиъора баройи падар, яъне, Абубакр» (Хатиби Раҳбар).

Эзиди Таъолову Тақаддус хиттайи поки Шерозро ба ҳайбати ҳокимони одил ва ҳиммати олимони омил то замони Қиёмат дар амони саломат нигаҳ дород!

Иқлими Порсро ғам аз осеби даҳр нест,
То бар сараш бувад чу туе сояи Худо**!
Имрӯз кас нишон надиҳад дар басити хок ,
Монанди остони дарат маъмани ризо!
Бар туст поси* хотири бечорагону шукр
Бар мову бар Худои ҷаҳонофарин ҷазо!
Ё Раб, зи боди фитна нигаҳ дор хоки Порс
Чандонки хокро буваду бодро бақо!

(***Бар туст поси...:** *риъояти хотири дармондагон бар уҳдайи*

туст у сипосгузорӣ бар уҳдаи мост ва аз Худои офаринандаи ҷаҳон низ интизори подош аст.

***Маънойи байти охир**: Шероз аз газанди рӯзгор дар амону осуда аст, то сояи чун туе, ки мазҳари ҳифзу иноятиЯздонӣ, бар сараш бошад).*

* * *

Як шаб таъаммули айёми гузашта мекардаму бар умри талафкарда таъассуф мехӯрдам ва санги сарочайи дил ба алмоси оби дида месуфтам ва ин байтҳо муносиби ҳоли худ мегуфтам:

*(****Маънойи ин ҷумла**: Диламро, ки аз сахтӣ чун санг буд, бо алмоси ашк месуфтаму дар он роҳ меҷустам. Мавлавӣ фармояд:*

Гиряву дарду ғаму зории худ,

Шодмонӣ дон ба бедории худ!)

Ҳар дам аз умр меравад нафасе,
Чун нигаҳ мекунам, намонд басе!
Ай, ки панҷоҳ рафту дар хобӣ,
Магар ин панҷ рӯз дарёбӣ?!
Хиҷил он кас, ки рафту кор насохт,
Кӯси риҳлат* заданду бор насохт!

*(***Мақсади Саъдӣ** аз «кӯси риҳлат» падидор шудани нишонаҳойи пирист).*

Хоби нӯшини бомдоди раҳил**,
Боздорад пиёдаро зи сабил.

(****Маънойи ин байт**: Хоби ширини бомдоди роҳӣ пиёдаро аз паймудани роҳ бозмедораду дар биёбон саргардон мекунад. Дар айёми қадим расм буд, ки аснойи сафар ҳар рӯз субҳ ба дастури корвонсолор табл мекӯфтанд, то корвониён бедор шаванду аз ҳамраҳон бознамонанд).*

Ҳар кӣ омад, иморате нав сохт,
Рафту манзил* ба дигарӣ пардохт.

*(***Гёте** таҳти таъсири ин байти Саъдӣ гуфтааст: «Ҳар кас ба ҷаҳон омад, хонае нав сохт ва чун мурд, хона ба дигаре гузошт…»(«Девони шарқӣ», 149).*

В-он дигар пухт ҳамчунин ҳавасе
В-ин иморат ба сар набурд касе.
Ёри нопойдор дӯст мадор,
Дӯстиро нашояд ин ғаддор!
Неку бад чун ҳаме бибояд мурд**,
Хунук он кас, ки гӯйи некӣ бурд!

(**_**Маънойи ин байт**: чун некӯкору бадкорро аз марг гузире нест, пас хуш он ки дар майдони ҳастӣ гӯйи некӣ рабуду дар некӯкорӣ пешдастӣ карду афзун омад. «Гӯй бурдан» аз истилоҳоти чавгонбозист ва мурод сабқату ғалаба.)_

Барги айше ба гӯри хеш фирист.
Кас наёрад зи пас, зи пеш фирист!**

(**_**Барги айш:** созу барги зиндагонӣ; ин ҷо мурод аз айш зиндагийи пас аз марг аст. Маънойи байт: Тӯшайи зиндагонии пас аз маргро ҳам акнун ба гӯрхонайи хеш фирист; кас пас аз мурдани ту нахоҳад овард, худ пештар бифрист!)._

Умр барф асту Офтоби тамуз,
Андаке монду хоҷа ғарра ҳанӯз**.

(**_**Хоҷа:** миҳтар, кадхудо; лақабе будааст баройи вазирону бузургон ва олимону файласуфону шоъирони бузург. «Хоҷа» аз ду ҷузъ сохта шудааст: ҷузъи аввали он худо (аз паҳлавийи «хутой» ба маънойи «шоҳ»), ки дар форсӣ ба маънойи «соҳиб» ва «бузург» аст ва ҷузъи дувум «ҷа» (= «ча») пасванди тасғир.

Маънойи байт:** Зиндагонӣ чун барф дар баробари гармойи Офтоби тамуз (ё таммуз–моҳи аввали тобистон ё фасли гармо) сипарӣ мешавад; андаке беш аз умр намонда, вале соҳиби он ҳанӯз ғофил аст).

Ай тиҳидаст рафта дар бозор,
Тарсамат, пур наёварӣ дастор!*

(*_**Ай тиҳидаст…:** мақсуд он ки бо дасти холӣ аз тоъату ибодат ба бозори охират рафтаӣ; «тарсам» дар ин ҷо ба киноя маънойи яқинро мерасонад, назири:_

Тарсам, нарасӣ ба Каъба, ай аъробӣ,
К-ин раҳ, ки ту меравӣ, ба Туркистон аст.

Дар байти боло мусаллам аст, ки чунин мусофире ба Каъба нахоҳад расид ва дар байти мавриди назар чунин касе дар бозор чизе нахоҳад тавонист харид; «дастор» дар ин ҷо ба маънойи дастмол аст. Мазмуни байт, бино ба гуфтаи муъаллифи «Қобуснома», масале будааст:

Бе сим будам, бар ман аз ин омад дард,
В-аз бесимӣ бимондам аз рӯйи ту фард.
Дорам масале ба ҳоли хеш андарх(в)ард:
«Бе сим зи бозор тиҳӣ омад мард!».
Дигарон низ онро ба кор бурдаанд…)

Ҳар кӣ мазруъи худ бихӯрд ба х(ав)ид
Вақти хирман-ш хӯша бояд чид!*

(****Ҳар кӣ мазруъи худ...:** мазруъ исми мафъули «заръ» аст, яъне, кишта ё кошта. **Х(ав)ид** (бо вови маъдула) бар вазни «чид» талаффуз мешавад. Дар «Бурҳони қотиъ» омадааст, ки бар вазни «давид» аст ва ба ҳайъати маъдула бар вазни «сайд» ҳам талаффуз мешавад. Аммо шодравон Муъин дар ҳошияйи худ бар ин калима навиштааст, ки талаффузи аслии он бар вазни «хид» аст ва далели он, илова бар ин байти Саъдӣ, ин байт аз Кисойии Марвазист:*

Бикшой чашму жарф нигаҳ кун ба шанбалид,
Чун лола барги тоза шукуфта миёни х(ав)ид!

Ва мурод аз он киштзорест, ки ҳанӯз сабз нашуда, яъне, мавқеъи дарави он нарасида. Маънои байт он аст, ки ҳар кас ояндангирӣ накунад маҳсули худро норасу нобаҳангом пешхӯр кунад, ҳангоми бардошти маҳсул оҳ дар бисот нахоҳад дошт ва бояд хӯшачини хирмани дигарон бошад).

Баъд аз таъаммули ин маънӣ маслаҳат чунон дидам, ки дар нишемани узлат нишинаму домани суҳбат фароҳам чинам ва дафтар аз гуфтҳои парешон бишӯяму минбаъд парешон нагӯям.

*(***Узлат:** гӯшанишинӣ. Дар тасаввуф узлату халвату канорагирӣ аз мардум роҳе ба шумор меомадааст аз баройи бас-*

та доштани ҳавоси зоҳиру рафъи парокандагии хотир ва тавоҷҷуҳи том ба ҷамоли Ҳақ.

*****Домани суҳбат фароҳам чинам:*** *доман фароҳам чидан, яъне, доманро ба ҷониби хеш ҷамъ кардан. Суҳбат ба маънойи ҳамнишинӣ ва мусоҳабату муъошарат аст. Мақсуд он ки аз ҳамнишинӣ бо дигарон канорагирӣ кунам.*

Шустани дафтар*: маҳв кардани навиштаҳои он.*

Забонбурида ба кунҷе нишаста суммун букм,
Биҳ аз касе, ки набошад забонаш андар ҳукм*.

(*******Агар*** *касе, ҳатто, ҳамонанди забонбуридагон хомӯшу беҳарф дар гӯшае бинишинад, биҳтар аз касест, ки ҳокими забонаш набошад ва забонаш бар зеҳнаш сабқат биҷӯяд;* ***сумм*** *ҷамъи исми «асам» аст, яъне, кар, ношунаво; б****укм*** *ҷамъи «абкам» аст, яъне, гунг. Ин ду калима борҳо дар Қуръони Карим ба кор рафта аст (аз ҷумла Бақара 18, 171, Анъом, 39).*

«Безабон ба гӯшае нишаста кару гунг бар он, ки забонаш ба фармони худ нест, бартарӣ дорад. «Сумм» дар ин ҷо ба танвини рафъ хонда мешавад, чӣ ин ду сифат иқтибос аз ояи 171 сурайи Бақара(2)-и Қуръон аст:

صُمٌّ بُكْمٌ عُمْيٌ فَهُمْ لاَ يَعْقِلُونَ.

*Яъне, (****иқтибос*** *аз «Кашф-ул-асрор») онон аз шунидани Ҳақ кару аз посухи Ҳақ гунгу аз дидани Ҳақ кӯранд; пас онон дарнамеёбанд» (Хатиби Раҳбар).*

То яке аз дӯстон, ки дар каҷова аниси ман буду дар ҳуҷра ҷалис, ба расми қадим аз дар даромад. Чандонки нишоти мулоъабат карду бисоти мудоъабат густард, ҷавобаш нагуфтам ва сар аз зонуи таъаббуд барнагирифтам. Ранҷида нигаҳ карду гуфт:

Кунунат, ки имкони гуфтор ҳаст.
Бигӯ, ай бародар, ба лутфу хушӣ.
Ки фардо чу пайки аҷал даррасад,
Ба ҳукми зарурат забон даркашӣ!

Касе аз мутаъаллиқони манаш бар ҳасаби воқиъа мутталеъ гардонид, ки фулон азм кардаасту ният ҷазм, ки бақияти умр муътакиф нишинаду хомӯшӣ гузинад. Ту низ, агар тавонӣ, сари хеш гиру роҳи муҷонабат пеш.

Гуфто:

– Ба иззати Азиму суҳбати қадим, ки дам барнаёрам ва қадам барнадорам, магар он гаҳ, ки сухан гуфта шавад ба одати маълуфу тариқи маъруф, ки озардани дӯстон ҷаҳл асту каффорати ямин саҳл. Ва хилофи роҳи савоб асту нақзи ройи улулалбоб, зулфақори* Алӣ дар ниёму забони Саъдӣ дар ком!

(****Маънойи ин ҷумла**: *Савганд мехурам ба иззати Худои бузургу ба дӯстии дерина, ки хомӯш мемонаму пой пеш намениҳам, илло, ки ба равиш ва одати маъҳуд (раво, маъмул, муқаррарӣ–О. Ш.) сухан гуфта ояд;*

*****Каффорати ямин саҳл:** *яъне, агар ҳам қасам хӯрдаӣ, ки хомӯшӣ гузинӣ, тибқи шариъати ислом ва иҷзои Қуръони Маҷид (Таҳрим, 2,) шикастани савганде, ки дар зиндагийи инсон маҳзур падид оварад, равост ва бояд каффора дод.*

*****Зулфақор:** *«номи шамшери маъруфе, ки Ҳазрати Муҳаммад(с) дар ғазваи Бадр ба ғаниматгирифт. Аслан мутаъаллиқ ба яке аз куффор, ба номи Ос ибни Мунаббаҳ буд, ки дар ин ғазва ба қатл расид… Сипас ба Алӣ(а) таъаллуқ ёфт… Монанди ҳамаи шамшерҳойи арабийи қадим дудам буд» («Доиратулмаъорифи форсӣ»). Дар вақҳи тасмияи ин шамшер гуфтаанд, ки пушти он хорҳойи пасту баланде, монанди сутуни фақароти одамӣ, доштаааст (чун* **фақор** *дар зулфақор ҷамъи «фақара» аст). Ҳадиси маъруфе ҳаст, ки аҳаммийяти зулфақорро нишон медиҳад: ло фато илло Алӣ ло сайфа илло Зулфақор. Иборати «зулфақори Алӣ дар ниёму забони Саъдӣ дар ком» ҳукми масали сойир пайдо кардааст.*

«Саъдӣ теғи забони худро дар нашри ҳақоиқ ба шамшери Алӣ монанд кардааст ва мефармояд: дуруст нест, ки шамшери Алӣ дар наём бимонад ва дар пайкор бо душманони дин оҳехта (охта, аз ғилоф барнакашида–О. Ш.) нагардад ва забони Саъдӣ дар даҳон баста бимонаду ба панду ҳикмат гӯё набошад»–Хатиби Раҳбар).

Забон дар даҳон, ай хирадманд, чист?!
Калиди дари ганҷи соҳибҳунар!
Чу дар баста бошад, чӣ донад касе,
Ки ҷавҳарфурӯш аст ё пилавар*?

(***Пилавар:** *хурдафурӯш аз дору, аҷноси атторӣ ва сӯзану абрешиму ҷузъи он («Бурҳони қотиъ»).*

* * *

Агарчи пеши хирадманд хомӯшӣ адаб аст,
Ба вақти маслаҳат он биҳ, ки дар сухан кӯшӣ.
Ду чиз тайраи ақл аст–дам фурӯ бастан
Ба вақти гуфтану гуфтан ба вақти хомӯшӣ*!

(*_**Ду чиз тайраи ақл аст:** тайра, яъне, хиффат ё сабукӣ; яъне, ду чиз нишонайи сабукақлист–аввал он, ки ҳангоми заруратигуфтор хомӯш бимонӣ; дувум ин, ки ба ҳангоми зарурати хомӯшӣ сухан (насанҷида) бигӯйӣ)._

Филҷумла, забон аз муколамайи ӯ даркашидан қувват надоштам ва рӯй аз муҳоварайи ӯ гардонидан мурувват надонистам, ки ёр мувофиқ буду иродат содиқ.

Чу ҷанг оварӣ*, бо касе барситез,
Ки аз вай гузират бувад ё гурез!

(*_**Чун ҷанг оварӣ…:** ин байт аз «Бӯстон» (б. 3862) аст (ба ҷойи «чу ҷанг оварӣ» «ба кин оварӣ»); яъне, вақте ба ҷанг рӯй меоварӣ, бо касе ҷанг кун, ки аз вай чорайе тавонӣ дошт ва ё роҳи гурезе. Қисмате аз мазмуни байт ёдовари андарзи Бобак аст ба Ардашер. Бобак дар номае, ки дар посухи Ардашер ва ба муносабати ситеза кардани ӯ бо Ардавони Ашконӣ навишта, вайро сарзаниш кардаву аз қавли доноён нақл кардааст, ки аз он кас дар шикоят мабош, ки ҷуз аз ӯ зиндагӣ натавониву гузире надорӣ)._

Ба ҳукми зарурат сухан гуфтам ва тафарруҷкунон берун рафтем дар фасли рабеъ, ки савлати бард орамида буду айёми давлати вард расида.

(***Рабеъ**–баҳор; **савлати** бард–ҳамлайи сармо; **давлати вард**–иқболи гул, гули сурх)._

Пироҳани барг бар дарахтон
Чун ҷомайи иди некбахтон.

* * *

Аввали урдибиҳиштмоҳи ҷалолӣ,
Булбули гӯянда бар манобири қузбон.
Бар гули сурх аз нам афтода лаолӣ,
Ҳамчу арақ бар ъизори шоҳиди ғазбон***.

(***Аввали урдибиҳиштмоҳи ҷалолӣ–яъне, бар вафқи Тақвими Ҷалолӣ («Тақвими Ҷалолӣ ё Тақвими Маликӣ»–тақвими шамсӣ, ки дар замони Ҷалолуддавла Маликшоҳи Салҷуқӣ (салтанаташ 465–485 ҳ. қ.) таъсис гардид ва дар қисмати аъзами Эрон ривоҷ ёфт ва тақвими шамсийи феълийи Эрон бар ҳамон асос аст. Мабдаъи ин тақвим рӯзи ҷумъайи 9 рамазони 471 ҳ.қ. (мутобиқи 15 морси 1079 милодӣ ва аввали фарвардини 458 ҳ.ш., бар ҳасби тақвими кунунийи Эрон) аст… Номи моҳҳо ҳамон номҳойи қадими Эрон аст… ва онро метавон дақиқтарин тақвими ҷаҳон донист…» («Доиратулмаъорифи форсӣ»). Маъруф аст, ки Хайём–риёзидон, ҳаким ва шоъири рубоъисаройи бузург дар поярезийи ин тақвим даст доштааст. «Ин ҷо мурод «Таърихи Ҷалолӣ» ё «Таърихи Маликшоҳӣ»-ст, ки мабдаъи он соли 1079 милодист ва Хайём ба дастури Маликшоҳ ин тақвимро тартиб дод ва тақвими собиқро ислоҳ кард» (Хатиби Раҳбар).

Соли Ҷалолиро маъмулан таърихи Маликшоҳӣ ё Салҷуқӣ ё форсӣ мегӯянду мабдаъи онро рӯзи ҷумъайи нуҳум (дар баъзе аз сарчашмаҳо даҳум)-и моҳи рамазони 471 ҳ. қ. (аввали фарвардини 458 ҳ. ш), мутобиқ бо 15 озармоҳи 1295 румӣ ва 15 марти 1079 милодӣ) медонанд.

Манобири қузбон: *изофайи ташбеҳист. Яъне, қузбон–ҷамъи қазиб (шоха, навда), ки ба манобир (минбарҳо) ташбеҳ шудааст.*

*******Шоҳиди ғазбон:*** *изофайи васфист; яъне, хубрӯйи хашмнок, ки аз рӯйи нозу итобу ошиқкушӣ ва шаҳрошубӣ зудхашм аст*).

Шабро ба бӯстон бо яке аз дӯстон иттифоқи мабит афтод. Мавзеъе хушу хурраму дарахтон дарҳам. Гуфтӣ, ки хурдайи мино бар хокаш рехтаву иқди Сурайё аз торакаш овехта**.

(***Сурайё****: Парвин, Паран; ҳафт ахтар аст ба шакли хӯшайи ангур дар гардани бурҷи Савр. Иқди Сурайё–гарданбанди Парвин; мурод хӯшайи ангур аст.*

Маънойи ҷумла*: **Пиндорӣ, обгинайи алвон (истиъора аз гулу сабза) бар хокаш пошидааанду хӯшайи Парвин аз шохи разаш (ангураш) овехтаанд).*

Равзатун моъу наҳриҳо салсол,
Давҳатун саҷъу тайриҳо мавзун.
Он пур аз лолаҳои рангоранг
В-ин пур аз меваҳои гуногун.

Бод дар сояи дарахтонаш**
Густаронида фарши буқаламун.

(**Равзатун моъу…:** *боғе, ки оби ҷӯйбораш гуворо бувaду дарахтоне, ки овози парандагони он мавзуну хушоҳанг бувад.*

***Фарши буқаламун:** фарше аз ҳарири румӣ, ки рангоранг намояд; фарши рангоранг. Ишора ба гулу сабза аст. Луғати «буқаламун» дар асл юнонист–**xamaileon**. Навъе чалпоса (мормулак) (калтакалос, карбоса, карафса, келас–О. Ш.)-ро низ гӯянд, ки бар ҳасби муҳити атроф ранги ӯ тағйир мекунад.*

***Маънойи байт:** Бод бо дами ҷонпарвари худ аз гулу сабза фарши парниёнӣ дар зери дарахтонаш густардааст.*)

Бомдодон, ки хотири бозомадан бар раъйи нишастан ғолиб омад, дидамаш домане гулу райҳону сунбулу займарон фароҳам овардаву рағбати шаҳр карда. Гуфтам:

– Гули бӯстонро, чунонки донӣ, бақоеву аҳди гулистонро вафое набошад ва ҳукамо гуфтаанд, ҳар чӣ напояд, дилбастагиро нашояд.

Гуфто:

– Тариқ чист?

Гуфтам:

– Баройи нузҳати нозирону фусҳати ҳозирон* китоби «Гулистон» тавонам тасниф кардан, ки боди хазонро бар варақи ӯ дасти татовул набошад ва гардиши замон айши рабеъашро ба тайши хариф мубаддал накунад.

(***Нузҳати нозирон:** хуррамию хушийи бинандагон.*

***Фусҳати ҳозирон**–кушодагийи хотир. ***Сиғаҳое аз ин реша ва низ феъли амри тафассуҳ дар Қуръони Карим ба кор рафтааст:*

إِذَا قِيلَ لَكُمْ تَفَسَّحُوا فِي الْمَجَالِسِ فَافْسَحُوا يَفْسَحِ اللَّهُ لَكُمْ.

Муҷодала(58), 11.–«Чун ба шумо гуфта шавад дар маҷолис ҷо боз кунед, боз кунед, ки Худованд дар кори шумо кушойише оварад». Ҳофиз гӯяд:

Биё, ки фусҳати ин корхона кам нашавад,

Ба зуҳди ҳамчу туе ё ба фисқи ҳамчу мане! Дар ин ҷо мурод аз «фусҳат» кушоиши хотир аст.

***Татовул**–дароздастӣ.*

***Айши рабеъ**–хуррамиву шодийи баҳор.*

Тайши *хариф–нохушӣ ва парешонийи хазонӣ).*

Ба чӣ кор оядат зи гул табақе,
Аз «Гулистон»-и ман бибар варақе!
Гул ҳамин панҷ рӯзу шаш бошад
В-ин гулистон ҳамеша х(в)аш бошад!

(***Маънойи байт:*** *Як даста (табақе аз гул) ба ту чӣ кор ояд?! Баргае гул аз «Гулистон»-и ман бо худ бибар).*

Ҳолӣ, ки ман ин бигуфтам, домани гул бирехту дар доманам овехт, ки «алкариму изо ваъада вафо» *(*Родмард ҳар гоҳ ваъда диҳад, вафо кунад. **Родмард чун навид диҳад, ба вафо кӯшад)*. Фасле дар ҳамон рӯз иттифоқи баёз афтод дар ҳусни муъошарат ва одоби муҳоварат, дар либосе, ки мутакаллимонро ба кор ояду мутарассилонро балоғат биафзояд *(**яъне, суханро ба ҳайъате гуфтам, ки ҳам гӯяндагонро судманд афтад ва ҳам чиразабонию сухандонийи номанигоронро афзун кунад).*

*(**Баёз**–сапедӣ, дар муқобили савод, ба маънойи сиёҳӣ. Дар қадим «савод»-ро дар мавриди пешнавис ва «баёз»-ро ба маънойи покнавис ба кор мебурданд.*

***Иттифоқи баёз афто**д–покнависӣ шуд).*

Филҷумла, ҳанӯз аз гули «Бӯстон» бақияте мавҷуд буд, ки китоби «Гулистон» тамом шуд ва тамом он гаҳ шавад ба ҳақиқат, ки писандида ояд дар боргоҳи шоҳи ҷаҳонпаноҳ, сояйи Кирдгору партави лутфи Парвардгор, зухри замону* каҳфи амон, алмуъайяду минассамоъи, алмансуру алалаъдоъи, азудуддавлатил-қоҳира, сироҷулмиллатил-боҳира, ҷамолул-аноми, мафхарул-исломи, Саъд ибнул-Атобакил-аъзами, шоҳаншоҳул-муъаззами, мавлоум мулукил-араби вал-аҷами, султонул-барри вал-баҳри, ворису мулки Сулаймона, Музаффаруддини Абебакри ибну Саъд ибну Зангӣ, адомаллоҳу иқболаҳумо ва зоъафа ҷалолаҳумо ва ҷаъала ило кулли хайрим молаҳумо; ва ба карашмайи лутфи худовандӣ (**ба гӯшайи чашми лутфи подшоҳона)* мутолаъа фармояд.

*(**Баргардони наътҳо** (аз Ғуломҳусайни Юсуфӣ):*

***Ҷаҳонпаноҳ**–паноҳи ҷаҳон (ҷаҳониён), киноя̆з султони вақт.*

***Зухри замон**–андӯхта, захирайи рӯзгор (баройи наҷоти мардум дар айёми сахтӣ).*

***Каҳфи амон**–паноҳгоҳи эминӣ, паноҳгоҳи амон.*

Алмуъайяду минассамоъ–*таъйидшуда (неруёфта) аз осмон (аз ҷониби Худо).*

Алмансуру алалаъдоъ*–пирӯз бар душманон.*

Азудуддавлатил-қоҳира*–бозуйи давлати ғолиб.*

Сироҷул-миллатил-боҳира*–чароғи шариъати дурахшон.*

Ҷамолул-анам*–ҷамоли мардум.*

Мафхарул-ислом*–мояйи фахри мусалмонӣ.*

Саъд ибнул-Атобакил-аъзам*–бино ба навиштайи доктор Юсуфӣ Саъд писари Атобаки бузург. Мақсуд Атобак Музаффаруддин Саъд ибни Абубакр ибни Саъд ибни Зангист, ки дар 17 ҷумодалухрои соли 658, дувоздаҳ рӯз пас аз вафоти падар, ки хутба ва сикка ба номи ӯ шуда буд, даргузашт. Бархе аз пажӯҳишгарон, аз ҷумла, доктор Хатиби Раҳбар бар онанд, ки тахаллуси Шайхи аҷалл, Саъдӣ, аз номи ҳамин шоҳзода будааст. Аммо Муҳаммад Муҳити Таботабойӣ, ки аз донишмандони соҳибному соҳибназари Эрон аст, дар мақолайи муфассале, аз ҷумла, менигорад, ки «Муслиҳуддин Абумуҳаммад Абдуллоҳи писари Мушаррафуддин Абуабдуллоҳ ибни Муслиҳ ибни Мушаррафи Шерозӣ аз қабилайи Банӣ Саъд аз аҳфод (наберагон, зодагон)-и Саъд ибни Уббодаи Хазраҷийи Ансорӣ, саҳобайи машҳур ба Саъди Ғаюр будааст. Ибни Уббодайи Ансорӣ–яке аз аҳфоди Ибни Саъд, пеш аз садайи панҷум ба Форс омадаву дар Шероз иқомат гузида, тоифайе аз уламойи диниро дар он шаҳр бо нисбати Саъдӣ ба вуҷуд оварда будааст.*

Муслиҳуддини Абдуллоҳ аз издивоҷи Мушаррафуддин Абуабдуллоҳ Саъдийи Ансорӣ бо хоҳари Зиёуддини Масъуд ибни Муслиҳи Табиби Козирунӣ ба вуҷуд омада, лақаби «муслиҳ»-ро аз ду ниё–падариву модарийи худ ба ирс бурда будааст…

…Бино бар ин, наметавон бад-он чӣ Ибни Фавтию Ҳамдуллоҳи Муставфию Фасеҳи Хофӣ дар нисбати ӯ ба «Саъд ибни Атобаки Абубакр ибни Саъд ибни Зангӣ» навиштаанд, ба назари эътибор нигарист, зеро Саъдӣ пеш аз рӯзгори вилояти аҳди ӯ ҳам бо номи Саъдӣ шинохта мешуд ва ҳангоми бозгашт ба Шероз аз сафари Шом бо ӯ иртибот ёфтаву дар «Гулистон»-у «Бӯстон» аз ӯ ном бурдааст. Ҳамон тавре, ки интисоби ӯ ба Атобак Саъд ибни Зангӣ, падари Атобак Абубакр ва ҷадди Саъди дувум, ки дар «Сулламус-самовот» зикр ёфтааст, дархури эътибору тавоҷуҳ нест».–(Зикри ҷамили Саъдӣ, ҷ. 3; Нукоте дар саргузашти Саъдӣ, навиштайи Муҳаммад Муҳити Таботабойӣ).

*****То ин ҷо*** *наътҳое, ки зикр шуд, баройи шоҳзода Саъд ибни Абубакр буд ва аз ин пас нуъути шоҳ Абубакрро мешуморад.*

**Шоҳаншоҳал-муъаззам*–муъаззам–бузургшумурда, мавриди таъзим.

***Мавлоум мулукил-араби вал-аҷами*–сарвари шоҳони тозиву ҷуз тозӣ.

***Султонул-барри вал-бахри*–фармонравойи хушкиву дарё.

***Вориси мулки Сулаймон*–меросбари подшоҳӣ ё мамлакати Ҳазрати Сулаймон-паёмбар(с), ки ба ҳишмату ҳикмат машҳур аст. Ҳамчунин, «мулки Сулаймон» киноя аз Форс аст. Ҳофиз гӯяд:

Дилам аз ваҳшати зиндони Сикандар (= Язд) бигирифт,

Рахт барбандаму то мулки Сулаймон (= Форс, Шероз) бираванам!

**Музаффаруддин Абебакр ибну Саъд ибну Зангӣ*–шашумин подшоҳ аз силсилайи Сулғуриён, ки аз 623 то 658 ҳ.қ. ҳукумат кардаву ҳомиву мамдуҳи Саъдӣ буда ва китобҳойи «Бӯстон»-у «Гулистон» бо зикри номи ӯстанд.

**Адомаллоҳу иқболаҳумо ва*…–Худованд бахти неки он дуро пойдор бидораду бузургиашонро дучандон кунад ва оқибати он дуро бо ҳар хубӣ қарин созад).

Гар илтифоти Худовандияш биёрояд,
Нигорхонайи чинию нақши артангист!***
Умед ҳаст, ки рӯйи малол дарнакашад,
Аз ин сухан, ки гулистон на ҷойи дилтангист!
Алалхусус, ки дебочайи ҳумоюнаш**
Ба номи Саъди Абубакр Саъд ибни Зангист!**

(****Нақши артангӣ*–«артанг», «аржанг», «арсанг», «ардҳанг». Китоби мусавваре мансуб ба Монӣ. Шодравон Тақизода дар китоби «Монӣ ва дини ӯ» (саҳ. 23-24) менависад: Инҷили зинда ё Инҷили Монӣ, ки қитаъоте аз он дар осори Турфон ба даст омада, бар 22 қисмат, мутобиқи 22 ҳарфи таҳаҷҷийи оромӣ, бино шудаву зоҳиран як ҷилд олбуми тасовир, ки мубаййину нишондиҳандайи матолиби китоб буда… Аз ин китоби «Артанг» ҳанӯз дар қарни панҷум (яъне, аҳди салотини ғазнавию салҷуқӣ) нусхае дар Ғазна вуҷуд доштву Абулмаъолӣ дар китоби форсии худ «Баёну-л-адён «аз он ҳарф мезанад».

***Абубакри Саъд ибни Зангӣ*–«Абубакри Саъд: Атобак Музаффаруддин Абубакр ибни Саъд ибни Зангӣ. Мутаваффои 658 ҳ. қ., шашумин атобак (623-658 ҳ. қ.) аз силсилайи Атобакони Форс… Шайх Саъдӣ бо ин атобак муъосиру марбут буд ва кито-

би «Гулистон»-у «Бӯстон»-ро ба номи ӯ кард…» («Доиратул-маъорифи форсӣ»).

******Дебочайи ҳумоюн:*** *хутбайи фархунда ва маймуни китоб.*

******Ҳумоюн****–монанди ҳумо. Маънойи ду байти ахир: Умед он, ки шоҳзода аз мутолаъаи ин суханон рӯй дарҳам накашад, чӣ ин маҷмӯъаро «Гулистон» ном аст ва гулзор ҷойи шодист, на андӯҳ, бавижа, он ки хутбайи ҳумоюни ин китоб ба номи шоҳзода Саъд ибни Абубакр ибни Саъд ибни Зангист).*

* * *

Дигар арӯси фикри ман аз беҷамолӣ сар барнаёраду дидайи яъс аз пушти пойи хиҷолат барнадорад ва дар зумрайи соҳибдилон мутаҷаллӣ (*ҷилвагар, намоён*) нашавад, магар он гаҳ ки мутаҳаллӣ гардад (*ороста шавад*) ба зевари қабули амири кабир, олими одил, муъайяди музаффари мансур, заҳири сарири салтанат ва мушири тадбири мамлакат**, каҳфулфуқаро, малоз-ул-ғурабо, мураббийюлфузало, муҳиббулатқиё, ифтихори Оли Форс, яминулмулки маликулхавос, фахруддавлати ваддин, ғиёсулисломи валмуслимин, ъумдатулмулуки вассалотин–Абубакр ибну Абинасрин***, атолаллоҳу* ъумраҳу ва аҷалла қадраҳу ва шараҳа садраҳу ва зоъафа аҷраҳу, ки мамдуҳи акобири офоқ асту маҷмӯъи макорими ахлоқ.

(*****Маънойи ин ду ҷумла****: Арӯси андешаи ман аз нозебоӣ сар баланд намекунад ва чашми навмедӣ аз пушти пойи шармандагӣ барнамедорад ва дар ҷамъи соҳибназарон ошкор намешавад, ҷуз он ки ба пирояйи қабули амири бузург ороста шавад.*

Баргардони наътҳо *(аз Юсуфӣ)****:***

Муъайяди музаффари мансур: *таъйидшуда (неруёфта), пирӯз, ёридида.*

Заҳири сарири салтанат….: *пуштбони тахти подшоҳӣ ва ройзан дар кишвардорӣ.*

Каҳфулфуқаро: *паноҳи ниёзмандон.*

Малоз-ул-ғурабо: *паноҳгоҳи ғарибон.*

Мураббийюлфузало: *парварандайи аҳли фазл.*

Муҳиббулатқиё: *дӯстдорандаи парҳезгорон.*

Ифтихору Оли Форс*–фахри хонадони Порс.*

Яминулмулк: *дасти рости подшоҳӣ.*

Маликулхавос: *миҳтари хоссони даргоҳ.*

Фахруддавлати ваддин: *ифтихори давлату дин.*

Ғиёсулисломи валмуслимин: *фарёдраси ислому мусалмонон.*

Ъумдатулмулуки вассалотин: *такягоҳи маликону султонон.*

Абубакр ибни Абинаср: *Амир Фахруддини Абубакр ибни Абинасри Ҳавоиҷӣ–аз баркашидагони Атобак Абубакр ибни Саъд ибни Зангӣ, ки дар дастгоҳи ӯ ба вазорат ҳам расид. Марде хайёру ободгар буд.*

*****Атолаллоҳу ъумраҳу…:*** *Худованд умри ӯро дарозу мартабайи ӯро бузург кунод ва синайи ӯро кушода (дилашро масрур) гардонод ва подоши ӯро дучандон диҳод.)*

Ҳар кӣ дар сояйи иноятӣ ӯст,
Гунаҳаш тоъат асту душман дӯст.*

*(****Ҳар кӣ дар сояйи…:*** *ҳар кас дар паноҳи таваҷҷуҳу лутфи ӯ воқеъ шавад, ба баракати вуҷуди вай гуноҳаш фармонбурдорӣ ба шумор меояд ва душман бо ӯ дӯст мешавад).*

Ба ҳар як аз сойири*** бандагони ҳавошӣ хидмате мутаъаййин *(махсус)* аст, ки агар дар адойи бархе аз он таҳовуну такосул *(саҳлангориву сустӣ)* раво доранд, дар маърази хитоб оянду дар маҳалли итоб *(мавриди бозхосту сарзаниш воқеъ мешаванд),* магар бар ин тоифайи дарвешон, ки шукри ниъмати бузургон воҷиб аст. Ва зикри ҷамилу дуъои хайру адойи чунин хидмате дар ғайбат авлотар аст, ки дар ҳузур, ки он ба тасаннуъ *(зоҳирсозӣ, хушомадгӯӣ)* наздик аст ва ин аз такаллуф дур.

(******Сойири бандагон:*** *сойир дар асл ба маънои ҳама ва ҷамиъ аст, чунонки Саъдӣ дар ҷойи дигар гӯяд: «Сойири ҳукамо аз таъвили он фурӯ монданд». Аммо дар қуруни баъд то ба имрӯз таҳаввули маъноӣ ёфта ва ба маънойи бақия ва дигар аст. Ҳавошӣ (ҳошияҳо)–муфради он–ҳошия; атрофиён).*

Пушти дутои фалак** рост шуд аз хуррамӣ,
То чу ту фарзанд зод модари айёмро.
Ҳикмати маҳз аст, агар лутфи Ҷаҳонофарин
Хос кунад бандае** маслаҳати омро.
Давлати ҷовид ёфт, ҳар кӣ накӯном зист,
К-аз ақибаш зикри хайр зинда кунад номро!
Васфи туро гар кунанд вар накунанд аҳли фазл,
Ҳоҷати машшота нест рӯйи дилоромро**.

(*****Пушти дутои фалак: яъне****, ҳамин ки (то) баройи модари рӯзгор фарзанде чун ту мутаваллид шуд, пушти хамидайи чарх аз*

нишоту хуррамӣ рост гашт.

***Хос кунад бандае: яъне**, ҳамоно лутфи Офаридгор сарфи хайр аст, ки баройи салоҳи кори ҳамагон яке аз бандагонро баргузинаду ба подшоҳӣ махсус гардонад.*

***Маънойи байт:** Чӣ донишварон туро биситоянд, чӣ наситоянд, яксон аст; Чунонки чиҳрайи зеборо ниёз ба ороишгар нест, худ зебову дилбар аст).*

* * *

Тақсиру тақоъуде***, ки дар мувозабати хидмати боргоҳи худовандӣ меравад, бино бар он аст, ки тоифайе аз ҳукамойи Ҳиндустон дар фазойили Бузурҷмеҳр сухан мегуфтанд. Ба охир ҷуз ин айбаш надоштанд, ки дар сухан гуфтан батиъ аст*, яъне, диранги бисёр мекунад ва мустамиъро басе мунтазир бояд будан, то тақрири сухане кунад. Бузурҷмеҳр бишниду гуфт: «Андеша кардан, ки чӣ гӯям, биҳ аз пушаймонӣ хӯрдан, ки чиро гуфтам»*.

(****Тақсиру тақоъуд:** кӯтоҳиву ин даству он даст кардан. Дар сухан гуфтан батиъ аст–«батиъ» бар вазни «васиъ» талаффуз бояд шавад ё, филмасал, бар вазни «қатиъ», аммо имрӯза баъзе аз мардум онро бар вазни «қатъӣ» талаффуз мекунанд, ки нодуруст аст, зеро «батиъ» бар вазни фаъил (сифати мушаббаҳа) аз масдари «бутуъ» (кундӣ) аст. Батиъ, яъне, кунду сангинҳаракот).*

Сухандони парварда. пири куҳан,
Бияндешад, он гаҳ бигӯяд сухан**.
Мазан, то тавонӣ. ба гуфтор дам,
Накӯ гӯй, гар дер гӯйӣ, чӣ ғам?!
Бияндешу он гаҳ баровар нафас
В-аз он пеш бас кун, ки гӯянд бас!
Ба нутқ одамӣ биҳтар аст аз давоб,
Давоб аз ту беҳ, гар нагӯйӣ савоб!***

(***Маънойи ин байт**: пири калонсоли суханшиноси тарбиятёфта нахуст андеша мекунад, пас забон ба сухан мекушояд;*

****Ба нутқ одамӣ биҳтар аст аз давоб:** давоб ҷамъи добба аст, яъне, ҷунбанда, ҷонвар, ҳайвон. Ин калима дар Қуръони Карим чаҳор бор кор рафтааст (Анфол, 22, 55; Ҳаҷҷ, 18; Фотир, 28).*

Факайфа, дар назари аъёни ҳазрати худовандӣ***, азза насруҳу*, ки маҷмаъи аҳли дил асту маркази уламойи мутабаҳҳир

*(*бисёр доно, моҳир)*, агар дар сиёқати сухан *(*сухан рондан)* далерӣ кунам, шӯхӣ карда бошам* ва бизоъати музҷот* ба ҳазрати азиз оварда*. Ва шабаҳ дар ҷавҳариён ҷаве наёраду*** чароғ пеши Офтоб партаве надорад ва манорайи баланд бар кӯҳи Алванд паст намояд!

(******Факайфа:*** *пас чӣ гуна бошад. Ин калима бо ҳамин маънӣ қуръонист ва борҳо дар Қуръони Карим ба кор рафтааст, аз ҷумла –*

فَكَيْفَ إِذَا جَمَعْنَاهُمْ لِيَوْمٍ لاَّ رَيْبَ فِيهِ.

(Оли Имрон(3), 25,–«То чун бувад ҳоли онон ҳангоме, ки баройи рӯзи Растохез онҳоро фароҳам оварем, ки он рӯз ҷойи шакку гумон нест…»–(аз «Кашф-ул-асрор»–О. Ш.).

*******Дар назари аъёни ҳазрати худовандӣ:*** *аъён ҷамъи ъайн аст, яъне, сарон, бузургон, чунонки имрӯз ҳам дар таъбири «аъёну ашроф» ё «аъёни шаҳр» зинда аст. Ҳазрат, яъне,–ҳузур, даргоҳ, дарбор. Худовандӣ–киноя аз подшоҳ аст.*

*****Азза насруҳу:*** *ҷумлаи дуъойист, ки онро ғолибан чунин маънӣ кардаанд: пирӯзияш бузургу гиромӣ бод!*

*****Шӯхӣ карда бошам:*** *густохиву ҷасорат карда бошам.*

*****Бизоъати музҷот:*** *сармояйи ночиз; муқтабас аст аз ояи 88, сурайи Юсуф (12).*

*****Ҳазрати азиз:*** *даргоҳи азиз. Боз ҳам ишорест ба ояи мазкур дар фавқ ва ин ки чун бародарони Юсуф (а) бар азизи Миср (Юсуф) ворид шуданд, гуфтанд: «Ай азизи Миср, мову хонаводаамон ба фақру қаҳтӣ дучор шудему бо матоъе ночиз назди ту омадем»…*

*******Шабаҳ дар ҷавҳариён ҷаве наёрад:*** *шабаҳ, яъне, санги камарзиш, ки аз санги одӣ биҳтару марғубтар аст, вале дар муқояса бо сангҳои қимат арзиши чандоне надорад.*

Дар ҷавҳариён*–яъне, дар назди ё дар бозори ҷавоҳириён ё ҷавоҳирфурӯшон.*

******Мазмуни чанд ҷумлаи ахир****: ман, ки дар гуфтугӯ бо мардум сода таъвил мекунам, пас дар баробари миҳтарони боргоҳи шоҳӣ, ки анҷумани хирадмандону доноён аст, чӣ гуна забон ба сухан кушояму маро ҷуз хомӯшӣ чора нест, чӣ агар сухане бар забон оварам, густохӣ кардаву бо мояи андак (дониши кам) ба даргоҳи азиз (подшоҳ) омадаам).*

Ҳар кӣ гардан ба даъвӣ афрозад*,
Хештанро ба гардан андозад*.

Саъдӣ афтодаест озода*,
Кас наёяд ба ҷанги афтода!
Аввал андеша в-он гаҳе гуфтор,
Пойбаст омадасту пас девор!

(***Ҳар кӣ гардан…:*** *ҳар кас ба иддиъое сар баланд намояду худнамойӣ кунад, худро бар хок хоҳад афканд.*

Афтода: *фурӯтан, хоксор.* ***Озода****–воръаставу озод аз банди дилбастагиҳойи дунявӣ).*

Нахлбандӣ* донам, вале на дар бӯстон ва шоҳидӣ фурӯшам, валекин на дар Канъон*. Луқмонро гуфтанд:

– Ҳикмат аз кӣ омӯхтӣ?

Гуфт:

– Аз нобиноён, ки то ҷой набинанд, пой наниҳанд. «Қаддимилхуруҷа қаблалвулуҷи»*. Мардият биозмой в-он гаҳ зан кун *(издивоҷ кун)*.

(***Нахлбандӣ:*** *«нахлбанд, бар вазни нақшбанд, шахсеро гӯянд, ки суратҳойи дарахтону меваро аз мум созад» («Бурҳони қотиъ»). **«Нахлбандӣ донам, вале на дар бӯстон»: яъне, метавонам гулу гиёҳ ва дарахту меваи маснуъӣ бисозам, вале ин корро дар бӯстон–дар баробари гулу гиёҳ ва меваҳойи хушрангу зиндайи табиъӣ анҷом намедиҳам, зеро дар ин рақобат бозанда хоҳам буд.*

Канъон: *номи қадими Фаластин, зодгоҳи Юсуф (а). Мақсуд он ки нахлороийи ман дар баробари дарахтҳойи бӯстон ва ҷилва фурӯхтани зебоиям дар Канъон (ки шаҳри Юсуф асту ӯ худ ба зебоӣ машҳур аст) равнақе надорад. Манзур аз нахлоройӣ ва ҷилвайи ҳуснфурӯшӣ суханоройист ва «бӯстон»-у «Канъон» ишораест ба боргоҳи мамдуҳ).*

***Луқмон** ё Луқмони ҳаким, шахсияти афсонайӣ дар давраи ҷоҳилияти араб, ки дар Қуръон аз ӯ ёд шуда ва сурайе (= сурайи сивуякум (Луқмон) аз Қуръон низ ба номи ӯст.*

*«**Луқмон:** мурод аз Луқмон ибни Боъувро, ҳакими номӣ, хоҳарзодайи Айюб, алайҳиссалом ва шогирди Ҳазрати Довуд аст» (Хатиби Раҳбар). Ҳамчунин ниг. ба ҳикояти якуми боби савуми ҳамин китоб–О. Ш.).*

***Қаддимилхуруҷа…:** берун омаданро бар дохил шудан муқаддам бидор, мақсуд он ки нахуст онро пешбинӣ кун).*

Гарчи шотир бувад хурӯс ба ҷанг,
Чӣ занад пеши бози рӯйинчанг?!
Гурба шер аст дар гирифтани муш,
Лек муш аст дар масофи паланг!

Аммо ба иътимоди саъати ахлоқи бузургон, ки чашм аз ъавоиби зердастон бипӯшанду дар ифшои ҷаройими кеҳтарон накӯшанд, калимае чанд ба тариқи ихтисор аз наводиру амсолу шеъру ҳикоёту сияри мулуки мозӣ, раҳимаҳумуллоҳ**, дар ин китоб дарҷ кардему бархе аз умри гаронмоя бар ӯ харҷ. Мӯҷиби таснифи китоб ин буд ва биллоҳиттавфиқ***.

*(****Сияри мулуки мозӣ:** равишҳо ва хубиҳо (сиратҳо)-йи подшоҳони гузашта. Сират–равиш, рафтор, хӯй.*

*****Раҳимаҳумуллоҳ:** Худо раҳматашон кунод.*

*******Ва биллоҳиттавфиқ:** тавфиқ (мувофақати тақдири Илоҳӣ бо тадбири инсонӣ) ва ёвариву ёрӣ аз ҷониби Худованд аст).*

Бимонад солҳо ин назму тартиб,
Зи мо ҳар зарра хок афтода ҷое.
Ғараз нақшест, к-аз мо бозмонад,
Ки ҳастиро намебинам бақое.
Магар соҳибдиле рӯзе ба раҳмат
Кунад дар кори дарвешон дуъое**.

(*****Маънойи ду байти ахир**: Сурате (ё нақше) аз андешайи мо дар қолаби сухан барҷой бимонад, чӣ зиндагиро саботу давоме нест; шояд, ки рӯзе соҳибназаре ин номаро бихонад ва аз сари меҳр дар ҳаққи мо, дарвешону ниёзмандони даргоҳи Ҳақ, дуъое кунад).*

Имъони назар дар тартиби китобу таҳзиби абвоб эҷози сухан маслаҳат дид (***Жарфандешӣ дар оростану пиростани китоб ва бобҳои он кӯтоҳ кардани суханро салоҳ дид (ё нек шумурд)*, то бар ин равзайи ғаннову ҳадиқайи улё чун Биҳишт ҳашт боб** иттифоқ афтод. Аз он мухтасар омад**, то ба малол наянҷомад**.

(***Равзайи ғанно:** гулзори бисёрдарахт («Мунтаҳ-ал-араб»).*

***Ҳадиқайи улё:** «Ин забти табъи Фурӯғӣ, ки заъифу марҷуҳ аст. Забти «Гулистон», тасҳеҳи шодравон Юсуфӣ, Хазоилӣ ва доктор Хатиби Раҳбар дуруст аст: «Ҳадиқайи ғалбо», зеро бетардид, ба иборати қуръонӣ назар дорад: ва «ҳадойиқи ғулбо»*

Абаса, 30,) (ва бӯстонҳойи анбӯҳ). «Ғулбо» ки дар ин оя ба кор рафтааст, аз ҷамъи ғалбост» (Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ).

******Ҳашт боб:*** *ҳашт дар. Биҳишт яке беш нест, вале чун бисёр бузург аст, ҳашт дар дорад ва гӯйӣ ҳар боби он худ Биҳиште ҷудогона аст. Номи ҳашт Биҳишт ин аст: Доруссалом, Дорулхулд, Дорулқарор, Ҷаннати адн, Ҷаннатун-наъим, Ҷаннатулмъво, Иллиййин, Фирдавс.*

******Аз он мухтасар омад:*** *Бад-он сабаб кӯтоҳ гуфта шуд, то хонданаш ба дилтангӣ накашад).*

Боби аввал: дар сирати подшоҳон,
Боби дувум: дар ахлоқи дарвешон,
Боби савум: дар фазилатиқаноъат,
Боби чаҳорум: дар фавойиди хомӯшӣ,
Боби панҷум: дар ишқу ҷавонӣ,
Боби шашум: дар заъфу пирӣ,
Боби ҳафтум: дар таъсири тарбият,
Боби ҳаштум: дар одоби суҳбат.

Дар ин муддат, ки моро вақт х(в)аш буд,
Зи ҳичрат шашсаду панҷоҳу шаш буд**.

Муроди мо насиҳат буду гуфтем,
Ҳаволат бо Худо кардему рафтем.

(*****Маънойи байт:*** *Дар ин айём, ки вақти мо хуш буд, сол баробари 656 ҳичрӣ буд.*

Насиҳат: *хайрхоҳӣ ва андарз.*

Маънойи мисраъ*: Туро ба Худо супурдему худ рахти сафар барбастем).*

Боби аввал

ДАР СИРАТИ ПОДШОҲОН

Ҳикоят (1)

Подшоҳеро шунидам, ба куштани асире ишорат кард. Бечора дар он ҳолати навмедӣ маликро душном додан гирифту сақат *(душном додан, сухани дурушт)* гуфтан, ки гуфтаанд: «Ҳар кӣ даст аз ҷон бишӯяд, ҳар чӣ дар дил дорад, бигӯяд».

Вақти зарурат чу намонад гурез,
Даст бигирад сари шамшери тез**.

(***Маънойи байт:** Ҳангоми бечорагӣ, ки роҳи гурез баста шавад, дасти бараҳна бо шамшери бурандайи хасм даровезад ва ба ҷанг бархезад).*

Изо йаъисалинсону тола лисонуҳу,
Касиннаври мағлубин ясулу ъалалкалби***.

*(***Изо йаъисалинсон:** ҳангоме, ки инсон навмеду дармонда шавад, забонаш дароз гардад (ва ҳар чӣ дар дил дораду эҳсос кунад, бигӯяд), монанди гурбайи дармондаву шикастхӯрда, ки бар саг ҳамла оварад. Аз назари мутобақати сифату мавсуф бояд мегуфт: «касиннаврин мағлубин», вале ба риъояти вазни шеър «синнавр»-ро бидуни танвин овардааст).*

Малик пурсид:

– Чӣ мегӯяд?

Яке аз вузаройи некмаҳзар гуфт:

– Ай, худованд, ҳамегӯяд: «Ва-л-козимина-л-ғайза ва-л-ъофина ъани-н-носи».

وَالْكَاظِمِينَ الْغَيْظَ وَالْعَافِينَ عَنِ النَّاس.

*(*Оли Имрон(3), қисмате аз ояи 134, ки матну маънойи он чунин аст: Онон, ки дар фарохиву тангдастӣ аз моли худ инфоқ кунанд ва хашму ғазабро фурӯ хуранду бар мардум бибахшоянд (накӯкоранд) ва Худо накӯкоронро дӯст медорад).*

Маликро раҳмат омаду аз сари хуни ӯ даргузашт. Вазири дигар, ки зидди ӯ буд, гуфт:

– Абнойи ҷинси моро нашояд дар ҳазрати подшоҳон ҷуз ба ростӣ сухан гуфтан. Ин маликро душном доду носазо гуфт.

Малик рӯй аз ин сухан дарҳам оварду гуфт:

– Он дурӯғи вай писандидатар омад маро аз ин рост, ки ту гуфтӣ, ки рӯйи он дар маслаҳате буду бинои ин бар хубсе. Ва хирадмандон гуфтаанд: дурӯғе маслаҳатомез*** биҳ, ки росте фитнаангез!*

(***_**Дурӯғе маслаҳатомез…:** ин иборати Саъдӣ ҳукми масали сойир ва, ҳатто, ҳукми дастури ахлоқӣ пайдо кардааст ва маъракайи оройи удабову ахлоқиюн аст; баъзе ибоҳа (раво донистан, ҷоиз шумурдан–О. Ш.) ва раводорийи шадиди онро намеписанданд. Шодравон Юсуфӣ дар зайли тавзеҳи ин иборат чандину чанд матлаб ва мақоларо дар ин бора суроғ додааст ва дар поён назари худро чунин нигоштааст: «Лузуми парҳез аз «рости фитнаангез» чандон аст, ки «дурӯғи маслаҳатомез» бар он тарҷеҳ натавонад дошт». Назари ин ҷониб ин аст, ки ҳар ҳукму дастуре ахлоқӣ ё ахлоқигуна, монанди ин иборот, қаҳран (ғолибан–О. Ш.) ва ба ҳасри (доирайи–О. Ш.) мантиқиву ақлӣ ё худаш дурусту содиқ аст ё аксаш. Филмасал, «ростгӯйӣ хуб аст», худ дуруст аст. Дар мавриди «мо наҳну фиҳиҳум ло муҳола» ё бояд ин сухан дуруст бошад ё акси он. Аксаш чунин мешавад: рости фитнаангез аз дурӯғи маслаҳатомез биҳтар аст. Ва бутлони (ботил шудан, аз кор афтодан–О. Ш.) ин ҳукм ба ҳукми тачрибаву ақлу ахлоқ возеҳ менамояд. Пас, худаш дурусттар аст, то аксаш.

Як посухи дигар баройи рафъи ғаробати ин ҳукм ё дастургунае ахлоқӣ ба назар мерасад ва он ин аст, ки ёъа накриҳ (ношинос, ношиносӣ) ва ваҳдат (якмаромӣ, ягонагӣ–О. Ш.), ки дар «дурӯғе»-ву «росте» вуҷуд дорад, маънову фаҳвой (мазмун–О. Ш.)-и муҳимме дорад; яъне, гоҳ дурӯғи маслаҳатомез аз рости фитнаангез биҳтар аст.

Посухи савум ин аст, ки дар Қуръони Карим омадааст:

اَلْفِتْنَةُ أَشَدُّ مِنَ الْقَتْلِ

(Бақара(2), 191; яъне, «Фитна, ҳатто, аз қатл ё қатлҳое, ки хоста ё нохоста пеш меояд, бадтар аст!» Лизо, метавон қавли Саъдиро дар партави ин қавли қуръонӣ биҳтар фаҳмид.

**Бадеҳист, ки ҳикоятро бо диққати тамом бояд хонду низ мавриди хос ва руҳи шафақати нависандаро ҳам дар назар гирифт. Мақсуди Саъдӣ он аст, ки лузуми парҳез аз «рости фитнаангез»*

чандон аст, ки «дурӯғе маслаҳатомез» бар он тарҷеҳ тавонад дошт. Бино бар ин, ӯ хостааст бар ин парҳез таъкид кунад ва сухани ӯ марбут ба чунин мавридест, на ҳукме куллӣ, бахусус, ки дар ҳамин китоб омадааст (боби ҳашт: «реше даруни ҷома доштам»– О. Ш.):

Гар рост сухан гӯйиву дар банд бимонӣ,
Биҳ з-он, ки дурӯғат диҳад аз банд раҳойӣ!).

Ҳар кӣ шоҳ он кунад, ки ӯ гӯяд,
Ҳайф бошад, ки ҷуз накӯ гӯяд**.

(***Маънойи байт:** Ҳар он ки шоҳ ба савоби диди вай кор кунад, дареғ бошад, ки ҷуз ба салоҳи бандагони Худо сухане бар забон ронад).*

Бар тоқи айвони Фаридун набишта буд:

(***Тоқи айвон:** шоҳнишини кох. «Шоҳнишин»–айвони барҷастатар аз сатҳи қаср, ки вижайи нишастани шоҳ аст; миҳроб, сақфи хамида. **Айвон**–кох ва суффа).*

Ҷаҳон, ай бародар, намонад ба кас,
Дил андар Ҷаҳонофарин банду бас**.
Макун*** такя бар мулки дунёву пушт,
Ки бисёр кас чун ту парварду кушт.
Чу оҳанги рафтан кунад ҷони пок,
Чӣ бар тахт мурдан, чӣ бар рӯйи хок!**

(***Маънойи байти аввал**: Дил ба маҳаббату утуфат (дӯстӣ, меҳрбонӣ)-и Илоҳӣ хуш кун ва аз ҷуз Худо рӯй битоб, ки Ӯ туро бас аст!).*

****Макун такя бар…: яъне**, такяву пушт макун (иътимод макуну иттико макун). Маъруф аст, ки ин байт аз Асадийи Тусӣ (дар «Гаршоспнома») мебошад. Ва маълум нест, худи Саъдӣ онро овардааст ё котибон ворид кардаанд. (Ниг. дар ин бора баёддошти шодравон Юсуфӣ бар ин байт).*

***Пушт [макун]**: «пушт кардан» дар ин ҷо ба маънойи «такя кардан, пушт додан» омадааст.*

Шодравон Абдулазими Қариб дар «Муқаддима бар «Гулистон» бо зикри ин нукта, ки «Макун такя бар…» аз «Гаршоспнома»-и

*Асадийи Тусист, дарҷи он (ва бархе абёт аз дигарон)-ро дар «Гулистон» бо сухани Саъдӣ дар охири китоб (с. 191), ки «аз шеъри мутақаддимон ба тариқи истиъорот талфиқе нарафт» муғойир ёфтаву ҳадс задааст, ки «Саъдӣ дар вақти сурудани шеъри фавқ чунин тасаввур кардааст, ки зодайи хотири ӯст… ё он, ки бояд онро ҳамл бар таворуд намуд». (**таворуд**–аз ҷумла «шеър сурудани ду шоъир бидуни иттилоъ аз якдигар, ба тавре ки шеърашон лафзан ва мазмунан (ё яке аз ин ду) айни ҳам ё монанди якдигар бошад» (Доктор Муҳаммади Муъин–О. Ш.).*

Марҳум Муҳаммади Қазвинӣ менависад, ки муъаллифи «Маҷмаъулфусаҳо» (1/139) байти манзурро ба Асадийи Тусӣ нисбат медиҳад (Ёддоштҳои Қазвинӣ, 5/126). Натиҷайи баҳси муфассал ва изҳори назари оқои доктор Ҷаъфари Муъайяди Шерозӣ дар мавриди ин байт (бо ишора ба ин, ки дар «Гаршоспнома»-и Асадийи Тусӣ, тасҳеҳи Ҳабиби Яғмойӣ, чунин байте вуҷуд надорад) ва назоири он аз ин қарор аст, ки мумкин аст чанд байте, ки аз гӯяндагони дигар дар «Гулистон» дида мешавад, афзудайи котибон ё мударрисон буда бошад, ки ба таносуби мавзӯъ вориди китоб кардаанд ё шояд нахуст Саъдӣ онҳоро дар «Гулистон» овардаву баъд, дар таҷдиди назар, пас аз ҳазфи онҳо, ҷумлаи «аз шеъри мутақаддимон…»-ро афзудааст.

******Оҳанги рафтан:*** *ба рафтан азм кардан. Маънойи байти охир: Ҳангоми оҳанги ҷону эҳтизор (фаро расидани ҳангоми марг–О. Ш.). шоҳи тахтнишин ва гадойи роҳнишин яксон тан ба марг диҳанд.*

*****Мазмуни*** *ин байт дар осори Саъдӣ мукаррар аст; аз ҷумла дар «Бӯстон» овардааст:*

Ту гар комронӣ ба фармону ганҷ,
Дигар кас фурӯ монда дар заъфу ранҷ.
Ба дарвозаи марг чун даршавем,
Ба як ҳафта бо ҳам баробар шавем.

Ҳикоят (2)

Яке аз мулуки Хуросон** Маҳмуди Сабуктакинро ба хоб чунон дид, ки ҷумла вуҷуди ӯ рехта буду хок шуда, магар чашмони ӯ, ки ҳамчунон дар чашмхона ҳамегардиду назар мекард. Сойир *(бақия)*-и ҳукамо аз таъвили ин фурӯ монданд. Магар дарвеше, ки ба ҷой** оварду гуфт:

– Ҳанӯз нигарон аст, ки мулкаш бо дигарон аст.

(****Мулуки Хуросон:** *подшоҳони Хуросон. Хуросон, яъне, машриқ, Хур-оён (Хуроён). Рӯдакӣ фармояд:*

Меҳр дидам, бомдодон чун битофт,

Аз Хуросон сӯйи Ховар мешитофт.

Сарзамини паҳновари Хуросонро аз он ҷиҳат, ки иёлати шарқийи Эрон аст, Хуросон гуфтаанд.

******Ба ҷой овард:*** *бозшиноху ташхис доду дарёфт.*

Маънойи ҷумла*: Ҳанӯз ҳам ба ҳасрат бар подшоҳии худ менигарад, ки ба дасти дигарон афтодааст).*

Бас номвар ба зери замин дафн кардаанд,
К-аз ҳастияш ба рӯйи замин бар-нишон намонд.
В-он** пирлошаро, ки супурданд зери гил,
Хокаш чунон бихӯрд, к-аз ӯ устухон намонд.
Зинд(а)аст номи фаррухи Нӯшинравон** ба хайр,
Гарчи басе гузашт, ки Нӯшинравон намонд.
Хайре кун, ай фулону ғанимат шумор умр**,
З-он пештар, ки бонг барояд: «Фулон намонд!».

(***Маънойи байти «В-он пирлоша»****: Колбади он пири фартутро, ки дар замин дафн карданд, хок чунон фурӯ хӯрд, ки ҳатто устухоне ҳам аз ӯ барҷой нагузошт;*

Нӯшинравон*–ҷовидравон, бемарграван; лақаби Хусрави Аввал, подшоҳи номбурдори Сосонӣ (531–579), аз «Ҳавошийи «Бурҳони қотиъ»-и доктор Муъин», ки ба сурати «Анӯширвон» ва «Анӯшарвон» низ омадаст. Номи фаррухи Нӯшинравон–исми муборак ва хуҷастаи Анӯширвон.)*

******Ғанимат шумор умр:*** *умрро суди хеш бидону қадри он бишнос! «Ғанимат» дар форсӣ ба маънойи суду фоида ва, ҳамчунин, чизе, ки аз душман ба зӯр гирифта шавад ё моли бе ранҷ бадастомада.*

Маънойи байт*: Ай фулон, некӣ куну умрро суди хеш дону қадр бишнос, пештар аз он, ки овозаи марги ту ба гӯши ҳамагон расад!).*

Ҳикоят (3)

Маликзодаеро шунидам, ки кӯтоҳ буду ҳақир ва дигар бародарон баланду хубрӯй. Боре падар ба кароҳат ва истиҳқор дар ӯ назар мекард. Писар ба фиросат истибсор ба ҷой оварду гуфт: «Ай падар, кӯтоҳи хирадманд биҳ, ки нодони баланд! На ҳар чӣ ба

қомат миҳтар, ба қимат биҳтар!»** Гуфтаанд–«Ашшоту назифатун валфилу ҷифатун».

(**_**Ҳар баландболое** ба арзиши маънавӣ ва шойистагӣ аз дигарон афзун нест, чӣ дарозийи қомат намудори бешийи донишу фазилат натавонад буд.

***_**Ашшоту назифатун…:** меш (гӯсфанд) пок (ҳалол) асту фил дар ҳукми мурдор аст (чун дар ислом ҳалол нест); яъне, назар ба ботин кард, на зоҳир ва, лизо, мешро бо ҳама кӯчакӣ бар филе бо ҳама бузургӣ руҷҳон бояд дод. «Гӯспанд покиза асту пил мурдори бӯгирифта» (Хатиби Раҳбар).*

Ақаллу ҷиболиларзи Турун ва иннаҳу***
Ла аъзаму ъиндаллоҳи қадран ва манзило.

(***_**Ақаллу ҷиболиларзи Турун…:** пасттарин ва кӯтоҳтарин кӯҳҳойи рӯйи замин кӯҳи Тур (таҷаллигоҳ ва миъоди Мусои калимуллоҳ(а) аст. Ва он, бешак, назди Худованд бузургтарин қадру манзилат дорад).*

Он шунидӣ, ки лоғаре доно
Гуфт боре ба аблаҳе фарбиҳ.
Аспи тозӣ ва гар заъиф бувад,
Ҳамчунон аз тавилайи хар биҳ!

(***Тавила:** расане дарозу ҳалқадор, ки бад-он пойи сутурон бандаанд; маҷозан–истабл (оғил, саисхона).*

***Маънойи байт**: Аспи тозӣ агарчи лоғарандом бошад, ба яқин, бар як тавила хар бартарӣ дорад).*

Падар бихандиду аркони давлат писандиданду бародарон ба ҷон биранҷиданд.

То мард сухан нагуфта бошад,
Айбу ҳунараш нуҳуфта бошад.
Ҳар песа гумон мабар наҳолӣ,
Бошад, ки паланг хуфта бошад**.

(***Ҳар песа гумон мабар наҳолӣ:** «Забти «Гулистон»-и мусаҳҳаҳаи шодравон Юсуфӣ «Ҳар беша гумон мабар, ки холист», ки маънойи равшантаре дорад. Ин иҳтимол ҳам ҳаст, ки*

ҳамин забти Фурӯғӣ асаҳ (дурусттар, саҳеҳтар–О. Ш.)-у ақдам аст, вале чун душвору дерёб будааст, ба дахолати завқу виройиши котибон ба ин сурат ислоҳ шудааст. ***Песа****, яъне, аблақ, сиёҳусапед;* ***наҳолӣ****–шикор ё болишу тушак; яъне, ҳар порчайи дурангро шикор ё нозболишу тушак тасаввур макун, шояд паланге хуфта бошад» (Доктор Хуррамшоҳӣ).*

Дар китоби Ғуломҳусайни Юсуфӣ ба ҷойи «песа» «беша» омада ва ба ҷойи «наҳолӣ» ё «ниҳолӣ»–«холӣ». Ӯ байтро ин гуна шарҳ медиҳад: «Гумон мабар .ки ҳар бешае аз паланг, ки ғолибан дар кӯҳ аст, тиҳист; мумкин аст дар беша ҳам паланг хуфта бошад». Ва нусхаҳойи муътабар чунин аст. Дар бархе аз нусхаҳо: «Ҳар песа, гумон мабар, наҳолӣ» овардаанд; забти матн, ки бар асоси нусхаҳойи муътабар аст ва маънойи равшану сареҳ дорад, бад-ин вуҷуҳ дур аз зеҳн менамояд.

(Аз назари Хатиби Раҳбар:) «Мисраъи аввали ин байт ба ашкол (шаклҳо)-е мухталиф дида мешавад. Дар як нусха чунин омада: «Ҳар беша, гумон мабар, ки холист». Ба назар мерасад, ки забти ахир бар матн тарҷеҳ дошта бошад; яъне, «гумон мабар ҳар беша тиҳӣ аз паланг аст (агарчи куноми паланг кӯҳ аст, на беша); шояд, ки дар он паланге хуфта бошад ва туро бардарад. Пас, ту эҳтиёт ба ҷой ор!»).

Шунидам, ки маликро дар он қурб душмане саъб рӯй намуд. Чун лашкар аз ҳар ду тараф рӯй дар ҳам оварданд, аввалкасе, ки ба майдон даромад, ин писар буд, гуфт:

Он на ман бошам, ки рӯзи ҷанг бинӣ пушти ман,
Он манам, гар дар миёни хоку хун бинӣ саре!**
К-он, ки ҷанг орад, ба хуни хеш бозӣ мекунад,
Рӯзи майдон в-он, ки бигрезад ба хуни лашкаре!

(****Маънойи байт:*** *Ҳамоно ман аз паҳнайи корзор намегурезам ё пирӯз меоям ё чандон бо душман набард мекунам, ки кушта шавам ва «сарамро дар миёни хоку хун мушоҳада кунӣ»).*

Ин бигуфту бар сипоҳи душман заду тане чанд мардони корӣ бияндохт. Чун пеши падар омад, замини хидмат бибӯсиду* гуфт:

(Замини хидмат бибӯсид: *заминро ба расми хидматгузорӣ бӯсид; бӯсидани замин расми вуруд ба даргоҳи подшоҳону бузургон ва низ намудори камоли изҳори эҳтирому фармонбурдорӣ будааст).*

Ай, ки шахси манат ҳақир намуд,
То дуруштӣ ҳунар напиндорӣ.
Асби лоғармиён ба кор ояд
Рӯзи майдон, на гови парворӣ!**

*(**__Парворӣ__: парвардаву фарбиҳшуда, мураккаб аз «парвор» + «ӣ»-и нисбат. Парвор ба маънойи тавила, яъне, гове, ки дар тавила хӯрдаву хобидаву фарбиҳ шуда бошад. Хоқонӣ фармояд:*
Рӯз ба парвор буд, фарбиҳ аз он шуд чунин,
Шаб тани бемор дошт, лоғар аз он шуд чунон.)

Овардаанд, ки сипоҳи душман бисёр буду инон андак. Ҷамоъате оҳанги гурез карданд. Писар наъра заду гуфт: «Ай мардон, бикӯшед ё ҷомаи занон бипӯшед!».
(Саноӣ ҳамрадиф ба ин гуфтайи Саъдӣ фармояд:

Ё бирав ҳамчун занон рангею бӯе пеш гир,
*Ё дарою ҳамчу мардон гӯй дар майдон фикан!**).*

Саворонро ба гуфтани ӯ таҳаввур зиёдат гашту ба якбор ҳамла оварданд. Шунидам, ки ҳам дар он рӯз бар душман зафар ёфтанд. Малик сару чашмаш бибӯсиду дар канор гирифт ва ҳар рӯз назари беш кард, то валиъаҳди хеш кард. Бародарон ҳасад бурданду заҳр дар таъомаш карданд. Хоҳар аз ғурфа бидид, дарича бар ҳам зад. Писар дарёфту даст аз таъом кашиду гуфт: «Муҳол аст, ки ҳунармандон бимиранду беҳунарон ҷойи эшон бигиранд».
(***Муҳол аст, ки…:*** *ин иборати нағз ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Кас наёяд ба зери сояи бум
Вар ҳумой аз ҷаҳон шавад маъдум.

(***Бум***–*ҷуғд, (ё чуғз–О. Ш.), буф, куф.* ***Ҳумой***–*ҳумо, номи парандаест, ки ба фархундагиву хуҷастагӣ машҳур аст. Аз «ҷуғд»-у «ҳумо» ба истиъора беҳунару ҳунарманд мурод аст).*

Падарро аз ин ҳол огаҳӣ доданд. Бародаронашро бихонду гӯшмолӣ ба воҷиб бидод. Пас, ҳар якеро аз атрофи билод ҳисса муайян кард, то фитна бинишасту низоъ бархост *(то оташи фа-*

соду бало хомӯш шуду хусумат аз миён рафт), ки дах дарвеш дар гилеме бихуспанду ду подшоҳ дар иқлиме нагунҷанд.

(***Дах дарвеш дар гилеме бихуспанд…:*** *ин иборати нағз ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ними ноне гар хурад марди Худо,
Базли дарвешон кунад ниме дигар.
Мулки иқлиме бигирад подшоҳ,
Ҳамчунон дар банди иқлиме дигар!

Ҳикоят (4)

Тоифайи дуздони араб бар сари кӯҳе нишаста буданд ва манфази корвон баста. Ва раъийяти булдон аз макойиди эшон маъруб ва лашкари султон мағлуб. Ба ҳукми он, ки малозе манеъ *(паноҳгоҳе баланду устувор)* аз қуллаи кӯҳе гирифта буданд ва малҷаъ *(паноҳҷой)*-у маъвойи худ сохта.

Мудаббирони мамолики он тараф дар дафъи мазаррати эшон мушоварат ҳамекарданд, ки агар ин тоифа ҳам бар ин насақ рӯзгоре мудовамат намоянд, муқовамат мумтаниъ гардад (*истодагӣ дар баробари онон номумкин шавад).*

Дарахте, ки акнун гирифтаст пой,
Ба неруйи марде барояд зи ҷой.
Вагар ҳамчунон рӯзгоре ҳилӣ,
Ба гардун-ш** аз бех барнагсалӣ.
Сари чашма шояд гирифтан ба бел,
Чу пур шуд, нашояд гузаштан ба пил!

(****Ба гардунаш:*** *ба гардунааш, яъне, бо гардуна ӯро. «Гардуна» ё «гардун»–ароба.*

Маънойи ин ду байт*: Дарахти навкошта ба неруйи як тан аз ҷой барканда мешавад, вале агар ба ҳамон ҳол муддате фурӯ гузошта шавад, бо ароба ҳам аз беху бун онро натавонӣ баровард.*

Маънойи байти охир*: ***Сари чашмаро дар ибтидо то пур лаб-рез шуданаш бо бел метавон гирифт, вале чун оби он афзун шуд, бо пил ҳам аз он гузора натавон кард. Саъдӣ дар ҷойи дигар фармояд:*

Дидем басе, ки оби сарчашмайи хурд,
Чун бештар омад, шутуру бор бибурд!)

Сухан бар ин муқаррар шуд, ки яке ба таҷассуси эшон баргумоштанд ва фурсат нигоҳ медоштанд, то вақте, ки бар сари қавме ронда буданд ва мақом холӣ монда. Тане чанд мардони воқиъадидайи ҷангозмударо бифиристоданд, то дар шиъби ҷабал*(роҳ дар кӯҳ)* пинҳон шуданд.

Шабонгоҳе, ки дуздон бозомаданд, сафаркарда ва ғоратоварда, силоҳ аз тан бикушоданду рахту ғанимат биниҳоданд. Нахустин душмане, ки бар сари эшон тохтан овард, хоб буд. чандонки посе аз шаб даргузашт:

Қурси Хуршед дар сиёҳӣ шуд,
Юнус андар даҳони моҳӣ шуд.

***(Маънойи байт:** «Гирдайи Офтоб дар дили зулмат ончунон ниҳон гашт, ки Ҳазрати Юнус дар кому шиками моҳӣ дар шаби торик, дар таҳи дарё. Мурод аз мисраъи дувум муболаға дар сифати торикийи шабу рафтани рӯз аст. Юнус: мурод Ҳазрати Юнуси паёмбар, алайҳиссалом, аст, ки аз тарси озори қавми хеш бе фармони Илоҳӣ тарки онон гуфт ва ба сафари дарё рафт; пас аз се рӯз моҳийи бузурге роҳ бар киштӣ гирифт ва нохудо гуфт: гуноҳкоре дар миёни мост ва то ӯро ба моҳӣ насупорем, киштӣ раҳо нашавад. Юнус гуфт: «Гунаҳкор манам!». Пас аз гуфтугӯйи бисёр вайро ба коми моҳӣ андохтанд. Юнус гирифтори се торикӣ шуд: торикийи шаб, торикийи қаъри дарё ва торикийи шиками моҳӣ. Пас аз чиҳил рӯз, бо амри Худо, моҳӣ вайро аз шикам бароварду ба соҳил афканду назди қавм бозрафт» (Хатиби Раҳбар).*

Доктор Хуррамшоҳӣ пиромуни ин байт: «Дар Қуръони Карим, дар достони Юнуси набӣ(а), омадааст, ки (чун бар асари сангинии бори киштӣ ва пас аз рехтани бисёре колоҳо боз киштӣ дар хатари ғарқ буд) қуръа заданд ва ба номи Юнус даромад, ки ба дарёяш андохтанд ва моҳӣ ё наҳанге ӯро даркашид ва чун ёди Худо кард, дар шиками моҳӣ зинда монд ва моҳӣ (ё наҳанг) ӯро зиндаву солим ба соҳиле афканд ило ахир (сурайи «Соффот»(37), ояи 139 ба баъд). Муроди Саъдӣ аз мисраъи дувум овардани ташбеҳе баройи мисраъи аввал аст; яъне, қурси Хуршед ба ҳамон гуна ба коми торикӣ фурӯ рафт, ки Юнус дар коми моҳӣ рафта буд»).

Мардони диловар аз камин бадар ҷастанд ва дасти якон-якон бар китф бастанд ва бомдодон ба даргоҳи малик ҳозир оварданд. Ҳамаро ба куштан ишорат фармуд. Иттифоқан, дар он миён

ҷавоне буд мевайи унфувони шабобаш наврасида ва сабзайи гулистони ъизораш навдамида.

*(**Камин**–ҷойи пинҳон шудан ба қасди душман. **Китф** (ба касри аввал ва сукуни дувум) ва **кифт** (ба касри аввал ва сукуни дувум) ворунашуда он аст, дар форсӣ ба маънойи шона аст; дар арабӣ «катиф» ба маънойи «шона» меояд).*

Яке аз вузаро пойи тахти маликро бӯса дод ва рӯйи шафоъат бар замин ниҳоду гуфт:

– Ин писар ҳанӯз аз боғи зиндагонӣ бар нахӯрда ва аз раяъони ҷавонӣ таматтуъ наёфта; таваққуъ ба карам ва ахлоқи худованд дист, ки ба бахшидани хуни ӯ бар банда миннат ниҳад.

Малик рӯй аз ин сухан дарҳам кашид ва мувофиқи раъйи баландаш наёмаду гуфт:

Партави некон нагирад, ҳар кӣ бунёдаш бад аст,
Тарбият ноаҳлро чун гирдакон бар гунбад аст**.

(***Партав**–фурӯғ ва равшанойӣ. **Ноаҳл**–носазовору ношойиста. **Гирдакон**–ҷавз (чормағз).*

***Маънойи байт**: **Ҳар кӣ ба аслу ниҳод шариру бад аст, касб (ба даст овардан, ҳосил кардан)-и фурӯғи адаб аз солиҳон накунад , чӣ парвариши носазоён чун гирдакон бар гунбад ниҳодан аст, ки қарор гирифтанаш суратпазир нест).*

Насли фасоди инон мунқатиъ кардан авлотар аст ва бехи табори эшон баровардан, ки оташ нишондану ахгар гузоштан ва афъӣ куштану бачча нигаҳ доштан кори хирадмандон нест.

*(**Ахгар**–порайи оташ. **Афъӣ**–навъе мори заҳрдори бузург.*

**Мазмуни ҷумлайи ахир дар ин байти Фирдавсӣ чунин омадааст:*

Кушӣ афъиву баччааш парварӣ,
Ба девонагӣ монад ин доварӣ!)

Абр агар оби зиндагӣ борад,
Ҳаргиз аз шохи бед бар нах(в)арӣ.
Бо фурӯмоя рӯзгор мабар,
К-аз найи бӯрё шаккар нах(в)арӣ**.

(****Маънойи байт:** Дар суҳбати фурӯмоягон умри хештан*

зойиъ макуну чашми некӣ аз онон мадор, ки аз найи ҳасир (бӯрё) шаккар натавонӣ ёфт!).

Вазир ин сухан бишунид, тавъан*** ва карҳан *(нописанд; чизе, ки инсон онро написанад)* биписандид ва бар ҳусни ройи малик офарин хонду гуфт:

– Он чӣ худованд, дома мулкуҳу, фармуд, айни ҳақиқат аст, ки агар дар суҳбати он бадон тарбият ёфтӣ, табиъати эшон гирифтӣ (ва яке аз эшон шудӣ), аммо банда уммедвор аст, ки дар суҳбати солиҳон тарбият пазирад ва хӯйи хирадмандон гирад, ки ҳанӯз тифл асту сирати бағиву инод дар ниҳоди ӯ мутамаккин нашуда *(яъне, ҳанӯздар сиришти ӯ ситамкориву нофармониву ситезаву гумроҳӣ макон нагирифта)* ва дар хабар аст «Куллу мавлудин юладу ъалал-фитрати фаъабавоҳу йуҳаввидониҳи ва йунассириониҳи ва йумаҷҷисониҳи».

(****Тавъан ва карҳан биписандид:** хоҳу нохоҳ онро биписандид. Аслан ин иборати қуръонист. Дар Қуръони Карим ду бор «тавъан ва карҳан» (Оли Имрон, 83; Раъд, 15) ва ду бор «тавъан ав карҳан» (Тавба, 53 ва Фуссилат, 11) омадааст.

***Куллу мавлудин…:** «Ҳар навзоде бар фитрати пок (тавҳиди фитрӣ) зода мешавад, сипас падару модар ҳастанд, ки ӯро яҳудӣ ё насронӣ (масеҳӣ) ё маҷусӣ (зардуштӣ) бор меоваранд. Насси ин ҳадис дар «Гулистон»-и мусаҳҳаҳи доктор Хатиби Раҳбар ба ҳамин гуна аст, вале забти шодравон Юсуфӣ тафовутҳое дорад» (Хуррамшоҳӣ).*

Дар нусхайи Тошканд ин ҳадис ба гунайи зер омадааст: «Мо мин мавлудин илло ва қад юладу ъало фитратилисломи сумма абавоҳу юҳаввидониҳи ва юнассириониҳи ва юмаҷисониҳи»; яъне, «Ҳар як кӯдак таваллуд намешавад магар дар фитрат (сиришт)-и ислом, пасон падару модараш ӯро яҳудиву насриниву маҷус мекунанд» (тавзеҳи Ӯктами Холиқназар).

***Маҷус:** пайрави Зардушт («Бурҳони қотиъ», маҷус муъарраби муғ, ки дар юнонӣ **Magos** хонда мешавад («Ҳавошийи «Бурҳони қотиъ»-и доктор Муъин); маҷус муъарраби ҳамин **magos** аст. Баъзе аз уламо фитратро сиришти тавҳиду ниҳоди ислом тафсир кардаанд).*

Бо бадон ёр гашт ҳамсари Лут*,
Хонадони нубувваташ гум шуд**.
Саги Асҳоби Каҳф* рӯзе чанд
Пайи некон гирифту мардум шуд**.

(**Ҳамсари Лут:** *Лут аз паёмбарони Банӣ-Исроил, ки қавми ӯ ба фасод гаравиданду нобуд шуданд ва занаш низ нофармону кофир буд (дар ин бораниг. ба Қуръони Карим, Аъроф (83), Ҳуд (81) Ҳиҷр (60) Намл (57), Анкабут (33), Таҳрим (10).*

***Ҳамсари Лут:** зани Лути пайғомбар. Лут ибни Ҳомон ибни Озар бародарзодайи Иброҳим буд, ки аз паёмбарони Банӣ-Исроил аст ва шаҳрҳои қавми ӯ ба сабаби зиштқорӣ ба нафрини Лут ба замин фурӯ рафтаву занаш низ нофармону кофир буд ва Лутро дурӯғгӯй мехонду дар зиштқорӣ бо қавм ҳамдаст буд. Дар баъзе нусах (нусхаҳо–О. Ш.)-и «Гулистон» ба ҷойи мисраъи нахустин «Писари Нуҳ бо бадон биншаст» дида мешавад, ки бар матн мазият дорад. Ва мурод аз «писари Нуҳ» фарзанди нофармони он ҳазрат–Канъон аст, ки чун тӯфон бархост, ба фармони падар гардан наниҳоду дар киштӣ савор нашуд, лоҷарам, ғарқа гашт ва Худованд ба Нуҳ фармуд, ки вай аз аҳли ту нест, ки носолиҳ буд!*

***Саги Асҳоби Каҳф:** Асҳоби Каҳф (ёрони ғор), бино бар ривояти машҳур, ҳафт тан Худопараст буданд, ки дар замони Дақиюс **Decius** (Дақёнус), ампиротури Рум (249–251 м.), ки ба озори худопарастон шуҳрат дорад, ба биёбоне рӯй ниҳоданд. Саге ҳамроҳи онон ба роҳ афтод. Баъд дар ғоре паноҳ ҷустанд ва дар он ҷой, ба хости Худо, чанд сол ба хоб рафтанд. Сипас, ба фармони Худо, бедор шуданд. Дар он муддат, ки дар ғор буданд, саги онон ду соъиди худро бар остонаи он ғор густарда дошт. (Дар ин бораниг. ба Қуръони Карим, сурайи Каҳф(18), оёти 9–22 ва тафосири Қуръон, зайли ин оёт).*

***… ва**, ба фармони Худо, сесад сол бихуфтанд, пас бедор шуданду боз бихуфтанд ва дар Растохез боз бихоҳанд хост.*

***Маънойи байт**: Саги Асҳоби Каҳф ба мусоҳабати ин некони Худопараст дарандахӯйӣ бигузошту одамихӯй шуд).*

Ин бигуфту тоифае аз нудамойи малик бо вай ба шафоъат ёр шуданд, то малик аз сари хуни ӯ даргузашту гуфт: «Бахшидам, агарчи маслаҳат надидам».

Донӣ, ки чӣ гуфт Зол бо Рустами гурд?
«Душман натавон ҳақиру бечора шумурд!»
Дидем басе, ки оби сарчашмайи хурд,
Чун бештар омад, шутуру бор бибурд!

(***Зол**–дар асл «**зор**» (**Zar**) ба маънойи «пир» ва «ро»-и он ба «лом» мубаддал шуда («**зор**» табдил шуда ба «**зол**»); падари Рус-*

там, ки ба муносибати сафедийи мӯяш ба ин ном мавсуф гардида.

***Рустам**–дар решаи паҳлавӣ мураккаб аз «**рус**» ба маънойи «нумув(в)»–рушд кардану бузург шудан, гуволидан; «**таҳам**» (ҳамреша бо «таҳамтан»)–далер (тавзеҳи Муҳаммади Хазойилӣ). **Рустам** (Рустаҳам)–далеру тавоно рушдкарда)*

Филҷумла, писарро ба нозу ниъмат баровардан ва устодон ба тарбияти ӯ насб карданд, то ҳусни хитобу радди ҷавобу одоби хидмати мулукаш даромӯхтанд ва дар назари ҳамгинон писандида омад. Боре вазир аз шамойили ӯ дар ҳазрати малик шаммае мегуфт, ки тарбияти оқилон дар ӯ асар кардааст ва ҷаҳли қадим аз ҷибиллат *(сиришт)*-и ӯ бадар бурда. Маликро табассум омаду гуфт:

*(**Ҳусни хитоб**–ойини некӯ гуфтугӯ кардан; **радди ҷавоб**–посух бозгуфтан. **одоби хидмати мулук**–ойини хидматгузорӣ дар назди шоҳон).*

Оқибат гургзода гург шавад*,
Гарчи бо одамӣ бузург шавад!

(***Оқибат гургзода…:** ин мазмун собиқа дорад ва дар адабиёти форсӣ ва низ забони арабӣ ба суратҳое мухталиф баён шудааст. Аз ҷумла Фирдавсӣ гуфтааст:*

*Ки чун баччаи шери нар парварӣ,
Ҷу дандон кунад, тез кайфар барӣ!
Ҷу бо зӯру бо чанг бархезад ӯ,
Ба парвардгор андаровезад ӯ!*

Дар «Гулистон» (ҳамин ҳикоят, тавзеҳи «афъӣ куштану бачча нигоҳ доштан») ҳам шабеҳи ин аст. Дар китобҳойи арабӣ омадааст, ки арабе биёбонӣ ба баччайи гурге расид, ӯро ба хаймайи худ бурд. Вай меше низ дошт. Баччайи гург пайваста аз шири ӯ мемакид, то фарбиҳу бузург шуд. Сипас бар меш ҳамла карду ӯро кушт. Баъд аз забони аъробӣ абёте овардаанд, ки, аз ҷумла, мегӯяд: «Вақте табиъату ниҳод бад бошад, адаби адиб суде надорад»).

Соле ду бар ин баромад. Тоифайи авбоши маҳаллат бад-ӯ пайвастанд ва ақди мувофақат бастанд. То ба вақти фурсат вазир ва ҳар ду писарашро бикушт ва ниъмати беқиёс бардошт ва дар

мағорайи дуздон ба ҷойи падар бинишасту осӣ шуд. Малик дасти таҳайюр ба дандон газидан гирифту гуфт:

Шамшери нек аз оҳани бад чун кунад касе?!
Нокас ба тарбият нашавад, ай ҳаким, кас**!
Борон, ки дар латофати табъаш хилоф нест,
Дар боғ лола рӯяду дар шӯрабум хас!

(***Маънойи байт:** Теғи хуб аз оҳани бад чӣ гуна тавон сохт; Яъне, наметавон сохт; ай донишманди фарзона, номардум ба парваришу кӯшиш мардум нашавад ва пайи некон нагирад).*

* * *

Замини шӯра сунбул барнаёрад,
Дар ӯ тухму амал зойиъ магардон.
Накӯйӣ бо бадон кардан чунон аст,
Ки бад кардан ба ҷойи некмардон***.

(*****Ба ҷойи некмардон:** дар ҳаққи накӯкорон (мардони некӯкор). Ҳофиз гӯяд: «Некӣ ба ҷойи ёрон фурсат шумор, ёро!» Худи Саъдӣ дар ҳамин «Гулистон» гӯяд: «Онро, ки ба ҷойи туст ҳар дам караме, Узраш биниҳ ар кунад ба умре ситаме!»).*

Ҳикоят (5)

Сарҳангзодаеро бар дари саройи Иғламиш дидам, ки ақлу киёсате ва фаҳму фиросате зойидулвасф дошт. Ҳам аз аҳди хурдӣ осори бузургӣ дар носияи ӯ пайдо.

(***Иғламиш:** Устод Хуррамшоҳӣ таъкид мекунад, ки пиромуни забту талаффузи ин калима дар миёни манобиъ ихтилоф аст. Он чӣ дар матн оварда шудааст, бар мабнойи таҳқиқи дақиқи шодравон Юсуфист, аммо «Доиратулмаъорифи форсӣ» онро ба шакли Уғлумуш овардааст. Муҳаммади Хазойилӣ онро **Уғламиш** хонда, мегӯяд: «Номи яке аз ҳокимони ҷузъ аст, ки бар Ироқи аҷам муддате дар фосилайи 610 то 617 аз тарафи Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ ҳукумат доштааст». Аммо муъаллифи «Шавқи «Гулистон»-и мусаввар» ӯро **Уғлумиш** ва подшоҳе аз насли Чингизхон мешуморад.*

*«**Саройи Уғулмуш:** кохи Уғулмуш. «Уғулмуш» (ба замми аввалу сонӣ ва сукуни лому замми мим) аз бандагони бародари Атобак*

Ӯзбак ибни Муҳаммади Ҷаҳонпаҳлавон буд, ки ба назди Султон Алоъуддин ибни Муҳаммади Хоразмшоҳ (596–618) рафту пойгоҳе баланд ёфт ва муддате ҳам ба ҳукмронии Раю Исфаҳону Ҳамадон расид» (Хатиби Раҳбар).

Болойи сараш зи ҳушмандӣ
Метофт ситорайи баландӣ.

Филҷумла, мақбули назари султон омад, ки ҷамоли сурату маънӣ дошт ва хирадмандон гуфтаанд: «Тавонгарӣ* ба ҳунар аст, на ба мол ва бузургӣ ба ақл, на ба сол!». Абнойи ҷинси ӯ бар мансаби ӯ ҳасад бурданду ба хиёнате муттаҳам карданд ва дар куштани ӯ саъйи бефоида намуданд.

Душман чӣ занад, чу меҳрбон бошад дӯст!**

*(***Тавонгарӣ ба ҳунар аст…:** *ёдовари суханони мансуб ба Ҳазрати Алист: «Аш-шарафу бил-илми валадаби ло биласли ваҳасаби»; яъне, «шараф ба илму адаб аст, на ба аслу табор». «Алфазилату биладаби валкамоли ло бикасратил-моли ва ҷалолатил-аъмоли»; яъне, «бартарӣ ба адабу камол аст, на ба зиёдийи молу бузургийи корҳо» (Доктор Хазойилӣ, «Шарҳи «Гулистон», с. 245)*

******Маънойи ҷумла**: Он ҷо, ки ёри меҳрбон аст, суханчинийи душман чӣ асар дорад ва чӣ гуна фитнаву иғво ангезад?! (Яъне суханчинийи ӯ таъсире надорад).*

Малик пурсид, ки мӯҷиби хасмийи инон дар ҳаққи ту чист? Гуфт:

– Дар сояи давлати худовандӣ, дома мулкуҳу, ҳамгинонро розӣ кардам*, магар ҳасудро, ки розӣ намешавад, илло ба заволи ниъмати ман ва иқболу давлати худованд бод!

*(***Ҳамгинонро розӣ кардам…:** *мазмуни ҷумла дар ин сухани Муъовия мундариҷ аст: «Баройи ман имкон дорад ҳамайи мардумро розӣ гардонам, магар ҳасудро. Пас ба ростӣ, ҷуз заволи ниъмати ман чизе ӯро розӣ намекунад» («Муҳозарот-ул-удабо», 1/353. Хазойилӣ низ ин сухани Муъовияро нақл шудааст). Маҳмуди Варроқ гуфтааст:*

Аътайту куллан-носи мин нафсир-ризо,
Иллалҳасуда фаиннаҳу аъёнӣ.

Яъне, ҳамайи мардумро аз хештан розӣ гардонидам, магар ҳасудро, ки, ба ростӣ, маро дармонда кард(«Адабуддунё», с. 236).

Тавонам он, ки наёзорам андаруни касе,
Ҳасудро чӣ кунам, к-ӯ зи худ ба ранҷ-дар аст!
Бимир, то бираҳӣ, ай ҳасуд, к-ин ранҷест,
Ки аз машаққати он ҷуз ба марг натвон раст.

(Тавонам он ки…: *низ ниг. ба ҳикмати 73, боби ҳаштум–«Ало, то нахоҳӣ бало бар ҳасуд»…». (Тавзеҳи муфассали доктор Ғуломҳусайни Юсуфӣ:) «Алӣ(а) фармудааст: «Ло роҳата маъалҳасад»–«Бо ҳасад ҳеч осойиш мумкин нест». «Ҳасад он аст, ки ҳаргиз напазирад дармон» (Фаррухийи Систонӣ); «Масал зананд, ки ҳасад ҳаст дарди бедармон» (Унсурӣ).*

Чу чира шавад бар дили мард рашк,
Яке дардманде бувад бепизишк!
(Фирдавсӣ; аз нақли доктор Хатиби Раҳбар)

Яъне, ҳар душманиро умеди аз миён бурдан ҳаст, магар душманийи касе, ки аз рӯйи ҳасад туро душман бидорад (низ ниг. ба байти Маҳмуди Варроқ дар ҳамин ҳикоят). Дигаре гуфтааст:

Куллул-ъадовати қад турҷо изо аттаҳу,
Илло ъадовата ман ъодока мин ҳасади.

Яъне, ҳар душманиеро умеди аз миён бурдан ҳаст, магар душмании он касе, ки аз рӯйи ҳасад туро душман бидорад.

Дар мавриди ин ду байти Саъдӣ нуктайи дигаре низ гуфтаниист. Шодравон Муҳаммади Қазвинӣ навиштааст: «Аз аҷойиби умуре, ки ман дидаам ва дол(л) (далолаткунанда–О. Ш.) бар камоли шуҳрати Саъдӣ дар ҳаёти худаш ин аст, ки дар маҷмӯъайи «Муншаъот»-и аҳди Салоҷиқайи Рум, ки дар охири «Ат-тавассул илаттарассул»-и Баҳоуддин Муҳаммади Бағдодӣ омадааст, ибтидойи номае ба ин ду байти Саъдӣ шурӯъ шудааст:

Тавонам он, ки наёзорам андаруни касе,
Ҳасудро чӣ кунам, к-ӯ зи худ ба ранҷ-дар аст?!
Бимир, то бираҳӣ, ай ҳасуд, к-ин ранҷест,
Ки аз машаққати он ҷуз ба марг натвон раст!

Ва аз ин фиқра дар камоли вузуҳ ошкор мешавад, ки қабл аз санайи 684 ё дар ҳамон сол (бар ҳасби он, ки ин нома муддате ка-

мобеш қабл аз таърихи сабтиин нусха навишта шуда бошад, ё лоақал, дар ҳамон сол), яъне, ҳанӯз дар замони ҳаёташ шуҳрати Саъдӣ ба дараҷае оламгир шуда, ки ба билоди Рум ҳам расида, ва, на фақат расида буда, балки шеъри ӯро мардум монанди мисоли сойира ва ашъори бисёр машҳуру маъруф дар номаҳову навиштаҷоташон ба унвони тамассул дарҷ кардаанд».

Дар китоби «Нақди ҳол» (с. 338–341)-и устод Муҷтабойи Минавӣ низ мехонем, ки дар китобхонайи «Аёсӯфия» (дар Истамбул) ва китобхонайи вазорати маъорифи Туркия дар (Анкара) ду нусхайи хаттӣ аз китобе ба номи «Равзат-ул-китоб ва ҳадиқат-ул-албоб» вуҷуд дорад, ки нусхайи Анкара, ба иҳтимоли қавӣ, тамом ё қисмати умдааш ба хатти муъаллифи он Абубакр Табиби Қунявист ва муштамил бар муншаъоти ихвонӣ. Ӯ мегӯяд: «Бештари ашъоре, ки дар тайи ин мукотабот мундариҷ аст, аз қариҳайи хеш дар силки иборат кашидам, балки ҷойҳое нодир аз ашъори бегона дар мавозеъи истишҳод (гувоҳӣ, шаҳодат хостан–О. Ш.) дар ин муросалот овардам». Аммо мавзӯъи қобили таваҷҷуҳ ва ҳосили татаббуъи устод Муҷтабойи Минавӣ ин аст: «Хатми таълифи китоб ва таърихи китобати нусхайи Анкара соли 677 ҳиҷрист, яъне, 14 ё 17 сол қабл аз фавти Шайх Саъдӣ. Таърихи якояки номаҳо маълум нест, ва, ҳатто наметавон донист, ки оё ин муросалотро бар ҳасби таърихи иншо мураттаб кардааст ё иттифоқан; аммо, мусаллам аст, ки маҷмӯъа ҳовийи макотибест, ки лоақал дар муддати бист–сӣ соле қабл аз ин таърих иншо шудааст. Аз ҷумлайи ашъори дигарон, ки Абубакри Табиб ба истишҳод овардааст, абёту қитаъоте аз Фирдавсиву Санойиву Хоқонӣ ва Заҳири Форёбиву Камоли Исмоъил аст, аммо он чӣ муҳим аст, ин, ки номае (дар варақи 29 нусхайи «Аёсӯфия») бо ин ду байт шурӯъ мешавад:

Тавонам он, ки наёзорам андаруни касе,
Ҳасудро чӣ кунам, к-ӯ зи худ ба ранҷ-дар аст.
Бимир, то бираҳӣ, ай ҳасуд, к-ин ранҷест,
Ки аз машаққати он ҷуз ба марг натвон раст!

Ва муҳтоҷ ба гуфтан нест, ки ин қитъа аз «Гулистон»-и Саъдист. Ҳамчунин дар зимни номае дигар, ин абёт меояд, ки боз аз Шайхи Шероз аст (варақи 115, нусхайи «Аёсӯфия»)… ва чӣ дар мавриди ин ду қитъаи Шайх Саъдӣ ва чӣ дар мавриди қитаъоти ашъори дигарон номи гӯяндаро набурдааст; гӯйӣ, ки аз ғояти вузуҳ аз ном бурдан мустағнӣ будааст. Дар нусхайи Анкара қисмате аз ашъори

Абубакри Табиб низ дар 26 варақи ахири китоб мундариҷ аст, ки яке аз онҳо муҳим аст, чӣ истиқболи яке аз ғазалҳои Шайхи Шероз аст ва дар муқаддимайи он мегӯяд: «Дӯсте аз котиб дархост, то шеъре муламмаъи тозиву порсӣ бар тариқайи Саъдийи Шерозӣ бигӯяд; он ҷо, ки гуфт: «Ба поён омад ин дафтар, ҳикоят ҳамчунон боқӣ»– мабнӣ бар ишороти вай ин шеър дар қалам омад.»

Чунонки арз кардам, ҳадс метавон зад, ки ин ду нома ва ин ғазалро даҳ-бист соле қабл аз таълифу ҷамъоварийи китоби мазкур навиштаву суруда бошад. Пас ба ҳадди ақал, тахмини чаҳордаҳ ё ҳафдаҳ сол ва ба аксар тахмини сиву чанд сол қабл аз риҳлати Шайх (яъне, ду-се соле пас аз интишори «Таййибот») табибе дар Қуния дар номаҳойи худ ашъори Саъдиро мин боби тамассул мегунҷонида ва он қадар ин абёт маъруфи хонандагони ӯ буда, ки бими иттиҳом ба сирқат (дуздӣ–О. Ш.) намерафта ва ӯ худро муҳтоҷ ба зикри номи шоъир намедониста ва аз ин ҷо метавон истинбот кард, ки лоақал «Гулистон»-у «Таййибот»-и Саъдӣ дар миёни аҳли завқи хориҷ аз Эрон ҳам ба зудӣ ривоҷу шуҳрате басазо ёфта буда ва аз ин ҳайс Шайхи Шероз аз миёни куллияи бузургони шуъаройи қадими Эрон махсусу мумтоз аст»).

* * *

Шӯрбахтон ба орзу хоҳанд
Муқбилонро заволи ниъмату ҷоҳ.
Гар набинад ба рӯз шаппара чашм,
Чашмайи Офтобро чӣ гуноҳ?
Рост хоҳӣ, ҳазор чашм чунон,
Кӯр биҳтар, ки Офтоб сиёҳ.**

***(Гар набинад…:** ихтимолан ин мисраъ ду маъно дошта бошад: а) агар фарди шабкӯр (набинад ё натавонад бинад) ҷурму кӯтоҳӣ аз Хуршеди оламтоб нест; б) агар чашми шабпара дар рӯз набинад…(Хуррамшоҳӣ)*

******Маънойи байти охир**: Ба ростӣ, кӯрийи ҳазор чашми чун дидайи шабпара биҳтар аз он аст, ки чашмаи Офтоб тира шаваду дунё торик монад).*

Ҳикоят (6)

Якеро аз мулуки Аҷам ҳикоят кунанд, ки дасти татовул ба моли раъийят дароз карда буду ҷавру азийят оғоз карда. То ба ҷойе, ки халқ аз макойиди феълаш ба ҷаҳон бирафтанд ва аз курбати

ҷавраш роҳи ғурбат гирифтанд. Чун раъийят кам шуд, иртифоъи вилоят *(ҳосили кишвар; «иртифоъ»–ҳосили зироъат, боҷу хироҷи давлат аз ҳосили амлок)* нуқсон пазируфт ва хизона тиҳӣ монду душманон зӯр оварданд.

Ҳар кӣ фарёдраси рӯзи мусибат хоҳад,
Гӯ, дар айёми саломат ба ҷавонмардӣ кӯш!
Бандайи ҳалқабагӯш**, ар нанавозӣ, биравад,
Лутф кун, лутф, ки бегона шавад ҳалқабагӯш!

(****Бандайи ҳалқабагӯш:*** *чокари зархарид, ки ба нишони фармонбурдорӣ дар гӯши ӯ ҳалқа мекарданд).*

Боре ба маҷлиси ӯ дар китоби «Шоҳнома» ҳамехонданд дар заволи мамлакати Заҳҳоку** аҳди Фаридун. Вазир маликро пурсид:

– Ҳеч тавон донистан, ки Фаридун, ки ганҷу мулку ҳашам надошт, чӣ гуна бар ӯ мамлакат муқаррар шуд?

Гуфт:

– Ончунонки шунидӣ, халқе бар ӯ ба таъассуб гирд омаданд ва тақвият карданду подшоҳӣ ёфт.

Гуфт:

– Ай малик, чу гирд омадани халқе мӯҷиби подшоҳист, ту мар халқро парешон баройи чӣ мекунӣ? Магар сари подшоҳӣ кардан надорӣ?

(****Мамлакати Заҳҳок:*** *подшоҳийи Заҳҳок. Заҳҳок–подшоҳи бедодгари Пешдодӣ, ки саранҷом бо қиёми Ковайи Оҳангар ба дасти Фаридун гирифтор ва дар кӯҳи Дамованд зиндонӣ шуд ва ба вай дар бедодгарӣ масал зананд. «Заҳҳок» муъарраби «аждаҳок» аст ба «фатҳ»-и аввал ва аз назари луғавӣ онро «мори газанда» метавон маънӣ кард, ки ҳамон аждаҳо (аждарҳо) бошад).*

Ҳамон биҳ, ки лашкар ба ҷон парварӣ,
Ки султон ба лашкар кунад сарварӣ!

Малик гуфт:

– Мӯҷиби гирд омадани сипоҳу раъийят чӣ бошад?

Гуфт:

– Подшаҳро карам бояд*, то бар ӯ гирд оянду раҳмат, то дар паноҳи давлаташ эмин нишинанд ва туро ин ҳар ду нест.

*(***Подшаҳро карам бояд…:** *ёдовари суханони мансуб ба Ардашери Бобакон аст: «Ло мулка илло бирриҷоли ва ло риҷола илло билмоли ва ло мола илло билъиморати ва ло ъимората илло билъадли вассиёсати»; яъне, «мулк бе мард мазбут намонаду мардум бе мол қойим нагардад ва мол бе иморат ба даст наёяду иморат бе адлу сиёсат мумкин нагардад». («Калилаву Димна», 7); низ ниг. ба: «Латойиф-ул-ҳикмат», 234, 250, 345–346).*

Накунад ҷаврпеша султонӣ,
Ки наёяд зи гург чӯпонӣ.
Подшоҳе, ки тарҳи зулм афканд*,
Пойдевори мулки хеш биканд!

*(***Тарҳи зулм афканд:** *Ин мазмунро дар ин байти Санойи Ғазнавӣ метавон дид:*

Аз раъийят шаҳе, ки моя рабуд,
Буни девор канду бом андуд.

Дар «Марзбоннома» низ ин байти Санойӣ бо ду байти дигар аз «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа» нақл шудааст, аммо қадимтар суханест, ки аз қавли Анӯшервон дар «Самор-ул-қулуб» (140-141) зикр шуда: «Ва сухани ӯ (Анӯшервон): «Ҳамоно, подшоҳ ҳар гаҳ сарваташ, бо он чӣ аз раъийяти худ меситонад, афзунӣ гирад, монанди касест, ки боми хонайи хешро бо он чӣ аз пояҳойи бино бармеканад, мураттаб кунад».

Маликро панди вазири носиҳ мувофиқи табъи мухолиф наёмад *(**андарзи вазири хайрхоҳ бо хӯю мизоҷи подшоҳ, ки ба хилофи доду хирад меандешид, созгор наёмад)*. Рӯй аз ин сухан дарҳам кашиду ба зиндон фиристод. Басе барнаёмад, ки банӣ-амми султон ба мунозаъат хостанду мулки падар хостанд. Қавме, ки аз дасти татовули ӯ ба ҷон омада буданду парешон шуда, бар эшон гирд омаданду тақвият карданд, то мулк аз тасарруфи ин бадар рафту бар онон муқаррар шуд.

Подшоҳе, к-ӯ раво дорад ситам бар зердаст,
Дӯстдораш рӯзи сахтӣ душмани зӯровар аст**.
Бо раъийят сулҳ кун в-аз ҷанги хасм эмин нишин,
З-он ки шоҳаншоҳи** одилро раъийят лашкар аст!

(**_**Маънойи байти аввал**: Шоҳе, ки бар фурӯдастон бедод кунад, он ки ба вақти қудрати вай лофи дӯстиву итоъат мезад, ҳангоми дармондагиву бечорагӣ ӯро душмане чирадасту неруманд бошад ва бар хилофи вай миён бандад.

_Шоҳаншоҳ:** шоҳи шоҳон, саромади шоҳон; дар забони паҳлавӣ «шоҳоншоҳ», аз форсийи бостон **Xshayathiyanam Xshayathiya** («Ҳавошийи «Бурҳони қотиъ»-и доктор Муъин») омада, ки ба форсӣ мешавад «шоҳи шоҳон» ё «шоҳаншоҳ» = «шоҳоншоҳ»).

Ҳикоят (7)

Подшоҳе бо ғуломе аҷамӣ *(бардае, ки тозинажод набуд)* дар киштӣ нишаст ва ғулом дигар дарёро надида буду миҳнати киштӣ наёзмуда. Гиряву зорӣ дарниҳод ва ларза бар андомаш афтод. Чандонки мулотафат карданд, ором намегирифт ва айши малик аз ӯ мунағғас буд. Чора надонистанд.

Ҳакиме дар он киштӣ буд. Маликро гуфт:

– Агар фармон диҳӣ, ман ӯро ба тариқе хомӯш гардонам.

Гуфт:

– Ғояти лутфу карам (*ниҳояти некиву бузургворӣ*) бошад!

Бифармуд, то ғулом ба дарё андохтанд. Боре чанд ғута хӯрд. Мӯяш гирифтанду пеши киштӣ оварданд. Ба ду даст дар суккони киштӣ овехт. Чун баромад, ба гӯшае бинишасту қарор ёфт.

Маликро аҷаб омад. Пурсид:

– Дар ин чӣ ҳикмат буд?

Гуфт:

– Аз аввал миҳнати ғарқа шудан ночашида буд ва қадри саломати киштӣ намедонист. Ҳамчунин қадри офият касе донад, ки ба мусибате гирифтор ояд***.

(_**Қадри офият…**_– ин иборат ба сурати масали сойир даромадааст).*

Ай сер, туро нони ҷавин хуш нанамояд,
Маъшуқи ман аст он, ки ба наздики ту зишт аст.
Ҳурони биҳиштиро** Дӯзах бувад аъроф**,
Аз дӯзахиён пурс, ки аъроф Биҳишт аст!

*(***_**Ай сер, туро…:** Ай касе, ки сер ҳастӣ, аз назари ту нони ҷав (ки баройи гуруснагону қаҳтизадагон бисёр марғубу матлуб аст) хушоянд нест. Касе, ки ба назари ту зишт меояд ва бо он таъаллуқе*

надорӣ, чӣ басо ҳамон фард дар чашми ман зебову ҳатто, маъшуқи ман бошад! Чунонки (ҳамайи умур нисбист) аз назари ҳурони биҳиштӣ ароф монанди Дӯзах аст (зеро онон бояд дар Биҳишт ба сар баранд, на дар ароф) ва, баръакс, аз дӯзахиён бипурс, то бигӯянд, ки ароф якпо монанди Биҳишт аст (зеро ҳазорон мартаба биҳтар аз Дӯзах аст).

Ҳурони биҳиштӣ: *сияҳчашмони Биҳишт. «Ҳурон» ҷамъи форсийи «ҳур» ва «ҳур» ҷамъи мукассар (шикаста)-и «ҳавро»-ст ба маънойи зани сияҳчашм. Баъзе ҷамъҳои арабӣ дар форсӣ гоҳе муфрад маҳсуб шуда, дубора ҷамъ баста мешавад ва ин амал қиёсӣ нест ва мувофиқ бар истеъмоли бузургони сухан аст.*

******Дӯзах:*** *Ҷаҳаннам; дар паҳлавӣ «душхав» гӯянд; яъне, ҷаҳони бад, ҳастийи бад. Аъроф–диж (қалъа)-и устувор ё бора (девор)-и миёни Биҳишту Дӯзах).*

* * *

Фарқ аст миёни он, ки ёраш дар бар,
То он, ки ду чашми интизораш бар дар.

*(*****Маънойи байт:*** *Ҳоли он, ки ёраш дар канор аст, бо ҳоли он, ки чашм ба роҳи ӯст, яксон нест.* ***Ин байт*** *ҳукми масали сойирро пайдо кардааст).*

Ҳикоят (8)

Ҳурмузро гуфтанд:

– Вазирони падарро чӣ хато дидӣ, ки банд фармудӣ?

Гуфт:

– Хатое маълум накардам. Валекин дидам, ки маҳобати ман дар дили эшон бекарон аст ва бар аҳди ман иътимоди куллӣ надоранд. Тарсидам аз бими газанди хеш оҳанги ҳалоки ман кунанд. Пас қавли ҳукаморо кор бастам, ки гуфтаанд:

Аз он к-аз ту тарсад, битарс, ай ҳаким,
Вагар бо чун ӯ сад бар ойӣ ба ҷанг!
Аз он мор бар пойи роъӣ занад,
Ки тарсад, сарашро бикӯбад ба санг!
Набинӣ, ки чун гурба оҷиз шавад,
Барорад ба чангол чашми паланг!

(Ҳурмуз: *панҷ тан аз шоҳони Сосонӣ Ҳурмуз ном доранд, аз Ҳурмузи аввал то Ҳурмузи панҷум. Шореҳони «Гулистон», аз ҷумла, шодравон Юсуфӣ ва доктор Хатиби Раҳбар, гуфтаанд, ки мурод Ҳурмузи чаҳорум, фарзанди Хусрави Анӯшервон аст, ки аз 579 то 590 м. салтанат кардааст).*

Ҳикоят (9)

Яке аз мулуки араб ранҷур буд дар ҳолати пирӣ ва умеди зиндагонӣ қатъ карда, ки саворе аз дар даромад ва башорат дод, ки фулон қалъаро ба давлати худованд кушодем ва душманон асир омаданд. Ва сипоҳу раъийяти он тараф ба ҷумлагӣ мутеъи фармон гаштанд. Малик нафасе сард бароварду гуфт:

– Ин мужда маро нест, душманонамрост; яъне, ворисони мамлакат.

Бад-ин умед ба сар шуд, дареғ, умри азиз,
Ки он чӣ дар дилам аст, аз дарам фароз ояд.
Умеди баста баромад, вале чӣ фоида з-он-к,
Умед нест, ки умри гузашта боз ояд!

* * *

Кӯси риҳлат бикӯфт дасти аҷал,
Ай ду чашмам, видоъи сар бикунед!
Ай кафи дасту соъиду бозу,
Ҳама тавдиъ и якдигар бикунед!
Бар мани афтода душманком**,
Охир, ай дӯстон, гузар бикунед.
Рӯзгорам бишуд ба нодонӣ,
Ман накардам*, шумо ҳазар бикунед!

(*****Бар мани афтода душманком:*** *бар ман, ки ба мууроди душман ба хоки ҳалок афтодаам, ай ёрон, ба меҳрбонӣ бигзардеу пурсише кунед.*

****Ман накардам…:*** *ман аз нодониву хато парҳез накардам, шумо парҳез кунед).*

Ҳикоят (10)

Бар болини турбати Яҳёи пайғомбар, алайҳиссалом, муътакиф будам дар ҷомеъи Димишқ, ки яке аз мулуки араб, ки ба беинсофӣ мансуб буд, иттифоқан, ба зиёрат омаду намозу дуъо карду ҳоҷат хост.

(***Яҳёи пайғомбар, алайҳиссалом:*** *Яҳё, фарзанди Закариёи набӣ, дар суннати исломӣ ҳамон Жон ё Юҳаннои Маъмадон дар суннати масеҳист,ки писархолайи Исо(а) ва, ҳамчунин, мубашширу тасдиқкунандайи ҳаққонияти нубуввати ӯст (Оли Имрон, 39). Сабаби қатл ва дарвоқеъ шаҳодати ӯ мухолафаташ бо издивоҷи ғайришаръийи Ҳаруд ё Ҳарвад, ки подшоҳи ҷалили навоҳийи моварои Урдун буд. Мақбарайи ӯ, ё мансуб ба ӯ, дар ҷомеъи Димишқ аст (Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ).*

«Яҳё ибни Закариё аз паёмбарони бузург аст, ки аз кӯдакӣ ба вай илму ҳикмат дода шудву дар сисолагӣ ба нубувват расид. Чун Исо ба паёмбарӣ баргузида шуд, Яҳё ӯро тасдиқ карду ба ишоъа (ошкор кардани хабар, ривоҷ додан–О. Ш.)-и ойини Масеҳ пардохт ва пас аз суъуд (боло рафтан, уруҷ–О. Ш.)-и Исо ба осмон кушта шуд» (Хатиби Раҳбар).

Дарвешу ғанӣ бандайи ин хоки даранд,
В-онон, ки ғанитаранд, муҳтоҷтаранд.

(*****Маънойи байт:*** *Тангдасту тавонгар чокари ин остонаанду онон, ки ба зоҳир тавонгартаранд, дасти ниёзашон баройи баромадани ҳоҷатҳойи бешумор ба сӯйи ин даргоҳ дарозтар аз дигарон аст ва ҳар чӣ бештар меандӯзанд, боз таваққуъи сарвати афзунтаре доранд.*

******Вонон, ки ғанитаранд…:*** *ин мисраъ ҳукми масали сойир пайдо кардааст. Саъдӣ ин мисраъро бо мисраъе дигар ба сурати як байт даровардааст, ки аз ин байт фарқ дорад:*

Аз тангии чашми пил маълумам шуд,
Онон, ки ғанитаранд, муҳтоҷтаранд!).

Он гаҳ маро гуфт:

– Аз он ҷо, ки ҳиммати дарвешон аст** ва сидқи муъомалати

эшон, хотире ҳамроҳи ман кунанд, ки аз душмане саъб андешнокам.

(*******Маънойи ин ҷумла*: *Аз он ҷо, ки файзи ҳиммати дарвешон ом (ҳамаро фарорасанда) аст.*

Ҳиммат*–бо таваҷҷуҳи дил аз Худованд баромадани умедеро хостан. Ҳофиз гӯяд:*

Ҳиммататам бадрақайи роҳ кун, ай тойири қудс,
Ки дароз аст раҳи мақсаду ман навсафарам).

Гуфтамаш:

– Бар раъийяти заъиф раҳмат кун, то аз душмани қавӣ заҳмат набинӣ.

Ба бозувони тавонову қуввати сари даст,
Хатост, панҷаи мискини нотавон бишикаст**.
Натарсад он, ки бар афтодагон набахшояд,
Ки гар зи пой дарояд, касаш нагирад даст.
Ҳар он, ки тухми бадӣ кишту чашми некӣ дошт,
Димоғи беҳуда пухту хаёли ботил баст.
Зи гӯш пунба бурун ору доди халқ бидиҳ,
В-гар ту менадиҳӣ дод, рӯзи доде ҳаст.

(*******Хатост панҷайи…:* *ҳамоно шикастани панҷайи заъифи оҷиз коре нодурусту носавоб аст.*

Маънойи байт*: Мисраъи аввал истифҳом (пурсиш–О. Ш.)-и маҷозан муфиди тақриу тавбих (сарзаниш–О. Ш.) аст; яъне, наметарсад он, ки бар бечорагон тараҳҳум намекунад (бо он, ки бояд битарсад), чи агар аз қудрат бияфтад, кас ба ёрияш напардозад. Саъдӣ дар ҷойи дигар мефармояд:*

Наметарсӣ, ай гурги ноқисхирад,
Ки рӯзе палангет аз ҳам дарад?)

* * *

Банӣ-Одам аъзойи якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.

Ту, к-аз миҳнати дигарон беғамӣ.
Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ!

(Банӣ-Одам (шарҳи Хатиби Раҳбар): *«Писарону зодагони Ҳазрати Одам (Абулбашар ё падари одамиён).* ***Якдигар****: дар баъзе аз нусах «якпайкаранд» ба ҷойи «якдигаранд» омадааст, ки аз назари лафзу маънӣ муносибтар менамояд ва бо ин ҳадиси набавӣ, ки фикри Саъдӣ аз он неру гирифта, созгортар. Инак, ҳадису тарҷумайи он: «Анносу калҷасадилвоҳиди изаштако минҳу ъузвун тадоъо лаҳу сойирулҷасади биссаҳари валҳуммо». «Мардум монанди як пайкар аст, Чун аз ин пайкар андоме ранҷур гардад, ҳама пайкар ба табу бедорӣ чун он узв бемору ранҷур шаванд». Ин ҳадис бо андаке ихтилоф ба гунайи дигар низ дида шудааст».*

Банӣ-Одам аъзойи якдигаранд: (шарҳи Хуррамшоҳӣ) *«Ин байту абёти баъдийи он дар забони форсӣ ҳукми масали сойир пайдо кардааст ва ҳамвора ба он тамсилу истишҳод мешавад.* ***Дар пиромуни «якдигаранд»*** *баъзе аз арбоби фазлу аҳли адаб изҳори назар кардаанд, ки ба ҷойи он «як пайкаранд» дуруст аст. аммо ҳеч кадом нусхаҳойи куҳан ин забти ахирро надоранд. Ин чанд байт дар режими собиқ (ҳукумати Ризошоҳи Эрон–О. Ш.) шиъори Ҷамъияти хубрайи «Шеру Хуршеди Сурх» буд, ки баъд аз пирӯзийи Инқилоби исломӣ ба ҷамъияти Ҳилоли аҳмар, ки дар ҳамайи кишварҳойи исломӣ собиқа ва созмон дорад, табдил гардид. Муҳаққиқон гуфтаанд, ки ин абёти Саъдӣ ҳам аз ҳадиси набавиву ҳам оёту иборате аз аҳди ҷадид мутаъассир аст. Баройи тафсилу таҳқиқи бештарниг. шарҳи шодравон Юсуфӣ дар зайли ин байт».*

Шарҳи Юсуфӣ: «Аъзойи якдигаранд» *чунин аст дар ҳамайи нусхаҳо. Устод Муҷтабойи Минавӣ дар посухи изҳори назаре мабнӣ бар тарҷеҳи забти* ***«аъзои як пайкаранд»*** *чунин навиштааст: «Саҳеҳи ин шеъри Саъдӣ ҳамин тавр аст: аъзойи якдигаранд»… Мазмун аз ибороти маъруфи асри Саъдӣ буда ва ӯ ҷумлаеро, ки забонзада будааст, ба қалам даровардааст… Шодравон Ҳабиби Яғмойӣ афзудааст: «Дар бист соли қабл, ки бо марҳум Фурӯғӣ, ки Куллиёти Саъдиро баройи таҷдиди чоп омода мекардем, нусхаҳое бисёр муътабару қадим, ки таърихи китобати онҳо аз 717 ва 724 ба баъд буд, дар ихтиёр доштем. Дар ҳамайи ин нусхаҳо… қитъайи маъруфи «Банӣ-Одам аъзойи якдигаранд» ба ҳамин иборат навишта шуда ва то кунун ҳеч нусхае аз қадиму ҷадиди хаттиву чопӣ ба назари аҳли адаб нарасида, ки ба*

иборате ҷуз ин бошад. Нуктайи дигар ин, ки дар ин ҷо калимайи «якдигаранд» маънойи ом дорад ва агар ба ҷойи «якдигаранд» фарзу тасаввур кунем, ки «як пайкаранд» бояд бошад (ва чунин ҳаққе надорем) на танҳо мазмуне, ки дар камоли баландист, суқут мекунад, балки лутфи мисраъи дувум ҳам, ки пайвастагийи тамом ба мисраъи аввал дорад, аз миён меравад. Бино бар ин, ҷиҳот бар аҳли адабу табъ фарз аст, ки ин қитъайи маъруфро, ҳамчунон ки Саъдӣ фармудаву аз асри ӯ то кунун дар ҳамайи нусхаҳо нақлу китобат шуда, бидонанду бихонанд:

Банӣ-Одам аъзойи якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд!».

Дар аҳодиси набавӣ омадааст: «Масали имоновардагон дар дӯстӣ бо якдигар ва ибрози маҳаббату отифа нисбат ба ҳам масали пайкар аст: ҳар гоҳ узве аз он дардманд шавад, дигар аъзои он пайкар бо бехобиву таб бо он узв мувофақату ҳамдардӣ мекунанд» («Файз-ул-қадир» 5/514; низниг. «Саҳеҳи Бухорӣ», Адаб, 27).).

Ҳикоят (11)

Дарвеше мустаҷобуддаъва дар Бағдод падид омад. Ҳаҷҷоҷи Юсуфро хабар карданд. Бихондашу гуфт:

– Дуъои хайре бар ман бикун.

Гуфт:

– Худоё, ҷонаш биситон!

Гуфт:

– Аз баҳри Худой, ин чӣ дуъост?!

Гуфт:

– Ин дуъои хайр аст туро ва ҷумла мусалмононро.

***(Ҳаҷҷоҷи Юсуф:** Абумуҳаммад Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуфи Сақафӣ (145-95 ҳ. қ.)–сардору амири маъруфи Ироқ... Ҳукумати бистсолайи ӯ (аз ҷониби Умавиён) дар Ироқ, ҳамроҳ бо хушунату қасовати бисёр буда ва Ҳаҷҷоҷ бисёре аз мухолифини Банӣ-Умайяро заҷру ҳабс карду ба қатл расонид. Шаҳри Воситро таъсис кард. («Доиратулмаъорифи форсӣ»).*

******Бағдод:** ин шаҳр дар замони Ҳаҷҷоҷ деҳкадае беш набуд, то дар рӯзгори Абуҷаъфари Мансур дар соли 145 ба пойтахтӣ интихоб шуд. Мансур онро ба шаҳре бузург табдил кард).*

Ай забардасти зердастозор,
Гарм то кай бимонад ин бозор?!

Ба чӣ кор оядат ҷаҳондорӣ?
Мурданат биҳ, ки мардумозорӣ!

(***Ҷаҳондорӣ:*** *нигоҳбонийи гетӣ ва идорайи умури олам; подшоҳӣ.*

Маънойи байт*: Ту баҳри чӣ бояд подшоҳу нигоҳбони гетӣ бошӣ; ту бояд бимирӣ (ки зиндагият мояи ранҷу ситами мардум гашта), то зинда бошӣ!).*

Ҳикоят (12)

Яке аз мулуки беинсоф порсоеро пурсид:
– Аз ибодатҳо кадом фозилтар аст?
Гуфт:
– Туро хоби нимрӯз, то дар он як нафас халқро наёзорӣ.

* * *

Золимеро хуфта дидам нимрӯз,
Гуфтам, ин фитн-аст, хобаш бурда биҳ.
В-он, ки хобаш биҳтар аз бедорӣ аст,
Он чунон бадзиндагонӣ мурда беҳ!

(******Гуфтам, ин фитн-аст…:*** *ин мисраъ ҳукми масали сойир пайдо кардааст. Фитнайи хуфта ё хобида (ки акси он фитнайи бедор) аст, истиъорист; яъне, фитнае, ки ҳанӯз дар нагирифтаву барпо нашудааст.*

Бадзиндагонӣ: *ситамгари бадкор, ки дар зиндагӣ ҷуз шарру фасод накунад; бадрӯзгор.*

Маънойи ду байт*: **Ситамгареро дар миёни рӯз хуфта ёфтам; бо худ гуфтам: «Балост, нек аст, ки хоб ӯро даррабуд. Бадкори бадрӯзгоре, ки хуфтанаш биҳ аз бедорӣ бошад, мурданаш ҳам биҳ аз зистан аст»).*

Ҳикоят (13)

Яке аз мулукро шунидам**, ки шабе дар ишрат рӯз карда буд ва дар поёни мастӣ ҳамегуфт:

(*****Яке аз мулукро шунидам:*** *шунидам, ки яке аз подшоҳон. «-ро» зойид ба назар мерасад. Саъдӣ дар «Бӯстон» дар мавориди мушобеҳ, «-ро» наёвардааст:*

Гадое, шунидам, ки дар тангҷой
Ниҳодаш умр пой бар пушти пой…
Шунидам, ки Доройи фаррухтабор
Зи лашкар ҷудо монд рӯзи шикор).

Моро ба ҷаҳон хуштар аз ин як дам нест,
К-аз неку бад андешаву аз кас ғам нест!

Дарвеше ба сармо бурун хуфта буд ва гуфт:

Ай он, ки ба иқболи ту дар олам нест,
Гирам, ки ғамат нест, ғами мо ҳам нест**?!

(****Маънойи байт:** *Пиндорам, ки андӯҳе надорӣ. Оё дилат бар мо намесӯзад ва андешайи мо надорӣ, бо он, ки бояд дошта бошӣ!?*)

Маликро хуш омад. Суррае ҳазор динор* аз равзан бурун дошт, ки доман бидор, ай дарвеш!

Гуфт:

– Доман аз куҷо орам, ки ҷома надорам.

Маликро бар ҳоли заъифи ӯ риққат зиёд шуд ва хилъате бар он мазид карду пешаш фиристод. Дарвеш мар он нақду ҷинсро ба андак замон бихӯрду парешон кард ва боз омад.

(***Динор:*** *муъарраби калимайи юнонии* ***denarios*** *аст (ба маънойи воҳиди пули тило дар кишварҳои исломӣ, ки арзишаш дар давраҳойи мухталиф тафовут пайдо кардааст).*

Қарор бар кафи озодагон нагирад мол,
На сабр дар дили ошиқ, на об дар ғирбол!

Дар ҳолате, ки маликро парвойи ӯ набуд, ҳол бигуфтанд. Ба ҳам баромад ва рӯй аз ӯ дарҳам кашид. В-аз ин ҷо гуфтаанд: асҳоби фитнату* хибрат, ки аз ҳиддату саврати подшоҳон барҳазар бояд будан, ки ғолиби ҳиммати эшон ба муъаззамоти* умури мамлакат мутаъаллиқ бошад ва таҳаммули издиҳоми авом накунанд.

(*****Асҳоби фитнат****–ҳушмандон, зиракон;* ***асҳоби хибрат****–огоҳон. доноён;* ***ҳиддат****–тезӣ;* ***саврат****–тундӣ ва шиддат.* ***Муъаззамоти умур****–корҳойи бузург).*

Ҳаромаш бувад ниъмати подшоҳ,
Ки ҳангоми фурсат надорад нигоҳ.
Маҷоли сухан то набинӣ зи пеш,
Ба беҳуда гуфтан мабар қадри хеш!

(****Маънойи байти аввал:** *Атову инъоми шоҳ бар касе, ки дар ҳар кор риъояти муносиби вақтро накунад , ҳаром бод.* ***Ҳаром****–норавою нобойисту ношойист).*

Гуфт:

– Ин гадойи шӯхи мубаззирро, ки чандон ниъмат ба чандин муддат барандохт, бионед, ки хизонайи байтулмол луқмайи масокин аст, на туъмайи ихвон-уш-шаётин.

(***Хизонайи байтулмол:*** *ганҷинайи давлати ислом.* ***Байтулмол****–хонае, ки дар асри хулафойи исломӣ ганимат ва ҷизя ва моли беворис дар он нигаҳдорӣ мешуд ва ин амволро баройи биҳбуди ҳоли заъифон сарф мекарданд. Ҷизя– хироҷи замин; молиёте, ки дар қадим мусалмонон аз ғайри мусалмонон мегирифтанд.*

******Туъмайи ихвонушшаётин:*** *хуроки дӯстон (бародарон)-и девон. Ишорат ба ояи 27 сурайи 17 (Намл)-и Қуръон дорад –*

إِنَّ الْمُبَذِّرِينَ كَانُواْ إِخْوَانَ الشَّيَاطِين.

Яъне, «Ҳамоно парешонкунандагони мол ба исроф бародарони шаётин бошанд»).

Аблаҳе, к-ӯ рӯзи равшан шамъи кофурӣ ниҳад,
Зуд бинӣ, к-аш ба шаб равған набошад дар чароғ.

*(****Шамъи кофурӣ:*** *шамъе, ки андаке кофур ба мум ё чарбуи он афзуда бошанд, то ҳангоми барафрӯхтан бӯйи хуш диҳад.*

Маънойи байт*: **Гӯл (аҳмақ)-е, ки дар рӯзи офтобӣ шамъи гаронқимати кофурӣ барафрӯзад, ба зудӣ чунон тиҳидаст гардад, ки чароғи вайро дар шаб аз беравғанӣ хомӯш хоҳӣ ёфт).*

Яке аз вузаройи носиҳ гуфт:

– Ай худованд, маслаҳат он бинам, ки чунин касонро вачҳи кафоф ба тафориқ муҷро доранд, то дар нафақа исроф накунанд**. Аммо он чӣ фармудӣ аз зачр *(рондан)*-у манъ, муносиби ҳоли арбоби ҳиммат нест. Якеро ба лутф уммедвор гардонидану боз ба навмедӣ хаста кардан.

*(*****Маънойи ҷумла**: Ваҷҳи рӯзгузори ин касонро баҳр-баҳр (кам-кам, ҳисса-ҳисса–О. Ш.) бипардозанд, то дар ҳазина (харҷ) боддастӣ накунанд).*

Ба рӯйи худ дари таммоъ боз натвон кард,
Чу боз шуд, ба дуруштӣ фароз натвон кард.

* * *

Кас набинад, ки ташнагони Ҳиҷоз,
Ба сари оби шӯр гирд оянд.
Ҳар куҷо чашмае бувад ширин,
Мардуму мурғу мӯр гирд оянд*.

***(Ҳиҷоз:** ноҳияе дар Ҷазиратулараб (Арабистон)… Аз лиҳози таърихи ислом муҳиммтарин қисмати Арабистон аст… («Доиратулмаъорифи форсӣ»). Гуфтанист, ки дар урфи адабу муҳоварайи форсӣ, мурод аз Ҳиҷозро кулли Арабистонро мегиранд. «Ҳиҷоз–Маккаву Мадинаву Тойифу рустоҳойи онҳо.» (Хатиби Раҳбар).*

Ҳикоят (14)

Яке аз подшоҳони пешин дар риъоят *(нигоҳдошт)*-и мамлакат сустӣ кардӣ ва лашкар ба сахтӣ доштӣ. Лоҷарам, душмане саъб рӯй ниҳод, ҳама пушт бидоданд.

Чу доранд ганҷ аз сипоҳӣ дареғ,
Дареғ оядаш даст бурдан ба теғ.

Якеро аз онон, ки ғадр карданд, бо ман дами дӯстӣ буд. Маломат кардаму гуфтам:

– Дун асту бесипосу сифлаву ноҳақшинос, ки ба андак тағйири ҳол аз махдуми қадим баргардаду ҳуқуқи ниъмати солҳо дарнавардад.

(***Махдуми қадим:** сарварву мавлойи дерина; **дарнавардад**–печад ва тай кунад).*

Гуфт:

– Ар ба карам маъзур дорӣ, шояд, ки аспам дар ин воқиъа бечав буду намадзин ба гарав. Ва султон, ки ба зар бар сипоҳӣ бахилӣ кунад, бо ӯ ба ҷон ҷавонмардӣ натавон кард.

Зар бидиҳ марди сипоҳиро, то сар биниҳад,
Вагараш зар надиҳӣ, сар биниҳад дар олам.

* * *

Изо шабиъалкамийю ясулу батшо,
Ва ховийулбатни ябтишу билфирори.

*(**Маънойи байти аввал**: **Чун диловар сер бошад, дар ҷанг сахт мекӯшад ва шикамтиҳӣ ба гурез далерӣ менамояд.*

***Изо шабиъалкамийю…:** «Ҳар гоҳ марди силаҳпӯш сер бошад, бо рағбати тамом дар ҷанг ҳамла мекунад. Аммо сипоҳе, ки шикамаш холиву гурусна бувад, ба ҷониби гурез ҳамла мекунад». Баргардони Хазойилӣ).*

Ҳикоят (15)

Яке аз вузаро маъзул шуд ва ба ҳалқайи дарвешон даромад. Асари баракати суҳбати эшон дар ӯ сироят кард *(нишони саъодати ҳамдамийи онон дар ӯ низ зоҳир шуд)* ва ҷамъияти хотир (*оромиши дил)*-аш даст дод. Малик бори дигар бар ӯ дил хуш кард ва амал фармуд. Қабулаш наёмаду гуфт:

– Маъзулӣ ба назди хирадмандон биҳтар, ки машғулӣ**.

*(**Маъзулӣ ба назди хирадмандон…**–***ин иборат ҳукми масали сойир пайдо кардааст. Муқояса кунед бо байти дигари Саъдӣ:*

*Ҷуз ба хирадманд мафармо амал,
Гарчи амал кори хирадманд нест!*

Манзур аз амал ҳар навъ коре нест, бештар шуғли девонӣ ва раёсат аст.

******Маънойи ҷумла**: Ба ақидайи доноён, азкорбоздоштагию гӯшагирӣ биҳтар аз даркордоштагиву нигаронӣ аз фарҷоми амал аст).*

Онон, ки ба кунҷи офият биншастанд,
Дандони сагу даҳони мардум бастанд.
Коғаз бидариданду қалам бишкастанд
В-аз дасти забони ҳарфгирон** растанд.

*(**Ҳарфгир**–хурдагир.*

***Маънойи ду байт**: Касоне, ки гӯшайи саломатро баргузидаанд, аз неши сагони одамрӯй ва номардумон биёсуданд. Тарки навиштан гуфтанду аз шарри забони хурдагирон раҳоӣ ёфтанд).*

Малик гуфто:

– Ҳаройина *(бешак)* моро хирадманде кофӣ бояд, ки тадбири мамлакатро бишояд.

Гуфт:

– Ай малик, нишони хирадманди кофӣ ҷуз он нест, ки ба чунин корҳо тан надиҳад.

Ҳумой*** бар ҳама мурғон аз он шараф дорад,
Ки устухон хураду ҷонвар наёзорад!

***(Ҳумой бар ҳама мурғон…**–Ҳумо мурғест, ки ба гуфтайи «Бурҳони қотиъ» устухон хурад. Дар адабиёти форсӣ нишонайи баландҳиммматист ва ҳумоюн сифати он аст ва ба маънойи мубораку хуҷаста аст… Соҳиби «Кашф-ул-луғот» гӯяд: «Сояи ӯ бар сари ҳар кас афтад, ба шоҳӣ расад». (ниг. ба «Симурғ ва сӣ мурғ», с. 84). Маъруф аст, ки ғизойи ҳумо, бо он қадру шараф, устухон аст. Ҳофиз гӯяд:*

*Ҳумое чун ту олиқадр, ҳирси устухон то кай,
Дареғ аз сояи ҳиммат, ки бар ноаҳл афкандӣ!).*

Сияҳгӯшро гуфтанд:

– Туро мулозамати суҳбати шер ба чӣ ваҷҳ ихтиёр афтод?

Гуфт:

– То фазлайи сайдаш мехурам ва зи шарри душманон дар паноҳи савлати ӯ зиндагонӣ мекунам.

Гуфтандаш:

– Акнун, ки ба зилли ҳимояташ даромадӣ ва ба шукри ниъматаш эътироф кардӣ, чиро наздиктар наёйӣ, то ба ҳалқайи хоссонат дарорад ва аз бандагони мухлисат шуморад?

Гуфт:

– Ҳамчунон аз батши ӯ эмин нестам.

***(Сияҳгӯш:** пистондоре аз тоифаи гурбаҳо, ки бумийи Осиёву Африқост. Пӯсти қаҳвайии қирмизфому гӯши мангулайии сиёҳ дорад («Доиратулмаъорифи форсӣ»). Ҷонварест, ки гӯшҳойи он*

сиёҳ асту ба шотиршер машҳур аст, ки зиёдатӣ (пасмонда)-и шер қисмати ӯст ва он ба туркӣ қарақулоғ гӯянд… («Онандроч»»).

Батш: *ҳамла, ҳуҷум.)*

Агар сад сол габр оташ фурӯзад,
Агар як дам дар ӯ афтад, бисӯзад.

(***Габр:*** *муғ, оташпараст.*

Маънойи байт*: Агар оташпараст, бо он ки садсолаҳо ба парастишу нигаҳбонийи оташ камар бастааст, як нафас дар оташ афтад, ҳамоно хоҳад сӯхт).*

Афтад, ки надими ҳазрати султонро зар биёяд ва бошад, ки сар биравад. Ва ҳукамо гуфтаанд: «Аз талаввуни табъ *(дигаргунийи хулқу хӯй)*-и подшоҳон барҳазар бояд будан, ки вақте ба саломе биранҷанд ва дигар вақт ба душноме хилъат диҳанд». Ва овардаанд, ки зарофати бисёр кардан ҳунари надимон асту айби ҳакимон.

Ту бар сари қадри хештан бошу виқор,
Бозиву зарофат ба надимон бигузор!

(****Маънойи байт:*** *Ай фарзона, ту қадру мақоми хеш бишиносу пой фаротар маниҳ, шӯхиву хуштабъӣ дар пешгоҳи шоҳон кори ту нест; бигзор, ки ҳамнишинони вижайи шаҳрёр бад-он бипардозанд!).*

Ҳикоят (16)

Яке аз рафиқон шикояти рӯзгори номусоъид ба назди ман овард, ки кафофи андак дораму иёли бисёру тоқати бори фоқа*(тангдастӣ)* намеорам ва борҳо дар дилам омад, ки ба иқлиме дигар нақл кунам*(ҷойи сукунати худро тағйир диҳам)*, то дар ҳар он сурат, ки зиндагонӣ карда шавад, касеро бар неку бади ман иттилоъ набошад.

Бас гурасна хуфту кас надонист, ки кист,
Бас ҷон ба лаб омад, ки бар ӯ кас нагирист**.

*(*****Маънойи байт:*** *Басо касо, ки гурусна сар ба болин ниҳоду касе надонист, ки вай кист; чӣ бисёр ҷонҳо, ки ба лаб расиду кас дар сӯк (мотам)-и онҳо донайи ашке наяфшонд).*

Боз аз шамотати аъдо барандешам, ки ба таъна дар қафойи ман бихандand ва саъйи маро дар ҳаққи иёл бар адами мурувват ҳамл кунанд ва гӯянд:

Мабин он беҳамийятро, ки ҳаргиз
Нахоҳад дид рӯйи некбахтӣ!
Ки осонӣ гузинад хештанро
Зану фарзанд бигзорад ба сахтӣ!

(Беҳамийят: *беғайрату бераг.*
Маънойи ду байт*: **Дида аз дидори он беғайрат, ки иёли хешро дар миҳнату ранҷ мегузораду танҳо осойиши худ меҷӯяд, фурӯ банд. Ин нокас дархури илтифоти кас нест ва ҳаргиз рӯйи саъодат нахоҳад дид).*

Ва дар илми муҳосабат, чунонки маълум аст, чизе донам вагар ба ҷоҳи шумо ҷиҳате муъайян шавад, ки мӯҷиби ҷамъияти хотир бошад, бақияти умр аз уҳдайи шукри он ниъмат бурун омадан натавонам.

Гуфтам:

– Амали подшоҳ, ай бародар, ду тараф дорад: умеду бим; яъне, умеди нону бими ҷон. Ва хилофи ройи хирадмандон бошад бад-он умед мутаъарризи ин бим шудан.

Кас наёяд ба хонаи дарвеш,
Ки хироҷи замину боғ бидиҳ.
Ё ба ташвишу ғусса розӣ бош,
Ё ҷигарбанд** пеши зоғ биниҳ!**.

(Ҷигарбанд: *«маҷмӯъи ҷигару шушу дилро гӯянд, хоҳ аз инсон бошад, хоҳ аз ҳайвоноти дигар ва ба арабӣ саводулбатн гӯянд… ва киноя аз фарзанд аст» («Бурҳони қотиъ»). Маъруф аст, ки зоғ ё калоғ ба хӯрдани ҷигарбанд ҳарис аст.*

******Ҷигарбанд пеши зоғ ниҳодан:*** *миҳнату ранҷи ҷонфарсо ихтиёр кардан; маънойи ҳақиқийи иборат ин аст: дилу ҷигари хешро берун кашидану дар пеши зоғ, ки ба хӯрдани он ҳарис аст, ниҳодан.*

***Маънойи байт**: Ё ба парешониву сахтиву дарвешӣ бисоз ё бо қабули кори девонӣ ба миҳнату ранҷи ҷонфарсо тан бидиҳ!).*

Гуфт:

– Ин муносиби ҳоли ман нагуфтӣ ва ҷавоби суъоли ман наёвардӣ. Нашнидайӣ, ки ҳар ки* хиёнат варзад, пушташ аз ҳисоб биларзад?!

***(Ҳар кӣ хиёнат варзад…:** дар арабӣ масал аст: «Алхоину хоъифун»; Яъне, «Марди норост ҳаросону тарсон аст»).*

Ростӣ мӯҷиби ризойи Худост*,
Кас надидам, ки гум шуд аз раҳи рост.***

***(*Ростӣ мӯҷиби…:** Дар «Маҷмаъ-ул-амсол» (2/328–329), ба ривоятиАбуҳурайра, аз Пайғамбар(с) нақл шудааст: «Касе, ки бо Худованд ростӣ пеш гирад, наҷот ёбад». Низ масал аст: «Ан-аҷоту фӣсидқи»–«растагорӣ дар ростист».*

****Ин байт** ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ва ҳукамо гӯянд: чор кас аз чор кас ба ҷон биранҷанд. Ҳаромӣ *(роҳзан, хунӣ)* аз султону дузд аз посбон ва фосиқ** аз ғаммозу** русвӣ** аз муҳтасиб. Ва онро, ки ҳисоб пок аст, аз муҳосиб чӣ бок аст?!

*(****Фосиқ**–зинокор, аз фисқ–зинокориву нофармониву норостқирдорӣ. **Ғаммоз**–суханчин. **Русвӣ**–зани бадкор, руспӣ. **Муҳтасиб**–боздоранда аз корҳое, ки дар шаръ мамнуъ аст).*

Макун фарохравӣ дар амал агар хоҳӣ,
Ки вақти рафъи ту бошад маҷоли душман танг.
Ту пок бошу мадор аз кас, ай бародар, бок,
Зананд ҷомаи нопок гозурон** бар санг.

(****Макун фарохравӣ…:** дар ин байт ду калимай–«амал»-у «рафъ» истилоҳи девонӣ (идорӣ)-ю молист. «Амал» шуғли девонӣ, бахусус умури молӣ будааст «омил» мутасаддийи он ва низ маъмури вусули молиёт. «Рафъ»–таъййину муҳосабайи даромаду ойиде.*

***Маънойи байт**: Агар мехоҳӣ ҳангоми расидагӣ ба ҳисоби туву авойиду махорич (даромад ва харҷҳо–О. Ш.) душман фурсату маҷоли эрод ба кори ту надошта бошад, дар умури девониву молӣ тундравӣ макун ва пойро аз ҳадди вазифа фаротар магузор.*

******Гозур:*** *ҷомашӯй. Дар қадим ҷомашӯ баройи зудудани олудагӣ ҷомайи чиркинро зимни шустан бар санг мекӯфт).*

Гуфтам:

– Ҳикояти он рӯбоҳ* муносиби ҳоли ту аст, ки дидандаш гурезону бехештан афтону хезон (***яъне, рубоҳро диданд ба ҳоле, ки аз худ бехуд шуда меафтод ва бармехосту мегурехт).*

(*Ҳикояти он рӯбоҳ…..: *ин ҳикоят собиқа дорад, Анварӣ онро чунин ба назм оварда:*

Рӯбаҳе медавид аз ғами ҷон,
Рӯбаҳи дигараш бидид чунон.
Гуфт: «Хайр аст? Боз гӯй хабар!»
Гуфт: «Хар гир мекунад султон!»
Гуфт: «Ту хар найӣ, чӣ метарсӣ?! »
Гуфт: «Оре, валекин одамиён
Менадонанду фарқ менакунанд
Хару рӯбоҳшон бувад яксон!
З-он ҳаметарсам, ай бародар, ман
Ки чу хар барниҳандмон полон!»… «»

Дар дафтари панҷуми «Маснавийи маънавӣ» омадааст:

Он яке дар хонае дармегурехт,
Зардрӯву лабкабуду рангрехт.
Соҳиби хона бигуфташ, «Хайр ҳаст,
Ки ҳамеларзад туро чун пир даст?
Воқиъа чун аст, чун бигрехтӣ?
Ранги рухсора чунин чун рехтӣ?
Гуфт: «Баҳри сухрайи шоҳи Ҳарун,
Хар ҳамегиранд имрӯз аз бурун!».
Гуфт: «Мегиранд, к-ӯ хар, ҷони ам,
Чун найӣ хар, рав туро з-ин чист ғам?!»
Гуфт: бас ҷидданду гарм андар гирифт,
Гар харам гиранд ҳам набвад шигифт.
Баҳри харгирӣ баровардану даст,
Ҷидди ҷидд тамййиз ҳам бархостаст.
Чунки бетамййизёнмон сарваранд,
Соҳиби харро ба ҷойи хар баранд!»).

Касе гуфташ:

– Чӣ офат аст, ки мӯҷиби махофат*(тарс)* аст?

Гуфто:

– Шунидаам, ки шутурро ба сухра *(баройи кори бемузд)* мегиранд.

Гуфт:

– Ай сафиҳ, шутурро бо ту чӣ муносабат аст ва туро бад-ӯ чӣ мушобаҳат?

Гуфт:

– Хомӯш, ки агар ҳасудон ба ғараз** гӯянд шутур аст ва гирифтор оям, киро ғами тахлиси ман дорад, то тафтиши ҳоли ман кунад? Ва то тарёқ аз Ироқ оварда шавад, моргазида мурда бувад.

*(**Ғараз:** хосту оҳангу нишонайи тир; дар қадим бештар ба маънойи нияти бад ва қасди суъ ба кор рафта. Мавлавӣ фармояд:*

Ғаразҳо тира дорад дӯстиро,
Ғаразҳоро чиро аз дил наронем?!

***Маънойи ду ҷумлайи охир**: Кас андешайи раҳонидани ман дар сар надорад. Кӣ ҳоламро биҷӯяд?*

***Ироқ:** ба касри аввал, шомили вилоятҳои марказийи Эрон– Ҳамадон, Исфаҳон, Малоир, Гулпойгон, Султонобод (Ароки имрӯзӣ) бувад. Дар ин ҷо мурод «аз Ироқ» ҷойҳое бисёр дур аст.*

****То тарёқ…:** ин иборат ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Туро ҳамчунин фазл асту диёнату тақвову амонат. Аммо мутаъаннитон дар каминанду муддаъиён гӯшанишин. Агар он чӣ ҳусни сирати ту аст, ба хилофи он тақрир кунанд ва дар маърази хитоби подшоҳ афтӣ, дар он ҳолат маҷоли мақолат бошад *(оё дар ҳоли гирифторӣ ба ту фурсати гуфтор медиҳад)*? Пас маслаҳат он бинам, ки мулки қаноъатро ҳиросат кунию тарки риёсат гӯйӣ.

Ба дарё-дар манофиъ бешумор аст
Вагар хоҳӣ саломат, бар канор аст!

*(***Маънойи байт:** Дар кори дарё (бозаргонӣ, сайд…) суд берун аз ҳисоб аст, вале агар эминию дурӣ аз газанд мечӯйӣ, дар соҳил биҷӯй.)*

Рафиқ ин сухан бишниду ба ҳам баромад ва рӯй аз ҳикояти ман дарҳам кашид ва суханҳойи ранҷишомез гуфтан гирифт. К-ин чӣ

ақлу кифоят асту фаҳму дироят? Қавли ҳукамо дуруст омад, ки гуфтаанд: «Дӯстон ба зиндон ба кор оянд, ки бар суфраи ҳама душманон дӯст намоянд».

Дӯст машмор он, ки дар ниъмат занад
Лофи ёрию бародархондагӣ.
Дӯст он донам, ки гирад дасти дӯст
Дар парешонҳолию дармондагӣ!

(**__Маънойи байти аввал:__ *Он, ки дар ҳангоми осониву хушӣ иддиъойи ёрӣ кунаду туро ба лофу газанд бародар хонад, дӯст мадон.*

***__Дӯст он донам ки…:__ *ин мисраъ ва байт ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Дидам, ки мутағаййир мешаваду насиҳат ба ғараз мешунавад, ба наздики соҳибдевон* рафтам, ба собиқайи маърифат (*дӯстӣ ва ошноийи пешин*)-е, ки дар миёни мо буд ва сурати ҳолаш баён кардаму аҳлийяту истиҳқоқаш бигуфтам, то ба коре мухтасараш насб карданд.

(__Соҳибдевон:__ *Шумсуддин Муҳаммади Ҷувайнӣ (бародари Алоуддин Атомалики Ҷувайнӣ), вазири маъруфи Ҳалокуву Абоқою Такудору Илхонони мугул, ки ба соли 683 кушта шуд. Вай нисбат ба Саъдӣ алоқаю эҳтиром дошт. Саъдӣ низ борҳо ӯро ситудааст.*

Дар истилоҳ «соҳибдевон» раиси девон, вазир, мутасаддийи умури молӣ ва нозири хизона будааст).

Чанде бар ин баромад. Лутфи табъашро бидиданду ҳусни тадбирашро** биписандиданд ва кораш аз он даргузашту ба мартабате волотар аз он мутамаккин шуд. Ҳамчунин нақми саъодаташ дар тараққӣ буд, то ба авҷи иродат бирасид** ва муқарраби ҳазрат ва мушорунилайҳ*ва муътамадуналайҳ* гашт.

(**__Лутфи табъ__*–нармхӯйӣ ва нексиришт.* __Ҳусни тадбир__*–некӯандешӣ ва жарфбинӣ.* __Мартабате волотар__*–пойгоҳе бартару мақоме баландтар;*

__То ба авҷи иродат бирасид:__ *то баландтарин дараҷайи муроду хости худ расид.*

__*Мушорун илайҳ:__ *ишорашуда ба ӯ, мавриди машварат.*

__Муътамадун алайҳ:__ *мавриди иътимод).*

Бар саломати ҳолаш шодмонӣ кардаму гуфтам:

Зи кори баста* маяндешу дил шикаста мадор,
Ки оби чашмайи ҳайвон** даруни торикист!

*(****Зи кори баста маяндеш…:*** *аз кори фурӯбаставу душвор нигарон машав (онро муҳим машумор) ва ноумеду ғамгин мабош. Назири ин байт дар «Асрор-ут-тавҳид» омадааст:*

Кор чун баста шавад, бикшоядо
В-аз паси ҳар ғам тараб афзоядо!

******Оби чашмайи ҳайвон:*** *оби чашмайи ҳаёт (ё бақо, ё зиндагӣ, ё Хизр, ё нӯш). Искандари Зулқарнайн ҳамроҳи Хизр, ки аз муқаддамони сипоҳу хешовандони вай буд, ба ҷустуҷӯйи оби ҳаёт рафт ва пас аз гузаштан аз торикиҳову қатъи марҳалаҳое душвор Хизр ба сарчашмайи оби ҳаёт расид ва аз он нӯшиду зиндагийи ҷовид ёфт, вале чун Зулқарнайн оҳанги рафтан ба чашма кард, ногоҳ чашма ниҳон гашту вай аз нӯшидани оби ҳаёт маҳрум монд.*

Маънойи байт*: Аз кори фурӯбаставу мушкил нигарон мабош ва навмед машав, ки ба чашмайи ҳайвон пас аз гузор аз торикиҳову душвориҳо тавон расид).*

* * *

Ало ло йаҷъаранна ахулбалийя,
Фалирраҳмони алтофун хафийя.

*(******Ало ло йаҷоъаранна…:*** *балозада бояд, ки зориву бетобӣ накунад , чиро ки Худованд алтофу иноёти ниҳонӣ дорад (ки баҳангом ба фарёди ӯ хоҳад расид) ва набояд аз раҳмату алтофи Илоҳӣ навмед бошад.*

Ва дар нусхайи чопи Тошканд:

Ало ло таҳзунанна ахолбалийя
Фа лирраҳмони алтофун хофийя.

Яъне, ҳон (огоҳ бош), ай гирифтори бало, ҳаргиз ғам махӯр; чиро ки Худованд ниҳонӣ лутфу иноят дорад (Таҳия ва баргардони Ӯктами Холиқназар).

* * *

Маншин туруш аз гардиши айём, ки сабр
Талх аст, валекин бари ширин дорад!

(***Сабр:*** *шикебу шикебойӣ ва низ ширайи дарахти талх.*
Маънойи байт*: **Аз даври рӯзгор ғамгин мабошу рӯй дарҳам макаш; шикебоӣ пеша кун, ки сабру бурдборӣ агарчи талху ногувор аст, вале бар асари он мевайи ширини комёбӣ ба даст меояд. Дар зимн иҳоме ба маънойи дувуми «сабр» ё «сабир» (ширайи дарахти талх) низ дорад. (Сабр–гиёҳи талх, алоэ–О. Ш.)*
*******Сабр…*** *талх аст, валекин бари ширин дорад–дар урфи муҳоварайи имрӯзи форсӣ мисраъи дувум ҳукми масали сойир пайдо кардааст. Ва ҷолиб он аст, ки калимайи «сабр»-ро аз поёни мисраъи аввал даровардаанд ва агарчи вазни мисраъи дувум дигаргун шуда, аммо номатбуъ нест ва онро ба ин сурат мехонанд: сабр талх аст, валекин бари ширин дорад).*

Дар он қурбат маро бо тоифае ёрон иттифоқи сафар афтод. Чун аз зиёрати Макка бозомадам, ду манзилам истиқбол кард *(*то ду манзил (таваққуфгоҳи мусофирон дар қадим) ба пешвози ман омад)*. Зоҳири ҳолашро дидам, парешону дар ҳайъати дарвешон *(дар ҳолу вазъи тангдастон)*.

Гуфтам:
– Чӣ ҳолат аст?
Гуфт:
– Ончунонки ту гуфтӣ, тоифае ҳасад бурданду ба хиёнатам мансуб карданд ва малик, дома мулкуҳу *(подшоҳии ӯ пайваста бод!)*, дар кашфи ҳақиқати он истиқсо нафармуд ва ёрони қадиму дӯстони ҳамим аз калимайи ҳақ хомӯш шуданд ва суҳбати дерин фаромӯш карданд.

Набинӣ, ки пеши худованди ҷоҳ
Ниёишкунон даст бар бар ниҳанд.
Агар рӯзгораш дарорад зи пой,
Ҳама оламаш пой бар сар ниҳанд.

(***Худованди ҷоҳ:*** *соҳиби бузургиву манзилат.*
Ниёишкунон*–дуъокунону офарингӯён.*

***Маънойи ду байт**: **Оё надидайӣ, ки мардум дар баробари соҳиби ҷоҳу бузургӣ офарингӯёну дуъокунон дасти адаб бар сина мениҳанд; ва агар ба тақаллуби аҳволи рӯзгор аз кор бияфтад, торакаш пайсипари ҳама мардумон мешавад).*

Филҷумла, ба анвоъи уқубат гирифтор будам, то дар ин ҳафта, ки муждайи саломати ҳуҷҷоҷ бирасид, аз банди гаронам халос кард ва милки* маврусам хос.

*(****Милки мавруси хос:** ҷузъи дувуми феъли мураккаб ба қарина ҳазф шудааст: хос карданд. Аксари шореҳону мутарҷимони «Гулистон» ин ҷумларо чунин таъбир кардаанд: муждайи тандурустийи ҳаҷгузорон, ки ба подшоҳ расид, маро аз занҷири сангин раҳоӣ бахшиду милки маврусӣ (ба ирс расида)-и маро хоси худ карду мусодара фармуд. Шодравон доктор Муҳаммади Хазойилӣ навиштааст: «Мумкин аст, пас аз халос моликияти ҷоеро ба ӯ дода бошанд, ба қисме, ки ба ирс қобили интиқол бошад. Шояд ҳам мурод аз «милки маврус» мақом бошад. Дар ҳар ҳол, дар ин ҷо маънойи ҳақиқийи «маврус» ирода нашуда, зеро қаҳрамони достон мол ё мақоме аз падар ба ирс набурдаву ҳатто худ пеш аз он ки Саъдӣ ба кораш гуморад, фоқиди молу манол будааст.»*

Ҳар ду мавриди мазкур дар шарҳи доктор Хазойилӣ баъид (дур–О. Ш.) ба назар мерасад: моликияти ҷоеро ба қаҳрамони ҳикоят додан, ки ба ирс қобили интиқол бошад, бо муқаддамоти пешин ва поёни ҳикоят таносуб надорад; «милки маврус» ба маънойи мақом ҳам бесобиқа аст.

Аммо иҳтимоли милки маврус баройи рафиқи Саъдӣ ҳаст. Шояд милке кӯчак буда, ки аз он даромаде нокофӣ (кафофи андак) доштааст…

******Маънойи ҷумла**: Шоҳ ба муждаи тандуруст бозомадани ҳоҷиён аз банду занҷир озодам кард ва милки меросийи маро мусодара фармуду ба худ ихтисос дод).*

Гуфтам:

– Он навбат ишорати ман қабулат наёмад, ки гуфтам: «Амали подшоҳон чун сафари дарёст. Хатарноку судманд. Ё ганҷ баргирӣ ё дар тилисм бимирӣ!».**

(*****Тилисм:** шаклу навиштае, ки ҷодугарон бар ганҷҳо таъбия кунанд, то аз осебу дастбурд маҳфуз бимонанд.*

***Маънойи ҷумла**: Дар ҷустуҷӯйи ганҷ ё зар бармегириву*

мебарӣ, ё дар банди ҷовидон гирифтор мемониву ҷон медиҳӣ).

Ё зар ба ҳар ду даст кунад хоҷа дар канор,
Ё мавҷ рӯзе афканадаш мурда бар канор**.

(**_**Маънойи байт:** Ё худованду миҳтар (ин ҷо мурод савдогару тоҷир) осудаву хуш бо ҳар ду даст бағалу доман пур аз зар кунад, ё гирифтори тӯфон шаваду ҷунбиши сахти мавҷ колбади бечӣони вайро бар соҳил андозад)._

Маслаҳат надидам аз ин беш реши дарунаш ба маломат харошидану намак пошидан. Бад-ин калима ихтисор кардем:

Надонистӣ, ки бинӣ банд бар пой,
Чу дар гӯшат наёмад панди мардум.
Дигар раҳ** чун надорӣ тоқати неш,
Макун ангушт дар сӯрохи каждум!

(**_**Дигар раҳ:** бори дигар._
***Маънойи ду байт**: Дар байти аввал истифҳом (пурсиш–О. Ш.)-и маҷозан муфиди тақриру тавбих (сарзаниш–О. Ш.) аст, яъне, оё надонистӣ, бо он, ки бояд бидонӣ, ки ҳар кас панд нашунавад, ба банд афтад! Пас, агар дигар тоби неш надорӣ, ангушт дар сӯрохи каждум макун (ба амали девону кори давлат тан мадиҳ, то осуда монӣ!)._

Ҳикоят (17)

Тане чанд аз равандагон дар суҳбати ман буданд. Зоҳири эшон ба салоҳ ороста ву якеро аз бузургон дар ҳаққи ин тоифа ҳусни занн *(гумон ва тасаввури хуб)*-е балиғ ва идроре*** муъайян карда. То яке аз инон ҳаракате кард на муносиби ҳоли дарвешон. Занни он шахс фосид шуд ва бозори инон косид *(беравнақ)*. Хостам, то ба тариқе кафофи ёрон мустахлас кунам**. Оҳанги хидматаш кардам. Дарбонам раҳо накарду ҷафо кард ва маъзураш доштам, ки латифон гуфтаанд:

*(***_**Ва идроре…: яъне**, мустамирре, муқарраре (ё моҳона ва ё солона–О. Ш.) ва назоири ин. Саъдӣ худ дар «Бӯстон» гӯяд:*

Маро дар Низомия идрор буд,

Шабу рӯз талқину такрор буд.

******Мустахлас:*** *раҳонида ва халоскарда. Маънойи ҷумла: Тасмим кардам, то ба навъе ваҷҳи маъоши ёронро, ки аз онон бозгирифта шуда буд, аз банди тавқиф (боздошт, аз ҳаракат бозмондан–О. Ш.) бираҳонаму ба онон бирасонам).*

Дари миру вазиру султонро
Бе василат магард пироман!

Сагу дарбон чу ёфтанд ғариб,
Ин гиребон-ш гирад, он доман!

Чандон, ки муқаррабони ҳазрати он бузург бар ҳоли вуқуф *(истодан)*-и ман вуқуф ёфтанд *(огоҳӣ ёфтанд),* ба икром даровардану бартармақом *(ҷойгоҳе бисёр некӯ)*-е муъайян карданд, аммо ба тавозӯъ фурӯтар нишастаму гуфтам:

Бигзор, ки бандайи каминам,
То дар сафи бандагон нишинам!

Гуфт:
– Аллоҳ, Аллоҳ чӣ ҷойи ин сухан аст:

*(**Аллоҳ, Аллоҳ:** ту дониву Худо, ту дониву Худо; туро ба Худо, туро ба Худо!*

******Маънойи ҷумла****: Туро ба Худо, чунин магӯй ё ҷойи ин гуна гуфтор нест!*

** **Ин ҷумларо** дар ҷойе, ки касе коре бикунад ё сухане бигӯяд, ки муносиби вай набуда бошад, истеъмол кунанд. («Луғатномайи Деҳхудо»). Ин таъбир дар ҳадиси набавӣ ва низ дар «Наҳҷ-ул-балоға» ба кор рафтааст. Ғазолӣ дар «Кимиёи саъодат», дар тарҷумайи бахше аз як ҳадиси набавӣ, менависад: «… валлоҳ, валлоҳ дар ҳадиси занон, ки эшон асиронанд дар дасти шумо, бо эшон зиндагийи некӯ кунед» («Кимиё», 1, 314). Саноӣ гӯяд:*

Гуфтӣ, ки бирав, накӯтаре аз ман гир,
Аллаҳ, Аллаҳ, аз ин накӯтар, ки туӣ?!

Ҳофиз гӯяд:

Дил басе хун ба каф оварду вале дида бирехт,

Аллаҳ, Аллаҳ, кӣ талаф карду кӣ андӯхта буд!).

Гар бар сару чашми мо нишинӣ**
Борат бикашам, ки нозанинӣ!

*(**__Маънойи байт:__ Агар қадам бар тораку дидайи мо ниҳӣ, таҳаммул мекунам, ки дилпазиру нозпарвардӣ.*

**** __Ин байт__ ҳукми масали сойир пайдо кардааст. Дар тадовул омма гӯянд: «Нозат бикашам, ки нозанинӣ!»)*

Филҷумла, бинишастам ва аз ҳар даре сухан пайвастам. То ҳадиси зиллат *(рафтори нописанд)*-и ёрон дар миён омаду гуфтам:

Чӣ ҷурм дид худованди собиқулинъом,
Ки банда дар назари хеш хор медорад?!
Худойрост мусаллам бузургвориву ҳукм,
Ки ҷурм бинаду нон барқарор медорад**.

(__Собиқулинъом:__ касе, ки ниъмати ӯ бар хидмат пешӣ гирад; инъом–ниъмат бахшидан. __Мусаллам__–муҳаққақу муқаррару собит.

__Маънойи ду байт__: Мавлойи мо (валиниъмати мо) чӣ гуноҳе аз бандагон дид, ки ононро хор дошт? Фазлу фармонфармоӣ танҳо Додори ҷаҳонро сазовор аст, ки гуноҳ мебинад, вале вазифайи рӯзӣ (нон) намебурад).

Ҳоким ин суханро азим биписандид ва асбоби маъоши ёрон фармуд, то бар қоъидайи мозӣ муҳайё доранд ва маъунати айёми таътил вафо кунанд***. Шукри ниъмат бигуфтаму замини хидмат бибӯсидам ва узри ҷасорат бихостам ва дар вақти бурун омадан гуфтам:

*(***__Ва маъунати…:__ харҷи рӯзҳоеро, ки мустамиррӣ (маъоши доим–О. Ш.) пардохта нашуда буд, ба таври комил бипардозанд).*

Чу Каъба қиблайи** ҳоҷат шуд, аз диёри баъид
Раванд халқ ба дидораш аз басе фарсанг.
Туро таҳаммули амсоли мо бибояд кард,
Ки ҳеч кас назанад бар дарахти бебар санг***!

*(**__Каъба:__ хонайи Худо; хонаест, сангину чаҳоргӯша; __Қибла__–*

ҷиҳат ва ҷониб; ҷиҳате, ки дар намоз бад-он рӯй оваранд. ***Диёри баъид****–шаҳрҳойи дур; диёр–ҷамъи «дор» («дорун»), ки ба маънойи хона ва ба маҷоз ба маънойи шаҳру мулк ба кор меравад.*

Маънойи ду байт*: Чун хонайи Худо қиблагоҳи ниёзи ҷаҳониён аст, мардум аз шаҳрҳойи дур бо паймудани фарсангҳо баройи баромадани ҳоҷати хеш ва талаби омурзиш бад-он хона рӯй меоваранд. Даргоҳи таваҳҳум қиблайи арбоби ниёз аст; пас, аз анбуҳи хоҳандагон ба сутӯҳ маё, чӣ кас бар дарахти бесамар санг наяфканад.*

**** **Ки ҳеч кас…:** дар қитъайи мансуб ба Ҳофиз ва, гӯё, мутаъаллиқ ба Ибни Ямин омадааст:*

Кам мабош аз дарахти сояфикан,
Ҳар кӣ сангат занад, самар бахшаш!

Ин маънову мазмун дар осори Саъдӣ фаровон аст).

Ҳикоят (18)

Маликзодайе ганҷи фаровон аз падар мерос ёфт. Дасти карам баркушоду доди саховат бидод ва ниъмати бедареғ бар сипоҳу раъийят бирехт.

Наёсояд машом аз таблайи уд,
Бар оташ ниҳ, ки чун анбар бибӯяд!
Бузургӣ боядат, бахшандагӣ кун,
Ки дона, то наяфшонӣ, нарӯяд**!

*(*****Маънойи ду байт****: Бинӣ аз сандуқчайи уд лаззат намеёбад, магар он гаҳ, ки порае аз он бар оташ ниҳанд, то чун анбар бӯйи хуш диҳад; агар туро бузургӣ бояста (лозим бошад–О. Ш.) ва ба кор аст, дасти бахшиш бикушо, зеро ин ниҳол ҷуз аз тухми карам нарӯяд).*

Яке аз ҷуласойи бетадбир насиҳаташ оғоз кард, ки мулуки пешин мар ин ниъматро ба саъй андӯхтаанд ва баройи маслаҳате ниҳода**. Даст аз ин ҳаракат кӯтоҳ кун, ки воқиъаҳо *(пешомадҳо)* дар пеш асту душманон аз пас. Набояд, ки вақти ҳоҷат фурӯ монӣ *(мабодо, ки ҳангоми зарурат дармонда шавӣ)*.

*(*****Маънойи ҷумла**: Шоҳони гузашта ҳамоно ин молро бо кӯшиши фаровон гирд овардаву баройи салоҳу осойиши мулк андӯхтаанд).*

Агар ганҷе кунӣ, бар омиён бахш,
Расад ҳар кадхудоеро биринҷе*.
Чиро настонӣ аз ҳар як ҷаве сим,
Ки гирд ояд туро ҳар вақт ганҷе?

*(****Агар ганҷе…:** агар ганҷеро байни умуми мардум тақсим кунӣ, ба ҳар соҳибхонаву райиси хонаводае як биринҷ хоҳад расид).*

Малик рӯй аз ин сухан ба ҳам оварду мар варо зачр фармуд ва гуфт:

– Маро Худованди Таъоло молики ин мамлакат гардонидааст, то бихрам ва бибахшам, на посбон, ки нигоҳ дорам!

Қорун ҳалок шуд, ки чиҳил хона ганҷ дошт,
Нӯшинравон намурд, ки номи накӯ гузошт*!

*(******Қорун:** аз сарватмандони афсонавӣ ва гарданкашони беамони Банӣ-Исроил, аз мушовирон ва ҳамдастони Фиръавн ва мухолифону мункирони Ҳазрати Мусо(а), ки достони сарвати бекарону шумаш дар адабиёти форсиву арабӣ маъруф аст. Ва ба номи ӯ се бор дар Қуръон тасреҳ шудааст (Қасас, 76-82; Анкабут, 39-40; Ғофир, 24-25). Саранҷом, Худованд ӯро ба кайфари бади амалҳояш бо ҳама ганҷхонаҳояш ба аъмоқи замин фурӯ бурд.*

*****Нӯширвон намурд…:** Анӯширвон намурдааст, зеро аз худ номи некӯ бақой гузоштааст).*

Ҳикоят (19)

Овардаанд, ки Нӯшинравони Одилро дар шикоргоҳе сайд кабоб карданду намак набуд. Ғуломе ба русто рафт, то намак орад. Нӯширвон гуфт:

– Намак ба қимат биситон, то расме нашавад ва деҳ хароб нагардад (***намакро ба баҳойи рӯз бихар, на камтар, то ба ситам ойини нодурусте бунёд наниҳӣ).*

Гуфтанд:

– Аз ин қадар чӣ халал ояд?

Гуфт:

– Бунёди зулм дар ҷаҳон аввал андаке будааст. Ҳар кӣ омад, бар ӯ мазиде карда, то бад-ин ғоят расида!

Агар зи боғи раъийят малик хурад себе*,
Баровaранд ғуломони ӯ дарахт аз бех.
Ба панҷ байза, ки султон ситам раво дорад,**
Зананд лашкариёнаш ҳазор мурғ ба сих!

*(*Агар зи боғи раъийят..: Дефремери дар тарҷумайи фаронсавийи «Гулистон» ба муносабати ин байт ёддошти зерро навиштааст:*

«Агар филмасал аз мазраъае, ки аз они ӯ нест
Подшоҳе себе бар мегирад,
Дарбориёни бебанду бори ӯ густох мешаванд
Ва рӯзи баъд дарахтро мебуранд».

Сипас Дефремери меафзояд, ки Флориён (қиссапардози фаронсавӣ, 1755–1794) назири чунин андешаеро дар фобули 21, китоби 2, ба унвони ***«Ie Roide Perse»****, яъне, «Подшоҳи Эрон», баён кардааст. Тарҷумайи он чунин аст: «Яке аз шоҳони Эрон рӯзе бо ҷумлайи дарбориёни худ ба шикор машғул буд. Ташна шуд, аммо дар он дашт чашмае пайдо намешуд. Наздики он ҷо фақат боғе бузург пур аз меваҳойи зебойи бодрангу норинҷу ангур буд. Шоҳ гуфт: Худо накунад, ман аз ин меваҳо бихураму ин боғро дучори хатаре чунин бузург кунам; охир, ман танҳо норинҷе аз ин боғ бичинам, вазирони ман бӯстонро якҷо хоҳанд хӯрд!»*

*******Ин байт*** *ҳукми масали сойир пайдо кардааст.*

******Маънойи байти охир****: Агар подшоҳе ба ситам ба қадри панҷ тухми мурғ аз мардум бигирад, сипоҳиёнаш ҳазор мурғ аз моли раъоё (ҷамъи раъийят–О. Ш.) ба ноҳақ биситонанду туъмайи хеш созанд).*

Ҳикоят (20)

Ғофилеро шунидам, ки хонайи раъийят хароб кардӣ, то хизонайи султон обод кунад. Бехабар аз қавли ҳакимон, ки гуфтаанд: «Ҳар кӣ Худойро*, азза ва ҷалла, биёзорад, то дили халқе ба даст орад, Худованди Таъоло ҳамон халқро бар ӯ гуморад, то дамор аз

рӯзгораш барорад».

*(****Ҳар кӣ Ҳудойро…:*** *шодравон доктор Муҳаммади Хазойилӣ ин суханро тарҷумайи ҳадиси зер шумурдааст: «Ман аъона золиман саллатаҳуллоҳу алайҳи»; яъне, «касе, ки ситамкореро ёрӣ кунад, Худо бар ӯ ҳамон ситамкорро чира хоҳад сохт». Бадеҳист, байни ҳадиси мазкур ва матни «Гулистон», ки аз қавли ҳукамо нақл шуда, тафовуте вуҷуд дорад).*

Оташи сӯзон накунад бо сипанд**,
Он чӣ кунад дуди дили дардманд!

*(*****Сипанд:*** *тухме бошад, ки ба ҷиҳати дафъи чашмзахм (назари бад) сӯзанд.*

Маънойи байт*: Оҳи мазлумон дар сӯхтани кохи ситам беш аз оташ дар сипанд дармегирад).*

Сари ҷумлайи ҳайвонот гӯянд, ки шер аст ва азалли ҷонварон хар. Ва ба иттифоқ хари борбар биҳ, ки шери мардумдар.

Мискин хар агарчи бетамиз аст,
Чун бор ҳамебарад, азиз аст.
Говону харони борбардор
Биҳ з-одамиёни мардумозор!

*(**Мискин хар агарчи...:** ин байт ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Боз омадем ба ҳикояти вазири ғофил. Маликро замойими** ахлоқи ӯ ба қаройин маълум шуд. Дар шиканҷа кашиду ба анвоъи уқубат бикушт.

*(*****Замойими ахлоқ:*** *замойим ҷамъи замима аст (бо ҳарфи «зол»–О. Ш.) ба маънойи накӯҳидаву зишт.* ***Қаройин****–ҷамъи қарина ва қарина (ба фатҳи аввал) муносабат ва ҳамонандӣ (монанди ҳам–О. Ш.) миёни ду чиз.*

Замойими ахлоқ*–ношоистагиҳо, зиштиҳойи ахлоқ.).*

Ҳосил нашавад ризойи Султон,
То хотири бандагон наҷӯйӣ.
Хоҳӣ, ки Худой бар ту бахшад,
Бо халқи Худой кун накӯйӣ!

(***Ризойи Султон:*** ***мурод хушнудийи Подшоҳи подшоҳон.*

Маънойи байт*: То дили бандагонро ба даст наёрӣ, Эзиди Якто–Подшоҳи подшоҳон аз ту хушнуд нагардад. Саъдӣ дар ҷойи дигар Подшоҳи подшоҳонро ба ҳамин маънойи Худо овардааст:*

Чӣ бошад Подшоҳи подшоҳон
Гар омурзиш кунӣ мушти гадоро?!).

Овардаанд, ки яке аз ситамдидагон бар сари ӯ бигузашт ва дар ҳоли табоҳи ӯ таъаммул карду гуфт:

На ҳар кӣ қуввати бозуйи мансабе дорад,
Ба салтанат бихурад моли мардумон ба гизоф**.
Тавон ба ҳалқ фурӯ бурдан устухони дурушт,
Вале шикам бидарад, чун бигирад** андар ноф!

(***Ба гизоф:*** *ба беҳуда, ба ботил ва ба ноҳақ.*

Маънойи байт*: Ҳар кӣ қудрате ба иллати ҷоҳу мақоми хештан ёбад, набояд моли мардумонро ба ноҳаққу ботил ба қаҳру ғалаба бибарад.*

*****Бигирад:*** *ин ҷо феъл лозим аст, яъне, гир кунаду банд гардад.*

Маънойи байти дувум*: Устухонпораро мумкин аст аз роҳи гулӯ фурӯ бурд; чун ба рӯда расад, гир кунаду мӯҷиби даридани шикам гардад).*

* * *

Намонад ситамкори бадрӯзгор,
Бимонад бар ӯ лаънати пойдор!

Ҳикоят (21)

Мардумозореро ҳикоят кунанд, ки санге бар сари солиҳе зад. Дарвешро маҷоли интиқом набуд. Сангро нигоҳ ҳамедошт то замоне, ки маликро бар он лашкарӣ хашм омаду дар чоҳ кард. Дарвеш андар-омад ва санг дар сараш кӯфт.

Гуфто:

– Ту кистӣ ва маро ин санг чиро задӣ?

Гуфт:

– Ман фулонам ва ин ҳамон санг аст, ки дар фулон таърих бар сари ман задӣ.

Гуфт:

– Чандин рӯзгор куҷо будӣ?

Гуфт:

– Аз ҷоҳат андеша ҳамекардам. Акнун, ки дар чоҳат дидам, фурсат ғанимат донистам.

Носазоеро, ки бинӣ бахтёр**,
Оқилон таслим карданд ихтиёр.
Чун надорӣ нохуни даррандатез,
Бо дадон он биҳ, ки кам гирӣ ситез.
Ҳар кӣ бо пӯлодбозу панҷа кард,
Соъиди мискини худро ранҷа кард.
Бош, то дасташ бибандад рӯзгор,
Пас ба коми дӯстон мағзаш барор!

*(*****Носазо:*** *ношойиста, ноаҳл; сифатест, ки ба сурати исм даромада.* ***Бахтёр****–соҳиббахт, доройи бахти мусоъид; сифати мураккаб аст, ҷузви дувуми он аз феъли «доштан» аст, ки дар паҳлавӣ ба сурати «дор» омадааст ва дар форсӣ ба ҳар ду сурат– «ёр» ва «дор» дар калимоте монанди «шаҳрёр» ва «шаҳрдор» дида мешавад.*

Маънойи байт*: Чун ноаҳлеро пирӯзбахту чираву худкома ёбӣ, ба шевайи хирадмандон ба таслим гарой ва беҳуда бо вай дармаёвез.*

******Маънойи байти охир****: Бимону фурсат нигоҳ дор, то рӯзгор вайро бечора кунад, он гоҳ ба муроди дили дӯст, ки ҳамон муроди хотири туст, мағзашро аз косаи сар берун ор ва ба зорийи зор ҳалокаш кун!).*

Ҳикоят (22)

Якеро аз мулук маразе ҳойил буд, ки иъодати* зикри он нокардан авло. Тоифайи ҳукамо *(пизишкон)*-и Юнон муттафиқ шуданд, ки мар ин дардро давое нест, магар заҳрайи одамӣ ба чандин сифат мавсуф. Бифармуд талаб кардан. Деҳқонписаре** ёфтанд бар он сурат, ки ҳакимон гуфта буданд.

*(****Иъодати зикри он…:****–такрор накардани ёди он шойистатар аст. ***Маълум мешавад, Саъдӣ «авло»-ро ҳам ба кор мебурд. Муътақид набудааст, ки ҳамвора бояд авлотар ба кор ба-*

рад, агарчи дар ҳамин ҳикоят «авлотар» дида мешавад–«ҳалоки ман авлотар аст аз хуни бегуноҳе рехтан» (низ ниг. ба ҳикояти 31 ҳамин боб, ёддошти: ***«пас ба дасти ту авлотар»).***

******Деҳқон:*** *муъарраби деҳгон, кишоварз ё миҳтари кишоварзон; райиси деҳ).*

Падарашро ва модарашро бихонд ва ба ниъмати бекарон хушнуд гардониданд. Ва қозӣ фатво дод, ки хуни яке аз раъийят рехтан саломати подшаҳро раво бошад. Ҷаллод* қасд кард.

*(****Ҷаллод:*** *дужхим, иҷрокунандаи эъдом. Маънойи луғавийи он «тозиёнazананда» аст).*

Писар сар сӯйи осмон бароварда ва табассум кард. Малик пурсидаш, ки дар ин ҳолат чӣ ҷойи хандидан аст?

Гуфт:

– Нози фарзандон бар падарону модарон бошад ва даъво пеши қозӣ баранд ва дод аз подшаҳ хоҳанд. Акнун падару модар ба иллати ҳутом *(*моли андак)*-и дунё маро ба хун дарсупурданд ва қозӣ ба куштан фатво дод ва султон масолиҳи хеш андар ҳалоки ман ҳамебинад. Ба ҷуз Худойи азза ва ҷалла паноҳе намебинам.

Пеши кӣ бароварам зи дастат фарёд?**
Ҳам пеши ту, аз дасти ту гар хоҳам дод!

*(*****Маънойи байт:*** *Аз дасти ту ба назди кас натавонам нолиду агар аз бедоди ту инсоф талабам, ҳамоно дар пешгоҳи ту бояд.*

Ин мазмунро Саъдӣ борҳо овардааст, аз ҷумла р. к: ҳикояти 3 боби панҷум: «Баъд аз ту малозу малҷаъе нест…» ва низ ба тавзеҳоти он; ҳикмати 95 боби ҳаштум: «Аз Ту ба кӣ нолам, ки дигар довар нест» ва тавзеҳоти марбут ба он. Мисолҳо аз ғазалиёти ӯ:

Аз душманон баранд шикоят ба дӯстон,
Чун дӯст душман аст, шикоят куҷо барам?!

Ҳар чӣ кунӣ, ту барҳақӣ, ҳокиму дасти мутлақӣ,
Пеши кӣ доварӣ баранд аз ту, ки хасму доварӣ.

Ду байти бахир бахусус шабоҳат дорад бо ин байти Мутанаббӣ:

Ё ъадаланноси илло фӣ муъомалатӣ,
Фикалхисому ва анталхасмулҳаками.

Яъне: «Ай одилтарини мардум, ҷуз дар рафтор бо ман, шикоят аз ту дораму даъво ба назди ту меоварам ва ту ҳам хасм ҳастиву ҳам довар».

Носири Хусрав гуфтааст:

Чиро баски надиҳем худ додиҳеш?!
Аз он баски худ хасму худ доварем!).

Султонро дил аз ин сухан ба ҳам баромаду об дар дида бигардонид ва гуфт:

– Ҳалоки ман авлотар** аст аз хуни бегуноҳе рехтан.

Сару чашмаш бибӯсиду дар канор гирифт ва ниъмати беандоза бахшиду озод кард ва гӯянд ҳам дар он ҳафта шифо* ёфт.

*(*****Авлотар:*** *сазовортар; дар форсӣ гоҳе «авлотар» ба ҷойи «авло», ки худ сифати тафзилӣ (бартар, афзал–О. Ш.) аст, ба кор меравад, чунонки ҳар ду сурат дар ҳамин ҳикоят дида мешавад.*

*****Шифо ёфт:*** *назири чунин ҳикояте бо ҳамин натиҷа дар «Муҳозарот-ул-удабо» (1/200) дида мешавад, ки гӯё манбаъи ин ҳикояти Саъдӣ бошад; мунтаҳо он ривоят тафовутҳое дорад ва хулосааш чунин аст: «Вақте табибон аз муъолаҷайи марази подшоҳ (навъе думмал) оҷиз мешаванд, вай ононро ба норостӣ муттаҳам ва дар сурати дармон накардани ӯ ба куштан таҳдид мекунад Табибон муттафиқ мешаванду мегӯянд: дармони ту ба ин аст, ки писарбаччае даҳсоларо биёбӣ; яке аз падару модари ӯ сари кӯдак ва дигаре ду пояшро бигирад ва ту бо ризояти он ду ӯро бикушиву хунашро биёшомӣ. Ва низ гуфтаанд, мо таҳқиқ кардаем ва чунин касе пайдо намешавад.*

Подшоҳ дастур дод, дар шаҳрҳо эълом карданд. Иттифоқан, марде фақир буд, ки фарзандонаш, ки ба даҳсолагӣ мерасиданд, мемурданд ва писаре дар шуруфи даҳсолагӣ дошт. Вай ба зани худ гуфт: «Биё, ин писарро, ки дар ҳар ҳол хоҳад мурд, ба назди подшоҳ барему пули муқаррарро бигирем». Зан низ ризоят дод ва кӯдакро пеши подшоҳ бурданд. Яке сари ӯро гирифт ва дигаре ду пояшро, подшоҳ низ кордро баргирифт ва чун ба куштани ӯ рӯй овард, тифл хандид. Подшоҳ гуфт: «Аз чӣ механдӣ, дар ҳоле, ки кушта мешавӣ?» Гуфт: «Ман дидаам, ки модар тифли хешро шир медиҳаду худ аз ӯ муроқабат мекунад, сипас падар

ҳимояташро бар уҳда мегирад ва чун бузург мешавад, подшоҳ сарпарастии умури ӯро дорад ва шумо се тан бар куштани ман иттифоқи раъй ҳосил кардаед! Пас шикоят ба чӣ касе барам?»

Аз ин сухан дили подшоҳ ба дард омад ва кордро афканд. Он гоҳ ҷароҳаташ сар кушуду биҳбуд ёфт. Писарро низ озод карду ӯро ба фарзандӣ пазируфт».

Шодравон Муҳаммади Қазвинӣ ба ин ҳикоят дар «Муҳозарот-ул-удабо» ишора кардааст).

Ҳамчунон дар фикри он байтам, ки гуфт
Пилбоне бар лаби дарёи Нил:

«Зери поят гар бидонӣ ҳоли мӯр,
Ҳамчу ҳоли туст зери пойи пил!».

*(**Маънойи байт**: **Ҳанӯз дар андешайи он байтам, ки нигаҳбони пилон дар соҳили рӯди Нил мегуфт: «Агар хоҳӣ аз ҳоли худ дар зери пойи пил огоҳ шавӣ, ба ҳоли мӯре дар зери қадами хеш бинигар!». «Дарё» дар форсӣ ба маънойи рӯдхонайи бузург ба кор рафта, монанди Омударё (рӯдхонайи Ҷайҳун) ва Сирдарё (рӯдхонайи Сайҳун).*

Ҳикоят (23)

Яке аз бандагони Амри Лайс гурехта буд. Касон дар ақибаш бирафтанд ва бозоварданд. Вазирро бо вай ғаразе буд ва ишорат ба куштан фармуд, то дигар бандагон чунин феъл раво надоранд. Банда пеши Амр сар бар замин ниҳоду гуфт:

*(***Амри Лайс:** «Амр ибни Лайс (мутаваффойи 289 ҳ. қ.) дувумин амир (265-287) аз силсилайи Саффориён; бародар ва ҷонишини Яъқуби Лайс…» –«Доиратулмаъорифи форсӣ»).*

Ҳар чӣ равад бар сарам, чун ту писандӣ, равост**,
Банда чӣ даъво кунад, Ҳукм худовандрост!

*(****Маънойи байт:** Ҳар ситаме, ки ба салоҳдиди ту бар ман равад, сазост ва мани бандаро эътирозеву гирифте нест, чӣ ҳукму фармон вижаи сарварону худовандгорон аст).*

Аммо ба мӯҷиби он, ки парвардайи ниъмати ин хонадонам,

нахоҳам, ки дар Қиёмат ба хуни ман гирифтор ойӣ. Иҷозат фармой, то вазирро бикушам, он гаҳ ба қисоси ӯ бифармой хуни маро рехтан, то ба ҳақ кушта бошӣ.

Маликро ханда гирифт. Вазирро гуфт:

– Чӣ маслаҳат мебинӣ?

Гуфт:

– Ай худованди ҷаҳон, аз баҳри Худой, ин шӯҳдида *(*беҳаё)*-ро ба садақоти гӯри падар озод кун, то маро дар балое наяфканад. Гуноҳ аз ман аст ва қавли ҳакимон муътабар, ки гуфтаанд:

Чу кардӣ бо кулӯхандоз пайкор,
Сари худро ба нодонӣ шикастӣ!
Чу тир андохтӣ бар рӯйи душман,
Чунин дон, к-андар омоҷаш нишастӣ!

Ҳикоят (24)

Малики Завзанро хоҷае буд каримуннафси некмаҳзар, ки ҳамгинонро дар мувоҷаҳа хидмат кардиву дар ғайбат накӯйӣ гуфтӣ.

*(****Завзан:*** *ки онро бештар бо фатҳи аввал ва савум навиштаанд, номи ноҳияе, ки дар қадим ҷузъи Нишопур ва имрӯз аз тавобеъи шаҳристони Турбати Ҳайдария аст…*

Малики Завзан*–Қивомуддин Муъаййадулмалик Абубакр Алийи Завзаниро аз риҷоли даврайи Султонмуҳаммади Хоразмшоҳ донистаанд, ки марде бохайр буда ва дар Хуросон мадрасаҳову работҳо сохтаву ба ҳукумати Кирмон низ гумошта шудааст (Абдулазими Қариб бар асоси ҷилди дувуми «Таърихи Ҷаҳонкушой»-и Ҷувайнӣ).*

Иттифоқан, аз ӯ ҳаракате дар назари султон нописанд омад. Мусодара фармуду уқубат кард ва сарҳангони малик ба савобиқи ниъмати ӯ муътариф буданду ба шукри он муртаҳан. Дар муддати тавкили ӯ рифқу мулотафат кардандӣ ва зачру муъоқабат раво надоштандӣ.

Сулҳ бо душман агар хоҳӣ, ҳар гаҳ ки туро
Дар қафо айб кунад, дар назараш таҳсин кун!
Сухан охир ба даҳон мегузарад музиро,
Суханаш талх нахоҳӣ, даҳанаш ширин кун**.

*(*****Маънойи ду байт****: Агар бо душман оҳанги оштӣ дорӣ, чун дар ғайбат забон ба айбҷӯйӣ кушояд, ту дар ҳузур аз вай ба некӣ ёд куну некаш бишумор. Боре мардумозор бо захми забон касонро меозорад. Пас, агар аз вай намехоҳӣ сухани талх бишнавӣ, ба нӯши иҳсон даҳонаш ширин кун, то аз ту бад нагӯяд).*

Он чӣ мазмуни хитоби** малик буд, аз уҳдайи баъзе бадар омад ва бақияте дар зиндон бимонд.

*(*****Мазмуни хитоб****: ин ҷо мурод миқдори молест, ки шоҳ аз вай хоста буд. Маънойи ду ҷумлайи ахир: Бархе аз моле, ки шоҳ аз вай бозхоста буд, бипардохту баройи таъдия (пардохтан, адо кардан–О. Ш.)-и боқийи маблағ маҳбус монд).*

Овардаанд, ки яке аз мулуки навоҳӣ дар хуфия паёмаш фиристод, ки мулуки он тараф қадри чунон бузургвор надонистанд ва беиззатӣ карданд. Агар ройи азизи фулон, аҳсаналлоҳу халосаҳу**(Худованд раҳойиши ӯро нек гардонод;** Худованд ӯро ба некиву биҳтарин вақҳ раҳойӣ бахшад)*, ба ҷониби мо илтифоте кунад, дар риъояти хотираш ҳарчи тамомтар саъй карда шавад ва аъёни ин мамлакат ба дидори ӯ муфтақиранду ҷавоби ин ҳарфро мунтазир.

Хоҷа бар ин вуқуф ёфт ва аз хатар андешиду дарҳол ҷавобе мухтасар, чунонки маслаҳат дид, бар қафойи варақ набишту равон кард. Яке аз мутаъаллиқон воқиф шуду маликро эълом кард, ки фулонро, ки ҳабс фармудӣ, бо мулуки навоҳӣ муросала дорад. Малик ба ҳам баромаду кашфи ин хабар фармуд (***Яъне, дастур дод, парда аз рози ин хабар баргиранд)*. Қосидро бигирифтанду рисолат *(нома)* бихонданд. Набишта буд, ки ҳусни занни бузургон беш аз фазилати мост ва ташрифи** қабуле, ки фармуданд, бандаро имкони иҷобат нест. Ба ҳукми он, ки парвардайи ниъмати ин хонадон аст ва ба андак мояи тағйир бо валиниъмат бевафоӣ натавон кард. Чунонки гуфтаанд:

*(*****Ташрифи қабул:*** *хилъати ҳусни қабул ва пазироӣ. Ҳофиз фармояд:*

Ҳар чӣ ҳаст аз қомати носози беандоми мост,
Варна ташрифи ту бар болои кас кӯтоҳ нест!

Ташриф*–бузург гардонидан ва бузург доштан; маҷозан, ба алоқайи сабабият ба маънойи хилъат. Имкони иҷобат–тавони пазириш).*

Онро, ки ба ҷойи туст** ҳар дам караме*,
Узраш биниҳ, ар кунад ба умре ситаме!

*(**__Ба ҷойи ту:__ дар борайи ту ва дар ҳаққи ту.*

Маънойи байт: *Касе, ки дар борайи ту ҳар нафас иҳсоне кунад, агар пас аз умре некӣ як бор бар ту ситаме ронад, пӯзиши вай бипазиру маъзураш дор. *Дар борайи «ба ҷойи» (= дар ҳаққи)ниг. ба ёддошти ҳикояти 4 ҳамин боб: «ба ҷойи некмардон»).*

Маликро сирати ҳақшиносӣ аз ӯ писанд омаду хилъату ниъмат бахшид ва узр хост, ки хато кардам, туро бе ҷурму хато озурдан.

Гуфт:

– Ай худованд, банда дар ин ҳолат мар худовандро хато намебинад. Тақдир *(фармону хост)*-и Худованди Таъоло буд, ки мар ин бандаро макруҳе бирасад. Пас ба дасти ту авлотар, ки савобиқи ниъмат бар ин банда дориву аёдийи** миннат ва ҳукамо гуфтаанд:

*(**__Аёдийи миннат:__ ниъматҳойи иҳсон; «аёдӣ»–ба фатҳи аввал–ҷамъи «айдӣ» (ба фатҳи аввал ва сукуни дувум ва касри савум)-сту «айдӣ» ҷамъи «йад» аст, ки чандин маънӣ дорад, аз ҷумла, ниъмату иҳсону накӯйӣ дар ҳаққи касе ва «аёдӣ» дар форсӣ ба ҳамин маънист ва бештар ба танҳойӣ, бидуни изофа ба калимайи «миннат» ба кор меравад. Дар «Чаҳор мақола»-и Низомийи Арузийи Самарқандӣ, сафҳайи 77, ба кӯшиши доктор Муъин, омадааст: «Ҳаййи Қутайба, ки омили Тӯс буд ва ба ҷойи Фирдавсӣ аёдӣ дошт». «Аёдийи миннат», яъне, ниъматҳое, ки иҳсони вай буд).*

Гар газандат расад зи халқ, маранҷ,
Ки на роҳат расад зи халқ, на ранҷ.
Аз Худо дон хилофи душману дӯст,
К-ин дили ҳар ду дар тасарруфи Ӯст.
Гарчи тир аз камон ҳамегузарад,
Аз камондор бинад аҳли хирад.

*(**__Гарчи тир аз камон…:__ ишора аст ба ояи шарифа: «ҳангоме, ки тир андохтӣ, на ту тир андохтӣ, балки Худо тир афканд» (Анфол, ояи 17).*

Ин байт *ҳукми масали сойир пайдо кардааст.*

***__Хулосайи маънойи се байт__**: Агар аз мардум ба ту осебе расад, озурдадил мабош, ки халқро он тавон нест, ки ба кас ранҷе расонад. Агар душман бо ту ба душманӣ бархезад ё дӯсте дар*

борайи ту бад андешад, ҳаволат ба тақдири эзидӣ кун , ки дили ин ҳар ду дар қабзайи тасхири Ӯст, чунонки новаки дилдӯз агарчи аз камон кушояд, хирадманд донад, ки кушойиш аз тирандоз асту аз камон нест.)

Ҳикоят (25)

Яке аз мулуки араб, шунидам, ки мутаъаллиқонро ҳамегуфт: «Марсуми** фулонро чандонки ҳаст, музоъаф *(дубаробар, дучандон)* кунед, ки мулозими даргоҳ асту мутарассиди фармон. Ва дигар хидматгорон ба лаҳву лаъаб *(корҳойи беҳуда)* машғуланд ва дар адойи хидмат мутаҳовин».

*(*****Марсум:*** *мушоҳара, моҳона, моҳиёна; исми мафъул аз «расм» (ба фатҳи аввал ва сукуни дувум) ба маънойи «навиштан», зеро моҳона ҳам миқдорест муъайян, ки дар девон ба номи касе навишта мешавад.* ***Мутарассиди фармон****–чашм бар фармон).*

Соҳибдиле бишуниду фарёду хурӯш аз ниҳодаш баромад.

Пурсидандаш:

– Чӣ дидӣ?

Гуфт:

– Маротиби бандагон ба даргоҳи Худованди Таъоло ҳамин мисол дорад:

Ду бомдод агар ояд касе ба хидмати шоҳ,
Савум ҳаройина дар вай кунад ба лутф нигоҳ!

* * *

Миҳтарӣ дар қабули фармон аст,
Тарки фармон далели ҳирмон аст.
Ҳар кӣ симойи ростон дорад,
Сари хидмат бар остон дорад**!

*(*****Маънойи ду байти ахир****: Бузургӣ ба фармонпазирист ва нофармонӣ далели маҳрумиву бенасибӣ. Касе, ки дар вай нишонаҳои росткорону солиҳон бошад, сари чокарӣ бар даргоҳи махдум мениҳад).*

Ҳикоят (26)

Золимеро ҳикоят кунанд, ки ҳезуми дарвешон харидӣ ба ҳайф ва тавонгаронро додӣ ба тарҳ *(*яъне, ситамгорона (ба қимати кам) мехарид ва бо зӯру таҳмилу таклифу зерқимат ба тавонгарон, ки ниёзманди он коло набуданд, мефурӯхт*). Соҳибдиле бар ӯ гузар карду гуфт:

Морӣ ту, ки ҳар киро бибинӣ, бизанӣ,
Ё бум, ки ҳар куҷо нишинӣ, биканӣ *(вайрон кунӣ)*!

* * *

Зӯрат ар пеш меравад бо мо,
Бо Худованди ғайбдон** наравад.
Зӯрмандӣ макун бар аҳли замин,
То дуъое бар осмон наравад!

(Ғайбдон: *олими ғайб, донойи ниҳон.*
Маънойи байт: ***Агарчи зӯрат ба мо мерасад, валекин дар баробари Худованд заъифу нотавонӣ!).*

Ҳоким аз гуфтани ӯ биранҷиду рӯй аз насиҳати ӯ дарҳам кашид ва бар ӯ илтифот накард. То шабе, ки оташи матбах дар анбори ҳезумаш афтод ва сойири амлокаш бисӯхту зи бистари нармаш ба хокистари гарм нишонд.

(Сойири амлокаш бисӯхт: яъне*, тамоми амлокаш бисӯхт. Дар борайи «сойир» ниг. ба «сойири бандагон», дар «Дебоча», ба ёддошти «сойири бандагон»).*

Иттифоқан, ҳамон шахс бар ӯ бигузашту дидаш, ки бо ёрон ҳамегуфт:

– Надонам, ин оташ аз куҷо дар саройи ман афтод?

Гуфт:

– Аз дили дарвешон!

Ҳазар кун зи дарди дарунҳойи реш,
Ки реши дарун оқибат сар кунад!
Ба ҳам бар макун**, то тавонӣ диле,
Ки оҳе ҷаҳоне ба ҳам барканад!

(**Ба ҳам бар макун: *мушавваш макуну парешон масоз.*

***Маънойи ду байт**: Аз оҳи сӯзноки дилҳойи хастагон бипарҳез, ки ҷароҳати дил саранҷом аён мешаваду сар бурун мекунад. Мурод он аст, ки оқибат хастадилон забон ба нафрин мекушояндуҳирмани ҳастийи туро месӯзанд. Пас, то тавонӣ, дилеро парешон макун, ки як оҳ метавонад оламеро зеру забар кунад!).*

Бар тоҷи Кайхусрав набишта буд:

Чи солҳойи фаровону умрҳойи дароз,
Ки халқ бар сари мо бар замин бихоҳад рафт.
Чунонки дастбадаст омадааст мулк ба мо,
Ба дастҳойи дигар ҳамчунин бихоҳад рафт**.

*(**Кайхусрав:** дар достонҳойи ҳамосӣ ва миллийи Эрон савумин подшоҳи силсилайи Каёниён, фарзанди Сиёвуш, аз Фарангис–духтари Афросиёб («Доиратулмаъорифи форсӣ»).*

***Маънойи ду байт**: Солҳои бешумору рӯзгорони дароз мардум бар сари мо, ки хоки замин шудааст, пой хоҳанд гузашт, чунонки навбати подшоҳӣ аз дигарон ба мо расида, аз мо ҳам ба дигарон мерасад ва аз тасарруфи онон низ бадар хоҳад шуд).*

Ҳикоят (27)

Яке дар санъати куштӣ гирифтан саромада** буд. Сесаду шаст банди фохир** бидонистиву ҳар рӯз ба навъе аз он куштӣ гирифтӣ. Магар гӯшайи хотираш бо ҷамоли яке аз шогирдон майле дошт. Сесаду панҷоҳу нуҳ бандаш даромӯхт, магар як банд, ки дар таълими он дафъ андохтиву таъхир кардӣ *(имрӯзу фардо мекарду ба таъхир меандохт)*. Филҷумла, писар дар қуввату санъат *(ҳунар)* сар омад ва касеро дар замони ӯ бо ӯ имкони муқовамат набуд, то ба ҳадде, ки пеши малики он рӯзгор гуфта буд: «Устодро фазилате, ки бар ман аст, аз рӯйи бузургисту ҳаққи тарбият; вагарна ба қувват аз ӯ камтар нестаму ба санъат бо ӯ баробарам!».

*(**Саромада ва саромад:** бартар аз ҳама ва комил. Ё он, ки «сар омада буд» (замони гузашта–О. Ш.) баъид бошад аз масдари «саромадан» ба маънойи комил шудан ва бартар омадан. Банди фохир–фанну ҳилайи олӣ. Банд, фанд ё фанн ҳилаву макр аст. Дар «Шоҳнома» аз забони симурғ хитоб ба Зол гӯяд:*

Ниҳодам туро ном Дастони Занд,
Ки бо ту падар кард дастону банд!

Мурод он аст, ки ҳар рӯз аз сесаду шаст рӯзи сол ба як фанни нав куштӣ мегирифт).

Маликро ин сухан душх(в)ор омад (*ин гуфтор бар шоҳ душвору гарон омад)*. Фармуд, то мусораъат кунанд *(бо ҳам куштӣ бигиранд–О. Ш.)*. Мақоме муттасиъ тартиб карданду аркони давлату аъёни ҳазрату зӯроварони рӯйи замин ҳозир шуданд.

Писар чун пили маст андар-омад, ба садмате, ки агар кӯҳи руййин будӣ, аз ҷой баркандӣ. Устод донист, ки ҷавон ба қувват аз ӯ бартар аст. Бад-он банди ғариб, ки аз вай ниҳон дошта буд, бо ӯ даровехт. Писар дафъи он надонист, ба ҳам баромад. Устод ба ду даст аз заминаш болои сар бурду фурӯ кӯфт**. Ғирев аз халқ бархост.

*(*****Фурӯ кӯфт:*** *сахт бар замин кӯфт. Баъзеҳо навиштаанд, ки ин фанн, яъне, бо ду даст аз замин болойи сар бурдану фурӯ кӯфтанро «гозурвор» мегуфтанд).*

Малик фармуд устодро хилъату ниъмат додан ва писарро заҷру маломат кард, ки бо парвардайи** хеш даъвойи муқовамат кардиву ба сар набурдӣ!

Гуфт:

– Ай подшоҳи рӯйи замин, ба зӯроварӣ бар ман даст наёфт, балки маро аз илми куштӣ дақиқае** монда буду ҳама умр аз ман дареғ ҳамедошт. Имрӯз бад-он дақиқа бар ман ғолиб омад.

*(*****Парварда:*** *ин ҷо «парварда» дуруст нест, бояд «парваранда» бошад, ба маънойи устод ва мураббӣ. (Дар нусхаҳойи Юсуфӣ ва чопи Тошканд «парваранда» омадааст–О. Ш.)*

*** **Дақиқае:** як дақиқа. Дақиқа (ба фатҳи аввал) чизе, ки борику дақиқу пӯшида бошад. Дар ин ҷо мурод–як фанн (ҳила)-и дақиқи куштӣ.*

Гуфт:

– Аз баҳри чунин рӯзе, ки зиракон гуфтаанд: «Дӯстро чандон қувват мадиҳ, ки душманӣ кунад тавонад» *(**ба дӯст он қадр неруву қудрат мабахш, ки агар бихоҳад хусумат кунад, битавонад)*. Нашунидай, ки чӣ гуфт, он ки аз парвардайи хеш ҷафо дид?!

Ё вафо худ набуд дар олам,
Ё магар кас дар ин замона накард.?!
Кас наёмӯхт илми тир аз ман,
Ки маро оқибат нишона накард**!

*(***Кас наёмӯхт…:** ин байт ҳукми масали сойир пайдо кардааст.*

***Маънойи ду байт**: Бо аҳд ба сар бурдану паймон нигоҳ доштан аз оғоз дар ҷаҳон мавҷуд набуд ё буд ва кас ба рӯзгори мо ба роҳи вафо напӯйид. Кас тирандозӣ аз ман наёмӯхт, ҷуз он, ки ба фарҷом маро омоҷ (нишонайи тир–О. Ш.) сохт. Мазмуни гуфтори Саъдӣ, гӯё, муқтабас аз ин байти маъруф аст:*

Уъаллимуҳурримоята кулла явмин,
Фаламмо аштадда соъидуҳу рамонӣ.

***Маънойи байт:** Ҳар рӯз ба вай тирандозӣ меомӯхтам; чун бозуяш неру гирифт, маро омоҷ сохт.*

**Ин байти арабӣ абёти дигаре низ ҳамроҳ дорад ва аз шоъире араб аст, ки пеш аз Саъдӣ мезиста ва дар китобҳо ҳам нақл шудааст).*

Ҳикоят (28)

Дарвеше муҷаррад** ба гӯшае нишаста буд. Подшоҳе бар ӯ бигузашт. Дарвеш аз он ҷо, ки фароғи** мулки қаноъат аст, сар барнаёварду илтифот накард.

*(****Муҷаррад:** фориғдил, аз банди таъаллуқ раста, дил аз алоиқ пироста. Исми маъфул аз «таҷрид», яъне, пиростан, бараҳна кардан, дил аз ҳар чиз фориғ доштан.*

****Фароғ:** осудагӣ; фароғи мулки қаноъат–осудагийи салтанати қаноъат. Саъдӣ дар ҷое дигар фармояд:*

Мулки озодагиву кунҷи қаноъат ганҷест,
Ки ба шамшер муяссар нашавад султонро!)

Султон аз он ҷо, ки сатвати салтанат аст, биранҷиду гуфт:

– Ин тоифайи хирқапӯшон амсоли ҳайвонанд ва аҳлийяту одамият надоранд *(****ин гурӯҳи дарвешон монанди ҷонварон аз маърифат баҳра надоранд)*!

*(****Одамият:** мардӣ ва одамгарӣ; мураккаб аз Одам + «ё»-и мушаддад ва «то»-и нишони масдари ҷаълӣ. Ин исм аз сохтаҳойи фусаҳойи форсист).*

Вазир наздикаш омаду гуфт:

– Ай ҷавонмард, султони рӯйи замин бар ту гузар кард, чиро хидмате накардиву шарти адаб ба ҷой наёвардӣ?

Гуфт:

– Султонро бигӯй, таваққуъи хидмат аз касе дор, ки таваққуъи ниъмат аз ту дорад ва дигар бидон, ки мулук аз баҳри поси раъийятанд, на раъийят аз баҳри тоъати мулук!

Подшаҳ посбони дарвеш аст,
Гарчи ромиш ба фарри* давлати ӯст.
Гӯспанд аз баройи чӯпон нест,
Балки чӯпон баройи хидмати ӯст!

(Ромиш: *шодиву тараб.* ***Фар(р)****–шукӯҳ, бузургӣ.*

Маънойи байт*: **Шоҳ нигаҳбон ва посдори ниёзмандону зердастон аст, вале осойиши онон ба фарри давлату дар сояи иқболи шаҳрёр иимкон дорад).*

* * *

Яке имрӯз комрон бинӣ,
Дигареро дил аз муҷоҳада реш.
Рӯзаке чанд** бош, то бихурад
Хок мағзи сари хаёландеш**.
Фарқи шоҳиву бандагӣ бархост,
Чун қазойи набишта** омад пеш.
Гар касе хоки мурда боз кунад,
Нанамояд тавонгару дарвеш!

(**Рӯзаке чанд: *ду-се рӯзе сабр кун, то хоки гӯр мағзи сари муҳоландешу ёвагӯву афзунталабро бихурад.*

****Қазойи набишта:*** *сарнавишти навишташуда, марг. Мақсуд он, ки подшоҳу банда дар муқобили марг баробаранд ва бо фиристодани аҷал тафовутҳо аз миён мераванд.*

*****Нанамояд:*** *шинохта нашавад, ошкоро нагардад.*

Маънойи байт: *Чун фармони марг даррасад, тафовути шоҳу раъийят ошкор нашавад ва ҳар ду яксон ҷон супоранд ва агар гӯри ин дуро бишкофӣ, фақирро аз сарватманд бознатавонӣ шинохт).*

Маликро гуфти дарвеш устувор омад. Гуфт:

– Аз ман таманно** бикун.

Гуфт:

– Он ҳамехоҳам, ки дигарбора заҳмати* ман надиҳӣ.

Гуфт:

– Маро панде бидиҳ.

Гуфт:

Дарёб** кунун, ки ниъматат ҳаст ба даст,
К-ин давлату мулк меравад дастбадаст.

*(*****Таманно****. Дар форсӣ аз «таманний»-и арабист, яъне, орзу бурдан. Ва ин гуна тасарруфи форсиёна дар «тавалло» ва «тақозо» низ роҳ ёфта ва дар сиёқи форсӣ «тавалло» ва «тақозо» гӯянду нависанд. Таманно бикун–орзуе бихоҳ. Посухи ин дарвеш мушобаҳате ба ҷавоби Диоҷониуси Ҳаким ба Искандари Мақдунӣ дорад, ки Искандар ба вай гуфта буд:*

– Аз ман чӣ таманное дорӣ?

Ҷавоб дод:

– Ба каноре бирав, то сояат нури Хуршед аз ман бознагирад.

*****Заҳмати ман надиҳӣ:*** *ёдовари сухани Диоҷониус–файласуфи юнонист ба Искандари Мақдунӣ. Диоҷониус чандон сода ва дар истиғно мезист, ки заминро хонайи худ ва осмонро сақфи он медонист ва вақте Искандари Мақдунӣ аз ӯ пурсид, чӣ хидмате ба вай метавонад кард, аз ӯ хост, то аз ҷилави тобиши Офтоб рад шавад.*

Дарёб: *бидон, ғанимат бидон.*

Маънойи байт*: **Инак, ки ниъмат дорӣ, бидон, ки ин сарвату салтанат бар ту намепояд ва аз дасти ту ба тасарруфи дигаре дармеояд).*

Ҳикоят (29)

Яке аз вузаро пеши Зуннуни Мисрӣ рафту ҳиммат хост***, ки рӯзу шаб ба хидмати султон машғулам ва ба хайраш уммедвор ва аз уқубаташ тарсон.

Зуннун бигирист ва гуфт:

– Агар Худойро, азза ва ҷалла, чунин парастидаме, ки ту султонро, аз ҷумлайи сиддиқон* будаме.

*(****Зуннуни Мисрӣ:*** *Абулфайз (Абулфайёз)-и Зуннун–аз орифони машҳур, ки ба соли 246 ҳ.қ. даргузаштааст. **Орифи вақти хеш буд ва дар садайи савуми ҳичрӣ мезист, вале аҳли Миср мункири вай буданд ва то рӯзи марг аз ҷамоли ҳолаш огоҳ нашуданд.*

Бархе вайро аз шогирдони Молик ибни Анас медонанд.

******Ҳиммат хост:** ҳиммат, ба маънойи ахлоқӣ, баробар бо иродаву ормон ва орзуйи воло, баландназарӣ, баландтабъист, чунонки Ҳофиз гӯяд:*

Ғуломи ҳиммати онам, ки зери чархи кабуд,
Зи ҳар чӣ ранги таъаллуқ пазирад, озод аст!

Аммо аз назари ирфонӣ, ки дар ин ҷо муроди Саъдист, иборат аст аз тавоҷҷуҳи қалб бо тамоми қувойи руҳонийи худ ба ҷониби Ҳақ бароиӣ ҳусули камол дар худ ё дигаре… «Ҳиммат хост», яъне, аз ӯ тавоҷҷуҳи волойи руҳӣ–маънавӣ, ки метавонад монанди дуъо муаъссиру корсоз бошад, талабид. Ҳофиз гӯяд:

Бар сари турбати мо чун гузарӣ, ҳиммат хоҳ,
Ки зиёратгаҳи риндони ҷаҳон хоҳад буд).

****Сиддиқ:** ростгуфтору росткирдор. Шодравон доктор Муҳаммади Хазойилӣ онро маъхуз аз ояи 29 сурайи Нисо(4) донистааст).*

Гар на уммеду бими роҳату ранҷ,
Пойи дарвеш бар фалак будӣ.
Вар вазир аз Худо битарсидӣ,
Ҳамчунон к-аз малик, малак будӣ**.

*(****Маънойи ду байт**: Агар дарвеш ба уммеди наъими Биҳишту тарси Дӯзах Худойро ибодат намекарду тоъаташ сирфан бароиӣ ризойи Худой буд, пояи қадраш аз малик ҳам бартар мерафт ва агар хоҷайи бузург аз Худованд, бад-он сон, ки аз шоҳ метарсад, бим дошт, ба мақоми фариштагон мерасид).*

Ҳикоят (30)

Подшоҳе ба куштани бегуноҳе фармон дод. Гуфт:

– Ай малик, ба мӯҷиби хашме, ки туро бар ман аст, озори худ маҷӯй, ки ин укубат бар ман ба як нафас ба сар ояд ва базаҳи он бар ту ҷовид бимонад.

Даврони бақо** чу боди саҳро бигузашт,
Талхию хушию зишту зебо бигузашт.

Пиндошт ситамгар, ки ҷафо** бар мо кард,
Дар гардани ӯ бимонду бар мо бигузашт.
*(**__Даврони бақо:__ навбати зиндагӣ.*

Маънойи байт: *Навбати зиндагӣ чун тундбоди биёбон бигузашт ва рӯзгори хушиву нохушӣ ва айёми некбахтиву тирарӯзӣ сипарӣ шуд.*

Ҷафо: *бадӣ, ситам.*

Маънойи байт: ***Бедодгар ангошт, ки моро ба бедод биёзурд; оре, ситамаш бар мо гузашту навбаташ ба поён расид, вале ӯ ба кайфари ин ситам то ҷовидон гирифтор монду бори ин гуноҳ ба гардани вай афтод).*

Маликро насиҳати ӯ судманд омаду аз сари хуни ӯ бархост***.

*(***__Аз сари хуни ӯ бархост:__ яъне, аз рехтани хуни ӯ сарфи назар кард. «Аз сари коре бархостан»–он корро раҳо кардан, қатъи назару сарфи назар кардан. Саъдӣ гӯяд:*

Гуфтӣ, ба ғамам бинишин ё аз сари ҷон бархез,
Ҷоно, барамат фармон, биншинаму бархезам.

Ҳофиз мегӯяд:

Ба валойи ту, ки гар бандайи хешам хонӣ,
Аз сари хоҷагийи кавну макон бархезам!)

Ҳикоят (31)

Вузаройи Нӯшервон дар муҳимме аз масолиҳи мамлакат андеша ҳамекарданду ҳар яке аз эшон дигаргуна рой ҳамезаданд ва малик ҳамчунин тадбире андеша кард. Бузурҷмеҳрро ройи малик ихтиёр омад *(*Бузургмеҳр назари Анӯшервонро баргузид)*.

Вазирон дар ниҳонаш гуфтанд:

– Ройи маликро чӣ мазийят дидӣ бар фикри чандин ҳаким?

Гуфт:

– Ба мӯчиби он, ки анҷоми корҳо маълум нест ва ройи ҳамагон дар машийят *(хости Худованд)* аст, ки савоб ояд ё хато. Пас, мувофақати ройи малик авлотар аст, то агар хилофи савоб ояд, ба иллати мутобаъат аз муъотабат эмин бошам*(**тадбири бандагон ба хости Эзидӣ бозбаста аст; агар бо тақдир мувофиқ ояд, ду-*

руст аст, вагарна хатову носавоб).

Хилофи ройи султон рой ҷустан,
Ба хуни хеш бошад даст шустан.
Агар худ рӯзро гӯяд шаб аст ин,
Бибояд гуфтан, онак Моҳу Парвин!

*(****Агар худ…:*** *агар вай ҳангоми рӯз гӯяд, ки ҳоло шаб аст, бояд гуфт: ин аст моҳу маҷмӯъайи ситорагони Парвин бар осмон! Парвин ё Сурайё шаш ситорайи кӯчак, ки дар бурҷи Сарв қарор доранд ва онҳоро ба хӯшайи ангур ташбеҳ мекунанд).*

Ҳикоят (32)

Шайёд *(найрангбоз)*-е гесувон бофт, яъне, алавист***. Ва бо қофилайи Ҳиҷоз ба шаҳре даромад, ки аз ҳаҷ ҳамеоям ва қасидае пеши малик бурд, ки ман гуфтаам. Ниъмати бисёраш фармуду икром кард. То яке аз нудамойи ҳазрати подшоҳ, ки дар он сол аз сафари дарё омада буд, гуфт:

– Ман ӯро Иди Азҳо дар Басра дидам, маълум шуд, ки ҳоҷӣ нест.

*(******Алавӣ:*** *саййид; касе, ки аз тариқи авлоди Ҳазрати Алӣ(а) (алавӣ мансуб ба Алӣ(а) аст) ва дар ниҳоят аз тариқи Фотимайи Заҳро(а) нисбаташ ба Паёмбари ислом(с) мерасад. «Алавӣ–мансуб ба хонадони Алӣ, алайҳиссалом . Чунонки аз ин достон бармеояд, алавиён (фарзандони Алӣ) гесувони худро мебофтанд ва фурӯ меҳиштанд. Носири Хусрав фармояд:*

Гесуйи ман ба сӯйи ман ба ду райҳон аст,
Гар ба чашми ту ҳаметофта мор ояд.»–Хатиби Раҳбар.

Иди Азҳо: *иди Қурбон, ҷашни гӯспандкушон).*

Дигаре гуфто:

– Падараш насронӣ** буд дар Малтия***. Пас ӯ Шариф** чӣ гуна сурат бандад?!**

Ва шеърашро ба девони Анварӣ* дарёфтанд.

*(*****Насронӣ:*** *пайрави дини Масеҳ, тарсо. Насрон ва Носира–номи деҳе будааст дар Шом, ки зодгоҳи Ҳазрати Исо будаву бадон сабаб Исоро Носирӣ мегуфтанд. Насронӣ–мансуб ба Насрон.*

*******Малтия:*** *шаҳре дар Осиёи Сағир, дар ҳудуди Шом, дар*

шимоли Ҳалабу ҷануби Сивос. Мансуб ба он «малтӣ» ва «малтавӣ»-ст.

******Шариф:*** *бузургқадр; лақабе будааст баройи фарзандони Аливу Фотима ва Ҳасану Ҳусайн.*

******Сурат бандад:*** *мутасаввир шавад.*

*****Анварӣ:*** *Авҳадуддин Анварийи Абевардӣ, аз шоъирони машҳури форсизабон дар қарни шашуми ҳиҷрист).*

Малик фармуд, то бизанандашу нафй кунанд, то чандин дурӯғи дарҳам чиро гуфт.

Гуфт:

– Ай худованди рӯйи замин, як суханат дигар дар хидмат бигӯям. Агар рост набошад, ба ҳар уқубат, ки фармойӣ, сазоворам.

Гуфт:

– Бигӯ, то он чист?

Гуфт:

Ғарибе гарат мост пеш оварад,
Ду паймона об асту як чамча дӯғ.
Агар рост мехоҳӣ, аз ман шунав,
Ҷаҳондида бисёр гӯяд дурӯғ!***

*(****Чамча:*** *чумча, қошуқ, қошуқи бузург ё кафгири кӯчак. (чамча–бар вазни «чашма», қошуқи бузург ё кафгири кӯчак аст; дар арабӣ–«малаъқа», ки теҳрониҳо онро ба ғалат «малоқа» мегӯянд (доктор Хазойилӣ).*

*******Ҷаҳондида бисёр гӯяд…:*** *ин мисраъ ҳукми масали сойир пайдо кардааст.*

******Маънойи байт:*** *Сухане рост аз ин пири ҷаҳонгард бишунав, ки шевайи ҷаҳондидагон он аст, ки баройи гармийи бозори худ бисёр дурӯғ мегӯянд.*)

Маликро ханда гирифту гуфт:

– Аз ин росттар сухан то умри ӯ буда бошад, нагуфтааст.

Фармуд, то он чӣ маъмули ӯст, муҳайё доранду ба хушӣ биравад.

Ҳикоят (33)

Яке аз вузаро бар зердастон раҳм кардиву салоҳи эшонро ба хайр тавассут** намудӣ *(баройи ислоҳи ҳоли зердастон ба некӣ*

хоҳишгарӣ мекард). Иттифоқан, ба хитоби малик гирифтор омад. Ҳамгинон дар мавқиби истихлос *(раҳонидан)*-и ӯ саъй карданду муваккилон дар муъоқабаташ мулотафат намуданду бузургон шукри сирати хубаш ба афвоҳ *(даҳонҳо)* бигуфтанд *(ба сипосгузорӣ аз ҳусни сирати вай забон кушуданд)*. То малик аз сари итоби ӯ даргузашт.

*(*****Тавассут:*** *миёнҷӣ кардан, поймардӣ, шуҷоъат).*

Соҳибдиле бар ин иттилоъ ёфту гуфт:

То дили дӯстон ба даст орӣ,
Бӯстони падар фурӯхта биҳ.**
Пухтани деги некхоҳонро,
Ҳар чӣ рахти сарост, сӯхта биҳ**.
Бо бадандеш ҳам накӯйӣ кун,
Даҳани саг ба луқма дӯхта биҳ***.

*(**Бӯстон:** бештар боғи меваро гӯянд. **Байти аввал**: Баройи ризойи хотири ёрон ва дилҷӯйӣ аз онон шойиста аст, ки боғи мавруситро бифурӯшӣ.*

Маънойи байти дувум: *Баройи итъом (таъом додан)-и дӯстону зиёфат аз онон равост, ки асос (рахт)-и хонаро ба оташ кашӣ, яъне, ба саманбахш (саман (бо «со»-и мусалласа)–нарх, баҳо; саманбахш–нархи кам–О. Ш.) ё ба баҳое андак бифурӯшӣ.*

*******Даҳани саг…:*** *ин мисраъ ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ҳикоят (34)

Яке аз писарони Ҳорунуррашид пеши падар омад хашмолуд, ки фулон сарҳангзода маро душноми модар дод. Ҳорун аркони давлатро гуфт:

– Ҷазойи чунин кас чӣ бошад?

Яке ишора ба куштан кард ва дигаре ба забон буридан ва дигаре ба мусодараву нафй *(табъид ё берун рондан аз ватан)*. Ҳорун гуфт:

– Ай писар, карам он аст, ки афв кунӣ ва гар натавонӣ, ту низаш душноми модар диҳ. Начандон, ки интиқом* аз ҳад даргузарад, он гоҳ зулм аз тарафи мо бошад ва даъвӣ** аз қибали хасм.

*(**Ҳорунуррашид:** (148–193 ҳ. қ.)–бузургтарин халифайи Аббосӣ,*

ки дар соли 170 ҳ. қ. пас аз Ҳодӣ, ба хилофат расид;

*****Интиқом аз ҳад даргузарад…:*** *ишора ба дастури Қуръони Карим аст:*

السَّيِّئَةِ فَلاَ يُجْزَى إِلاَّ مِثْلَهَا.

(сурайи Анъом(6), ояи 160: «Ҳар кас бадӣ кунад, ҷуз ба андозайи он кайфар намебинад». Дар сурайи Шуро(42), ояи 40 низ омадааст:

وَجَزَاء سَيِّئَةٍ سَيِّئَةٌ مِّثْلُهَا فَمَنْ عَفَا وَأَصْلَحَ فَأَجْرُهُ عَلَى اللَّهِ إِنَّهُ لَا يُحِبُّ الظَّالِمِينَ.

Яъне, «Кайфари бадӣ бадие назири он равост (на бештар) ва касе, ки афв кунад ва бо хасм роҳи ислоҳ пеш гирад, подоши ӯ бо Худост ва Худованд ситамгоронро дӯст намедорад»). Муҳаммади Хазойилӣ низ аз ҳар ду оя ёд кардааст.

******Даъвӣ аз қибали хасм:*** *иддиъо аз сӯйи ҳариф ва тарафи даъво. Маънойи ҷумла: Он гоҳ мо мутаъаддӣ (ситамгар, таъаддикунанда–О. Ш.) мешавем ва ҳариф мазлуму хоҳони адл.*)

На мард аст он ба наздики хирадманд,
Ки бо пили дамон пайкор ҷӯяд!
Бале, мард он кас аст аз рӯйи таҳқиқ,
Ки чун хашм оядаш, ботил нагӯяд!**

*(*****Маънойи ду байт****: Марди тамом он кас нест, ки бо пили хашмгин ҷанг оварад; марди комил касест, ки чун ғазаб бар вай чира ояд, забон ба носазову ёва накушояд).*

Якеро зиштхӯе дод душном,
Таҳаммул карду гуфт: «Ай хубфарҷом*,
Батар з-онам, ки хоҳӣ гуфтан оне,
Ки донам айби ман чун ман надонӣ!»

*(****Хубфарҷом:*** *хушоқибат; ай, ки оқибатат нек бодо! Ҳадс задаанд, ки шояд дар мазмуни ин байт ба ояи шарифа тавоҷҷуҳ будааст:*

وَإِذَا خَاطَبَهُمُ الْجَاهِلُونَ قَالُوا سَلَامًا

(сурайи Фурқон(25), ояи 63: («Ва ҳар гоҳ нодонон ба онон хитоб (-у итоб) кунанд, ба забони хуш ҷавоб диҳанд» (доктор Ризойи Ҳодизода).

Саъдӣ дар «Бӯстон» низ аз забони шайхе хирадманд дар посухи муриде, ки суханони бадгӯеро дар борайи ӯ нақл мекард, гуфтааст:

Ҳанӯз, он чӣ гуфт аз бадам, андакест,
Аз онҳо, ки ман донам, аз сад якест!
Зи рӯйи гумон бар ман инҳо, ки баст,
Ман аз худ яқин мешиносам, ки ҳаст!
Ва имсол пайваст бо мо висол,
Кучо донадам айби ҳафтод сол?!
Биҳ аз ман кас андар ҷаҳон айби ман
Надонад ба ҷуз Олимулғайби ман!
Надидам чунин некпиндор кас,
Ки пиндошт айби ман ин асту бас!

(«Бӯстон», байти 2282 -2286).

Назири «Марде заҳриро душном дод. Пас ӯ гуфт: «Агар ман, чунонки ту гуфтӣ, бошам, бадо бар ман ва агар чунонки ту гуфтӣ, набошам, бадо бар ту! » («Рабиъ-ул-аброр»-и Замахшарӣ, «Бобуддин».

Ва низ аз «Ҳадиқа»-йи Санойӣ:

Бишнав, тоАбуҳанифа чӣ гуфт,
Суффайи ақли хешро чун руфт.
Ки сафиҳе чу дод душномаш,
Гашт хомӯш зи гуфтани хомаш.
Гуфт: аз ин жожи ӯ чӣ озорам?!
Он чӣ ӯ гуфт, беш бингорам!
Гар чунонам, бишнавам он аз х(в)ад,
Вар наям, бо баде чӣ гӯям бад?!
З-ӯ ба ҳам чунки айби худ ҷӯям,
Варна чи ӯ, чи ман, ки бад гӯям?!

Ва, албатта, тасарруфи Саъдӣ дар ин мазмун пӯшида нест» (доктор АбдулҲусайни Зарринкӯб, «На шарқӣ, на ғарбӣ–инсоне», с. 216 -217).

Ҳикоят (35)

Бо тоифайи бузургон ба киштӣ дарнишаста будам. Заврақе дар пайи мо ғарқ шуд. Ду бародар ба гирдобе дарафтоданд. Яке аз бузургон гуфт маллоҳро, ки бигир ин ҳардувонро, ки ба ҳар яке панҷоҳ динорат диҳам. Маллоҳ дар об афтоду то якеро бираҳонид, он дигар ҳалок шуд. Гуфтам:

– Бақияти умраш намонда буд, аз ин сабаб дар гирифтани ӯ таъхир кард ва дар он дигар таъҷил.

Маллоҳ бихандиду гуфт:

– Он чӣ ту гуфтӣ, яқин аст ва дигар майли хотир ба раҳонидани ин бештар буд, ки вақте дар биёбоне монда будам ва маро бар шутуре нишонда ва зи дасти он дигар тозиёнае хӯрдаам дар тифлӣ.

Гуфтам:

– Садақаллоҳу*: «Ман ъамила солиҳан фалинафсиҳ ва ман асоъа фаъалайҳо».

مَنْ عَمِلَ صَالِحًا فَلِنَفْسِهِ وَمَنْ أَسَاء فَعَلَيْهَا.

*(****Садақа-л-лоҳу:** Худо рост фармуд: «Ҳар кас некӯкорӣ кунад, ба суди худи ӯст ва касе, ки бадӣ кунад, ба зиёни ӯст». (сурайи Фуссилат(41), ояи 46).*

То тавонӣ, даруни кас махарош,
К-андарин роҳ хорҳо бошад!
Кори дарвеши мустаманд барор,
Ки туро низ корҳо бошад!

(***Мустаманд:** ғамгин. Дар баъзе аз қомусҳову нигоштаҳои Саъдипажӯҳон, ин калима ба шакли «мустманд» омадааст.*

***Маънойи ду байт**: Аз ранҷонидани касон бипарҳез, чӣ дар роҳи озори дигарон мардумозор низ аз хори ҷафо осеб хоҳад дид. Ҳоҷати мискинон раво кун, ки туро ҳам ниёзҳост (доктор Юсуфӣ).*

Ҳикоят (36)

Ду бародар, яке хидмати султон кардӣ ва дигар ба зӯри бозу нон хӯрдӣ. Боре ин тавонгар гуфт дарвешро, ки чиро хидмат накӯнӣ, то аз машаққати кор кардан бираҳӣ?

Гуфт:

– Ту чиро кор накӯнӣ, то аз мазаллати хидмат раҳойӣ ёбӣ, ки хирадмандон гуфтаанд: «Нони худ хӯрдану нишастан биҳ, ки камаршамшери заррин** ба хидмат бастан!» *(«нон аз дастранҷи худ хӯрдану осудадил нишастан биҳтар аз камари шамшери заррин бастану ба чокарӣ истодан аст!»).*

*(*****Камаришамшери заррин:** шамшере, ки ҳангоми хидмат ғуломони саройи султон бо камарбанди заррин ҳамойил мекар-*

данд ва ба посдорӣ мепардохтанд. Низомӣ фармояд:

Фалак банди камаршамшер бодат,
Тани пилу шукӯҳи шер бодат!)

Ба даст оҳаки тафта кардан хамир*,
Биҳ аз даст бар сина пеши амир**.

***(Оҳаки тафта:** оҳаки тофта, оҳаки доғ. Чун бар оҳаки зинда об бирезанд, ҳамчун оташ гарму тафта мешавад.*

***Маънойи байт:** **Оҳаки доғро бо даст сиришту дарҳам омехтан басе некӯтар аст аз даст дар бағал кардану ба чокарийи фармонравоён истодан.*

****Ин байт** ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

* * *

Умри гаронмоя дар ин сарф шуд,
То чӣ хурам сайфу чӣ пӯшам шито?!
Ай шиками хира, ба тое** бисоз,
То накӯнӣ пушт ба хидмат дуто!

*(****То чӣ хурам сайфу чӣ пӯшам шито**–сайфу шито (тобистону зимистон) реша дар Қуръони Карим доранд (сурайи Қурайш, /2) .*

***Хира:** саркашу бешарм. Ба тое бисоз–ба якто нон қониъ шаву созгорӣ кун! **То**–фард, тоқ.*

***Маънойи байт:** Ай шиками бешарм, ба як гирда нон (ба якто нон) қаноъат куну афзунталаб мабош, то ногузир набошӣ, ки ба чокарии бузургон намоз барӣ (сари таъзим фуруд орӣ!*).

Ҳикоят (37)

Касе мужда пеши Анӯшервони Одил оварда. Гуфт:

– Шунидам, ки фулон душмани туро Худой, азза ва ҷалла, бардошт**.

Гуфт:

– Ҳеч шунидӣ, ки маро бигузошт?

*(*****Бардошт:** аз миён бардошт (ҳалок кард) ва миёни «бардошт»-у «бигзошт» санъати тазод аст).*

Агар бимурд адӯ, ҷойи шодмонӣ нест,
Ки зиндагонийи мо низ ҷовидонӣ нест!

Ҳикоят (38)

Гурӯҳе ҳукамо ба ҳазрати Кисро дар** ба маслаҳате сухан ҳамегуфтанд. Ва Бузургмеҳр, ки миҳтари эшон буд, хомӯш. Гуфтандаш:

– Чиро бо мо дар ин баҳс сухан нагӯйӣ?

Гуфт:

– Вазирон бар мисоли атиббоанд. Ва табиб дору надиҳад ҷуз сақимро. Пас, чу бинам, ки раъйи шумо бар савоб аст, маро бар сари он сухан гуфтан ҳикмат набошад.

*(**__Ба ҳазрати Кисро дар:__ дар боргоҳи Хусрави Анӯшервон; «дар» ҳарфи изофайи таъкидӣ. *«Ҳазрат»–яъне боргоҳ, даргоҳ, дарбор. Кисро муъарраби «Хусрав», номи Анӯшервон–Хусрави Аввал. Хусрав номи бархе аз подшоҳони Сосонӣ будааст («Хусрав» муъарраби «кисро», шакли паҳлавии он–__«husriv»__, яъне, некшуҳрат; подшоҳи бузург, султони азимушшаън–Муҳаммади Муъин–О. Ш.). ***Арабҳо «кисро»-ро ба подшоҳони Сосонӣ, ё, ҳатто эронӣ итлоқ мекунанд ва ҷамъи он «акосира» аст.*

Чу коре бе фузули ман барояд,
Маро дар вай сухан гуфтан нашояд!
Ва гар бинам, ки нобинову чоҳ аст,
Агар хомӯш биншинам, гуноҳ аст!

*(**__Маънойи байти дувум:__ Чун кӯреро дар муҷоварати чоҳе бинам, агар хомӯшӣ гузинам ва вайро аз хатар нараҳонам, гуноҳе бузург аст.*

Ин байт *ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ҳикоят (39)

Ҳорунуррашидро чун мулки диёри Миср *(фармонравоийи сарзамини Миср*) мусаллам шуд, гуфт:

– Ба хилофи он тоғӣ *(саркаш)*, ки ба ғурури малики Миср даъвойи худойӣ кард*, набахшам ин мамлакатро магар ба хасистарин *(пасттарин)*-и бандагон.

*(*__Даъвойи худойӣ кард:__ ишора аст ба Фиръавн (подшоҳи Миср, муъосири Мусо(а), ки писари Ромсари сездаҳум буд*

(«Фарҳанги форсӣ»), ки даъвати Мусоро(а) напазируфт ва иддиъойи худойӣ карду гуфт:

أَنَا رَبُّكُمُ الْأَعْلَى

(сурайи Нозиъот(79), ояи 24: «Манам Худойи бузурги шумо!»).

Сиёҳ *(зангб)*-е дошт, номи ӯ Хасиб*, дар ғояти ҷаҳл. Мулки Миср ба вай арзонӣ дошт.

*(***Хасиб:** *назири ҳикояти «Гулистон»-и Саъдӣ дар «Осор-ул-билод»-и Қазвинӣ ҳам омадааст, ки «Ҳорунуррашид рӯзе ин ояи шарифаро мехонд:*

وَنَادَى فِرْعَوْنُ فِي قَوْمِهِ قَالَ يَا قَوْمِ أَلَيْسَ لِي مُلْكُ مِصْرَ وَهَذِهِ الْأَنْهَارُ تَجْرِي مِن تَحْتِي أَفَلَا تُبْصِرُونَ

(сурайи Зухруф(43), ояи 51; яъне, «Фиръавн дар миёни қавми хеш овоз баланд карду гуфт: «Ай мардум, оё салтанати Миср аз они ман нест?! Ва чунин наҳрҳо аз зери кохи ман ҷорӣ нест?! Оё (шукӯҳу ҷалоли маро) намебинед?!»

Ҳорун гуфт: «Шахсеро биҷӯед, ки ҳарчи пасттар бошад, то ӯро волийи Миср гардонам». Чунин шахсеро талаб карданд ва халифа ӯро волийи Миср (таъйин) кард. Вай Хасиб ном дошт, аммо вақте ба ҳукумат расид, ҳусни рафтору бахшандагӣ аз худ нишон доду овозааш ба дигар шаҳрҳо расид».

Дар «Сафарнома»-и Ибни Батута (тарҷумайи форсӣ) ҳам шабеҳи чунин ҳикояте омада ва низ афзуда, ки саранҷом ҳусни шуҳрату карами Хасиб ва рӯй овардани мардум ба ӯ сабаби хашми халифа шуд ва дастур дод, чашмони ӯро мил кашанд. Аммо баъд бар асари саховате, ки аз вай дар айни тирарӯзӣ нисбат ба шоъире, ки ӯро ситуда буд, дид, пушаймон шуду ӯро молу милк бахшид»...)

Ва гӯянд, ақлу дирояти ӯ то ба ҷое буд, ки тоифайи ҳурроси** Миср шикоят овардандаш, ки пунба кошта будем. Борони бевақт омаду талаф шуд.

Гуфт:

– Пашм бойистӣ коштан!

*(*****Тоифаи ҳуррос:*** *гурӯҳе аз кишоварзон. Ҳуррос–ҷамъи «ҳорис» ва «ҳорис» исми фоъил аз «ҳирс», яъне, заминро баройи зироъат шиёр (шудгор–О. Ш.) кардан).*

Агар дониш ба рӯзӣ дарфузудӣ*,
Зи нодон тангрӯзитар набудӣ!
Ба нодонон чунон рӯзӣ расонад,
Ки доно андар он оҷиз бимонад!

*(***Агар дониш…:** *агар илму донойӣ ба ризқи одамӣ меафзуд, аз нодон (ба воситайи бебаҳра буданаш аз дониш) касе камрӯзитар намебуд.*

Мазмуни ин ду байт *андешаест, ки зеҳни бисёре аз мутафаккиронро ба худ машғул доштааст онро ба суратҳойи гуногун баён кардаанд. Аз ҷумла:*

Донишу хоста аст наргису гул.
Ки ба як ҷой нашукуфанд ба ҳам!
Ҳар киро дониш аст, хоста нест,
В-он киро хоста аст, дониш кам!

(Шаҳиди Балхӣ).

Ва тарҷумайи он ба шеъри арабӣ низ омадааст. Хусравийи Сарахсӣ, шоъири қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ, ки ба форсиву арабӣ шеър суруда, ба нақли Муҳаммади Афвӣ дар «Лубоб-ул-албоб» (чопи Саъиди Нафисӣ, с. 256) бо арабӣ гуфтааст (баргардони он оварда мешавад–О. Ш.):

«Чун Парвардгор ҳаким аст, аз ин, ки хирадмандро аз бахшиши ниъмат бенасиб кардааст, дар шигифт шудам, аммо донистам, ки Ӯ ситам накарда, балки хостааст нотавонийи хирадмандон ошкор шавад»…

******Маънойи байт:*** *Агар илм бар ризқи одамӣ меафзуд, ҷоҳил ба иллати нодонӣ тиҳидасттар аз ҳамагон буд).*

* * *

Бахту давлат ба кордонӣ нест,
Ҷуз ба таъйиди осмонӣ** нест!
Афтодааст дар ҷаҳон бисёр,
Бетамиз арҷманду оқил хор!
Кимиёгар ба ғусса мурдаву ранҷ,
Аблаҳ андар хароба ёфта ганҷ!

(*****Таъйиди осмонӣ:*** *нерубахшийи Худовандӣ. Таъйид–неруву қудрат додан.*

Маънойи *байт: Иқболи неку пирӯзийи одамӣ ба коршиносиву басирати вай нест ва танҳо ба тавфиқу дастёрийи Худовандӣ бозбаста аст).*

Ҳикоят (40)

Якеро аз мулук канизаке чинӣ оварданд. Хост, то дар ҳолати мастӣ бо вай ҷамъ ояд *(мубошарат кунад, ҳамхоба гардад)*. Канизак мумонаъат кард. Малик дар хашм рафту мар варо ба сиёҳе бахшид, ки лаби забаринаш аз паррайи бинӣ даргузашта буду зеринаш ба гиребон фурӯ ҳишта. Ҳайкале, ки Сахрулҷин*** аз талъаташ бирамидиву айнулқитр* аз бағалаш бигандидӣ!

*(****Сахрулҷин:*** *яке аз шаётин ё девони бадъамал, ки ангуштарийи Ҳазрати Сулаймон(а) рабуда буд ва даъвойи сулаймонӣ дошт. Ӯ ба зиштиву ноҳамворӣ маъруф аст.*

***Айнулқитр:** *дар Қуръони карим омадааст:*

وَأَسَلْنَا لَهُ عَيْنَ الْقِطْرِ.

(сурайи Сабо(34), ояи 12; яъне, «Аз баройи ӯ (Сулаймон) чашмайи миси гудохта (рӯй ё нафт) равон гардонидем». Айнулқитрро дар ин ҷумлайи «Гулистон» равғани сиёҳу бадбӯй навиштаанд, ки бар шутурон гар моланд; қатрон. Қатрон дар домпизишкӣ ба унвони моддайи зидди амрози уфунӣ ба кор меравад («Фарҳанги форсӣ»).

Ту гӯйӣ, то Қиёмат зиштрӯйӣ**
Бар ӯ хатм асту бар Юсуф накӯйӣ!

*(*****Маънойи байт:*** *Пиндорӣ, то Растохез зиштӣ ба вайю зебойӣ ба Ҳазрати Юсуф ба ниҳоят расидааст).*

Чунонки зарифон гуфтаанд:

Шахсе на чунон кареҳманзар,
К-аз зиштийи ӯ хабар тавон дод.
Он гаҳ бағале, наъузу биллоҳ,
Мурдор ба Офтоби мурдод.

Овардаанд, ки сияҳро дар он муддат нафс толиб буду шаҳват ғолиб. Меҳраш бичунбиду муҳраш бардошт (*яъне, ишқаш ба ҳаячон омаду дӯшизагийи вай бибурд)*. Бомдодон, ки малик канизакро ҷусту наёфт, ҳикоят бигуфтанд. Хашм гирифту фармуд, то сиёҳро бо кани-

зак устувор бибанданду аз боми ҷавсақ ба қаъри хандақ дарандозанд. Яке аз вузаройи некмаҳзар рӯйи шафоъат бар замин ниҳоду гуфт:

– Сиёҳи бечораро дар ин хатое нест, ки сойири бандагону хидматгорон ба навозиши худовандӣ мутаъаввиданд**.

*(**__Маънойи ҷумла__: Вазири покизаниҳод хоҳишгарӣ карду гуфт: «Сиёҳи бадбахтро хатое чандон нест, ки дархури бахшойиш набошад, зеро ҳама чокарону бандагон ба гузашту лутфи шоҳ хӯ гирифтаанд». __Мутаъаввид__–хӯ гирифтан).*

Гуфт:

– Агар дар муфовазаи ӯ шабе таъхир кардӣ, чӣ шудӣ, ки ман ӯро афзун аз қимати канизак дилдорӣ кардаме?!

Гуфт:

– Ай худованди рӯйи замин, нашунидайӣ:

Ташнайи сӯхта дар чашмайи равшан чу расид,
Ту мапиндор, ки аз пили дамон андешад.!
Мулҳиди гурасна дар хонайи холӣ бар хон,***
Ақл бовар накунад, к-аз рамазон андешад!**

*(***__Мулҳиди гурасна…:__ ин байт ҳукми масали сойир пайдо кардааст.*

__Маънойи байт:__ Бедини ношито (гурасна, шахси гураснае, ки аз бомдод чизе нахӯрда бошад–О. Ш.) чун дар утоқе танҳо бар канори суфрайи алвон бинишинад, хирад намепазирад, ки вай ҳурмати рамазонро даст ба хӯрдан набарад).

Маликро ин латифа (*сухани борику намакин)* писанд омад ва гуфт:

– Акнун, сиёҳ, туро бахшидам, канизакро чӣ кунам?!

Гуфт:

– Канизак сиёҳро бахш, ки нимхӯрдаи ӯ ҳам ӯро шояд.

Ҳаргиз онро ба дӯстӣ мапсанд,
Ки равад ҷойи нописандида.
Ташнаро дил нахоҳад оби зулол,
Нимхӯрди даҳони гандида.

(__Ин қитъа__ дар нусхайи Ғуломҳусайни Юсуфӣ дида намешавад ва ба ҷойи он ин дубайтӣ омадааст:

Дасти султон дигар куҷо бинад,
Чун ба саргин дарафтод турунҷ?!
Ташнаро дил нахоҳад оби зулол,
Кӯза бишкаст дар даҳони сукунҷ!

Ва Муҳаммади Биҳиштӣ, муъаллифи «Фарҳанги Сабо» баробари тавзеҳи калимайи «сукунҷ» ба маънойи «гандадаҳон, касе, ки даҳонаш бадбӯй бошад», байти дувуми дубайтийи мазбурро («Ташнаро дил нахоҳад…» ҳамчун мисоле аз Саъдӣ меорад).

Ҳикоят (41)

Искандари Румиро пурсиданд: «Диёри Машриқу Мағриб ба чӣ гирифтӣ, ки мулуки пешинро хазойину умру мулку лашкар беш аз ин будаасту эшонро чунин фатҳе муяссар нашуда?»

*(******Искандари Румӣ:*** *Искандар, писари Файлақус (Филипп), 356-323 то милод. Подшоҳи Мақдуния ва ҷаҳонкушойи бузург, ки ба Эрон низ лашкар кашиду Дорюши Савумро шикаст дод ва кохи подшоҳони Ҳахоманиширо дар Тахти Ҷамшед оташ зад. Низ ниг. ба «Доиратулмаъорифи форсӣ»)*

Гуфто:

– Ба авн *(ёрӣ)*-и Худой, азза ва ҷалла, ҳар мамлакатеро, ки гирифтам, раъийяташ наёзурдам ва номи подшоҳон ҷуз ба накӯйӣ набурдам:

Бузургаш нахонанд аҳли хирад,
Ки номи бузургон ба зиштӣ барад!

*(****Бузургаш нахонанд…:*** *ин мазмунро Саъдӣ дар абёти дигар низ гуфтааст:*

Чу хоҳӣ, ки номат бувад ҷовидон,
Макун номи неки бузургон ниҳон!
(«Бӯстон», б. 299).
Номи неки рафтагон зойиъ макун,
То бимонад номи некат пойдор.
(Мавоъиз, 34).

*******Ин байт*** *ҳукми масали сойир пайдо кардааст.)*

Боби дувум

ДАР АХЛОҚИ ДАРВЕШОН

Ҳикоят (1)

Яке аз бузургон гуфт порсоеро:

– Чӣ гӯйӣ дар ҳаққи фулон обид, ки дигарон дар ҳаққи вай ба таъна суханҳо гуфтаанд?

Гуфт:

– Бар зоҳираш айб намебинам ва дар ботинаш ғайб намедонам**.

*(**__Маънойи ҷумла__: Дар берунаш нақсе наменигарам ва аз раъйи дарунаш огоҳ нестам.)*

Ҳар киро ҷомапорсо бинӣ,
Порсо дону некмард ангор!
Вар надонӣ, ки дар ниҳонаш чист.
Муҳтасибро даруни хона чӣ кор?!

***(Ҷомапорсо:** порсоҷома, дар ҷомайи парҳезгорӣ.*

***Ангор:** пиндор, тасаввур кун.*

***Маънойи ду байт**: **Ҳар касеро дар кисвати зоҳидон дидӣ, парҳезгору накӯкор бишумор, ҳарчанд аз ботини вай огоҳ набошӣ; чь посбони шаръро ба даруни хонайи касон кор несту ҳаргиз ба ҷустуҷӯйи фисқи пинҳон намепардозад.*

**Мазмуни байти дувум мутаъассир аст аз ояи шарифа:*

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اجْتَنِبُوا كَثِيرًا مِّنَ الظَّنِّ إِنَّ بَعْضَ الظَّنِّ إِثْمٌ وَلَا تَجَسَّسُوا.

(сурайи Ҳуҷурот(49), ояи 12; яъне, «Ай касоне, ки имон оврадаед, аз бисёре пиндорҳо (гумони бад) нисбат ба якдигар парҳез кунед, ки бархе аз гумонҳо гуноҳ асту (аҳволи дарунийи мардумро) таҷассус макунед». Бар ҳамин асос аст, ки Ғазолӣ дар шаройити лозим, ки муҳтасиб дар иҷройи вазойифи худ бояд риъоят кунад, менависад: «Шарти савум он, ки маъсият зоҳир бувад бе таҷассуси муҳтасиб, аммо таҷассус нашояд ва ҳар кӣ дар хона шаваду дар бандад, нашояд, ки бе дастурийи вай даршудан ва талаб кардан, то чӣ мекунад ва нашояд аз дару бом нағӯша кунад (ба гӯш истад), то овоз бишнаваду ҳасабат кунад, балки ҳар чӣ Худойи Таъоло бипӯшонад, пӯшида бояд дошт».

****Муҳтасиброю…: ин иборат ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ҳикоят (2)

Дарвешеро дидам, сар бар остони Каъба ҳамемолиду мегуфт:

– Ё Ғафур ё Раҳим, Ту донӣ, ки аз залуми ҷаҳул *(бисёр нодон)* чӣ ояд!

(**Ё Ғафур ё Раҳим…: Ғафур (омурзгор), Раҳим (меҳрбон)–ду ном аз асмоъ-ул-ҳуснойи Илоҳист.*

***Маънойи ҷумла: Ай омурзгор! Ай бахшоянда! Ту огоҳӣ, ки аз бисёр нодоне, ки бар нафси худ сахт ситам раво медорад, чӣ коре сохта аст, яъне, тоъате аз ман барнамеояд. Маънойи иборот ишорате ба ояи 72, сурайи Аҳзоб(33) дорад:*

إِنَّا عَرَضْنَا الْأَمَانَةَ عَلَى السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ وَالْجِبَالِ فَأَبَيْنَ أَن يَحْمِلْنَهَا وَأَشْفَقْنَ مِنْهَا وَحَمَلَهَا الْإِنسَانُ إِنَّهُ كَانَ ظَلُومًا جَهُولًا

Тарҷумаи оя: «Мо амонати динро бар осмону замин арза доштем, онҳо аз бардошти он ибо карданд (-у бознишастанд) ва аз он тарсиданд (аз товони он) ва Одами Сафӣ фаро истоду дар гардани хеш кард! Ки ин одаме ситамкору нодон буд! (ки чунин бори сангинеро ба дӯш гирифт!») (аз «Кашф-ул-асрор». Дар зимн, нигоришгари ин китоб–Ҳабибуллоҳи Омӯзгор, дар ҳошияи баргардони ин ояи шарифа чунин тавзеҳе овардааст: «Дар хабар аст, ки чун Худованд амонатро бар Одами Сафӣ арза дошт, пурсиданд: «Худоё, дар пазируфтани он маро чӣ бошад?» Фармуд: «Агар кори хуб кардӣ, подоши хуб ва агар кори бад кардӣ, кайфари бад мебинӣ! Ва чун пазируфтӣ, туро ёрӣ кунам. Пас, чашмро аз ҳаром бипӯшу забонро аз бадгӯйӣ бибанд! Ва номусу авратро макшуф мадор, ки инҳо ҳама амонати Ман асту ба онҳо хиёнат макун!».)

Мурод аз инсон дар ин оя ҷинси мардум ё инсон аст, ки аз заъфи башарият ёрӣи бурдани бори тоъат надорад ва дар таклиф тақсир мекунад, на гурӯҳе аз паёмбарону покон. Ҳофиз гӯяд:

Осмон бори амонат натавонист кашид,
Қуръайи фол ба номи мани девона заданд).

Узри тақсири хидмат овардам,
Ки надорам ба тоъат истизҳор!
Осиён аз гуноҳ тавба кунанд,

Орифон аз ибодат истиғфор!

*(*****Узри тақсири хидмат:*** *пӯзиш аз кӯтоҳӣ кардан дар тоъату чокарӣ.*

*******Осиён аз гуноҳ…:*** *ин байт нозир аст ба ин ҳадиси маъруф, ки дар мутуну манобиъи ирфонӣ карроран нақл шудааст: «Ҳасанотулаброри саййиотулмуқаррабина» («Аҳодиси Маснавӣ», саҳ. 65); яъне, корҳойи неки накӯкорон дар ҳукми корҳойи бади муқаррабони даргоҳи Илоҳист. Яъне, филмасал, агар аброр якдаҳуми молашонро дар роҳи Худованд инфоқ кунанд (харҷ кунанд ё бахшанд–О. Ш.), баройи онон ҳасана аст. Аммо муқаррабин агар ҳамин корро бикунанд, дар ҳукми саййиа (кори бад, зишт, нописанд, хато; баръакси ҳасана–О. Ш.)-и онон аст, зеро аз онон интизори тасаддуқу (садақа додан–О. Ш.) инфоқи болотар меравад ва, филмасал, интизор меравад, ки нуҳдаҳуми молашонро инфоқ кунанд. Ҳол, дар партави ин ҳадис, ин байт равшан мешавад: осиён, ки мардуми одӣ ҳастанд, маъмулан аз гуноҳашон тавба мекунанд, аммо орифон, ҳатто, аз ибодаташон истиғфор мекунанд, зеро борикандешанд ва агар як лаҳза ҳузури қалб ё қасди қурбаташонро дар зимни ибодат аз даст дода бошанд ё шарти мустаҳаббе аз одоби ибодот фурӯгузор карда бошанд, истиғфор мекунанд.*

******Ориф:*** *шиносо ва доно. Сифати мушаббаҳа аз «ирфон»–соҳибназаре, ки Худованди Бузург ӯро бино гардонад ба зоту сифот ва асмоъу афъоли Худ ва маърифати ӯ аз дида бошад, чунонки гуфтаанд: «Ориф аз дида гӯяд ва оқил аз шунида» («Онандроҷ»).*

Маънойи ду байт*: Аз кӯтоҳӣ кардан дар тоъату чокарӣ пӯзиши мехоҳам, чӣ ба ибодату фармонбурдории худ қавипушт наям. Гунаҳкорон аз нофармонӣ тавба мекунанду бозмегарданд ва худошиносон аз нақсу тақсир дар тоъат узр мехоҳанду омурзиш мечӯянд).*

Обидон ҷазойи тоъат хоҳанд ва бозаргонон баҳойи бизоъат. Мани банда, умед овардаам, на тоъат ва ба дарюза *(гадойӣ)* омадаям, на ба тиҷорат. Иснаъ бӣ мо анта аҳлуҳу *(**бо ман аз некӣ он кун, ки шойистаи бузургии Туст)*.

(*****Маънойи ду ҷумлаи аввал****: Зоҳид подоши фармонбурдорӣ мехоҳад, чунонки тоҷир қимати коло. Ман бо диле уммедвор омадаам, на сармояи ибодат, ба гадойиву парса (саргардонӣ,*

беҳудагардӣ, дарюза–О. Ш.) рӯй овардаам, на ба доду ситад.).

Бар дари Каъба сойиле дидам,
Ки ҳамегуфту мегиристӣ х(в)аш:
«Менагӯям, ки тоъатам бипазир,
Қалами афв бар гуноҳам каш!»

Ҳикоят (3)

Абдулқодири Гелониро, раҳматуллоҳи алайҳ, диданд; дар ҳарами Каъба рӯй бар ҳасбо ниҳода ҳамегуфт: «Ай Худованд, бибахшой ва гар ҳаройина муставҷиби уқубатам, дар рӯзи Қиёматам нобино барангез, то дар рӯйи некон шармсор нашавам!».

(******Абдулқодири Гелонӣ*** *ё Абдулқодири Ҷелонӣ (Ҷелӣ)–Абумуҳаммад Абдулқодир ибни Абусолиҳи Гелонӣ (470/471–571 ҳ. қ.),* «*орифу зоҳиду суфӣ ва воъизи ҳанбалийи машҳури қарни шашуми ҳ. қ., ки силсилайи қодирия аз сӯфия мансуб бадӯст»…(«Доиратулмаъорифи форсӣ»).*

*****Рӯй бар ҳасбо ниҳода:*** *яъне, дар ҳолати саҷда, ки рӯй ё пешонӣ бар сангреза ниҳода буд. Шояд ҳам қасди саҷда, монанди саҷдайи намоз, надошта, балки ба қасди изҳори бандагиву хоксорӣ рӯй бар хоку сангу шин (реги нарм, сангреза–О. Ш.) ниҳода будааст.*

Хулосайи маънойи ҷумлаҳо*: Абдулқодири Гелонӣ дар пиромуни хонайи Каъба рух бар сангреза соён мегуфт: «Ай Молики рӯзи ҷазо, афв кун ва агар ба яқин сазовори азобам, дар Растохез маро кӯр аз гӯр ба ҳисобгоҳ фирист, то аз дидори накӯкорон шарманда нашавам!»).*

Рӯй бар хоки аҷз мегӯям,
Ҳар саҳаргаҳ, ки бод меояд:
«Ай, ки ҳаргиз фаромӯш-т накунам,
Ҳечат аз банда ёд меояд?!»**

*(*****Маънойи ду байт****: Ҳар бомдоди пагоҳ, ки насим мевазад, рух бар хоки зиллат ниҳода мегӯям: «Ай, ки ҳеч гоҳ аз ёдам намеравӣ, ҳаргиз маро ёд мекунӣ?!»*

Байти дувум *ҳукми масали сойир пайдо кардааст.*)

Ҳикоят (4)

Дузде ба хонайи порсое даромад. чандонки ҷуст, чизе наёфт. Дилтанг шуд. Порсо хабар шуд. Гилеме, ки бар он хуфта буд, дар роҳи дузд андохт, то маҳрум нашавад.

Шунидам, ки мардони роҳи Худой
Дили душманонро накарданд танг.
Туро кай муяссар шавад ин мақом,
Ки бо дӯстонат хилоф асту ҷанг?!**

(**_**Маънойи байт:** Расидан ба пойгоҳи мардони ҳақ баройи ту осон нест, чӣ ту бо ёрони хеш ҳам сари ситезаву душманӣ дорӣ!)_.

Маваддати аҳли сафо чӣ дар рӯйю чӣ дар қафо. На чунон к-аз пасат айб гиранд ва пешат беш миранд**.

(_**Аҳли сафо:** киноя аз сӯфиён аст; «сафо» дар тасаввуф ба маънойи покӣ ва зудуда шудан аз олудагиҳост._

Маънойи чанд ҷумла:** Дӯстийи ёрони покдил–хоҳ дар баробар, хоҳ дар пушти сар, яксон аст ва чунон нест, ки дар ғиёби ту бар ту хурда гиранду дар ҳузур сахт барх (фидо, қурбон–О. Ш.)-и ҷонат шаванду қурбонат гарданд).

Дар баробар чу гӯспанди салим,
Дар қафо ҳамчу гурги мардумхор.

* * *

Ҳар кӣ айби дигарон пеши ту оварду шумурд*,
Бегумон, айби ту пеши дигарон хоҳад бурд!

(*_**Ҳар кӣ айби дигарон…:** ин мазмунро Саъдӣ мукаррар овардааст:_

Ҳар он к-ӯ барад номи мардум ба ор,
Ту хайри худ аз вай таваққуъ мадор!
Ки андар қафойи ту гӯяд ҳамон,
Ки пеши ту гуфт аз паси мардумон!
(«Бӯстон», б. 3067–3068).

Ҳикоят (5)

Тане чанд аз равандагон муттафиқи саёҳат буданду шарики ранҷу роҳат. Хостам, то мурофақат кунам. Мувофақат накарданд. Гуфтам: «Ин аз карами** ахлоқи бузургон бадиъ аст: рӯй аз мусоҳабати мискинон тофтану фоидаву баракат дареғ доштан, ки ман дар нафс *(вуҷуд)*-и хеш ин қудрату суръат мешиносам, ки дар хидмати мардон ёри шотир бошам, на бори хотир!».

*(*****Карами ахлоқи бузургон:*** *гузашту ҷавонмардӣ, ки дар хӯю сиришти бузургон аст.*

Маънойи ҷумлаҳойи ахир: *Аз гузашту ҷавонмардӣ, ки дар хӯйи бузургон аст, шигифт маёед, ки аз ҳамнишинийи заъифону бечорагон эъроз кунанду аз базли суду ниъмати суҳбати худ музояқа фармоянд, чӣ ман дар худ ин тавону чустӣ мебинам, ки дар чокариву мулозамати некмардон ёре чобук бошам, на боре бар дил!*

Мурод аз «бузургон» ҳамин «тане чанд аз равандагон» аст).

Ин лам акун рокибалмавошӣ***,
Асъо лакум ҳомилалғавошӣ**.

*(******Ин лам акун…:*** *дар баъзе нусхаҳойи чопӣ «ин лам аку» «асъо лак» омадааст, ки аз назари вазн ҳамвортар аст, аммо аз назари маънӣ фарқе надорад: агар дар он ҳад нестам, ки дар рикоби шумо савори чорпоён (ва ҳамъинони шумо) бошам, ин қадр ҳаст, ки дар рикоби шумо ғошиякашам ва абзору созу барги саворийи шуморо ба дӯш мекашаму пиёда мешитобам. Ғавошӣ–ҷамъи ғошия –пӯшиши зин. «Ғошиякаш» ё «ғошиядор» –марде, ки зинпӯш бар дӯш андозаду дар рикоби бузургон биравад ва чун он бузург аз асп фуруд ояд, бар зин ғошия кашад).*

Яке з-он миён гуфт: «Аз ин сухан, ки шунидӣ, дил танг мадор, ки дар ин рӯзҳо дузде ба сурати дарвешон баромада, худро дар силки суҳбати мо мунтазим** кард».

*(*****Мунтазим****–ростгардида ва ороста; исми фоъил аз «интизом», дар асл ба маънойи дар ришта кашидани чизест ба тартибе некӯ.*

Маънойи ҷумла*: Худро ба риштайи дӯстийи мо пайваст.)*

Чӣ донанд мардум, ки дар хона кист?
Нависанда донад, ки дар нома чист.

Ва аз он ҷо, ки саломати ҳоли дарвешон аст, гумони фузулаш набурданд ва ба ёрӣ қабулаш карданд.

(****Маънойи ҷумла**: *Дарвешон ба созгорийи хӯйи худ ё ба содадилийи хеш ӯро пазируфтанд ва гумони номувофиқиву нобакорӣ (фузул) бад-ӯ набурданд).*

Сурати ҳоли орифон* далқ аст,
Ин қадар бас, чу рӯй дар халқ аст!
Дар амал кӯшу ҳар чӣ хоҳӣ пӯш,
Тоҷ бар сар ниҳу алам бар дӯш!
Дар қажоканд мард бояд буд,
Бар муханнас** силоҳи ҷанг чӣ суд?!

(***Ориф:** *дар луғат шиносандаву огоҳ; дар истилоҳи тасаввуф худошиносест, ки аз роҳи сафойи ботину кашфу шуҳуд ба маъною ҳақиқат пай бурда бошад, на фақат аз роҳи илм. Мақсуди байт он, ки нишони зоҳири дарвешон ҷомайи пашминаву хирқа аст. Вақте касе рӯй ба ҷониби мардум дошта бошад (на ба Худо), иктифо ба ҳамин нишони зоҳир ӯро кофист, яъне, баҳрае аз файзи Ҳақ надорад.*

***Тоҷ бар ниҳу алам…:** *тоҷ бар сар ниҳодану алам бар дӯш доштан ишора ба подшоҳиву сипоҳигарист. Манзур он, ки асл амали нек аст, дар ҳар либосу мақом, ки бошӣ.*

Муханнас: *писар ё марде, ки рафтораш шабеҳи занон ё мафъул бошад; зансифат, номард.*

***Маънойи байт**: *Дар ҷомайи ҷангӣ бояд мардона ҷангид, вагарна силоҳи ҷанг дар дасти номард чӣ фойида тавонад дошт?*

Саъдӣ дар «Мавоъиз» низ гуфтааст: «Шамшери қавӣ наояд аз бозуйи суст». Ба илова, ёдовари сухани Мутанаббист, ки гуфта (баргардони онро меорем–О. Ш.): «Агар дастҳойи найзаандоз набошад, оё найзаҳо судманд тавонанд буд?» Ё ки «Мебинӣ, ки шамшери буранда, бо вуҷуди бузургиву тезияш, дар дасти марди тарсу мисли ӯ беасар аст?!»).

Рӯзе то ба шаб рафта будему шабонгаҳ ба пойи ҳисор хуфта, ки дузди бетавфиқ ибриқи рафиқ бардошт, ки ба таҳорат меравад ва ба ғорат мерафт.

Порсо бин, ки хирқа дар бар кард.
Ҷомайи Каъбаро ҷули хар кард!

(**Маънойи байт:** *Зоҳид (-и риёкор)-ро бингар, ки ҷомайи пашминайи сӯфиёнро дар бар намуда; гӯйӣ пӯшиши муқаддаси хонайи Каъбаро пӯшиши хар кардааст!)*

Чандонки аз назари дарвешон ғойиб шуд, ба бурҷе баррафту дурҷе бидуздид. То рӯз равшан шуд, он торик маблаҳе роҳ рафта буду рафиқони бегуноҳ хуфта. Бомдодон ҳамаро ба қалъа даровардand ва бизаданду ба зиндон карданд. Аз он таърих тарки суҳбат гуфтему тариқи узлат гирифтем, вассаломату филвақдати *(яъне, *«бегазандӣ дар танҳоӣ аст». Ин ҷумларо аз Увайси Қаранӣ нақл кардаанд*).

Чу аз қавме яке бедонишӣ кард,
На киҳро манзилат монад, на миҳро.!
Шунидастӣ, ки гове дар алафхор
Биёлояд* ҳама говони деҳро?!

(***Ин қитъа** ҳукми масали сойир пайдо кардааст.*

***Биёлояд:** олуда кунад. Мазмуни байт назири ин шеъри Рӯдакист:*

Яке олуда кас бошад, ки шаҳреро биёлояд,
Чу аз говон яке бошад, ки говонро кунад рихин!

***Маънойи қитъа**: Чун аз гурӯҳе як тан кори бехирадонае кард, дигар обрӯе баройи хурду бузургони қавм барҷой наменомонад; магар нашунидайӣ, ки як гови бемор дар чарогоҳ мояи олудагийи ҳамаи говони деҳ мешавад?!).*

Гуфтам: сипосу миннат Худойро, азза ва ҷалла (*тавоносту бузург)*, ки аз баракати дарвешон маҳрум намондам, гарчи ба сурат аз суҳбат ваҳид афтодам. Бад-ин ҳикоят, ки гуфтӣ, мустафид *(баҳраёб, фойидагар)* гаштам ва амсоли маро ҳама умр ин насиҳат ба кор ояд.

(***Ҳулосайи маънойи ҷумлаҳойи ахир:** *Сипос Яздони тавоноеву бузургро бод, ки аз файзи ҳиммату хайри сӯфиён бебаҳра нагаштам, ҳарчанд ба зоҳир аз ҳамнишинийи онон фард афтодам).*

Ба як нотарошида дар маҷлисе,
Биранҷад дили ҳушмандон басе!
Агар биркае пур кунанд аз гулоб,
Саге дар вай афтад, кунад манҷалоб!

***(Нотарошида**–одами номуҳаззаб; муҳаззаб–покизашуда аз айбу нақс, хушахлоқ, хушхӯй; номуҳаззаб (акси он)–беадабу гаронҷону нопиростахӯй.*

***Манҷалоб:** поргин, оби бадбӯ ва гандида.*

***Маънойи ду байт**: **Ҳузури як тан нопиростахӯй дар анҷуман мояи ранҷиши хотири бисёре аз доноён хоҳад шуд, чунонки фурӯ афтодани як саг дар обгире пур аз гулоб онро поргин (палид) хоҳад кард*).

Ҳикоят (6)

Зоҳиде миҳмони подшоҳе буд. Чун ба таъом бинишастанд, камтар аз он хӯрд, ки иродати ӯ буд ва чун ба намоз бархостанд, беш аз он кард, ки одати ӯ, то занни салоҳийят *(гумони некиву некӯкорӣ)* дар ҳаққи ӯ зиёдат кунанд.

*(****Зоҳид:** парҳезгор, порсо. Дар ин ҳикоят шахси мазкур ба зоҳир парҳезгор менамояд).*

Тарсам нарасӣ ба Каъба, ай аъробӣ,
К-ин раҳ, ки ту меравӣ ба Туркистон аст.

(*****Маънойи байт:** Ай тозийи саҳронишин, бегумон, ту ба хонайи Худо роҳ нахоҳӣ бурд, чӣ ин тариқ, ки ту дар пеш гирифтайӣ, ба Туркистон мебарад, на ба Каъба!*

***Ин байт** ҳукми масали сойир пайдо кардааст.).*

Чун ба мақоми хеш омад, суфра хост, то тановуле кунад. Писаре соҳибфиросат дошт. Гуфт:

– Ай падар, боре ба маҷлиси султон-дар таъом нахӯрдӣ?

Гуфт:

– Дар назари эшон чизе нахӯрдам, ки ба кор ояд.

Гуфт:

– Намозро ҳам қазо кун, ки чизе накардӣ, ки ба кор ояд.

*(****Қазо кун:** қазо кардани намоз; гузордани намозе, ки бамавқеъ хонда нашуда).*

* * *

Ай ҳунарҳо гирифта бар кафи даст,
Айбҳо баргирифта зери бағал!
То чӣ хоҳӣ харидан, ай мағрур,
Рӯзи дармондагӣ ба сими дағал?!**

(***Дағал:** носара, қалб.

***Маънойи ду байт**: Ай, ки андак хубиву фазилати хештанро ошкор карда ва зиштиву нақси бисёратро дар парда нуҳуфтайӣ; намедонам, ай фирефтайи нодон, дар рӯзи бечорагӣ, ки парда аз маъойибат (айбҳоят–О. Ш.) фурӯ афтад, бо ин сими носара дар бозори он ҷаҳон чӣ тавонӣ харид?! Яъне, яқин дорам, ки тиҳидаст бармегардӣ!).*

Ҳикоят (7)

Ёд дорам, ки дар айёми туфулийят мутаъаббид будаме ва шабхез ва мулаъи зуҳду парҳез. Шабе дар хидмати падар, раҳматуллоҳи алайҳ (*бахшойиши Худой бар вай бод)*, нишаста будаму ҳама шаб дида бар ҳам набаставу Мусҳафи** азиз бар канор гирифта ва тоифае гирди мо хуфта. Падарро гуфтам:

– Аз инон яке сар барнамедорад, ки дугонийе** бигузорад. Чунон хоби ғафлат бурдаанд, ки гӯйӣ нахуфтаанд, ки мурдаанд!

(***Мусҳафи азиз:** Қуръони гиромӣ ва арҷманд. **Мусҳаф**–китоб ё куроса, умуман, ва Қуръон хусусан. Маънойи таҳтуллафзийи онро ҷомеъи навиштаҳо ё китобҳо ё чизе, ки дар он китобҳову номаҳо фароҳам омадааст, забт кардаанд.

***Дугона:** киноя аз ду ракъат намоз; «дугонийе» = дугона + «ё»-и ваҳдат–як намози дуракъатийи бомдодӣ).*

Гуфт:

– Ҷони падар, ту низ агар бихуфтӣ, биҳ аз он, ки дар пӯстини халқ уфтӣ**!

*(***Дар пӯстини халқ уфтӣ:** ба киноя, мурод айбҷӯйӣ ва ғайбату ёди зишт аст.

***Маънойи чанд ҷумлайи ахир**: Ба падар гуфтам: «Аз инҳо яке сар аз хоб барнамекунад, ки ду ракъат намози бомдодӣ ба ҷой оварад, чунон рабудайи хоби бехабарӣ бошанд, ки пиндорӣ мурдагонанд, на хуфтагон!». Падар гуфт: «Ҷони ман, ту низ агар ба хоб фурӯ равӣ, биҳтар аз он аст, ки ба накӯҳиши мардум забон*

кушойиву ба ғайбату зиштёд пардозӣ!»).

Набинад муддаъӣ** чуз хештанро,
Ки дорад пардайи пиндор дар пеш!
Гарат чашми худобине бибахшанд,
Набинӣ ҳеч кас оҷизтар аз хеш.

(***Муддаъӣ:** дар ин ҷо ба маънойи гизофагӯю лофзан аст.
Пардайи пиндор–ҳиҷоби гумони ботил.
Маънойи ду байт: Гизофагӯй ва лофзан ҷуз худ касеро кас нашуморад, чӣ ҳиҷоби тирайи гумони ботил дар пеши чашм овехта дорад. Агар ба ту дидайи ниҳонбини ҳақиқатшинос бидиҳанд, бандае дармондатар аз худ дар ҷаҳон натавонӣ ёфт!).*

Ҳикоят (8)

Якеро аз бузургон ба маҳфиле-андар ҳамеситуданду дар авсофи ҷамилаш *(сифатҳойи нек)* муболаға мекарданд. Сар бароварду гуфт: «Ман онам*, ки ман донам!».

*(***Ман онам, ки ман донам:**– Ман он чунонам, ки худ хештанро мешиносам ва дигарон аз нақсҳоям огоҳӣ надоранд. Дар «Наҳҷул-балоға» омадааст, ки қавме Алӣ(а)-ро ситуданд ва ӯ гуфт: «Худовандо, Ту маро биҳтар аз худи ман мешиносӣ ва ман нисбат ба нафси худ аз эшон огоҳтарам. Худовандо, моро аз он чӣ онон гумон мекунанд, биҳтар гардон ва он чиро онон намедонанд, бар мо бибахшой». Назири чунин суханеро ба Абубакр низ нисбат додаанд).*

Куфайта азӣ ё ман йаъудду маҳосинӣ*,
Ъало нийятӣ ҳозо ва лам тадри мо батан.

(***Куфайта азӣ…:** Ай касе, ки хубиҳойи маро бармешуморӣ, аз газанд маҳфуз бошӣ! Зоҳири ҳоли ман ин аст, ки ту мебинӣ, вале аз ботини ман хабар надорӣ. «Кафайта азян» низ хондаанд, ба ин маънӣ: «Он чӣ маро озурдӣ, бас аст!»).*

* * *

Шахсам ба чашми оламиён хубманзар аст
В-аз хубси** ботинам сари хиҷлат фитода пеш.
Товусро ба нақшу нигоре, ки ҳаст, халқ

Таҳсин кунанду ӯ хиҷил аз пойи зишти хеш.

(***Хубси ботин***–*палидийи даруну ниҳон.*

***Маънойи ду байт**: **Пайкарам ба дидайи ҷаҳониён хушдидор аст, вале аз палидийи ниҳон сарафкандаам, чунонки товусро мардум ба зебоийи пару боли нигорин меситоянд, вале ӯ аз зиштийи пойи худ шармсор аст.*

*******Товусро ба нақшу**…–ин байт ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ҳикоят (9)

Яке аз сулаҳойи Лубнон, ки мақомоти* ӯ дар диёри Араб мазкур буду каромот машҳур, ба ҷомеъи Димишқ даромад ва бар канори биркайи Каллоса* таҳорат ҳамесохт. Пояш билағзиду ба ҳавз дарафтод ва ба машаққат аз он ҷойгаҳ халос ёфт.

(*****Лубнон:** номи кӯҳест дар Шом (Сурия), наздики Ҷабали Омил, ки маскани фуқаро (дарвешон) аст («Онандроҷ»).*

*****Мақомот:** ҷамъи мақом, пойгоҳҳо, дараҷот. Мақом дар тасаввуф мақсуд аст ва он манзилатест, ки шахс бар асари тайй (дарнавардидан, паймудан–О. Ш.)-и мароҳили душвор дар тарбияти нафс ба он мерасад, ки чанд анвоъу маротиб дорад.*

***Каромот:** ҷамъи «каромат», корҳойи хориқи одот, ки бар дасти авлиё (дӯстони Ҳақ) сурат пазирад.*

***Каллоса**–ин калима дар нусхаҳойи Хатиби Раҳбар, Хуррамшоҳӣ ва Юсуфӣ бо ташдиди лом омадааст, аммо дар нусхаҳойи Тошканд ва Муҳаммади Хазойилӣ бидуни ташдид. Тавзеҳи дуе аз инҳо роҷеъ ба сохту муҳтавойи он:*

***Доктор Юсуфӣ**: «Биркайи Каллоса, бино бар ривояти Ибни Ҷубайр, номи ҳавзе бузург аз мармар дар васати Ҷомеъи Димишқ, ки об аз косае бузургу ҳаштгуна аз мармари сафед, ки дар васати ҳавз бар болойи сутуне сӯрохдор қарор дошта, пайваста дар он мерехтааст. Таҳорат ҳамесохт–вузӯ мегирифт».*

***Хатиби Раҳбар:** «Роҷеъ ба калимайи Каллоса, ки ба фатҳи аввал ва ташдиди лом хонда мешавад, дар сафҳайи 255 «Риҳлат»-и Ибни Ҷубайр, таҳқиқи доктор Ҳусайни Нассор, чопи Миср, сухане бад-ин мазмун омадааст: «Дар ҷониби шимолийи саҳни Ҷомеъ даре бузург аст, ки ба фазойи Масҷиди Бузург боз мешавад. Дар васати ин масҷид соҳат (фазо, ноҳия, хона, ҳаёт, ки сақф надошта бошад–О. Ш.)-е кушода асту дар он ҳавзест бузург аз*

мармар, ки об пайваста аз косае бузурги ҳаштгӯша аз мармари сафед дар он равон аст ва ин косайи бузург дар васати ҳавз бар болойи сутуне сӯроҳдор ниҳодааст об аз ин сутун то даруни косайи мармар меравад ва ин ҷойгоҳ ба Каллоса маъруф аст».)

Чун аз намоз бипардохтанд, яке аз асҳоб гуфт:

– Маро мушкиле ҳаст, агар иҷозати пурсидан аст?

Гуфт:

– Он чист?

Гуфт:

– Ёд дорам, ки шайх бар рӯйи дарёи Мағриб бирафту қадамаш тар нашуд. Имрӯз чӣ ҳолат буд, ки дар ин қомате** об аз ҳалок чизе намонд?

*(**__Қомат:__ қадду боло; __дар ин қомате об__–дар ин як қад об.*

__Маънойи ҷумлаҳойи ахир:__ Мурид гуфт: «ба хотир дорам, ки шайх ба каромат аз оби дарёйи Мағриб гузора карду пояш нам нагирифт, имрӯз чӣ пеш омад, ки дар як қадам об ба марг наздик шуд?!»).

Шайх андар ин фикрат фурӯ рафту пас аз таъаммули бисёр сар бароварду гуфт:

– Нашунидайӣ, ки Хоҷайи Олам, алайҳиссалом **, гуфт: «Лӣ*** маъаллоҳи вақтун ло ясаъунӣ фиҳи малакун муқаррабун ва ло набийюн мурсал»**. Ва нагуфт: «Аладдавом!».**

*(**__Хоҷайи Олам, алайҳиссалом :__ сарвари ҷаҳон ё сарвари коинот–яке аз алқоби Муҳаммад расулуллоҳ. Гоҳ ба танҳойӣ «хоҷа» низ гуфта шудааст.*

*****__Лӣ маъа-л-лоҳи вақтун ло ясаъунӣ фиҳи…:__ ин ҳадис дар «Аҳодиси Маснавӣ», тадвини марҳум Фурӯзонфар, омадааст, вале манбаъи қадимӣ баройи он ёд нашудааст… Қадимтарин манбаъе, ки иҷолатан ин ҳадис дар он ёфта шуд, «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳаҷвирист, ки тарҷумайи озоди онро чунин овардааст: «Маро бо Худойи азза ва ҷалла вақтест, ки андар он вақт ҳаждаҳ ҳазор оламро бар дили ман гузар набошаду дар чашми ман хатар (арҷу эътибору аҳаммийят) наёрад»–«Кашф-ул-маҳҷуб», саҳ. 480–481.*

__Маънойи сухани набавӣ__: Маро бо Худойи якто вақтест, ки роҳ намеёбад ба он ҳоли ман на фариштайи вижаву на Паёмовари фиристодайи Ҳақ. Яъне, ба он мақом кас дар ин ҳол ба ман наёрад расид; чунонки Мавлавӣ аз забони он Ҳазрат дар хитоб ба

Ҷибрайил мефармояд:

Гуфт: «Ҷибрило, бипар андар паям!»
Гуфт: «Рав-рав, ман ҳарифи ту наям!»

Ё мурод ин бошад, ки дар мақоми қурб Муҳаммад, ки Набийи мурсал аст, худ ҳам намегунҷад, яъне, ҳама Ӯ (Худо)-ст, баройи он ки дар мақоми ягонагӣ дугонагӣ муҳол аст. Маънойи дувум расотару ба ҳақиқати мақсуд наздиктар менамояд).

******Ва нагуфт аладдавом:*** *«Вале нафармуд пайваста»).*

Вақте чунин ки фармуд, ба Ҷибрайилу Микойил** напардохтиву дигар вақт бо Ҳафсаву Зайнаб** дарсохтӣ. Мушоҳадатулаброр байнаттаҷаллӣ валиститор*. Менамоянду мерубоянд*.

(Номи Ҷибрайил *дар Қуръони Карим (ба шакли Ҷибрил) се бор зикр шудааст (ду бор дар сурайи Бақара(2), ояи 97 ва 98; як бор дар сурайи Таҳрим(66), ояи 4), исми муъарраб ва асли он ибронист–**Gabriel**, ба маънойи марди Худо ва ё қуввати Худо. Доктор Муъин онро ба гунайи **Ҷибраил–Gebrail** [= Ҷиброъил = Ҷибрил] меорад ва дар «Фарҳанги Сабо» низ се тарзи ройиҷ навишти он ёдрас шудааст: «**Ҷабрил** (ба фатҳи «ҷим» ва касри ҳамза) ва **Ҷибрайил** (ба касри «ҷим» ва фатҳи «ро») ва **Ҷибрил** (ба касри «ҷим»-у «ро»); яке аз фариштагон; номи фариштайи ҳомили ваҳйи Илоҳӣ; фариштае, ки ваҳйро бар Пайғамбар нозил мекард» (ниг. ба «Фарҳанги форсӣ»-и Муҳаммади Муъин, ҷ. 5, с. 425; Муҳаммади Биҳиштӣ, «Фарҳанги Сабо», с. 327.–О. Ш.).*

******Ҷибрайил****: номи фариштайи ваҳй; аз лиҳози луғавӣ ба маънойи бандайи Худо. Ба форсӣ ба «ҷибрайил» бештар «Сурӯш» гуфта мешуд. Ҳофиз фармояд:*

То нагардӣ ошно, з-ин парда рамзе нашнавӣ,
Гӯши номаҳрам набошад ҷойи пайғоми Сурӯш!

Микойил (Микол): *номи фариштайи рӯзирасон.*

Ҳафса: *номи ҳамсари Паёмбари ислом аст, ки духтари Умари Хаттоб буд.* ***Зайнаб****–номи завҷайи дигари Ҳазрати Расул.*

Маънойи ҷумлаҳойи ахир: *Дар ин дам, ки бад-он ишорат кард, парвойи Ҷибрайилу Микойил надошт ва дар дами дигар бо ҳамсарони худ Ҳафсаву Зайнаб созгорӣ менамуд ва хуш мегуфту*

мешунуд.

*****Мушоҳадатулаброр…:*** *дидори некон ҳолатест миёни ошкориву пӯшидагӣ. Ҳамин мазмунро дар байти баъд («Дидор менамоиву…») метавон ёфт.*

*****Менамояндумерубоянд:*** *ҷилвае аз пардайи ҷамоли Ҳақ бар ориф ошкор мешаваду дил аз ӯ мерубояд. Аз ин рӯ, гоҳ саршор аз шодийи дидор асту гоҳ дар ғами дурӣ гирифтор.*

Он чӣ дар ин ҳикоят аз забони марди ориф омада, марбут аст ба мафҳуми «ҳол» дар назари сӯфиён ва адами давому давоми он. «Ҳол» назди сӯфия иборат аст аз маъное, ки аз Ҳақ ба дил пайвандад, бе он ки онро аз худ ба касб дафъ тавон кард, чун биёяд ва ё ба такаллуф ҷазб тавон кард; чун бувад… Абулқосими Ҷунайд муътақид аст, ки «ҳол» давом намепазирад. Ҳам ӯ гӯяд: «Алаҳволу калбуруқи»…, яъне, ӯ бигуфт: «Аҳволи мо барқи ҷаҳон аст»…)

Дидор менамойиву парҳез мекунӣ*,
Бозори Хешу оташи мо тез мекунӣ!

*(****Дидор менамойиву…:*** *матлаъи ғазалест аз Саъдӣ, аз маҷмӯъайи «Хавотим». Яъне, рӯйи Худро нишон медиҳиву дар айни ҳол аз мо дурӣ меҷӯӣ. Бад-ин тартиб, бозори зебоийи Худро гарму оташи иштиёқи моро барафрӯхта мекунӣ; низ ниг. ба тавзеҳоти «мушоҳадатулаброр…» дар ҳамин ҳикоя.*

Ин байт *ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

* * *

Ушоҳиду ман аҳво биғайри василатин,
Фаялҳақунӣ шаънун азаллу тариқо***.

*(******Ушоҳиду…:*** *гоҳ ҳаст, ки маҳбуби худро бепардаву бидуни ҳеч дастовез мебинам; ва сипас ҳоле ба ман даст медиҳад, ки роҳи худро гум мекунам.*)

Ҳикоят (10)

Яке пурсид аз он гумкардафарзанд*,
Ки «Ай равшангуҳар, пири хирадманд,
Зи Мисраш бӯйи пироҳан шунидӣ,
Чиро дар чоҳи Канъонаш** надидӣ?!»
Бигуфт: «Аҳволи мо барқи ҷаҳон** аст,

Даме пайдову дигар дам ниҳон аст!
Гаҳе бар торами аъло нишинем*,
Гаҳе бар пушти пойи худ набинем!
Агар дарвеш дар ҳоле бимондӣ!»
Сари даст* аз** ду олам барфишондӣ!

(***Ин маснавиро*** *Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ, Хатиби Раҳбар ва Муҳсини Рамазонӣ (ҳар се аз рӯйи нусхайи Муҳаммадалийи Фурӯғӣ) ба шакли ҳикояте ҷудогона ва дар шумори даҳумин ҳикоят овардаанд. Аммо дар нусхайи ёдшудайи Рамазонӣ, дар қисмати «Гулистон»-и арабӣ («Равзат-ул-вард», баргардони Муҳаммад-ул-Фуротӣ) ва низ дар шарҳҳойи Муҳаммади Хазойилӣ, Ғуломҳусайни Юсуфӣ ва «Шавқи «Гулистон»-и мусаввар», чопи Тошканд ҳамчун идомайи ҳикояти нуҳум омадааст.*

*****Гумкардафарзанд:*** *ишорааст ба Яъқуб(а), падари Юсуф(а), ки фарзандаш–Ҳазрати Юсуфро бародаронаш ба чоҳ афканданду ба падар гуфтанд: «Гург ӯро даридааст».*

Канъон: *сарзаминеро гӯянд, ки зодагони Канъон (номи писари чаҳорумини Ҳом ибни Нуҳ) дар он ватан доштанд, мавзеъе миёни Лубнону дашти Сурия ва дашти Арабу дарёи Мағриб.*

Барқи ҷаҳон: *озарахши ҷаҳанда.*

*****Торами аъло….:*** *болохонайи баланд; киноя аз осмон. Мазмуни байт ишора ба ҳамон нуктаест, ки ҳоли ориф бардавом несту тағйирпазир аст; саросари ҳикоят низ дар баёни ҳамин андеша аст.*

*****Сари даст аз….:*** *аз ду ҷаҳон сарфи назар мекард ва тарки он мегуфт. «Сари даст барафшондан аз чизе» , яъне, аз он сарфи назар кардан ва тарки он гуфтан.*

Мафҳуми байт ин аст*, ки агар дарвеш ҳамеша бар як ҳол (маҷзубийят ва дидори Ҳақ) пойдор мемонд, аз ду ҷаҳон низ сарфи назар мекарду бартар мерафт.*

******Сари даст аз…****–киноя аз ғазаб кардан ва тарк додану рақсу раққосӣ намудан бошад. Шайх Саъдӣ гуфта:*

Надонӣ, ки шӯридаҳолони маст
Чиро барфишонанд дар рақс даст?!
Кушояд диле бар дил аз воридот,
Фишонад сари даст бар коинот!

Ин ду байт нақл аст аз ҷ. 3-и «Онандроҷ», чопи Теҳрон, с.

2396).

Дар ин ҷо мурод аз «сари даст барфишондан аз ду олам» тарки ҳар ду ҷаҳон гуфтан аст.

***Хулосайи маънойи чанд байт**: Касе аз пири гумкардафарзанд (Яъқуб) пурсид, ки ай донодили равшанзамир, ту, ки бӯйи пироҳани Юсуфро пеш аз расидан ба Канъон аз Миср дарёфтӣ, чиро аз афкандани вай дар чоҳи Канъон огоҳ нашудӣ? Яъқуб посух дод: «Ҳоли мо чун озарахше ҷаҳанда аст, ки як дам намудор мешавад ва даме дигар пинҳон мегардад. Яъне, гоҳ тойири ҷони мо бар гунбади барин ошён мегирад ва ҳар чӣ дар ҷаҳон аст, менигарем; гоҳе низ паси пойи худро намебинем. Агар ориф ҳамеша дар ҳоли шуҳуду дидори Ҳақ мемонд, тарки ҳар ду ҷаҳон мегуфту пояи қадраш аз ду олам бартар мерафт»).*

Ҳикоят (11)

Дар ҷомеъи Баълбакк, вақте калимае ҳамегуфтам ба тариқи ваъз бо ҷамоъате афсурда, дилмурда, раҳ аз олами сурат ба олами маънӣ набурда. Дидам, ки нафасам дарнамегирад *(таъсир намебахшад)*-у оташам дар ҳезуми тар асар намекунад.

***(Ҷомеъи Баълбакк:** масҷиди ҷомеъи Баълбакк. ***«Баълбакк = Ҳалюпулис–калимайи юнонӣ, яъне, Шаҳри Хуршед), шаҳре кӯчак дар Лубнони Шарқӣ, ба фосилайи 64 километрийи шимолу ғарби Димишқ...» («Доиратулмаъорифи форсӣ»).*

***Баълбакк** аз ду калима–«Баъл» (номи буте) + «Бакк» (номи касе, ки ин шаҳрро бунёд ниҳод) ва аз исми худу номи бут номе бар ин шаҳр ниҳод (Яъне, Баълбакк ё Баъалбакк–О. Ш.).*

***Раҳ аз олами сурат...:** дар банди ҷаҳони моддиву маҳсус фурӯмонда ва ба ҷаҳони ҳақиқату маъқул роҳнаёфта).*

***Маънойи ҷумла**: Пай бурдам, ки дами ман онҳроасар намекунад ва сӯзам дар ҳима (ҳезум–О. Ш.)-и тар дарнамегирад. Яъне, нафаси гарми ман дар табъи сарди онон коргар намеафтад.*

Дареғ омадам тарбияти сутурону ойинадорӣ дар маҳаллати кӯрон**, валекин дари маънӣ боз буду силсилайи сухан дароз, дар маъонийи ин оят, ки

وَنَحْنُ أَقْرَبُ إِلَيْهِ مِنْ حَبْلِ الْوَرِيد

(«Ва наҳну ақрабу илайҳи мин ҳаблилварид») сухан ба ҷое расонида, ки гуфтам:

***(Бахше** аз ояи 16, сурайи Қоф(50)–*

وَلَقَدْ خَلَقْنَا الْإِنسَانَ وَنَعْلَمُ مَا تُوَسْوِسُ بِهِ نَفْسُهُ وَنَحْنُ أَقْرَبُ إِلَيْهِ مِنْ حَبْلِ الْوَرِيدِ.

Яъне, «Ва ҳамоно одамиро офаридем ва ба он чӣ нафси аммора бар дилаш меафканад ва талқин мекунад, огоҳем ва мо аз раги гардан бад-ӯ (одамӣ) наздиктарем».

***Маънойи ҷумла**: Бар ман душвор омад парвариши одамирӯёни баҳиматабъ (ҳайвонтабъ) ва ойинагардонӣ дар кӯйи нобинодилони бебасират.)*

Дӯст наздиктар аз ман ба ман аст,
В-ин-т мушкил, ки ман зи Вай дурам!
Чӣ кунам?! Бо кӣ тавон гуфт, ки Ӯ
Дар канори ману ман маҳҷурам?!

(***Маънойи қитъа**: Маҳҷуби азалӣ (Худо) ба дили ман аз ман наздиктар асту чӣ душвор аст, ки ман бо ин қурб (наздикӣ) аз Вай дур мондаам. Чӣ кунам, ин сухан бо кӣ дар миён ниҳам, ки Ёр дар бар аст, вале ман ба ҳичрони вай дучорам?*

Назири мазмуни мисраъи аввалро дар байти зер аз Мавлоно низ метавон дид:

Мо зи худ сӯйи Ту гардонем сар,
Чун Туйӣ аз мо ба мо наздиктар!

«Маснавӣ», 2/382).

Ман аз шароби ин сухан масту фузолайи қадаҳ дар даст, ки равандае бар канори маҷлис гузар карду даври охир дар ӯ асар кард. Ва наърае зад, ки дигарон ба мувофақати ӯ дар хурӯш омаданду хомони маҷлис ба ҷӯш. Гуфтам: «Ай субҳоналлоҳ, дурони бохабар дар ҳузур ва наздикони бебасар *(кӯрдил)* дур!».

***Фузола:** аз решайи фазл(бо «зод»)–боқимонда, бақия аз чизе.*

***Раванда:** гузаранда, раҳрав. Дар навиштаҳойи сӯфиён низ ба кор меравад, ба маънойи солик–касе, ки роҳи шинохти Ҳақро тай мекунад.*

***Даври охир:** охирин гардиши ҷоми бода; манзур он, ки калимоти охирӣ дар ӯ таъсир кард.*

****Ай субҳоналлоҳ:** шигифто! Дар форсӣ аз асвоти таъаҷҷуб шумурда мешавад ва мураккаб аст аз «ай» (ҳарфи нидо + «субҳоналлоҳ» (поку муназзаҳ медонам Худойро).*

***Маънойи чанд ҷумлайи ахир**: Ман худ сармаст аз бодайи гуфтору таҳи соғаре бар каф ба маҷлисиён шароби сухан мепай-*

мудам, ки ногаҳон раҳраве бар карони анҷуман бигузашту бозпасин гардиши паймона дар вай корагар афтоду хурӯше бароварад, ки ёрони дигар бо вай дамсозу ҳамнаво шуданду афсурдагони маҷлис дар шӯр омаданд. Гуфтам: «Шигифто! Ёрони бедордили дурдастро огоҳиву ҳузури қалб ҳаст, вале наздикони кӯрдил аз бисоти қурб дур ва бегонаанд!»).

Фаҳми сухан чун накунад мустамиъ,
Қуввати табъ аз мутакаллим маҷӯй!
Фусҳати майдони иродат биёр**,
То бизанад марди сухангӯй гӯй!

*(**__Майдони иродат:__ арсайи ҳаводорӣ ва дӯстиву рағбат.*

***Маънойи ду байт**: Агар шунаванда маънойи гуфторро дарнаёбад, аз гӯянда қудрати қариҳа дар суханварӣ чашм натавон дошт; арсаи ҳаводорӣ ва рағбат бар сухангӯй кушода дор, то ба чавгони маънӣ гӯйи сухан бизанад!).*

Ҳикоят (12)

Шабе дар биёбони Макка аз бехобӣ пойи рафтанам намонд. Сар биниҳодаму шутурбонро гуфтам: «Даст аз ман бидор!».

Пойи мискин пиёда чанд равад?
К-аз таҳаммул сутӯҳ** шуд бухтӣ.
То шавад ҷисми фарбиҳе лоғар,
Лоғаре мурда бошад аз сахтӣ.

(**__Сутӯҳ:__ бозмонда ва батангомада. __Бухтӣ__–як гуна шутури бузурги сурхранг.*

***Маънойи ду байт**: Пойи бечорайи дармондадарроҳе, ки аз кашидани бори душвори он шутури неруманд нотавон мешавад, чӣ андоза метавонад пиёда биравад, чунонки бар ду тани қавию заъиф агар танг гиранд, то қавӣ лоғар шавад, заъиф аз назорӣ (нотавонӣ, лоғарӣ.) бимирад).*

Гуфт:

– Ай бародар, ҳарам *(хонайи Каъба)* дар пеш асту ҳаромӣ *(роҳзан)* дар пас, агар рафтӣ бурдӣ в-гар хуфтӣ, мурдӣ!

*(**Маънойи ҷумла**: Сорбон гуфт: «Ай бародар, хонайи Каъба дар рӯбарӯст, аммо раҳзанон дар пай. Агар пой ба раҳ ниҳӣ,*

комёрӣ ва гар сар ба хоб–ба ноком ҷон супорӣ!»).

Хуш аст зери муғилон ба роҳи бодия хуфт,
Шаби раҳил, вале тарки ҷон бибояд гуфт!

(*****Муғилон:*** *дарахтест хордор дар регистони Арабистон. Ин калима аз «умму ғилон»-и арабӣ ба тасарруфи форсӣ гирифта шудаву «умму ғилон» дар луғат ба маънойи модари девон ё ғулон асту шояд аз он сабаб бо ин дарахтро «умму ғилон» гуфтаанд, ки бодиянишинон иътиқод доштанд, ғулҳо дар паноҳи ин дарахт таволуду таносул (эҷоди насл–О. Ш.) мекунанд.*

Бодия: *биёбон, саҳро.*

Маънойи байт*: Орамидан дар шабонгоҳи кӯч (гузаранда, равонда–О. Ш.) дар зери дарахти хори биёбон хубу дилпазир аст, вале мусофир ба сари ин хоб аз корвон бозмемонаду ногузир ҷон месупорад).*

Ҳикоят (13)

Порсоеро дидам бар канори дарё, ки захми паланг дошт *(ҷароҳате бар асари ҳамлайи паланг)* ва ба ҳеч дору биҳ намешуд. Муддатҳо дар он ранҷур буду шукри Худой, азза ва ҷалла, алад-давом *(пайваста)* гуфтӣ.

Пурсидандаш, ки шукри чӣ мегӯӣ?

Гуфт:

– Шукри он, ки ба мусибате гирифторам, на ба маъсият *(гуноҳу нофармонӣ)*-е!

Гар маро зор ба куштан диҳад он Ёри азиз,
То нагӯйӣ, ки дар он дам ғами ҷонам бошад.
Гӯям: «Аз бандайи мискин чӣ гунаҳ содир шуд?
К-ӯ дилозурда шуд аз ман, ғами онам бошад!»

(*****Маънойи ду байт:*** *Агар маъшуқ маро ба сахтӣ бикушад, зинҳор, ай маломатгар, нагӯйӣ, ки маро бими ҷон аст, чӣ ман дар дами шаҳодат ба Ёри худ мегӯям: «Аз ин раҳӣ (чокар, мусофи)-и нотавон чӣ базаҳ (гуноҳ) падид омад, ки аз вай биёзурдӣ, бозгӯйӣ, ки ман дар андешайи он бошам!»).*

Ҳикоят (14)

Дарвешеро зарурате пеш омад. Гилеме аз хонайи ёре бидуздид. Ҳоким фармуд, ки дасташ бадар кунанд. Соҳиби гилем шафоъат кард, ки ман ӯро биҳил** кардам.

Гуфто:

– Ба шафоъати ту ҳадди шаръ фурӯ нагузорам.

Гуфт:

– Он чӣ фармудӣ, рост гуфтӣ, валекин ҳар кӣ аз моли вақф чизе бидуздад, қатъаш** лозим наёяд, валфақиру ло йамлику *(дарвеши ростин он аст, ки молики ҳеч чиз нест)*. Ҳар чӣ дарвешонрост, вақфи муҳтоҷон аст**.

***(Биҳил кардан:** бахшидани гуноҳ, афв кардан.*

***Қатъ:** буридани даст ба кайфари дуздӣ, чунонки дар шаръ муқаррар аст. Дар Қуръони Карим, сурайи Ал-моъида(5), ояи 38 мефармояд:*

وَالسَّارِقُ وَالسَّارِقَةُ فَاقْطَعُواْ أَيْدِيَهُمَا.

Яъне, «Марди дузду зане дузд, пас бибурред дастҳойи он дуро!».

***Маънойи ҷумла**–Ҳар чӣ сӯфиён доранд, бар ниёзмандон вақф аст.)*

Ҳоким даст аз ӯ бидошт ва маломат кардан гирифт, ки ҷаҳон бар ту танг омада буд, ки дуздӣ накардӣ, илло аз хонайи чунин ёре?

Гуфт:

– Ай худованд, нашунидайӣ, ки гӯянд: «Хонайи дӯстон бирӯбу дари душманон макӯб!»**

(****Маънойи иборот**: Ҳангоми ниёз ҳар чӣ дар хонайи дӯст ёфтӣ, бирӯбу бибар, вале ҳалқа бар дари хонайи душман ба суъол мазан).*

Чун ба сахтӣ дарбимонӣ, тан ба аҷз-андар мадиҳ,
Душманонро пӯст баркан, дӯстонро пӯстин!**

(****Маънойи байт:** Чун рӯзгор бар ту сахт гирад, ба нокомиву сахтӣ таслим машаву поси ҷонро аз тани ёрон ҷома бурун кун ва аз пайкари душманон пӯст баркаш!).*

Ҳикоят (15)

Подшоҳе порсоеро дид, гуфт:
– Ҳечат аз мо ёд ояд?
Гуфт:
– Бале, вақте, ки Худоро фаромӯш мекунам.

Ҳар сӯ давад он, к-аш зи бари хеш биронад*,
В-онро, ки бихонад, ба дари кас надавонад.

(**Маънойи байт:** *Он касе, ки Худованд ӯро аз даргоҳи Хеш биронад, саргардон ба ҳар тараф давад ва он касе, ки Парвардгор ӯро аз сари лутф ба даргоҳи Хеш талабад, ба остони ҳеч кас равонааш накунаду аз ҳамагон бениёзаш гардонад.*

Мазмуни мисраъи аввалро дар ин байти «Бӯстон» (б. 3) низ метавон дид:

Азизе, ки ҳар к-аз дараш сар битофт,
Ба ҳар дар, ки шуд, ҳеч иззат наёфт!

Ва ишора аст ба ин гуфтор аз Ҳазрати Алӣ(а): «Кӯшиши касе, ки аз ғайри Худо ёрӣ хоҳад, ба ҳадар рафтааст».

Мисраъи дувуми байти мавриди назар аз «Гулистон» ишора аст ба ояи 2 сурайи Талоқ(65):

وَمَن يَتَّقِ اللَّهَ يَجْعَل لَّهُ مَخْرَجًا.

Яъне, «Касе, ки Худотарс бошад, Худо баройи вай роҳи раҳоӣ аз сахтиҳо фароҳам месозад»–Доктор Хазойилӣ).

Ҳикоят (16)

Яке аз ҷумлайи солиҳон ба хоб дид подшоҳеро дар Биҳишт ва порсое дар Дӯзах. Пурсид, ки мӯҷиби дараҷоти* ин чист ва сабаби даракоти* он, ки мардум ба хилофи ин муътақид буданд? Нидо омад, ки ин подшаҳ ба иродати дарвешон ба Биҳишт-андар аст ва ин порсо ба тақарруби* подшоҳон дар Дӯзах.

(**Дараҷот:** *ин ҷо ба маънойи пойгоҳҳойи биҳиштӣ, ҷамъи «дараҷа», яъне, поя ва пойгоҳ;* **даракот:** *манозили фурӯдини Дӯзах; ҷамъи «дарак», ба маънойи таки Дӯзах.*

Тақарруб: *наздикӣ ҷустан. Дар «Шарҳи «Гулистон», (с. 365)-и*

доктор Хазойилӣ ба муносабати мафҳуми ин ҳикоят ин ҳадис омадааст: «Биҳтарини амирон касест, ки бо доништмандон ҳамнишинӣ кунад ва бадтарини доништманд он аст, ки бо амирон муъошарат намояд». Ва низ навиштаанд: «Хушо амире, ки ба хонайи дарвеш равад ва бадо ба ҳоли дарвеше, ки ба даргоҳи амир ояд…». Дар баъзе кутуб ин иборат ба унвони ҳадис забт шуда… Ба назар мерасад, ки сӯфиён дар мазмуни ҳадис тасарруф карда ва фақирро дар ҷойи уламо гузошта бошанд». Дар мавриди худдорийи уламо аз тақарруб ба подшоҳон ҳадисҳойи дигаре низ ҳаст, аз он ҷумла: «Аз даргоҳи подшоҳу атрофиёни он бипарҳезед; пас, ҳамоно, наздиктарини шумо ба дастгоҳи ӯву атрофиёни он дуртарини шумо аз Худойи Таъолост» («Ал-ҳаёт», 2/249).

Далқат ба чӣ кор ояду масҳиву мураққаъ***,
Худро зи амалҳойи накӯҳида барӣ дор!
Ҳоҷат ба кулоҳи баракӣ*** доштанат нест,
Дарвешсифат бошу кулоҳи татарӣ дор!

(******Далқат ба чӣ кор ояду…:** далқ–хирқа; **масҳӣ**–кафши марғуб, ки дар қадим умарову бузургон мепӯшиданд; **мураққаъ**–хирқайи васладор, ки васла заданаш ба риъояти қаноъату суннат будааст, лизо дар тариқат арзишманд талаққӣ мешудааст; **кулоҳи баракӣ**–навъе кулоҳи марғуб аз пашми шутур; **кулоҳи татарӣ**–кулоҳи содайи тоторӣ (муғулӣ).*

***Дарвешсифат бошу…:** ин мисраъ ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ҳикоят (17)

Пиёдае сару по бараҳна бо корвони Ҳиҷоз аз Куфа бадар омад ва ҳамроҳи мо шуду маълуме надошт. Хиромон ҳамерафту мегуфт:

На ба астар-бар саворам, на чу уштур зери борам,
На худованди раъийят, на ғуломи шаҳрёрам.
Ғами мавҷуду парешонийи маъдум надорам,
Нафасе мезанам осудаву умре мегузорам.

(***Куфа:** бузургтарин шаҳри Ироқ буд, ки «Қуббат-ул-ислом» лақаб дошт. **Маълум**–ба киноя зару мол ва дороӣ.*

******Маънойи ду байт****: Бар аспу астар барнаменишинам, чӣ маркабу борае надорам ва чун шутурон дар зери бори гарон пушт хам намедиҳам (бори касеро таҳаммул намекунам), на миҳтари мардумону на зархариди султонам; моле мавҷуд надорам, ки дар андешайи нигаҳдорийи он бошаму аз тиҳидастиву нодорийи худ низ нигарон нестам, ба дарвешиву хурсандӣ худро мунъим мешуморам ва, аз ин рӯ, ба хушдилӣ дам бармеёвезаму зиндагӣ ба сар мебарам).*

Уштурсаворе гуфташ:

– Ай дарвеш, куҷо меравӣ? Баргард, ки ба сахтӣ бимирӣ!

Нашуниду қадам дар биёбон ниҳоду бирафт.

Чун ба Нахлайи Маҳмуд даррасидем, тавонгарро аҷал фаро расид. Дарвеш ба болинаш фароз омаду гуфт:

– Мо ба сахтӣ бинамурдем ва ту бар бухтӣ бимурдӣ!

(***Нахлайи Маҳмуд:*** *номи мавзеъест мобайни Маккаву Тоиф– «Ғиёс-ул-луғот»).*

Шахсе ҳама шаб бар сари бемор гирист,
Чун рӯз омад, бимурду бемор бизист.

(***Ин байт*** *ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

* * *

Ай басо аспи тезрав, ки бимонд,
Ки хари ланг ҷон ба манзил бурд.
Баски дар хок тандурустонро
Дафн кардему захмхӯрда намурд.**

*(*****Маънойи қитъа:*** *Басе таговарон (аспони даванда) ҳамоно дар роҳ фурӯ монданд, вале харе лангон-лангон роҳ ба поён оварду ба мақсад расид; бисёр пеш омадааст, ки солимонро ба марги ногаҳонӣ дар хок супурдему хастайи нотандуруст ҷон ба саломат бурд).*

Ҳикоят (18)

Обидеро подшоҳе талаб кард. Андешид, ки доруе бихурам, то заъиф шавам, магар иътиқоде, ки дорад дар ҳаққи ман, зиёдат кунад. Овардаанд, ки доруйи қотил бихӯрду бимурд.

Он, ки чун писта дидамаш ҳама мағз,
Пӯст бар пӯст буд ҳамчу пиёз.
Порсоёни рӯйдармахлуқ
Пушт бар қибла мекунанд намоз**.

(***Маънойи** ду байт: Касе, ки вайро аз ҳақиқат монанди писта мағздор мепиндоштам, аз риё чун пиёзи тӯбартӯ (дарун ба дарун, мағз андар мағз–О. Ш.) буд; онон, ки даъвийи зуҳд доранд ва ба ҷойи таваҷҷуҳ ба даргоҳи Яздон рӯйи дил ба сӯйи халқ мекунанд, дарвоқеъ пушт бар Каъба намоз мегузоранду дар ойини доноён муширикand, чӣ бар Офаридгори ҷаҳон офаридагонро баргузидаанд).*

* * *

Чун банда Худойи хеш хонад,
Бояд, ки ба ҷуз Худо надонад!**

(***Маънойи байт:** Он гоҳ ки банда ба ибодати Ҳақ бипардозад, сазад, ки ҷуз Худо касеро муъассир дар вуҷуд ё ҷаҳони ҳастӣ нашиносад ва ба ҳеч даре ҷуз даргоҳи Вай рӯй накунад).*

Ҳикоят (19)

Корвоне дар замини Юнон бизаданд *(торочу ғорат карданд)*-у ниъмати беқиёс бибурданд. Бозаргонон гиряву зорӣ карданду Худову Паямбар шафиъ оварданд ва фоида набуд.

Чу пирӯз шуд дузди тираравон,
Чӣ ғам дорад аз гиряи корвон?!

*(**Маънойи байт:** Раҳзани торикдил, ки чун бар корвон ғалаба ёбад, ӯро аз гиряи корвониён чӣ парвое бошад?!)*

Луқмони Ҳаким андар он корвон буд. Яке гуфташ аз корвониён, магар инонро насиҳате куниву мавъизае гӯйӣ. То тарафе аз моли мо даст бидоранд, ки дареғ бошад чандин ниъмат, ки зойиъ шавад!

Гуфт:

– Дареғ калимайи ҳикмат бо эшон гуфтан.

*(***Маънойи ҷумлаҳойи ахир:** Луқмони фарзона дар он корвон*

буд, касе аз корвониён ба вай гуфт: «Сазад, ки ин дуздонро панд гӯйӣ, то ба андарзи ту бахше аз колойи мо набаранд, чи ҷойи афсӯс аст, ки ин ҳама мол табоҳ гардад!» Луқмон посух дод: «Сухани ҳакимона ва мавъизатомез бо эшон гуфтан ҳайф аст!»

Пиромуни Луқмони Ҳакимниг. ба ҳикояти як (боби савум), ба тавзеҳи «Луқмон»).

Оҳанеро, ки мӯриёна бихӯрд,
Натавон бурд аз ӯ ба сайқал занг.
Бо сияҳдил чӣ суд гуфтани ваъз?
Наравад мехи оҳанӣ дар санг.

*(**Мӯриёна:** зангоре бошад, ки оҳану фӯлодро зойиъ кунад («Бурҳони қотиъ»).*

***Маънойи ду байт**: **Чун зангор ҳамайи оҳанро табоҳ кард, дигар бо ҳеч зудояндае наметавон занг аз оҳан сутурд; ба тирадарун ҳам панд гуфтан суд надорад, ҳамчунон ки мехи оҳанин дар дили санг фурӯ натавонад рафт).*

***Байти охир** ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

– Ҳамоно ки (*ба дурустӣ, ки*) ҷурм аз тарафи мост.

Ба рӯзгори саломат шикастагон дарёб,
Ки ҷабри хотири** мискин бало бигардонад.
Чу сойил аз ту ба зорӣ талаб кунад чизе,
Бидиҳ, вагарна ситамгар ба зӯр бистонад!

(**Ба рӯзгори саломат…:** дар ҳангоми тандурустиву осӯдагӣ ба дастгирийи парешондилон бишитоб, зеро рафъи дилтангиву дилҷӯйии бечорагону дармондагон балоро аз ту бармегардонаду дур мекунад.*

***Ҷабр**–устухони шикастаро бастан; **ҷабри хотир**–рафъи дилшикастагӣ ва парешонӣ, некӯҳол гардонидан, дилҷӯйӣ).*

Ҳикоят (20)

Чандонки маро шайхи аҷалл Абулфараҷ ибни Ҷавзӣ, раҳматуллоҳи алайҳ *(бахшойиши Худой бар ӯ бод)*, тарки самоъ* фармудиву ба халвату* узлат ишорат кардӣ, унфувони шабобам ғолиб омадӣ ва ҳавову ҳавас толиб; ночор ба хилофи раъйи

мураббӣ қадаме бирафтаме ва аз самоъу муҷоласат ҳаззе баргирифтаме ва чун насиҳати шайхам ёд омадӣ, гуфтаме:

(***Аҷалл*** *(ба фатҳи ҳамзаву ҷим ва ташдиди лом)– бузургвортар, бисёр ҷалил. Агар ин калима бидуни ташдиди лом ояд, яъне* ***«аҷал»****–ниҳояти замони умр, марг.*

*******Абулфараҷ ибни Ҷавзӣ:*** *Ҷамолуддин ибни Абулфараҷ Абдурраҳмон ибни Муҳйиддини Юсуф (мутаваффойи 656 ҳ. қ.), воъиз ва донишманди ҳанбалӣ… Аз ҷониби Мунтансир ва Муътасим–хулафойи Аббосӣ муддате муҳтасиби Бағдод будааст («Доиратулмаъорифи форсӣ»).*

Самоъ: *Дар луғат ба маънойи шунидан, шунидани мусиқӣ; навозандагӣ ва хонандагӣ. Дар истилоҳи сӯфиён маҷлисе хос, ки дар он ба манзури он, ки сафойи дил даст диҳаду ба Худованд таваҷҷуҳ ёбанд, нағмаҳое хуш мешунида ва гоҳ аз сари шавқ ба пойкӯбиву дастафшонӣ бармехостаанд ва дар ин кор одобу ташрифоте доштаанд–Ғуломҳусайни Юсуфӣ.*

Аммо донишманди муҳтарам, Каримии Замонӣ, зимни шарҳи ин байти Мавлоно:

Дар ҳавойи ишқи Ҳақ рақсон шаванд,
Ҳамчу қурси бадр бенуқсон шаванд!–

*аз самоъ ин гуна таъриф мекунад: «Яке аз одоби сӯфиён «самоъ» аст. «**Самоъ**» дар луғат ба маънойи шунидан аст, аммо дар истилоҳи сӯфиён иборат аст аз хондани овозу таронайи ирфонӣ тавассути як ё якчанд нафар қаввол (сурудхон–О. Ш.) ва шунидану тавоҷуд (шӯр намудан, ваҷд кардан–О. Ш.) кардани дигар ҳуззор дар маҷолиси зикри ҷалӣ (ошкор–О. Ш.). Гоҳ низ ин ашъору таронаҳо дастаҷамъӣ хонда мешаванд ва маъмулан дафу наю танбӯру рубоб ҳамроҳӣ мегардад. Аз он ҷо, ки истимоъи алҳони орифона ба ваҷду рақс меанҷомад, ғолибан нағамоти созу овоз ва тавоҷиду рақс ҷумлагӣ таҳти унвони «самоъ» қарор гирифтааст ва аз он ҷо, ки Мавлонову бисёре аз сӯфия ишқро ҷориву сорӣ дар тамоми коинот медонанд ва ҳаракати ҷаҳонро низ бар асоси ҳуббу ишқ ба камол шарҳ медиҳанд, самоъро низ рамзе аз ҳаракати камолийи инсон мешуморанд.*

Сӯфия (бахусус Мавлоно) ақида доранд, ки рақсу самоъ аз гардиши ситорагону каҳкашонҳо гирифта шудааст. Албатта, ин назар мубтанийи оройи Фисоғурс (Пифагор–О. Ш.)-и Ҳаким аст. Бино бар ин, самоъ ҳамоҳангийи инсон аст бо ҳаракати куллияи

мавҷудоти ҷаҳон.

Ба таври куллӣ, сӯфия дар боби самоъ оройи мухталиф доранд. Ҷамъе бо он мухолифанду ҷамъе мувофиқ. Мавлоно аз мувофиқони рақсу самоъ аст. Мувофиқони самоъ дар аҳаммийяти он гӯянд: «Самоъ сабаби ҷамъияти ҳоли соликон аст» («Лубби лубоб»-и «Маснавӣ», саҳ. 343). Боз гуфтаанд., ки «Самоъ ороми дили ошиқону сурури синайи содиқон ва ғизойи ҷони сойирону давойи дарди соликон аст» (ниг. ба китоби пешин).

Шамси Табрезӣ гӯяд: «Ин таҷалливу руъяти Худо мардони Худоро дар самоъ бештар бошад» («Мақолоти Шамси Табрезӣ», с. 83).

Мавлоно ба самоъ сахт алоқаманд буд ва дар ҳар замону маконе самоъ барпо мекард. Овардаанд, ки Мавлоно рӯзе аз ҳаволийи Бозори Заркӯбон мегузашт, ки садойи заработи чакуши заркӯбонро шуниду шӯре аҷиб бар ӯ ғолиб шуд ва ногоҳ ба чарх даромад. Салоҳуддини Заркӯб ба шогирдони дукконаш ишорат кард, ки лаҳзае ист накунанд ва даст аз зарб барнадоранд, то Мавлоно худ аз самоъ фориғ шавад. Гуфтаанд, ки Мавлоно аз вақти намози зуҳр то намози аср муттасилан дар самоъ буд («Маноқибулъорифин», 1/429).

Албатта, аҳли таҳқиқу яқину пухтагони тариқ самоъро баройи ҳар касе таҷвиз накардаанд. Аз ин рӯ, Имом Муҳаммади Ғазолӣ самоъро ба се қисм тақсим кардааст:

Қисми аввал ва дувуми онро, ки ғафлат мезояду авсофи замима падид меоварад, мардуд мешуморад ва танҳо қисми савумро раво медонад; қисми савум он, ки дар дили вай сифате маҳдуд бошад, самоъ онро қувват диҳад («Кимиёи саъодат», 1/373). Ва Имом Ғазолӣ гӯяд: «Бад-он, ки самоъ аввали кор аст ва он дар дил ҳолате пайдо орад, ки онро «ваҷд» гӯянд» («Эҳёулулум», 1/266). Бино бар ин, аз ҳамон оғоз машойихи сӯфияву акобири урафо самоъро баройи ҳар касе ҷойиз намедонистаанд. Аз ин рӯст, ки Имом Қушайрӣ гӯяд: «Самоъ ҳалол нест, магар касеро, ки нафси вай мурда бошад».

Бад-ин тартиб, агар Мавлоно самоъро мақбулу маҳбуб шумурда, аз он рӯст, ки вай марҳалайи «хомӣ»-ву «пухтагӣ»-ро пушти сар ниҳода, ба марҳалайи «сӯхтагӣ» даромада буд ва солиёне мадид бар тариқи риёзату таҳзибу такмили нафс сулук карда буд ва ба қавли худаш «равшаноийи субҳ дамида буд, ки шамъро кушт» ва илло «самоъ бад-ин маънӣ нест, ки аҳли ғафлату баторлат кори поконро қиёс аз худ бигиранд». (Карими Замонӣ,

«Шарҳи ғомеъи «Маснавийи маънавӣ», 1/437.)

Халват: *(халават, хилват.) танҳойӣ гузидан; маҷмӯъайи корҳое баройи мухолафат бо нафс аз навъи тарки муъошарат бо мардум ва костан аз хуроку хобу амсоли он ба манзури ғамъи осу ибодоту зикри Худо ва салби тавоҷҷуҳ аз ҳар чӣ, ғуз Ӯ).*

Қозӣ ар бо мо нишинад, барфишонад дастро,
Муҳтасиб гар май хурад, маъзур дорад мастро!**

(**Хулосайи маънӣ аз оғози ҳикоят то поёни байт**: *Ҳар қадар, ки муршиди бузург Абулфараҷ ибни Ҷавзӣ (бахшойиши Худой бар вай) маро аз рафтан ба базмҳойи овозу рақс ва шунидани таронаву ғазал бозмедошту ба гӯшагириву халватнишинӣ мефармуд, боз навъавонӣ бар ман чира мешуд ва хоҳиши дилу орзу хостори самоъ мегашт; ногузир ба раҳми дастури парвардгор (мураббӣ) гоме пеш мениҳодаму аз шунидани овози хушу муъошарати ёрони тараб баҳрае мегирифтам; ва чун панди шайх ба хотир меомад, мегуфтам: «Фақиҳ ҳам бо мо ҳамнишин шавад, ба дастафшониву рақс хоҳад пардохт, чӣ агар наҳйкунанда аз мункар худ май бинӯшад, узри мастонро мепазираду ба гуноҳи майхорагӣ муъохаза намекунад»).*

То шабе ба маҷмаъи қавме бирасидам, ки дар миён мутрибе дидам.

Гӯйӣ раги ҷон мегусалад захмайи носозаш,
Нохуштар аз овозайи марги падар овозаш!**

*(****Маънойи байт:*** *Мизроби хориҷ аз усулу наҳмайи ноҳинҷори ин мутриб шоҳраги ҳаёти одамиро, пиндорӣ, мебурад ва овойи вай аз хурӯшу бонге, ки дар марги падар бармеояд, нодилпазиртар аст!).*

Гоҳе ангушти ҳарифон аз ӯ дар гӯшу гаҳе бар лаб, ки хомӯш *(гоҳе ёрони базм ангушт дар гӯш мекарданд, то овойи нохуши вай нашунаванду гоҳе бар лаб мениҳоданд, то вайро ба сукут бихонанд).*

Нуҳоҷу ило савтилағони литибиҳо*.
Ва анта муғаннин ин сакатта натибу!

*(****Нуҳоҷу ило…:*** *ба сӯйи овойи сурудҳо ба сабаби дилкашийи он ангехта мешавем, вале ту хонандае ҳастӣ, ки агар хомӯш шавӣ, шодмон мешавем!).*

* * *

Набинад касе дар самоъат* х(в)ашӣ,
Магар вақти рафтан, ки дам даркашӣ!

(****Самоъат:*** *шунидани овози ту.*

*****Маънойи байт:*** *Дар овози ту кас лутфе намеёбад, ҷуз он ҳангом, ки ба ҷон супурдан хомӯшӣ гузинӣ ва аз хондан бозмонӣ).*

* * *

Чун дар овоз омад он барбатсарой**,
Кадхудоро гуфтам: «Аз баҳри Худой.
Зайбақам дар гӯш кун, то нашнавам.
Ё дарам бикшой, то берун равам!»

(*****Барбатсарой:*** *барбатнавоз ва барбатзан. Дар ин ҷо суруданро Саъдӣ ба маънойи задани соз ба кор бурдааст.*

Маънойи ду байт*: Чу барбатнавоз ба овозхонӣ пардохт, ба соҳибхона гуфтам: «Баройи ризойи Худо ё симоб дар гӯшам бирез, то кар шавам ё дари сарой боз кун, то бигурезам!»).*

Филҷумла, поси хотири ёронро мувофақат кардаму шабе ба чанд муҷоҳада ба рӯз овардам.

Муъаззин бонги беҳангом бардошт,
Намедонад, ки чанд аз шаб гузаштаст!
Дарозийи шаб аз мижгони ман пурс,
Ки як дам хоб дар чашмам нагаштаст!**

(*****Маънойи ду байт****: Азонгӯй бемавқеъ овоз бароварда; намедонад, ки чанд соъат аз шаб сипарӣ шудааст. Тули шаб аз дидайи ман суъол кун, ки як нафас ҳам хоб дар ӯ гузар накардааст).*

Бомдодон ба ҳукми табаррук дасторе аз сару диноре аз камар бикушодаму пеши муғаннӣ ниҳодам ва дар канораш гирифтаму басе шукр гуфтам.

(*****Маънойи чанд ҷумла:*** *Субҳгоҳ имома (иммома, дастор,*

салла) аз сар бозкардам ва як сиккайи зар аз киса бадар овардаму ба майманату муборакийи раҳойиш пеши овозхон гузоштам ва вайро дар оғӯш кашидаму бисёр сипос гузордам. «Имома аз сар бардоштан ва ё ба касе додан» аломати ниҳояти таъзиму бузургдошт будааст).

Ёрон иродати ман дар ҳаққи ӯ хилофи одат диданд ва бар хиффати ақлам ҳамл карданд. Яке з-он миён забони таъарруз дароз карду маломат кардан оғоз, ки ин ҳаракат муносиби ройи хирадмандон накардӣ. Хирқайи машойих (*ҷуббайи вижайи пирони тариқат)* ба чунин мутрибе додан, ки дар ҳама умраш дираме бар каф набудааст қурозае дар даф.

*(**Дирам:** дирҳам–калимаест дар асл юнонӣ–**draxme**, ки воҳиди пули нуқра буда ва вазну баҳояш дар давраҳойи мухталиф фарқ кардааст.*

******Маънойи ҷумлаҳо**: Ин кор (ҷомайи пирони тариқат ба хунёгаре чунин бадовоз додан, ки дар ҳамайи зиндагонӣ як сикка сим бар кафи даст ва резайи зар дар доирайи худ надидааст) бар хилофи назари доноён кардӣ).*

Мутрибе дур аз ин хуҷастасарой*,
Кас ду бораш надида дар як ҷой!
Рост чун бонгаш аз даҳан бархост,
Халқро мӯй бар бадан бархост!
Мурғи айвон зи ҳавли ӯ бипарид,
Мағзи мо бурду ҳалқи худ бидарид!

*(****Дур аз ин хуҷастасарой:** мазмуни ин байти «Гулистон»-ро дар байти зер аз «Девони Кушоҷим» метавон дид («Ал-Мутанаббӣ ва Саъдӣ», 179):*

Ва муғаннин бориду-нағмати мухталуллйадайни,
Мо раоҳу аҳадун фӣ дори қавмин марратайни.

Яъне, «Басо овозхону мутрибе сардовоз ва бо дастҳое носозовору беҳунар, ки ҳеч кас дар хонайи қавме ду бор ӯро надидааст!»

***Маънойи ҳар се байт**: **Хунёгаре, ки–қадамаш аз ин хонайи фархунда дур бод–ҳеч кас ӯро ду бор дар як базм надидааст, дуруст ҳамон дам, ки (= рост) овозаш баланд мешуд, мӯй бар андоми мардум рост меистод; мурғи сарой аз тарси ӯ ба парвоз омад; гӯйӣ, вай сари мо бурду гулӯйи худ пора кард!).*

Гуфтам:

– Забони таъарруз, маслаҳат он аст, ки кӯтоҳ кунӣ, ки маро каромати ин шахс зоҳир шуд.

Гуфт:

– Маро бар кайфийяти он воқиф нагардонӣ, то манаш ҳам тақарруб кунаму бар мутоябате, ки кардам, истиғфор гӯям?**

(****Маънойи ҷумлаҳо**: Гуфт: «Оё маро бар чигунагийи кори хориқи одати вай огоҳ намекунӣ, то ман низ ба вай наздикӣ ҷӯяму дари иродат кушоям ва аз мазоҳе, ки кардам, дархости афв кунам?»).*

Гуфтам:

– Бале, ба иллати он, ки шайхи аҷаллам борҳо ба тарки самоъ фармудаасту мавъизайи балиғ(*панди расову комил)* гуфта ва дар самъи қабули ман наёмада (***ба гӯши ҷон нашунидааму пазиройи хотирам нашуда)*. Имшабам толиъи** маймуну бахти** ҳумоюн бад-ин буқъа раҳбарӣ кард, то ба дасти ин тавба кардам, ки бақияти зиндагонӣ гирди самоъу мухолатат нагардам.

*(*****Толиъи маймун:*** *ахтари нек.* ***Толиъ****–оянда ва, ба истилоҳи аҳли нуҷум, бурҷе ё ҷузве аз минтақатулбуруҷ, ки ҳангоми вилодат ё вақти суъоли чизе аз уфуқи шарқӣ намудор гардад; маҷозан, ба маънойи бахту иқбол ва ахтари бахт.* ***Маймун****–неку хуҷаста.* ***Бахт****–баҳра, қисмат, расид ва, маҷозан, ба маънойи толиъ аст; бахти ҳумоюн–сарнавишти муборак).*

Овози хуш аз кому даҳону лаби ширин
Гар нағма кунад вар накунад, дил бифиребад!
Вар пардайи «Ушшоқ»-у «Хуросон»-у «Ҳиҷоз» аст.
Аз ҳанҷарайи мутриби макруҳ назебад!**

(*******Пардайи*** *«Ушшоқ»-у «Хуросон»-у «Ҳиҷоз»–ҳар кадом номи навое аз мусиқист. Парда дар мусиқӣ ба маънойи мақому мутлақ оҳанг ва низ риштае, ки бар дастайи танбӯру ғайруҳу банданд.*

******Маънойи ду байт****: Овойи дилпазир аз даҳони мутриби хушхони зебо, чӣ зер бихонад, чӣ бам, дил мебарад, вале агар навойи «Ушшоқ»-у «Хуросон»-у «Ҳиҷоз» аз нойи хунёгаре нохушовоз ва зиштдидор барояд, некӯ наменамояд).*

Ҳикоят (21)

Луқмонро гуфтанд:

– Адаб аз кӣ омӯхтӣ?

Гуфт:

– Аз беадабон; ҳар чӣ аз эшон дар назарам нописанд омад, аз феъли он парҳез кардам.

(***Луқмон…:*** *ниг., ҳикояти якуми боби савум.*

Алӣ(а) фармудааст: «Бароӣи адаб омӯхтан туро ҳамин бас аст, ки аз он чӣ дар дигаре намеписандӣ, дурӣ кунӣ» («Наҳҷ-ул-балоға»). Низ: «Аз Амирулмӯъминин Алӣ, алайҳиссалом, суъол карданд, ки аз кӣ адаб омӯхтӣ? Гуфт: «Аз он кас, ки адаб надошт!». («Таърихи ҷаҳонкушой»-и Ҷувайнӣ). Дар «Қобуснома» низ омадааст: «Дониш аз нодонон низ бибояд омӯхт, аз он ки ҳар ҳангом, ки ба чашми дил дар нодон нигариву басорати ақл бар вай гуморӣ, он чӣ туро аз вай нописандида ояд, донӣ, ки набояд кард»).

Нагӯянд аз сари бозича ҳарфе,
К-аз он панде нагирад соҳиби ҳуш!
Вагар сад боби ҳикмат пеши нодон
Бихонанд, оядаш бозича дар гӯш!**

(****Маънойи ду байт****: Аз сухане, ки ба масхараву лоғ (бозича– О. Ш.) гуфта шавад, ҳушманд андарзе меёмӯзад, вале сад фасл аз китоби фалсафа бар нодон бархонӣ, ҳамаро ҳазл пиндорад. Мавлоно фармояд:*

Кӯдакон афсонаҳо меоваранд,
Дарҷ дар афсонашон бас сирру панд).

Ҳикоят (22)

Обидеро ҳикоят кунанд, ки шабе даҳ ман таъом бихӯрдиюа то саҳар хатме дар намоз бикардӣ. Соҳибдиле** шуниду гуфт:

– Агар ними ноне бихурдиву бихуфтӣ, бисёр аз ин фозилтар будӣ.

(*«**Ман**» («даҳ ман»)–миқёси вазн, ки дар ҷойҳойи мухталиф гуногун будааст… ва дар истилоҳи шариъат як ман (мани шаръӣ)*

180 мисқол (846 г.) аст» («Фарҳанги забони тоҷикӣ»). Бад-ин тартиб, се ман аз дуним кило бештар аст.

Хатм *(хатме дар намоз): хондани Қуръон аз оғоз то поён батартиб.*

Соҳибдил*–соҳибназар.*

Маънойи ҷумла*: **Орифе шунида гуфт: «Агар ним гирда нон мехӯрду мехуфт, мақомаш ба даргоҳи Ҳақ бисёр аз ин афзунтару бартар буд»).*

Андарун аз таъом холӣ дор,
То дар ӯ нури маърифат* бинӣ!
Тиҳӣ аз ҳикматӣ ба иллати он,
Ки пурӣ аз таъом то бинӣ!**

(****Маърифат:*** *дониш, шинохти Ҳақ. Мазмуни байт ишора аст ба ҳадиси набавӣ: «Ҳар гоҳ мард хуроки худро андак дорад, дарунӣ ӯ аз нур пур шавад». Низ ривоят шудааст: «Нурулҳикмат-илҷуъу», яъне, «фурӯғи донойӣ дар гуруснагист»…*

******Маънойи ду байт****: Шикам аз хуриш тиҳӣ дор, то ба камхорӣ дидаат ба фурӯғи дониш равшан шавад. Ту аз илм бад-он сабаб тиҳидаст мондайӣ, ки миъда то бинӣ аз хӯрданӣ меанборӣ!).*

Ҳикоят (23)

Бахшойиши Илоҳӣ *(афви Худовандӣ)* гумшудаеро дар маноҳӣ чароғи тавфиқ** фаророҳ дошт, то ба ҳалқайи *(гурӯҳи ҷӯяндагони Ҳақ, яъне сӯфиён)* аҳли таҳқиқ даромад. Ба юмни қадам *(ба муборакии қадам)*-и дарвешон ва сидқи нафаси эшон замойими ахлоқаш ба ҳамойид мубаддал гашт. Даст аз ҳавову ҳавас кӯтоҳ карда ва забони тоъинон дар ҳаққи ӯ ҳамчунон дароз, ки бар қоъидайи аввал аст ва зуҳду тоъаташ номуъаввал.

*(*****Чароғи тавфиқ****–чароғи ҳидоят; тавфиқ–росту дуруст гардонидан ва омода сохтани Худованди ҷаҳон асбоби амру хайрро.*

Маънойи ин қисмат аз ҳикоят*: **Афви Худовандӣ пеши гумгаштайи биёбони гуноҳе чароғи ҳидоят ниҳод, то ба маҷмаъи ҳақпарастони соҳибдил даромад ва ба муборакқадамийи дарвешону покдамиву хушнафасийи онон хӯйи зишт бигузошту ба ҷойи он хулқе ситуда ёфт; хоҳиши нафс аз худ ронда буд, вале бадгӯён*

ҳанӯз забон ба сарзаниши вай мекушуданд, ки ҳанӯз бар одати нахустин аст ва бар порсойиву ибодаташ иътимод (муъаввал) нашояд).

Ба узру тавба тавон растан аз азоби Худой,
Валек менатавон аз забони мардум раст!

***(Тавба:** бозгашт аз гуноҳ ва пушаймонӣ.*
***Маънойи байт**: **Бо пӯзиш ва бозгашт аз уқубати Илоҳӣ метавон халос (= раҳойиш) ёфт, вале аз дасти забони мардуми бадандеш рӯйи наҷот муяссар нест ва натавон осуд).*

Тоқати ҷаври забонҳо наёварда ва шикоят пеши пири тариқат *(шайх ва пири роҳ)* бурд. Ҷавобаш дод, ки шукри ин ниъмат чӣ гуна гузорӣ, ки биҳтар аз онӣ, ки пиндорандат!

Чанд гӯйӣ, ки бадандешу ҳасуд
Айбҷӯёни мани мискинанд?!
Гаҳ ба хун рехтанам бархезанд,
Гаҳ ба бад хостанам биншинанд?!
Нек бошию бадат гӯяд халқ,
Биҳ, ки бад бошиву некат бинанд!

*(*****Маънойи се байт**: То кай бар забон меронӣ, ки душману ҳосид пажӯҳандайи нақсҳойи мананд? Гоҳ ба куштанам қиём кунанду гоҳ ба бадхоҳиям анҷуман созанд?! Агар нексират бошию мардум туро бад пиндоранд, аз он биҳтар аст, ки туро нек шуморанду худ бад бошӣ!).*

Лекин маро, ки ҳусни занни ҳамгинон** дар ҳаққи ман ба камол аст ва ман дар айни нуқсон, раво бошад андеша бурдану тимор хӯрдан.

***(Ҳамгинон:** ҳамагон; мураккаб аз «ҳамгин», яъне, «ҳама» + «он», дар паҳлавӣ **Hamogen** будааст («Ҳавошийи «Бурҳони қотиъ», тасҳеҳи доктор Муъин).*

Иннӣ ламустатирун мин айни ҷийронӣ,
Валлоҳу яъламу исрорӣ ва иълонӣ*.

*(****Иннӣ ламустатирун….:** Ман (ботини ман) аз чашми*

*ҳамсоягонам ҳамоно пӯшидаам (аст), дар сурате, ки Худованд аз пинҳону ошкори ман огоҳ аст. **Аз дидайи ҳамсоягон ҳамоно пинҳонам ва танҳо Худо ошкоран медонад. ***Ҳақиқати ҳолам аз чашми ҳамсоягонам пӯшидааст; ҳол он ки Худованд ошкорсозиву пинҳонкорийи маро медонад).*

Дар баста ба рӯйи худ зи мардум,
То айб нагустаранд моро.
Дар баста чӣ суду Олимулғайб
Донойи ниҳону ошкоро!

(***Олимулғайб:*** *донойи ниҳон, Худованд.*

Маънойи ду байт*: **Гӯшайи узлат гирифтаву аз мардум буридаем, то беш айби мо нагӯянд. Донандайи ниҳон розҳойи дар парда ва корҳойи бармалойи туро мебинад; дар ба рӯйи худ аз халқ бастан ва дар гӯшае нишастан беҳуда корест. Байти дувум ишорае ба ояи 77, сураи Бақара(2) дорад:*

أَوَلاَ يَعْلَمُونَ أَنَّ اللّهَ يَعْلَمُ مَا يُسِرُّونَ وَمَا يُعْلِنُونَ.

*Яъне, «Оё намедонанд, ки Худованд аз корҳойи сиррӣ ва аланийи (ошкоройи–О. Ш.) онон огоҳ асту он чӣ пинҳону ошкор бошад, медонад?» (аз «Кашф-ул-асрор»). *Низ ояи шарифа чунин аст:*

فَإِنَّهُ يَعْلَمُ السِّرَّ وَأَخْفَى.

(сурайи Тоҳо(20), ояи 7: «Пас ҳамоно Ӯ (Худо) розу махфитарин умурро медонад». Ва Саъдӣ дар «Бӯстон» (б. 2285) гуфтааст:

Биҳ аз ман кас андар ҷаҳон айби ман
Надонад ба ҷуз Олимулғайби ман!).

Ҳикоят (24)

Пеши яке аз машойих гила кардам, ки фулон ба фасод (*табоҳӣ*)-и ман гувоҳӣ додааст.

Гуфто:

– Ба салоҳаш (*накӯйии кор*) хиҷил кун!

Ту некӯравиш бош, то бадсигол
Ба нақси ту гуфтан наёбад маҷол!
Чу оҳанги барбат бувад мустақим,
Кай аз дасти мутриб хурад гӯшмол?!**

(**_**Маънойи ду байт**_: _Ту хушрафтору нексират бош, то баандеш ба баршумурдани айби ту фурсат наёбад; барбат ҳам чун дурустоҳангу мавзуново бошад, аз дасти навозанда гӯшпеч намебинад (чи баройи мавзун кардани оҳанги барбат мутриб бояд гӯшаҳойи барбатро бипечонад, то кук (мавзун–О. Ш.) шавад)._

Ҳикоят (25)

Якеро аз машоихи Шом* пурсиданд аз ҳақиқати тасаввуф. Гуфт: «Пеш аз ин тоифае дар ҷаҳон буданд ба сурат парешону ба маънӣ ҷамъ. Акнун ҷамоъате ҳастанд ба сурат ҷамъу ба маънӣ парешон».**

_(*_**Шом:** _собиқан ба Сурияи Бузург гуфта мешуд, ки шомили Фаластин, Ӯрдун, Сурия ва Лубнон буд._

_**_**Маънойи ҷумлаҳо**_: _Аз яке аз пирони тариқат аз моҳияти сӯфигарӣ пурсиданд. Гуфт: «Сӯфиён дар айёми пешин гурӯҳе ба зоҳир парокандаҳол буданд, ки дар ботин хотире фароҳам ва диле осуда аз васвасайи нафс доштанд; имрӯз фирқае ҳастанд ба зоҳири ҳол фароҳам омадаву ба ботин парешон»)._

Чу ҳар соъат аз ту ба ҷое равад дил,
Ба танҳойӣ-андар сафое набинӣ!
Варат ҷоҳу мол асту заръу тиҷорат,
Чу дил бо Худояст, халватнишинӣ!**

_(*_**Сафо:** _покӣ ва зудуда шудан аз олудагиҳо; ба таъбири сӯфиён пок шудани одамӣ аз олойишҳо._

_**_**Халватнишин:** _муқими халват (касе, ки дар ҷойи халват нишинад ё гӯшайи узлат гузинад (Доктор Муъин–О. Ш.)._

_Маънойи ду байт__: Чун хотири ту ҳар замон ба андешае машғул бошад, ба халватнишинӣ ҳам ойинайи дил пок натавонӣ дид. Агар мақому сарват ва кишту бозаргонӣ дошта бошӣ ва рӯйи дилат ба Худо бошад, гӯйӣ дар халват нишастайӣ)._

Ҳикоят (26)

Ёд дорам, ки шабе дар корвоне ҳама шаб рафта будам ва саҳар дар канори бешае хуфта. Шӯридае*, ки дар он сафар ҳамроҳи мо буд, наърае бароварду роҳи биёбон гирифт ва як нафас ором наёфт.

*(****Шӯрида:*** *дар луғат ошуфтаҳол, парешон, ошиқ, шайдо, девона. Шахси вораста ва сармаст аз ишқи Ҳақро низ гуфтаанд ва дар ин ҷо ҳамин маънӣ мақсуд аст).*

Чун рӯз шуд, гуфтамаш:

– Он чӣ ҳолат буд?

Гуфт:

– Булбулонро дидам, ки ба нолиш даромада буданд аз дарахт ва кабкон аз кӯҳу ғукон дар обу баҳойим аз беша; андеша кардам, ки мурувват *(инсоф)* набошад, ки ҳама дар тасбеҳу** ман ба ғафлат хуфта.

(***Тасбеҳ:*** *Худойро ба покӣ ёд кардан, «субҳоналлоҳ» гуфтан.*

Маънойи ҷумлаҳо*: Ба тафаккур дарёфтам, ки ноҷавонмардист ҳамайи офаридагон Худойро ба покӣ ёд кунанду ман дар ин ҳол бехабар хуфта бошам!).*

Дӯш мурғе ба субҳ менолид,
Ақлу сабрам бибурду тоқату ҳуш!
Яке аз дӯстони мухлисро
Магар овози ман расид ба гӯш,
Гуфт: «Бовар надоштам, ки туро,
Бонги мурғе чунин кунад мадҳуш!»
Гуфтам, «Ин шарти одамийят нест***,
Мурғ тасбеҳгӯю ман хомӯш!»

(*(*****Маънойи абёт****: Дишаб ба саҳаргоҳ парандае шӯру фиғон мекард. Нағмайи вай хираду шикебу тобу огоҳӣ аз ман бирабуду хурӯш аз ман баромад ва ҳамоно ёри покдил шуниду гуфт: «Ба ростӣ, намедонистам, ки фарёди мурғе туро бад-ин гуна саргашта созад* ва *аз даст бибарад». Ба посух гуфтам: «Дар ойини мардумӣ раво нест, ки парандае Худойро ба покӣ сифат кунаду ман дамфурӯбаста монам!»*

**Назири мазмуни ин чаҳор байт дар ашъори арабӣ дида мешавад (бароиј иттилоъи бештар ниг.: ба Аҳмади Маҳдавийи Домғонӣ. «Яғмо», 16/408–409); «Ал-Мутанаббӣ ва Саъдӣ», 134). Дар «Тазкират-ул-авлиё»-и Аттор ҳам дар шарҳи ҳоли Абубакри Шиблӣ назири чунин маъное омадаааст («Фарҳанги ашъори Ҳофиз», 183).*

Гуфтам ин шарти…: *ин байт ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ҳикоят (27)

Вақте дар сафари Ҳиҷоз тоифайи ҷавонони соҳибдил ҳамдами ман буданду ҳамқадам. Вақтҳо замзамае бикардандиву байте муҳаққиқона *(орифонаву сӯфиёна)* бигуфтандӣ. Ва обиде дар сабил мункири ҳоли дарвешон буду бехабар аз дарди эшон.

***(Ҳиҷоз:** ниг. ба ҳикояи 13 боби аввал (ба тавзеҳи ин калима).*

*****Маънойи чанд ҷумлайи ахир**: Бисёр авқот (вақтҳо–О. Ш.) оҳиста-оҳиста мехонданду байтҳойи орифона бар забон меоварданд ва ибодатгаре дар раҳгузари эшон буд, ки ҳоли сӯфиёнро устувор намедошту аз сӯзи ниҳоншон огоҳ набуд).*

То бирасидем ба хайли** Банӣ-Ҳилол. Кӯдаке сиёҳ аз ҳаййи** араб бадар омаду овозе бароварду, ки мурғ аз ҳаво даровард. Уштури обидро дидам, ки ба рақс андар-омад ва обидро бияндохту бирафт. Гуфтам:

– Ай шайх, дар ҳайвоне асар карду туро ҳамчунон тафовут намекунад?

***(**Хайл:** гурӯҳ ва ҷамоъат; дар арабӣ ба маънойи саворон ва аспон. Шояд «бахайл» мусаҳҳаф (калимае, ки ҳангоми навиштан ё хондан тағйир дода шуда бошад–О. Ш.)-и «банахил» (= ба нахил) бошад; «нахил» дар арабӣ ба маънойи «хурмоистон», яъне, ҷамъи «нахл» аст. Чунонки марҳум Устод Қариб дар ҳавошийи «Гулистон» навиштааст, дар як нусхайи қадимӣ ба ҷойи «бахи(й)л» «ба нахлайи» омадаву ин калима саҳеҳтар ба назар мерасад. Мутобиқи забти соҳиби «Мунтаҳ-ал-араб», Нахлайи Банӣ-Ҳилол номи мавзеъест дар роҳи Макка. Банӣ-Ҳилол–фарзандони Ҳилол, номи қабилае аз араб. Нахла–як дарахти хурмо. (Ва дар нусхайи Юсуфӣ омадааст: «То бирасидем ба Нахлайи Банӣ-Ҳилол»).*

*****Ҳай(й):** ҷамоъате, ки аз қабила камтар бошад.*

***Маънойи ҷумлаҳо**: Гуфтам, «Ай пири обид, овози хуш дар ҷонваре корагар афтоду ҳоли туро ҳамоно дигаргун намекунад»).*

Донӣ, чӣ гуфт маро он булбули саҳарӣ?!
«Ту худ чӣ одамиййӣ, к-аз ишқ бехабарӣ?!
Уштур ба шеъри араб дар ҳолат асту тараб,
Гар завқ нест туро, кажтабъ ҷонварӣ!»

***(*Уштур ба шеъри араб…:** ишораест ба мазмуни ҳикоят ва*

таъсири ҳудо (овози сорбонони араб) бар шутурон. Ҳолат–вақд; тараб–шодӣ. Завқ–чашидан ва истиъдод. Мазмуни ин байтро (ки аз «Ғазалийёт» аст) Саъдӣ дар осори худ мукаррар овардааст. Аз ҷумла,ниг. ба ҳикояти 26 ҳамин боб; «Бӯстон» (б.1919–1920):

Набинӣ, шутур бар навойи араб,
Ки чунаш ба рақс андарорад тараб?!
Шутурро чу шӯру тараб дар сар аст,
Агар одамиро набошад, хар аст!

******Маънойи абёт****: Оё огоҳӣ, ки мурғи саҳарь ба ман чӣ гуфт? Гуфт: «Ту одамизода нестӣ, ки аз шӯри меҳру маҳаббат ғофилӣ. Шутур аз таронайи марди тозӣ дар ваҷду шодӣ ояд, аммо туро чошнийи ишқ нест, бидон, ки ҳайвони норостабъу каҷсиришт!»).*

* * *

Ва ъинда ҳубубинноширoти ъалалҳимо*,
Тамилу ғусунулбони ло а-л-ҳаҷаруссалду.

*(****Ва ъинда ҳубуби...:*** *ҳангоми вазиши бодҳо бар марғзор шохаҳойи бон (дарахте хушбӯй) ба рақс (ҳаракат ба ҳар сӯ) дармеоянд, на санги сахт! «Ноширот»-ро, ки дар Қуръони Карим, сурайи Мурсалот(77), ояи се омада, «бодҳойи пароканандайи абрҳо» ё «борон» маънӣ кардаанд.*

***Шайх дар ҷойи дигар мефармояд:*

Хокро зинда кунад тарбияти боди баҳор,
Санг бошад, ки дилаш зинда нагардад ба насим!).

* * *

Ба зикраш, ҳар чӣ бинӣ, дар хурӯш аст,
Диле донад дар ин маънӣ, ки гӯш аст!
На булбул бар гулаш тасбеҳҳонест,
Ки ҳар хоре ба тасбеҳаш забонест!**

(******Маънойи абёт****: Ба ёди Худо ҳар чӣ дар ҷаҳони ҳастист, дар шӯру навост; соҳибдиле ин маъноро дармеёбад, ки гӯши дилаш шунаво бошад; на танҳо ҳазорово (ҳазордастон, булбул–О. Ш.) бар гул Вайро ба покӣ меситояд, балки ҳар теғи хоре дар танзия (поку беолойиш донистан–О. Ш.)-и Вай забонест.*

*****Ин ду байт*** *ишораест ба ояи шарифа:*

وَإِن مِّن شَيْءٍ إِلاَّ يُسَبِّحُ بِحَمْدَهِ وَلَكِن لاَّ تَفْقَهُونَ تَسْبِيحَهُمْ .

(сурайи Исро(17), ояи 44: «Ва ҳеч мавҷуде нест, магар ин, ки ба шукри Ӯ ниёишгар аст, вале шумо ниёиши ӯро фаҳм намекунед»; низ р .к. ба сурайи Ҷумуъа(62), ояи 1; сурайи Тағобун(64), ояи1. Саъдӣ дар ҷое дигар низ гуфтааст:

Кӯҳу дарёву дарахтон ҳама дар тасбеҳанд,
На ҳама мустамиъе фаҳм кунад ин асрор!
(Аз«Мавоъиз»-и Саъдӣ).

Ҳикоят (28)

Якеро аз мулук муддати умр сипарӣ шуд. Қойиммақоме надошт. Васийят кард, ки бомдодон нахустин касе, ки аз дари шаҳр андарояд, тоҷи шоҳӣ бар сари вай ниҳанду тафвизи мамлакат бадӯ кунанд. Иттифоқан, аввалкасе, ки даромад, гадойе буд. Ҳама умр луқма андӯхтаву руқъа дӯхта**.

(*****Маънойи ду ҷумлайи ахир****: чунон пеш омад, ки нахустин шахсе, ки ба шаҳр андаромад, дарюзагаре буд, ки тамоми зиндагонӣ ба гадойӣ луқмаи нон фароҳам кардаву васла (пина, дарбеҳ–О. Ш.) бар ҷомайи порайи худ дӯхта).*

Аркони давлату аъёни ҳазрат васийяти малик ба ҷой оварданд ва таслими мафотиҳи қилоъ *(калидҳойи дижҳо)*-у хазойин бад-ӯ карданд. Ва муддате мулк ронд, то баъзе умаройи давлат гардан аз тоъати ӯ бипечониданд ва мулук аз ҳар тараф ба мунозаъат хостан гирифтанду ба муқовамат лашкар оростан. Филҷумла, сипоҳу раъийят ба ҳам баромаданд *(хашмгину ошуфта шуданд)* ва бархе тарафи билод аз қабзи тасарруфи ӯ бадар рафт. Дарвеш аз ин воқиъа хастахотир ҳамебуд, то яке аз дӯстони қадимаш, ки дар ҳолати дарвешӣ қарин буд, аз сафаре бозомад ва дар чунон мартаба дидаш, гуфт:

– Миннат Худойро, азза ва ҷалла, ки гулат аз хор баромаду** хор аз пой бадар омад ва бахти баландат раҳбарӣ карду иқболу саъодат ёварӣ, то бад-ин поя расидӣ. «Инна маъал-ъусри йусро–

إِنَّ مَعَ الْعُسْرِ يُسْرًا ».

*(*****Гулат аз хор баромад ва хор…:*** *ба киноя, мурод он аст, ки рӯзгори душворият ба сар омаду пас аз тирарӯзӣ некбахтӣ насибат шуд. Саъдӣ ҳамин мазмунро дар ғазале ҳам мефармояд:*

Гарам бозомадӣ маҳбуби симандоми сангиндил,
Гул аз хорам баровардиву хор аз пову пой аз гил!

Инна маъал-ъусри йусро *(**إِنَّ مَعَ الْعُسْرِ يُسْرًا**)– дар сурайи Иншироҳ (94), ояи 5 ва бо андак тағйире дар ояи 6, яъне, «Ҳамоно бо душворӣ осонӣ аст». Саъдӣ дар ғазале фармояд:*

Пас аз душворӣ осонист ночор,
Валекин одамиро сабр бояд!).

Шукуфа гоҳ шукуфта асту гоҳ хӯшида,
Дарахт вақт бараҳна асту вақт пӯшида!

Гуфт:

– Ай ёри азиз, таъзиятам кун, ки ҷойи таҳният нест! Он гаҳ, ки ту дидӣ, ғами ноне доштам ва имрӯз ташвиши ҷаҳоне!

*(*****Маънойи се ҷумлайи ахир****: Он замон, ки маро дидор кардӣ, андешайи ёфтани як гирда нон доштам, вале имрӯз ғаму андӯҳи як олам дорам!).*

Агар дунё набошад, дардмандем,
Ва гар бошад, ба меҳраш пойбандем!
Ҳиҷобе з-ин даруношӯбтар** нест,
Ки ранҷи хотир аст, ар ҳасту гар нест!**

(***Даруношӯбтар:*** *хотирмушаввашкунандатар.*

*****Маънойи ду байт****: Агар моро молу хостайи дунё набошад, ранҷахотиру андӯҳгинем ва агар бошад, ба дӯстийи он сахт гирифтор; дунё пардаест, ки ҷаҳони маъноро аз назар мепӯшаду дилро сахт мушавваш медорад; чӣ ҳам молдориюӣ ва ҳифзи он худ ғами дил асту ҳам тангдастиву нодорӣ!).*

* * *

Маталаб, гар тавонгарӣ хоҳӣ,
Ҷуз қаноъат, ки давлатест ҳанӣ!
Гар ғанӣ зар ба доман афшонад,
То назар дар савоби ӯ накунӣ,
К-аз бузургон шунидаам бисёр:
«Сабри дарвеш биҳ, ки базли ғанӣ!»**.

(****Маталаб гар тавонгарӣ…:*** *агар хоҳони тавонгарӣ ҳастӣ,*

ҷуз қаноъат, ки саъодате гуворову беранҷ аст, чизе дигар маҷӯй! Саъдӣ дар «Бӯстон» (б. 2704) қаноъатро мояи тавонгарӣ шумурдааст:

Қаноъат тавонгар кунад мардро,
Хабар кун ҳариси ҷаҳонгардро!

Ва мутаъассир аз ин ҳадис: «Ал-қаноъату молун ло йанфаду ва канзун ло йафно»: «қаноъат молест, ки тамом намешаваду ганҷест, ки фано намегардад». Қисмати аввали он дар «Наҳҷ-ул-балоға» низ мазкур аст: «Ло канза ағно миналқаноъати»: «ҳеч ганҷе ғанитар аз қаноъат нест». Ғазолӣ (дар «Кимиёи саъодат») навиштааст: «Мусо, алайҳиссалом, гуфт: «Ё Раб, аз бандагони Ту кӣ тавонгартар?» Гуфт: «Он, ки қаноъат бикунад ба он чӣ Ман бидиҳам!».

******Маънойи се байт****: Агар дар ҳақиқат бениёзӣ хоҳӣ, ҷуз дарвешиву хурсандӣ, ки сарвати бе хуни дил аст, маҷӯй! Агар тавонгар доман-доман зар нисор кунад, ҳон, то чашм ба караму иҳсони вай мадӯзӣ, чӣ ман аз авлиёи дин ин сухан борҳо шунидаам, ки шикебойи дарвеш бар нодориву тиҳидастӣ аз бахшиши тавонгар басе бартару фозилтар аст!).*

* * *

Агар бирён кунад Баҳром гӯре,
На чун пойи малах* бошад зи мӯре!

*(****Пойи малах ва мӯр:*** *ишораест ба достони ҳадя овардани мӯр баройи Сулаймон ибни Довуд, аз анбиёи Банӣ-Исроил: «Чун (Сулаймон) хост, ки бозгардад, мӯрча гуфт: «Раво набувад, ки бозгардӣ, ман туро миҳмон нокардаву нузул наёварда!» Сулаймон гуфт: «Маро чӣ миҳмон кунӣ?» Гуфт: «Бад-он чӣ маро Ҳақ додааст». Гуфт: «Шояд; иҷобат кардам». Мӯрча бирафт, як пойи малах биёварду дар пеши Сулаймон биниҳод…» (Абуисҳоқи Нишопурӣ, «Қасас-ул-анбиё»). «Рони малах пеши Сулаймон бурдан» масал шудааст. Мафҳуми байт он аст, ки агар Баҳроми Сосонӣ гӯреро бирён кунаду ба ниёзмандон бибахшад, ба андозайи пойи малахе, ки мӯрчае ҳадя оварад, арзиш надорад (бо таваҷҷуҳ ба қудрат ва тавоноийи Баҳром нисбат ба мӯр). Ҳосил он, ки дар назди Худо тиҳидастӣ ва шикебойиву ихлос арҷмандтар аз дороийву шавкати зоҳирист.*

******Маънойи байт:*** *Агар Баҳромшоҳ гӯре кабоб кунаду бибахшад, ба пойи малахе, ки мӯре ба нисор оварад, наярзад. Ин байт ишора ба Баҳроми панҷум, подшоҳи Сосонӣ дорад, ки бар шикори гӯрхар ҳарис буд ва талмеҳе ҳам ба достони Ҳазрати Сулаймон, ки ҳар яке аз ҷонварон нисоре баройи вай оварданд ва мӯре заъиф рони малахе ҳадя овард ва ин армағон, ки беш аз тавони мӯр буд, дар назари Сулаймон аз дигар ҳадоё мақбултар афтод).*

Ҳикоят (29)

Абуҳурайра, разияллоҳу ъанҳу, ҳар рӯз ба хидмати Мустафо, саллаллоҳу алайҳ, омадӣ. Гуфт:

– ЁАбуҳурайра, «зурнӣ ғиббан таздад ҳуббан»*;**** ҳар рӯз маё, то маҳаббат зиёдат шавад.

Соҳибдилеро гуфтанд:

– Бад-ин хубӣ, ки Офтоб аст, нашунидаем, ки кас ӯро дӯст гирифтаасту ишқ оварда.

Гуфт:

– Баройи он, ки ҳар рӯз метавон дид, магар дар зимистон, ки маҳҷуб асту маҳбуб.

(***Абуҳурайра:*** *кунияи яке аз асҳоби Ҳазрати Расули Акрам аст, ки гурбадӯст буд. Рӯзе ба хидмати Мустафо омад ва гурбае бо худ дошт. Ҳазрат дӯстона ба вай гуфтанд: «АнтаАбуҳурайра!» (Ту падари гурбайи кӯчакӣ!) ва ин куния бар вай бимонд.* *********Абуҳурайра** *(мутаваффойи соли 57 ё 58 ҳ. қ.)–саҳобийи Пайғамбар(с), ки бино бар ривояти машҳур, соли ҳафтуми ҳичрӣ ба Мадина омаду ислом оварда; номи ӯ пеш аз қабули ислом Абди Шамс буд…Абуҳурайра назди шиъа ба ҷаъли ҳадис муттаҳам аст…(«Доиратулмаъорифи форсӣ»).*

Мустафо (мустафӣ): *баргузида ва покшуда аз бадиҳо.*

*********Зурнӣ ғиббан…:** *якрӯздармиён ба дидани ман биё, то маҳаббат зиёдат шавад. Баройи манобиъи ин ҳадисниг. ба «Аҳодиси «Маснавӣ»).*

Ба дидори мардум шудан айб нест,
Валекин на чандонки гӯянд: «Бас!»
Агар хештанро маломат кунӣ,
Маломат набояд шунидат зи кас!**

*(*****Маънойи ин ду байт****: Ба мулоқоти мардум рафтан бад*

нест, вале на ба он андоза, ки гӯянд: «Дидор кофист ва дигар маё». Агар худ бар зиштқорӣ хештанро сарзаниш кунӣ, ҳамоно аз кас накӯҳиш нашунавӣ, чь худ кореро, ки сазовори хурдагирӣ бошад, ҳаргиз накунӣ).

Ҳикоят (30)

Якеро аз бузургон боде мухолиф дар шикам печидан гирифту тоқати забт *(тавони нигаҳдорӣ)*-и он надошт ва беихтиёр аз ӯ содир шуд*(бурун омад)*.

Гуфт:

– Ай дӯстон, маро дар он чӣ кардам, ихтиёре набуду базаҳе бар ман нанавиштанд ва роҳате ба вуҷуди ман расид. Шумо ҳам ба карам маъзур доред.

Шикам зиндони бод аст, ай хирадманд,
Надорад ҳеч оқил бод дар банд!
Чу бод андар шикам печад, фурӯ ҳил***,
Ки бод андар шикам бор аст бар дил!

*(******Чу бод андар шикам…:*** *ин байт ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

* * *

Ҳарифи турушрӯйи носозгор,
Чу хоҳад шудан, даст пешаш мадор!

*(**Маънойи байт:** Чун ёри дижамрӯйи номувофиқ оҳанги рафтан кунад, бозаш мадор!)*

Ҳикоят (31)

Аз суҳбати ёрони Димишқам малолате падид омада буд. Сар дар биёбони Қудс ниҳодаму бо ҳайвонот унс гирифтам. То вақте, ки асири Фаранг* шудам. Дар хандақи Таробулус бо чуҳудонам ба кори гил бидоштанд.

*(****Фаранг:*** *форсишудайи калимайи «фронк» аст, ки номи аҷдоди мардуми Фаронса буда, форсизабонон онро баройи ҳамайи мардуми Урупову исавиён ба кор бурдаанд.*

Таробулус: *номи шаҳрест дар Шом, маънойи он ба луғати румӣ «сешаҳр» аст–«Мунтаҳ-ал-араб»).*

Яке аз руъасойи Ҳалаб, ки собиқае миёни мо буд, гузар карду бишинохт ва гуфт:

– Ай фулон, ин чӣ ҳолат аст?

Гуфтам:

– Чӣ гӯям?

Ҳамегурехтам аз мардумон ба кӯҳу ба дашт,
Ки аз Худой набудам ба одамӣ пардохт.
Қиёс кун, ки чӣ ҳолам бувад дар ин соъат,
Ки дар тавилайи* номардумам бибояд сохт?!**

*(****Ҳамегурехтам аз…:*** *аз муъошарат бо мардум ба кӯҳу дашт мегурехтам, зеро ҷуз ба Худо ба дигаре тавоҷҷуҳе надоштам.*

*****Ки дар тавилайи…*** *ки дар истабл (тавила–О. Ш.)-и нокасон бояд бо ин вазъ бисозам. Ин мафҳум, яъне, душворийи ҳамнишинӣ бо ноҳамҷинсонро Саъдӣ борҳо ба сувари гуногун баён кардааст, аз ҷумла, ҳикояти ҳамқафас шудани тӯтию зоғ, дар боби панҷуми «Гулистон» ва такрори ин мазмун дар осори худ:*

Порсоро бас ин қадар зиндон,
Ки бувад ҳамтавилайи риндон!
(«Гулистон», «Тӯтию зоғ», боби панҷум).

На аҷаб, гар фурӯ равад нафасаш,
Андалебе ғуроб ҳамқафасаш!
(«Гулистон», ҳикмати 53, боби ҳаштум).

Чу тӯтӣ калоғаш бувад ҳамнафас,
Ғанимат шуморад халос аз қафас!
(«Бӯстон», б.3126).

Дар забони арабӣ низ масалест: «Азйақ-ус-суҷуни муъошарат-ул-аздод»: «Тангтарини зиндонҳо омезиши бо мардуми носоз аст» (ба нақл аз «Ал-Мутанаббӣ ва Саъдӣ»).

Бояд тавоҷҷуҳ дошт, ки мурод аз тавила маънойи имрӯзийи он, яъне, оғил нест, балки ришта ва зумра аст. Яъне, ночорам, ки

дар зумрайи номардумону номуҳаззабон (бадахлоқ, нопок) бошам (Доктор Хуррамшоҳӣ).

******Маънойи қитъа****: Аз халқ ба биёбону кӯҳистон паноҳ мебурдам; чӣ аз Худо ба касе машғул набудам. Акнун бисанҷу бибин, ки маро дар ин соъат ҳол то чӣ ҳад парешон аст, ки дар тавилайи дарандахӯёни одамрӯй аз бурдборву таҳаммул гузире надорам).*

* * *

Пой дар занҷир пеши дӯстон,
Биҳ, ки бо бегонагон дар бӯстон!**

*(****Пой дар занҷир…:*** *назири чунин мазмунро Саъдӣ борҳо дар осори худ овардааст:*

Бо ту маро сӯхтан андар азоб,
Биҳ, ки шудан бо дигаре дар Биҳишт!
(«Гулистон», боби шаш, ҳикояти дувум.)

Ёро, Биҳишт суҳбати ёрони ҳамдам аст,
Дидори ёри номутаносиб Ҷаҳаннам аст!
(«Ғазалийёт»).

Бе ту гар дар Ҷаннатам, нохуш шароби салсабил,
Бо ту гар дар Дӯзахам, хуррам ҳавойи замҳарир!
(«Ғазалийёт»).

Доктор Ҳусайнъалийи Маҳфуз мазмуни байти мавриди назар ва абёти мазкур дар фавқро мутаъассир аз байти зер (аз Мутанаббӣ) донистааст, аммо баъид ба назар мерасад:

Фатлубилъизза фӣ лазо ва зариззилла,
Ва лав кона фӣ ҷинонилхулуд.
(«Ал-Мутанаббӣ ва Саъдӣ».)

Тарҷумайи байти Мутанаббӣ: Иззатро дар Дӯзах низ биҷӯю зиллатро, агарчи дар Биҳишти ҷовидон бошад, тарк гӯй (мақсуд таъкид ва муболаға дар талаби иззату дурӣ ҷустан аз зиллат аст ва илло на иззат дар Дӯзах асту на зиллат дар Биҳишт).

******Маънойи байт:*** *Пой дар банд доштану дар мусоҳабати*

рафиқони якдил будан биҳтар аз он аст, ки бо аҳёр дар боғу гулзор ба сар барӣ.)

Бар ҳолати ман раҳмат оварду ба даҳ динор аз қайдам халос кард. Ва бо худ ба Ҳалаб бурду духтаре, ки дошт, ба никоҳи ман даровард, ба кобини сад динор. Муддате баромад. Бадхӯй, ситезарӯй, нофармон буд. Забондарозӣ кардан гирифту айши маро мунағғас доштан.

Зани бад дар саройи марди накӯ,
Ҳам дар ин олам аст Дӯзахи ӯ!
Зинҳор аз қарини бад, зинҳор
«Ва қино раббано ъазобан-нор!».

(***Зани бад дар саройи…:*** *ин қитъа ҳукми масали сойир пайдо кардааст.*

«***Ва қино:*** *иқтибос аз ояи 201, сурайи Бақара(2) аст:*

وِمِنْهُم مَّن يَقُولُ رَبَّنَا آتِنَا فِي الدُّنْيَا حَسَنَةً وَفِي الآخِرَةِ حَسَنَةً وَقِنَا عَذَابَ النَّارِ.

Яъне, «Аз ҷумлайи он мардумон касоне ҳастанд, ки мегӯянд: «Худоё, некӯйиву хубийи дунёву охиратро насиби мо гардон ва моро аз азоби оташ боздор!» (аз «Кашф-ул-асрор».)

*******Дар Қуръони*** *Карим иборати* **وَقِنَا عَذَابَ النَّارِ** *(«Ва қино ъазобан-нор») (Бақара(2), 201; Оли Имрон(3), 16) ба кор рафтааст. Яъне, «Моро аз азоби оташи Дӯзах дар амон бидор!»).*

Боре забони таъаннут*(сарзаниш)* дароз карда ҳамегуфт:

– Ту он нестӣ, ки падари ман туро аз Фаранг боз харид?

Гуфтам:

– Бале, ман онам, ки ба даҳ динор аз қайд *(асорат)*-и Фарангам боз хариду ба сад динор ба дасти ту гирифтор кард!

Шунидам, гӯспандеро бузурге
Раҳонид аз даҳону дасти гурге.
Шабонгаҳ корд дар ҳалқаш бимолид,**
Равони гӯспанд аз вай бинолид.
Ки аз чанголи гургам даррабудӣ,
Чу дидам, оқибат худ гург будӣ!

*(*****Маънойи ду байти ахир**: Шабҳангом корд бар гулӯйи гӯсфанд кашид, ҷони гӯсфанд ба забони ҳол аз вай ба фарёд омад, ки аз чанги гург маро раҳонидӣ, вале чун ба поёни кор нигаристам, ту ҳам худ гурге ҷоншикор будаӣ!*

***Ки аз чанголи гургам…:** ин байт ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ҳикоят (32)

Яке аз подшоҳон обидеро пурсид, ки иёлон дошт:

– Авқоти азиз чӣ гуна мегузарад?

Гуфт:

– Ҳама шаб дар муноҷоту саҳар дар дуъойи ҳоҷот ва ҳама рӯз дар банди ихроҷот.

Маликро мазмуни ишорати обид маълум гашт. Фармуд, то ваҷҳи кафофи вай муъайян доранд ва бори иёл аз дили ӯ бархезад.

Ай гирифтори пойбанди иёл,
Дигар осудагӣ мабанд хиёл!
Ғами фарзанду нону ҷомаву қут,
Бозат орад зи сайр дар Малакут!**
Ҳама рӯз иттифоқ месозам,
Ки ба шаб бо Худой пардозам.
Шаб чу ақди намоз мебандам,
Чӣ хурад бомдод фарзандам?!***

(*****Малакут:** ба истилоҳи сӯфиён олами маънӣ, олами арвоҳ, мақоми ибодати фариштагон; яъне, тоъату ибодати беқусуру бефутур.*

***Маънойи ҳар чаҳор байт**: Ай асири зану фарзанд, аз ин пас тасаввури осойиш низ натавонӣ кард; тимори фарзанду ғами фароҳам овардани нону либосу хурок руҳи баландпарвози туро аз гардиш дар ҷаҳони маънӣ (Малакут) бозмедораду дар ин хокдон гирифтор месозад. Тамоми рӯз азм устувор медорам, ки шабонгоҳ дил ба зикри Ҳақ машғул дорам; шабҳангом чун ба иқомати намоз бармехезам, дар андешаву нигарони онам, ки бомдодон фарзандони ман чизе баройи хӯрдан надоранд ва гурусна мемонанд (зеро ваҷҳи маъош надоранд).*

*******Шаб чу ақди намоз мебандам:** Ҳар шаб, ки қомат баройи намоз хондан мебандам, ҳузури қалб надорам ва ҳамеша ин анде-*

ша ба хотирам хутур мекунад, ки фардо субҳ фарзандам чӣ бояд бихурад; чӣ дорад, ки бихурад?!).

Ҳикоят (33)

Яке аз мутаъаббидон дар беша зиндагонӣ кардию барги дарахтон хӯрдӣ. Подшоҳе ба ҳукми зиёрат ба наздики вай рафту гуфт:

– Агар маслаҳат бинӣ, ба шаҳр-андар баройи ту мақоме бисозам, ки фароғи ибодат аз ин биҳ даст диҳаду дигарон ҳам ба баракати анфоси шумо мустафид гарданд ва ба салоҳи аъмоли шумо иқтидо кунанд.**

*(*****Маънойи ду ҷумлайи ахир****: Мардуми дигар аз некӯнафсиву дами мубораки шумо баҳра ҷӯянд ва аз корҳойи писандидаатон пайравӣ кунанд).*

Зоҳидро ин сухан қабул наёмад ва рӯй бартофт. Яке аз вазирон гуфташ:

– Поси хотири маликро раво бошад, ки чанд рӯзе ба шаҳр-андар ойиву кайфийяти макон маълум кунӣ. Пас, агар сафойи вақти азизонро аз суҳбати ағёр *(бегонагон)* кудурате бошад, ихтиёр боқист.

*(*****Маънойи ду ҷумлайи ахир****: он гоҳ агар бар домани поки вақти он ёри азиз аз ҳамнишинӣ бо бегонагон тирагийи ғуборе нишинад, гузинишу ихтиёр бо шумост. Яъне, метавонед ба беша бозгардед).*

Овардаанд, ки обид ба шаҳр андар-омад ва бӯстонсаройи хосси маликро бад-ӯ пардохтанд. Мақоме дилкушой, равоносой.

Гули сурхаш чу орази хубон,
Сунбулаш ҳамчу зулфи маҳбубон!
Ҳамчунон аз наҳиби барди аҷуз,
Шир нохӯрда тифли доя ҳанӯз!*

(****Барди аҷуз:*** *сармойи пирзан ва он ҳафт рӯз аст аз охири зимистон–се рӯзи охири моҳи баҳман ва чаҳор рӯзи аввали моҳи исфанд. Низ ниг. «Луғатномайи Деҳхудо». **Баъзе навиштаанд, ки дар он рӯзҳо золе дар биёбон аз сармо мурда буд, лизо ба ин исм мусаммо гашт.*

******Тифли доя:*** *кӯдаки доя; ин ҷо ба истиъора мурод сабзаву гиёҳ аст, ки кӯдакони доя абранд.*

***Маънойи ду байт**: Бо он ки ҳанӯз аз осеби сармойи пирзан кӯдаки дояи абр (= сабзаву гиёҳ) шир (истиъора аз об) нанӯшидаву сар аз маҳди замин барнакарда буд, гули сурхи ин саробӯстон чун рухсори некӯвон рангу бӯй дошту сунбулаш чун гесуйи маъшуқон дар тоб буд. Хоқонӣ гӯяд:*

Ба ҳаққи он, ки диҳад баччагони бӯстонро
Сапед шир зи пистони сарсиёҳи саҳоб!

Васфи Саъдӣ аз бӯстонсаройи хосси малик ҳамонанди тавсифест, ки Фаррухӣ дар қасидайи маъруфаш аз боғи нави Султон Маҳмуд кардааст:

Биҳишт андар ӯ бозёбӣ ба обон,
Баҳор андар ӯ бозбинӣ ба озар!).

* * *

Ва афонину ъалайҳо ҷуллунорин,
Ъуллиқат бишшаҷарилахзари нору**.

***(**Ва афонину ъалайҳо…:** гули нор бар шохаҳо буд, чунонки гӯйӣ оташе бар дарахти сабз овехта бошад. Мисраъи дувум талмеҳе ба ояи 80, сурайи Ёсин(36) дорад:*

الَّذِي جَعَلَ لَكُم مِّنَ الشَّجَرِ الْأَخْضَرِ نَارًا.

Яъне, «…он, ки баройи шумо дар дарахти сабз оташ ниҳод». Саъдӣ дар қасидайи маъруфи худ ҳамин мазмунро овардааст:

Гӯ назар боз куну хилқати норинҷ бибин,
Ай, ки бовар накунӣ ф-шшаҷарилахзари нор!

Дар калимайи»ҷулланор» «лом» мушаддад аст, вале ба тақозои вазни шеър «лом» мухаффаф мешавад).

Малик дарҳол канизаке хубрӯй пеш фиристод.

Аз ин маҳпорайи обидфиребе,
Малойиксурате, товусзебе,
Ки баъд аз диданаш сурат набандад
Вуҷуди порсоёнро шикебе.

*(*****Маънойи ду байт****: Маҳрӯе буд бас зебо, фиребойи порсоён, фаришторӯй, товусзевар, ки пас аз дидори вай дар олами хаёл ҳам дар дили обидон нақши сабру ором зоҳир намегашту рӯй наменамуд).*

Ҳамчунин. дар ақибаш ғуломе бадеъулҷамол *(некӯрӯй)*, латифулиътидол *(мавзунқомат)*.

Ҳалакнносу* ҳавлаҳу ъаташан,
Ваҳва соқин йаро ва ло йасқо.
Дида аз диданаш нагаштӣ сер,
Ҳамчунон к-аз Фурот* мустасқо*.

*(****Ҳалаканносу…:*** *мардум дар пиромуни ӯ аз ташнагӣ ҳалок мешуданд, дар ҳоле ки ӯ соқист, мебинаду ташнагонро об наменӯшонад. ***Мардумон дар пиромуни ӯ аз аташ (ташнагӣ– О. Ш.) мурданду ӯ, ки соқист, ҳамчунон менигараду ба касе обе наменӯшонад.*

*****Дида аз…:*** *ҳамон гуна, ки ташнаком аз оби гуворо сер намешавад, чашм низ аз дидани ҷамоли он ғулом сер намешуд.* ***Мустасқо****: мубтало ба марази истисқо (ташнагийи бисёр)-ро гӯянд.* ***Фурот*** *ҳам ба маънойи оби ширину гуворост ва ҳам номи рӯдхонаест дар Ироқ ва ҳар ду маънӣ дар ин ҷо муносиб аст).*

Обид таъомҳойи лазиз хӯрдан гирифту кисватҳойи латиф *(ҷомаҳойи нарму нозуку покиза)* пӯшидану аз фавокиҳу машмуму ҳаловот таматтуъ ёфтан ва дар ҷамоли ғулому канизак назар кардан. Ва хирадмандон гуфтаанд: «зулфи хубон занҷири пойи ақл асту доми мурғи зирак!»

Дар сари кори ту кардам дилу дин бо ҳама дониш,
Мурғи зирак ба ҳақиқат манам имрӯзу ту домӣ!

*(*****Маънойи байт:*** *Бо он ҳама иддиъойи донойӣ ба роҳат дину дил додам; акнун ман он мурғи ҳушёрам, ки бо ҳама зиракӣ аз доми ту раҳидан наёрам. Саъдӣ дар ғазале ҳамин мазмунро чунин оварда:*

Мурғи ваҳшӣ, ки мерамид аз қайд,
Бо ҳама зиракӣ ба дом афтод!

Филҷумла, давлати вақти маҷмӯъ ба рӯзи завол омад *(**бори салтанате, ки осудадиливу ҷамъияти хотир аст, рӯй ба ҳангоми заволу нестӣ овард),* чунонки шоъир гӯяд:

Ҳар кӣ ҳаст аз фақиҳу пиру мурид
В-аз забоноварони покнафас.
Чун ба дунёи дун фуруд ояд,
Ба асал дар бимонд пойи магас.

(***Фақиҳ:*** *донойи дин.*
Маънойи ду байт*: **Ҳар кӣ бошад, чи донойи дин, чӣ пири муршид, чӣ пайрави мухлис, чӣ гӯяндайи тавонойи равшандил, чун бад-ин саройи пасти фурӯмоя сар фурӯ орад, ногузир гирифтор мегардад, чунонки пойи магас дар миёни ангубин фурӯ монд).*

Бори дигар малик ба дидани ӯ рағбат кард. Обидро дид, аз ҳайъати нахустин бигардида ва сурху сапед баромадаву фарбиҳ шуда ва бар болиши дебо такя задаву ғуломи парипайкар ба мирваҳайи товусӣ (*бодбизан, бодбезаке аз пари товус)* болои сар истода. Бар саломати ҳолаш шодмонӣ карду аз ҳар даре сухан гуфтанд, то малик ба анҷоми сухан гуфт:

– Чунин ки ман ин ҳар ду тойифаро дӯст дорам, дар ҷаҳон кас надорад. Яке уламову дигар зуҳҳодро.

Вазири файласуфи ҷаҳондидайи ҳозиқ *(зирак)*, ки бо ӯ буд, гуфт:

– Ай худованд, шарти дӯстӣ он аст, ки бо ҳар ду тойифа накӯйӣ кунӣ. Олимонро зар бидиҳ, то дигар бихонанд ва зоҳидонро чизе мадиҳ, то зоҳид бимонанд**.

*(*****Маънойи чанд ҷумлайи гуфтори вазир****: Ай худойгон, ба ҳукми дӯстӣ лозим аст, ки ба ҳар ду гурӯҳ некӣ кунӣ, яъне, ба донишпажӯҳон симу зар бибахш, то боз ҳам ба омӯхтани дониш бипардозанду ба торикон (торик–таркунанда; маҷозан, зоҳид–О. Ш.)-и дунё чизе мабахш, то ҳамчунон дар зуҳду порсойӣ устувор бошанд).*

Хотуни хубсурати покизарӯйро,
Нақшу нигору хотами пирӯза, гӯ, мабош!
Дарвеши нексирати покизахӯйро
Нони риботу луқмайи дарюза, гӯ, мабош!

*(**Хотун:** бону, бибӣ, кадбонуйи хона. **Рибот**–миҳмонсаро, зиёфатхонайи дарвешон.*

***Маънойи ду байт**: **Бонуйи зебочиҳрайи покрӯйро агар ҷомаи нигорину саройи зарнигору ангуштарийи пирӯза набошад, чӣ мешавад, зебойӣ вайро бас аст! Сӯфийи накӯрафтори некхулқ агар луқмачинӣ накунаду бар хони хонақоҳ низ нанишинаду ба қаноъат пардозад, хуштар аст!).*

* * *

То маро ҳасту дигарам бояд,
Гар нахонанд зоҳидам, шояд!

*(***То маро ҳаст...:** то вақте, ки ман васойили зиндагонийи худро дораму боз ҳам бештар аз он мехоҳам, шойиста аст, ки маро порсо нашуморанд).*

Ҳикоят (34)

Мутобиқи ин сухан**, подшоҳеро муҳимме** пеш омад. Гуфт: «Агар ин ҳолат ба муроди ман барояд, чандин дирам диҳам зоҳидонро».

*(*****Мутобиқи ин сухан:*** *Баробар ва мувофиқ бо ин гуфтор, яъне, ҳикояти пеш; мурод он аст, ки «аз назоири ҳикояти пеш яке ҳам ин аст, ки подшоҳеро муҳимме…».*

******Муҳим:*** *маҷозан, ба маънойи кори душвору азим.*

***Маънойи ду ҷумлайи ахир**: Агар ин кор ба дилхоҳи ман анҷом пазирад, фулон миқдор сиккайи сим ба зоҳидон медиҳам).*

Чун ҳоҷаташ баромаду ташвиши хотираш бирафт, вафойи назраш ба вуҷуди шарт лозим омад *(**чун ниёзаш бароварда шуду парешонийи хотираш сипарӣ гашт, воҷиб омад, ки ба сабаби ҳусули шарт он чӣ бар худ воҷиб гардонида, адо кунаду паймон ба сар барад)*. Якеро аз бандагони хос кисаи дирам дод, то сарф кунад бар зоҳидон. Гӯянд, ғуломе оқили ҳушёр буд. Ҳама рӯз бигардиду шабонгаҳ бозомад ва дирамҳо бӯса доду пеши малик ниҳоду гуфт:

– Зоҳидонро, чандонки гардидам, наёфтам.

Гуфт:

– Ин чӣ ҳикоят аст? Он чӣ ман донам, дар ин мулк чаҳорсад зоҳид аст!

Гуфт:

– Ай худованди ҷаҳон, он ки зоҳид аст, намеситонад ва он ки меситонад, зоҳид нест!

(***Он ки зоҳид аст…:*** *ин иборат ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Малик бихандиду надимонро гуфт:

– Чандонки маро дар ҳаққи худопарастон иродат асту иқрор, мар ин шӯхдида *(беҳаё, густох)*-ро адоват асту инкор ва ҳақ ба ҷониби ӯст!

*(*****Маънойи чанд ҷумлайи ахир****: Малик ханда карду ба ҳамнишинон фармуд: «Ба ҳамон андоза, ки ман ҳаводори мардони Худову муътариф ба фазли ононам, ҳамоно ин беҳаёро бо ҳақпарастон душманисту ба такзиби онон мепардозад; бо ин ҳама, вай дурусту устувор мегӯяд!»).*

Зоҳид, ки дирам гирифту динор,
Зоҳидтар аз ӯ яке ба даст ор!

(***Маънойи байт:*** *Зоҳидсурате, ки зару сим биситонад, бигузор ва аз вай порсосираттаре биҷӯй!).*

Ҳикоят (35)

Якеро аз уламойи росих* пурсиданд:

– Чӣ гӯйӣ дар нони вақф?

Гуфт:

– Агар нон аз баҳри ҷамъияти хотир меситонад, ҳалол аст ва агар ҷамъ аз баҳри нон менишинад, ҳаром!

*(****Уламойи росих:*** *донишмандони устуворақида. Мутаъассир аст аз ояи*

الرَّاسِخُونَ فِي الْعِلْمِ

дар Қуръони Карим (сурайи Оли Имрон(3), ояи 7; сурайи Нисо(4), ояи 126).

******Маънойи чанд ҷумлайи охир****: Агар нонхуриш аз моли вақф мегирад, то фароғи диле аз ибодат ба даст оварад, равост ва агар танҳо баройи ёфтани нону сер кардани шикам дар гӯшае ба интизор менишинад, норавост).*

Нон аз баройи кунҷи ибодат гирифтаанд
Соҳибдилон, на кунҷи ибодат баройи нон!

(*__Нон аз баройи…:__ *яъне, аз дунёву хӯрду хуроки он ва, ҳамчунин, аз моли вақф фақат ба қаноъату ба андозаи зарурат истифода мекунанд, то он ки бо фароғат ба касби илму ибодат бипардозанд, на ин ки, баръакс кунҷи ибодатро баҳонайи касби рӯзӣ сохта бошанд).*

Ҳикоят (36)

Дарвеше ба мақом *(иқоматгоҳ)*-е даромад, ки соҳиби он буқъа каримуннафс *(бахшанда)* буд. Тоифайи аҳли фазлу балоғат дар суҳбати ӯ ҳар яке базлаву латифа ҳамегуфтанд. Дарвеш роҳи биёбон карда буду монда *(хаста)*-ву чизе нахӯрда. Яке аз он миён ба тариқи зарофат гуфт:

– Туро ҳам чизе бибояд гуфт.

Гуфт:

– Маро чун дигарон фазлу адабе нест ва чизе нахондаам. Ба як байт аз ман қаноъат кунед.

Ҳамгинон ба рағбат гуфтанд:

– Бигӯй!

Гуфт:

Ман гурасна, дар баробарам суфрайи нон***,
Ҳамчун азабам бар дари ҳаммоми занон.

*(***__Ман гурасна, дар…:__ *ин байт ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ёрон ниҳояти аҷзи ӯ бидонистанду суфра пеш оварданд. Соҳибдаъват *(мизбон)* гуфт:

– Ай ёр, замоне таваққуф кун, ки парасторонам кӯфта бирён месозанд.

Дарвеш сар бароварду гуфт:

Кӯфта бар суфрайи ман, гӯ, мабош,
Гураснаро нони тиҳӣ кӯфта аст!

Ҳикоят (37)

Муриде гуфт пирро:

– Чӣ кунам, к-аз халойиқ ба ранҷ-андарам, азбаски ба зиёрати ман ҳамеоянду авқоти маро аз тараддуди эшон ташвиш мебошад.

Гуфт:

– Ҳар чӣ дарвешонанд, мар эшонро воме бидиҳу он чӣ тавонгаронанд, аз эшон чизе бихоҳ, ки дигар яке гирди ту нагарданд**.

*(**__Маънойи чанд ҷумлайи ахир__: Яке аз ҳаводорон ба шайх (муршид) гуфт: «Чӣ кунам, ки аз мардумон дар озорам, чь ба дидорам бисёр меоянду вақти азизи ман аз шудомади эшон шӯрида мегардад ва хотирам парешон мешавад». Пир посух дод: «Ба тиҳидастоне, ки назди ту меоянд, қарзе бидиҳу аз тавонгарон дархост (талаб)-е кун, ки аз он пас як тан аз онон як бор низ пиромуни ту нахоҳад омад»).*

Гар гадо пешрави лашкари ислом бувад***,
Кофир аз бими таваққуъ биравад то дари Чин!

(***__Гар гадо пешрав…:__ *ин байт ҳукми масали сойир пайдо кардааст. Яъне, агар дар ҷилави лашкари ислом гадойи таммоъе бошаду инон ба ғазову ҷиҳод рафта бошанд, кофир аз тарси ин, ки таваққуъ ба молу манолаш надошта бошанд, дар фосила гирифтану фирор кардан муболаға мекунад ва то дарвозаҳойи Чин (ки ба дурӣ дар ҷаҳони ислом масал аст) меравад, яъне, мегурезад).*

Ҳикоят (38)

Фақиҳе падарро гуфт:

– Ҳеч аз ин суханони рангини диловези мутакаллимон дар ман асар намекунад. Ба ҳукми он, ки намебинам мар эшонро феъле мувофиқи гуфтор**.

*(**__Маънойи ҷумла__: Донишманде ба падар гуфт: «Ҳеч як аз ин гуфторҳойи ба зоҳир ороставу ба ботин костайи воъизон дар ман корагар намеафтад, чӣ суханшонро бо кирдор созгору яксон намеёбам»).*

Тарки дунё ба мардум омӯзанд*,
Хештан симу ғалла** андӯзанд.
Олимеро, ки гуфт бошаду бас,
Ҳар чӣ гӯяд, нагирад андар кас!
Олим он кас бувад, ки бад накунад,
На бигӯяд ба халқу худ накунад!

*(**Тарки дунё…:** ин байт ҳукми масали сойир пайдо кардааст.*

***Ғалла:** ҳосили замин, кирояи макон, даромади ҳар чизе.*

*****Маънойи се байт**: Ба дигарон дарси порсойӣ медиҳанд ва худ ба гирдоварийи пулу ҳосили замину мустағлот мепардозанд; донишмандеро, ки танҳо гуфтор бе кирдор (илми беамал) бошад, ҳар сухане, ки гӯяд, дар кас асар накунад; донишманди ростин касест, ки ҳаргиз кори носавоб накунад , на он ки ба дигарон андарз диҳад, вале худ ҳамон дастурро ба кор набандад.*

أَتَأْمُرُونَ النَّاسَ بِالْبِرِّ وَتَنسَوْنَ أَنفُسَكُمْ

Яъне, «Оё мардумро ба некӯкорӣ дастур медиҳеду худро фаромӯш мекунед?». Қисмате аз ояи 44, сурайи Бақара(2).

Олим, ки комрониву танпарварӣ кунад,
Ӯ хештангум аст, киро раҳбарӣ кунад?**

*(****Маънойи байт:** Донишманде, ки шаҳватрониву таносонӣ пеша кунад, худ гумроҳ аст, чӣ гуна раҳнамуну ҳодийи дигарон хоҳад буд?)*

Падар гуфт:

– Ай писар, ба муҷарради хаёли ботил *(танҳо дар заминаи гумони нодуруст)* нашояд рӯй аз тарбияти носиҳон бигардонидану уламоро ба залолат мансуб кардан ва дар талаби олими маъсум аз фавойиди илм маҳрум мондан. Ҳамчу нобинойе, ки шабе дар ваҳал афтода буду мегуфт: «Охир, яке аз мусалмонон, чароғе фаророх(*пеши роҳ)*-и ман доред!»

Зане форича бишуниду гуфт:

– Ту, ки чароғ набинӣ, ба чароғ чӣ бинӣ?

Ҳамчунин, маҷлиси ваъз чун кулбайи баззоз аст. Он ҷо то накӯде надиҳӣ, бизоъате наситониву ин ҷо то иродате наёрӣ, саъодате набарӣ!

(****Маънойи чанд ҷумлайи гуфтори падар**: *«Ай фарзанд, ба сарфи ин пиндори нодуруст сазовор нест аз омӯзиши хайрандешон рӯй тофтан ва доноёнро гумроҳ шумурдан; ва дар ҷустуҷӯйи олими покдоман аз судҳойи дониш худро бебаҳра гузоштан монанди кори кӯрест, ки дар гил гирифтор омада буду мегуфт: «Боре, яке аз шумо, мӯъминон, чароғе пеши пойи ман нигоҳ доред!» Зане шӯхтабъ шунуфту гуфт: «Ту, ки чароғ натавонӣ дид, бо чароғ чӣ тавонӣ нигарист?!» Анҷумани андарзу мавъиза ҳам*

монанди дуккони ҷомафурӯшист, ки агар он ҷо нақдинае напардозӣ, колое ба иваз намегирӣ ва ин ҷо ҳам агар ихлосе нишон надиҳӣ, некбахтиву баракате намеёбӣ; иродате бинамо, то саъодате бибарӣ).

Гуфти олим ба гӯши ҷон бишнав
Вар намонад ба гуфтанаш кирдор.
Ботил аст он чӣ муддаъӣ гӯяд:
«Хуфтаро хуфта кай кунад бедор?!»*
Мард бояд, ки гирад андар гӯш,
Вар навишта-ст панд бар девор.

(***Маънойи се байт**: Сухани доноро ба гӯши дил бинюш, агарчи амалаш ҳамонанди қавлаш набошад; ин сухан, ки яке аз муддаъиёни аршад мегӯяд: «Хобрабударо хобрабудаи дигар аз хоб натавонад ангехт!», нодуруст аст. Дар ин ҷо Саъдӣ бар Ҳаким Санойӣ хурда гирифта, ки фармудааст:*

Олимат хуфтаасту ту хуфта,
Хуфтаро хуфта кай кунад бедор?!)

* * *

Соҳибдиле*** ба мадраса омад зи хонақоҳ**.
Бишкаст аҳди суҳбати аҳли тариқро.
Гуфтам: «Миёни олиму обид чӣ фарқ буд,
То ихтиёр кардӣ аз он ин фариқро?!»
Гуфт: «Он гилеми хеш ба дар мебарад зи мавҷ
В-ин ҷаҳд мекунад, ки бигирад ғариқро!»*.

*(***Соҳибдиле ба мадраса омад…:** яъне, инсони фаҳиме аз хонақоҳ, ки дар он ҷо ибодат мекард, ба мадраса, ки ҷойи фарогирийи илм аст, омаду бад-ин сон аҳди худро бо аҳли тариқат шикаст; яъне, аз ҳамроҳӣ бо онону сулук дар тариқи тасаввуф эъроз кард. Дар байти савум мегӯяд, ки он обид (хонақоҳнишин) фақат дар ғами хеш аст, аммо ин олим (аҳли илму мадраса) ба доди дигарон ҳам мерасаду дастгирӣ мекунад. Ҳосил он, ки фойидаи ибодат, бавижа, ибодати сӯфиёна, ба худи шахс мерасад, вале фоидайи илм ҳам ба худи шахси олим ва ҳам ба дигарон.*

***Хонақоҳ:** мақоми дарвешон; муъарраби хонагоҳ.*

***Маънойи се байт**: орифе аз мақоми дарвешон ба мадраса*

рӯй оварду паймони дӯстиву ҳамнишинӣ бо соликонро нақз кард. Боре гуфтам: «Донишмандро бар порсо(дарвеш) чӣ бартарӣ дидӣ, ки аз он сабаб ба гурӯҳи олимон пайвастӣ?!» Ба посух гуфт: «Ориф танҳо дар андешайи баровардани рахту пахти худ (наҷоти хештан) аз гирдоби васвасайи нафс аст, вале олим бар он аст, ки ғарқашудагони мавҷхези ҷаҳлро бираҳонад».

***Ин қитъа** ёдовари ҳадисҳойи мутаъаддидест дар бартарийи олим ба обид, аз он ҷумла: «Фазлулъолими ъалалъобиди кафазлилқамари лайлатил-бадри ъало сойирил-кавокиби».–«Бартарийи олим бар обид монанди бартарийи моҳи шаби чаҳордаҳ (моҳи тамом) аст бар дигар ситорагон» (ниг. ба «Файз-ул-қадир», 4/431–434).*

Ҳикоят (39)

Яке бар сари роҳе маст хуфта буду зимоми ихтиёр аз даст рафта. Обиде бар вай гузар карду дар он ҳолати мустақбаҳ *(вазъи зишту бад)*-и ӯ назар кард. Ҷавон аз хоби мастӣ сар бароварду гуфт: «Изо марру биллағви марру киромо»*.

(إِذَا مَرُّوا *бахше аз ояи 72, сурайи Фурқон(25): яъне, «(ва) ҳар гоҳ ба сухани беҳудаву нописанд бигзаранд, озоду некӯ бигзаранд» (аз «Кашф-ул-асрор»).*

Изо раъайта асиман кун сотиран ва ҳалимо,
Ё ман туқаббиҳу амрӣ лима ло тамурру каримо*.

*(***Изо раъайта…:** ҳар гоҳ гунаҳкореро дидӣ, айб пӯшу бурдбор бош; ай касе, ки кори маро зишт мешуморӣ, чиро худ бузургворона бар ман намегузарӣ?!)*

* * *

Матоб, ай порсо, рӯй аз гунаҳкор,
Ба бахшояндагӣ дар вай назар кун!
Агар ман ноҷавонмардам ба кирдор,
Ту бар ман чун ҷавонмардон гузар кун!**

*(****Маънойи қитъа**: Ай парҳезгор, аз базаҳкор эъроз макуну ба чашми афву иғмоз дар вай бибин! Агар ман ба амал родмарду накӯкор набошам, ту бар ман каримвор бигузару ба дидайи бахшойиш бинигар!).*

Ҳикоят (40)

Тоифайи риндон ба хилофи дарвеше бадар омаданд ва суханони носазо гуфтанду бизаданду биранҷониданд. Шикоят аз бетоқатӣ пеши пири тариқат бурд, ки чунин ҳоле рафт.

Гуфт:

– Ай фарзанд, хирқайи дарвешон ҷомайи ризост, ҳар кӣ дар ин кисват таҳаммули бемуродӣ накунад, муддаъисту хирқа бар ӯ ҳаром!

*(****Ризо:*** *хушнудӣ, хурсандӣ. Дар тасаввуф мақоми «ризо» хушнудийи дил аст ба таври мудом бар он чӣ Худованд баройи банда хоҳаду писандад. Саъдӣ боби панҷуми «Бӯстон»-ро ба ин мавзӯъ ихтисос додааст.*

******Маънойи чанд ҷумла:*** *Гурӯҳе аз нопарвоёни фурӯмоя ба мухолафати сӯфие бархостанду душномҳо ба вай доданду бизаданду биёзурданд. Аз бетобӣ ба назди муршиди роҳшинос гила бурд, ки чунин вазъ рӯй намуд. Пир гуфт: «Ай фарзанд, далқи дарвешон либоси хушнудист дар баробари ҳар ҳодиса; ҳар кас дар ин ҷома бори нокомӣ набарад, дарвеш нест ва иддиъояш ботил асту ҷомайи дарвешӣ бар вай нораво!»).*

Дарёи фаровон нашавад тира ба санг,
Ориф, ки биранҷад, тунукоб аст ҳанӯз!

*(*****Маънойи байт:*** *Дарёи паҳновар ба афтодани санге гилолуда нагардад. сӯфие, ки зуд озурда шавад, ҳанӯз обест борик ва андакжарфо. Низомӣ фармояд:*

Чу чашма то ба кай дар ҷӯш бошӣ?
Агар дарё шавӣ, хомӯш бошӣ!)

* * *

Гар газандат расад, таҳаммул кун,
Ки ба афв аз гуноҳ пок шавӣ!
Ай бародар, чу хок хоҳӣ шуд,
Хок шав, пеш аз он, ки хок шавӣ!

*(**Хок шав, пеш аз он…:** ин мисраъ ҳукми масали сойир пайдо кардааст*

******Маънойи қитъа****: Агар туро осебе расад, бурдбор бош, чӣ ба*

бахшудан бар бадон дил аз олойиши гуноҳ (кинаҷӯйӣ ва интиқом) муназзаҳ тавон дошт. Ай бародар, чун пас аз марг хок хоҳӣ гашт, пеш аз он, ки бимирию ба хок бадал шавӣ, фурӯтан бош! Дар мисраъи чаҳорум санъати истихдом риъоят шуда: яъне, аз як лафзи «хок» ду маънӣ ба тартиб ирода кардааст. Саъдӣ дар оғози боби чаҳоруми «Бӯстон» дар тавозӯъ фармояд:

Зи хок офаридат Худованди Пок,
Пас, ай банда, афтодагӣ кун чу хок).

Ҳикоят (41)

Ин ҳикоят шунав, ки дар Бағдод
Рояту** пардаро хилоф афтод.

*(*****Бағдод:*** *номи шаҳри маъруфест дар канори Арвандрӯд (Даҷла), ки Мансур, халифайи Аббосӣ (136–158) онро аз сангу оҷур (муъарраби огур, яъне, хишти пухта–О. Ш.)-и вайронаҳойи Тайсафун дар маҳалли деҳе ба ҳамин ном бино кард. «Бағдод» калимаест эронӣ (форсӣ–О. Ш.) мураккаб аз «Баг» (Худо) + «дод» (дода). (ниг. ба «Ҳавошийи «Бурҳони қотиъ», тасҳеҳи доктор Муъин).*

******Роят:*** *алам ва дирафш (парчам–О. Ш.).*

Маънойи *мисраъ–душманӣ миёни дирафшу парда рӯй дод).*

Роят аз гарди роҳу ранҷи рикоб,
Гуфт бо парда аз тариқи итоб:
«Ману ту ҳар ду хоҷатошонем.
Бандайи боргоҳи султонем!»**.

*(**Маънойи байт:** Мо–ҳар ду ҳамхоҷа ё ду бандаи худойгон, яъне, ду чокари як шоҳем).*

Ман зи хидмат даме наёсудам,
Гоҳу бегоҳ дар сафар будам.
Ту на ранҷозмудайӣ, на ҳисор,
На биёбону боду гарду ғубор!
Қадами ман ба саъй пештар аст,
Пас чиро иззати ту бештар аст?!»**

*(*****Маънойи ду байти ахир****: Ту миҳнати ҷангу муҳосарараро начашидаву ранҷи сафар дар саҳройи беобу гиёҳ ва осеби хоку тӯфон надидайӣ; пойи ман дар майдони кӯшиш аз ту фаротар аст, пас, сабаб чист, ки ту аз ман гиромитарӣ?!).*

Ту бари бандагони маҳрӯйӣ,
Бо ғуломони ёсаманбӯйӣ!
Ман фитода ба дасти шогирдон**,
Ба сафар пойбанду саргардон!».
Гуфт**: «Ман сар бар остон дорам,
На чу ту сар бар осмон дорам!
Ҳар кӣ беҳуда гардан афрозад,
Хештанро ба гардан андозад!».

*(*****Шогирдон:*** *чокарон. Дар «Бӯстон» ҳам «шогирд» ба маънойи «чокар» ба кор рафта:*

Зараш дидаму заръу шогирду рахт,
Вале бемурувват чу бебар дарахт!

******Маънойи ду байти ахир****: Парда посух дод: «Ман сари таслим ба даргоҳи подшоҳ ниҳодаам, на чун ту ба гарданкашӣ қад бар осмон афроштаам; ҳар кас ба ботилу ноҳақ гардан кашаду фахр фурӯшад, худро ба сар ба хоки зиллат афканад).*

Ҳикоят (42))

Яке аз соҳибдилон зӯрозмое *(паҳлавоне)*-ро дид, ба ҳам баромадаву каф бар димоғ андохта. Гуфт:

– Инро чӣ ҳолат аст?

Гуфтанд:

– Фулон душном додаш.

Гуфт:

– Ин фурӯмоя ҳазор ман санг бармедораду тоқати сухане наме-орад?!

Лофи сарпанҷагию даъвийи мардӣ бигузор.
Оҷизи нафси фурӯмоя, чӣ мардӣ, чӣ занӣ!
Гарат аз даст барояд, даҳане ширин кун*,
Мардӣ он нест, ки муште бизанӣ бар даҳане!**

(***Гарат аз даст барояд:…*** *ин байт ҳукми масали сойир пайдо кардааст.*

*****Маънойи қитъа****: Ба зӯрмандӣ хештанро маситою иддиъойи мардонагиву мардӣ як сӯ ниҳ! Касе, ки асири нафси бадфармойи фурӯмоя бошад, марди мардона несту бо зани нотавон баробар аст! Агар тавонӣ, ба нӯши маҳаббат даҳоне ширин куну коми диле барор! Чӣ номардиву номардумист, ки ба қаҳр муште бар даҳоне кӯбӣ ё бар касе ҷафое раво дорӣ!).*

* * *

Агар худ бардарад пешонийи пил,
На мард аст он, ки дар вай мардумӣ нест!
Банӣ-Одам** сиришт аз хок дорад,
Агар хокӣ набошад, одамӣ нест!

(*****Банӣ-Одам:*** *писарони Одам. Банӣ дар асл «банин» буда, ки ҷамъи «ибн» (писар) аст ва «нун»-и охири он тибқи қавоъиди забони арабӣ дар ҳолати изофа ба исми дигар меафтад; ин таркиб ба ҳамин сурат аз арабӣ ба форсӣ омадааст.*

*****Маънойи қитъа****: Касе, ки одамихӯй нест, номардуму фурӯмоя аст, агарчи ба неру пешонийи фил тавонад шикофт; фарзандони Одам хокиниҳоданд; пас, агар фурӯтану афтода набошанд, одамизода ба шумор наёянд!).*

Ҳикоят (43)

Бузургеро пурсидам аз сирати ихвони** сафо. Гуфт:

– Камина** он, ки муроди хотири ёрон бар масолиҳи хеш *(хешованду қавм)* муқаддам дорад. Ва ҳукамо гуфтаанд: «Бародар, ки дар банди хеш аст, на бародар ва на хеш аст!».**

(*****Сирати ихвони сафо:*** *равиш ва тариқайи бародарони софдилу сӯфиёни покизаниҳод. «Ихвон»–ҷамъи «ах», ба маънойи бародар ва дӯсту ҳамнишин; «сафо»–покӣ ва покниҳодӣ.*

Камина: *камтарин ва ҳадди ақалл.*

Маънойи чанд ҷумла: ***Аз миҳтаре дар борайи равиши бародарони софидилу сӯфиёни покизаниҳод пурсише кардам. Ба посух гуфт: «Камтарин хислат ва нишони ёрони покдил он аст, ки ому хости дӯстон бар маслаҳати ҳолу суди худ баргузинанд ва фарзонагон гуфтаанд: «Бародар, ки танҳо ба андешайи*

маслаҳати худ аз ту ғофил монад, бародари ту несту вайро бегона бояд шумурд! («Гар аз дӯст чашмат бар иҳсони ӯст, /Ту дар банди хешӣ, на дар банди дӯст!» (аз «Бӯстон»–О. Ш.).

******Бародар, ки дар банди хеш аст:…**ин иборот ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ҳамроҳ агар шитоб кунад дар сафар, ту бийист,
Дил дар касе мабанд, ки дилбастайи ту нест!

* * *

Чун набувад хешро диёнату тақво,
Қатъи раҳим биҳтар аз маваддати қурбо*.

*(****Чун набувад…:** *Вақте хешованд дину парҳезгорӣ надошта бошад, буридани пайванди хешовандӣ аз ӯ биҳтар аз дӯстдорӣ (пос)-и хешовандист. Қатъи раҳим (буридани риштайи хешовандӣ–О. Ш.) дар муқобили силайи раҳим (иттиҳод ва пайвастагийи хешовандон–О. Ш.) аст. «Маваддати қурбо» аз ояи шарифа иқтибос шудааст:*

ذَلِكَ الَّذِي يُبَشِّرُ اللَّهُ عِبَادَهُ الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ قُل لَّا أَسْأَلُكُمْ عَلَيْهِ أَجْرًا إِلَّا الْمَوَدَّةَ فِي الْقُرْبَى

(сурайи Шуро(42), ояи 23; тарҷума (аз «Кашф-ул-асрор»): «Он аст, он чӣ ки Худованд бандагони худро башорат медиҳад;, он бандагоне, ки имон оварданду корҳойи некӯ карданд; бигӯ: «Ман бар ин пайғом расондан аз шумо музде намехоҳам, ҷуз дӯст доштани ҳар кас, ки ба Худо наздик аст (ё бо ман қаробат дорад».)

Ёд дорам, ки муддаъӣ дар ин байт бар қавли ман эътироз карда буду гуфта:

– Ҳақ Таъоло дар Китоби Маҷид *(китоби гиромиқадр, Қуръони Карим)* аз қатъи раҳим наҳй кардааст ва ба маваддати зилқурбо** фармудаву ин чӣ ту гуфтӣ, мунофизи он аст.

*(*****Маваддати зилқурбо**–дӯстдорийи хешовандон; муқтабас аз маънойи ояи 23 сурайи Шуро(42) аст (ниг. ба банди боло–О. Ш.).*

Гуфтам:

– Ғалат кардӣ, ки мувофиқи Қуръон аст! *«*Ва ин ҷоҳадока* ъало ан тушрика бӣ мо лайса лака биҳи ъилмун фало тутиъҳумо*»**

*(******Ғалат кардӣ:** *бояд таваҷҷуҳ дошт, ки ин калима имрӯз*

(дар Эрон–О. Ш.) маънойи душном дорад ва дар асри Саъдиву дар ин иборат ба ҳеч ваҷҳ маънойи мувҳин (хоркунанда–О. Ш.) надорад. «Ғалат кардӣ», яъне, иштибоҳ кардӣ.

Ва ин ҷоҳадока…: *бахше аз ояи 15, сурайи Луқмон(31), яъне, (аз «Кашф-ул-асрор»): «Ҳамон падару модар бо он ҳама шаъну мақом) агар кӯшиданд, ки туро ба Ман ширк оварӣ, ки ту аз он шарик донише надорӣ! Пас, ононро итоъат макун ва бо эшон мезӣ (зиндагӣ мекун–О. Ш.)-у дар корҳойи ин ҷаҳон бо онҳо ҷаҳон медор ва бо онҳо бичам! (чамидан–роҳ рафтан бо нозу хиром–О. Ш.)».*

Тавзеҳи Хатиби Раҳбар *пиромуни ин иқтибоси қуръонӣ: «Ҷузъест аз ояи 8, сурайи Анкабут(29) бо андаке ихтилоф–ба ҷойи «ъало ан тушрика бӣ» дар Қуръон «литушрика бӣ» омадааст: «ва вассайналинсона биволидайҳи ҳуснан ва ин ҷоҳадока литушрика бӣ мо лайса лака биҳи ъилмун фало тутиъҳумо илайя марҷиъукум фаунаббиъукум бимо кунтум таъмалун»; Яъне, (аз «Кашф-ул-асрор») «ба одамӣ тавсия ва суфориш кардему андарз додем, ки бо падару модар некӯйӣ кунанд ва агар кӯшиш кунанд бо ту, ки баройи Ман шарик гиранд, чизе ки ту намедонӣ, ки Маро шарике нест! Пас, эшонро фармон мабару итоъат макун (ва бидон), ки бозгашти ҳамайи шумоҳо ба сӯйи Ман аст ва шуморо ба он чӣ мекунед, хабар медиҳам». Мақсуд он аст, ки силайи раҳм (некиву иҳсон дар баробари хешовандон–О. Ш.) дар корҳое воҷиб аст, ки хилофи шаръ набошад».)*

Ҳазор хеш, ки бегона аз Худо бошад,
Фидойи як тани бегона, к-ошно бошад!**

*(*****Маънойи байт:*** *Ҳазор хешованди бегона аз Ҳаққу дур аз Худо барх (фидо)-и гариби ноошно бод, ки дӯсту шиносойи Ҳақ аст!).*

Ҳикоят (44)

Пирмарде латиф дар Бағдод
Духтаракро ба кафшдӯзе дод.
Мардаки** сангдил чунон бигазид
Лаби духтар, ки хун аз ӯ бичакид.
Бомдодон падар чунон дидаш,
Пеши домод рафту пурсидаш.

К-ай фурӯмоя, ин чӣ дандон аст?!
Чанд хойӣ лабаш, на анбон аст!
Ба мазоҳат нагуфтам ин гуфтор,
Ҳазл бигзору ҷидд аз ӯ бардор!
Хӯйи бад дар табиъате, ки нишаст,
Надиҳад ҷуз ба вақти марг аз даст!

*(**Латиф…:** латифагӯ, нуктасанҷ. **Духтарак**–духтари маҳбубу азиз. ****Мардак**–ин ҷо ба маънойи таҳқир, яъне, марди фурӯмоя.*

*****Маънойи ду байти ахир**: «Ин суханро дар ҳақиқат ба тибат (хушӣ ва хуштабъӣ–О. Ш.)-у шӯхӣ нагуфтам ва агар ба сурат лоғ (лоч, бозӣ, масхарагӣ–О. Ш.) намояд, зоҳирро раҳо кун ва ба маънойи росту устувори он бинигар, чун маниши бад дар ниҳоди касе ҷой гузид, ҷуз ба мурдан аз вай ҷудо нашавад»).*

Ҳикоят (45)

Овардаанд, ки фақиҳе духтаре дошт бағоят зишт. Ба ҷойи занон расида *(бузургсол шуда)* ва бо вуҷуди ҷиҳозу ниъмат касе дар мунокаҳат (*ақди заношӯйӣ бастан)*-и ӯ рағбат наменамуд.

Зишт бошад дабиқию дебо,
Ки бувад бар арӯси нозебо!

*(**Дабиқию дебо:** ҷомаву порчаҳойи аз ҳарири мансуб ба Дабиқ (маконе дар Миср), ки як имомайи он (аз шиддати нозукӣ ва зарофат) ба понсад зироъ бармеомадааст («Луғатномайи Деҳхудо»).*

***Маънойи байт:** Ҷомайи дабиқӣ ва ҳарири нигорин бар боло (қомат–О. Ш.)-и арӯси зишт некӯ наёяд).*

Филҷумла, ба ҳукми зарурат ақди никоҳаш бо зарир *(нобино)*-е бибастанд. Овардаанд, ки ҳаким *(пизишки фарзона)*-е дар он таърих аз Сарандеб *(ҷазирайи Сийлон дар ҷануби Ҳинд)* омада буд, ки дидайи нобино равшан ҳамекард. Фақиҳро гуфтанд:

– Домодро чиро илоҷ накӯнӣ?

Гуфт:

– Тарсам, ки бино шаваду духтарамро талоқ диҳад. Шӯйи зани зиштрӯй нобино биҳ.

Ҳикоят (46)

Подшоҳе ба дидайи истиҳқор *(чашми хорӣ)* дар тоифайи дарвешон назар кард. Яке з-он миён ба фиросат ба ҷой оварду гуфт:

– Ай малик, мо дар ин дунё ба ҷайш аз ту камтарему ба айш хуштар ва ба марг баробару ба Қиёмат биҳтар!

*(**Маънойи гуфтори дарвеш**: Шоҳо, дар ин саройи сипанҷ аз ту (дороию сарвати дунё) камтар дорем, вале зиндагиямон осудатар аз туст ва ба ҳангоми даргузаштан бо ту яксонем, аммо ба Растохез аз ту бартарем!).*

Агар кишварҳудойи комрон аст,
Вагар дарвеши ҳоҷатманди нон аст,
Дар он соъат, ки хоҳанд ину он мурд,
Нахоҳанд аз ҷаҳон беш аз кафан бурд!
Чу рахт аз мамлакат барбаст хоҳӣ,
Гадойӣ биҳтар аст аз подшоҳӣ!**

*(****Маънойи қитъа**: Чӣ шаҳрёри пирӯзгару чӣ гадойи ба нон ниёзманд дар он дам, ки ҷон супоранд, аз гетӣ ҷуз якто ҷомайи марг бо худ намебаранд! Чун аз подшоҳӣ ба ночор чашм бояд пӯшида ба сафаре ногузаштанӣ биравӣ, пас дарвешиву осудагӣ аз ин салтанату гирифторӣ басе некӯтар аст!).*

Зоҳири дарвешӣ ҷомайи жанда асту мӯйи ситурда (*тарошидаву поккарда)*-ву ҳақиқати он дили зиндаву нафси мурда!

*(****Маънойи ҷумла**: Сурати дарвешӣ пашминаест пораву саре тарошида, вале ниҳону ботини он дилест равшану нафсе бадфармойи ба риёзат кушта).*

На он, ки бар дари даъвӣ нишинад аз халқе,
Вагар хилоф кунандаш, ба ҷанг бархезад.
Агар зи кӯҳ фурӯ ғалтад осиёсанге,
На ориф** аст, ки аз роҳи санг бархезад.

*(****Ориф:** шиносо, доно. Соҳибназаре, ки Аллоҳ Таъоло ӯро бино гардонад ба зоту сифот ва асмоу афъоли худ ва маърифати ӯ аз дида бошад, чунонки гуфтаанд: «Ориф аз дида гӯяду оқил аз шунида («Онандроҷ»).*

***Маънойи қитъа**: ****Дарвеш он нест, ки дар баробари мардум*

ба гизоф дуккони лофу маърифати Ҳақ кушояду бар маснади иршод нишинад; ва агар ба нописанди вай сухане гӯянд, ба ситеза бархезад (чӣ орифи ҳақиқӣ мухолафати душману носозгорийи дӯстро ба тақдири эзидӣ ҳавола мекунад). Агар аз кӯҳсор санги осиёе ба чархиш фуруд ояд, раҳрави манзилшинос он нест, ки аз раҳгузори санг ба каноре равад, чӣ ба қазойи Ҳақ хушнуд асту муътақид аст, ки

Агар теғи олам бичунбад зи ҷой,
Набуррад раге, то нахоҳад Худой!

Тавзеҳи Ғуломҳусайни Юсуфӣ *ба байти дувум: «Агар аз кӯҳсор санги осиёе фурӯ ғалтад, ориф он нест, ки аз гузаргоҳи санг бархезаду канор равад». Мақсуд лузуми таслиму ризо ба машийяту хости Худост).*

Тариқи дарвешон зикр* асту шукру хидмату тоъату исору қаноъат ва тавҳиду таваккулу таслиму таҳаммул. Ҳар кӣ бад-ин сифатҳо, ки гуфтам, мавсуф аст, ба ҳақиқат дарвеш аст вагар дар қабост**.

(Зикр: *дар аз истилоҳоти сӯфиён ва дар луғат ёд кардан; дар ин ҷо манзур ёд кардани Худост.*

******Маънойи ҷумлаҳо****: Равишу ойини сӯфиён ёд кардани Ҳаққу сипосгузорӣ ва ба мардум ёрӣ кардану фармони Ҳақ бурдан ва муроди дигаре бар коми худ баргузидану хурсандӣ ва Худоро яке гуфтану танҳо Ӯро муъассир дар вуҷуд донистан ва кори худ ба Худо бозгузоштану аз асбоби зоҳирийи дил буридан ва ба қазо гардан ниҳодану бурдборӣ дар баробари нохушиҳост; ҳар кӣ бад-ин маниш (сиришт, табиъат–О. Ш.)-ҳо, ки зикр кардам, хӯ кунад, сӯфист, агарчи дар ҷомайи хоҷагӣ (сарварӣ–О. Ш.)-ст).*

Аммо ҳарзагарде бенамоз, ҳавопараст, ҳавасбоз, ки рӯзҳо ба шаб орад дар банди шаҳвату шабҳо рӯз кунад дар хоби ғафлат ва бихурад ҳар чӣ дар миён ояду бигӯяд ҳар чӣ бар забон ояд, ринд аст, вагар дар абост (***Бе бандубору нопарҳезгор аст, агарчи дар гилем ё пашминайи дарвешист).*

Ай дарунат бараҳна аз тақвӣ,
К-аз бурун ҷомайи риё дорӣ.
Пардайи ҳафтранг дармагзор,

Ту, ки дар хона бӯрё дорӣ!

*(*****Маънойи қитъа**: Ай, ки ботини ту орӣ аз парҳезгористу ба сурат либоси фиребу найранг пӯшидайӣ ва фарши хонаат бӯрёст, пардайи рангоранги парниёнӣ фурӯ маёвез, то худро ба халқ нек бинмойӣ.)*

Ҳикоят (47)

Дидам, гули тоза чанд даста,
Бар гунбаде аз гиёҳ руста.
Гуфтам: «Чӣ бувад гиёҳи ночиз
То дар сафи гул нишинад ӯ низ?!»
Бигрист гиёҳу гуфт: «Хомӯш!
Суҳбат накунад карам фаромӯш!
Гар нест ҷамолу рангу бӯям,
Охир на гиёҳи боғи Ӯям?»

*(*****Карам:** дар ин ҷо ба маънойи карим ба кор рафта.*

***Маънойи ду байти ахир**: Гиёҳ гиря оғоз карду гуфт: «Хомӯш бошу беш хурда магир, ки марди карим ба бузургманишиюа бузургворийи худ ҳаққи ҳамсоягию ҳамхонагиро аз ёд намебарад ва аз ҳамнишинийи тиҳидастон рӯй барнаметобад; маро ҳам агарчи чу гулҳойи бехори ҷаҳон нақше хушу бӯе дилкаш нест, ба ҳар ҳол гиёҳи гулзори Офаридгорам!».*

***Доктор Хатиби Раҳбар**: «Саъдӣ дар ин абёт ба ғазали зер аз Санойии Ғазнавӣ назар доштааст:*

Хуршед Туйиву зарра моем,
Бар рӯйи Ту рӯй кай намоем?!
То кай ба ниқобу парда як раҳ
Аз кӯй барой, то бароем?!
Чун Ту санаму чу мо шаман нест,
Шаҳреву гуле Туйиву моем!
Охир на зи гулбуни Ту хорем,
Охир на зи боғи Ту гиёем?!
Гар дастайи гул наёяд аз мо,
Ҳам ҳезуми дегро бишоем!

Ва афзудаанд: «Дар ин ду манзума (аз Санойиву Саъдӣ), гузашта

аз ин, ки усорайи фикру руҳи матлаб чизи воҳидест ва ҳар ду шоъир мавзӯъро ба услуби худ парвaронидаанд, дар алфозу таркиби калимот низ мушобаҳате дида мешавад. Махсусан, дар байтҳойи чаҳоруму панҷуми Санойӣ ва байти аввалу чаҳоруми Саъдӣ таркиби калимаҳо айни якдигаранд» («Мақолоте дар борайи… Саъдӣ», 263 - 264).

Ман бандайи Ҳазрати Каримам,
Парвардайи ниъмати қадимам!
Гар беҳунарам вагар ҳунарманд,
Лутф аст умедам аз Худованд!
Бо он, ки бизоъате надорам,
Сармояи тоъате надорам!

*(*****Ҳазрати Карим:*** *даргоҳи Худованди бахшандаву бахшоянда.* ***Ниъмати қадим****–инъоми худовандӣ, ки зоташ азалию абадист, на муҳдас (чизи тозапайдошуда–О. Ш.).* ***Қадим****–беоғозу анҷом, дерина.* ***Бизоъат****–порае аз мол, ки бад-он тиҷорат кунанд).*

Ӯ чорайи кори банда донад,
Чун ҳеч василаташ намонад!

*(****Маънойи байт:*** *Чун бандайи дармондаро ҳеч сабабе аз асбоби расидан ба мурод набошад, Худованди Карим вайро фурӯ нагузораду чорайи кораш кунад).*

Расм аст, ки моликони таҳрир,
Озод кунанд бандайи пир.
Ай бор Худойи** оламорой,
Бар бандайи пири худ бибахшой!

*(*****Молики таҳрир:*** *касе, ки Ҳаққу қудрати озод кардани бандаро дорад.* ***Бор Худо****–Худованди Бузург.* ***Бор****–номест аз номҳойи Худойи Таъоло ва ба маънойи бузургиву рифъат ва шаъну шавкат бошад («Бурҳони қотиъ»).*

Маънойи ду байти ахир*: Худовандони бардаро ойин чунин аст, ки чокарони фартутро озод мекунанд. Ай Худованди бузурги ҷаҳонорой, ин бандайи дерсолайи афтодаро афв куну бар вай раҳмат ор!).*

Саъдӣ раҳи каъбайи ризо гир,

Ай марди Худо, дари Худо гир!
Бадбахт касе, ки сар битобад
З-ин дар, ки даре дигар биёбад!**

(***Каъбайи ризо:*** *қиблайи таслиму хушнудӣ ба фармони Ҳақ. Каъба–хонайи Худо; хонайи чаҳоргӯша.* ***Каъбайи ризо****–ризойи Эзидӣ, ки ҳамчун Каъба бояд ба сӯйи ӯ рӯй овард.*

******Марди Худо:*** *марди роҳи Ҳақ;* ***Биёбад:*** *биҷӯяд.*

Маънойи ду байти ахир*: Ай Саъдӣ, роҳи қиблайи ризову таслиму хушнудӣ ба фармони Ҳақ дар пеш гир; ай марди роҳи Ҳақ, мулозими даргоҳи Яздон бош; он кас аз ҳар дар рондаву матруд бошад, ки аз остони вай рӯй бигардонад, чӣ ҷуз даргоҳи Эзид паноҳе набошад (натавон ёфт).*

Ҳикоят (48)

Ҳакимеро пурсиданд:
– Аз саховату шуҷоъат кадом биҳтар аст?
Гуфт:
– Он киро саховат аст, ба шуҷоъат ҳоҷат нест.

Намонд Ҳотами Тойӣ, валек то ба абад
Бимонд номи баландаш ба некӯйӣ машҳур!
Закути мол бадар кун, ки фазлайи разро,
Чу боғбон бизанад, бештар диҳад ангур!

(***Ҳотами Тойӣ:*** *номи ҷавонмарди маъруф, писари Абдуллоҳ ибни Саъд аз қабилайи Тай, даргузашта ба соли 605 милодӣ. Ҳазрати Расул вайро ба макорими ахлоқ ситудаанд. Вай, илова бар карам, шоъире неку марде далер буд.*

Закут ё закот: *порае аз мол, ки ҷиҳати татҳир (пок кардан)-и бақия дар роҳи Худо диҳанд.*

Маънойи байт*: **Закоти мол ҷудо куну бидиҳ, ки боғбон чун разро бипирояд (шохҳойи зойидашро қатъ кунад), афзунтар бор оварад).*

* * *

Набишта-ст бар гӯри Баҳроми Гӯр:
Ки дасти карам биҳ зи бозуйи зӯр!

Боби савум

ДАР ФАЗИЛАТИ ҚАНОЪАТ

Ҳикоят (1)

Хоҳандайи мағрибӣ дар сафи баззозони Ҳалаб мегуфт: «Ай худовандони ниъмат, агар шуморо инсоф будию моро қаноъат, расми суъол аз ҷаҳон бархостӣ!».

(****Хоҳандайи мағрибӣ:*** *хоҳанда–сойил, гадо; мағрибӣ–аҳли мағриби исломӣ (дар шимоли ғарбийи Африқо, шомили кишварҳойи Марокаш, Тунис ва Алҷазоир). Номи «мағриб»-ро арабҳо ба ин ноҳия додаанд.*

Ҳалаб: *номи шаҳри маъруфи Шом (Сурия).*

Маънойи ҷумлаҳо*: **Дарюзагаре аз диёри Бохтар дар роста (раста, рада, роҳи рост–О. Ш.)-и ҷомафурӯшони бозори Ҳалаб мегуфт: «Ай молдорон, агар шумо диҳанда будеду мо қаноъатпеша, шевайи гадойӣ аз дунё рахт мебаст).*

Ай қаноъат, тавонгарам гардон,
Ки вароъи** ту ҳеч ниъмат нест!
Кунҷи сабр ихтиёри Луқмон аст,
Ҳар киро сабр нест, ҳикмат нест!

*(*****Вароъ*****:** *ҷуз, пеш, сипас; вароъи ту–ин ҷо ба маънойи бартар аз ту.*

******Луқмон****–Доктор Хатиби Раҳбар мурод аз Луқмон ибни Боъувро, ҳакими номӣ, хоҳарзодайи Айюб, алайҳиссалом ва шогирди Ҳазрати Довудро хондааст, бе он ки манбаъи тавзеҳи хешро ишора намояд. Аммо дар китоби «Тарҷума ва қиссаҳойи Қуръон» мубтанӣ бар тафсири Абубакр Атиқи Нишопурӣ (ҷилди дувум, с. 838-840) дар боби сурайи Луқмон(29) омадааст, ки «Дар ахбор аст, ки Луқмони Ҳаким марде буд дар рӯзгори Довуд, алайҳиссалом, бандае ҳабашӣ дар дасти марде аз Банӣ-Исроил, озодӣ ёфт. Ва сабаби озодийи вай он буд, ки вақте дар саройи хоҷайи ӯ гӯспанде бикуштанд, хоҷа гуфт Луқмонро «Биҳини чизе аз он гӯспанд ба ман ор!» Луқмон бирафт, дилу забони он гӯспанд пеши ӯ овард. Гуфт: «Бирав батар (бадтар–О. Ш.) чизе аз он гӯспанд пеши ман овар!» Луқмон бирафт, боз ҳам дилу забон пе-*

ши ӯ овард. Ӯро гуфт: «Чӣ гуна аст, ки биҳин хостам, ин овардӣ, чун батар хостам ҳамин овардӣ?» Луқмон гуфт: «Зеро ки бар тани мардум аз ин ду чиз биҳ набувад, ҳам аз ин ду батар набувад». Хоҷа гуфт: «Аҳсант, дареғ бошӣ ту ба бандагӣ, рав, ки озодӣ!». Чун озодӣ ёфт, ба илм омӯхтан (машғул)шуд, аз ҳазору ҳафтсад устод илм омӯхт ва худ марде буд равшандил, мутавозиъ, хубишрат, накӯхӯй, обиду зоҳид, носиҳу мушфиқ, ростгӯй, ҳаргиз дурӯғ нагуфтӣ.

Худойи Таъоло ӯро мухайяр кард (ихтиёр дод–О. Ш.) миёни кори нубуввату миёни илму ҳикмат. Вай илму ҳикмат ихтиёр кард. Ҳақ Таъоло ӯро ҳакимтарини (аҳли) рӯйи замин гардонид»…–О. Ш.)

******Ҳикмат****–дониш, дод.*

Маънойи қитъа*: Ай хурсандӣ, маро бениёз соз, ки бартар аз ту хоста ва мавҳибат (бахшиш, диҳиш–О. Ш.)-е дар ҷаҳон нест; гузидайи Луқмон гӯшайи шикебойӣ ё ганҷи сабр аст; ҳар кӣ бадон чӣ дорад қониъ нест, аз доду дониш бебаҳра аст).*

Ҳикоят (2)

Ду амирзода дар Миср буданд: яке илм омӯхту дигарӣ мол андӯхт. Оқибатуламр *(саранҷоми кор)* он яке алломайи аср гашт ва ин яке азизи Миср шуд. Пас ин тавонгар ба чашми ҳақорат дар фақиҳ назар кардию гуфтӣ:

– Ман ба салтанат расидам ва ин ҳамчунон дар масканат бимондааст.

Гуфт:

– Ай бародар, шукри ниъмати Борӣ, аззасмуҳу *(номи Вай гиромӣ бод)*, ҳамчунон афзунтар аст бар ман, ки мероси пайғамбарон* ёфтам, яъне, илм ва туро мероси Фиръавну Ҳомон расид, яъне, мулки Миср.

*(****Мероси пайғамбарон… Яъне, илм:*** *зоҳиран ишораест ба ин ҳадис: «Ал-ъуламоъу варосатуланбиёи», «Олимон ворисони пайғамбаронанд» ((«Файз-ул-қадир», 4/384).*

*******Фиръавн:*** *подшоҳи худкома ва беимони Мисри қадим, дар рӯзгори қабл аз милоди Масеҳ, ки муъосиру муъориз (мухолиф, муқобил) бо Ҳазрати Мусо(а) буд ва саранҷом, дар ҳоле ки дар таъқиби Ҳазрати Мусо(а) ва Банӣ-Исроил буд, дар дарёи Сурх ғарқ шуд.* ***Ҳомон****–вазиру мушовири Фиръавн.*

******Маънойи чанд ҷумла:*** *Гуфт: «Ай бародар, ман сипоси ато-*

ёи Офаридгорро (ки номи Вай гиромӣ бод!) яқин бештар бояд бигузорам, чи ирси анбиёи Илоҳӣ, яъне, дониш баҳрайи ман шуд ва ту мурдарег (моли ба касе аз мурда расида–О. Ш.)-и Фиръавну Ҳомон (вазири Фиръавн), яъне, подшоҳиюа фармонравоӣ ёфтӣ).

Ман он мӯрам, ки дар поям бимоланд,
На занбӯрам, ки аз дастам биноланд!
Куҷо худ шукри ин ниъмат гузорам,
Ки зӯри мардумозорӣ надорам?!

*(******Куҷо худ шукри…:*** *ин байт ҳукми масали сойир пайдо кардааст.*

*****Ки зӯри мардумозорӣ…:*** *Ҳофиз ин мисраъро дар байте чунин тазмин кардааст:*

Ман аз бозуйи худ дорам басе шукр,
Ки зӯри мардумозорӣ надорам!

******Маънойи абёт****: Ман он мӯрчайи нотавонам, ки пайсипари ину он шавам, занбӯр нестам, ки аз дасти нешам нолаву фарёд кунанд; ман аз уҳдайи шукри ин атийяи эзидӣ–нотавонӣ бар мардумозорӣ–ҳаргиз барнатавонам омад).*

Ҳикоят (3)

Дарвешеро** шунидам, ки дар оташи фоқа месӯхту руқъа бар хирқа ҳамедӯхт ва таскини хотири мискинро ҳамегуфт:

*(*****«-ро»****–дар ин ҷо зойид ба назар мерасад; Саъдӣ гоҳ аз овардани ин гуна «-ро» сарфи назар мекунад, чунонки дар ҳикояти (25) боби аввал «яке аз мулуки араб шунидам, ки мутаъаллиқонро ҳамегуфт» овардааст. Дар ин ҷо ҳам «дарвешеро шунидам, ки» муъодили он аст, ки гуфта бошад: «шунидам, ки дарвеше» ё «дарвеше шунидам, ки дар оташи фоқа месӯхт».*

Маънойи чанд ҷумла: *Шунидам, ки сӯфие дар оташи тангдастиву ниёз месухту пора бар пора медӯхту баройи ором кардани дили дардманди худ мегуфт).*

Ба нони хушк қаноъат кунему ҷомайи далқ,
Ки бори миҳнати худ биҳ, ки бори миннати халқ!

*(*****Маънойи байт:*** *Ба нонпорае бе хуришу пашминҷомайи хеш қаноъат кунем, чӣ бори ранҷи тиҳидастийи худ бурдан шойи-*

статар аз бори миннати мардум ба дӯш кашидан аст).

Касе гуфташ:

– Чӣ нишинӣ, ки фулон дар ин шаҳр табъе карим дораду карараме амим. Миён ба хидмати озодагон баставу бар дари дилҳо нишаста. Агар бар сурати ҳоли ту, чунонки ҳаст, вуқуф ёбад, поси хотири азизон доштан миннат дораду ғанимат шуморад.

Гуфт:

– Хомӯш, ки дар пасӣ *(тангдастиву вомондагӣ)* мурдан биҳ, ки ҳоҷат пеши касе бурдан.

(Маънойи чанд ҷумлайи ахир: Маънойи чанд ҷумлайи ахир: *дар ҳамин шаҳр баҳмон (фулон–О. Ш.) мардест, ки маниши вай бахшиш асту диҳиши вай бисёр, омодайи хидмати озодмардон ва ҷӯёи хушнудийи ину он! Агар бар чигунагийи ҳоли ту, ончунонки ҳаст, огоҳ шавад, ба тафаққуди ҳоли ту кӯшаду сипос дорад ва иҳсон карданро суди хеш донаду қадр шиносад». Гуфт: «Лаб фурӯ банд, чи дар пасӣ ҷон супурдан биҳ аз дасти ниёз ба сӯйи касе дароз кардан!»).*

Ҳам* руқъа дӯхтан биҳу илзоми** кунҷи сабр,
К-аз баҳри ҷома руқъа бари хоҷагон набишт.
Ҳаққо, ки бо уқубати Дӯзах баробар аст.
Рафтан ба поймардийи** ҳамсоя дар Биҳишт!

(***Ҳам руқъа дӯхтан…:*** *руқъа дӯхтан, яъне, васла задан бар либос; руқъа бари хоҷагон набишт–навиштани номаву тақозонома ба ҳузури аъёну ашроф.*

Илзоми кунҷи сабр: *пайваста мондан дар зовияи шикебойӣ.*

Поймардийи ҳамсоя: *шафоъат ва мададкорийи ҳамсоя.*

Маънойи қитъа*: *Пора бар пора дӯхтану пайваста дар зовияи шикебойӣ мондан биҳ, ки ба талаби ҷомайи бузургон нома навиштан; бо шафоъату миннати ҳамсоя ба Биҳишт даромадан, ба ростӣ, бо шиканҷайи оташ яксон аст).*

Ҳикоят (4)

Яке аз мулуки Аҷам табибе ҳозиқ ба хидмати Мустафо, саллалоҳу алайҳи ва саллам, фиристод. Соле дар диёри Араб буд ва касе* таҷриба** пеши ӯ наёвардӯ муъолаҷа аз вай дарнахост. Пеши Пайғамбар омаду гила кард, ки мар ин бандаро баройи муъолаҷати

асҳоб фиристодаанд ва дар ин муддат касе илтифот *(нигариш, тавоҷуҳ)*-е накард, то хидмате, ки бар банда муъайян аст, ба ҷой оварад.

*(******Касе таҷриба пеши ӯ наёвард****–маънойи ин иборат равшан нест. Шодравон Юсуфӣ аз қавли баъзе манобиъ таҷрибаро ба маънойи қорура (шишайи идрори бемор, ки баройи ташхиси навъи беморӣ назди табиб мебаранд) донистааст. Низ метавон таҷрибаро ба маънойи муъоянайи пизишк ва муроҷаъайи бемор ташреҳ дод.*

******Таҷриба:*** *озмойиш; дар ин ҷо мурод қорураест, ки баройи озмойиш назди пизишкон баранд.* ***Қорура****–шишайи кӯчаки мудаввар, ки ба сурати масона созанду дар он бавл пур кунанд. Чун бавлро низ бад-ин ном хонанд, пас ин муҷоз бошад ба тасмияи ҳол ба исми маҳал («Онандроҷ»); пизишк бо озмойиши қорура ба тандурустӣ ё нотандурустийи шахс пай мебарад.)*

Расул, алайҳиссалом, гуфт:

– Ин тойифаро тариқатест, ки то иштиҳо ғолиб нашавад, нахуранд ва ҳанӯз иштиҳо боқӣ бувад, ки даст аз таъом бидоранд*.

*(****Даст аз таъом бидоранд:*** *аз ғизо даст бикашанд. Дар «Эҳёуд-дин», аз қавли пизишке аз аҳли Савод(номи минтақае миёни Даҷлаву Фурот–О. Ш.) дар гуфтугӯе бо се табиби дигар: ҳиндӣ, румӣ ва ироқӣ дар ҳузури Ҳорунуррашид, чунин омадааст: «Доруе, ки дар он дарде нест, наздики ман он аст, ки нахӯрӣ, то иштиҳо содиқ нашавад ва даст аз таъом бидориву ҳанӯз иштиҳо боқӣ бувад»… Ва Пайғамбар, алайҳиссалом, гуфт: «Ал-битнату доъун валҳиммату давоъу»… «Бисёрхорӣ асли дард асту парҳезгорӣ асли дору». Шодравон доктор Хазойилӣ низ дар «Шарҳи «Гулистон» ба ин қисмат тавоҷуҳ кардааст).*

Ҳаким гуфт

– Ин аст мӯҷиби тандурустӣ. Замин бибӯсиду бирафт.

Сухан он гаҳ кунад ҳаким оғоз,
Ё сарангушт сӯйи луқма дароз.
Ки зи ногуфтанаш халал зояд,
Ё зи нохӯрданаш ба ҷон ояд.
Лоҷарам, ҳикматаш бувад гуфтор,
Хӯрданаш тандурустӣ орад бор.

*(*****Маънойи қитъа****: Фарзонаву доно он гоҳ лаб ба сухан меку-*

шояд ё даст ба гирифтани луқма дароз мекунад, ки бидонад аз хомӯшийи вай табоҳӣ дар кор падид меояд ё аз нахӯрдан ҷонаш ба лаб мерасад; ногузир каломи вай айни донишу дод ва ғизо хӯрданаш мояи саломати тан аст).

Ҳикоят(5)

Дар сирати Ардашери Бобакон омадааст, ки ҳакими араб *(пизишку донойи тозинажод)*-ро пурсид, ки рӯзе чӣ моя таъом бояд хӯрдан?

(****Сирати Ардашери Бобакон:** *равиш ва тариқайи зиндагийи Ардашери Бобак. Ардашери Бобакон–Ардашери фарзанди Бобак. «Ардашер» ба маънойи шаҳрёре муқаддас аст («Ҳавошийи «Бурҳони қотиъ», тасҳеҳи доктор Муъин). Вай муъасиси силсилайи Сосонӣ буда ва аз 224 то 241 милодӣ подшоҳӣ кардааст. *Писари Бобак буд (ва лақаби Бобакон аз ин ҷост…) («Доиратулмаъорифи форсӣ».)*

Гуфт:

– Сад дирам** санг кифоят аст.

Гуфт:

– Ин қадар чӣ қувват диҳад?

Гуфт:

– *«*Ҳоза-л-миқдору яҳмилука ва мо зода ъало золика фаанта ҳомилуҳу» Яъне, ин миқдор туро бар пой ҳамедорад ва ҳар чӣ бар ин зиёдат кунӣ, ту ҳаммоли онӣ!

*(**Сад дирам санг: сад дирам ба вазн.* ***Дирам****–вазне муъодили шаш донг ва ҳар донг муъодили ду қироту ҳар қирот муъодили чаҳор ҷав. «Дирам» воҳиди пул низ будааст ва баройи имтиёзи ин ду аз якдигар, ҳар ҷо мурод воҳиди вазн бувад, калимайи «санг» (вазн) бар пайи он оварда мешавад).*

Хӯрдан баройи зистану зикр кардан аст,
Ту муътақид, ки зистан аз баҳри хӯрдан аст!

*(**Маънойи байт: Хуриш баройи зинда мондану ёди Худо кардан аст; ту ба ғалат чунон донӣ, ки зиндагӣ танҳо хӯрдану нӯшидан аст!*

**Мазмуни байт шабеҳ аст ба ин сухан: «Анносу йуҳиббуналҳаёта лийаъкулу ва ано окилун лиаҳё» (Нақл аз «Ал-*

Мутанаббӣ ва Саъдӣ», 137), яъне, «Мардум зиндагиро дӯст медоранд, то бихуранду ман мехурам, то зинда бошам»).

Ҳикоят (6)

Ду дарвеши хуросонӣ мулозими суҳбати якдигар *(пайваста дар мусоҳабат ва ҳамроҳии якдигар)* сафар кардандӣ. Яке заъиф буд, ки ҳар ба ду шаб *(ҳар ду шаб як бор)* ифтор кардӣ *(рӯза мекушуд)* ва дигар қавӣ, ки рӯзе се бор хӯрдӣ. Иттифоқан, бар дари шаҳре ба туҳмати ҷосусӣ** гирифтор омаданд.

*(**__Туҳмати ҷосусӣ:__ гумони бад. «Ҷосусӣ» мураккаб аз «ҷосус» (ҷӯяндайи хабар) + ӣ ба маънойи «таҷассус» (хабар ҷустан).*

Ҳар дуро ба хонае карданду дар ба гил баровардand. Баъд аз ду ҳафта маълум шуд, ки бегуноҳанд. Дарро кушоданд. Қавиро диданд мурдаву заъиф ҷон ба саломат бурда. Мардум дар ин аҷаб монданд. Ҳакиме гуфт:

– Хилофи ин аҷаб будӣ *(*агар бар хилофи ин рӯй медод, сабаби таъаҷҷуб мешуд)*. Он яке бисёрхор будааст, тоқати бенавойӣ наёварду, ба сахтӣ ҳалок шуд. В-ин дигар хештандор будааст, лоҷарам, бар одати хеш сабр карду ба саломат бимонд.

Чу кам хӯрдан табиъат** шуд касеро,
Чу сахтӣ пешаш ояд, саҳл гирад.
Ва гар танпарвар аст андар фарохӣ,
Чу тангӣ бинад, аз сахтӣ бимирад.

(***Табиъат**–хӯй ва сиришт.*

__Маънойи қитъа__: Чун қаноъату камхорӣ хӯю сиришти мард гардад, ҳар душворӣ, ки бар вай рӯй кунад, осон шуморад; вале ба ҳангоми тавонгарӣ таносонӣ кунад, чун зиндагӣ бар вай сахт гирад, аз миҳнату ранҷ ҷон супорад).

Ҳикоят (7)

Яке аз ҳукамо писарро наҳӣ ҳамекард аз бисёр хӯрдан, ки серӣ мардумро ранҷур кунад.

Гуфт:

– Ай падар, гуруснагӣ халқро бикушад. Нашунидайӣ, ки зари-

фон гуфтаанд: «Ба серӣ мурдан биҳ, ки гуруснагӣ бурдан!».

Гуфт:

– Андоза нигаҳ дор–«куду ва-шрабу ва ло тусрифу»!*

كُلُواْ وَاشْرَبُواْ وَلاَ تُسْرِفُواْ

(Қисмате аз ояи 31, сурайи Аъроф(7); яъне, «Бихӯреду биёшомед, вале исроф накунед»).

На чандон бихӯр, к-аз даҳонат барояд,
На чандон, ки аз заъф ҷонат барояд**.

*(**__Маънойи байт:__ Ба он андоза махӯр, ки хурок аз даҳонат бурун резад ва он қадар ҳам кам махӯр, ки аз сустиву нотавонӣ ҷонат ба лаб расад.*

На чандон бихӯр…: *ин байт ҳукми масали сойир пайдо кардааст.).*

* * *

Бо он ки дар вуҷуди таъом аст айши нафс,
Ранҷ оварад таъом, ки беш аз қадар бувад.
Гар гулшакар хӯрӣ ба такаллуф, зиён кунад,
Вар нони хушк дер хӯрӣ, гулшакар бувад**.

*(***__Гулшаккар:__ мураккаб аз гулу шаккар, маъруф ба гулқанд, ки қуввати дил афзояд («Анҷуманоройи Носирӣ»).*

***__Маънойи қитъа__**: агарчи хушиву шодийи ҷони ҳайвонӣ ба хӯриш аст, чун хӯрданӣ аз андоза афзунтар бошад, мояи дарду беморӣ гардад. Агар гулқанд беш аз андозаву тоқати мизоҷ хӯрӣ, зарар расонад ва агар хушкор (нони бехӯриш)-е дер-дер хӯрӣ, дар коми ту чун гулқанд намояду судманд бошад).*

Ранҷуреро гуфтанд:

– Дилат чӣ мехоҳад?

Гуфт:

– Он, ки дилам чизе нахоҳад.

Миъда чу каҷ гашту шикам дард хост,
Суд надорад ҳама асбоби рост.

(**__Маънойи байт:__ Чун миъда ба иллати пурхӯриҳо фурӯ афтаду мунҳариф гардад, дарди шикам падид ояд; дурусту омода*

будани ҳама васойили зиндагийи хуш фоидае накунадуа шахс аз дард халос наёбад.

Дар нусхайи Ғуломҳусайни Юсуфӣ ва Муҳаммади Хазойилӣ ба ҷойи байти боло ин байт омадааст:

Макун, гар мардумӣ, бисёрхорӣ,
Ки саг з-ин мекашад бисёр хорӣ!).

Ҳикоят (8)

Баққолеро дираме чанд бар сӯфиён гирд омада буд дар Восит.

*(*****Баққол:*** *дар истилоҳи форсӣ касест, ки бештар паниру мосту ширу сирка ва хурмову мева фурӯшад.* ***Восит****–номи шаҳре дар Ироқ (миёни Бағдоду Басра) ва, ба ҳамин сабаб, номи онро «восит» (дармиёнбошанда) ниҳоданд.* ***Маънойи*** *ҷумла: Дарвешон чанд сикка сим дар баҳойи колойи насяи баққоле дар шаҳри Восит бидиҳкор (вомдор, қарздор) буданд).*

Ҳар рӯз мутолабат кардиву суханони бохушунат гуфтӣ. Асҳоб аз таъаннут *(маломату сарзанишу бадгӯйӣ)*-и вай хастахотир ҳамебуданд ва аз таҳаммул чора набуд. Соҳибдиле дар он миён гуфт:

– Нафсро ваъда додан ба таъом осонтар аст, ки баққолро ба дирам.

Тарки иҳсони хоҷа авлотар,
К-иҳтимоли ҷафойи баввобон!
Ба таманнойи гӯшт мурдан биҳ.
Ки тақозойи зишти қассобон**.

*((*****Маънойи қитъа****: Аз некиҳойи миҳтарон умед буридан сазовортар аст, то бар бадхӯйийи дарбононашон бурдборӣ кардан. Дар орзуйи гӯшт ҷон супурдан осонтар аст, то ба русвоийи вом хостани қассобон гирифтор омадан.*

Ба таманнойи гӯшт…: *ин байт ҳукми масали сойир пайдо кардаст.).*

Ҳикоят (9)

Ҷавонмардеро дар ҷанги тотор ҷароҳате ҳавл *(вазнин)* расид. Касе гуфт: «Фулон бозаргон нӯшдору** дорад. Агар бихоҳӣ, бошад, ки дареғ надорад». Гӯянд, он бозаргон ба бухл маъруф буд.

*(*****Тотор*** *ва татор ва татар–номи вилоятест дар Туркистон ва туркони ҳамон сарзамин.*

******Нӯшдору****–тарёқ ва позаҳр; «нӯш» дар паҳлавӣ «анӯш» ва дар Авасто* ***anaosha*** *ба маънойи «бемарг»; пас нӯшдору, яъне, доруйи ҷонбахш ё ҷонпарвар).*

Гар ба ҷойи нонаш андар суфра будӣ Офтоб,
То Қиёмат рӯзи равшан кас надидӣ дар ҷаҳон!

*(*****Маънойи байт:*** *Агар қурси Офтоб ба ҷойи гирдайи нон дар тӯшадони вай буд, то Растхез дигар кас рӯзи тобон ба чашм намедид).*

Ҷавонмард гуфт: «Агар хоҳам, дору диҳад ё надиҳад вагар диҳад, манфаъат кунад ё накунад ? Боре *(ба ҳар ҳол)*, хостан аз ӯ заҳри кушанда аст.

Ҳар чӣ аз дунон ба миннат хостӣ*,
Дар тан афзудию аз ҷон костӣ.

*(****Ҳар чӣ аз…:*** *ҳар чӣ аз мардуми пасту фурӯмоя ба миннату хорӣ талаб кардӣ, бо ин кор танатро парвардиву фарбиҳ кардию ҷонатро хору низор (лоғар)!)*

Ва ҳакимон гуфтаанд: «Оби ҳаёт агар фурӯшанд, филмасал, ба оби рӯй, доно нахарад, ки мурдан ба иллат биҳ аз зиндагонӣ ба мазаллат!».

*(*****Маънойи чанд ҷумла:*** *Доноён гуфтаанд: «Оби зиндагӣ (бақо) агар, ба масал, ба баҳойи обрӯву шараф диҳанд, ҳаким нахарад, ки аз бемориву дард ҷон супурдан хуштар аст, то дар хориву нанг зистан!).*

Агар ҳанзал хурӣ аз дасти хушхӯй,
Биҳ аз ширинӣ аз дасти турушрӯй!*

*****Ҳанзал:*** *ҳиндувона (тарбуз–О. Ш.)-и Абуҷаҳл, мевайи гиёҳе, ки ба андозайи норинҷ мешавад ва бисёр талх асту масрафи доруйӣ дорад.*

Агар ҳанзал хурӣ…: *ин байт ҳукми масали сойир пайдо кардааст.).*

Ҳикоят (10)

Яке аз уламо хурандайи бисёр дошту кафофи андак. Якеро аз бузургон, ки дар ӯ муътақид буд, бигуфт. Рӯй аз таваққуъи ӯ дарҳам кашиду таъаррузи суъол *(арзи ҳоҷат)* аз аҳли адаб дар назараш қабеҳ омад.

*(*****Маънойи чанд ҷумла:*** *Яке аз донишмандон нонхури бисёр дошту рӯзгори кам, ба яке аз миҳтарон, ки бад-ӯ иродат дошт, ҳол бигуфт. Миҳтар аз чашмдошти вай рӯй турш карду арзи ҳоҷат аз донишманд ба дидааш нописанд омад).*

Зи бахт рӯйтурушкарда, пеши ёри азиз
Марав, ки айш бар ӯ низ талх гардонӣ!
Ба ҳоҷате, ки равӣ тозарӯю хандон рав,
Фурӯ набандад кори кушодапешонӣ!

*(*****Маънойи қитъа****: Нохушу туршрухсора аз носозгорийи бахт ба назди ёри гиромӣ марав, ки зиндагийи хуши вайро ҳам нохушоянд созӣ; чун ба арзи ниёзе рӯй оварӣ, хушрӯву мутабассим бош, ки кори кушодарӯ ҳеч гоҳ фурӯбаста намонад).*

Овардаанд, ки андаке дар вазифа *(рӯзгор, ротиба)*-и ӯ зиёдат карду бисёре аз иродат кам (*гуфтаанд, ки он миҳтар бар рӯзгори ӯ каме афзуду аз ихлоси худ ба вай бисёр бикост)*. Донишманд чун пас аз чанд рӯз маваддати маъҳуд *(**дӯстиву иродати маълуф (хӯгирифта–О. Ш.)-и пешин ва дидаву шинохтаву дерина)* барқарор надид, гуфт:

Биъсалматоъиму ҳиназзуллу яксибуҳо,
Ал-қидру мунтасабун валқадру махфузун**.

(***Маънойи байт:*** *Ногувортарини хӯрданиҳо хӯришест, ки ба хориву зорӣ ба даст ояд (кас ба хорӣ онро ба даст оварад); дег бар бор гузошта мешавад, вале мартабаву мақоми одамӣ паст мегардад).*

* * *

Нонам афзуду обрӯям кост,
Бенавойӣ биҳ аз мазаллати хост!

*(*****Мазаллати хост:*** *хориву забунийи хоҳандагӣ ва суъоли ба каф (дасти талаб дароз кардан–О. Ш.).*

Маънойи байт*: Нонхуришам зиёду иззатам кам бошад; тангдастиву бесомонӣ биҳ аз хорийи хоҳишу суъоли ба каф!).*

Ҳикоят (11)

Дарвешеро зарурате пеш омад. Касе гуфт:

– Фулон ниъмате дорад беқиёс. Агар бар ҳоҷати ту воқиф гардад, ҳамоно ки дар қазойи он таваққуф *(бозистодан)* раво надорад.

*(*****Маънойи ду ҷумла****: Агар бар ниёзи ту огоҳӣ ёбад, яқин, дар баровардани он диранг ҷойиз нашумарад).*

Гуфт:

– Ман ӯро надонам.

Гуфт:

– Манат раҳбарӣ кунам.

Дасташ бигирифт, то ба манзили он шахс даровард. Якеро дид, лабфурӯҳишта ва тунд нишаста*. Баргашт ва сухан нагуфт.

(****Тунд нишаста****–Яъне, бо пурмуддаъойиву ризояти нафсу бади бурут нишаста буд. Ҳофиз гӯяд:*

На ҳар кӣ тарфи кулаҳ каҷ ниҳоду тунд нишаст,
Кулоҳдориву ойини сарварӣ донад!).

Касе гуфташ:

– Чӣ кардӣ?

Гуфт:

– Атойи ӯро ба лиқойи ӯ бахшидам!

*(****Атойи ӯро…:*** *бахшиши ӯро ба дидори нохушояндаш бахшидаму аз он сарфи назар кардам. Саъдӣ дар «Бӯстон» (б. 2752) низ гуфтааст:*

Бигуфт: «Ай писар, талхийи мурданам,
Биҳ аз ҷаври рӯйи туруш бурданам!»

Дар «Девон»-и Носири Хусрав низ омадааст:

Лекин маро ба гуруснагӣ сабр хуштар аст,
Чун ёфтан зи дасти фурӯмоягон таъом!).

Мабар ҳоҷат ба наздики турушрӯй,
Ки аз хӯйи бадаш фарсуда гардӣ!
Агар гӯйӣ ғами дил, бо касе гӯй,
Ки аз рӯяш ба нақд** осуда гардӣ!

*(*****Ба нақд:*** *билофосила, дардам, филҳол;* ***нақд****–он чӣ дарҳол дода шавад, хилофи насия.*

Маънойи қитъа*: Арзи ҳоҷат пеши абус (туршрӯй–О. Ш.) макун, ки аз гирифтагийи чиҳраву тундхӯйии вай ҷонат ба лаб расад; агар рӯзе андӯҳи хотир хоҳӣ гуфтан, онро ба касе гӯй, ки аз дидори чиҳрайи кушодааш дардам осойиш ёбӣ).*

Ҳикоят (12)

Хушксоле дар Искандарийя инони тоқати дарвеш *(фақир)* аз даст рафта буд. Дарҳойи осмон *(дарҳои раҳмати Ҳақ)* бар замин баставу фарёди аҳли замин ба осмон пайваста.

*(******Искандарийя:*** *«шаҳре дар шимоли Миср, бандари умдае дар канори дарёи Мадитарона ё Баҳри Миёназамин… Дар соли 332 то милод ба василайи Искандари Мақдунӣ таъсис шуд»…(«Доиратулмаъорифи форсӣ»).*

Маънойи ҷумла*: Дарҳойи раҳмати Ҳақ бар рухи хокдони замин масдуд буду нолайи хокиён ба афлок бармешуд; яъне, борони карам аз абри раҳмат бар ҷаҳони хок фурӯ намечакиду:*

Чунон осмон бар замин шуд бахил,
Ки лаб тар накарданд заръу нахил!).

Намонд ҷонвар аз ваҳшу тайру моҳию мӯр,
Ки бар фалак нашуд аз бемуродӣ афғонаш!
Аҷаб ки дуди дили халқ ҷамъ менашавад,
Ки абр гардаду селоби дида боронаш!

*(*****Ваҳш****–ҷонвари даштӣ.* ***Тайр****–паранда.*

Маънойи қитъа*: Ҷондоре аз ҷонварони ваҳшӣ ва парандаву моҳиву мӯр барҷой намонд, ки аз берӯзӣ мондану сахтӣ фарёдаш бар осмон барнарафт! Шигифто, ки оҳи дили мардумон фароҳам*

намешавад, то абре падид ояду сели сиришк борон гардад! Камоли Исмоъил ҳамонанди ин маънӣ байте дорад:

Ин абри намгирифта зи дарёи бекарон
Дуди дили ман асту дар ӯ ашки ман ниҳон!).

Дар чунин сол муханнасе дур аз дӯстон, ки сухан дар васфи ӯ тарки адаб аст, хосса дар ҳазрати бузургон ва ба тариқи иҳмол аз он даргузаштан ҳам нашояд, ки тоифайе бар аҷзи гӯянда ҳамл кунанд (*гумон баранд)*.

*(*****Муханнас:*** *дутогардонида ба киноя; яъне, номард, ҳез; исми мафъул аз тахнис, ба маънойи хам додану дуто гардонидан.*

******Дур аз дӯстон:*** *дур аз ёрон; яъне, ёрон чунин набошанд.*

Маънойи ҷумла*: Дар чунин соле номарде,–дӯстон чунин набошанд,–ки чигунагийи ҳолаш гуфтан риъоят накардани ҳадди тарбият аст, бавижа, дар даргоҳи миҳтаронуа онро ногуфта гузоштан ва гузаштан низ шойиста нест, ки гурӯҳе бар нотавониву хамуди қариҳайи сарояндайи ин сухан қиёс кунанду гумон баранд).*

Бар ин ду байт иқтисор кунем *(басанда кунем, суханро кӯтоҳ кунем)*, ки андак далели бисёре бошаду муште намудори харворе:

Гар татар* бикушад ин муханнасро,
Татареро дигар набояд кушт!
Чанд бошад чу ҷисри Бағдодаш
Об дар зеру одамӣ дар пушт?!

*(****Гар татар…:*** *агар тотор он номардро бикушад, муғулро ба кайфари он набояд кушт (зеро он фурӯмоя сазовори куштан аст). То кай он номард чун пули Бағдод об дар зеру одамиёнро бар пушти худ дорад?!)*

Чунин шахс, ки як тараф аз наъти ӯ шунидӣ, дар ин сол ниъмате бекарон дошт. Тангдастонро симу зар додиву мусофиронро суфра ниҳодӣ. Гурӯҳе дарвешон аз ҷаври фоқа *(дарвешиву ниёз)* ба тоқат расида буданд. Оҳанги даъвати ӯ карданд ва мушоварат ба ман оварданд. Сар аз мувофақат боззадам ва гуфтам:

*(*****Тараф****–порае аз ҳар чизе.* ***Наът****–васф кардан ба*

писандидагӣ; дар ин ҷо «наът»-ро ба маънойи «зид» ба кор бурда, яъне–авсофи нописанд).

Нахурад шер нимхӯрдайи саг
Вар бимирад ба сахтӣ андар ғор*.

*(****Ба сахтӣ:*** *аз шиддати гуруснагӣ. Назири чунин мазмун дар поёни боби аввали «Гулистон» (охири ҳикояти 40) омадааст ва низ аз Саъдӣ аст:*

Агар анқо зи бебаргӣ бимирад,
Шикор аз чанги гунҷишкон нагирад!

Санойӣ дар «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа» сурудааст:

Сифла дорад баҳри рӯзӣ бим,
Нахурад оши гармкарда карим!
Нахурад шер сайди худ танҳо,
Чун шавад сер, монда кард раҳо!
Дар забони арабӣ низ гуфтаанд:
Ва тақтанибулусуду вуруда моин,
Изо коналкилобу ва лиғна фиҳи!

Шерон аз вуруд шудан ба об, ҳар гоҳ сагҳо ба он забон задаву нӯшида бошанд, худдорӣ мекунанд (Ба нақл аз «Ал-Мутанаббӣ ва Саъдӣ», с. 178).

Ва лайсаллайсу мин ҷуъин биғодин,
Ъало ҷайфин тутифун биҳалкилобу.

Шер бар асари гуруснагӣ ба мурдорҳое, ки сагҳо пиромуни онҳо гашта бошанд, рӯй намеоварад. (Ба нақл аз «Ал-Мутанаббӣ ва Саъдӣ», с. 180) .

Тан ба бечорагию гурснагӣ
Биниҳу даст пеши сифла мадор!
Гар Фаридун шавад баниъмату мулк,
Беҳунарро ба ҳеч кас машмор!
Парниёну насиҷ бар ноаҳл
Лоҷварду** тилост бар девор!

*(******Гар Фаридун шавад ба…:*** *ин байт ҳукми масали сойир пайдо кардааст.*

******Лоҷвард*** *(ложвард)–сангест кабуд, ки онро бисоянду дар наққошиву тазҳиб (тилокорӣ, зарандуд кардан–О. Ш.) ба кор баранд. Тило–(бо «итқӣ»–О. Ш.) ба касри аввал, мухаффафи «тилло» (бо «то»–О. Ш.), ки дар луғати араб ба маънойи чизест, ки бо он чизи дигарро андуд кунанд (бияндоянд). Чун баройи зарандуд кардан бояд зари холис ба кор бурд, аз ин сабаб дар сиёқи форсӣ аз таркиби изофийи «зари тило», яъне, зари вижайи андуду рӯкаш ҳама ҷо зари холис мурод аст ва гоҳ музофро ҳазф карда музофун илайҳ («тило»)-ро ба ҳамон маънойи зари поку зари иёр ба кор бурдаанд. Тилоро гоҳ талӣ нависанду хонанд, чунонки Саъдӣ дар ҳикояти 27, дар боби савум, фармояд:*

Вуҷуди марди доно мисоли зарри талист,

Ки ҳар куҷо биравад қадру қиматаш донанд.

Дар «Бурҳони қотиъ» «тило» ба суратҳойи «талӣ» ва «тала» (ҳар ду бо ҳарфи «то»–О. Ш.) низ забт шудааст...

Маънойи қитъа*: Шер бозмондайи саг нахурад, агарчи дар шикафт (ҷое дар кӯҳ, ки дарвешон ё ҷонварон дар он сукунат кунанд; ғор–«Фарҳанги Муъин»)-у мағора аз гуруснагиву тангӣ ҷон диҳад; ту ҳам пайкар ба дармондагиву бенавойӣ бисупор, вале назди фурӯмоя ба дарюза даст бармаёр. Агар бефазилат ба хоставу салтанат Фаридун гардад, вайро аз нокас низ фурӯтар шумор; ҷомайи ҳариру зарбафт бар пайкари носазоёни фурӯмоя чун лоҷварду оби зарест, ки бар нақши беҷони девор намоён бошад ва аз он кас суде наҷӯяд).*

Ҳикоят (13)

Ҳотами Тойиро* гуфтанд:

– Аз ту бузургҳимматтар дар ҷаҳон дидайӣ ё шунидайӣ?

Гуфт:

– Бале. Рӯзе чиҳил шутур қурбон карда будам умаройи арабро. Пас ба гӯшайи саҳрое ба ҳоҷате берун рафта будам (*Ба карони даште баройи коре рафта будам)*. Хорканеро дидам, пушта фароҳам оварда. Гуфтамаш: «Ба миҳмонийи Ҳотам чиро наравӣ, ки халқе бар симоти ӯ гирд омадаанд?»

Гуфт:

Ҳар кӣ нон аз амали хеш хурад,

Миннати Ҳотами Тойӣ набарад!

– Ман ӯро ба ҳиммату ҷавонмардӣ аз худ бартар дидам.

***(Ҳотами Тойӣ**–Абуадӣ Ҳотам ибни Абдуллоҳ ибни Саъди Тойӣ (мутаваффойи 575 милодӣ)–«аз саворон ва диловарону роҳзанон ва шоирону бахшандагони машҳури араб дар аҳди ҷоҳилият, ки дар ҷуду сахо ба ӯ масал мезананд» («Доиратулмаъорифи форсӣ»).*

******Маънойи байт:** Ҳар кас ваҷҳи маъош аз дастранҷи хеш ба даст ораду нони худ хурад, бори миннати Ҳотам ба дӯш накашад. Ин байт ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ҳикоят (14)

Мусо, алайҳиссалом, дарвешеро дид, аз бараҳнагӣ ба рег-андар шуда. Гуфт:

– Ай Мусо, дуъо кун, то Худо, азза ва ҷалла, маро кафофе диҳад, ки аз бетоқатӣ ба ҷон омадам!

*(*****Маънойи ҷумлаҳо**: Гуфт: «Ё Мусо, аз Худойи Тавонову бузург бихоҳ, то ба ман рӯзгузоре (андак ваҷҳи маъоше) диҳад, ки аз бетобӣ ҷонам ба лаб расид!»).*

Мусо дуъо карду бирафт.

Пас аз чанд рӯз, ки бозомад аз муноҷот *(розу ниёз гуфтан)*, мардро дид гирифтор ва халқе анбӯҳ бар ӯ гирд омада. Гуфт:

– Ин чӣ ҳолат аст?

Гуфтанд:

– Хамр хӯрдаву арбада *(*бадмастӣ, доду фарёд)* кардаву касеро кушта. Акнун ба қисос фармудаанд ва латифон гуфтаанд:

Гурбайи мискин агар пар доштӣ*,
Тухми гунҷишк аз ҷаҳон бардоштӣ!

*(****Гурбайи мискин…:** мазмуни байт ёдовари шеъри Санойист:*

Саг агар ҷалд будиву фарбиҳ
Як шикорӣ намондӣ андар диҳ.

*******Ин байт** ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

* * *

Оҷиз бошад ки дасти қувват ёбад,

Бархезаду дасти оҷизон бартобад!*

*(***Оҷиз бошад ки…:** *бисёр иттифоқ афтад, ки шахсе нотавон ба тавонойиву қудрат расаду худ дасти нотавононро бипечонад. Мақсуд он, ки чунин касон вуҷуд доранд).*

«Ва лав басата-л-лоҳу-р-ризқа лиъибодиҳи лабағаво фи-л-арзи»*.

*(*****Ҷузъест** аз ояи 27, сурайи Шуро(42):*

وَلَوْ بَسَطَ اللَّهُ الرِّزْقَ لِعِبَادِهِ لَبَغَوْا فِي الْأَرْضِ وَلَكِن يُنَزِّلُ بِقَدَرٍ مَّا يَشَاءُ إِنَّهُ بِعِبَادِهِ خَبِيرٌ بَصِيرٌ

Яъне: «Агар Худованд рӯзийи бандагонашро фарох бигустаронад, онҳо нофармонӣ кунанду фузунӣ ҷӯянд, лекин ба андозае, ки мехоҳад (ва маслаҳат медонад) рӯзӣ мефиристад, чун Ӯ ба бандагонаш огоҳу биност» (аз «Кашф-ул-асрор»)).

Мусо, алайҳиссалом, ба ҳикмати Ҷаҳонофарин иқрор кард ва аз таҷосури хеш истиғфор *(**Мусо ба росткорию устуворкорийи Офаридгор муътариф (хасту) шуд (хасту–иқрор ё эътироф кардан–О. Ш.) ва аз густохийи худ омурзиш хост).*

Мозо ахозака ё мағруру филхатар,*
Ҳатто ҳалакта фалайтаннамла лам ятир!

*(***Мозо ахозака…:** *Ай фирефтайи дунё, чӣ чиз туро дар хатар фурӯ бурд, то ҳалок шудӣ; пас, кошки, мӯрча пар дарнамеоварду парвоз намекард. Мақсуд он, ки агар мӯрча пар дарнамеоварду парвоз намекард, гирифтори хатару нобудӣ намешуд. Ду байти баъд низ ба ҳамин нукта мерасад. Бар илова Саъдӣ, дар Ғазалийёт ҳам гуфтааст:*

Чӣ бар сар ояд аз ин шавқи ғолибам, донӣ,
Ҳамчунон мӯрчаро бар сар омад аз пари хеш!
Фаррухийи Систонӣ низ сурудааст:
Душмани хоҷа ба болу пар мағрур мабод,
Ки ҳалоку аҷали мӯрча болу пари ӯст.

Дар забони арабӣ масал аст: «Ҳар гоҳ Худованд ба нобудийи

мӯрча ирода кунад, баройи ӯ ду бол меруёнад»–«Маҷмаъ-ул-амсол», 1/119).

* * *

Банда чу ҷоҳ омаду симу зараш,
Силӣ хоҳад ба зарурат сараш.
Он нашунидӣ, ки Фалотун чӣ гуфт?!
«Мӯр ҳамон биҳ, ки набошад параш!»

*(******Фалотун** = Афлотун–«427(?)-347(?) то милод; файласуфи юнонӣ, яке аз муъассиртарин мутафаккирини олами башарият»… («Доиратулмаъорифи форсӣ»).*

******Маънойи қитъа**: чун одамизодайи ноозодахӯй рутбате ёфту нақдинае ба даст овард, нофармонӣ оғозаду ба ногузир худро сазовори қафо хӯрдан (паси гарданӣ ё бехи гӯш хӯрдан–О. Ш.) созад. Оё ин сухан ба гӯшат нарасидааст, ки Афлотун гуфта: «Мӯрчаро маслаҳат он аст, ки пар набошад, то аз хатар эмин бимонад?!»)*

Падарро асал бисёр аст, вале писар гармидор аст *(падар ангубини фаровон дорад, вале асал бо писар, ки гарммизоҷ (гармидор) аст, созгор нест).*

Он кас, ки тавонгарат намегардонад,
Ӯ маслаҳати ту аз ту биҳтар донад!

*(*****Маънойи байт:** Худованде, ки туро ғанӣ намекунад, хайру некийи туро аз ту некӯтар боз мешиносад).*

Ҳикоят (15)

Аъробиро дидам дар ҳалқайи ҷавҳариёни Басра, ки ҳикоят ҳамекард, ки вақте дар биёбоне роҳ гум карда будам ва аз зодмаънӣ*** чизе бо ман намонда буду дил бар ҳалок ниҳода, ки ҳаме ногоҳ кисае ёфтам пурмарворид. Ҳаргиз он завқу шодӣ фаромӯш накунам, ки пиндоштам гандуми бирён аст. Боз он талхию навмедӣ, ки маълум кардам, ки марворид аст.

*(**Аъробӣ**–аъроб–тозиёни биёбоннишин.*

***Ҳалқайи ҷавҳариёни Басра**–растайи гавҳариён (гавҳарфурӯшон)-и шаҳри Басра.*

******Зодмаънӣ**–он чӣ бар он номи тӯшаву зод тавон ниҳод.*

***Шодравон Юсуфӣ навиштааст**, ки дар Шерозу Кирмон ин*

калима, яъне, «маънӣ» ба ин маънӣ ҳанӯз вуҷуд дорад. «пулмаънӣ», «хӯрданимаънӣ», «турушимаънӣ» ва «оҷилмаънӣ» ба кор мебаранд. Дар баъзе гуйишҳои мардуми болооби Зарафшон, махсусан, деҳаи Киштут (ва як қатор деҳкадаҳои Масчо ва низ дар пиромуни Кофарниҳону чанд деҳкадаи Файзобод, аз ҷумла, деҳаи Бунгакиён (ба шаҳодати дӯсти арҷмандам Абдуқаххор Мирзоев) ҳам имрӯзҳо бо чунин мазмун ба кор меравад («ҷавонмаънӣ», «фарзандмаънӣ», «бачча (ё духтар)маънӣ» «одамимаънӣ», «калонмаънӣ», «мулломаънӣ» ва г.).

Дар биёбони хушку реги равон
Ташнаро дар даҳон чӣ дур(р), чӣ садаф!
Марди бетӯша, к-афтод аз пой,
Бар камарбанди ӯ чӣ зар, чӣ хазаф!**

*(**__Хазаф__–сафол.*

***Маънойи қитъа**: Ташнакомро дар саҳройи сӯзандаву дар миёни реги раванда хоҳ марвориди гаронбаҳо дар ком бошад, хоҳ садафи камқимат, тафовуте накунад ; шахси безод ҳам, чун аз по дарояд, чӣ дар ҳамёнаш (ҳамён–кисае, ки дар он дираму динор гузоранду бар камар бананд) зар бошад, чӣ хурдасафол, ҳар ду яксон асту суде надиҳад).*

Ҳикоят (16)

Яке аз араб дар биёбоне аз ғояти ташнагӣ мегуфт:

Ё лайта қабла манийятӣ явман афузу бимунятӣ,
Наҳран тулотиму рукбатӣ ва азаллу амлоъу қирбатӣ.

*(*__Ё лайта қабла…:__ Ай кош бирасам пеш аз маргам рӯзе ба орзуйи худ, (ба) рӯде, ки мавҷаш ба зонуйи ман занад ва ман ба пур кардани машки худ пардозам!)*

Ҳикоят (17)

Ҳамчунин, дар қоъи басит мусофире гум шуда буду қуввату қуташ ба охир омада ва дираме чанд бар миён дошт. Бисёре бигардиду раҳ ба ҷое набурд. Пас ба сахтӣ ҳалок шуд. Тойифае бирасиданду дирамҳо диданд пеши рӯяш ниҳода ва бар хок набиш-

та:

***(Қоъи басит**–дар биёбон; биёбоне ҳамвору густарда).*

Гар ҳама зарри ҷаъфарӣ дорад,
Марди бетӯша барнагирад гом.
Дар биёбон фақири сӯхтаро
Шалғами пухта биҳ, ки нукрайи хом!

*(*****Зарри ҷаъфарӣ:*** *зари поку холис.* ***Ҷаъфарӣ****–сифати нисбӣ, мансуб ба кимиёгаре ба номи Ҷаъфар ё мансуб ба Ҷаъфари Бармакӣ, вазири Ҳорунуррашид, ки ба ҳукми вай маскук (пули филиззийи сиккахӯрда–О. Ш.)-и зарро аз ғаш пок карданд.*

Маънойи қитъа*: Мусофир бе зод қадаме пеш натавонад ниҳод, агарчи фаровон зари холис бо худ дошта бошад. Дар биёбон дарвеши дар оташи гуруснагӣ гудохтаро шалғами пухта биҳ аз сими сода аст).*

Ҳикоят (18)

Ҳаргиз аз даври замон нанолида будам ва рӯй аз гардиши осмон дарҳам накашида, магар вақте ки поям бараҳна монда буду иститоъати пойпӯше надоштам *(чандон тиҳидаст будам, ки пойафзоре наметавонистам харид)*. Ба Ҷомеъи Куфа даромадам дилтанг. Якеро дидам, ки пой надошт. Сипоси ниъмати Ҳақ ба ҷой овардам ва бар бекафшӣ сабр кардам.

*(*****Ҷомеъи Куфа:*** *масҷид (мазгит)-и одинайи Кӯфа. Кӯфа–шаҳри акбари Ироқ, ки қуббату-лислом ва дори ҳичрати мусалмонон аст («Мунтаҳ-ал-араб»). Ин шаҳрро дар соли 17 ҳичрӣ мусалмонон дар замони Умар (Ҳазрати Умари Форуқи халифа (р)–О. Ш.) дар ҷониби ғарбийи шат (рӯд–О. Ш.)-и Фурот, наздики шаҳри қадими Ҳира, бунён гузорданд (с. 81 «Ҷуғрофиёи таърихийи сарзаминҳойи шарқийи хилофати исломӣ»).*

Шодравон доктор Хазойилӣ дар мавриди ин ҳикоят навиштааст: «Ишора дорад ба ҳадиси шариф: «Унзуру ило ман ҳува дунакум ва ло тунзиру ило ман ҳува фавқакум фаиннаҳу аҷдару алло таздару инъаматаллоҳи», «Ба касе, ки пойинтар аз худи шумост, бинигареду ба болотар аз худ манигаред ва ин кор баройи он аст, ки ниъмати Худоро ҳақир нашумаред, шойистатар аст»).

Мурғи бирён ба чашми мардуми сер

Камтар аз барги тарра бар хон аст!
В-он киро дастгоҳу қувват нест,
Шалғами пухта мурғи бирён аст!

*(*****Маънойи қитъа**: Мурғи мусамман (равғанӣ–О. Ш.) дар дидайи сер хортар аз як барги сабзӣ (сабзавот–О. Ш.) бар суфра менамояд, вале он касеро, ки иститоъату тавонойӣ надорад, шалғами пухта дар назар мурғи бирён аст).*

Ҳикоят (19)

Яке аз мулук бо тане чанд хосон дар шикоргоҳе ба зимистон аз иморат (*ободӣ)* дур афтоданд. То шаб даромад. Хонайи деҳқоне диданд. Малик гуфт:

– Шаб он ҷо равем, то заҳмати сармо набошад.

Яке аз вузаро гуфт:

– Лоиқи қадри подшоҳ нест ба хонайи деҳқоне илтиҷо кардан *(паноҳ бурдан)*. Ҳамин ҷо хайма занему оташ кунем.

Деҳқонро хабар шуд. Моҳазаре тартиб карду пеш оварду замин бибӯсиду гуфт:

– Қадри баланди султон нозил *(паст)* нашудӣ, валекин нахостанд, ки қадри деҳқон баланд гардад.

Султонро сухан гуфтани ӯ матбуъ *(писандида)* омад. Шабонгоҳ ба манзили ӯ нақл карданд *(рафтанд)*. Бомдодонаш хилъату ниъмат фармуд. Шунидандаш *(аз деҳқон шуниданд)*, ки қадаме чанд дар рикоби султон ҳамерафту мегуфт:

Зи қадру шавкати султон нагашт чизе кам
Аз илтифот ба миҳмонсаройи деҳқоне.
Кулоҳгӯшайи* деҳқон ба Офтоб расид,
Ки соя бар сараш андохт чун ту султоне!

(****Кулоҳгӯша**–яъне, гӯшайи кулоҳ.*

******Маънойи қитъа**: Аз мақому шавкати шаҳрёр ба сабаби он ки ба миҳмонхонайи кишоварзе андакмоя ба меҳр нигарист, ҳеч накост, вале тарфи кулоҳи деҳқон ба фарри шоҳе чун ту, ки бар сараш сояи меҳр афканд, аз фахр ба Хуршед суд).*

Ҳикоят (20)

Гадойе ҳавлро (*ҳойил, бадҳайбат)* ҳикоят кунанд, ки ниъмате вофир андӯхта буд. Яке аз подшоҳон гуфташ:

– Ҳаменамоянд, ки моли бекарон дорӣ? Ва моро муҳимме ҳаст. Агар ба бархе аз он дастгирӣ кунӣ, чун иртифоъ расад вафо карда шавад *(ҳангоме ки маҳсулу манофиъи он ба даст ояд, онро бипардозам)* ва шукр гуфта.

Гуфт:

– Ай худованди рӯйи замин, лоиқи қадри бузургвори подшоҳ набошад дасти ҳиммат ба моли чун ман гадойе олуда кардан, ки ҷав-ҷав ба гадойӣ фароҳам овардаам!

*(*****Маънойи ҷумла****: Дасти шумо, ки дасти ҳиммату ҷавонмардист, ҳайф аст, ки ба моли гадоён биёлояду ҳиммати воло ба хостани чизе аз дарвеши тангдаст қусур пазирад).*

Гуфт:

– Ғам нест, ки ба кофир медиҳам. «Ал-хабисоту лилхабисина».

الْخَبِيثَاتُ لِلْخَبِيثِينَ

қисмате аз ояи 26, сурайи Нур(24): «Занон (ё суханон)-и нопок шойистайи мардони нопоканд».

Доктор Хатиби Раҳбар *пиромуни ин ояи шарифа гӯяд:* «*Палидҳо палидонрост. Ин ҷумла ҷузвест аз ояи 26, сурайи Нур(24):*

الْخَبِيثَاتُ لِلْخَبِيثِينَ وَالْخَبِيثُونَ لِلْخَبِيثَاتِ وَالطَّيِّبَاتُ لِلطَّيِّبِينَ وَالطَّيِّبُونَ لِلطَّيِّبَاتِ

Дар борайи ин оя дар «Тафсири Абулфутуҳ» (ҷ. 4, сафҳайи 27, чопи 1314 шамсӣ) чунин омадааст: «Бештари муфассирон гуфтаанд, маънойи оя он аст, ки «сухани зишту палид аз мардони палид ҳосил ояд ва мардони палид сазову лоиқи суханҳойи палид бошанд ва дар масал аст, «куллу инои яршаҳу бимо фиҳи»… Ибни Зайд гуфт: «Маънӣ он аст, ки занони нопорсо мардони нопорсоро шоянд ва мардони нопорсо занони нопорсоро шоянд»…).

Гар оби чоҳи насронӣ на пок аст,

…** мурда мешӯйӣ, чӣ бок аст?

*(*****Дар*** *бархе нусах ба ҷойи маҳзуф (ҳазфшуда, аз байн рафта– О. Ш.) калимайи «ҷуҳуд» дида мешавад, аз ҷумла, дар «Гулистон»-и чопи Тошканд ва «Шарҳи «Гулистон»-и доктор Хазойилӣ. Ғуломҳусайни Юсуфӣ низ байти мазбурро ба таври*

комил меоварад ва муфассал тавзеҳ медиҳад:

«Гар оби чоҳи насронӣ на пок аст,
***Ҷуҳуди** мурда мешӯяд, чӣ бок аст?!*

Агар оби чоҳи масеҳӣ пок набошад, чун ҷасади яҳудийи мурдаро бо он мешӯяд, чӣ ишкол дорад?! Доктор Хазойилӣ низ бо тавоҷҷуҳ ба пок будани аҳли Китоб ва таъоми онон ба мӯҷиби насси Қуръон чунин таъбир кардааст: «Бо фарзи ин, ки оби чоҳи масеҳӣ пок набошад…; байт фақат масалеро баён мекунад»).

* * *

Қолу ъаҷинулкилси лайса битоҳирин,
Қулно насудду биҳи шуқуқалмабрази**.

*(****Қолу ъаҷину…:** Гуфтанд: «Хамири оҳак покиза нест». Гуфтем: «Боке нест, бо он рахнаҳойи обрез (мабол)-ро бармебандем (устувор мекунем)». (Мабол–ҷойи бавл, яъне, маҳалли пешоб–О. Ш.).*

Шунидам, ки сар аз фармони малик боззаду ҳуҷҷат овардан *(узртарошӣ кардан)* гирифту шӯхчашмӣ *(бешармӣ)* кардан. Бифармуд, то мазмуни хитоб *(миқдори моли хоста)* аз ӯ ба заҷру тавбих мухаллас карданд.

Ба латофат чу барнаёяд кор,
Сар ба беҳурматӣ кашад ночор.
Ҳар кӣ бар хештан набахшояд,
Гар набахшад касе бар ӯ, шояд.

*(****Маънойи** абёт: Чун кор бо нармӣ ба анҷом нарасад, ногузир бо дуруштиву беэҳтиромӣ поён пазирад. Ҳар кас бар худ раҳм накунад, сазад, ки дигаре бар вай раҳмат наёварад).*

Ҳикоят (21)

Бозаргонеро шунидам, ки саду панҷоҳ шутур бор дошт ва чиҳил бандайи хидматгор *(шунидам, ки савдогаре саду панҷоҳ шутур коло дошту чиҳил чокари зархариди хидматгор)*. Шабе дар ҷазирайи Кеш маро ба ҳуҷрайи хеш даровард. Ҳама шаб наёрамид аз суханҳойи парешон гуфтан, ки фулон анбозам ба Туркистон ва

фулон бизоъат ба Ҳиндустон аст; ва ин қабола *(санад)*-йи фулон замин асту фулон чизро фулон замин *(зомин)*.

Гоҳ гуфтӣ: «Хотири Искандарийя дорам, ки ҳавойе** хуш аст». Боз гуфтӣ: «На, ки дарёи Мағриб мушавваш аст!»

*(**__Ҳавойе хуш:__ Иҳтимоли ду маънӣ дорад: яке ««обу ҳавойи Искандарийя матбуъ аст» (ҳаво: обу ҳаво ва авзоъу аҳволи иқлими як сарзамин); дигар «орзуйи дилпазир аст»–ҳавӣ (ба фатҳи аввал ва алифи мақсур дар охир)–хосту орзу ва дӯст доштан).*

– Саъдиё, сафаре дигарам дар пеш аст. Агар он карда шавад, бақияти умри хеш ба гӯшайе бинишинам.

Гуфтам:

– Он кадом сафар аст?

Гуфт:

– Гӯгирди порсӣ хоҳам бурдан ба Чин, ки шунидам қимате азим дорад. Ва аз он ҷо косайи чинӣ ба Рум орам ва дебойи румӣ ба Ҳинд ва фӯлоди ҳиндӣ ба Ҳалаб ва обгинайи ҳалабӣ ба Яман ва бурди ямонӣ ба Порс; ва з-он пас тарки тиҷорат кунам ва ба дукконе бинишинам.

Инсоф *(ба ростӣ)*, аз ин мохӯлиё чандон фурӯ гуфт, ки беш тоқати гуфтанаш намонд.

*(**__Дебойи румӣ:__ ҳарири неки румӣ. __Рум__–дар ин ҷо мурод Осиёи Сағир аст, ки бахши муҳимми империотурийи Руми Шарқӣ будааст ва дар рӯзгори Саъдӣ Салоҷиқайи Рум (480–679) бар он ҳукумат доштанд.*

__Мохӯлиё:__ хаёли хом, халали димоғӣ, савдо. «Молихулиё» луғатест аслан юнонӣ ва маънойи луғавийи он «сиёҳхилт» (__Melanos-Khole__) ва чун ин маразро савдовӣ медонистанд, бо ин ном мавсуф шуд («Ҳавошийи «Бурҳони қотиъ», тасҳеҳи доктор Муъин).

*__Маънойи ду ҷумла__: **Ба ростӣ, аз ин гуна андешаҳойи девонавор он қадар бар забон овард, ки дигар тоби гуфтор надошт).*

Гуфт:

– Ай Саъдӣ, ту ҳам сухане бигӯй аз онҳо, ки дидаию шунида.

Гуфтам:

Он шунидастӣ, ки дар ақсойи Ғӯр
Борсолоре бияфтод аз сутур.

Гуфт: «Чашми танги дунёдӯстро
Ё қаноъат пур кунад ё хоки гӯр!».

*(******Ақсойи Ғур:*** *дурдастҳойи сарзамини Ғӯр («сарзамини кӯҳистонийи таърихӣ дар Афғонистони кунунӣ (миёни дарайи Ҳирманду Ҳирот). Тақрибан мунтабиқ (мутобиқ, баробар) бо Ҳазористони кунунист, ки маскани тойифайи ҳазора мебошад». («Доиратулмаъорифи форсӣ»).*

******Гуфт:*** *яке гуфт ё касе гуфт. Гоҳе фоъили «гуфт»-ро зикр намекунанд ва ин равиш дар қадим маъмул будааст.*

Маънойи қитъа*: Оё он достонро шунидайӣ, ки дар дуртарҷойе аз сарзамини Ғӯр бозаргоне қофиласолор аз маркаб фурӯ афтод? Яке гуфт: «Дидайи озманд ба мол кушодайи дунёпарастро ду чиз пур кунад–ё қаноъат, ки бад-он сердил монад, ё хоки гӯр, ки бад-он чашми тамаъ анбошта (пур карда–О. Ш.) дорад».*

*****Гуфт: чашми танги…:*** *ишораест ба ҳадиси «Ло йамлаъу ҷавфа Банӣ-Одама иллаттуробу»–«Шиками фарзандони Одамро ҷуз хок пур намекунад».*

Ин байт *ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ҳикоят (22)

Молдореро шунидам, ки ба бухл чунон маъруф буд, ки Ҳотами Тойӣ дар карам. Зоҳири ҳолаш ба ниъмати дунё ороставу хиссати нафси ҷибиллӣ *(пастниҳодийи фитрӣ)* дар вай ҳамчунон мутамаккин. То ба ҷое, ки ноне ба ҷоне аз даст надодиву гурбайи Бӯҳурайраро ба луқмае нанавохтиву саги Асҳоб-ул-Каҳфро устухоне наяндохтӣ. Филҷумла, хонайи ӯро кас надидӣ дар кушодаву суфрайи ӯро сар кушода.

(*****Бӯҳурайра****–мухаффафиАбуҳурайра; кунияи яке аз ёрони Паёмбар. (ниг. ба ҳикояти 29 боби дувум).* ***Асҳоб-ул-Каҳф****–ёрони ғор; каҳф–ғор (ниг. ба ҳикояти 4 боби аввал).*

Маънойи чанд ҷумлайи ахир*: ба ошкор аз ниъматҳойи ҷаҳонӣ баҳраманд, вале пастийи ниҳод ба табиъат дар вай ҷойгузин буд то он ҷое, ки якто ноне ба баҳойи ҷоне ба кас намедоду гурбайиАбуҳурайраи ёри Паёмбарро ба як луқма навозиш намекард ва пеши саги Ёрони Ғор як пора устухон намеафканд; боре на дари саройи вайро кас боз дида буду на тӯшадон (хон)-и вайро густарда!).*

Дарвеш ба ҷуз бӯйи таъомаш нашунидӣ,
Мурғ аз паси нон хӯрдани ӯ реза начидӣ!

*(*****Маънойи байт:*** *Фақир аз саройи вай ҷуз бӯйи хуроке намебӯйиду паранда пас аз барчидани суфрааш хӯрданоне аз замин ба минқор наметавонист баргирад!)*

Шунидам, ки ба дарёйи Мағриб–андар роҳи Миср баргирифта буд ва хаёли фиръавнӣ** дар сар. «Ҳатто изо адракаҳулғарақу». Боде мухолифи киштӣ баромад.

*(*****Хаёли фиръавнӣ дар сар:*** *савдойи Фиръавн шудану даъвойи Бор Худойӣ дар сар мепарварад.*

*******«Ҳатто изо адракаҳулғарақу:*** *қисмате аз ояи 90, сурайи Юнус(10):*

وَجَاوَزْنَا بِبَنِي إِسْرَائِيلَ الْبَحْرَ فَأَتْبَعَهُمْ فِرْعَوْنُ وَجُنُودُهُ بَغْيًا وَعَدْوًا حَتَّى إِذَا أَدْرَكَهُ الْغَرَقُ قَالَ آمَنتُ أَنَّهُ لَا إِلَهَ إِلَّا الَّذِي آمَنَتْ بِهِ بَنُو إِسْرَائِيلَ وَأَنَاْ مِنَ الْمُسْلِمِينَ(90) آلآنَ وَقَدْ عَصَيْتَ قَبْلُ وَكُنتَ مِنَ الْمُفْسِدِينَ(91)

Яъне, «Мо Банӣ-Исроилро аз дарё фаро гузарондем ва Фиръавну сипоҳи ӯ аз рӯйи фузуниҷӯйиву ситамгариву душманӣ ононро таъқиб кард! То он ки об то даҳони ӯ расид ва гуфт: «Бигаравидам, ки нест Худое ҷуз Худое ки Банӣ-Исроил ба Ӯ гаравиданд! Ва ман аз гарданниҳандагони Он ҳастам». (91) Ӯро гуфтанд: «Ҳоло имон меоварӣ! Дар ҳоле, ки пеш аз ин саркашиву гуноҳ мекардӣ ва аз табоҳкорон будӣ!» (аз «Кашф-ул-асрор»).)

Бо табъи малулат чӣ кунад, ҳар кӣ насозад,
Шурта* ҳама вақте набувад лойиқи киштӣ!

*(****Шурта:*** *боди мувофиқи ҳаракати киштӣ; боди нарми мулойим. Шодравон Муҳаммади Қазвинӣ навишта: «Дар ин байт Саъдӣ «шурта»-ро зоҳиран ба маънойи мутлақи бод истеъмол кардааст, на хусус боди мувофиқ, чӣ боди мувофиқ бадеҳист, ки ҳамеша лойиқи киштист ва асли маънӣ мувофиқи ҳамин аст ва ло ғайр». Бахусус,ки дар ин ҷо «шурта» дар баробари табъи маъшуқ қарор мегирадува «киштӣ» ба ҷойи дили ошиқ!*

Саъдӣ, илова бар ин байт, ки аз яке аз ғазалиёти ӯст, дар ду мавриди дигар ҳамин калимаро ба кор бурдааст, ки маънойи боди

мувофиқро мерасонад:

Бахти баланд бояду бас китфи зӯрманд,
Бе шурта хок бар сари маллоҳу бодбон!

(«Мавоъиз»).

Ту кӯҳи ҷудию ман дар миёни вартайи фақр,
Магар ба шуртайи иқболат уфтам ба карон?!

(«Мавоъиз»).

Ҳофиз низ гуфтааст:

Киштишикастагонем, ай боди шурта, бархез,
Бошад ки боз бинем он ёри ошноро!

******Шурта:*** *боди мувофиқи ҳаракати киштӣ; ин калима дар арабӣ ба маънойи шарту паймони ёрон ва ёригарону посбонон аст.*

Маънойи байт*: **Агар кас бо хӯйи носозгору ба табъи бемеҳри ту насозад ва бурдборӣ накунад , чӣ кунад, чӣ боди мувофиқи ҳаракати киштӣ ҳамеша мавҷуд набошад!).*

Дасти дуъо бароварду фарёди бефойида хондан гирифт: «Ва изо ракибу фи-л-фулки даъаву-л-лоҳа мухлисина лаҳу-д-дина»*.

*(****Фа изо ракибу…:*** *–ҷузъе аз ояи 65, сурайи Анкабут(29) аст бо андаке ихтилоф:*

فَإِذَا رَكِبُوا فِي الْفُلْكِ دَعَوُا اللَّهَ مُخْلِصِينَ لَهُ الدِّينَ فَلَمَّا نَجَّاهُمْ إِلَى الْبَرِّ إِذَا هُمْ يُشْرِكُونَ

«(Мушрикон) чун ба киштӣ нишинанд, Худойи Ягонаро ба ростиву ихлос дар дини Ӯ хонданд! Ва чун наҷоташон доду ба хушкӣ овард, ширк овардан!»

Биҳтар буд, ки бақияи оя ҳам дар матни «Гулистон» оварда мешуд, то мақсуд равшантар шавад).

Дасти тазарруъ чӣ суд бандайи муҳточро
Вақти дуъо бар Худой, вақти карам дар бағал?!

*(*****Дасти тазарруъ…:*** *агар бандайи ниёзманд дасти дуъо ба даргоҳи Бениёз барорад, вале ба ҳангоми бахшиш ба мустамандон дасташ аз остин берун наёяд, аз лобаву зорийи вай ба даргоҳи*

Худовандӣ коре накушояд).

* * *

Аз зару сим роҳате бирасон,
Хештан ҳам таматтуъе баргир!
В-он гаҳ ин хона, к-аз ту хоҳад монд,
Хиште аз симу хиште аз зар гир!

*(*****Маънойи қитъа****: Аз моли худ ҳам тиҳидастеро осудахотир созу ҳам худ баҳрае аз осойиши зиндагию савоб бибар ва он дам, ки ба ногузир ҷаҳонро тарк мекунию саройи ту ба мурдарег (мерос) аз ту барҷой мемонад, чунон пиндор, ки хиште аз он симину хиште зарин будааст; «баройи ниҳодан чӣ сангу чӣ зар!»).*

Овардаанд, ки дар Миср ақориби дарвеш дошт. Ба бақийяти моли ӯ тавонгар (*молдор)* шуданд ва ҷомаҳойи куҳан ба марги ӯ бидариданду хаззу димётӣ буриданд. Ҳам дар он ҳафта якеро дидам аз эшон бар бодпое равон, ғуломе дар пай давон.

*(******Хазз:*** *пӯсти латифи баъзе ҳайвонот, монанди самуру санҷоб.* ***Димётӣ****–порчайи марғуби мансуб ба Димёти Миср. Яъне, «Ва либосҳойи куҳанро дар азойи зоҳирийи марги ӯ тиккаву пора карданд ва ба зудӣ либосҳойи марғуб бар тан карданду навнавор шуданд».* ***Навнавор****–касе, ки тиҳидаст буда ва ба сабаби иттифоқе ё инъому бахшиши касе зиндагияшро сомон бахшида бошад–О. Ш.).*

Ваҳ ки гар мурда бозгардидӣ*,
Ба миёни қабилаву пайванд.
Радди мерос сахттар будӣ.
Ворисонро зи марги хешованд.

*(****Ваҳ ки гар …:*** *агар мурда ба миёни хонаву хешовандони худ бармегашт, баройи ворисони ӯ бозгардондани мерос сахттар азмусибати марги вай мебуд).*

Ба собиқайи маърифат (***дӯстӣ ва ошноийи пешин)*-е ки миёни мо буд, остинаш гирифтаму гуфтам:

Бихӯр, ай нексирати сарамард,
К-он нагунбахт гирд карду нах(в)ард!

*(****Сарамард:*** *марди баргузидаву писандида.Абуҳанифайи Искоф (искоф–кафшдӯз), аз шоъирони Марв, ба нақл аз «Лубоб-ул-албоб»-и Авфӣ гуфтааст:*

Бихӯр, ай саййидо, ба шодиву ноз,
Ҳар куҷо ниъмате ба чанг орӣ!
Даҳр дар бурданаш шитоб кунад,
Гар ту дар хӯрданаш диранг орӣ!

******Маънойи байт:*** *Ай хушхӯйи накӯмард, аз моли худ баҳрае бибар, ки он вожгунбахт фароҳам оварад, вале насибе наёфт!).*

Ҳикоят (23)

Сайёде заъифро моҳие қавӣ ба дом андарафтод. Тоқати ҳифзи он надошт. Моҳӣ бар ӯ ғолиб омад ва дом аз дасташ даррабуду бирафт.

*(******Сайёде заъифро…:*** *ба назар мерасад, ки мазмуни ин ҳикояти бисёр кӯтоҳи Саъдӣ аз тариқи тарҷумайи инглисӣ ба адабиёти инглисийи амрикойӣ роҳ ёфтаву Ҳемингуей асоси достони «Пирмарду дарё»-ро бар он ниҳодааст).*

Шуд ғуломе, ки оби ҷӯй орад,
Ҷӯйи об омаду ғулом бибурд.
Дом ҳар бор моҳӣ овардӣ,
Моҳӣ ин бор рафту дом бибурд!

*(******Шуд ғуломе…:*** *ин байт ҳукми масали сойир пайдо кардааст.)*

Дигар сайёдон дареғ хӯрданду маломаташ карданд, ки чунин сайде дар домат афтод ва надонистӣ *(натавонистӣ)* нигоҳ дошган! Гуфт:

– Ай бародарон, чӣ тавон кардан? Маро рӯзӣ набуд ва моҳиро ҳамчунон рӯзӣ монда буд! Сайёди берӯзӣ дар Даҷла *(сайд)* нагирад ва моҳӣ бе аҷал бар хушк намирад!

*(*****Маънойи ду ҷумла****: Шикоргар (= шикорӣ)-и камқисмат (бебаҳра) дар рӯдхонайи Даҷла сайд натавонад кардаву моҳийи замонсарнаёмада берун аз об ҷон надиҳад).*

Ҳикоят (24)

Даступобуридае ҳазорпое бикушт. Соҳибдиле бар ӯ гузар карду гуфт:

– Субҳоналлоҳ! Бо ҳазор пой, ки дошт, чун аҷалаш фаро расид, аз бедаступое гурехтан натавонист!

*(*****Субҳоналлоҳ****–шигифто; дар ин ҷо «субҳоналлоҳ» ҷумлаест, ки аз асвот шумурда мешавад ва дар баёни таъаҷҷуб ба кор меравад. Маънойи он ин аст: «Худойро аз зану фарзанд покиву дурист».*

Маънойи чанд ҷумлайи ахир*: Соҳибназаре гуфт: «Шигифто! Бо он ки доройи ҳазор по буд, (ҳазопо) чун замонаш (маргаш) фароз омад, аз даступобуридае тавони фирор надошт!»).*

Чу ояд зи пай душмани ҷонситон,
Бибандад аҷал пойи аспи давон.
Дар он дам, ки душман паёпай расид,
Камони каёнӣ нашояд кашид!

*(*****Маънойи ду байт****: Чун ба фармони қазо хасми ҷоншикор ба дунбол ояд, марг пойи аспи давандаро ба қайд афканад; дар он нафас, ки душман дамодам фароз ояд, бо камони бузурги шоҳӣ ҳам натавон тир андохту ҷон аз маърака бадар бурд!).*

Ҳикоят (25)

Аблаҳеро дидам самин, хилъате самин дар бар ва маркабе тозӣ дар зеру қасабе мисрӣ бар сар. Касе гуфт:

– Саъдӣ, чӣ гуна ҳамебинӣ ин дебойи муълам бар ин ҳайвони лояълам?

*(*****Маънойи чанд ҷумла:*** *Нодоне фарбиҳро дидам, ҷомае гаронбаҳо пӯшидаву бар аспе арабӣ савору дасторе аз катони нозуки мисрӣ бар сар ниҳода. Шахсе гуфт: «Ай Саъдӣ, ин ҳарири нигоринро бар ин ҷонвари нодон чӣ гуна ёфтӣ?!»)*

Гуфтам:

Қад шобаҳа билваро ҳиморун,
«Ъиҷлан ҷасадан лаҳу хуворун».

*(***Қад шобаҳа…:** *ба ростӣ, харест ба одамӣ монандшуда, гӯсолапайкарест, ки бонги гов дорад. Мисраъи дувум муқтабас аст аз Қуръони Карим: сурайи Аъроф(7), ояи 148; сурайи Тоҳо(20), ояи 88 (дар васфи ҳамон гӯсолапайкар, ки Сомирӣ дар ғиёби Мусо(с) арза кардаву Банӣ-Исроилро ба парастиши он даъват карда буд.*

Доктор Хатиби Раҳбар *пиромуни ин байт:овардааст «Ба мардум монанд шудааст харе, гӯсолапайкар, ки ӯро бонги гов аст. Дар ин ҷо ишорате ба ояи 148 сурайи Аъроф(7) ҷой дорад:*

وَاتَّخَذَ قَوْمُ مُوسَى مِن بَعْدِهِ مِنْ حُلِيِّهِمْ عِجْلًا جَسَدًا لَّهُ خُوَارٌ

яъне, «Қавми Мусо баъд аз рафтани ӯ ба кӯҳи Тур аз он пирояҳо, ки аз Фиръавн ба орият гирифта буданд, гӯсолаколбаде бечон сохтанд, ки дар он бонге буд» (аз «Кашф-ул-асрор»).

Як хилқати зебо биҳ аз ҳазор хилъати дебо *(як чиҳрайи некӯву талъати дилкаш аз ҳазор ҷомайи парниён хуштар!)*.

Ба одамӣ натавон гуфт монад ин ҳайвон,
Магар дуроъаву дастору нақши берунаш!
Бигард дар ҳама асбобу милку ҳастийи ӯ,
Ки ҳеч чиз набинӣ ҳалол ҷуз хунаш!

*(*****Маънойи қитъа****: Ин ҷонвари одамирӯйро шабеҳ ба мардум одамихӯй нашояд гуфт, ки ҷуз ба ҷомаву им(м)омаву сурати зоҳир шабоҳате нест; дар рахту пухту хоставу дороийи вай ҷустуҷӯ кун, ҳамаро ҳаром хоҳӣ ёфт, ҷуз хунаш ки рехтани он равост).*

Ҳикоят (26)

Дузде гадоеро гуфт:

– Шарм надорӣ, ки даст аз баройи ҷаве сим пеши ҳар лаъим дароз мекунӣ?

Гуфт:

Дасти дароз* аз пайи як ҳабба сим,
Биҳ ки бибурранд ба донгеву ним!

*(******Дасти дароз аз…:*** *мурод ин аст, ки агар гадоӣ накунам, мумкин аст аз фишори фақр ба дуздӣ бияфтаму ба хотири миқдоре ночизу чизи камвазн (камарзиш) дастамро (тибқи ҳукми*

*шаръу сареҳи Қуръон) бибуранд. **Донг**–воҳиди вазн аст, баробар бо ҳашт ҷав ё ду қирот (қирот–ним донг, ки чаҳор ҷави миёна бошад» («Ғиёс-ул-луғот»).*

Ҳикоят (27)

Муштзанеро ҳикоят кунанд, ки аз даҳри мухолиф ба фиғон омадаву ҳалқи фарох аз дасти танг ба ҷон расида *(**овардаанд, ки зӯрозмое (паҳлавоне) аз рӯзгори носозгор ба нолаву фарёд омада ва кори гулӯйи кушодаш аз тиҳидастиву фақр ба ҷон кандан кашида буд (аз бисёрхорию шикамборагӣ бо тиҳидастӣ ҷонаш ба лаб расида буд)*. Шикоят пеши падар бурду иҷозат хост, ки азми сафар дорам, магар *(шояд)* ба қуввати бозу домани коме фарочанг *(ба даст)* орам.

Фазлу ҳунар зойиъ аст, то нанамоянд,
Уд бар оташ ниҳанду мушк бисоянд!

*(***Фазлу ҳунар…:** *донишу ҳунарро то вақте ошкор насозанду шинохта нашавад, беҳосил мемонад, чунонки удро бар оташ мениҳанду мушкро месоянд, то бӯйи хуш пароканад. Назири ин мазмунро Саъдӣ дар ҷойи дигар аз «Гулистон» (боби аввал, ҳикояти 18) ва низ дар «Ғазалийёт» овардааст:*

Расид нолайи Саъдӣ ба ҳар кӣ дар офоқ,
Ва гар абир насӯзад ба анҷуман чӣ расад?!

(Доктор Хатиб:) «*Агар камолу донишро ошкор накунанд, табоҳу носудманд мемонад, чунонки уд то бар оташ сӯхта нашаваду мушк то суда нагардад, бӯйи хуш напароканад*»).

Падар гуфт:

– Ай писар, хаёли муҳол *(беҳуда)* аз сар бадар кун ва пойи қаноъат дар домани саломат каш, ки бузургон гуфтаанд: «Давлат на ба кӯшидан аст, чора кам ҷӯшидан аст!».

*(***Пойи қаноъат…:** *пойи хурсандиро дар домани амну осойиш ҷамъ кун; мақсуд он ки бо хурсандӣ зиндагӣ куну худро дар хатар маяфкан).*

Кас натавонад гирифт домани давлат ба зӯр,
Кӯшиши бефоида-ст васма бар абрӯйи кӯр!

(****Васма:** *барги нил, ҳинойи сиёҳ. Дар арабӣ ба он «варақ-ун-нил» низ гӯянд.*

***Маънойи** байт: **Домани бахтро ба қудрати бозу ба чанг натавон овард, чунонки хизоб (ранг, ҳино–О. Ш.) бар абрӯйи нобино кӯшиши носудманд аст ва зиштийи кӯреро пӯшида надорад.*

***Ин байт** ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

* * *

Агар ба ҳар сари мӯят сад хирад бошад,
Хирад ба кор наёяд, чу бахт бад бошад!

*(**Маънойи байт: Агар дар баробари ҳар тори мӯйи худ сад ақли маслаҳатандеш дошта бошӣ, чун толиъат носоз бошад, суде накунад).*

Писар гуфт:

– Ай падар, фавойиди сафар бисёр аст–аз нузҳат *(шодиву хушӣ)*-и хотиру ҷарри манофиъ *(ҷалби суду касби манфаъат)* ва дидани аҷойибу шунидани ғаройиб ва тафарруҷи булдон *(тамошои шаҳрҳову гардиш дар онҳо)-у* муҷоварати хуллон *(ҳамнишинӣ бо дӯстон)* ва таҳсили ҷоҳу адабу мазиди молу муктасаб *(афзудани сарват ва бадастовардаҳо)* ва маърифати ёрону таҷрибати рӯзгорон, чунонки соликони тариқат гуфтаанд:

*(***Соликони тариқат:** *равандагони роҳи Ҳақ. Сафар кардан дар байни сӯфиён аҳаммийяту одоби хосе доштааст. Ҳамайи ин фиқра (нукта–О. Ш.) ишораест абёти мансуб ба Ҳазрати Амирулмӯъминин Алӣ, алайҳиссалом:*

Тағарраб ъанилавтони фӣ талабилъуло,
Ва софир фафиласфори хамсу фавойиди:
Тафарруҷу ҳаммин вактисобу маъишатин
Ва ъилмун ва одобун ва суҳбату моҷиди.

***Тарҷума**: Дар ҷустуҷӯйи бузургӣ аз ватани худ дур шаву сафар кун, зеро дар сафар панҷ фойида аст: бартараф кардани андӯҳу касби василайи зиндагӣ ва донишу адабу ҳамнишинӣ бо ашхоси бузургвор». (Доктор Хазойилӣ, «Шарҳи «Гулистон», с.473–474).*

То ба дуккону хона дар гаравӣ,
Ҳаргиз, ай хом, одамӣ нашавӣ!

Бирав, андар ҷаҳон тафарруҷ кун,
Пеш аз он рӯз, к-аз ҷаҳон биравӣ!

*(*****Маънойи қитъа**: Ай нодон, то худро гирифтори хонаву дуккон дорӣ, ҳаргиз одаме пухта нашавӣ ва ба пойгоҳи инсонӣ нарасӣ; пас, бархезу пеш аз он ки аз ин ҷаҳон рахти сафар барбандӣ, ба ҷаҳонгардӣ бипардоз ва сайри офоқ кун!).*

Падар гуфт:

– Ай писар, манофиъи сафар, чунин ки гуфтӣ, бешумор аст, валекин мусаллам панҷ тойифарост *(вале судҳойи сафар бар панҷ гурӯҳ муқаррар аст ва дигаронро нарасад)*: нахустин, бозаргоне ки бо вуҷуди ниъмату мукнат, ғуломону канизон дорад диловез ва шогирдони чобук; ҳар рӯзе ба шаҳреву ҳар шаб ба мақоме ва ҳар дам ба тафарруҷгоҳе аз наъими дунё мутаматтиъ *(аз ниъмати ин ҷаҳон бархурдор)*.

Мунъим ба кӯҳу дашту биёбон ғариб нест,
Ҳар ҷо, ки рафт, хайма заду хобгоҳ сохт!
В-онро, ки бар муроди ҷаҳон нест дастрас,
Дар зоду буми хеш ғариб асту ношинохт!

*(******Зод ва бум:** ин «*вов*»-ро ба содагӣ набояд «*вов*»-и отифа ангошт («*вов*»-и отифа ё «*вов*»-и атф, ки дар миёни ду муфрад воқеъ шаваду онро сокин хонанд)-у набояд мафтуҳ хонд, чунончи– «*ман**у** ту*»–мазмун аз «*Ғиёс-ул-луғот*», 2/366–*О. Ш.*), лизо, бо вуҷуди ин ки «*зодбум*» *(забти нусхайи Юсуфӣ)* арҷаҳ аст, онро ба ҳамин сурат дарҷ кардем, то муҳаққиқони забоншинос биҳтар битавонанд дар борааш таҳқиқ кунанд. Ин «*вов*» як навъ баёни ҳаракат аст ва баройи хуруҷ аз душворийи сукуни «*дол*». Дар «*ҷарру баҳс*» ҳам ин «*вов*» вуҷуд дорад ва қиёсан «*ҷарри баҳс*» дуруст аст. Албатта, ин ду «*вов*» айнан шабеҳи ҳам нестанд. Дар ҳар ҳол, масъала шоёни тадқиқу таҳқиқи илмист.*

******Маънойи қитъа**: Тавонгар дар кӯҳу ҳомуну саҳро бегонаву овора нест, чи ба ҳар ҷо фуруд ояд, саропарда тавонад афрошту бистари осойиш тавонад густард, вале он ки дасташ ба хостаҳову орзуҳойи инҷаҳонӣ намерасад, дар зодгоҳу ватани худ ношинохтаву бегона аст.*

*****Мазмуни ин ду байт** ишорауст ба сухани Алӣ(а): «Алғино филғурбати ватанун валфақру бақватани ғурбатун»; «Тавонгарӣ*

дар ғурбат ватан аст ва тиҳидастӣ дар ватан ғурбат аст»–«Наҳҷ-ул-балоға»).

Дувум, олиме, ки ба мантиқи ширинуа қуввати фасоҳат *(шевоийи сухан)*-у мояи балоғат *(расоийи сухан)* ҳар ҷо, ки равад, ба хидмати ӯ иқдом намоянду икром кунанд.

Вуҷуди марди доно мисоли зарри талист,
Ки ҳар куҷо биравад, қадру қиматаш донанд.

Бузургзодайи нодон ба шаҳраво** монад,
Ки дар диёри ғарибаш ба ҳеч настонанд.

*(**__Зарри талӣ:__ мурод зари холису тамомиёр (ё тамомъиёр–О. Ш.); ниг.: ба байти охири ҳикояти 12 ҳамин боб.*

__Шаҳраво:__ зари носара, ки яке аз мулук дар мулки худ ба зӯру таъаддӣ ройиҷ сохт ва дар ғайри мулки ӯ ройиҷ нашуд ва боз пулеро гӯянд, ки дар шаҳре гиранду дар шаҳре нагиранд («Фарҳанги Рашидӣ»). Дар асл ин калима «шаҳрраво» ё «шаҳрравон» будааст (ба маънойи равону ройиҷ дар кишвар (= шаҳр) ва ба маънойи мутлақи маскук (сикказадашуда)-йи зару сим низ ба кор мерафтааст. Шоъири номбурдори қарни шашуми ҳичрӣ, Ҷамолуддин Абдурраззоқи Исфаҳонӣ дар таркиббанди маъруфи худ дар наъти Ҳазрати Муҳаммад зимни ишора ба фалс (пашиз, пули сиёҳ–О. Ш.)-и мукаллас (оҳакӣ, оҳакдор–О. Ш.)-и муталлас (рупияи бесиккa ва дираму динори бенақш–О. Ш.), яъне, пашизи гудохтаи бенақш, ки ба истиъора қурси Офтобро ирода карда, мефармояд:

Ай шаҳрравон ба фарри номат
Ин фалси мукалласи муталлас!

***Маънойи қитъа**: Шахси олим монанди зари тамомъиёр аст, ки ба ҳар ҷой рӯй орад, баҳову арзиши вай нек шиносанд; миҳтарзодайи ҷоҳил чун дирами носараест, ки дар шаҳре ройиҷ бошад, вале дар кишварҳойи бегона ба ҳечаш напазиранду нахаранд).*

Сеюм, хубрӯе, ки даруни соҳибдилон ба мухолатат *(омезиш кардан бо касе)*-и ӯ майл кунад, ки бузургон гуфтаанд: «Андаке ҷамол биҳ аз бисёре мол». Ва гӯянд: «Рӯйи зебо марҳами дилҳойи хаста асту калиди дарҳойи баста». Лоҷарам, суҳбат *(омезиш кардан)*-и ӯро ҳама ҷой ғанимат шиносанду хидматашро миннат до-

нанд.

*(******Рӯйи зебо марҳами…:*** *ин иборот ҳукми масали сойир пайдо кардаст).*

Шоҳид он ҷо, ки равад ҳурмату иззат бинад,
Вар бионанд ба қаҳраш падару модару хеш.
Пари товус дар авроқи масоҳиф дидам,
Гуфтам: «Иин манзилат аз қадри ту мебинам беш!».
Гуфт: «Хомӯш, ки ҳар кас, ки ҷамоле дорад,
Ҳар куҷо пой ниҳад, даст надорандаш пеш!»

*(*****Шоҳид:*** *дар форсӣ ба маънойи соҳибҷамол, зебову хушнамо ҳам ба кор меравад; дар асл ба маънойи гувоҳ.*

******Қаҳр:*** *дар форсӣ бештар ба маънойи дуруштхӯйиву бемеҳрӣ, дар арабӣ ба маънойи чирагӣ корбаст мешавад.*

******Авроқи масоҳиф:*** *баргҳойи Қуръон; дар ин ҷо мурод Қуръони Карим ё Мусҳафи Азиз аст. Бингаред ба ҳикояти 7 боби дувум.*

******Маънойи*** *қитъа: Зеборӯй ба ҳар ҷой гом ниҳад, вайро эҳтиромаш кунанду арҷмандаш доранд, агарчи падару модар ӯро ба хориву бемеҳрӣ аз бари худ дур карда бошанд. Дар миёни баргҳойи Қуръон пари товус ёфтаму гуфтам: «Ин рутба аз шойистагийи ту афзун аст». Пар ба забони ҳол посух дод: «Лаб фурӯ банд, ки ҳар кӣ аз зебойӣ баҳр (бо «ҳавваз»–насиб, қисмат, ҳисса–О. Ш.)-е дорад, ба ҳар ҷо равад, дасти рад бар синайи вай наниҳанду аз худ наронанд».*

*****Гёте*** *дар «Девони шарқию ғарбӣ» аз ду байти ахири «пари товус дар авроқ…» илҳом гирифта ва қитъае пардохтааст).*

* * *

Чун дар писар мувофиқиву дилбарӣ бувад.
Андеша нест, гар падар аз вай барӣ бувад.
Ӯ гавҳар аст, гӯ, садафаш дар ҷаҳон мабош,
Дурри ятимро** ҳама кас муштарӣ бувад!

(Ятим*–яктову фарду беҳамто аз ҳар чизе; фарзанди бепадар;* ***дурри ятим****–марвориди беназиру бемонанд.*

Маънойи қитъа*: **Чун ҷавони зеборо хӯйи созгору чиҳрайи дилфиреб бошад, ғам нест агар падар аз вай безорӣ ҷӯяд; ӯ худ гуҳар аст, агар вайро садафе набошад, парвое нест, чӣ марвори-*

ди шоҳвори ягонаро ҳама кас харидор аст).

Чаҳорум, хушовозе, ки ба ҳанҷара *(нойи гулӯ)*-и довудӣ об аз ҷараёну мурғ аз таяраон *(парвоз)* боздорад. Пас, ба василати ин фазилат дили муштоқон сайд кунаду арбоби маънӣ *(маъношиносон)* ба мунодамат *(ҳамнишинӣ кардан)*-и ӯ рағбат намоянд ва ба анвоъ *(гунагун)* хидмат кунанд.

Самъӣ ила ҳуснилағонӣ,
Ман заллазӣ ҷассалмасонӣ.

*(*****Самъи ило…:*** *гӯшам ба зебоийи оҳангу таронаҳост (*гӯшам ба хушийи овозҳост); То кист, ки торҳойи дувумин чангро ба наво дарорад?!)*

Чӣ хуш бошад оҳанги нарми ҳазин,
Ба гӯши ҳарифони масти сабуҳ!
Биҳ аз рӯйи зебост овози хуш,
Ки он ҳаззи нафс асту ин қути руҳ!

*(*****Ҳазин****–сӯзноку нарм, сифати оҳанг. Дар сафҳайи 36 «Чаҳор мақола»-йи Низомийи Арузӣ бо тасҳеҳи муҷаддади доктор Муъин чунин омадааст: «Чун шароб чанде даргузашт, Фаррухӣ бархосту бо овози ҳазину хуш ин қасида бихонд». «Ҳазин» номи лаҳне аз мусиқӣ ва, ҳамчунин, ба маънойи андӯҳгин омадааст. Саъдӣ дар як байт «ҳазин»-ро бо ду маънойи мухталифи он ба кор бурдааст:*

Ҳазину хаста малулони давлатат ҳама сол,
Ту гӯш карда ба овози мутрибон ҳазин!
(Манқул аз «Луғатнома»-йи Деҳхудо.)

******Сабуҳ****–шароби бомдод; бомдодие аз шаробу ширу монанди он.*

Маънойи қитъа*: Овойи латифу сӯзноку дилпазир дар гӯши ёрони маст аз шароб сахт хуш аст; овози хуб аз рӯйи накӯ биҳтар аст, чӣ аз сурати зебо нафс баҳра гираду аз овойи дилфиреб равон хурӯшу парвариш ёбад).*

Ё каминапешаваре, ки ба саъйи бозу кафофе ҳосил кунад, то обрӯй аз баҳри нон рехта нагардад, чунонки хирадмандон гуфта-

анд:

Гар ба ғарибӣ равад аз шаҳри хеш,
Сахтиву миҳнат набарад пинадӯз.
Вар ба харобӣ** фитад аз мамлакат
Гурсна хуфтад малики Нимрӯз!**

*(**__Харобӣ:__ парешонӣ ва табоҳийи авзоъи кишвар; Нимрӯз– номи дигари Систону навоҳийи атрофи он (ниг. ба «Муъҷам-ул-булдон»-и Ёқути Ҳумавӣ, зайли «Нимрӯз»; дар даврайи Сосонӣ бахши ҷанубӣ Эрон Нимруч хонда мешуд.*

***Маънойи қитъа**: Агар порадӯзе аз ватани худ ба сарзамини бегона қадам ниҳад, ба санъати хеш ранҷу душворӣ намебинад ва агар ба парешонийи кишвар шоҳи Систон аз мулку давлат барафтад, чун пешаву ҳирфае надонад, гурусна сар ба болин хоҳад ниҳод).*

Чунин сифатҳо, ки баён кардам, ай фарзанд, дар сафар мӯҷиби ҷамъияти хотир асту доъияи таййиби айш *(боъиси хушиву покизагийи зиндагӣ)* ва он, ки аз ин ҷумла бебаҳра аст, ба хаёли ботил дар ҷаҳон биравад ва дигар касаш ному нишон нашнавад.

Ҳар он кӣ гардиши гетӣ ба кини ӯ бархост,
Ба ғайри маслаҳаташ раҳбарӣ кунад айём.
Кабӯтаре, ки дигар ошён нахоҳад дид,
Қазо ҳамебарадаш то ба сӯйи донаву дом.

*(***__Ҳар он кӣ гардиши…:__ дар адаби қадим, шояд ба лиҳози муроъоти адаби шаръ, бо он ки Худовандро мусаббабуласбоб медонистанд, корҳо ва, бавижа, ранҷҳову масоиб (ҷамъи мусибат– О. Ш.)-ро ба осмону рӯзгору фалак нисбат медоданд, чунонки Ҳофиз гӯяд: «Осмон киштийи арбоби ҳунар мешиканад». Ё худ Саъдӣ дар оғози ҳамин ҳикоят мегӯяд: «...ва аз даҳри мухолиф ба фиғон омада»...*

***__Маънойи қитъа__**: Ҳар кас*, ки *гузашти рӯзгор ба душманийи вай қиём кунад, ба корҳойи хилофи некиву хайраш роҳ намояд; кабӯтаре*, ки *ҳаргиз лонайи худро боз нахоҳад дид, тақдираш донае намояд ва ба савдойи он ба домаш афканад).*

Писар гуфт:

– Ай падар, қавли ҳукаморо чӣ гуна мухолафат кунем, ки гуфтаанд: «Ризқ агарчи мақсум аст, ба асбоби ҳусул таъаллуқ шарт аст ва бало агарчи мақдур, аз абвоби духули он эҳтироз воҷиб».

*(*****Бало****–озмойиш ба сахтиву миҳнат. **Эҳтироз**–парҳез кардан.*

Маънойи чанд ҷумла: *Рӯзӣ агарчи ниҳодааст, ба даст овардан ашро василае бошад ва рӯйдоди сахту балийят агарчи бар қалами тақдир рафта бошад, парҳез аз дарҳойи нузули он фарз аст).*

Ризқ агарчанд бегумон бирасад,
Шарти ақл аст ҷустан аз дарҳо.
Варчи кас беаҷал нахоҳад мурд,
Ту марав дар даҳони аждарҳо!*

*(****Мисраъи*** *аввал ишорест ба ояи 6 сурайи Ҳуд(11):*

وَمَا مِن دَابَّةٍ فِي الأَرْضِ إِلاَّ عَلَى اللّهِ رِزْقُهَا

(«Ҳеч ҷунбандае бар рӯйи замин нест, ҷуз он, ки *рӯзийи ӯ бо Худост»).*

*****Аждарҳо:*** *аждаҳо, мори бузург. Мафҳуми байт ишораест ба ояи 195 сурайи Бақара(2):*

وَأَنفِقُواْ فِي سَبِيلِ اللّهِ وَلاَ تُلْقُواْ بِأَيْدِيكُمْ إِلَى التَّهْلُكَةِ

(яъне, «Дар роҳи Худо инфоқ кунеду хештанро ба дасти хеш ба ҳалокат маяндозед»).

******Маънойи қитъа****: рӯзиро ба ҳукми хирад бояд аз абвобаш талаб кард, ҳарчанд худ ба яқин ба рӯзихора хоҳад расид ва агарчи ҳеч кас то поёни умраш фаро нарасад, ҷон насупурад, ту ба худ дар коми аждаҳо пой маниҳу аз хатар бипарҳез. Мавлоно фармояд:*

Ташна менолад, ки ку оби гувор,
Об ҳам нолад, ки ку он обхор?!
Ҷазби об аст ин аташ дар ҷони мо,
Мо аз они ӯву ӯ ҳам з-они мо!).

Дар ин сурат, ки манам бо пили дамон бизанам ва бо шери жиён *(*хашмгин)* панҷа дарафканам! Пас маслаҳат он аст, ай падар, ки сафар кунам, к-аз ин беш тоқати бенавойӣ намеорам!

*(*****Маънойи ду-се ҷумлаи ахир****: Бо ин ҳайъату вазъе, ки ман дорам, бо фили хурӯшон пайкор кунаму бо шери хашмолуд ба зӯрозмойӣ пардозам!)*

Чун мард дарфитод зи ҷою мақоми хеш,
Дигар чӣ ғам хурад, ҳама офоқ ҷойи ӯст!
Шаб ҳар тавонгаре ба сарое ҳамераванд.
Дарвеш ҳар куҷо, ки шаб омад, саройи ӯст!

*(*****Маънойи*** *қитъа: Чун шахс аз мансабу пойгоҳи хеш барканда шавад, аз он пас ҳар каронае аз ҷаҳон мақарру маъвойи ӯ бошад. Ҳар молдоре шабҳангом ба кохе равад, вале тиҳидасти бехонумон шаб ҳар ҷо фароз ояд, ҳамон ҷо хонайи ӯст.*
Мисраъи охир *ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ин бигуфту падарро видоъ кард ва ҳиммат хосту* равон шуд ва бо худ ҳамегуфт:
*(****Ҳиммат хост:*** *ниг. ба ёддоштҳойи ҳикояти 29, боби аввал).*

Ҳунарвар, чу бахташ набошад ба ком,
Ба ҷое равад, к-аш надонанд ном.

*(*****Маънойи байт:*** *Чун толиъ бо ҳунарманде носозгорӣ намояд, вай ба ҷое рӯй оварад, ки ному нишонаш гум шавад ва қадраш ношинохта монад).*

Ҳамчунин, то бирасид ба канори об *(рӯдхона)*-е, ки санг аз салобати ӯ бар санг ҳамеомад ва хурӯш ба фарсанг мерафт.
*(*****Маънойи чанд ҷумлайи ахир****: Бо ин ҳол пайваста мерафт, то ба канори рӯдхонае расид, ки тахтасанг аз сахтийи мавҷи вай бар тахтасанг меғалтиду бонгаш то як фарсанг ба гӯш мерасид).*

Саҳмгин обе, ки мурғобӣ дар ӯ эмин набудӣ,
Камтарин мавҷ осиёсанг аз канораш даррабудӣ.

*(*****Маънойи байт:*** *Рӯдхонае тарснок, ки мурғобӣ ҳам аз он тарсу бим дошту хурдтарин кӯҳайи обаш санги осиёро аз соҳил ба шитоб бармеканду мебурд).*

Гурӯҳе мардумонро дид, ҳар як ба қурозае дар миъбар нишаставу рахти сафар баста. Ҷавонро дасти ато баста буд. Забони сано *(ситоиш)* баркушуд, чандонки зорӣ кард ёрӣ накарданд. Маллоҳи бемурувват ба ханда баргардиду гуфт *(киштибони ноҷавонмард хандае истиҳзоомез карду гуфт)*:

Зар надорӣ, натавон рафт ба зӯр аз дари ёр,
Зӯри даҳмарда чӣ бошад, зари якмарда биёр!

*(******Зӯри даҳмарда…:*** *набояд тасаввур кард, ки зари якмарда як навъ зар аст, бар вафқи сифати мушокала ва ҳамшакл (мушокала–мувофиқ бо якдигар ё монанду мушобеҳи ҳам) ва дар истилоҳи илми бадеъ табдили калима аст ба воситайи муҷоварати лафзӣ ё тақдирӣ, монанди ин шеър:*

Ситора мешикананд, Офтоб месозанд,
Муғон, ки донайи ангур об месозанд.

«*Ки*» *дар охири мисраъи дувум ба ҷойи* «*об мегиранд*» *ё* «*об месозанд*» *омада, ба ҷиҳати муҷоварати лафзӣ бо калимае, ки дар мисраъи аввал аст (*«*Фарҳанги Сабо», саҳ. 1002;–О. Ш.). Гӯйӣ чун пештар аз даҳмарда сухан гуфтааст, ин ҷо ҳам якмардаро овардааст. Яъне, зӯри ба андозайи зӯри даҳ мард ба дард намехураду ба кор намеояд, зари як мард биёр, яъне, пулу ҳазинайи мардбут ба як мардро биёвар).*

Ҷавонро дил аз таънайи маллоҳ ба ҳам баромад, хост, ки аз ӯ интиқом *(**кина кашидан)* кашад. Киштӣ рафта буд. Овоз доду гуфт:

– Агар бад-ин ҷома, ки пӯшида дорам, қаноъат кунӣ, дареғ нест.

Маллоҳ тамаъ карду киштӣ бозгардонид.

Бидӯзад шараҳ дидайи ҳушманд.
Дарорад тамаъ мурғу моҳӣ ба банд.

*(****Шараҳ****–ҳарис шудан, майли фаровон ба чизе доштан, ҳирсу оз,.*

Маънойи байт*: **Оз чашми зираконро фурӯ мебандаду ҳирс парандайи ҳаво ва моҳийи дарёро ба дом меафканад.)*

Чандонки ришу гиребон ба дасти ҷавон афтод, ба худ даркашиду бемуҳобо *(бидуни гузашту парво)* кӯфтан гирифт. Ёраш аз киштӣ бадар омад, то пуштӣ *(пуштбонӣ)* кунад, ҳамчунин дурушти диду пушт бидод. Ҷуз ин чора надоштанд, ки бо ӯ ба

мусолаҳат гароянду ба учрат *(кироя)* мусомаҳат *(осонӣ овардан бо касе)* намоянд *(ҷуз ин гузире наёфтанд, ки бо вай ба оштӣ майл кунанд ва кирояйи киштиро осон гиранд, яъне, кирояро бад-ӯ бибахшанд)*. «Куллу мудоротин садақатун»**.

(***Маънойи ҷумлайи арабӣ**: Ҳар нармхӯйӣ худ ниёз (туҳфа ё ҳадяйи дарвешон–О. Ш.)-е ба дарвешон аст дар роҳи Худо, ки балоро бигардонад).*

Чу пархош бинӣ, таҳаммул биёр.
Ки саҳлӣ бибандад дари корзор.
Ба ширинзабонийю лутфу хушӣ
Тавонӣ, ки пиле ба мӯе кашӣ!

*(***Маънойи ду байт**: Чун тундхӯйиву душманӣ бинӣ, бурдборӣ пеша кун, ки бо осонгирӣ дари ситеза фурӯбаста монад; пилеро ҳам бо сухани чарбу ширин ва меҳру лутф ба тори мӯе тавон кашиду ром кард.*

Байти охир ҳукми масали сойир пайдо кардааст).

Ба узри мозӣ *(ба пӯзише аз корҳойи айёми гузашта)* дар қадамаш фитоданду бӯса чанде ба нифоқ *(ба дурӯйӣ)* бар сару чашмаш доданд. Пас ба киштӣ даровардану равон шуданд, то бирасиданд ба сутуне аз иморати Юнон* дар об истода.

(***Иморати Юнон:** сохтмонҳойи юнониён. **Юнон**–кишвари юнониҳо, муракаб аз «юн» + «он» (пасванди макон ё ҷамъ); «**Юн**» номи нахустин қабилае буд аз тавойифи Ҳелан, ки бо эрониён рӯбарӯ шуданд. Аз ин рӯ, эрониён ба тамоми сарзамини ақвоми ҳелан Юнон гуфтанд, чунонки юнониён ба муносабати қавми порс, ки яке аз ақвоми эронист, ба Эрон **Persia** гуфтанд, яъне, сарзамини қавми порс («Ҳавошийи «Бурҳони қотиъ», тасҳеҳи доктор Муъин); Юнонро Хоқонӣ ба маънойи юнониён чунин ба кор бурда аст:*

Маънӣ наву (несту–О. Ш.)нақши ришу дастор,
Ҳикмат наву аҳли дини Юнон!).

Маллоҳ гуфт:

– Киштиро халал*(табоҳӣ ва рахна)* ҳаст; яке аз шумо, ки диловартар аст, бояд ки бад-ин сутун биравад ва хитом *(миҳор, суккон)*-и киштӣ бигирад, то иморат *(ислоҳ)* кунем. Ҷавон ба ғурури диловарӣ, ки дар сар дошт, аз хасми дилозурда наяндешид ва қавли ҳукамо, ки

гуфтаанд: «Ҳар киро ранҷе ба дил расонидӣ, агар дар ақиби он сад роҳат бирасонӣ, аз подоши он як ранҷиш эмин мабош, ки пайкон аз ҷароҳат бадар ояду озор дар дил бимонад!».

*(*****Маънойи ду ҷумла**: нӯки оҳанини тир аз захм бурун тавон кашид, вале ранҷиши дилу озурдагийи хотир устувор (барҷой) мемонад).*

Чӣ хуш гуфт бактош бо хайлтош,
Чу душман харошидӣ, эмин мабош!

*(**Бактош:** бузурги элу тоифа («Онандроҷ»).*

***Хайлтош:** сипоҳе ва лашкареро гӯянд, ки ҳама аз як хайлу тойифа бошанд (ин ду калима туркианд–О. Ш.).*

***Маънойи байт**: **Миҳтари бузург ба сипоҳӣ ё чокари худ сухане бисёр судманд биёмӯхт, ки чун хасм озурдӣ, аз газанди вай дар амон нестӣ!).*

* * *

Машав эмин, ки тангдил гардӣ,
Чун зи дастат диле ба танг ояд.

Санг бар борайи ҳисор мазан,
Ки бувад, к-аз ҳисор санг ояд.

*(*****Бора**–девор; **ҳисор**–қалъа, диж, бору.*

***Маънойи қитъа**: Чун хотире аз ту озурда шавад, осуда манишин, ки туро низ дил биёзоранд; санг бар девори диж маяфкан, ки бошад, ки ба кайфари он аз бору санг бар ту афкананд).*

Чандонки миқвад *(миҳор, расан)*-и киштӣ ба соъид барпечиду болойи сутун рафт, маллоҳ зимом *(миҳор)* аз кафаш даргусалонид *(пора кард)*-у киштӣ биронд. Бечора мутаҳаййир бимонд. Рӯзе ду балову миҳнат кашиду сахтӣ дид. Сеюм хобаш гиребон гирифту ба об андохт. Баъди шабонарӯзе дигар бар канор афтод. Аз ҳаёташ рамақ *(ними ҷон)*-е монда, барги дарахтон хӯрдан гирифту бехи гиёҳон баровардан., то андаке қувват ёфт. Сар дар биёбон ниҳоду ҳамерафт. То ташнаву бетоқат ба сари чоҳе расид. Қавме бар ӯ гирд омада ва шарбате об ба пашиз *(сиккайи камбаҳойи мисӣ)*-е ҳамеошомиданд. Ҷавонро пашизе набуд, талаб карду бечорагӣ намуд. Раҳмат наёварданд. Дасти таъаддӣ дароз кард, муяссар

нашуд. Ба зарурат тане чандро фурӯ кӯфт. Мардон ғалаба кардану бемуҳобо бизаданд ва маҷруҳ шуд.

Пашша чу пур шуд, бизанад пилро,
Бо ҳама тундию салобат, ки ӯст.
Мӯрчагонро чу бувад иттифоқ,
Шери жиёнро бидаронанд пӯст!

*(*****Мисраъи дувум****ро аз лиҳози дастурӣ чунин таъвил тавон кард: бо ҳама тундиву салобат, ки ӯро (пилро)-ст.*

Маънойи ду байт*: Чун пашшагон бисёр шаванд, филро бо ҳама ҳамлаварию дуруштиву устувориву нерумандӣ мағлуб созанд. Мӯрчагон чун бо ҳам яке шаванд, пӯсти шери хашмгинро тавонанд барканд.*

Ин қитъа *ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ба ҳукми зарурат *(ногузир)* дар пайи корвоне афтоду бирафт. Шабонгаҳ бирасиданд ба мақоме, ки аз дуздон пурхатар буд. Корвониёнро дид ларза бар андом афтодаву дил бар ҳалок ниҳода. Гуфт:

– Андеша мадоред, ки яке манам дар ин миён, ки ба танҳо панҷоҳ мардро ҷавоб диҳам. Ва дигар ҷавонон ҳам ёрӣ кунанд.

Ин бигуфт ва мардуми корвонро ба лофи ӯ дил қавӣ гашту ба суҳбаташ шодмонӣ карданд ва ба зод *(тӯша)*-у обаш дастгирӣ воҷиб донистанд. Ҷавонро оташи миъда боло гирифта буду инони тоқат аз даст рафта; луқмае чанд аз сари иштиҳо тановул карду дам *(ҷуръа)*-е чанд об дар сараш ошомид, то деви дарунаш биёрамиду бихуфт. Пирмарде ҷаҳондида дар он миён буд, гуфт:

– Ай ёрон, ман аз ин бадрақа *(роҳбару нигаҳбон)*-и шумо андешнокам, на чандонки аз дуздон; чунонки ҳикоят кунанд, ки араберо** дираме чанд гирд омада буд ва ба шаб аз ташвиши лӯриён** дар хона танҳо хобаш намебурд.

*(*****Арабе:*** *як тан тозӣ; «араб» (ба фатҳи аввалу дувум) дар форсӣ бештар ба ду маънӣ ба кор меравад, гоҳ ба сурати исм ба маънойи* ***қавми араб, чунонки гӯянд: Ҳамлайи*** *араб ба Эрон; гоҳ ба сурати сифат, ба маънойи тозинажод ояд ва ҷонишини мавсуфи худ шавад. Мавлоно гӯяд:*

Курду турку порсигӯву араб,
Фаҳм карда он нидо бе гӯшу лаб!

***Лӯриён:* *қавмест саҳронишин, ки аксари эшон раҳзан бошанд ва бозигариву ба кӯчаҳо саройидан низ пеша доранд; ҷамъи лӯрӣ. Дар Ҳинд эшонро ковлӣ гӯянду дар Эрон кулӣ ва шуъаро дар шеър лӯрӣ ва лӯлӣ гуфтаанд. Ҷамолуддини Абдурраззоқ фармояд:*

Румӣ рӯз оби корат бурду ту дар кори об,
Лӯрӣ шаб рахти умрат бурду ту дар панҷу чаҳор. («Онандроҷ»).

Ташвиши лӯриён*–ваҳшат ва ҳарос аз раҳзанони лӯрӣ).*

Якеро аз дӯстон пеши худ овард, то ваҳшати танҳойӣ ба дидори ӯ мунсариф *(бозмонда)* кунад. Ва шабе чанд дар суҳбати ӯ буд, чандонки бар дирамҳош иттилоъ ёфт, бибурду бихӯрду сафар кард. Бомдодон диданд арабро гирёну урён. Гуфтанд:

– Ҳол чист? Магар дирамҳойи туро дузд бурд?

Гуфт:

– Ло, валлоҳ, бадрақа бурд *(на, ба Худо савганд, дузд набурд, бадрақа бурд)*!

Ҳаргиз эмин зи мор наншастам,
Ки бидонистам он чӣ хислати ӯст.
Захми дандони душмане батар аст,
Ки намояд ба чашми мардум дӯст.

*(*****Маънойи қитъа****: Аз мори газанда ҳеч гоҳ худро дар амон намешумурдам, чи ба хӯю сифаташ нек пай бурда будам; осеби он хасм ҷонкоҳтар аст, ки худро дар дидайи инсон дӯст ҷилва диҳад).*

Чӣ донед, агар ин ҳам аз ҷумлайи дуздон бошад, ки ба айёрӣ *(фиребу найранг)* дар миёни мо таъбия *(омода)* шудааст, то ба вақти фурсат ёронро хабар кунад. Маслаҳат он бинам, ки мар варо хуфта бимонему биронем.

Ҷавононро тадбири пир устувор омаду маҳобат *(тарсу биму шукӯҳ)*-е аз муштзан дар дил гирифтанд. Ва рахт бардоштанду ҷавонро хуфта бигузоштанд. Он гаҳ хабар ёфт, ки Офтобаш дар китф тофт. Сар бароварду корвон рафта дид. Бечора басе бигардиду раҳ ба ҷое набурд. Ташнаву бенаво рӯй бар хоку дил бар ҳалок ниҳода ҳамегуфт:

Ман зо йуҳаддисунӣ ва зуммалъис,
Мо лил-ғариби сивои-л-ғариби анис.

*(*****Ман зо йуҳаддисунӣ…:*** *кист, ки бо ман сухан гӯяд ва ҳол он ки шутурон баройи кӯч миҳор баста шуданд (ва маро танҳо гузоштанд); овараро ҷуз овора ҳамдам нест.)*

* * *

Дурушт кунад бо ғарибон касе,
Ки нобуда бошад ба ғурбат басе.

*(*****Маънойи байт:*** *Он кас бо оворагон тундхӯйӣ мекунаду беҳурматӣ меварзад, ки ба ранҷи оворагию дурӣ аз ёру диёр сахт гирифтор намонда бошад).*

Мискин дар ин сухан буд, ки подшаҳписаре ба сайд *(шикор)* аз лашкариён дур афтода буд. Болойи сараш истода ҳамешуниду дар ҳайъаташ нигаҳ мекард. Сурати зоҳираш покизаву сурати ҳолаташ парешон. Пурсид:

– Аз куҷойӣ ва бад-ин ҷойгаҳ чун афтодӣ?

Бархе аз он чӣ бар сари ӯ рафта буд, иъодат *(бозгуфт)* кард. Маликзодаро бар ҳоли табоҳи ӯ раҳмат омад; хилъату ниъмат доду муътамаде бо вай фиристод, то ба шаҳри хеш омад. Падар ба дидори ӯ шодмонӣ карду бар саломати ҳолаш шукр гуфт. Шабонгаҳ з-он чӣ бар сари ӯ гузашта буд, аз ҳолати киштиву ҷаври маллоҳ ва рустоиёни бар сари чоҳу ғадри корвониён бо падар мегуфт. Падар гуфт:

– Ай писар, нагуфтамат ҳангоми рафтан, ки тиҳидастонро дасти далерӣ* баста асту панҷайи шерӣ шикаста?!

*(****Дасти далерӣ…:*** *дасти диловарийи тангдастон баста асту панҷайи зӯрмандийи онон дарҳамшикаставу нотавон аст; мақсуд он, ки зӯрмандӣ бо дасти холиву бепул ҳосиле надорад. Байти баъд низ ҳамин мазмунро дорад).*

Чӣ хуш гуфт он тиҳидасти силаҳшӯр:

«Ҷаве зар биҳтар аз панҷоҳ ман зӯр!»

(***Силаҳшӯр:*** *силоҳварз; касе, ки кор фармудани силоҳҳойи ҷангиро нек бидонад.*

Маънойи байт*: Тангдасти силоҳварз сахт некӯ гуфт, ки як ҷав зар доштан биҳ аз панҷоҳ ман неру доштан аст.*

Мисраъи дувуми байт *ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Писар гуфт:

– Ай падар, ҳаройина, то ранҷ набарӣ, ганҷ барнадорӣ ва то ҷон дар хатар наниҳӣ, бар душман зафар наёбӣ ва то дона парешон накӯнӣ, хирман барнагирӣ! Набинӣ ба андак моя ранҷе, ки бурдам, чӣ таҳсили роҳат кардам *(чӣ миқдор роҳату осойиш ба даст овардам)* ва ба неше, ки хӯрдам, чӣ моя асал овардам?!

*(****То ранҷ набарӣ, ганҷ набардорӣ:*** *мафҳуми ин сухан, ки ҳолати масал дорад, дар осори Саъдӣ борҳо омадааст, аз ҷумла:*

Нобурда ранҷ ганҷ муяссар намешавад,
Музд он гирифт, ҷони бародар, ки кор кард!
(«Мавоъиз»).

Ганҷ хоҳӣ, дар талаб ранҷе бибар,
Хирмане мебоядат, тухме бикор!
(«Мавоъиз»).

Фирдавсӣ ҳам гуфтааст:

Ба ранҷ андар аст, ай хирадманд, ганҷ,
Наёбад касе ганҷ, нобурда ранҷ!

******Маънойи чанд ҷумла:*** *Оё наменигарӣ, бо каме миҳнат*, ки *кашидам, чӣ моя осойиш ба даст овардам ва ба адак заҳре, ки чашидам, чӣ андоза шаҳди фаровон кардам?!).*

Гарчи берун зи ризқ натвон х(в)ард,
Дар талаб коҳилӣ нашояд кард.

*(*****Маънойи байт:*** *Агарчи ҷуз рӯзийи мақсум луқмае ба ком нарасад, бо ин ҳол дар ҷустани он сустӣ сазовор нест!)*

* * *

Ғаввос агар андеша кунад коми наҳанг,
Ҳаргиз накунад дурри гаронмоя ба чанг*.

*(**Ғаввос:*** *он ки ба дарё фурӯ равад, аз ҷумла, баройи сайди марворид.*

Наҳанг: *тимсоҳ; хазандаест обӣ ба сурати сусмор, ки дар рӯдхонаҳойи сарзаминҳойи гарм зиндагӣ мекунад. Рӯдакӣ фармо-*

яд:

З-он май, ки гар сиришке андар чакад ба Нил,
Сад сол маст бошад аз бӯйи он наҳанг.

*Саъдӣ аз наҳанг (= тимсоҳ) дар ин ҷо гови анбар ё бол (наҳанг–О. Ш.)-ро, ки ба фаронса «болин»–**Baleine** гӯянд, ирода кардааст.*

***Маънойи байт**: Агар сайёди марворид аз даҳони наҳанг парво кунаду ба дарё фурӯ наравад, ҳеч гоҳ марвориди қимате ба даст наёварад).*

Осиёсанги зерин мутаҳаррик нест лоҷарам, таҳаммули бори гарон ҳамекунад.

*(****Осиёсанг:** санги зерини осиё. **Осиё**–ос; санге бошад мусаттаҳу мудаввар бар болойи санги дигар, ки обу боду одамиву ҳайвони дигар онро бигардонанд; ва баъзе гӯянд, он чӣ ба об гардад, осиё гӯянд… Чӣ асли ин луғат **особ** буда, «син»-ро касра доданд, **осиоб** шуда («Бурҳони қотиъ»). Қиёс кунед бо дастос, харос. **Ос** аз авастоийи **asan** ва **asman** омада, ба маънойи санг («Ҳавошийи «Бурҳони қотиъ», тасҳеҳи доктор Муъин).*

***Маънойи ду ҷумла**: Санги зерини осиё бечунбиш аст, ногузир сангинийи санги гардони забаринро мекашад ва гаронийи бор мебарад).*

Чӣ хурад шери шарза* дар буни ғор?!
Бози афтодаро чӣ қут бувад?!
То ту дар хона сайд хоҳӣ кард,
Дасту пият чу анкабут бувад.

***(Шарза:** хашмнок, зӯрманд.*

***Мафҳуми абёт**: *Агар шери жиён дар таҳи ғор бимонаду ба шикор напардозад, чӣ туъмае ба даст тавонад овард? Ва бози шикорӣ агар барҷой монаду ба парвоз дарнаёяд, чӣ рӯзие тавонад дошт? Ту низ агар аз хона берун наёйиву шикоргоҳат фақат хона бошад, аз заъф дасту пое лоғар чун анкабут хоҳӣ дошт).*

Падар гуфт:

– Ай писар, туро дар ин навбат фалак ёварӣ карду иқбол раҳбарӣ, ки соҳибдавлате дар ту расиду бар ту бибахшойид ва каср *(шикастагӣ, шикастан)*-и ҳолатро ба тафаққуде ҷабр

*(**накӯҳол кардан)* карду чунин иттифоқ нодир афтад ва бар нодир ҳукм натавон кард. Зинҳор *(ҳамоно огоҳ бош)*, то бад-ин тамаъ дигарбора гирди валаъ *(ҳирс)* нагардӣ.

Сайёд на ҳар бор шаголе бибарад,
Уфтад, ки яке рӯз палангаш бих(в)арад!

*(**Шагол:** шағол; номи яке аз пистондорони гӯштхор, ки ба саг шабеҳ аст.*
***Маънойи байт**: Шикорӣ на ҳар бор шағоле шағоле сайд кунад; пеш ояд, ки рӯзе худ шикор ё туъмайи паланг гардад!).*

Чунонки якеро аз мулуки Порс нигине гаронмоя бар ангуштарӣ буд. Боре ба ҳукми тафарруҷ, бо тане чанд хоссон ба Мусаллойи Шероз бурун рафт. Фармуд, то ангуштарӣ бар Гунбади Ъазуд насб карданд, то ҳар кӣ тир аз ҳалқайи ангуштарӣ бигзаронад, хотам ӯро бошад. Иттифоқан, ҷаҳорсад ҳукмандоз, ки дар хидмати ӯ буданд, ҷумла хато карданд.

*(******Мусаллойи Шероз:** намозгоҳи қадимийи Шероз, ки нузҳатгоҳе (гардишгоҳ, ҷойи босафо–О. Ш.) низ ҳаст ва имрӯза оромгоҳи Ҳофиз («Ҳофизия», бо таъсисоти фарҳангийи марбут ба он) дар он ҷост. Ҳофиз гӯяд:*

Намедиҳанд иҷозат маро ба сайру сафар,
Насими боди Мусаллову оби Рукнобод!

Ва ё:

Бидиҳ соқӣ майи боқӣ, ки дар Ҷаннат нахоҳӣ ёфт,
Канори оби Рукнободу гулгашти Мусаллоро!

***Гунбади Ъазуд:** аз сохтаҳойи асри Азудуддавлайи Дайламӣ (қарни чаҳоруми ҳиҷрӣ) ва мансуб ба номи ӯ;*
*******Ҳукмандоз:** тирандози моҳир, ки камтар тираш хато кунад. Ҳофиз гӯяд:*

Мақолоти насиҳатгӯ ҳамин аст,
Ки ҳукмандози ҳиҷрон дар камин аст!).

Магар кӯдаке бар боми работ *(миҳмонсаро, корвонсаро)*-е, ки

ба бозича тир аз ҳар тарафе меандохт, боди сабо *(боди барин, боди баҳор)* тири ӯро ба ҳалқайи ангуштарӣ дарбигзаронид ва хилъату ниъмат ёфт. Ва хотам ба вай арзонӣ доштанд. Писар тиру камонро бисӯхт. Гуфтанд:

– Чиро *(чунин коре)* кардӣ?

Гуфт:

– То равнақи нахустин барҷой монад!

Гаҳ бувад к-аз ҳакими равшанрой
Барнаёяд дуруст тадбире.

Гоҳ бошад, ки кӯдаке нодон
Бағалат бар ҳадаф занад тире!

*(*****Маънойи қитъа**: гоҳ пеш ояд, ки доное равшандил дар кори савоб наяндешад ва гоҳ бувад, ки тифле бедониш тире ба иштибоҳ ба омоҷ афканад.*

*******Гоҳ бошад…:** ин байт ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ҳикоят (28)

Дарвешеро шунидам, ки ба ғоре-дар нишаста буду дар ба рӯй аз ҷаҳониён баста ва мулуку ағниёро дар чашми ҳиммати ӯ шавкату ҳайбат намонда.

*(***Мақсуд** он ки фарру шукӯҳи подшоҳону ашрофон дар назари ӯ арзише надошт ва ба онон ба чашми бениёзиву беиътиноӣ менигарист).*

Ҳар кӣ бар худ дари суъол кушод,
То бимирад, ниёзманд бувад!
Оз бигзору подшоҳӣ кун,
Гардани бетамаъ баланд бувад!

*(****Суъол:** хоҳандагӣ (гадойӣ–О. Ш.).*

***Мазмуни байт** мутаъассир аст аз ин ҳадиси набавӣ: «Мо фатаҳа раҷулун боба атийятин бисадақатин ав силатин илло зодаллоҳу таъоло биҳо касратан ва мо фатаҳа раҷулун боба масъалатин йуриду биҳо касратан илло зодаҳуллоҳу таъоло биҳо*

қиллатан» («Касе дари бахшишро ба сурати садақаву иҳсон накушуд, ҷуз он ки Худойи Таъоло ба ин сабаб ӯро афзунӣ бахшид ва низ касе дари хоҳандагиро баройи афзунталабӣ накушуд, магар он ки Худойи Таъоло костийи ӯро бештар кард»).

******Маънойи қитъа****: Ҳар кас ба рӯйи хеш дари хоҳандагиву афзунталабӣ боз кард, то вақти марг ҳам дасти ниёзаш дароз хоҳад буд. Ҳирс раҳо куну дар мулки қаноъат ба шаҳрёрӣ нишин, чӣ марди қониъ ҳамвора сарбаланду гарданфароз аст.)*

Яке аз мулуки он тараф ишорат кард, ки таваққуъ ба карами ахлоқи мардон чунин аст, ки ба намак бо мо мувофақат кунанд. Шайх ризо дод, ба ҳукми он ки иҷобат *(пазириш)*-и даъват суннат аст.

(*****Ба ҳукми он ки иҷобат…:*** *ба воситайи он ки пазируфтани даъват шевайи писандидайи мусалмонон аст. Ҳадис: «Аҷибуддоъийа ва ло таруддулҳадийята ва ло тазрибулмуслимина. (Аз Ибни Масъуд): «Даъваткунандаро иҷобат кунеду армағонро пас мадиҳед ва мусалмононро мазанед» (Муҳаммади Хазойилӣ, «Шарҳи «Гулистон», с. 482). Ғазолӣ навиштааст: «Ва аммал-иҷобату фаҳийа суннатун муаккадатун»–«Ва аммо иҷобат (-и даъват) суннате муаккада аст»).*

Дигар рӯз малик ба узри қудумаш рафт. Обид аз ҷой барҷасту дар канораш гирифт ва талаттуф *(некӯӣ ва нармийи бисёр)* карду сано гуфт. Чу ғойиб шуд, яке аз асҳоб пурсид шайхро, ки чандин мулотафат имрӯз бо подшаҳ, ки ту кардӣ, хилофи одат буду дигар надидем. Гуфт:

– Нашунидайӣ, ки гуфтаанд:

Ҳар киро бар симот биншастӣ,
Воҷиб омад ба хидматаш бархост.

*(*****Симот:*** *хон, суфра.*

Маънойи байт*: Бар хони ҳар кас зону занӣ, қиём кардан ба чокарийи вай бар ту фарз гардад).*

* * *

Гӯш тавонад, ки ҳама умр вай
Нашнавад овози дафу чангу най.

*(*****Даф:*** *созе, ки дар сурҳо (рӯзҳойи шодмонӣ–О. Ш.) навозанд*

(доиризангӣ). Дар арабӣ бо ташдиди ҳамсадои дувум талаффуз мешавад.

Чанг: *номи созе машҳур, доройи торҳо; муъарраби он «санҷ» (бо сод–О. Ш.) аст.*

Дида шикебад зи тамошойи боғ,
Бе гулу насрин ба сар орад димоғ.

*(*****Насрин:*** *гулест, ки онро машкиҷа низ номанд.*

Димоғ: *мағзи сар.*

Маънойи байт*: Чашм аз сайри гулшан сабр тавонад кард ва мағз ҷудо аз гулу машкиҷа (Яъне, насрин–О. Ш.) рӯз ба поён тавонад бурд).*

Вар набувад болиши** окандапар,
Хоб тавон кард хазаф зери сар.

*(*****Болиши окандапар:*** *болин ё муттакойи анбошта аз пар.* ***Хазаф****–сафол;* ***хазаф зери сар****–сар бар сафол ниҳода).*

Вар набувад дилбари ҳамхоба пеш,
Даст тавон кард дар оғӯши хеш!

(***Дилбари*** *ҳамхоба–ёри ҳамбистар).*

В-ин шиками беҳунари печпеч,
Сабр надорад, ки бисозад ба ҳеч!

(Печпеч*–(сифати шикам) худписанди норост, мутакаббири мағрур. Низомӣ гӯяд:*

Шоҳ чун дид печпечийи ӯ,
Чорагар шуд ба бадбасиҷийи ӯ. («Луғатномайи Деҳхудо»).

******Маънойи байт:*** *Вале ин шиками нобакори худписанди норостро шикебе нест, ки ҳеч нахурад ё ба хӯрише сарсариву андак бас кунад.*

Ин байти ахир *ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Боби чаҳорум

ДАР ФАВОИДИ ХОМӮШӢ

Ҳикоят (1)

Якеро аз дӯстон гуфтам:

– Имтиноъи сухан гуфтанам ба иллати он ихтиёр омадааст дар ғолиби авқот, ки дар сухан неку бад иттифоқ афтад ва дидайи душманон ҷуз бар бадӣ намеояд.

Гуфт:

– Душман он биҳ, ки некӣ набинад.

*(*****Маънойи чанд ҷумла:*** *Ба яке аз рафиқон гуфтам: «Аз сухан бозистоданам дар бештари вақтҳо бад-он сабаб пазираву гузидайи хотир омадааст, ки дар калом зишту зебо бар забон меравад ва чашми бадандешон ҷуз бар нақойис (ҷамъи нақиса, ба маънойи айб, хислату хӯйи баду нораво–О. Ш.))-и гӯянда намеафтад». Дӯст посух дод, ки он хуштар, ки душман якбора кӯр бошад, то дида натавонад кушуд! Шайх дар ҳикояти 5, боби панҷум низ фармояд:*

Чашми бадандеш, ки барканда бод,
Айб намояд ҳунараш дар назар!

Хоқонӣ фармояд:

Ҳар залиле ки Ҳақ азиз кунад,
Гар азизаш мангарӣ, манигар.)

Ва ахулъадовати ло ямурру бисолиҳин,
Илло ва ялмузуҳу биказзобин ашир.

*(****Ва ахулъадовати…:*** *он ки душманӣ дорад, бар марди некӯкор намегузарад, магар ин ки бар ӯ айб гирад, ки дурӯғгӯйи мутакаббир аст. Низ ниг. ба сурайи Қамар(54), ояи 25).*

* * *

Ҳунар ба чашми адоват бузургтар айб аст,
Гул аст Саъдию дар чашми душманон хор аст**.

*(*****Маънойи байт:*** *Фазилату камол аз назаргоҳи душманӣ бузургтарин костиву нақс бошад, Саъдӣ чун гул ҳама лутфу сафост, вале дар дидайи хасмони кӯрдил чун хори халанда хор (залил, беқадр–О. Ш.) аст).*

* * *

Нури гетифурӯзи чашмайи ҳур,
Зишт бошад ба чашми мушаки кӯр!

(Чашмайи ҳур: *чашмайи хуршед.* ***Мушаки кӯр****: муши кӯр; пасванди «ак» таҳқир аст; хуффош ё шаппарайи ҳақир.*

Маънойи байт бо тавзеҳоти доктор Хатиби Раҳбар*: «Партави ҷаҳонтоби Офтоб дар дидайи шаппарайи ҳақир нохушу нодилписанд ояд.*

Ҳамчунин, «муши кӯр» дар истилоҳи илмӣ «ҷонвари пистондорест кӯчак аз ростайи ҳашарахорон…, ки зоҳири шабеҳ ба муш дораду чашмҳояш бисёр кӯчаку рез ва дар зери мӯҳойи ноҳияйи сар махфист. Ин ҷонвар бо дастҳойи қавийи хеш дар зери замин долонҳойи махсус баройи худ ҳафр мекунаду дар он ҷо мезияд» («Фарҳанги форсӣ»-и Муъин).

Ба назари банда, бо таваҷҷуҳ ба мавориди мушобеҳи зер ва такрори ин мазмун дар «Гулистон» дар ин ҷо гӯё «хуффош» («шаппара») манзур аст:

Гар набинад ба рӯз шабпара чашм,
Чашмайи Офтобро чӣ гуноҳ?!
(Боби аввал, ҳикояти 5).

Шабпара гар васли Офтоб нахоҳад,
Равнақи бозори Офтоб накоҳад!
(Боби панҷум, ҳикояти 10).

Ҳамин мазмун дар «Мавоъиз»-и Саъдӣ ва байте аз Муҳаммад ибни Абдулҷаббори Атбо ҳам омадааст. Ин се байт низ ҳамон маъноро дар бар доранд:

Ки чун хуффош натвонад, ки бинад рӯйи ман, нодон
Зи ман пинҳон шавад, зеро манам Хуршеди рахшонаш!
(«Девон»-и Носири Хусрав)

.

Худ ту инсофаш бидиҳ, дар боргоҳи Офтоб
Ҳеч кас хуффошро гӯяд: «Чиро менангарӣ?!»

(«Девон»-и Анварӣ).

Мислуннаҳори йазиду абсоралварo,
Нуран ва йуъмӣ аъйуналхуффоши.

(Ба нақл аз доктор Маҳдийи Муҳаққиқ. Ҷустуҷӯйи мазомини ашъори Носири Хусрав.).

Яъне, «монанди рӯз, ки нури чашмҳойи мардумонро афзун мекунад ва дидагони хуффошро кӯр мегардонад». Бино бар ин, ҳақ бо шодравон Абдулазими Қарибу доктор Хатиби Раҳбар аст, ки «мушаки кӯр»-ро хуффош ва шабпара маънӣ кардаанд ва дар тарҷумаҳойи арабийи Муҳаммади Фуротӣ ва доктор Абдулмаҷиди Бадавӣ ҳам таъйид мешавад, ки ба ҷойи он «хуффош» овардаанд. Мавлоно низ дар абёти зер, ки аз муши кӯр ёд кардаанд, саранҷом ӯро бо пар васф кардааст, ки мутаносиб бо хуффош аст:

Чашм нанҳодаст Ҳақ дар кӯрмуш,
З-он ки ҳоҷат нест чашмаш баҳри нӯш.
Метавонад зист бе чашму басар,
Фориғ аст аз чашм ӯ-дар хоки тар.
Ҷуз ба дуздӣ ӯ бурун н-ояд зи хок,
То кунад Холиқ аз он дуздиш пок.
Баъд аз он пар ёбаду мурғе шавад,
Чун малойик ҷониби гардун равад!

(«Маснавӣ», дафтари дувум, аз байти 3284 ба баъд).

Нуктайи дигар он ки имрӯз низ дар Язд ба «хуффош» «муши кӯр» мегӯянд» (ва дар гӯйиши тоҷикон–кӯршапарак!–О. Ш.).

Ҳикоят (2)

Бозаргонеро ҳазор динор хасорат афтод *(зиён расид)*.

Писарро гуфт:

– Набояд (*мабодо)* , ки ин сухан бо касе дар миён ниҳӣ!

Гуфт:

– Ай падар, фармон турост, нагӯям! Валекин хоҳам маро бар фоидайи ин мутталиъ гардонӣ, ки маслаҳат дар ниҳон доштан чист?!

Гуфт:

– То мусибат ду нашавад: яке нуқсони моя ва дигар шамотат *(шод шудан ба мусибати душман)*-и ҳамсоя.

(***То мусибат…:*** *ин иборат ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Магӯй андӯҳи хеш бо душманон,
Ки «ло ҳавл»** гӯянд шодикунон.

*(**Ло ҳавл**–ҷузъест аз ҳадиси «Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳил-ъалиййил-ъазим»; яъне: «Нест нируву қуввате магар Худойи баландқадру воломартабаро!». *«Неруйи ҳусули ҳеч хайре ва тавони вусули ҳеч амре муяссар нест магар ба ёрийи Худованду таъйиди Яздон!».*

Маънойи байт: *Ғами худ бо хасм дар миён маниҳ, ки бар забон ба зоҳир «ло ҳавл» ронад ва ба дилсӯзӣ аҷабо гӯяду дар дил ба ғами ту шод шавад. «Ло ҳавл»… -ро низ монанди «субҳоналлоҳ» ҳангоми таъаҷҷубу душвориву бало ба забон ронанд ва дар форсӣ аз шумори асвот аст).*

Ҳикоят (3)

Ҷавоне хирадманд аз фунуни фазойил ҳаззе вофир дошту табъе нофир. Чандонки дар маҳофили донишмандон нишастӣ, забони сухан бибастӣ.

*(**Фунуни** фазойил–гунагун ҳунарҳову донишҳо ва афзуниҳо.*

***Табъе** нофир–хӯйи безор аз нописанд.*

Маънойи чанд ҷумла: *Барное оқил аз анвоъи ҳунар баҳрае афзун дошту ба хӯю маниш аз нописанд безор буд ва он гоҳ ки дар анҷумани доноён нишаста буд, хомӯшӣ мегузиду лаб ба сухан намекушуд).*

Боре падараш гуфт:

– Ай писар, ту низ он чӣ донӣ, бигӯй!

Гуфт:

– Тарсам, ки бипурсанд аз он чӣ надонам ва шармсорӣ барам.

Нашнидӣ, ки сӯфие мекӯфт,
Зери наълайни хеш мехе чанд.
Остинаш гирифт сарҳанге,
Ки биё, наъл бар сутурам банд!

(**_**Суфӣ**_–дарвешӣ, «суфиӣ + «е»–ваҳдат. Дар борайи вақҳи иштиқоқи «суфӣ» ҳадсҳойи гуногунест ва онро ба маъноӣи софийи дарун ва пашминапӯшу пайрави тариқайи тасаввуфу дӯстдори ҳикмат овардаанд. Дар «Луғатномайи Деҳхудо» зайли суфӣ ин ду байт аз Фирдавсиву Хоқонӣ омадааст:

Дил аз ғайб софиву суфӣ ба ном,
Ба дарвешӣ-андар шуда шодком.

В-инак пайи мувофақати саффи сӯфиён
Суфи сапед бар тани машриқ даридаанд!

Ҳам зайли «суфпӯш» дар «Луғатномайи Деҳхудо» ин ду байт аз Саъдӣ омадааст:

Бароварда софӣ дили суфпӯш,
Чу табл аз тиҳигоҳи холӣ хурӯш,
Ки зинҳор аз ин каждумони хамӯш,
Палангони даррандайи суфпӯш!

***Маънойи қитъа**: оё ин достон ба гӯшат нарасидааст, ки дарвеше чанд мехе бар таҳи кафши худ мезад? Дар ин миён сардоре (ба гумони он ки дарвеш наълбанд аст) даст дар остини вай заду гуфт: «Аспи маро ҳам наъл кун!»). Байти охири қитъа ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ҳикоят (4)

Олиме муътабарро мунозара афтод бо яке аз малоҳида, лаъанаҳумуллоҳу ъало ҳидиҳи *(нафрини Худой бар эшон ба танҳойӣ бод!)* ва ба ҳуҷҷат бо ӯ бас наёмад. Сипар бияндохту баргашт.

*(***_**Малоҳида,** лаъанаҳумуллоҳу ъало ҳидиҳи–**малоҳид** ҷамъи **мулҳид** аст. Мурод–ботиниён, яъне, исмоъилиён, бавижа, пайравони Ҳасани Саббоҳ аст. Ҷумлайи нафринийи «лаъанаҳумуллоҳу ъало ҳидиҳи» нафрине ҷиддиву олиманаву омидан нест, каме танзомез аст ва тибқи ҷозибайи саҷъ сохтаву пардохта шудааст).*

Касе гуфташ:

– Туро бо чандин фазлу адаб, ки дорӣ, бо бедине ҳуҷҷат намонд?

Гуфт:

– Илми ман Қуръон асту ҳадису гуфтори машойих ва ӯ бад-инҳо муътақид несту намешунавад. Маро шунидани куфри ӯ ба чӣ кор меояд?

Он кас, ки ба Қуръону хабар з-ӯ на раҳе,
Он аст ҷавобаш, ки ҷавобаш надиҳӣ!

*(***Хабар:** *ниг. ба дебочайи ҳамин китоб, тавзеҳи «дар хабар аст».*

******Маънойи байт:** *Посухи он ки аз чанги вай ба аҳкоми Қуръону ҳадиси Паёмбар раҳойиш натавонӣ ҷуст, ин аст, ки дар баробараш сокит бимонӣ (чӣ ҷавоби аблаҳон хомӯшист). Ишорате ба ояи 140 сурайи Ан-нисо(4) дорад:*

إِذَا سَمِعْتُمْ آيَاتِ اللَّهِ يُكْفَرُ بِهَا وَيُسْتَهْزَأُ بِهَا فَلاَ تَقْعُدُواْ مَعَهُمْ

Тарҷума: «Чун аз гурӯҳе шунидед, ки оятҳойи Худоро инкору истеҳзо мекунанд, бо онон манишинед!»).

Ҳикоят (5)

Ҷолинус аблаҳеро дид даст дар гиребони донишманде задаву беҳурматӣ ҳамекард. Гуфт:

– Агар ин нодон набудӣ, кори вай бо нодонон бад-ин ҷо нарасидӣ!

*(**Ҷолинус:** юнонӣ: Голинус, Гален, 129–199 м.–«табиб, олими ташреҳ, файласуф ва аз бузургтарин атиббойи айёми қадим пас аз Буқрот…» («Доиратулмаъорифи форсӣ»).*

Ду оқилро набошад кину пайкор,
На доное ситезад бо сабуксор!
Агар нодон ба ваҳшат сахт гӯяд,
Хирадмандаш ба нармӣ дил биҷӯяд!

*(**Сабуксор:** сабуксар, сафеҳ.*

***Ваҳшат:** нафрат.*

***Маънойи ду байт**: **Ду доно бо якдигар ба душманиву ситеза барнахезанд; оқил ҳам бо сабукмағзи аблаҳ пайкор наҷӯяд, чӣ гар бехуд ба нафрат, хусумат, дурушту ноҳамвор сухан гӯяд, доно бо вай ба мудоро кӯшаду дилаш ба даст орад!).*

Ду соҳибдил нигаҳ доранд мӯе,
Ҳамедун саркаше в-озармҷӯе*
Вагар бар ҳар ду ҷониб ҷоҳилонанд,
Агар занҷир бошад, бигсалонанд!

(**Ду соҳибдил…:** *ду тан дилогоҳ риштайи дӯстийи худро, агарчи ба нозукийи мӯ бирасад, ҳифз мекунанд, ҳамчунин (ҳамедун) аст пайванди як тан саркашу тундхӯй бо шахсе шармгин (озармҷӯй)-у нармхӯй.*

«Гуфтори Муъовияро ба ёд меоварад, ки Иқдулфарид… нақл кардааст:... «Лав анна байнӣ ва байнаннос шаъратан мо анқазаъат»; яъне, «Агар миёни ману мардум мӯе бошад, бурида намешавад. Аз вай тафсил хостанд. Гуфт: «Чун мардум он мӯро бикашанд, ман суст мегирам ва чун онҳо суст гиранд, ман сахт мекашам» («На шарқӣ, на ғарбӣ…,» с. 216; доктор Хазойилӣ. «Шарҳи «Гулистон», с. 397).

Гусалонанд: *пора кунанд.*

Байти охир *ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

* * *

Якеро зиштхӯе дод душном,
Таҳаммул карду гуфт: «Ай хубфарҷом!
Батар з-онам, ки хоҳӣ гуфтан оне,
Ки донам, айби ман чун ман надонӣ!»

(***Батар:*** *бадтар.*

Маънойи абёт*: Бадхӯе ба касе носазо гуфт; вай бурдборӣ карду гуфт: «Ай нексаранҷом, ман аз он зиштхӯтарам, ки ту маро ба душном ёд кардӣ, чӣ аз костӣ ва бадийи ман кас баробари худи ман огоҳ нест!»).*

Ҳикоят (6)

Саҳбони Воъилро дар фасоҳат *(равониву шевоийи сухан)* беназир ниҳодаанд, ба ҳукми он ки бар сари ҷамъ соле сухан гуфтӣ, лафзе мукаррар накардӣ, вагар ҳам он иттифоқ афтодӣ, ба иборате дигар бигуфтӣ. В-аз ҷумлайи одоби нудамойи мулук яке ин аст.

(****Саҳбони Воъил:*** *мурод Саҳбон ибни Зуфари Воъилӣ, хатиби номийи араб; мутаваффойи 54 ҳ. қ., ки дар сухангӯйиву балоғат*

зарбулмасал аст. Дар ҷоҳилийят шуҳрат ёфт. Дар замони Пайғамбар ислом овард, вале Ҳазратро зиёрат накард. Дар замони Муъовия дар Димишқ мезист…» («Доиратулмаъорифи форсӣ»). ***Саҳбон****–дар луғат ба маънойи нек барандаву кашандайи ҳар чиз.* ***Воъил****–номи қабилае аз араб).*

Сухан гарчи дилбанду ширин бувад,
Сазовори тасдиқу таҳсин бувад.
Чу як бор гуфтӣ, магӯ боз пас,
Ки ҳалво чу як бор хӯрданд, бас!

(*Сухан гарчи дилбанд…: *Мазмуни ин ду байт ёдовари абёти зер аст:*

Шунидаам, ки ҳадисе, ки он дубора шавад,
Чу сабр гардад талх, арчи хуш бувад чу шакар!
(Девони Фаррухийи Систонӣ).

Изо таҳаддаста фӣ қавмин литуънисаҳум,
Бимо таҳаддаса мин мозӣ ва мин отӣ.
Фало таъид лиҳадиси инна табъаҳум,
Мукаллун бимуъодотилмуъодоти.
Абулфатҳи Бустӣ дар «Ятим-уд-даҳр»).

Тарҷума: «Агар достон гуфтӣ бо мардуме, баройи он ки бо онон маънус шавӣ, ба он чӣ аз гузаштаву оянда мегӯйӣ, достонеро такрор макун, ки сиришти онон гуморда аст ба душманийи он чӣ мукаррар шавад».

******Маънойи ду байт****: Гуфтор агарчанд диловезу хушу шойистайи росту дуруст шумурдан бошад, чун як мартаба бар забон овардӣ, дигар бад-он забон макушо, ки чун тарҳалворо як бор ба даҳон баранд, кофист ва дигар бор мазайи нахустин надиҳад).*

Ҳикоят (7)

Якеро аз ҳукамо шунидам, ки мегуфт:

– Ҳаргиз касе ба ҷаҳли хеш иқрор накардааст, магар он кас, ки чун дигаре дар сухан бошад, ҳамчунон нотамом гуфта, сухан оғоз кунад.

*(*****Якеро*** *аз ҳукамо шунидам–шунидам яке аз ҳукамо; «-ро» зойид ба назар мерасад. Гоҳ ба кор мераваду гоҳ ҳазф мешавад.*

Ниг. ба ҳикоёти 13 ва 25 боби аввал. ***Маънойи чанд ҷумла:*** *Шунидам, ки яке аз доноён мефармуд: «Он кас ба нодонийи худ ҳамоно эътироф кардааст, ки чун шахсе дигар сухан ронад, ҳанӯз калом ба поён наёварда, вай ба гуфтор оғозад»).*

Суханро сар аст, ай хирадманду бун,
Маёвар сухан дар миёни сухун!
Худованди тадбиру фарҳангу ҳуш,
Нагӯяд сухан, то набинад хамӯш!

(Худованди тадбир: *дурандеш, доройи раъйи дуруст; сохташуда аз таркиби изофийи назири «аҳли сафо»; ниг. ба ҳикояти 4 боби дувум, тавзеҳи «аҳли сафо».*

Маънойи ду байт*: «Ай хирадманд, сухан оғоз дораду анҷом; дар миёни гуфтори дигарон ба сухан маёғоз! Равшандили боадабу ҳушёр он гоҳ забон ба гуфтор кушояд, ки аҳли нишаст хомӯш бошанд!». Мавлоно фармояд:*

Гар суханкаш ёбам андар анҷуман,
Сад ҳазорон гул бирӯям чун чаман!).

Ҳикоят (8)

Тане чанд аз бандагони Маҳмуд гуфтанд Ҳасани Маймандиро, ки султон имрӯз туро чӣ гуфт дар фулон маслаҳат?

*(**Маҳмуд** = Султон Маҳмуди Ғазнавӣ:Абулқосим ибни Сабуктакин, мулаққаб ба Сайфуддавла ва Яминуддавла ва Ғозӣ (360–421 ҳ. қ.), аз подшоҳони муқтадири силсилайи Ғазнавиён, ки Ҳиндро тасхир кард ва оғозгари нуфузи ҳарчи бештари фарҳанги исломӣ ва эрониву забони форсӣ дар шибҳи қорайи Ҳинд шуд.*

******Ҳасани Маймандӣ:*** *мурод ШамсулкуфотАбулқосим Аҳмад ибни Ҳасани Маймандист, ки аз соли 401 то 416 вазири султон Маҳмуди Ғазнавӣ буд ва соли 424 даргузашт.* ***Майманд****–номи деҳест дар Ғазнӣ).*

Гуфт:
– Бар шумо ҳам пӯшида набошад.
Гуфтанд:
– Он чӣ бо ту гӯяд, ба амсоли мо гуфтан раво надорад.
Гуфт:

– Ба иътимоди он ки донад, ки нагӯям, пас чиро ҳамепурсед?*

*(****Дар «Амсолу ҳикам»*** *(2/1126) абёти зер аз Аттор ба унвони назири ин ҳикояйи «Гулистон» нақл шудааст:*

Ғуломе бо табақ мерафт хомӯш,
Табақро сар бипӯшонда ба сарпӯш.
Яке гуфто: «Чӣ дорӣ бар табақ ту?
Макун кажжӣ, бигӯ бо ман ба Ҳаққ ту!»
Ғуломаш гуфт: «Ай саргашта, хомӯш,
Чиро пӯшидаанд инро ба сарпӯш?!
Зи рӯйи ақл агар боистӣ ин роз,
Ки ту донистайӣ, будӣ сараш боз!»

На ҳар сухан, ки барояд, бигӯяд аҳли шинохт,
Ба сирри шоҳ сари хештан нашояд бохт.

*(****На ҳар сухан….:*** *доно ҳар чиро бар забон тавонад овард, намегӯяд, зеро бо ошкор сохтани рози подшоҳ сар (ҷон)-и худро набояд аз даст дод).*

Ҳикоят (9)

Дар ақди байъ *(дар бастани паймони харид)*-и сарое мутараддид *(дудила)* будам. Ҷуҳуде гуфт:

– Охир, ман аз кадхудоёни ин маҳаллатам, васфи ин хона, чунонки ҳаст, аз ман пурс! Бихар, ки ҳеч айбе надорад!

Гуфтам:

– Ба ҷуз он,ки ту ҳамсояи манӣ!

Хонаеро, ки чун ту ҳамсоя-ст,
Даҳ дирам сими бадиёр арзад,
Лекин уммедвор бояд буд,
Ки пас аз марги ту ҳазор арзад!

(Бадиёр: *носара, зидди комилиёр.*

Маънойи қитъа*: **Сарое, ки муҷовире монанди ту дорад, баҳойи он даҳ дирам нуқрайи носара аст, вале бояд интизор дошт, ки пас аз мурданат якҳазор дирами холис баҳо ёбад).*

Ҳикоят (10)

Яке аз шуъаро пеши амири дуздон рафту сано *(ситоиш)*-е бар ӯ бигуфт. Фармуд, то ҷома аз ӯ баркананд ва аз деҳ бадар кунанд. Мискини бараҳна ба сармо ҳамерафт. Сагон дар қафойи вай афтоданд. Хост, то санге бардораду сагонро дафъ кунад. Дар замин ях гирифта буд. Оҷиз шуд. Гуфт:

– Ин чӣ ҳаромзода мардумонанд? Сагро кушодаанду сангро баста!

(***Ҳаромзода:*** *зинозода, зодайи феъли ҳаром.*

******Маънойи се ҷумлайи ахир****: Гуфт: «Аҳли ин ҷойгоҳ чӣ фитнаангезу русбизодаанд, ки сагро баройи озори мардум раҳо кардаву сангро дар замин устувор сохтаанд!».*

Иборати *«сагро кушодаанду…» ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Амир аз ғурфа *(болохона)* бидиду бишуниду бихандид. Гуфт:

– Ай ҳаким, аз ман чизе бихоҳ!

Гуфт:

– Ҷомайи худ мехоҳам, агар инъом фармойӣ. «Разийно мин наволика бирраҳили».

*(*****Маънойи ҷумлайи арабӣ****: Аз диҳишу атойи ту ба кӯч кардану аз ту ҷудо гаштан хушнудем).*

Умедвор буд одамӣ ба хайри касон,
Маро ба хайри ту уммед нест, шар марасон!

(*****Маънойи байт:*** *Инсон аз мардум чашми иҳсон дорад, вале ман аз ту интизори некӣ надорам, бадӣ макун.*

Ин байт ҳукми масали сойир пайдо кардааст).

Солори дуздонро бар ӯ раҳмат омад ва ҷома бозфармуду қабопӯстине бар ӯ мазид карду дираме чанд.

(***Қабо****–ҷомае, ки аз пеш во кушода бошад («Онандроҷ»).* ***Қабопӯстин****–қабое, ки бар пӯстин дӯхта шуда бошад. Саъдӣ дар «Бӯстон» фармояд:*

Дилаш бар вай аз раҳмат овард ҷӯш,
Ки инак қабопӯстинам бипӯш!

******Маънойи ҷумла****: Дили миҳтари раҳзанон бар ӯ бисӯхту фармуд ҷомайи вайро боздиҳанд ва худ қабопӯстинеро бо чанд дирам сим бар он ҷома афзуду ба вай бахшид).*

Ҳикоят (11)

Мунаҷҷим *(ситорашинос)*-е ба хона даромад. Яке марди бегоно-наро дид, бо зани ӯ ба ҳам нишаста. Душному сақат гуфту фитна-ву ошӯб хост (*бархост. Русвойӣ ва шӯре барпо шуд)*. Соҳибдиле, ки бар ин воқиф буд, гуфт:

Ту бар авҷи фалак чӣ донӣ, чист,
Ки надонӣ, ки дар сароят кист?!

(*****Маънойи байт:*** *Ту бегумон бар баландийи гардун намедонӣ чӣ ҳаст, чӣ бар замин аз даруни хонаат туро хабар нест).*

Ин байт ҳукми масали сойир пайдо кардааст).

Ҳикоят (12)

Хатибе кареҳуссавт *(зиштовоз)* худро хушовоз пиндоштию фарёди беҳуда бардоштӣ. Гуфтӣ: наъиб *(бонг)*-и ғуробулбайн* дар пардайи алҳон *(оҳанги овоз)*-и ӯст ё ояти «Инна анкараласвот»* дар шаъни ӯ.

(****Ғуробулбайн****–зоғи фироқу ҷудойӣ. Арабҳо мисли мо, дидору фиғони зоғро шум ва хабар аз ҷудойи хешону дӯстон мепиндоштанду ба он фоли бад мезаданд ва «ашъаму мин ғуробилбайни–шумтар аз ғуробулбайн» масал будааст («Маҷмаъ-ул-амсол», 1/533). Ва ин маънӣ дар ашъору осори арабӣ мукаррар аст… Саъдӣ дар боби панҷуми «Гулистон» (ҳикояти 13) низ аз «ғуробул-байн» ёд кардааст.*

****Инна анкара…:*** *қисматест аз ояи 19 сурайи Луқмон(31):*

إِنَّ أَنْكَرَ الْأَصْوَاتِ لَصَوْتُ الْحَمِيرِ

Яъне, «Ҳамоно нохуштарини овозҳо овози хар аст».

*****Маънойи чанд ҷумла:*** *Хутбахоне зиштово худро ба ғалат хушоҳанг ангошта буд ва бонге дилхарошу нохушоянд бармекашид; пиндоштӣ, фиғони зоғ дар оҳанги овозҳойи ӯст ё ояи «инна анкара-л-асвот» дар борайи ҳолу кори вай).*

Изо наҳиқа-л-хатибу** Абулфаворис,
Лаҳу шағабун йаҳудду-стахра форис.

*(**Абулфаворис** дар луғат, яъне, падар (бузург)-и саворонро дорад, аммо дар ин мавриd онро кунияйи хар донистаанд, ки ҳам таъну тамасхуреро дар бар дорад ва ҳам бо «наҳиқа» мутаносиб аст (Дефремери. «Тарҷумайи фаронсавийи «Гулистон»; Судӣ. «Шарҳи Гулистон»; Абдулазими Қариб. «Китоби «Гулистон»; Ддоктор Муҳаммадҷаводи Машкур, «Гулистон»).*

******Маънойи байт****: Чун хатиб Абулфаворис бонги харона барорад, вайро шӯру ғавғоест, ки Истахр (номи пойтахти қадими Эрон, дар наздикийи Шероз–О. Ш.)-и Форсро вайрон мекунад. Шояд мурод аз Абулфаворис, ки ба маънойи бузургсаворони ҷангист, дар ин ҷо мурод паҳлавони майдони сухан бошад ё чун хутабо ба расми он рӯзгор дар ҳангоми хитобат монанди паҳлавонон бар пайкари худ шамшере ҳамойил мекарданд, ба мазоҳу хуштабъӣ куняйи Абулфаворис додааст.)***.

Мардуми қария ба иллати ҷоҳ *(бузургӣ)*-е, ки дошт, балийяташ *(ранҷу сахтӣ)* мекашиданду азийяташро маслаҳат намедиданд, то яке аз хутабойи он иқлим, ки бо ӯ адовате ниҳонӣ дошт, боре ба пурсиш омада будаш, гуфт:

– Туро хобе дидаам, хайр бод!

Гуфто:

– Чӣ дидӣ?

Гуфт:

– Чунон дидаме, ки туро овози хуш буд ва мардумон аз анфоси ту дар роҳат.

Хатиб андар ин лахт *(пора)*-е бияндешиду гуфт:

– Ин муборак хоб аст, ки дидӣ, ки маро бар айби худ воқиф гардонидӣ. Маълум шуд, ки овози нохуш дорамухалқ аз баланд хондани ман дар ранҷ. Тавба *(бозгашт аз гуноҳ)* кардам, к-аз ин пас хутба нагӯям, магар ба оҳистагӣ.

Аз суҳбати дӯсте биранҷам,
К-ахлоқи бадам ҳасан намояд.
Айбам ҳунару камол бинад,
Хорам гулу ёсуман намояд.
Ку душмани шӯхчашми нопок
То айби маро ба ман намояд!

*(**Шӯхчашм:** густох; сифати душман.*

***Маънойи қитъа**: **Аз ҳамнишинийи ёре озурдаям, ки хӯйи зишти маро нек шуморад ва хуш дар назарам ҷилва диҳад; нақсу костийи маро фазилату афзунӣ шиносад ва хори ҷонгазойи маро дар сурати гулу суман нишон диҳад (мурод аз хор, ба истиъора, хӯйҳойи зишт аст); хасми густохи палидхӯй куҷост, то нақсҳойи маро ба рӯйи ман оварад?!*

*****Мафҳуми ин ҳикоят ва қитъайи ахир** ёдовари достони «Маъмун бо канизак» аст дар боби аввали «Бӯстон» (б. 906–920) ва ин байти Саъдӣ:*

Зи душманон шунав, ай дӯст, то чӣ мегӯянд,
Ки айб дар назари дӯстон ҳунар бошад!
(«Мавоъаза»).

Ҳамчунин ин абёти «Гулистон»-ро назири шеъри Абуҳайёни Андалусӣ донистаанд:

«Ъидойа лаҳум фазлун ъалаййа миннатун,
Фало адҳабарраҳмону миннӣлаъёдиё.
Ҳуму баҳасу ъан заллатӣ фаҷтанабтуҳо,
Ва ҳум нофасуни фактасабтуммаъолиё!

Душманонро бар ман фазлу иҳсон аст. Худоё, ин душманонро аз ман магир. Чӣ эшон дар мақоми ҷустуҷӯйи лағзиши ман буданду ин боъис шуд, ки ман аз лағзиш дурӣ гузинам. Ҳамчунин. онон ба рақобат бо ман бархостанд ва ин амр мӯҷиб шуд, ки ман хисоли олия ба даст оварам». (Доктор Хазойилӣ. «Шарҳи «Гулистон», с.502).

Ҳикоят (13)

Яке дар Масҷиди Синҷор ба татаввуъ бонг гуфтӣ. Ба адое, ки мустамиъонро аз ӯ нафрат будӣ ва соҳиби масҷид амире буд одили нексират. Намехост, ки дилозурда гардад. Гуфт:

– Ай ҷавонмард, ин масҷидро муъаззинонанд қадим, ҳар якеро панҷ динор мураттаб доштаам. Туро даҳ динор медиҳам, то ҷое дигар равӣ.

(******Масҷиди Синҷор:** «Синҷор шаҳре дар иёлати Мавсили Ироқ, курсийи қадими диёри рабиъа»... («Доиратулмаъорифи форсӣ»).*

******Маънойи ҷумла:*** *Шахсе дар масҷиди Синҷор ба ройгон, ба қасди савоб ва истинҷоб бонги азон бармеовард, бо овое, ки шунавандагон безор мешуданд.*

*******Ҳар якеро панҷ динор…:*** *ҳар як аз ононро панҷ динор ротиба (= муқаррарӣ, ҳуқуқ, моҳона) таъййин кардаам).*

Бар ин қавл иттифоқ карданду бирафт. Пас аз муддате дар гузаре пеши амир бозомад, гуфт:

– Ай худованд, бар ман ҳайф кардӣ, ки ба даҳ динор аз он буқъа бадар кардӣ, ки ин ҷо, ки рафтаам, бист динорам ҳамедиҳанд, то ҷойи дигар равам ва қабул намекунам.

Амир аз ханда бехуд гашту гуфт:

– Зинҳор, то наситонӣ, ки ба панҷоҳ розӣ гарданд *(яъне, ҳон, огоҳ бош, ки нагирӣ, ки ба пардохти панҷоҳ сиккайи зар ҳам ризо медиҳанд ва аз рафтанат хушнуд хоҳанд буд).*

Ба теша кас нахарошад зи рӯйи хоро гил,
Чунонки бонги дурушти ту мехарошад дил!

*(*****Маънойи байт:*** *Овози нохуши ту аз бонги гӯшхароши теша бар санги хора, ки аз он гил зудоянд, дилхароштар аст).*

Ҳикоят (14)

Нохушовозе ба бонги баланд Қуръон ҳамехонд. Соҳибдиле бар ӯ бигузашт, гуфт:

– Туро мушоҳара *(моҳона)* чанд аст?

Гуфт:

– Ҳеч.

Гуфт:

– Пас, ин заҳмат худ чандин чиро ҳамедиҳӣ *(пас чиро ин ҳама ранҷ бар хештан раво дорӣ)*?

Гуфт:

– Аз баҳри Худо мехонам.

Гуфт:

– Аз баҳри Худо махон!

*(*****Маънойи чанд ҷумла:*** *Посух дод: «Баройи хушнудийи Эзид мехонам!» Гуфташ:»Баройи ризойи Худо хомӯш бошу гӯши мардум маёзор!»).*

Гар ту Қуръон бар ин намат хонӣ,
Бибарӣ равнақи мусалмонӣ!

(Дар боби дувум, ҳикояти 20, Саъдӣ аз мутрибе дар маҳфиле ёд кардааст, ки овозаш нохуштар аз овозаи марги падар, ки мағзи мардум мебурду ҳалқи худ медарид. Аммо ин бор дар се ҳикоят пайиҳам ба зинҳор таъкид мекунад, ки хомӯшӣ биҳ аз садойи нохуш, бавижа, дар минбару меҳроби масҷид ё дар пояи лавҳи Қуръони Маҷид! Ҳазрати Мавлоно, мисле дар таъйиди фармудайи Шайхи Шероз (Гар ту Қуръон бар ин намат хонӣ… ҳикояти ҷолибе меорад дар қабойи як танзи зариф:

Як муъаззин дошт бас овози бад,
Дар миёни кофиристон бонг зад.
Чанд гуфтандаш: «Магӯ бонги намоз,
Ки шавад ҷангу адоватҳо дароз!».
Ӯ ситеза карду пас беэҳтироз[1]
Гуфт дар кофирситон бонги намоз.
Халқ хойиф[2] *шуд зи фитнай омае,*
Худ биёмад кофире бо ҷомае.
Шамъу ҳалво бо чунон ҷомай латиф
Ҳадя оварду биёмад чун алиф[3]*.*
Пурс-пурсон, к-ин муъаззин ку, куҷост?
Ки салою бонги ӯ роҳатфизост?!
Ҳин, чӣ роҳат буд з-он овози зишт?
Гуфт: «Овозаш фитод андар куништ.
Духтаре дорам латифу бас санӣ[4]*,*
Орзу мебуд ӯро мӯъминӣ.
Ҳеч ин савдо намерафт аз сараш,
Пандҳо медод чандин кофираш.
Дар дили ӯ меҳри имон руста буд,
Ҳамчу миҷмар буд ин ғам, ман чу уд.
Дар азобу дарду ишканҷа будам,
Ки биҷунбад силсилай ӯ дам ба дам!
Ҳеч чора менадонистам дар он,
То фурӯ хонд ин муъаззин он азон.
Гуфт духтар: «Чист ин макруҳбонг?
Ки ба гӯшам омад ин ду чордонг.
Ман ҳамай умр ин ҳама овози зишт,
Ҳеч нашнидам дар ин дайру куништ!»

Хоҳараш гуфташ, ки ин бонги азон
Ҳаст эълому шиъори мӯъминон.
Бовараш н-омад, бипурсид аз дигар,
Он дигар ҳам гуфт: «Оре, ай падар!»
Чун яқин гуфташ, рухи ӯ зард шуд,
Аз мусалмонӣ дили ӯ сард шуд...

1. Эҳтироз–хештандорӣ, эҳтиёт кардан; 2. Хойиф–дар хавфу тарс будан; 3. Алиф–хӯгиранда, дамсоз; 4. Саний(й)–рафиқ, баландмартаба.

Ниг. ба «Маснавӣ»-и шариф, дафтари 5 («Ҳикояти он муъаззини зиштовоз, ки дар кофиристон бонги намоз дод ва марди кофире ӯро ҳадя дод»).

Боби панҷум

ДАР ИШҚУ ҶАВОНӢ

Ҳикоят (1)

Ҳасани Маймандиро гуфтанд:

– Султон Маҳмуд чандин бандайи соҳибҷамол дорад, ки ҳар яке бадиъи ҷаҳонеанд; чӣ гуна афтодааст, ки бо ҳеч як аз эшон майлу маҳаббате надорад, чунонки бо Аёз, ки ҳусне зиёдатӣ надорад? Гуфт:

– Ҳар чӣ ба дил фурӯ ояд, дар дида накӯ намояд.

*(*****Ҳасани Маймандӣ:*** *манзур ҳамон ШамсулкуфотАбулқосим Аҳмад ибни Ҳасани Маймандист, ки аз соли 401 то 416 ҳ. қ. вазири Маҳмуд буд.* ***Майманд****–бар вазни «фарзанд», номи қасабаест аз музофоти Ғазнин ва вилоятест аз Форс («Бурҳони қотиъ».* ***Аёз****–солори азизи Маҳмуд;ниг. ба сафҳайи 264 «Таърихи Байҳақӣ», тасҳеҳи доктор Файёз.*

******Аёз:*** *«Абуннаҷм Аёз ибни Аймоқ, ғуломи маҳбубу муқарраби Султон Маҳмуди Ғазнавӣ, ки гӯянд, Султон Маҳмудро дар ҳаққи ӯ назари хос буд…» («Доиратулмаъорифи форсӣ»).*

Ҳар кӣ султон муриди ӯ бошад,
Гар ҳама бад кунад, накӯ бошад!
В-он киро подшаҳ бияндозад,
Касаш аз хайли хона нанвозад.

*(*****Маънойи ду байт****: Ҳар кас, ки шоҳ дӯстдору ҳавохоҳи вай бошад, агарчи якбора ситаму дуруштӣ кунад, ба ҳурмати султон доду хубӣ шумуранд; ва он, ки шаҳрёр вайро аз назари отифат дур кунад, аз ҳеч як аз чокарону гумоштагон низ эҳтирому навохт набинад).*

* * *

Касе ба дидайи инкор агар нигоҳ кунад,
Нишони сурати Юсуф диҳад ба нохубӣ.
Вагар ба чашми иродат нигаҳ кунӣ дар дев,
Фариштет намояд ба чашм каррубӣ.

*(*****Каррубӣ:*** *ба маънойи миҳтари фариштагон; дар форсӣ ҳарфи дувуми он бештар ба ташдид талаффуз мешавад ва ҳарфи панҷум («й»–О. Ш.) ба тахфиф.*

Маънойи қитъа*: Агар кас ба чашми бадбинӣ бингарад, симойи зебойи Ҳазрати Юсуфро ҳам ба зиштӣ айб кунад; вале агар ба дидайи дӯстдориву ҳавохоҳӣ дар Аҳримани зиштрӯй нигоҳ кунад, дар назараш аз малоикайи муқарраб намояд).*

Ҳикоят (2)

Гӯянд, хоҷаеро бандае нодиру-л-ҳусн буд ва бо вай ба сабили маваддат *(роҳи дӯстӣ)*-у диёнат назаре дошт. Бо яке аз дӯстон гуфт:

– Дареғ, ин банда бо ҳусну шамойиле, ки дорад, агар забондарозиву беадабӣ накардӣ *(ҷойи ҳасрату андӯҳ аст, ки ин ғуломи зебову накӯчиҳра бепарвову бемуҳобо сухан мегӯяд ва агар чунин намекард, чӣ хуш буд!)*.

Гуфт:

– Ай бародар, чу иқрори дӯстӣ кардӣ *(ба маҳаббати вай эътироф кардӣ)*, таваққуъи хидмат мадор, ки чун ошиқу маъшуқӣ дар миён омад, молику мамлук* бархост.

*(**Молиқу мамлук**–ин таъбир дар нусхайи Фурӯғӣ омадааст, ки Хуррамшоҳӣ, Хатиби Раҳбар ва Рамазонӣ низ ба он арҷ гузоштаанд; дар қисмати арабийи «Гулистон»-и Рамазонӣ («Равзат-ул-вард», баргардони Муҳаммад-ул-фуротӣ, таъбири мазбур «ходиму махдум» тарҷума шудааст (ходим–пешхидмат, навкар, парастор; махдум–арбоб, раис («Фарҳанги муъосири арабӣ–форсӣ»-и Озартоши Озарнӯш). Аммо дар ду шарҳ–«Шавқи «Гулистон»-и мусаввар»-и Сайидмуродхонхоҷа (чопи Тошканд) ва «Гулистон»-и доктор Юсуфӣ таъбири мазбур ба шакли «моликиву мамлукӣ» ва дар «Шарҳи «Гулистон»-и доктор Хазойилӣ «молику мамлукӣ» омадааст. Доктор Хатиб танҳо «мамлук»-ро шарҳ медиҳад, ба ин маънӣ: бандайи зархарид, милкихудкарда. Бинобар тавзеҳи Юсуфӣ, «моликӣ: молик (соҳиби чизе) будан; мамлукӣ: мамлук (бандайи зархарид) будан аст.*

«Мамлук» дар «Ғиёс-ул-луғот» ба маънойи банда, дар «Фарҳанги форсӣ»-и Муъин ва «Фарҳанги Сабо» «дар милк овардашуда»; «банда», «барда» ва «ғулом» омадааст. Бо ин баррасийи фишурда ду ҷумлайи охирро метавон аз қавли Хатиби Раҳбар ин гуна маънодод кард: «Чун дӯстдориву дӯстӣ дар кор омад, хоҷагиву бандагӣ рахти сафар барбаст».)

Ҳоҷа бо бандайи парирухсор
Чун даромад ба бозию ханда,
На аҷаб, к-ӯ чу хоҷа ҳукм кунад,
В-ин кашад бори ноз чун банда!

*(*****Парирухсор:*** *паричиҳр; парӣ–фариишта, навъе аз занони ҷин дар ниҳояти хубрӯйӣ.*

Маънойи қитъа*: **Чун мавло ва сарваре бо чокари зархариди паричиҳри худ бозиву шӯхӣ огозад, шигифт нест, ки ғулом фармондиҳи хоҷа гардад ва хоҷа аз таҳаммули бори гарони нозу ишвайи банда ногузир ояд).*

Ҳикоят (3)

Порсоеро дидам ба маҳаббати шахсе гирифтор. На тоқати сабру на ёройи гуфтор. чандонки маломат дидиву ғаромат кашидӣ, тарки тасобӣ нагуфтӣ ва гуфтӣ:

*(*****Ёройи гуфтор:*** *тавону заҳрайи сухан гуфтан; ёро–қуввату тавонойиву заҳраву далерӣ; муштақ аз «ёр» (сурати феъли амр аз «ёрастан» + «о» (пасванд), назири он калимайи «раҳо» ба маънойи халосу наҷот. Мисол аз Фирдвасӣ:*

Бад-ин чора аз чанги нараждаҳо,
Ҳамехост ёбад зи куштан раҳо.
Ғаромат: *товон ва он чӣ адояш лозим бошад.*
Тасобӣ: *мафтунӣ ва фирефтагӣ.*

Маънойи се ҷумла*: Ҳар андоза сарзаниш медиду товон мебурд, аз майли хотир ба вай намекост).*

Кӯтаҳ накӯнам зи доманат даст
Вар худ бизанӣ ба теғи тезам!
Баъд аз ту малозу малҷаъе нест,
Ҳам дар ту гурезам, ар гурезам!

*(****Малоз:*** *паноҳгоҳ.* ***Малҷаъ****–паноҳҷой.*

Маънойи қитъа*: **Аз ту пайванд нагусилам, агарчи ту ба куштанам шамшери буррон оҳихта дорӣ, аз ту гузашта паноҳгоҳу маъвое надорам ва чун аз ситамат фирор кунам, боз ба назди ту оям ва ба ту паноҳ орам).*

Боре маломаташ кардаму гуфтам:

– Ақли нафис *(гаронмоя)*-атро чӣ шуд, то нафси хасис *(фурӯмоя)* ғолиб омад?

Замоне ба фикрат фурӯ рафту гуфт:

Ҳар куҷо султони ишқ омад, намонд*
Қуввати бозуйи тақворо маҳал.
Покдоман чун зияд бечорае?
Ӯ фитода то гиребон дар ваҳал!

*(******Покдоман*** *иҳом дорад; яъне, ҳам маънойи соҳиби тақворо медиҳаду ҳам соҳиби домани поку наёлудайи зоҳирӣ.*

******Маънойи қитъа****: чирадастӣ ва қуввати ишқ ё салтанати ишқ ҳар ҷо падид ояд, неруйи бозуйи парҳезро намонад ва пойи саботаш аз ҷой биравад. Нотавоне роҳи тадбир бар вай баста ва то ба гардан дар гилу лой афтодаро (*киноя аз гирифтори доми ишқ шудан) доман чӣ гуна олуда нагардад?).*

Ҳикоят (4)

Якеро дил аз даст рафта буду тарки ҷон карда ва матмаҳи назараш** ҷое хатарноку мазиннайи ҳалок. На луқмае, ки мусаввар шудӣ, ки ба ком ояд ё мурғе, ки ба дом афтад.

(***Матмаҳ:*** *назаргоҳ; матмаҳи назараш–назаргоҳи дидааш.*

Мазинна: *ҷойи занн (гумон) бурдан.*

Маънойи ҷумлаҳо*: **Шахсе дил аз каф додаву даст аз ҳаёт шуста, роҳи вусул ба манзураш пуросеб буд ва дар он тариқ гумони маргу бими нобудӣ мерафту он туъма набуд, ки фарочанг шояд оварда ва ё тойир (паранда, мурғ–О. Ш.)-е, ки асир тавон кард).*

Чу дар чашми шоҳид наёяд зарат,
Зару хок яксон намояд барат!

(***Шоҳид:*** *исми фоъил аз шаҳодат, ба маънойи гувоҳ, вале ба тасарруфи форсиёна дар ин ҷо ба маънойи зеборӯй ба кор рафтааст. Ҳофиз ҳам фармояд:*

Шоҳид он нест, ки мӯеву миёне дорад,
Бандайи талъати он бош, ки оне дорад!

***Маънойи байт**: Чун дар дидайи ёри зеборӯй симу зари ту баҳое наёрад ва бо он коме натавонӣ ёфт, он хоста ба назари ту бо хок баробар ояд).*

Боре ба насиҳаташ гуфтанд:

– Аз ин хаёли муҳол *(ғайримумкин)* таҷаннуб *(дурӣ)* кун, ки халқе ҳам бад-ин ҳавас, ки ту дорӣ, асиранду пой дар занҷир. Бинолиду гуфт:

Дӯстон, гӯ, насиҳатам макунед,
Ки маро дида бар иродати ӯст!
Ҷангҷӯён ба зӯри панҷаву китф
Душманонро кушанду хубон дӯст!

*(****Маънойи қитъа**: ба ёрон бигӯ, ки маро панд мадиҳед, ки ман ба ҳавохоҳийи ӯ чашм дӯхтаам; мардони пайкор ба қуввати бозу хасмро табоҳ кунанду зебоён ба неруйи ишқ ёронро аз пой дароваранд).*

Шарти маваддат набошад, ба андешайи ҷон дил аз меҳри ҷонон баргирифтан:

***(Шарти маваддат набошад:** дар дӯстӣ маъҳуд нест ё хилофи ойини дӯстист. Ҳофиз фармояд:*

Дар маҳфиле, ки Хуршед андар шумори зарра аст,
Худро бузург дидан шарти адаб набошад.

***Маънойи ҷумла**: Хилофи ойини дӯстист, ки ба ҳавойи ҷон дил аз ишқи ёр бардоранд).*

Ту, ки дар банди хештан бошӣ,
Ишқбози дурӯғзан бошӣ!
Гар нашояд ба дӯст раҳ бурдан,
Шарти ёрист дар талаб мурдан!

*(**Дурӯғзан:** дурӯғгу. ****Маънойи** ду байт: Ту, ки ба худпарастӣ гирифторӣ, ҳавасбозе дурӯғгуйӣ; агар ба маъшуқ натавон расид, шойиставу сазовори дӯстдорӣ он аст, ки дар ҷустуҷӯяш ҷон супоранд.).*

* * *

Гар даст расад, ки остинаш гирам,
Варна, биравам, бар остинаш мирам!

*(*****Маънойи байт:*** *Агар тавонад буд, ки домони васли дӯст ба даст орам, «аз бахт шукр дораму аз рӯзгор ҳам», вагарна чандон дар тариқи ишқ пӯям, ки бар даргаҳаш видоъи ҳаёт гӯям).*

Мутаъаллиқонро, ки назар дар кори ӯ буду шафақат ба рӯзгори ӯ, пандаш доданду бандаш ниҳоданд ва суде накард.

*(*****Маънойи чанд ҷумла:*** *Пайвастагону хешовандон, ки ҳолу кораш медиданд ва дилашон бар умри табоҳу рӯзи сиёҳи ӯ месӯхт, вайро андарз доданду занҷир бар пояш ниҳоданд, вале фойидае надод).*

Дардо, ки табиб сабр мефармояд
В-ин нафси ҳарисро шакар мебояд!

*(*****Дардо:*** *аз асвот аст дар баёни таъассуфу тавақҷуъ.* ***Маънойи*** *байт:Ҷойи басе ранҷи дилу таъаллуми хотир аст, ки пизишк ба шикебу парҳез дастур медиҳад, вале табиъати озмандро шаккар боястӣ ва лозим аст, яъне, шаккар мехоҳад).*

* * *

Он шунидӣ, ки шоҳиде ба нуҳуфт
Бо дилаздастрафтае мегуфт:
«То туро қадри хештан бошад,
Пеши чашмат чӣ қадри ман бошад?!»

*(*****Маънойи абёт****: Ин сухан ба гӯшат расидааст, ки дилбаре зеборӯй дар ниҳон бо дилбохтае мегуфт: «Ай худпараст, то ту ба хештан пардохтаву даст аз ҳастӣ нашустайӣ, маро дар назари ту қадру баҳое набошад ва ба ҳақиқати ишқ натавонӣ расид; маро чунонки бояд, наёрӣ дид).*

Овардаанд, ки мар он подшаҳзода, ки мамлуҳи назари* ӯ буд, хабар карданд, ки ҷавоне бар сари ин майдон мудовамат менамояд хуштабъу ширинзабон ва суханҳое латиф мегӯяд ва нуктаҳое бадеъ аз ӯ мешунаванд. Ва чунин маълум ҳамешавад, ки дилошуфта асту шӯре дар сар дорад. Писар донист, ки диловехтайи ӯст ва ин

гарди бало ангехтайи ӯ. Маркаб ба ҷониби ӯ ронд. Чун дид, ки наздики ӯ азм дорад, бигиристу гуфт:

*(**Мамлуҳи назар**–ин аз таъбирҳои баҳсбарангези «Гулистон» аст ва пажӯҳандагон ғолибан бар сари ҷузви нахустини он– **мамлуҳ**(!) хилофи назар доранд. Аз ин рӯ, ҷузви нахустини ин таъбир дар нусхаҳо мутафовит омадааст. Чунончи, доктор Хуррамшоҳӣ, дар пайравӣ бо Муҳаммадалийи Фурӯғӣ иътиқод бар «**мамлуҳи** назар» дорад ва дар тавзеҳи хеш менигорад: «**Мамлуҳ** аз «милҳ» аст, яъне, намакин. Шояд «мамлуҳи назар»-ро битавон ба ин маънӣ гуфт: «Касе, ки ба назари ӯ намакин меомад».*

*Донишманди дигар–Хатиби Раҳбар низ ангушти тасдиқ бар «**мамлуҳи** назар» гузоштааст. Ӯ «мамлуҳ»-ро мақлуб, ё худ, ворунашудайи «малмуҳ» мешуморад ва навишта, ки асли ин калима «**матмуҳ**» буда, бо иштибоҳи муншиён «мамлуҳ» китобат шудааст. Доктор Раҳбар овардааст: «Ин калима (яъне, **мамлуҳ**–О. Ш.) мақлуби **малмуҳ** ё мусаҳҳафи «**матмуҳ**» аст ба маънойи «нигариста»–исми мафъул аз масдари «ламҳ» (ба фатҳи аввал ва сукуни дувум) ё «тамҳ» (ба фатҳи аввал ва сукуни дувум). Ва, ба қаринаи ҷумлаҳойи оғози ҳикоят, «матмуҳ» дуруст менамояд– **матмуҳи назар:** нигаристайи дида».*

*Дар «Гулистон»-и Муҳсини Рамазонӣ ҳикояти мазбур дида намешавад, аммо дар баҳши арабийи ин китоб («Равзат-ул-вард») онро мебинем ва таъбири мазбур «матмаҳа назару» (ҳуваллазӣ кона **матмаҳа** назару) баргардон шудааст (шояд бо дарназардошти «матмаҳи назар»-е ки дар оғози ин ҳикоят омадааст).*

*«Гулистон»-ҳои устодон Хазойилӣ ва Юсуфӣ аз нусхайи Фурӯғӣ тафовутҳо доранд ва шабеҳи ҳам низ нестанд. Аз ин рӯ, матни ҳикояти мавриди назар дар ин ду нусха қиёсан ҳамгун нест, аммо ҳар ду «**мамлуҳи** назар»-ро «**малмуҳи** назар» меоранд. Хазойилӣ менигорад, ки «**малмуҳ**: исми мафъул аз «ламҳ», яъне, дуздида нигоҳ кардан, чашмак задан». Юсуфӣ низ, зоҳиран, «малмуҳ»-ро муносиб медонад, ки навишт аст: «Малмуҳ» аз «ламҳ» (яъне, «нигаристан», дуздида нигоҳ кардан»), ба маънойи «пинҳон нигариста» аст. Ва «малмуҳи назар»–агар ин забти аслӣ бошад–Яъне, «мавриди таваҷҷуҳу нигоҳ», «нигаристайи чашм», «манзур». Аммо «матмуҳ» (ҳадси оқои доктор Хатиби Раҳбар) аз «тулумуҳ» (барнигаристан) аст ва маънойи матмуҳи назар шабеҳи «матмаҳи назар» дар оғози ҳикоят аст, яъне, нигаристайи чашм, мавриди назар».*

*Ва, билохира, Саййидмуродхонхоҷайи Тошкандӣ (муъаллифи «Шарҳи «Гулистон»-и мусаввар») дар шарҳи **мамлуҳ** гуфта, ки «Ин қалб (ворунашуда–О. Ш.)-и **малмуҳ** аст». Ҳамоне, ки Муҳаммади Ғиёсуддин фармудааст: «**Мамлуҳ** …ба маънойи дидашуда ва дар ин сурат қалби **малмуҳ** аст» («Ғиёс-ул-луғот», ҷ. 2, с. 300). Ҳамин тавр, чунон ки дида мешавад, Саъдипажӯҳон натавонистаанд гиреҳ аз муаммойи ин таъбир бикушоянду мӯйро аз хамир бизудоянд. Ҳатто донишманди соҳибноми адаби форсӣ Муҳаммади Муъин дар тавзеҳи **мамлуҳ** қотиъу қониъ нест ва танҳо ба назари устод Фурӯғӣ иктифо мекунад. Муъин чунин фармуда аст: «Дар «Гулистон»-и Саъдӣ иборати зайл омада: «Овардаанд, ки мар он подшаҳзода, ки мамлуҳи назари ӯ буд, хабар карданд, ки ҷавоне бар сари ин майдон мудовамат менамояд…» («Гулистон», чопи Фурӯғӣ /125). Ва марҳум Фурӯғӣ дар ҳошияи ҳамон сафҳа навиштааст: «Дар тамоми нусхаҳойи қадими муътабар мутобиқи матн «мамлуҳ» навишта шуда ва мумкин аст дар асл «малмуҳ» буда. Дар нусхаҳойи дигар, ки аз ҳайси қидмат дар дараҷайи дувум аст, ин калима ба «манзур» табдил шуда». Дар «Гулистон»-и чопи «Қариб», (с. 135) низ «мамлуҳ» омада. Иҳтимоли қавӣ меравад, ки асл «мамлуҳ» бошад» («Фарҳанги форсӣ», ҷ. 4, с. 4364.)*

***Нуктаҳое бадеъ:** ҷумлаҳойи латифу ҳайратовар; **нукта**–сухани покизаву борик, ҷумлаи латиф.*

***Маънойи чанд ҷумла:** Писар дарёфт, ки ин касро ба ӯ таъаллуқи хотирест ва ин ғубори фитнаро худ пароканда аст).*

Он кас, ки маро бикушт, бозомад пеш,
Моно** ки дилаш бисӯхт бар куштайи хеш!

*(**Моно ки:** гӯйӣ ки.*

***Маънойи байт**: Он, ки маро ба теғи ишқ ба ҳалок расонд, дигар бор ба наздам биёмад, гӯйӣ, ки вай бар шаҳиди худ раҳмат оварад).*

Чандонки мулотафат карду пурсидаш–аз куҷойиву чӣ номӣ ва чӣ санъат донӣ?–дар қаъри баҳри маваддат чунон ғариқ буд, ки маҷоли нафас надошт.

*(**Маънойи ҷумла**: ҳарчанд меҳрбонӣ намуду аз вай суъол кард–аз кадом сарзаминиву чӣ ном дорӣ ва чӣ ҳирфату кор тавонӣ?–бад-он сон ғарқайи дарёйи ишқ буд, ки фурсати дам задан наёфт).*

Агар худ ҳафт субъ азбар бихонӣ,
Чу ошуфтӣ, «алиф», «бе», «те» надонӣ.

*(******Ҳафт субъ:*** *«Мурод аз ҳафт ҳиссайи Қуръони Маҷид, ки онро «ҳафт манзил» гӯянд, ба ҷиҳати он, ки қориёни салаф дар як ҳафта хатми Қуръони Маҷид муқаррар намудаанд» («Ғиёс-ул-луғот»). «Субъ» якҳафтум аст ва дар мавриди Қуръони Маҷид ишора ба тақсими он ба ҳафт бахш аст.*

*****Агар худ ҳафт субъ…:*** *агарчи ҳафт ҳафтум (тамом)-и Қуръони Каримро аз ҳифз битавонӣ хонд, вақте аз ишқ ошуфта шудӣ, аз хондани ҳуруфи алифбо низ оҷиз хоҳӣ буд.*

******Чу ошуфтӣ…:*** *ин мисраъро ба чанд сурат навиштаанду хондаанд: Чу ошуфтӣ, «алиф» «бо» «то» надонӣ; Чу ошуфтӣ «алиф», «бӣ», «тӣ» надонӣ...*

«Бе», «те»: дар қадим ин ду ҳарф ва бархе дигар аз ҳуруфи таҳаҷҷиро ба шакли «бӣ», «тӣ», «сӣ», «ҳӣ», «хӣ» ҳам менавиштанду мехонданд. Бино бар ин, дар тақтеъи арузӣ сурати дувуми ҳуруф («бӣ», «тӣ») аз назари вазн созгортар аст;ниг. ба қисми дувуми боби дувуми «Ал-муъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ).

Маънойи байт*: Агар тамоми (ҳафт ҳафтум)-и Қур»онро аз ҳифз тиловат тавонӣ, чун дилат ба шӯриши ишқ парешон шуд, аз ҳуруфи таҳаҷҷӣ (алифбо) хондан ҳам фурӯ монӣ).*

Гуфто:

– Сухане бо ман чиро нагӯйӣ, ки ҳам аз ҳалқайи дарвешонам, балки ҳалқабагӯши эшонам?!

Он гаҳ ба қуввати истиноси маҳбуб аз миёни талотуми амвоҷи маҳаббат сар бароварду гуфт:

(Ҳалқабагӯш: *чокари зархарид. Дар рӯзгори бардафурӯшӣ марсум буд, ки дар гӯши ғулом ҳалқае аз зар ё сим ба нишони бандагӣ меовехтанд.* ***Истинос:*** *хӯ гирифтан.*

******Маънойи чанд ҷумла:*** *Шоҳзода гуфт: «Бо ман аз чӣ сухан намегӯйӣ, ки аз ҷамъи сӯфиёнам, на, балки ғуломи ҳалқабагӯшу чокари зархариди ононам?! Он вақт ба неруйи унсу дилҷӯйии ёр аз миёни шӯридагиву бархурди мавҷҳойи дарёйи ишқу дӯстӣ сар бардошту гуфт).*

Аҷаб аст бо вуҷудат, ки вуҷуди ман бимонад,
Ту ба гуфтан андар ойиву маро сухан бимонад!

*(*****Маънойи байт:*** *Муҳол аст, ки аз ҳастийи ман нишоне барҷой монад; он ҷо, ки ту бошӣ ё ту забон ба сухан кушойиву маро маҷоли гуфтор бошад).*

Ин бигуфту наърае зад ва ҷон ба Ҳақ таслим кард.

Аҷаб аз кушта набошад ба дари хаймайи дӯст,
Аҷаб аз зинда, ки чун ҷон ба дар овард салим?!

(***Хайма****–хонае, ки аз карбос ё палос созанд.*

******Маънойи байт****: Агар дӯст бар остони хонайи дӯст шаҳид афтад, шигифт нест; шигифт он аст, ки ёр ба дидори ёр бирасад ва зинда монаду ҷон ба саломат барад. Ҳофиз фармояд:*

Ин ҷони орият, ки ба Ҳофиз супурда Дӯст,
Рӯзе рухаш бибинаму таслими Вай кунам!

Ин байт *ҷузъи яке аз ғазалҳойи «Бадоеъ»-и Саъдист бо матлаъи зер:*

Имшаб он нест, ки дар хоб биравад чашми ятим,
Хоб дар Равзайи Ризвон накунад аҳли наъим!).

Ҳикоят (5)

Якеро аз мутаъаллимон камоли баҳҷате *(зебоийи бакамол)* буд ва муъаллим аз он ҷо, ки ҳисси башарийят аст, бо ҳусни башара *(маҷозан, накӯрӯйӣ ва зебоийи мутлақ)*-и ӯ муъомалате дошт. Ва вақте, ки ба халват *(танҳоӣ)*-аш дарёфтӣ, гуфтӣ:

На ончунон ба ту машғулам, ай биҳиштирӯй*,
Ки ёди хештанам дар замир меояд!
Зи диданат натавонам, ки дида дарбандам
Вагар муқобала бинам, ки тир меояд!

*(****На ончунон ба ту машғулам…:*** *Ай зеборӯй, ончунон гирифтори ишқи туям, ки ёди хеш ба хотирам намеояд (хештанро аз ёд бурдаам). Наметавонам аз дидори ту чашм пӯшам, агарчи рӯёрӯй (дар муқобала) бинам, ки тир ба сӯям равон аст.*

Ин ҳар ду байт ҷузъи яке аз ғазалҳойи «Таййибот»-и Саъдист бо матлаъи зер:

Кӣ баргузашт, ки бӯйи абир меояд?!
Кӣ меравад, ки чунин дилпазир меояд?!).

Боре писар гуфт:

– Ончунонки дар одоби дарси ман назаре мефармойӣ, дар одоби нафсам низ таъаммул фармой.

(Одоби дарс: *донишҳову маъорифе, ки ба таълим биёмӯзанд; фазойили илмӣ.* ***Одоб****–ҷамъи адаб;* ***адаб*** *ба маънойи фарҳангу донишу фазилат ва таври писандидаву равишу қоъида ва нигаҳдошти ҳадди ҳар чизе.* ***Илми адаб*** *донишест, ки бад-он худро аз халал дар сухан нигоҳ доранд.*

******Одоби нафс:*** *фазилатҳое, ки бад-он нафсро бипарвараранду хӯгир созанд; камолоти ахлоқӣ.*

Маънойи чанд ҷумла: *Боре писар гуфт: «Ҳамон гуна, ки дар омӯзиши ман диққат мекунӣ, дар тарбияту парвариши ман низ жарф бияндеш!»).*

То агар дар ахлоқи ман нописандӣ бинӣ, ки маро он писанд ҳаменамояд, бар онам иттилоъ фармойӣ, то ба табдили он саъй кунам. Гуфт:

– Эи писар, ин сухан аз дигаре пурс, ки он назар, ки маро бо туст, ҷуз ҳунар намебинам *(ин пурсиш аз дигаре кун, ки бо он тавақҷуҳе, ки ба ту дорам, ҷуз хубӣ дар ту намеёбам)***.**

Чашми бадандеш, ки барканда бод,
Айб намояд ҳунараш дар назар!
Вар ҳунаре дориву ҳафтод айб,
Дӯст набинад ба ҷуз он як ҳунар!

(***Маънойи қитъа****: Дар дидайи бадсиголи бадбин, ки аз ҷой бароварда бод, камол чун костиву айб намудор мешавад, вале гар бафазилате бо ҳафтод нақиса (айбу костӣ–О. Ш.) доро бошӣ, дӯстдор туро дида, чашмҳояш танҳо бар ҳамон як ҳунар афтаду зиштиҳо аз назараш пӯшида монад. «Барканда бод» ҷумлайи муътариза аст, ки баройи нафрин оварда мешавад ва агар аз калом ҳазф гардад, халале ба асли калом роҳ намеёбад.*

Байти охири қитъа ҳукми масали сойир пайдо кардааст).

Ҳикоят (6)

Шабе ёд дорам, ки ёре азиз аз дар даромад. Чунон бехуд аз ҷой барҷастам, ки чароғам ба остин кушта шуд.

Саро тайфу ман яҷлу биталъатиҳид-дуҷо,
Шигифт омад аз бахтам, ки ин давлат аз кучо?!

(*****Маънойи байт:*** *Шабонгоҳ хаёли касе (ёре), ки ба фурӯғи чиҳрайи ӯ торикӣ равшан мешавад, биёмад; аз толиъи худ дар аҷабам, ки ин иқбол аз кадом суй ба ман рӯй овард!*

Омадани ёр чунон мутараққиб будааст, ки Саъдӣ гумон мебарад ёр несту хаёли ӯст, ки дар назараш муҷассам омадааст!).

Бинишасту итоб *(хашм гирифтану маломат)* оғоз кард, ки маро дарҳол бидидӣ, чароғ бикуштӣ ба чӣ маънӣ?!

Гуфтам:

– Ба ду маънӣ. Яке он, ки гумон бурдам, ки Офтоб баромад. Ва дигар он, ки ин байтам ба хотир буд:

Чун гароне ба пеши шамъ ояд,
Хезаш андар миёни ҷамъ бикуш!
Вар шакархандаест ширинлаб,
Остинаш бигиру шамъ бикуш!

*(*****Маънойи қитъа****: Чун бори хотири сангинтабъ ба наздики чароғ ояд, аз ҷой бархезу вайро дар миёни анҷуман бимирон, вале агар нӯшинхандайи шаккардаҳоне ба канори шамъ ояд, даст дар остинаш зану чароғро хомӯш кун (то рақибон огоҳ нашаванд).*

Ҳикоят (7)

Яке дӯстеро, ки замонҳо надида буд, гуфт:

– Куҷойӣ, ки муштоқ будаам?

Гуфт:

– Муштоқӣ биҳ, ки малулӣ!

*(**Муштоқӣ беҳ…:** ин иборат ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Дер омадӣ, ай нигори сармаст,
Зудат надиҳам доман аз даст!
Маъшуқа, ки дер-дер бинанд,
Охир кам аз он, ки сер бинанд!

*(*****Маънойи абёт****: Ай зебойи масти бодайи ҳусн, доманатро ба осониву шитоб раҳо намекунам! Маҳбубро ҷун зуд-зуд натавон дид, ба ҳар ҳол, камина он, ки вайро дар ҳамон як бори мулоқот чандонки дил мехоҳад, бояд дидор кунанд. Мисраъи чаҳорум ду ҷумла аст ва бад-ин гуна таъвилаш тавон кард: «Кам аз он (ин) аст, ки (маъшуқаро) сер бибинад».*

Байти аввал *ҳукми масали сойир пайдо кардааст;)*

Шоҳид *(соҳибҷамол)*, ки бо рафиқон ояд, ба ҷафо кардан омадааст. Ба ҳукми он, ки аз ғайрату музоддат *(мухолафат)* холӣ набошад.

Изо ҷиътанӣ фӣ руфқатин литазуранӣ,
Ва ин ҷиъта фӣ сулҳин фаанта муҳорибун!

*(****Маънойи байт****: Агар ҳар гоҳ ҳамроҳ бо ҷамъе аз рафиқон баройи дидори ман ойӣ; агарчи зоҳиран бо сулҳу сафо омадайӣ, аммо ботинан сари ҷанг дорӣ (зеро хостаю нохостайи ғайрати ошиқиву маъшуқиро нодида гирифтайӣ!).*

* * *

Ба як нафас, ки баромехт ёр бо ағёр,
Басе намонад, ки ғайрат вуҷуди ман бикушад.
Ба ханда гуфт, ки ман шамъи ҷамъам, ай Саъдӣ,
Маро аз он чӣ ки парвона хештан бикушад?!

*(*****Маънойи қитъа****: Як дам, ки ёр бо рақибон ба ишрат нишаст, чизе намонд, ки рашк маро ба ҳалок расонад. Хандон мегуфт, ки ай Саъдӣ, ман чароғи анҷуманам, маро парво нест, ки парвонае ҷон дар шуълайи ман бозад).*

Ҳикоят (8)

Ёд дорам, дар айёми пешин, ки ману дӯсте чун ду бодоммағз дар пӯсте суҳбат доштем. Ногоҳ иттифоқи мағиб афтод (*ногаҳон*

ғайбатеву фосилае дар миён афтод). Пас аз муддате, ки боз омад, итоб оғоз кард, ки дар ин муддат қосиде нафиристодӣ! Гуфтам:

– Дареғ омадам, ки дидайи қосид ба ҷамоли ту равшан гардад ва ман маҳрум!

Ёри дерина маро, гӯ, ба забон тавба мадиҳ,
Ки маро тавба ба шамшер нахоҳад будан!
Рашкам ояд, ки касе сер нигаҳ дар ту кунад,
Боз гӯям, на, ки кас сер нахоҳад будан!

*(*****Маънойи қитъа**: Бигӯ, ки ёри қадим маро аз ишқи вай ба тавбаву бозгашт нахонад, чӣ ман аз бими теғ ҳам аз ошиқӣ бознагардам. Ба ғайрат оям, ки дигаре туро сер дидор кунад; дигар бор бо худ гӯям: на, чунин нест, кас аз ниъмати дидори ту ҳеч гоҳ сер нашаваду безор нагардад!).*

Ҳикоят (9)

Донишмандеро дидам, ба касе мубтало шуда ва розаш бармало афтода. Ҷаври фаровон бурдиву таҳаммули бекарон кардӣ. Боре ба латофаташ гуфтам:

– Донам, ки туро дар маваддати ин манзур иллатеву бинойи маҳаббат бар зиллат (*лағзиш ва хато*)-е нест. Бо вуҷуди чунин маънӣ лойиқи қадри уламо набошад худро муттаҳам гардонидан ва ҷаври беадабон бурдан!

*(**Бармало** (бар мало)–мало(ба фатҳи аввал)–гурӯҳи мардум; ин калима дар форсӣ маъхуз аз «мала»-и арабист (ба фатҳи аввалу дувум ва ҳамза дар охир). **Иллат**–дар ин ҷо ба маънойи сабаби нописанд.*

****Маънойи чанд ҷумла:** Доноеро ба миҳнати ишқи маҳбубе гирифтор ёфтам, ки сирри вай бар сари ҷамъ фош шуда буд; бисёр ситам мекашиду беандоза бурдборӣ менамуд. Як бор ба хушиву меҳрбонӣ ба ӯ гуфтам: «Нек огоҳӣ, ки туро дар дӯстдорийи ин маҳбуб сабабе нописанд даркор нест ва бунёди меҳр бар лағзишу хато наниҳодайӣ; бо доштани ин нийят сазовори пойгоҳи доноён нест, ки худро ба туҳмат мансуб кунанду аз адабнаёмӯхтагон ҷафо кашанд»!).*

Гуфт:

– Ай ёр, дасти итоб *(сарзаниш)* аз домани рӯзгорам бидор.

Борҳо дар ин маслаҳат, ки ту бинӣ, андеша кардам ва сабр бар ҷафойи ӯ саҳлтар ояд ҳаме, ки сабр аз дидани ӯ. Ва ҳукамо гӯянд: дил бар муҷоҳада *(ранҷ бурдан)* ниҳодан осонтар аст, ки чашм аз мушоҳада баргирифтан.

*(*****Маънойи ҷумлаҳо**: Посух дод: «Ай дӯст, дасти сарзаниш аз домани умрам кӯтоҳ кун! (= Маро бар ин ҳол сарзаниш макун!), ки басе дар ин кор, чунонки салоҳ донистайӣ, фикр кардам, вале шикебойӣ бар қаҳри ёр осонтар аз шикеб варзидан аз дидору сабр бар маҳрумӣ аз ҷамоли ӯст; ва доноён бар онанд, ки дил ба ранҷу дурӣ супурдану бори ҳиҷрон бурдан саҳлтар, то дида аз дидори ёр бардӯхтан!»).*

Ҳар кӣ бе ӯ ба сар нашояд бурд,
Гар ҷафое кунад, бубояд бурд.

*(**Нашояд** бурд–натавон бурд).*

Рӯзе аз даст, гуфтамаш, зинҳор,
Чанд аз он рӯз, гуфтам, истиғфор!

*(*****Дар ин мисраъ** тартиби аҷзойи калом ба наср чунин бошад: рӯзе гуфтам: «Зинҳор аз дасташ. Зинҳор–(аз асвот) паноҳ мебарам ё амон мечӯям. **Истиғфор**–омурзиш хостани гуноҳ).*

Накунад дӯст зинҳор аз дӯст,
Дил ниҳодам бар он чӣ хотири ӯст.

*(*****Зинҳор кардан:** дуриву парҳез. **Хотир**–он чӣ дар дил гузарад, андеша).*

Гар ба лутфам ба назди худ хонад,
Вар ба қаҳрам биронад, ӯ донад!

*(*****Маънойи абёт**: Касе, ки дур аз вай натавон зиндагӣ кард, агар ситаме кунад, ногузир бибояд кашид. Як рӯз гуфтам: «Амон аз ҷавраш!»-у аз он рӯз боз чандин бор маъзарату омурзиш аз гуноҳ хостам. Ёр аз ёр дуриву парҳез намекунад, ман бад-он чӣ дилхоҳи ӯст, дил бастам; чӣ ба меҳрбонӣ маро пеши худ даъват кунад, чӣ ба ҷафо аз даргоҳ дур созад, ӯ салоҳи кори нек шиносад ва ихтиёр ӯро бошад!).*

Ҳикоят (10)

Дар унфувон *(оғози)*-и ҷавонӣ, чунонки афтаду донӣ, бо шоҳиде сареву сирре доштам. Ба ҳукми он, ки ҳалқе дошт таййибуладо *(хушоҳанг, хушово)* ва халқе калбадри изо бадо.

*(******Чунонки афтаду донӣ:*** *ин иборат ҳукми масали сойир пайдо кардааст ва бисёр ройиҷ аст.*

******Таййибуладо:*** *хушоҳанг, хушово; «таййиб»–покизаву поку хуш (аз «ти(й)б» (бо касри итқиву «ё»-ву «бе»–О. Ш.), ба маънойи хушу покиза гардидан. «Адо»–аз «таъдия», ба маънойи гузордану расонидан. Дар сиёқи форсӣ ба маънойи навову оҳангу баён кардан ояд. Анварӣ:*

Бар минбаре, ки хутбайи мадҳаш адо кунанд,

Бӯсад зи фахр пояйи он минбар Офтоб! («Онандроҷ»).

*****Калбадри…:*** *ва офаринише (чиҳрае, дидоре) монанди моҳи тамом (моҳи шаби чаҳордаҳ), ҳангоме, ки зоҳир шавад.*

******Маънойи ҷумлаҳо****: Дар оғози ҷавонӣ, чунонки пеш ояду ту низ огоҳӣ, бо зебое таъаллуқи хотиру ишқи ниҳонӣ доштам, чӣ ное (ҳалқе) дошт хушово ва талъате (халқе) чун моҳи дуҳафта ҳангоми баромадан).*

Он, ки наботи оразаш оби ҳаёт мехурад,
Дар шакараш нигаҳ кунад, ҳар кӣ набот мехурад!

(Он, ки наботи оразаш…: (шарҳи Юсуфӣ:) *«Зеборӯе, ки сабзайи чиҳрааш (мӯйи латифи рухсораш) (аз чашмайи лаб) оби зиндагӣ менӯшад ва ҳар кас набот (қанд, шаккари мусаффойи булӯришуда) мехурад, ба шаккари лаби ӯ назар кунад (ки аз набот ширинтар аст). Дар мисраъи аввал лаби маҳбуб ба сурате пӯшидаву зариф ба чашмайи оби зиндагӣ ташбеҳ шудааст».*

(Хатиби Раҳбар:) *«Шоҳиди зебое, ки сабзайи рухсораш аз чашмайи нӯшлаб оби зиндагӣ менӯшад ва ҳар кас набот (қанд) мехоҳад бихурад, ба шаккарлаби ӯ бингарад, то бидонад, ки аз шаккар ширинтару аз набот хуштар аст. Ин байт муштамил бар санъати ташбеҳи музмар (ташбеҳи «лаб» ба «чашмайи нӯш») аст».*

(Ҳуррамшоҳӣ:) *«Маънойи ин байт дерёб аст. Зоҳиран мурод ин аст, ки сабзайи хатти ӯ аз сарчашмайи оби ҳаёт об мехурад; ҳар кас, ки набот мехурад, дар шаккарлаби ширини ӯ назар кунад, то дар муқояса маълум шавад, ки шаккари ӯ аз набот ширинтар аст»).*

Иттифоқан, ба хилофи табъ аз вай ҳаракате бидидам, ки напи-сандидам. Доман аз ӯ даркашидаму муҳра* барчидаму гуфтам:

*(****Муҳрай барчидам:*** *«муҳра барчидан», яъне, ҷамъ кардани бисоти нарду шатранҷ дар поёни бозӣ ва «муҳра чидан» паҳн кардани он дар оғози бозист.*

Маънойи ҷумла *ин аст, ки дигар нарди маҳаббат бо ӯ набох-там (меҳри ӯро тарк гуфтам). Саъдӣ дар ғазале низ фармояд:*

Ман муҳрайи меҳри ту нарезам,
Илло, ки бирезад устухонам!).

Бирав, ҳар чӣ мебоядат, пеш гир,
Сари мо надорӣ, сари хеш гир!

*(*****Маънойи байт:*** *Бархезу ба ҳар чӣ туро бояставу сазовор аст, бипардоз. Ту дар андешайи мо нестӣ, ба фикри худ бош!).*

Шунидамаш *(аз рӯйи шунуфтам)*, ки ҳамерафту мегуфт:

Шаппара гар васли Офтоб нахоҳад,
Равнақи бозори Офтоб накоҳад!

*(*****Маънойи байт:*** *Хуффош агар ба мусоҳабати меҳр рағбат надошта бошад, аз ин чашмайи Хуршедро дурахшандагиву фурӯғ кам нашавад!*

Тавзеҳи Хуррамшоҳӣ: *«Агар хуффош (шабкӯр) хоҳони дидори Офтоб нест, зеро чашми ӯ ин дидану дидорро надорад, ин нотавонӣ ё нохостани ӯ аз равнақи бозори Офтоб намекоҳад!».*

Ин байт *ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ин бигуфту сафар кард ва парешонийи ӯ дар ман асар *(ошуфтагӣ аз ҳичрони вай дар дилам асар кард)*.

Фақадту замонал-васли валмаръу ҷоҳилун,*
Биқадри лазизил-ъайши қаблал-масоъиби.

*(****Фақадту замона…:*** *ин байт ҷузъи яке аз шеърҳойи арабийи Саъдист, ки дар ин ҳикоят аз «Гулистон» нақл шудааст. Яъне, «Рӯзҳойи пайвастагиву дидорро аз даст додам; оре, инсон пеш аз мусибатҳо қадри айёми хуши зиндагиро намедонад!»).*

* * *

Боз ою маро бикуш, ки пешат мурдан
Хуштар, ки пас аз ту зиндагонӣ кардан!

Аммо, ба шукру миннати Борӣ, пас аз муддате бозомад. Он ҳалқи довудӣ мутағаййир шудаву ҷамоли юсуфӣ ба зиён омада ва бар себи занахдонаш чун биҳ гарде нишаставу равнақи бозори ҳуснаш шикаста. Мутаваққиъ, ки дар канораш гирам, канора гирифтаму гуфтам:

*(*****Маънойи чанд ҷумла:*** *Вале, Худойро сипос, ки пас аз рӯзгоре бозгашт ва нойи хушовояш, ки гӯйӣ ҳанҷарайи Ҳазрати Довуд буд, дигаргун гаштаву сармояи зебоийи юсуфосойи вай табоҳ шуда ва себи зақанаш чун биҳ (биҳӣ–О. Ш.) гард (= истиъора баройи мӯйи рухсор) гирифтаву бозори зебоийи ӯ косид омада. Чашми он дошт, ки дар оғӯшаш кашам, аз вай гӯша гирифтаму гуфтам:).*

Он рӯз, ки хатти шоҳидат буд,
Соҳибназар аз назар бирондӣ!
Имрӯз биёмадӣ ба сулҳаш,
К-аш фатҳаву замма барнишондӣ!

*(****Он рӯз****, ки* ***хатти шоҳидат…:*** *он рӯзҳо, ки хатти сабзи зебо (мӯйи латиф бар рухсор) доштӣ, назарбозонро аз пеши чашм рондӣ; имрӯз ба оштӣ баргаштайӣ, ки ба ҷойи он (хатти сабз) ришу сабалат (бурут) даровардайӣ!*

*«****Фатҳа****» («забар») ва «****замма****» (пеш») аз нишонаҳойи иъроб (ҳаракоти авохири калимоти араб («Ғиёс-ул-луғот») аст.* ***«Фатҳа» ва «замма» барнишондан*** *«забар»-у «пеш» (иъроб) рӯйи хат гузоштан аст ва дар ин ҷо киноя аз ришу бурут даровардан.*

*****Маънойи қитъа****: Айём, ки хатти сабзи зебо доштӣ, назарбозонро аз пеши чашм дур кардӣ; акнун ба оштӣ бозгаштӣ, ки бар ҷойи он сабзайи хат печидагийи мӯйи сабалат (= бурут) чун хами заммаву фатҳа намоён аст!).*

* * *

Тозабаҳоро, варақат зард шуд,
Дег маниҳ, к-оташи мо сард шуд**.

*(*****Маънойи байт:*** *Ай баҳори хуррам, баргу барат зарду пажмурда гашт, савдойи хом мапаз, ки оташи иштиёқи мо хомӯш шуд!).*

Чанд хиромиву такаббур кунӣ,
Давлати порина** тасаввур кунӣ.

(Давлати порина: *иқболу бахти соли гузашта).*

Пеши касе рав, ки талабгори туст,
Ноз бар он кун, ки харидори туст!

* * *

Сабза дар боғ, гуфтаанд, хуш аст,
Донад он кас, ки ин сухан гӯяд.
Яъне, аз рӯйи некӯвон хати сабз
Дили ушшоқ бештар ҷӯяд.
Бӯстони** ту ганданозорест,
Баски бармеканиву мерӯяд!

*(*****Маънойи байт:*** *Боғи чиҳрайи ту тарразоре (мурод аз тарразор, ба истиъора, мӯҳойи хашану зудрушд) аст, ки ҳарчанд мечинӣ, боз сабз мешавад).*

* * *

Гар сабр кунӣ, ва-р накӯнӣ, мӯйи буногӯш–
Ин давлати айёми накӯйӣ ба сар ояд.
Гар даст ба ҷон доштаме ҳамчу ту бар риш,
Нагзоштаме то ба Қиёмат, ки барояд!

*(*****Буногӯш:*** *буни гӯш, ҷойи пайванди гӯш бо сар аз сӯйи боло; маҷозан, бахше аз нимрухи муҷовири гӯш.*

Маънойи қитъа*: Чӣ бар рустани мӯй бар нимрух шикеб оварӣ ё наёварӣ (ва онро аз рӯй бисутурӣ), салтанати ҳусни ту ба поён мерасад. Агар тасаллуте бар ҳаёти хештан, чунонки ту бар риши худ дорӣ, медоштам, раҳо намекардам, ки то Растохез аз тан бурун равад).*

* * *

Суъол кардаму гуфтам: ҷамоли рӯйи туро,
Чӣ шуд, ки мӯрча бар гирди моҳ ҷӯшидаст**?

Ҷавоб дод: «Надонам, чӣ буд рӯямро,
Магар ба мотами ҳуснам сиёҳ пӯшидаст?!»

*(*****Ҷӯшидаст:*** *ҷӯшидааст, яъне, анбуҳ гаштааст. Ба маънойи рӯйидаву руста низ меояд.*

Маънойи қитъа*: Пурсидаму гуфтам: «Зебоийи чиҳрайи туро чӣ расид, ки мӯрони хат бар гарди моҳи ъизорат ҷӯшидаву анбӯҳ гаштаанд. Посух дод: «Намедонам рӯйи маро чӣ расид? Гӯё, дар сӯги зебоийи ман ҷомайи сиёҳ дар бар кардааст».).*

Ҳикоят (11)

(Шодравон Ғуломҳусайни Юсуфӣ дар зимни ин ҳикоят навиштааст, ки дар чанд нусхайи асосийи «Гулистон» он дида намешавад ва танҳо баъзе аз нусах ҳикояти мазбурро овардаанд. Доктор Юсуфӣ аз қавли Муҳаммадалийи Фурӯғӣ чунин менигорад: «Ин ҳикоят дар баъзе аз нусах нест ва ҳақ ин аст, ки аз Шайх набошад».)

Якеро пурсиданд аз мустаъробони Бағдод: «Мо тақулу фи-л-мурди?».

*(*****Мустаъраб****–тозийи ғайрихолис, ғайри араби дар араб даромада.*

Маънойи ҷумлайи арабӣ*: «Дар борайи содарӯён чӣ гӯйӣ?!»)*

Гуфт:

– Ло хайра фаҳим мо дома аҳадуҳум латифан йатахошану фаизо хашуна йаталотафу; яъне, чандонки хубу латифу нозукандом аст, дуруштӣ кунаду сахтӣ; чун сахту дурушт шуд, чунонки ба коре наёяд, талаттуф (*нармӣ)* кунаду дуруштӣ намонад.

Амрад он гаҳ, ки хубу ширин аст,
Талхгуфтору тундхӯй бувад.
Чун ба риш омаду балаънат шуд,
Мардумомезу меҳрҷӯй бувад.

*(****Амрад****–содарӯ, содазанах.*

Балаънат*–ба назар мерасад, ки ин таркиб як андоза мантиқи дубайтиро халалдор кардааст, ҳарчанд дар нусхаҳойи муътабари Фурӯғӣ, Хуррамшоҳӣ, Хатиби Раҳбар ва Рустам Алиев оварда шудааст, аммо дар баъзе аз нусах ба ҷойи «ба лаънат» таркиби*

«ба сиблат» омадааст ва Р. Алиев дар поварақ ба он ишора ҳам дорад–О. Ш..).

Ҳикоят (12)

Якеро аз уламо пурсиданд, ки яке бо моҳрӯйест дар халват нишаста ва дарҳо баставу рақибон хуфта *(нигаҳбонон ғофилу дар хоб)* ва нафс толибу шаҳват ғолиб, чунонки араб гӯяд: аттамру ёниъун ваннотуру ғайру мониъ.

*(******Маънойи ҷумлайи арабӣ:*** *Хурмо шодобу расидааст ва боғбон монеъ (-и чидану хӯрдани он) нест).*

Ҳеч бошад *(оё имкон дорад)*, ки ба қуввати парҳезгорӣ аз ӯ ба саломат бимонад?

Гуфт:

– Агар аз маҳрӯён ба саломат бимонад, аз бадгӯён намонад!

*(*****Маънойи ҷумлаҳо****: Оё мумкин бувад, ки ба неруйи тақво аз вай (моҳрӯ) дар амон бимонад?! Посух дод: «Агар аз моҳчиҳрагон раҳойиш ёбад, аз ғайбаткунону маломатгарон эминӣ наёбад!»).*

Ва ин салималинсону мин суъи нафсиҳи,
Фамин суъи заннил-муддаъӣ лайса йасламу

*(*****Маънойи байт****: Агар одамӣ аз шарри нафси бадфармой раҳойӣ ёбад, аз бадгумонийи муддаъиёни айбҷӯ эмин наметавонад).*

* * *

Шояд паси кори хештан биншастан,
Лекин натавон забони мардум бастан.

*(*****Маънойи байт:*** *Метавон дунболи кори худат рафт (-у ба кори касе кор надошт), вале наметавон айбҷӯёнро аз бадгӯйӣ боздошт).*

Ҳикоят (13)

Тӯтие бо зоғ дар қафас карданду аз қубҳи мушоҳадайи ӯ муҷоҳада *(ранҷ,азоб)* мебурд ва мегуфт:

– Ин чӣ талъати макруҳ асту ҳайъати мамқут *(манфур)* ва манзари малъуну шамойили номавзун?!

*(*****Маънойи чанд ҷумла:*** *Тӯтиеро бо зоғе дар як банд афкандand; тӯтӣ аз зиштийи дидори зоғ ранҷ мебурду ба ҷон меомад ва мегуфт: «Ин чӣ рӯйи нохуш асту шакли нописанду сурати нафратангезу пайкари беандому нозебо?!).*

Ё ғуробал-байни ё лайта байнӣ ва байнака буъдал-машриқайн.

*(****Ё ғуробал-байни…:*** *Ай зоғи фироқ (ниг. ба ҳикояти 12 боби чаҳори ҳамин китоб), кош миёни ману ту фосилае байни машриқу мағриб (ё машриқи тобистону машриқи зимистон) буд!»*

Ё лайта байнӣ ﴿لَيْتَ بَيْنِي﴾ *қисматест аз ояи 38, сурайи Зухруф(43).*

Ъалассабоҳ ба рӯйи ту ҳар кӣ бархезад,
Сабоҳи рӯзи саломат бар ӯ масо** бошад.
Бадахтаре чу ту дар суҳбати ту бойистӣ,
Вале чунин, ки туйӣ, дар ҷаҳон куҷо бошад?!

*(**Ъалассабоҳ:** бомдодон. **Масо**–шом, шабонгоҳ.*

*****Маънойи қитъа****: Ҳар кас ҳангоми бомдод банигоҳ ба рӯйи ту аз хоб бархезад, бомдоди рӯзи эминӣ бар ӯ шоми сиёҳ гардад. Бадбахте монанди ту мебойист дар ҳамнишинийи ту мебуд, валекин бадбахте чун ту дар олам натавон ёфт!).*

Аҷаб он, ки ғуроб аз муҷоварати тӯтӣ ҳам ба ҷон омада буду малул шуда, лоҳавлкунон аз гардиши гетӣ ҳаменолиду дастҳойи тағобун бар якдигар ҳамемолид, ки ин чӣ бахти нигун асту толиъи** дуну айёми буқаламун?! Лойиқи қадри ман он астӣ, ки бо зоғе ба девори боғе-бар хиромон ҳамерафтаме!

*(*****Лоҳавлкунон:*** *«Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳи»-гӯён, қайди ҳолат (ё ҳол), яъне, ботаъаҷҷуб (низниг. ба ҳикояти 2 боби чаҳор).*

******Тағобун:*** *зиёнкорӣ ва зиёнзада шудан ва, маҷозан, афсӯс хӯрдан.*

******Толиъи дун:*** *бахти фурӯмоя. **Толиъ**–оянда ва, ба истилоҳи аҳли нуҷум, бурҷе ё ҷузве аз минтақат-ул-буруҷ, ки ҳангоми вилодат ё вақти суъоли чизе аз уфуқи шарқӣ намудор гардад, маҷозан бахт. Низ ниг. ба ҳикояти 20 боби дувум.*

Буқаламун: *Ин луғатро, ки решаи юнонӣ дорад, боре ҳам дар дебочаи «Гулистон», ба маънойи фарши ҳарири рангоранг ва ба киноя аз гулу сабза дар ин байт мебинем:*

Бод дар сояи дарахтонаш
Густаронида фарши буқаламун.

*Аммо дар ин ҳикоя ба маънойи «чандранга», «рангоранг» ва «мутағаййир» омадааст. Дар қомусҳо онро бо чандин маъно шарҳ додаанд. Ба таври намуна «**Буқаламун**– дебойи румии рангоранг,, порчае, ки намоиши ҳафтранг бидиҳад; ҳар чизи рангоранг (чунончи «фарши буқаламун»); киноя аз дунё (ба сабаби ҳаводиси паёпаяш). Ва низ номи мурғест аз анвоъи мокиён, бузургтар аз мурғи хонагию бештар ба ранги сиёҳ, сару гарданаш бештар бидуни пар ва дорои овезаҳои нарми гӯштӣ. Нари он дорои думи паҳн аст, модаи онро ҳар вақт бихоҳанд, метавонанд бо додани шоҳдона (канаф ё канаб) курч ё курк кунанд, ки рӯйи тухм бихобаду чӯча вокунад, нари он ҳам рӯйи тухм мехобаду чӯча вомекунад; ба маънойи **ҳирбо** низ гуфта шуда. Дар илми нуҷум– офтобпараст–сурати фалакии кӯчаке воқеъ дар наздикии осмони қутби ҷануб; **ҳирбо**. Ва маънойи **ҳирбо** ё офтобпараст–ҷонвари хазанда аз ростаи морҳову сусморҳо, дорои сари сегӯшу бадану думи дарозу борик, чашмҳои бузург, ки ҷудо аз ядигар ҳаракат кунанд ва забонаш дарозу нӯгпаҳн. Ин ҷонвар ба суръат тағйири ранг медиҳад ва ҳамранги муҳит мешавад; **офтобгардак, буқаламун**, (адабӣ) **ҳирмон**. Маъноҳои дигари **буқаламун**: хамелион, ҳичҷл, асадуларз, пажмурда, хур, морпалос; гиёҳе аз тираи говзабонон, ки гулҳои кӯчаку сафеду обӣ дорад; (гиёҳ) озарюн, озаргун, офтобпараст, офтобгардак...; (гиёҳ) нилуфар, гули кабуд, гули азрақ, арус-ун-нил, обгун; (гиёҳ) панирак, нони калоғ, ҳубузулғуроб, вартоҷ...; (гиёҳ) исфароҷ, морчӯба, моргиё, ҳалюн» (ниг. бо тавзеҳоти бештар ба «Фарҳанги форсийи имрӯз»-и Ғуломҳусайн Садри Афшор, Насрини Ҳакамӣ, Настарани Ҳакамӣ ва «Фарҳанги форсӣ»-и Муъин.)*

*****Маънойи чанд ҷумла:** *Зоғ ҳам ба таъаҷҷуб лоҳавлгӯён аз даври замон шиква мекард ва дасти зиёнкориву афсӯс бар ҳам месуд (чӣ худро зиёнзада медид)-у мегуфт: «Шигифто аз ин толиъи воруну бахти фурӯмоя ва рӯзгори найрангбоз, ки ҳар дам ба ранге барояд! Сазовори мақоми ман он бувад, ки бо зоғе бар девори боғе ба ноз роҳ мерафтам!»).*

Порсоро бас ин қадар зиндон,
Ки бувад ҳамтавилайи риндон!

*(*Ҳамтавила:* *ин калима ҳам ба маънойи «ҳамохур» тавонад буд, ҳам ба маънойи «ҳамбанд, бо ҳам дар як банд баста». «Тавила»: расан, ки бад-он пойи сутурон банданд ё расани дароз, ки сутурро дар алаф банданд–«Мунтаҳ-ал-араб») ва низ ба маънойи «қарин», «ҳамсоя». Аммо гумон мекунам, дар ин ҷо ба мафҳуми «ҳамохур» мутаносибтар бошад, ки таҳқиқеро тақозо дорад. Саъдӣ дар боби дувуми «Гулистон» (ҳикояти 31) низ наздик ба ҳамин мазмун овардааст:*

Қиёс кун, ки чӣ ҳолам бувад дар ин соъат,
Ки дар тавилайи номардумам бибояд сохт!

Маънойи байт*: «Баройи парҳезгор ҳамин банду зиндон кофист, ки ҳамохур (гирифтори ҳамнишинӣ) бо нопарҳезгорон шавад; ёдовари қиссайи «Маҳбус шудани оҳубачча дар охури харон» аст дар дафтари панҷуми «Маснавӣ»-и Мавлавӣ»(**Доктор Юсуфӣ**). «Бар обиди парҳезгор ҳамин миҳнату банд кофист, ки дар қайди суҳбату ҳамнишинийи нопарвоёни лоуболе (= риндон) гирифтор ояд» (**Хатиби Раҳбар**).*

Бале, то чӣ кардам, ки рӯзгорам ба уқубати он дар силки суҳбати чунин аблаҳе худраъй, ноҷинс, хирадирой*)* ба чунин банди бало мубтало гардонидааст?

(***Хирадирой*** *(аз ду реша–»хира» ва «дирой»)–ёфагӯй, ёвасарой*

******Маънойи ҷумла****: Намедонам чӣ бадие кардаам, ки айём ба кайфари он маро дар банди ҳамнишинийи аҳмақе худкомаву фурӯмояву ҳарзагӯй дар ин силсилайи гарон ба миҳнат гирифторам кардааст?!).*

Кас наёяд ба пойи деворе,
Ки бар он суратат нигор кунанд.
Гар туро дар Биҳишт бошад ҷой,
Дигарон Дӯзах ихтиёр кунанд!

(**Маънойи қитъа*: Ҳеч кас ба кори деворе, ки чиҳраат бар он нақш кунанд, рӯй наёварад ва агар ту дар Фирдавси Барин мақом кунӣ, сойири мардум шиканҷайи Ҷаҳимро бар ниъмати Биҳишт баргузинанд, то аз мусоҳабати ту бираҳанд!*

Байти дувуми қитъа *ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ин зарбулмасал бад-он овардам, то бидонӣ, ки сад чандон ки доноро аз нодон нафрат аст, нодонро аз доно ваҳшат *(тарсу рамидагиву пажмонӣ)* аст!

***(Зарбулмасал:** «Қобили тавоҷҷуҳ аст, ки Шайхи аҷалл ба ҷойи «масал» «зарбулмасал» овардааст, ҳол он, ки зарбулмасал исм нест, балки феъл аст. Аммо урфи имрӯзи форсӣ ҳам мутобиқи корбурди Саъдист ва зарбулмасалро ба ҷойи масал кор мебарад» (иқтибо с аз **Хуррамшоҳӣ**).*

***Тавзеҳи Хатиби Раҳбар**: «**Зарбулмасал**–задани масал ё овардани масал, вале дар сиёқи форсӣ ба маънойи масали мазруб ё масали сойир аст ва дар арабӣ ҳам бо ин маънӣ масал гӯянд, на зарбулмасал»).*

Зоҳиде дар самоъи* риндон буд,
З-он миён гуфт шоҳиде балхӣ:
«Гар малулӣ зи мо, туруш маншин,
Ки ту ҳам дар миёни мо талхӣ!»

***(Самоъ:** дар ин ҷо– базми овозу рақс; низ ниг.ба ҳикояти 20, боби дувум.*

***Маънойи қитъа**: Порсое дар базми нопарҳезгорони лоуболе буд, зеборӯе аз балхиён аз миёни ҷамъ ба вай гуфт: «Агар аз ҳамнишинийи мо дилтангӣ, чиҳра дарҳам макаш, ки мусоҳабати ту ҳам бар мо ногувор асту ҳаракотат ноширин!»).*

* * *

Ҷамъе чу гулу лола ба ҳам пайваста,
Ту ҳезуми хушк дар миёнӣ руста!
Чун бод мухолифу чу сармо нохуш,
Чун барф нишастаию чун ях баста!

***(*Руста:** рӯйида. (аз назари **Ғуломҳусайни Юсуфӣ**) «Шореҳону мутарҷимони «Гулистон» ин калимаро ба ҳамин сурат хондаву маънӣ кардаанд. Оқойи доктор Хатиби Раҳбар «миёнӣ руста»-ро «миёни раста» дониста «ё»-и миёниро бо тавоҷҷуҳ ба расми хатти қадим ба ҷойи касрайи изофа ангоштаанд: миёни раста ба маънойи миёни саффу рада. Ва, зоҳиран, қофияйи байти баъд низ дар ин ҳадс муъассир будааст. Аммо чун чунин расми хатте дар дигар маворид аз «Гулистон» (дар нусхаҳойи асос ва дигар нусхаҳо) ба такрор дида намешавад ва*

низ забти нусхаҳойи дигар («дар миёнашон руста», «дар миён бируста») талаффузи «руста»-ро таъйид мекунанд, ба назари банда, «руста», ба замми аввал ва ба маънойи «рӯйида», муносиб аст ва тафовути ду ҳаракат дар қофияи ду байт низ назоири фаровон дорад. Ва маънойи абёт: «Гурӯҳе монанди гулу лола дар канори ҳам ҷой гирифтаанд ва ту дар миёни онон монанди чӯбе бебар рӯйидайӣ. Монанди бод бар хилофи дилхоҳ вазонӣ ва монанди сармо ногуворӣ, монанди барф ҷойгузин шудайӣ ва монанди ях сарду мунҷамидӣ. Баъзе шореҳон ва мутарҷимони «Гулистон» «боди мухолиф»-ро бо касра хондаанд, ки муфиди маъност, аммо бо тавоҷҷуҳ ба аҷзойи байт бидуни касра муносибтар менамояд, бахусус, ки Саъдӣ «боди мухолиф»-ро ба мафҳуме дигар дар «Гулистон» (ниг. ҳикояти 30, боби дувум) ба кор бурдааст».

Тавзеҳи доктор Хатиби Раҳбар: *миёне раста–миёни раста; музофу музофун илайҳ. Дар қадим гоҳе касрайи изофаро ба сурати «ё» менавиштанд ва ба охирин ҳарфи музоф мепайвастанд... Маънойи қитъа: «Гурӯҳе гулосову лолаваш дар бари ҳам ништаанд ва ту чӯбе бебар дар миёни саффу радайи онон монанди бод бар хилофи ҷиҳати матлуб вазон ва чун сармо баду ногувор ва монанди барф гарон афтода ва чун ях сарду афсурдайӣ»).*

Ҳикоят (14)

Рафиқе доштам, ки солҳо бо ҳам сафар карда будему намак хӯрда ва бекарон *(ва беандоза)* ҳуқуқи суҳбат собит шуда. Охир, ба сабаби нафъе андак озори хотири ман раво дошт ва дӯстӣ сипарӣ шуд ва бо ин ҳама аз ҳар ду тараф дилбастагӣ буд, ки шунидам рӯзе ду байт аз суханони ман дар маҷмаъе ҳамегуфтанд:

Нигори ман чу дарояд ба хандайи намакин,
Намак зиёда кунад бар ҷароҳати решон.
Чӣ будӣ, ар сари зулфаш ба дастам афтодӣ,
Чу остини каримон ба дасти дарвешон!

*(****Нигори ман…:*** *маҳбуби зебойи ман вақте хандайи малеҳи худро оғоз кунад, бар захми дилрешон намак афзояд (дардашонро афзунтар кунад). Чӣ мешуд, агар (кош) сари гесуйи ёр ба дасти ман меафтод, ончунонки остини бахшандагон дар дасти ниёзмандон афтад.*

Мазмуни байт ёдовари абёти зер аз Аларҷист:

Бото бианъами лайлатин ҳатто бадо,
Субҳун йалуҳу калағаррил-ашқари.
Фаталозамо ъиндас-сабоҳи сабобатан,
Ахза-л-гарими бифазли савбил-муъсири.
(Аз «Ал-Мутанаббӣ ва Саъдӣ», с.184).

Яъне, он ду шабро ба хуштарин сурате ба сар бурданд, то субҳ дамиду монанди аспе сапедпешониву ёлудумсурх падидор шуд. Бомдодон низ аз сари ишқ якдигарро раҳо накарданд, ончунонки талабгор ба домани ҷомайи тангдаст чанг занад).

Тойифайи дарвешон бар лутфи ин сухан на, ки бар ҳусни сирати хеш офарин бурданд ва ӯ ҳам дар ин ҷумла муболаға *(афзунӣ, ифрот)* карда буд ва бар фавти суҳбати қадим таъассуф хӯрда ва ба хатойи хеш иътироф намуда.

*(*****Маънойи чанд ҷумла:*** *Гурӯҳе аз сӯфиён на бар накӯйиву хушийи ин абёт, балки ба хӯю маниши неки худ таҳсин карданд ва вай низ дар ин бора бисёр офарин карда ва бар аздастрафтани дӯстийи дерин сахт дареғ хӯрдаву ба гуноҳи худ иқрор оварда буд).*

Маълум кардам, ки аз тарафи ӯ ҳам рағбате ҳаст. Ин байтҳо фиристодаму сулҳ кардем:

На моро дар миён аҳду вафо буд?!
Ҷафо кардиву бадаҳдӣ намудӣ!
Ба як бор аз ҷаҳон дил дар ту бастам,
Надонистам, ки баргардӣ ба зудӣ!
Ҳанӯзат гар сари сулҳ аст, бозой,
К-аз он мақбултар бошӣ, ки будӣ!

*(*****Маънойи қитъа****: Маро бо ту паймони дӯстиву вафодорӣ устувор буд, бемеҳрӣ гузидиву сустаҳдӣ ошкор кардӣ. Ман аз ҳама ҷаҳон дил яксара ба меҳри ту пайвастам ва дарнаёфтам, ки ту пас аз андак замон аз роҳи дӯстӣ бозхоҳӣ гашт; агар инак андешайи оштӣ дорӣ, боз гард, ки акнун беш аз пеш писанди хотир бошӣ!).*

Ҳикоят (15)

Якеро зане соҳибҷамоли ҷавон даргузашт ва модарзани фартут ба иллати кобин дар хона мутамаккин бимонд.

*(**Фартут:** пири солхӯрдайи камақл.*

***Маънойи ҷумла**: Модарзан (хушдоман)-и солхӯрдааш ба баҳонайи гирифтани маҳр дар хонаӣ ошён гирифт).*

Ва мард аз муҳоварат (*гуфтугӯ)*-и ӯ ба ҷон ранҷидию аз муҷоварат *(ҳамсоягӣ кардан)*-и ӯ чора надидӣ, то гурӯҳе ошноён ба пурсидан омадандаш.

*(****Муҳоварату муҷоварат**–ҳамсуҳбатию ҳамнишинӣ, бо ҳам таҷниси хаттӣ доранд).*

Яке гуфто:

– Чӣ гунайӣ дар муфорақат (*фироқ)*-и ёри азиз?

Гуфт:

– Нодидани зан бар ман чунон душх(в)ор** нест, ки дидани модарзан.

(***Душх(в)ор:** бар вазну маънойи «душвор»).*

Гул ба тороҷ рафту хор бимонд,
Ганҷ бардоштанду мор бимонд.

*(****Гул:** мурод аз **гулу ганҷ** дар ин байт, ба истиъора, зани соҳибҷамол ва **хору мор,** ба истиъора модарзани фартут аст.*

*****Ганҷ, мор:** мутаъассир аст аз афсонаҳойи куҳан дар фарҳанги омма, ки мор ё аждаҳо ҳамеша бар сари ганҷ хуфтаву нигаҳбони он аст. Дефремери дар тарҷумайи фаронсавийи «Гулистон» пас аз ишора ба ин мавзӯъ меафзояд: «Чунин ба назар мерасад, ки ин андеша решайи ҳиндӣ дорад, зеро дар асотири ҳинду Куриро (**Courera)–** худое чунин тасвир мешавад, ки дар ғоре жарф иқомат дорад ва морҳо муҳофизи ӯянд).*

Дида бар тораки синон дидан
Хуштар аз рӯйи душманон дидан.!
Воҷиб аст аз ҳазор дӯст бурид,
То яке душманат набояд дид!

*(****Воҷиб аст аз…:*** *аз ҳазор дӯст буридан (қатъи робита кардан), баройи он, ки ногузир набошӣ як душманро бинӣ, воҷиб аст!*

******Маънойи байти охир****: Гул ба яғмойи хазон рафтву хори дилозор бар ҷойи он нишаст; хизонайи гаронбаҳо бурда шуд ва аждаҳойи посдор он ҷо бимонд. Агар чашми хешро бар фарози сарнайза бинанд, хуштар аз он, ки ба рухсори душман кушоянд ва агар дидори ҳазор дӯст мавқуф ба мулоқоти як душман бошад, сазовору бойиста он аст, ки ба дидори дӯстон нараванд, то рӯйи душман набинанд!).*

Ҳикоят (16)

Ёд дорам, ки дар айёми ҷавонӣ гузар доштам ба кӯе ва назар бо рӯе дар тамузе, ки ҳарураш даҳон бихушонидӣ ва самумаш мағзи устухон биҷӯшонидӣ. Аз заъфи башарийят* тоби Офтоби ҳаҷир наёвардаму илтиҷо ба сояи деворе кардам.

*(****Ҳарур****–боди гарм, ки шаб вазад;* ***самум****–боди гарм, ки ба рӯз вазад.*

Заъфи башарийят: *нотавонийи одамиро дар ин ҷо ишорае ба қисмате аз ояи 28, сурайи Нисо(4) донистаанд:* **خُلِقَ الإِنسَانُ ضَعِيفًا** *– яъне, «Инсон нотавон офарида шуд». (Доктор Хатиби Раҳбар).*

Мутараққиб *(чашмдоранда)*, ки касе ҳарр *(гармо)*-и тамуз аз ман ба барди обе фурӯ нишонад, ки ҳаменогоҳ аз зулмати даҳлези хонае равшанӣ битофт. Яъне, ҷамоле, ки забони фасоҳат аз баёни сабоҳати ӯ оҷиз ояд *(чиҳрайи зебое, ки забони шевойиву ширинсуханӣ аз намудани зебойи он фурӯ монад)*. Чунонки дар шаби торе субҳ барояд ё оби ҳаёт аз зулумот бадар ояд, қадаҳе барфоб бар даст ва шаккар дар он рехта ва ба арақ** баромехта.

*(*****Арақ****–дар сиёҳи форсӣ бештар мурод чакидайи гиёҳони хушбӯст, ба мадади қаър (кӯфтан–О. Ш.) ва анбиқ (олатест баройи тақтири моеъоту арақгирӣ–О. Ш.) аз онҳо кашида мешавад;* ***ба арақ баромехта****–ба гулоб сиришта).*

Надонам, ба гулобаш мутайяб *(хушбӯй)* карда буд ё қатрае чанд аз гули рӯяш дар он чакида. Филчумла, шароб *(ошомиданӣ)* аз дасти нигоринаш баргирифтам ва бихӯрдам ва умр аз сар гирифтам.

*(*****Маънойи чанд ҷумла:*** *боз натавонам шинохт, ки ҷоми барфобро бо гулоб хушбӯ сохта ё чанд чакка аз хайй (арақ)-и*

чиҳрайи чун гулаш дар он афтода буд. Боре он шарбати гуворо аз дасти зебояш бигирифтаму нӯшидаму зиндагӣ аз нав ёфтам).

Замоъун биқалби ло йакоду йусиғуҳу,
Рашфуззулоли ва лав шарибту буҳуро*.

*(****Замоъун биқалби…:*** *ончунон ташнагие дар дили ман аст, ки нӯшидани оби гуворо, агарчи дарёҳо аз он бинӯшам, онро осудаву сероб намегардонад.*

Ин байт ҷузъи яке аз шеърҳойи арабийи Саъдист ва қисмате аз он муқтабас аст аз ояи 17, сурайи Иброҳим(14):

يَتَجَرَّعُهُ وَلاَ يَكَادُ يُسِيغُهُ

«Он обро пайваста меошомаду ҳеч ӯро гуворо намешавад». (Доктор Муайяди Шерозӣ. «Ашъори арабийи Саъдӣ»).

* * *

Хуррам он фархундатолиъро, ки чашм
Бар чунин рӯй афтад ҳар бомдод!
Масти май бедор гардад нимшаб,
Масти соқӣ рӯзи Маҳшар бомдод!

(Хуррам (бо тавзеҳи Хатиби Раҳбар): *«Хуш, шодмон, хушвақт; бештар ба сурати сифат аст, вале дар ин ҷо ба сурати исм ба кор рафта ба маънойи хуррамӣ; чунонки «бад», ки сифат аст, гоҳ ба сурати исм ба кор меравад. Ҳофиз фармояд:*

Мо бад-ин дар на пайи ҳашмату ҷоҳ омадаем,
Аз бади ҳодиса ин ҷо ба паноҳ омадаем.»

Хуррам он фархундатолиъро…: (посухи Ғуломхусайни Юсуфӣ*:) «Хушо ба ҳоли он некбахте, ки ӯро ҳар субҳ бар чунин рӯе назар афтад (нигоҳи ӯ бар чунин рӯе афтад!).*

Оқойи доктор Хатиби Раҳбар дар тавзеҳи ин байт зоҳиран аз сабаби вуҷуди «-ро» дар мисраъи аввал, «хуррам»-ро ба сурати исм донистааст (ба маънойи «хуррамӣ») ва мисраъро чунин маънӣ кардааст: «Он некбахтро шодмониву хушист, ки дида ҳар субҳгоҳ бар рӯе ҳамчу рухсори ту кушояд». Банда гумон мекунам, шояд ба чунин таъбире ниёз набошад ва ҳамон тавр ки дар оғози ин ёддошт Маънойи байт: омадааст, метавон онро ба наср чунин навишт: «Хуррам он фархундатолиъ, ки ӯро ҳар бомдод чашм бар чунин рӯй афтад». Бад-ин тартиб шоъир бо овардани «-ро» пас аз «фархун-

датолиъ» зикри замири «ӯ»-ро лозим надида ва зарурати шеърӣ ҳам чунин эҷоб мекардааст».

Масти май…: *маст аз бода; изофайи муфиди сабабийяту иллат. Ҳофиз фармояд:*

Ба ҳеч давр нахоҳанд ёфт ҳушёраш,
Чунин ки Ҳофизи мо масти бодайи азал аст!

Дар дайри муғон омад ёрам қадаҳе дар даст,
Маст аз маю майхорон аз наргиси масташ маст!

*****Масти соқӣ…:*** *он, ки аз ҷамоли соқӣ (бодадиҳанда) маст аст, субҳи рӯзи Қиёмат бедор хоҳад шуд. Саъдӣ дар ҷое дигар низ («Мавоъиз») гуфтааст:*

Ва ман шарибал-хамрал-лазӣ ано зуқтуҳу,
Ило ғади ҳашрин ло йуфиқу минас-сукри.

Яъне: Ва ҳар кас бодаеро, ки ман чашидаам, бинӯшад, то рӯзи Маҳшар аз мастӣ бедор намешавад.

Маҳшар: *замон ё ҷойи гирд омадан дар рӯзи Қиёмат.*

Маънойи қитъа аз назари Хатиби Раҳбар: *«Он некбахтро шодмониву хушист, ки дида ҳар субҳгоҳ бар рӯе ҳамчу рухсори ту кушояд, масти бода саҳаргоҳ ба ҳуш ояду он, ки аз мусоҳабати соқӣ маст шавад, субҳи рӯзи Растохез аз хоби мастӣ бедор гардад!»).*

Ҳикоят (17)

Соле Муҳаммади Хоразмшоҳ, раҳматуллоҳи алайҳ *(бахшойиши Эзидӣ бар вай бод)*, бо Хито баройи маслаҳате сулҳ ихтиёр кард.

*(*****Муҳаммади Хоразмшоҳ:*** *мурод Султон Ҷалолуддин Муҳаммад ибни Алоъуддин Тикиш– шашумин подшоҳ аз силсилаййи Хоразмшоҳиён аст, ки аз 596 то 617 ҳ. қ. бар Хоразм (то савоҳили дарёйи Уммон) фармонравойӣ дошт ва гирифтори ҳуҷуми Чингизхони муғул шуд ва пас аз шикастҳойи паёпай гурезон ба ҷазирайи Обискун дар муқобили масабб (резишгоҳи дарё ба баҳр–О. Ш.)-и рӯди Гургон дар дарёйи Хазар) рафт ва дар ҳамон ҷо бемор шуду мурд. ***Ӯ ҳафтумин подшоҳи силсилайи Хоразмшоҳиён, алалмашҳур суитадбиру суисиёсати ӯ боъиси ҳамлайи муғулон ба Эрон шуд. Дар баробари ҳамлайи муғулон то-*

би пойдорӣ наёфт ва мунҳазим (шикастхӯрдаву гурехта; лашкаршикастхӯрда) шуд. Фарзандаш Ҷалолуддин рашидона дар баробари муғулон истод ва бо онон набард кард, аммо саранҷом (тавфиқ)-е наёфт ва бо фирори ногузиру кушта шудани ӯ ин силсила мутафарриқ гардид).

******Хоразмшоҳ:*** *исми мураккаб; дар асл шоҳи Хоразм; лақаби ҳукмронони Хоразм. Ин ҳикоят достонест ба шевайи мақоманависӣ ва ҷанбайи таърихӣ надорад.*

Хито: *Хитой ё Хито (бо «итқӣ»)–бахши шимолийи Чину Туркистони Шарқӣ ва қисмате аз Сибирӣ (Сибир–О. Ш.) («Луғатномайи Деҳхудо»).*

Ба ҷомеъи Кошғар даромадам.

*(**Ҷомеъи Кошғар:** масҷиди одинайи шаҳри Кошғар. Кошғар–номи шаҳри марказийи Туркистони Шарқӣ, ки ба ҳуснхезӣ номвар будааст).*

Писаре дидам наҳвӣ. Ба ғояти иътидолу ниҳояти ҷамол. Чунонки дар амсоли ӯ гӯянд:

*(**Наҳвӣ**–наҳвхон. **Наҳв**–илми иъроб, сухани араб; низ ба маънойи роҳу қасд. **Маънойи** ҷумла: Писаре наҳвхон ба камоли мавзунийи андому зебойӣ мушоҳада кардам).*

Муъаллимат ҳама шӯхию дилбарӣ омӯхт,
Ҷафову нозу итобу ситамгарӣ омӯхт.
Ман одамӣ ба чунин шаклу хӯю қадду равиш
Надидаам, магар ин шева аз парӣ омӯхт?!

*(*****Маънойи қитъа****: Омӯзгор густохиву дил аз касон рабудан ва бемеҳриву ишвагарию дурушхӯйиву ҷавр ба ту таълим дод. Ман башаре бо ин ҳайъату хулқ ва болову рафтор надидаам, гӯйӣ ин равишро вай аз фариште фаро гирифтааст!).*

«Муқаддимайи наҳв»-и Замахшарӣ дар даст дошту ҳамехонд: «зараба Зайдун Ъамран ва конал-мутаъаддӣ Ъамран»**.

*(*****Замахшар:*** *яке аз шаҳрҳойи Хоразм аст дар ҳаволийи Ҷурҷония (= Гургонҷ). Замахшарӣ мансуб ба Замахшар; мурод Аллома Ҷоруллоҳ Абулқосим Маҳмуд ибни Умар ибни Муҳаммад-ул-Хоразмийй-ул-Замахшарӣ (467–538 ҳ. қ.), ки дар наҳву тафсиру луғати араб ба устодӣ машҳури ҷаҳон аст ва дар наҳв «Китоб-*

ул-муфассал фӣ синоъатил-аъроб» аз ӯст ва онро худ мухтасар карда «Ал-унмузаҷ» (унмузаҷ-нумузаҷ–намуна, намудор; муъарраби намуна ё намудор «Фарҳанги Сабо») ном ниҳод. Ин китоб муқаддимайи омӯзиши дастури забони тозӣ баройи мубтадиён аст ва мақсуд аз «Муқаддимайи наҳв» шояд ҳамин «Ал-унмузаҷ» ё яке дигар аз китобҳойи мухтасари вай дар наҳв бошад.

***Зараба Зайдун…:** Зайд Амрро зад ва Амр ситамдида («ал-мутаъаддо») ё ситамгор («ал-мутаъаддӣ») буд. Ҳар ду сурат муфиди маъност. Дефремери , Судӣ, оқойи Хатиби Раҳбар сурати аввалро баргузидаанд ва Эдвард Реҳатсек (**Rehatsek)-у** шодравон Муҳаммади Хазойилӣ сурати дувумро.*

Мавлоно (дар «Маснавӣ, дафтари дувум) дар тамсиле ҳар ду ваҷҳро дар абёти зер ба навъе таъбир кардааст:

Гуфт наҳвӣ: «Зайд Ъамран қад зараб»,
Гуфт: «Чунаш кард бе ҷурме адаб?!
Амрро ҷурмаш чӣ буд, к-он Зайди хом
Бегунаҳ ӯро бизад ҳамчун ғулом?!»
Гуфт: «Ин паймонайи маънӣ бувад,
Гандуме бистон, ки паймона-ст рад!
Зайду Амр аз баҳри иъроб аст соз,
Гар дурӯғ аст он, ту бо иъроб соз!»
Гуфт: «На, ман он надонам Амрро,
Зайд чун зад бегуноҳу бехато?!»
Гуфт: «Аз ночор вулоғе баркушуд,
Амр як вове фузун дуздида буд.
Зайд воқиф гашт, дуздашро бизад,
Чун зи ҳаддаш бурд, ӯро ҳад сазад!»).

Гуфтам:

– Ай писар, Хоразму Хито сулҳ карданду Зайду Амрро ҳамчунон хусумат боқист?!

Бихандиду мавлид *(зодгоҳ)*-ам пурсид. Гуфтам:

– Хоки Шероз!

Гуфт:

– Аз суханони Саъдӣ чӣ дорӣ?!

***(*Ин ҷумла** *(яъне, «аз суханони Саъдӣ чӣ дорӣ?») дар ин ҳикоят далел бар шуҳрати осори Саъдӣ дар замони ҳаёти ӯст, аммо зикри номи Султон Муҳаммади Хоразмшоҳ, ки дар соли 617 ҳ. қ. даргузашта ва тавоҷҷуҳ ба таърихи воқиъа бо синни андаки*

Саъдӣ дар ин замон созгорӣ надорад; ин мавзӯъ борҳо мавриди баҳс воқеъ шудааст… Дар айни ҳол, қароине дигар ҳикоят мекунанд аз шуҳрати Саъдӣ дар даврайи зиндагийи худи ӯ (ниг. ба ҳикояти 5 боби аввал, ба тавзеҳи «тавонам, он ки…»).

Гуфтам:

Булиту бинаҳвиййин йасулу муғозибан*
Ъалаййа казайдин фӣ муқобалатил-ъамри.
Ъало ҷарри зайлин лайса йарфаъу раъсаҳу
Ва ҳал йастақиму-р-рафъу мин ъомилил-ҷарри.

*(***Булиту бинаҳвиййин…:** *гирифтори наҳвхоне шудам, ки бо хашм бар ман ҳамла меовард монанди Зайд дар вақти рӯбарӯ шудан бо Амр. «Зараба Зайдун Амран» мисоли ройиҷ дар илми балоғат аст (ниг. «Сирри най», 2/9), чунонки қаблан ҳам омадааст.*

****Ъало ҷарри зайлин…:** *Доманкашон («ҷар») мехиромиду сари хешро баланд намекард («рафъ»). Оё амали «рафъ» (иъроби «рафъ») аз омили «ҷар» (иъроби «ҷар») дуруст аст? Дар ин ҷо Саъдӣ аз ду калимайи «ҷар», ки ҳам ба маънойи «кашидан» ва ҳам ба маънойи иъроби «ҷарр» аст ва «рафъ», ки ҳам ба маънойи «баланд кардан»-у ҳам ба маънойи иъроби «рафъ» аст, суд ҷуставу иҳом ба вуҷуд овардааст. Бадеҳист, аз лиҳози қавоъиди наҳву иъроб омили «ҷар» ҳаргиз мӯҷиби иъроби «рафъ» наметавонад бошад.*

«Назири ин гуна бозийи латифи иҳом, ки Саъдӣ бо истилоҳи «рафъ»-у «ҷар»-и наҳвиййин кардааст, мукаррар мавриди таваҷҷуҳи удабо будааст. Аз ҷумла, қабл аз вай Абулфатҳи Бустӣ ҳам онро дар ин қитъа овардааст ва намедонам Саъдӣ то чӣ андоза ба ин қитъа назар дошта:

Уфдил-ғазол-аллазӣ фин-наҳви калламанӣ,
Мунозиран фаҷтанайтуш-шаҳда мин шафатиҳи.
Фааврадал-ҳуҷаҷал-мақбула шоҳидаҳо,
Муҳаққиқан лийуринӣ фазла маърифатиҳи.
Сумма-ттафақно ъало раъйин разиту биҳи,
Ан-насбу мин сифати вар-рафъу мин сифатиҳи.

Ва басо аз мазомини ҳикояти «Ҷомеъи Кошғар»-и «Гулистон»-ро ман дар ин қитъайи Абулфатҳи Бустӣ мундариҷ мебинам.» (Доктор Абдулҳусайни Зарринкӯб. «На шарқӣ, на ғарбӣ…»,

с. 218 -219.)

Маънойи абёти Абулфатҳи Бустӣ чунин аст: фидо шавам оҳуеро, ки аз баройи мунозара дар наҳв бо ман гуфтугӯ кард; пас аз лаби ӯ асал барчидам. Пас муҳаққиқона далелҳойи писандида шоҳид овард, то зиёдийи маърифати худро нишон диҳад. Сипас муттафиқ шудем бар раъй е, ки ман ба он розӣ шудам, ки «насб» сифати ман бошад ва «рафъ» сифати ӯ).

Лахте ба андеша фурӯ рафту гуфт:

– Ғолиби ашъори ӯ дар ин замин ба забони порсист, агар бигӯйӣ, ба фаҳм наздиктар бошад: «каллиминноса ъало қадри ъуқулиҳим»*.

*(****Каллиминноса…:*** *бо мардум ба андозайи хирадашон сухан бигӯй. Қисматест аз ҳадиси набавӣ: «Инно муъоширу-л-анбиёи умирно ан такаллуманноса ъало қадри ъуқулиҳим» (нақл аз «Аҳодиси «Маснавӣ», 38, 129): «Мо, гурӯҳҳойи паёмбарон, маъмурем бо мардум ба андозайи хирадашон сухан бигӯем». Абёти зер аз «Маснавӣ»-и Мавлавӣ низ мутаъассир аз ҳамин ҳадис аст:*

Паст мегӯем ба андозайи уқул,
Айб набвад, ин бувад кори русул!

(«Маснавӣ»,1/234)

Чунки бо кӯдак сару корам фитод,
Ҳам забони кӯдакон бояд кушод!

(«Маснавӣ», 1/431))

Гуфтам:

«Табъи туро то ҳаваси наҳв кард,
Сурати сабр аз дили мо маҳв кард!
Ай дили ушшоқ ба доми ту сайд,
Мо ба ту машғулу ту бо Амру Зайд!»

*(*****Маънойи абёт****: Ҳамон гоҳ, ки қариҳайи ту ба наҳв хондан гаройид, нақши шикеб аз сафҳайи дили мо бисутурду тоб бибурд! Ай дили ошиқон шикори ту, мо дил ба ту додаему ту ба Амру Зайд пардохтайӣ!*

*****Байти дувум*** *ҳукми масали сойир пайдо кардааст;*

Бомдодон, ки азми сафар мусаммам *(устувор)* шуд, гуфта будандаш, ки фулон Саъдист; давон омаду талаттуф *(меҳрбонӣ)* карду таъассуф хӯрд, ки чандин муддат чиро нагуфтӣ: «Манам!», то шукри қудуми бузургонро миён ба хидмат бибастаме *(бароййи сипосгузорӣ аз вуруди сарварон камар ба чокарӣ мебастам)*!

Гуфтам:

– Бо вуҷудат зи ман овоз наёяд, ки манам!

*(****Бо вуҷудат зи ман…:*** *бо будани ту аз ман сухане шунида нахоҳад шуд, ки вуҷуд дорам. Ин мазмунро Саъдӣ дар байте дигар низ (ҳикояти 5 ҳамин боб) овардааст: «На ончунон ба ту…». Аммо мисраъи мазкур дар ин ҷо аз матлаъи як ғазали Саъдист:*

То хабар дорам аз ӯ, бехабар аз хештанам,
Бо вуҷудаш зи ман овоз наёяд, ки манам!).

Гуфто:

– Чӣ шавад, гар дар ин хитта *(сарзамин)* чанде баросойӣ, то ба хидмат мустафид *(баҳраёб)* гардем?!

Гуфтам:

– Натавонам ба ҳукми ин ҳикоят:

Бузурге дидам андар кӯҳсоре,
Қаноъат карда аз дунё ба ғоре!
Чиро, гуфтам, ба шаҳр-андар наёӣ,
Ки боре банде аз дил баркушойӣ?!
Бигуфт: «Он ҷо парирӯёни нағзанд,
Чу гил бисёр шуд, пилон билағзанд!

*(**Гил:** дар ташреҳи ин калима устод Хуррамшоҳӣ мефармояд, ки «ба назар мерасад ин калимаро бояд ба замми аввал = **гул** хонд. Вагарна, парирӯёни нағзро ба гил намешавад ташбеҳ кард». Доктор Хатиби Раҳбар, зимни маънидоди байти мазбур, дар «гоф»-у «лом»-и мисраъи охир ҳаракат нагузоштааст, то бидонем, ки ӯ «гул» мефармояд ё «гил», аммо Ғуломҳусайни Юсуфӣ ин калимаро «гил» хондааст. Ба ҳар ҳол, фармудайи доктор Хуррамшоҳӣ бояд мояи андеша бошад, ки «парирӯёни нағзро намешавад ба гил ташбеҳ кард».*

******Маънойи абёт:*** *Яке аз пирони тариқатро дар кӯҳистоне дидор кардам, ки аз ҷаҳон ба шикафт (ғор)-и кӯҳе будубош карда буд. Гуфтам: «Аз чӣ ба шаҳр қадам намениҳӣ, то як бор гираҳи андӯҳ аз дил боз кунию аз ранҷи танҳойӣ бираҳӣ?». Посух дод:*

«Дар шаҳр фариштасуратони некӯ бисёранд ва чун замин гилолуда гардад, пилонро пой аз ҷой биравад ва дар гил фурӯ монанд (мурод аз лағзидани пилон, ба киноя, ба гумроҳӣ гирифтор омадани мардон аст).

*****Маъхази*** *каломи Саъдиро (дар ин маврид) нуктайи зер донистаанд: «Ба зоҳиде тарсо дар ибодатгоҳе гуфтанд: «Оё аз он ҷо фуруд намеойӣ?». Пас гуфт: «Ҳар кас бар замин роҳ рафт, ба сар дарафтод». («Рабиъ-ул-аброр»-и Замахшарӣ, ба нақл аз «На шарқӣ, на гарбӣ», с. 219.).*

Ин бигуфтаму бӯса бар сару рӯйи якдигар додем ва видоъ кардем.

Бӯса додан ба рӯйи дӯст чӣ суд,
Ҳам дар ин лаҳза карданаш бидруд?
Себ, гӯйӣ, видоъи бустон кард,
Рӯй аз ин нима сурху з-он сӯ зард!

*(*****Маънойи байтҳо****: Чиҳрайи ёр бӯсидану дар ҳамон дам ногузир бо вай видоъ кардан чӣ фойида дорад (Яъне, суде надорад!)?! Себ, пиндорӣ, ёрони богро бидруд гуфт, ки сураташ ниме аз сӯзи фироқ сурху ниме аз дарди иштиёқ зард аст).*

* * *

Ин лам амут йавмалвидоъи таъассуфо,
Ло таҳсабунӣ филмаваддати мунсифо*.

*(*****Маънойи байт****: Агар рӯзи бидруд аз андӯҳи сахт ҷон насупорам, ҳамоно дар дӯстӣ дод надода бошаму маро боинсоф машуморед!).*

Ҳикоят (18)

Хирқапӯше дар корвони Ҳиҷоз ҳамроҳи мо буд. Яке аз умаройи араб мар-варо сад динор бахшида, то қурбон кунад. Дуздони Хафоҷа** ногоҳ бар корвон заданду пок *(батамом, билкулл)* бибурданд. Бозаргонон гиряву зорӣ кардан гирифтанду фарёди бефоида хондан.

(*****Хафоҷа****–номи яке аз аҳёъ (ҷамоъат)-и Банӣ-Омир аст, ки ба раҳзанӣ маъруфанд. Аҳёъ–ҷамъи ҳайй ва ҳайй гурӯҳ ё ҷамъе, ки*

камтар аз қабила бошад.

Гар тазарруъ кунию гар фарёд,
Дузд зар бозпас нахоҳад дод!

(***Ин байт*** *ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Магар он дарвеши солиҳ, ки бар қарори хеш монда буду тағйир дар ӯ наёмада. Гуфтам:

– Магар маълуми туро дузд набурд?!

Гуфт:

– Бале, бурданд, валекин маро бо он улфат (*дӯстӣ)*-е чунон набуд, ки ба вақти муфорақат хастадилӣ бошад.

Набояд бастан андар чизу кас дил,
Ки дил бардоштан корест мушкил!

*(*****Маънойи байт:*** *Ба мол ё ба кас набояд сахт таъаллуқи хотир дошт, чӣ дил аз меҳр буридан амале душвор аст!).*

Гуфтам:

– Муносиби ҳоли ман аст, ин чи гуфтӣ, ки маро дар аҳди ҷавонӣ бо ҷавоне иттифоқи мухолатат буду сидқи мавaддат, то ба ҷое, ки қиблайи чашмам ҷамоли ӯ будӣ ва суду сармояи умрам висоли ӯ.

*(*****Ҷавоне:*** *як ҷавон. Аз назари илми бадеъ миёни «ҷавонӣ»-ву «ҷавоне» тафҳниси том аст.*

Маънойи ҷумлаҳо*: Посух додам: «Он чӣ гуфтӣ, бо вазъи ман ҳамонанд аст, ки ба рӯзгори ҷавонӣ маро бо навҷавоне омезиш пеш омад ва ба ростӣ миёни мо дӯстӣ буд, то ба ҳадде, ки назарам ҳамеша бар ҷилвагоҳи рухи вай буду мояву сомони зиндагониям пайвастагӣ бо ӯ»).*

Магар малоика бар осмон, вагарна башар
Ба ҳусни сурати ӯ дар замӣ нахоҳад буд!
Ба дӯстӣ, ки ҳаром аст баъд аз ӯ суҳбат,
Ки ҳеч нутфа чун ӯ одамӣ нахоҳад буд!

(***Ба дӯстӣ:*** *савганд ба маҳаббат.*

*****Маънойи қитъа****: Шояд фариштагони сипеҳр ба зебоийи*

чиҳрайи ӯ бошанд, вагарна дар замин ба ҷамол ҳамтойи вай касе набошад; ба маҳаббат савганд, ки пас аз вай дӯстиву ишқварзӣ норавост., чӣ ҳеч кас аз тухмайи мардум инсоне баробар ба ҷамолу камоли ӯ нахоҳад шуд!).

Ногаҳе пойи вуҷудаш ба гили аҷал фурӯ рафту дуди фироқ аз дудмонаш баромад. Рӯзҳо бар сари хокаш муҷоварат кардам в-аз ҷумла, ки бар фироқи ӯ гуфтам:

Кош, к-он рӯз, ки дар пойи ту шуд хори аҷал,
Дасти гетӣ бизадӣ теғи ҳалокам бар сар,
То дар ин рӯз ҷаҳон бе ту надидӣ чашмам,
Ин манам бар сари хоки ту, ки хокам бар сар!

*(*****Маънойи қитъа**: Орзу мекардам, ки дар он рӯз, ки хори марг дар пойи ту мехалид, дасти дунё ҳам шамшери қатл бар торакам фуруд меовард, то дар ин рӯз дидаам ҷудо аз ту ба олам боз намешуд! Шигифто! Ин, ки бар канори гӯри ту истода манам, ки хоки ҳалок бар фарқам бод!).*

* * *

Он, ки қарораш нагирифтию хоб,
То гулу насрин нафишондӣ нахуст.
Гардиши гетӣ гули рӯяш бирехт,
Хорбунон бар сари хокаш бируст!

*(*****Маънойи қитъа**: Нозукандоме, ки то бар бистари худ гулу насрин нисор намекард, ором намеёфт ва хоб бар вай ғолиб намеомад. Дареғо, даври ҷаҳон гули рухсорашро бар хок афканд ва бар гӯраш буттаҳойи хор рӯйид).*

Баъд аз муфорақати ӯ азм кардаму ният ҷазм *(устувор, қатъӣ)*, ки бақийяти зиндагонӣ фарши ҳавас дарнавардаму гирди муҷоласат нагардам.

*(*****Дарнавардам:** дарпечам; навардидан–печидан, тай кардан).*

Суди дарё нек будӣ, гар набудӣ бими мавҷ,
Суҳбати гул хуш будӣ, гар нестӣ ташвиши хор!
Дӯш чун товус менозидам андар боғи васл,
Дигар имрӯз аз фироқи ёр мепечам чу мор!

*(*****Нестӣ:*** *набудӣ (= намебувад) ё набувад; ба ҷойи феъли мозийи шартӣ ба кор рафтааст. Гоҳе ҳам ба ҷойи «набошад» низ ба кор меравад, чунонки Рӯдакӣ фармояд:*

Агар май нестӣ, яксар ҳама дилҳо харобастӣ,
Агар дар колбад ҷонро надидастӣ, шаробастӣ!

******Маънойи қитъа****: Суду тиҷорати дарё фаровону хуб бувад, агар тарс аз осеби кӯҳайи об даркор набувад; ҳамнишинийи гул ҳам агар бо осебу миҳнати неши хор пайвастагӣ надмеошт, бас матбуъу хушоянд менамуд. Шаби гузашта товусвор дар бӯстони висол хуш мехиромидаму пас аз он, имрӯз, аз тоби ҷудойиву дарди ҳиҷрон чун мори саркӯфта дар печутобам!).*

Ҳикоят (19)

Якеро аз мулуки араб ҳадиси Маҷнуни Лайлию шӯриш *(парешонӣ)*-и ҳоли ӯ бигуфтанд, ки бо камоли фазлу балоғат сар дар биёбон ниҳодаасту зимоми ақл аз даст дода.

(***Маҷнун:*** *дар луғат ба маънойи девонаву ҷунунзада. «****Маҷнун*** *ошиқи Лайлӣ ва аз қаҳрамонони шеъри арабиву форсӣ, ки дар вуҷуди таърихийи ӯ низ монанди Лайлӣ, баҳсу ихтилофи назар аст. Номи аслийи ӯ Қайс Ибнулмулаввах ибни Мазоҳими Омирӣ ва ӯро Маҷнуни Банӣ-Омирӣ ҳам мегӯянд. Ӯ ҳамқабилайи Лайлӣ ва аз кӯдакӣ бо ӯ дӯсту ҳамдаму ҳамнишину ҳаммактабу ҳамбозӣ буд. Сипас корашон ба ишқе ҷонсӯз кашид. Падари Маҷнун ба вуслати он ду ризо намедод. Қайсро ба муносабати шайдоийи ошиқонааш Маҷнун лақаб дода буданд. Ин ду ошиқ баноком дар як сол (68 қ.) аз олам даргузаштанд …» («Ҳофизнома», саҳ. 316; иқтибос аз Хуррамшоҳӣ).*

Бифармудаш, то ҳозир оварданд ва маломат кардан гирифт, ки дар шарафи нафси инсон чӣ халал дидӣ, ки хӯйи баҳойим гирифтиву тарки ишрати мардум гуфтӣ?!

*(*****Маънойи ҷумла****: Фармон дод, то ӯро ба ҳузур оварданд ва сарзаниш оғоз кард, ки дар бузургворийи вуҷуди одамӣ чӣ табоҳиву фасод мушоҳада кардӣ, ки маниши чаҳорпоён пазируфтию муъошарат бо мардумро раҳо кардӣ?!).*

Гуфт:

Ва рубба садиқин ло мано фӣ видодиҳо,
А лам йараҳо йавман фаюзиҳу лӣ ъузрӣ.**

*(**__Маънойи байт:__ Чӣ бисёр дӯстон, ки маро дар меҳрварзӣ бо вай (маъшуқа) сарзаниш мекарданд; кош рӯзе маломатгар ӯро медид, то узри ман дар дӯстдорӣ ошкор шаваду пазируфта ояд!).*

* * *

Кош, к-онон, ки айби ман ҷустанд,
Рӯят, ай дилситон, бидидандӣ,
То ба ҷойи турунҷ дар назарат,
Бехабар дастҳо буридандӣ.

(__Турунҷ:__ бодранг (= боланг), атруҷ–номи яке аз мураккабот аст, ки мевааш дурушту байзӣ (тухмшакл; турунҷ ҳамон афлесун аст–О. Ш.) ва доройи барҷастагиҳойи бисёр аст ва аз мевайи он мураббойи бодранг мекунанд («Ҳавошийи «Бурҳони қотиъ», тасҳеҳи доктор Муъин).

***Ин байт** ишора аст ба достони Зулайхо ва Юсуф(а) ва ин ояи шарифа:*

فَلَمَّا سَمِعَتْ بِمَكْرِهِنَّ أَرْسَلَتْ إِلَيْهِنَّ وَأَعْتَدَتْ لَهُنَّ مُتَّكَأً وَآتَتْ كُلَّ وَاحِدَةٍ مِّنْهُنَّ سِكِّينًا وَقَالَتِ اخْرُجْ عَلَيْهِنَّ فَلَمَّا رَأَيْنَهُ أَكْبَرْنَهُ وَقَطَّعْنَ أَيْدِيَهُنَّ وَقُلْنَ حَاشَ لِلَّهِ مَا هَٰذَا بَشَرًا إِنْ هَٰذَا إِلَّا مَلَكٌ كَرِيمٌ

(сурайи Юсуф(12), ояи 31; яъне: «Чун Зулайхо макр (-и занони мисрӣ)-ро шунид, кас ба даъвати эшон фиристод ва баройи онон такягоҳе тартиб дод ва дар дастраси ҳар як аз эшон корде ниҳоду ба Юсуф гуфт: «Ба назди эшон берун ой!». Чун занони мисрӣ Юсуфро диданд, аз (зебоийи) ӯ дар шигифт шуданд ва ба ҷойи турунҷ дастҳойи хешро буриданду гуфтанд: «Паноҳ бар Худо! Ин ҷавон одамӣ нест, балки фариштае бузургвор аст!»

Саъдӣ дар ғазале низ ба ин мавзӯъ ишора кардааст:

*Гараш бибиниву даст аз турунҷ бишносӣ,
Раво бувад, ки маломат кунӣ Зулайхоро?!*

(Ёи:

Маломатгӯйи беҳосил турунҷ аз даст нашносад,

Дар он маъраз, ки чун Юсуф ҷамол аз парда бинмойӣ!).

******Маънойи қитъа****: Ай дилбар, кош касоне, ки ба айбҷӯйии ман бархостаанд, чиҳрайи дилоройи туро мушоҳада мекарданд, то ба дидори ту ба ҷойи турунҷ бехудона дастҳойи худро мебуриданд!).*

То ҳақиқати маъно бар сурати даъво гувоҳ омадӣ: «Фазоликал-лазӣ лумтуннанӣ фиҳи».

Пиромуни ин ҷумлаи арабӣ (Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ навишта*): «Забти «Гулистон», мусаҳҳаҳи шодравон Юсуфӣ ба дурустӣ ва бар вафқи Қуръони Карим «фазоликунна-л-лазӣ»… аст. Дар «Гулистон»-и мусаҳҳаҳ (саҳеҳшуда, ғалатгиришуда–О. Ш.)-и доктор Хатиби Раҳбар, монанди ин ҷо амал шудааст, яъне, дар матн «фазолик» омадааст ва дар ҳошия ба нодуруст будани он тасреҳ шудааст. Оре, асли иборат дуруст тибқи Қуръони Карим аз ин қарор аст:*

قَالَتْ فَذَٰلِكُنَّ الَّذِي لُمْتُنَّنِي فِيهِ

(қисмате аз ояи 32, сурайи Юсуф(12: (Зулайхо) «Гуфт: «Ин ҳамон касест, ки шумо ба хотири ӯ маро сарзаниш мекардед».

Тавзеҳи доктор Хатиби Раҳбар*: «Ҷузвест аз ояйи 32 сурайи Юсуф(12):*

قَالَتْ فَذَٰلِكُنَّ الَّذِي لُمْتُنَّنِي فِيهِ

Дар матни «Гулистон» «золик» ғалат ва саҳиҳи он мутобиқи Қуръон «золикунна» аст; ин ҷо мазмун аз ояи 31 ва қисмате аз ояи 32 сурайи Юсуф(12), ки Саъдӣ бад-он ишора кардааст, оварда мешавад: чун Зулайхо аз найрангашон огоҳ шуд, кас ба даъвати эшон фиристод ва маҷлисе бисохту болишҳо ниҳод , то такя кунанд ва ба ҳар як корде (ву турунҷе) доду ба Юсуф гуфт: «Бар эшон берун ой!». Чун занон Юсуфро бидиданд, дар чашмашон бузург омад ва дастҳойи худро буриданду гуфтанд: «Муназзаҳо Худовандо, ки чунин халқ офаринад; ин одамӣ нест, магар фариштае бузургвор!». (Зулайхо) Гуфт: «Ай занон, ин он кас аст, ки маро дар ишқи вай сарзаниш мекардед!»).

Маликро дар дил омад ҷамоли Лайлӣ мутолаъа кардан *(нигаристан)*, то чӣ сурат аст, мӯҷиби чандин фитна *(**Он чӣ рухсори зебоест, ки ангезайи балойи бисёру миҳнати фаровон аст)*. Бифармудаш талаб кардан. Дар аҳёъи араб бигардиданду ба даст оварданд ва пеши малик дар саҳни сароча *(миёни халватсаро)* бидоштанд. Малик дар ҳайъати ӯ назар кард. Шахсе дид, сияҳфоми

борикандом. Дар назараш ҳақир омад. Ба ҳукми он, ки камтарини худдом *(хидматгорҳо)*-и ҳарами ӯ ба ҷамол аз ӯ дар пеш буданду ба зинат беш! Маҷнун ба фиросат дарёфт, гуфт:

– Аз даричайи чашми Маҷнун бояд дар ҷамоли Лайлӣ назар кардан, то сирри мушоҳадайи ӯ бар ту таҷаллӣ кунад.

*(*****Таҷаллӣ:*** *ошкор шудан ва ҳувайдо гардидан.*

Маънойи чанд ҷумлайи ахир*: Шоҳ дар шамойили ӯ нигарист, тане дид сияҳчурдаву лоғару наҳиф, ба чашмаш хор омад, чӣ (зеро–О. Ш.) камина хидматгузорони шабистони шоҳӣ ба зебоӣ бар вай тақаддум доштанду ба зевару ороиш аз ӯ афзун буданд. Маҷнун ба тезфаҳмӣ дарёфту гуфт: «Аз равзанайи дидайи Маҷнун бояд дар зебоийи Лайлӣ нигарист, то рози биниши дурусти Маҷнун бар ту ошкор шавад!».*

*****Ин ҳикоят*** *ёдовари дидори Абдулмалик ибни Марвони Бусайнав, маъшуқайи ҷамили Ибни Маъбар, шоъири араб аст ва гуфтугӯйи он ду (ниг. ба: «Ал-агонӣ», 8/122 ва низ ин абёти Аттор:*

Гуфт Ҳорун: ишқи Маҷнун мешунуд,
Он ҳавас ӯро чун Маҷнун даррабуд!
Хост, то дидори Лайлӣ бинад ӯ,
Пеши Лайлӣ як нафас биншинад ӯ.
Хост Лайлирову чун кардаш нигоҳ,
Саҳл омад рӯйи ӯ дар чашми шоҳ!
Хонд Маҷнунрову гуфт: «Ай бехабар,
Нест Лайлиро ҷамоле бештар!
Ту чунин масти ҷамоли ӯ шудӣ
В-аз ҷунунӣ дар ҷамоли ӯ шудӣ!
Тарки ӯ гиру мадораш низ дӯст,
З-он, ки бар ҳар ним тарке сад чу ӯст!»
Гуфт: «Ту кай дидӣ он рухсорро?
Ишқи Маҷнун бояд он дидорро!
Нест нуқсон дар ҷамоли он нигор.
Ҳаст нуқсон дар назар, ай шаҳрёр!
Гар ба чашми ман бибинӣ рӯйи ӯ,
Тутиё созӣ зи хоки кӯйи ӯ!»

(«Мусибатнома», 138–139).

Дар «Мақолот»-и Шамси Табрезӣ (с.108) низ омадааст: «Гуфт Ҳорунуррашид, ки ин Лайлиро биёваред, то ман бибинам,

ки Маҷнун чунин шӯре аз ишқи ӯ дар дунё андохт ва аз Машриқ то Мағриб қиссайи ишқи ӯро ошиқон ойинайи худ сохтаанд!... Лайлиро биёварданд… Халифа… дар ӯ назар мекард соъате ва соъате сар пеш меандохт. Бо худ гуфт, ки дар суханаш дарорам, бошад ба воситайи сухан дар рӯйи ӯ он чиз зоҳиртар шавад. рӯй ба Лайлӣ карду гуфт: «Лайлӣ туйӣ?» Гуфт: «Бале, Лайлӣ манам; аммо Маҷнун ту нестӣ! Он чашм, ки дар сари Маҷнун аст, дар сари ту нест…»

Мавлоно низ сурудааст:

Гуфт Лайлиро халифа, «к-он туйӣ,
К-аз ту Маҷнун шуд парешону ғавӣ?
Аз дигар хубон ту афзун нестӣ!»
Гуфт: «Хомӯш, чун ту Маҷнун нестӣ!»

(«Маснавӣ», 1/26).

Ваҳшийи Бофқӣ ҳам ҳикояти зерро гуфтааст, ки маъруф аст:

Ба Маҷнун гуфт рӯзе айбҷӯе,
Ки пайдо кун биҳ аз Лайлӣ накӯе!
Ки Лайлӣ гарчи дар чашми ту ҳурест,
Ба ҳар ҷузве зи аъзояш қусурест!
Зи ҳарфи айбҷӯ Маҷнун барошуфт,
Дар он ошуфтагӣ хандон шуду гуфт:
«Агар дар дидайи Маҷнун нишинӣ,
Ба ғайр аз хубийи Лайлӣ набинӣ!
Ту кай донӣ, ки Лайлӣ чун накӯест,
К-аз ӯ чашмат ҳамин бар зулфу рӯест?!
Ту қад бинию Маҷнун ҷилвайи ноз,
Ту чашму ӯ нигоҳи новакандоз!
Ту мӯ биниву Маҷнун печиши мӯ.
Ту абрӯ, ӯ ишоратҳойи абрӯ!…»

(«Девон-»и Ваҳшӣ, 230).

Мо марра мин зикрилҳимо бимисмаъӣ
Лав самиъат вуркулҳимо соҳат маъӣ.
Ё маъшара-л-хуллони қулу лилмуъо–
Фо, ласта тадрӣ мо биқалбилмуҷаъи!

*(***Мо марра мин…:** Он чӣ аз ёдкарди марғзори хос*

(иқоматгоҳи маъшуқа) аз маломатгарон ба гӯши ман расид, агар кабӯтарони он марғзор мешуниданд, бо ман ба фарёду нола дармеомаданд. Ай гурӯҳи дӯстон, ба он касе, ки дар офият ва тандурустист, бигӯед: ту аз дили дардманд хабар надорӣ).

* * *

Тандурустонро набошад дарди реш,
Ҷуз ба ҳамдарде нагӯям дарди хеш.
Гуфтан аз занбӯр беҳосил бувад,
Бо яке дар умри худ нохӯрда неш!
То туро ҳоле набошад ҳамчу мо,
Ҳоли мо бошад туро афсона пеш.
Сӯзи ман бо дигаре нисбат макун,
Ӯ намак бар дасту ман бар узви реш!

*(*****Маънойи қитъа****: Саломатёфтагон аз дарди хаста бехабаранд, аз ин рӯ, ранҷи худ ҷуз бо он, ки аз ҳамин дард ранҷ мебарад, дар миён наниҳам; аз неши занбӯр бо он, ки дар айёми зиндагонӣ як бор таъми заҳр начашидааст, сухан ба миён овардан суде надорад; то ҳоли ту ҳамонанди мо набошад, (= то ту ҳам дил ба меҳр насупорӣ), ҳоли ишқу ранҷу сӯзу гудози мо пеши ту ба қиссае воҳӣ (пуч, бемағз–О. Ш.) мемонад; доғи дили маро бо дигаре масанҷ, чӣ ӯ намак бар даст дораду ман бар андоми маҷруҳ пошидаам).*

Ҳикоят (20)

Қозийи Ҳамадонро ҳикоят кунанд, ки бо наълбандписаре сарх(в)аш буду наъли дилаш дар оташ.

(***Ҳамадон:*** *аз шаҳрҳойи марказийи Эрон аст ва дар қадим пойтахти давлати Мод буд ва юнониён ба он* ***Ekbatana*** *мегуфтанд («Ҳавошийи «Бурҳони қотиъ», тасҳеҳи доктор Муъин).*

******Наълбандписаре аз наъл:*** *он чӣ бад-он сумми сутурро аз фарсудагӣ нигоҳ доранд; пойафзор;* ***наълбандписар****– чавоне наълсозу наълбанд.*

Сарх(в)аш: *сархуш–ошиқу маст.*

*****Наъли дилаш дар оташ:*** *«наъл бар оташ ниҳодан–касеро бетобу қарор кардан; ба ҷоду касеро эҳзор кардан (фаро хондан, ҳозир кардан, ба ҳузур хостан–О. Ш.). Чӣ ҳар гоҳ касеро ба маҳаббати худ беқарор хоҳанд, номи ӯро бар наъли асп навишта, дар оташ ниҳанд ва афсуне хонанд, матлуб ба маҳаббати толиби*

худ беқарор мегардад ва ҳозир шуда мутеъ мешавад» («Ғиёс-ул-луғот», нақл аз «Фарҳанги Рашидӣ» ва «Латоиф-ул-луғот». «Луғатномайи Деҳхудо»). Ҳофиз гӯяд:

Дар ниҳонхонайи ишрат санаме х(в)аш дорам,
К-аз сари зулфу рухаш наъл дар оташ дорам!

Дар ин ҷо «наъли дилаш дар оташ буд» ба киноя, парешону беқарор буд).

Рӯзгоре дар талабаш муталаҳҳиф *(дарегхору андӯҳгин)* буду пӯён ва мутарассид *(умеддоранда)*-у чӯён ва бар ҳасаби воқиъа гӯён:

Дар чашми ман омад он сиҳисарви баланд
Бирбуд дилам зи дасту дар пой фиканд!
Ин дидайи шӯх мекашад дил ба каманд,
Хоҳӣ ки* ба кас дил надиҳӣ, дида бибанд!

*(**Сиҳӣ:** рост, роструста.*
***Маънойи рубоъӣ**: Он сарви ростқомат дар назарам падидор гашт, дил аз ман биситуду ба хорӣ поймолу пайсипари ҷафо кард. Ин чашми густохи нопарвост, ки дилро гирифтори банди ишқ мекунад; агар бар он сарӣ, ки ошиқ нашавӣ, чашм фурӯ банд, то чиҳрайи зебо набинӣ!*
***Хоҳӣ, ки ба кас дил надиҳӣ…:** ин мазмун собиқа дорад ва шояд масале бошад; назири «нахуст чашм бинад, он гаҳ дил писандад» («Қобуснома», 81); «Чашм мебинад, дил мехоҳад» («Амсолу ҳикам», 2/615).*

Ҳама меҳре зи нодидан бикоҳад,
Агар дида набинад, дил нахоҳад!
(Аз «Вису Ромин»– «Амсолу ҳикам», 1/203).

Зи дасти дидаву дил ҳар ду фарёд,
Ҳар он чӣ дида бинад, дил кунад ёд!
Бисозам ханҷаре, нешаш зи фӯлод,
Занам бар дида, то дил гардад озод!
(Девони Бобо Тоҳир, 18).

Шунидам, ки дар гузаре пеши қозӣ омад. Бархе аз ин муъомала ба самъаш расидаву зойидулвасф ранҷида, душноми бетаҳошӣ *(бидуни парҳез)* доду сақат гуфту санг бардошт ва ҳеч аз беҳурматӣ нагузошт *(аз ҳеч навъ беэҳтиромӣ худдорӣ накард)*. Қозӣ якеро гуфт аз уламойи муътабар, ки ҳамъинон *(ҳамроҳ)*-и ӯ буд:

Он шоҳидию хашм гирифтан бинаш
В-он уқда бар абрӯйи турушширинаш!

*(****Он шоҳидию…:*** *он зебойиву хашм гирифтанашро бину он манзарайи хуши гираҳ бар абрӯйи дарҳамкашидаашро!*

Тавзеҳи Хатиби Раҳбар*: «Он зебойиву дилбариву хашмовардонашро нек бингару он гираҳ, ки бар абрӯйи дарҳамкашидаву чин барафканда задааст, хушу дилпазир баршумор!»).*

Дар билоди араб гӯянд: «зарбулҳабиби забибун!».

*(****Задан*** *(зарба)-и дӯст (маъшуқ) мавиз (ба киноя: ширин) аст!* ***Забиб****: ангур ва анҷири хушк).*

Аз дасти ту мушт бар даҳон хӯрдан
Хуштар, ки ба дасти хеш нон хӯрдан!

*(****Аз дасти ту…:*** *ёдовари ин байти маъруфи Саъдист:*

Заҳр аз қибали ту нӯшдору,
Фуҳш аз даҳани ту таййибот аст!

******Маънойи байт:*** *Аз дасти ту осеби сарпанҷаву силӣ дидан биҳ аз он, ки бо дасти худ нон ба ком бурдан!).*

Ҳамоно, к-аз вақоҳати ӯ бӯйи самоҳат ҳамеояд.

Ангури навоварда туруштамъ бувад,
Рӯзе ду-се сабр кун, ки ширин гардад!

Ин бигуфту ба маснади қазо бозомад. Тане чанд аз бузургони удул дар маҷлиси ҳукми ӯ буданд. Замини хидмат бибӯсиданд, ки ба иҷозат сухане бигӯем, агарчи тарки адаб аст ва бузургон гуфтаанд:

На дар ҳар сухан баҳс кардан равост,
Хато бар бузургон гирифтан хатост!

*(*****Маънойи байт:*** *Дар ҳар гуфторе пажӯҳишу хурдагирӣ кардану саҳви миқтарон баршумурдан ва ононро ба хатокорӣ мансуб доштан раво нест.*

Мисраъи дувум *ҳукми масали сойир пайдо кардааст)*

Илло ба ҳукми он, ки савобиқи инъоми худовандӣ мулозими рӯзгори бандагон аст, маслаҳате, ки бинанду эълом накунанд, навъе аз хиёнат *(норостӣ)* бошад.

*(*****Маънойи ҷумла****: Магар дар ин маврид, ки чун диҳишҳову бахшишҳойи пешини он сарвар пайваста шомили ҳолу мададгори айёми зиндагийи чокарон аст, ногузир инон ҳар чӣ хайру нек шиносанд, агар нанамоянд, гунае дағаливу норостӣ бо валиниъмат ба шумор ояд!).*

Тариқи савоб он аст, ки бо ин писар гирди тамаъ нагардӣ ва фарши валаъ дарнавардӣ, ки мансаби қазо пойгоҳе маниъ *(баланд)* аст, то ба гуноҳе шаниъ *(зишт)* мулаввас *(олуда)* нагардонӣ ва ҳариф ин аст, ки дидиву ҳадис ин, ки шунидӣ.

Яке карда беобрӯйӣ басе,
Чӣ ғам дорад аз обрӯйи касе!?
Басо номи некӯи панҷоҳ сол,
Ки як номи зишташ кунад поймол!

*(****Яке карда беобрӯйӣ…:*** *ин байт, ки дар баъзе аз нусхаҳо наёмада, аз «Бӯстон» аст (б. 227б) бо тафовут дар забти мисраъи дувум.*

*****Маънойи ду байт****: Касе, ки бисёр ношойист раво дошта аст, аз бурдани обрӯйи дигарон парво накунад ; бисёре аз ҳусни шуҳратҳойи панҷоҳсоларо як бадномӣ табоҳу нобуд кардааст.*

Байти аввал *ҳукми масали сойир пайдо кардааст.)*

Қозиро насиҳати ёрони якдил писанд омад ва бар ҳусни ройи қавм *(гурӯҳ)* офарин хонду гуфт:

– Назари азизон дар маслаҳати ҳоли ман айни савоб асту масъала беҷавоб, валекин:

Маломат кун маро, чандонки хоҳӣ,
Ки натвон шустан аз зангӣ сиёҳӣ!

*(*__Зангӣ:__ мансуб ба «занг», ки номи қабоили сиёҳпӯсти Африқойи Шарқист. («Фарҳанги форсӣ»). Мазмуни ин мисраъ, зоҳиран, масал будааст. Дар ин ҷо–сиёҳпӯст. Саъдӣ дар «Бӯстон» низ гуфтааст:*

Ба кӯшиш нарӯяд гул аз шохи бед,
На зангӣ ба гармоба гардад сапед!
(«Бӯстон», б. 2619).

Зи нопокзода мадоред умед,
Ки зангӣ ба шустан нагардад сафед.
(Фирдавсӣ).

***__Маънойи байт:__ Ҳарчанд муроди туст, маро сарзаниш кун, ки зудудани ранги сиёҳ ба шустан аз ғуломи сиёҳ муяссар нест:*
Маломат аз дили Саъдӣ фурӯ нашӯяд ишқ,
Сиёҳӣ аз ҳабашӣ чун равад, ки худ ранг аст?!).

* * *

Аз ёди ту ғофил натавон кард ба ҳечам,
Саркӯфта морам, натавонам, ки напечам!

*(**__Маънойи байт:__ Маро аз зикри ту ба чизи дигар машғул натавон дошт, чӣ аз балойи ишқу осеби ҷудойӣ ба мори саршикастае монам, ки тан аз шиддати дард дар печутоб афканад ва сабру шикеб надонад!).*

Ин бигуфту касонро ба тафаҳҳуси ҳол *(бозҷустани кор)*-и вай барангехту ниъмати бекарон бирехт ва гуфтаанд: «Ҳар киро зар дар тарозуст, зӯр дар бозуст»-у «Он, ки бар динор дастрас надорад, дар ҳама дунё кас надорад!».

*(*__Ҳар киро зар дар тарозуст…:__ мафҳуми ин ҷумла, ки ҳолати масал дорад (ниг. ба «Амсолу ҳикам», 1/326); ва Саъдӣ дар «Бӯстон» (б. 1217) низ гуфтааст:*

Ба дасти тиҳӣ барнаёяд умед.

Ба зар барканӣ чашми деви сапед!
ки ёдовари ин байти Абулфатҳи Бустист:
Фақувватул-ъайни биинсониҳо,
Ва қувват-л-инсони бил-ъайни!
«Ал-Мутанаббӣ ва Саъдӣ», с184).

Яъне, неруйи чашм ба мардумаки он асту неруйи одамӣ дар нақдинайи ӯст! Дар «Шарҳи «Гулистон»-и доктор Хазойилӣ (с.555) дар ин маврид ду байти зер ва тарҷумайи онҳо нақл шудааст:

«Фасоҳату Саҳбонин ва ҳаззубни Муқлатин,
Ва ҳикмату Луқмонин ва зуҳдубни Адҳам,
Изи-ҷтамаъат филмаҷи муқдимун
Фалайса лаҳу қадрун бимиқдори дирҳам!

Тарҷума: «Забоноварийи Саҳбону хатти Ибни Муқлау ҳикмати Луқмону зуҳди Иброҳим ибни Адҳам агар дар марде ҷамъ шавад ва он мард муфлис бошад, ба андозайи як дирҳам арзиш надорад!»).

Ҳар кӣ зар дид, сар фурӯ овард,
Вар тарозуйи оҳаниндӯш аст!

*(*****Ҳар кӣ зар дид…:*** *ҳар кас нақши динор дид, таслим шуд, агарчи тарозуйи оҳанинбозу бошад!).*

Филҷумла *(сухан кӯтоҳ)* шабе халвате муяссар шуду ҳам дар он шаб шаҳнаро хабар шуд. Қозӣ ҳама шаб шароб дар сар *(маст аз бода)*-у шабоб дар бар аз танаъъум нахуфтию ба тараннум гуфтӣ:

*(*****Маънойи чанд ҷумла:*** *Хулоса шабе бо ёр дар базме холӣ аз ағёр нишаставу ҳамон гоҳ хабар ба зобит (пулис)-и шаҳр расид. Қозӣ тамоми шаб маст аз бодаву ёри ҷавон дар оғӯш аз ишрат намехуфт ва бо овойи нарму хуш мегуфт: «Имшаб магар…)*

Имшаб магар ба вақт намехонад ин хурӯс,
Ушшоқ бас накарда ҳанӯз аз канору бӯс?!
Як дам, ки дӯсти фитна хуфтааст, зинҳор.
Бедор бош, то наравад умр бар фисӯс!
То нашнавӣ зи масҷиди одина бонги субҳ

Ё аз дари саройи атобак ғиреви кӯс!
Лаб бар лабе чу чашми хурӯс аблаҳӣ бувад,
Бардоштан ба гуфтани беҳудайи хурӯс.

*(**Атобак:** туркӣ–падарбузург; лақаби подшоҳони Сулғурийи Форс.*

******Чашми хурӯс:** номи донайи сурхе шабеҳи чашми хурӯс низ ҳаст.*

***Маънойи абёт**: Имшаб, ҳамоно, ин хурӯси нобаҳангом бонг бармедорад, чи ҳанӯз ёрон аз ҳам оғӯше фароғат наёфтаанд; як нафас, ки ёр чун фитнайи рӯзгор дар хоб орамидааст, ҳон, ба хоб наравӣ, то умри гаронмоя (фурсату висол) ба ёва нагзарду аз даст наравад; то аз масҷиди ҷомеъ бонги намози бомдодӣ барнахезад ё аз даргоҳи шоҳ хурӯши таблу табира ба гӯш нарасад, ба овози нобаҷову ҳарзадироийи хурӯс лаб аз лаби нӯшини ёр, ки дар зебойиву гулгунӣ ба чашми хурӯс мемонад, баргирифтан айни нодонист!*

***Ин ғазал** бо афзунийи як байт дар «Таййибот»-и Саъдӣ низ омадааст).*

Қозӣ дар ин ҳолат, ки яке аз мутаъаллиқон даромад ва гуфт:

– Чӣ нишастӣ? Хезу то пой дорӣ гурез, ки ҳасудон бар ту даққе гирифтаанд, балки ҳаққе гуфта, то магар *(шояд)* оташи фитна, ки ҳанӯз андак аст, ба оби тадбире фурӯ нишонем, мабодо, ки фардо, чу боло гирад, оламе фаро гирад!

*(**Дақ(қ)**–гумон бурдан, кӯфтану шикастан; «дақ гирифтан» масдари мураккаб аст ва дар сиёқи форсӣ ба маънойи «иътироз кардан» меояд).*

Қозӣ мутабассим *(хандонлаб)* дар ӯ назар карду гуфт:

«Панҷадарсайдбурда зайғамро
Чӣ тафовут кунад, ки саг лояд?!
Рӯй дар рӯйи дӯст кун, бигзор,
То адӯ пушти даст мехояд!»

*(**Зайғам**–шер. **Лояд**–зуза кунад, нолад.*

***Маънойи қитъа**: Шери дар нахчир чангфурӯбурдаро аз лойиши саг чӣ парвое! (яъне, саг парса мезанаду шер бо фароғи бол андармони кори хеш); бишин бо дӯст дида ба дида, рӯ ба рӯ; би-*

мон, ки душман аз ҳасрат пушти даст газад!).

Маликро ҳам дар он шаб огаҳӣ доданд, ки дар мулки ту чунин мункар *(кори зишт)*-е ҳодис шудааст, чӣ фармойӣ?

Малик гуфто:

– Ман ӯро аз фузалойи аср медонаму ягонайи рӯзгор; бошад, муъонидон *(ситезандагон)* дар ҳаққи вай хавзе кардаанд. Ин сухан дар самъи қабули ман наёяд. Магар он гаҳ, ки муъояна гардад, ки ҳукамо гуфтаанд:

Ба тундӣ сабук даст бурдан ба теғ
Ба дандон барад пушти дасти дареғ!

*(****Ба тундӣ сабук даст бурдан…:*** *он, ки аз рӯйи хашм ба шитоб даст ба шамшер барад, бо афсӯсу пушаймонӣ пушти даст ба дандон барад. «Пушти даст ба дандон бурдан» (газидан, хойидан)–киноя аз пушаймон шудан ва аз рӯйи пушаймониву таъассуф пушти дасти худро ба дандон гирифтан аст. Ин байт нақл аз «Бӯстон» (б. 427) аст.*

Шунидам, ки саҳаргоҳӣ бо тане чанд хоссон ба болини қозӣ фароз омад. Шамъро дид, истодаву шоҳид нишаста ва май рехтаву қадаҳ шикаста ва қозӣ дар хоби мастӣ, бехабар аз мулки ҳастӣ. Ба лутфи андак-андак бедор кардаш, ки хез, Офтоб баромад! Қозӣ дарёфт, ки ҳол чист. Гуфто:

– Аз кадом ҷониб баромад?

Гуфт:

– Аз қибали машриқ.

Гуфт:

– Алҳамдулиллоҳ, ки дари тавба ҳамчунон боз аст. Ба ҳукми ҳадис, ки «ло йуғлақу (бобуттавбати) ъалалъибоди ҳатто татлаъушшамсу мин мағрибиҳо, астағфирукаллоҳумма ва атубу илайк».

*(**Алҳамдулиллоҳ:*** *шукр Худоро.*

******Ло йуғлақу…:*** *(дари тавба) бар бандагон баста намешавад, то Офтоб аз ғурубгоҳи худ барояд (яъне, то Қиёмат, чӣ Офтоб дар рӯзи Растохез аз бохтар бармеояд), аз Ту омурзиши мехоҳем ва ба тавфиқи Ту аз гуноҳ бозмегардем». Аз матн «бобу-ттавба» афтодааст.*

**Дар «Ҷомеъ-ус-сағир» (2/151) омадааст: «Ман тоба қабла ан*

татлуъашшамсу мин мағрибиҳо тобаллоҳу ъалайҳи»; «Касе, ки пеш аз он, ки Офтоб аз ғурубгоҳи худ тулуъ кунад, тавба намояд, Худо ба ӯ тавфиқи тавба диҳад (тавбайи ӯро мепазирад)». Дар матни «Гулистон», бо таваҷҷуҳ ба иборати «дари тавба», қисмате аз ҳадиси манзур нақл шудааст).

Ин ду чизам бар гуноҳ ангехтанд
Бахти нофарҷому ақли нотамом!
Гар гирифторам кунӣ, муставҷибам,
Вар бибахшӣ, афв биҳтар, к-интиқом!

*(*****Маънойи қитъа**: Толиъи бадъоқибат ва хирадӣ ноқис маро ба исён таҳрик карданд; агар ба гуноҳ маро муъохазат кунӣ, сазоворам ва агар даргузарӣ, бахшойиш биҳ аз кинатӯзӣ ва душманист).*

Малик гуфто:

– Тавба дар ин ҳолат, ки бар ҳалок иттилоъ ёфтӣ, суде накунад. («Фа лам йаку янфаъуҳум имонуҳум ламмо раав баъсано»**).

فَلَمْ يَكُ يَنْفَعُهُمْ إِيمَانُهُمْ لَمَّا رَأَوْا بَأْسَنَا

(қисмате аз ояи 85, сурайи Мӯъмин(40); яъне, «Чунин нест, ки имон оварданашон суде диҳад, он гоҳ ки азоби Моро диданд»).

Чӣ суд аз дуздӣ, он гаҳ тавба кардан!
Ки натвонӣ каманд андохт бар кох.
Баланд аз мева, гӯ, кӯтоҳ кун даст,
Ки кӯтаҳ худ надорад даст бар шох!

*(*****Маънойи қитъа**: Он гоҳ ки аз уҳдайи камандафканӣ барнаёйӣ, аз бурдани моли хонаимардумон истиғфор кардану тавба ба ҷой овардан фойида надорад; ба дароздасти болобаланд бигӯ, даст аз шохи мева бидор, зеро кӯтоҳқоматро бар дарахт дастрасӣ нест!).*

– Туро бо вуҷуди чунин мункарӣ, ки зоҳир шуд, сабили халос *(роҳи раҳойиш)* сурат набандад *(мутасаввир нашавад)*.

Ин бигуфт ва муваккилон дар вай овехтанд. Гуфто, ки маро дар хидмати султон яке сухан боқист. Малик бишуниду гуфт:

– Ин чист?

Гуфт:

Ба остини** малоле, ки бар ман афшонӣ,
Тамаъ мадор, ки аз доманат бидорам даст!
Агар халос муҳол** аст аз ин гунаҳ, ки марост,
Бад-он карам, ки ту дорӣ, умедворӣ ҳаст!

*(**__Остини малол афшондан__–ба дилтангӣ чизеро раҳо кардан. __Муҳол__–ношуданӣ.*

__Маънойи қитъа__: Агар ба дилтангӣ маро раҳо кунӣ, чашм мадор, ки доманат аз каф бидиҳам; агар аз ин ҷурм, ки ман кардам, рӯйи раҳойиш набошад, аз бузургворийи ту умеди бахшойиш ҳаст!).

Малик гуфт:

– Ин латифа *(сухани неку писандида)* бадеъ *(нави тоза)* овардӣ ва ин нукта ғариб*(нодиру нав)* гуфтӣ. Валекин муҳоли ақл асту хилофи шаръ, ки туро фазлу балоғат имрӯз аз чанги уқубат *(**сазойи гуноҳ)*-и ман раҳойӣ диҳад! Маслаҳат он бинам, ки туро аз қалъа ба зер андозам, то дигарон насиҳат пазиранду ибрат гиранд.

Гуфт:

– Ай худованди ҷаҳон *(сарвару молики олам)*, парвардайи ниъмати ин хонадонам ва ин гуноҳ на танҳо ман кардаам. Дигареро бияндоз, то ман ибрат гирам!

Маликро ханда гирифту ба афв аз хатойи ӯ даргузашт ва мутаъаннидонро, ки ишорат ба куштани ӯ ҳамекарданд, гуфт:

*(**__Мутаъаннидон:__ ин калима мусаҳҳаф (лафзе, ки ба тағйири нуқот дигар шавад–О. Ш.)-и мутаъаннитон аст (ба маънойи айбҷӯён). __Мутаъаннит__–исми фоъил аз таъаннут).*

Ҳар кӣ ҳаммоли айби хештанед,
Таъна бар айби дигарон мазанед.

*(**__Маънойи байт:__ Ҳар кас аз шумо бори гуноҳу зиштийи кори худро бар дӯш мекашад, пас дигаронро ба зиштқориву айбнокӣ накӯҳиш макунед.*

__Ин байт__ ҳукми масали сойир пайдо кардааст).

Ҳикоят (21)

Ҷавоне покбозу покрав буд,
Ки бо покизарӯе дар кирав буд.

*(**Кирав** ё гарав ё гирав?!–дар ин бора низ миёни Саъдипажӯҳон ва мусаҳҳиҳони «Гулистон» баҳсҳое сурат гирифтааст. Аз ҷумла, Муҳаммади Хазойилӣ муътақид аст, ки ин калима «гарав» аст, на «кирав». Ва таъбири «дар гарав буд»-ро «дар гарави ишқ буд» маънодод мекунад. Хазойилӣ мегӯяд: «Баъзе ба ҷойи «гарав» «кирав» (ба касри коф) хондаанд, ки ба маънойи киштӣ бошад. Аммо ин пиндор дуруст нест. Аввалан, Саъдӣ алфози ғариб ба кор намебарад; сониян, будани онон дар дарё аз байти баъдӣ мустафод аст; солисан, «кирав» ба маънойи дандони миёнтиҳию ковок аст ва истеъмоли он дар маънойи киштийи кӯчак собиқа надорад ва «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ин маъноро аз ҳамин байти Саъдӣ истинбот кардааст». Бо қиёс ба тавзеҳоти Муҳаммади Муъин ва Ғуломҳусайни Юсуфӣ наметавон ба ин шарҳи Муҳаммади Хазойилӣ мувофиқат кард. Доктор Муъин дар шарҳи «кирав», агарчи ба Ҷаҳонгирӣ такя мекунад, аммо дар ниҳоят шарҳи ӯро рад мекунад. Муъин фармуда, ки фарҳангнависон «кирав»-ро ба маънойи киштӣ ё заврақ ва ё ҷиҳози кӯчак навиштаанд ва аз ҷумла Ҷаҳонгирӣ шеъри Саъдиро–«Ҷавоне покбозу покрав буд, Ки бо покизарӯе дар кирав буд»–мисоли шоҳид меорад. Ба қавли Муъин Рашидӣ ба ин назар розӣ нест ва «дар гарав буд»-ро саҳеҳ медонад. Аммо Муъин таъкид мекунад, ки «Бояд донист, ки ин калима ба ҳамин маънӣ дар савоҳили Халиҷи Форс мустаъмал аст».*

*Муъин (ва низ нависандайи «Фарҳанги Сабо») аз сӯе ҳам вожаи **карв** (ба фатҳи «коф» ва сукуни «ро») ё «кирув» ва ё «карва»-ро «дандоне миёни он тиҳиву ковок ё фарсӯдаву кирмхӯрда бошад» маънодод мекунад, на **кирав**(!)-ро ба ин маънӣ.*

*Доктор Юсуфӣ, бо истинод бар нусхаҳойи қадим ва низ чопи Фурӯғӣ, забти ин калимаро ба сурати **кирав** (бо касри аввал ва фатҳи дувум) меорад ва менигорад, ки онро «дар бархе фарҳангҳо киштийи кӯчак ва заврақ маънӣ кардаанд, аммо ҷуз ҳамин байти Саъдӣ шоҳиде аз баройи он нақл накардаанд. Дар «Фарҳанги форсӣ»-и доктор Муъин омада, ки «ин калима ба ҳамин маънӣ дар савоҳили Халиҷи Форс мустаъмал аст». Оқои Аҳмади*

Иқтидорӣ низ, ки дар боби ин минтақа мутолаъавуа татаббуъ доранд, корбурди онро дар он ҷо таъйид мекунанд ва мегӯянд, ки аз ҳамин тариқ дар вожагони неруи дарёийи Эрон ҳам бо андак тафовут дар талаффуз роҳ ёфтааст.

Дар чопи Қариб ва бархе чопҳои дигар забти калимайи манзур «гарав» аст ва мисраъи дувуми байтро чунин маънӣ кардаанд: «дар гарав (гирифтор)-и ишқи зеборӯе буд». Ва низ, ба далели набудани шоҳиде дигар аз истеъмоли ин калима дар мутуни форсӣ ва худдорийи Саъдӣ аз истеъмоли алфози ғариб, ин вачҳро тарҷеҳ додаанд ва гуфтаанд, «будани он ду дар дарёву киштӣ аз байти дувум мафҳум мешавад».

*Дар зимн, Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ низ иътиқод бар ин назари Юсуфӣ дорад. Аз ин рӯ, бо дарназардошти ин мубоҳисот, натиҷагирӣ кунем, калимайи мазбур **кирав**(!) аст, аз нодиркаломҳое, ки тақрибан танҳо Саъдӣ онро истифода кардаасту он ҳам як маротиб ва «кирав» дар миёни сокинони Халиҷи Фарс бо ин маънӣ ҳанӯз ҳам роиҷ будааст. Пас, **маънойи байт**, ба қавли Юсуфии равоншод, «Ошиқе ҷавону покбохтаву некӯравиш бо ёри зебочиҳрае ба киштӣ ниша буд» аст.)*

Чунин хондам, ки дар дарёйи Аъзам,
Ба гирдобе дарафтоданд бо ҳам.

*(***Дарёйи Аъзам:** *баҳри аъзам, дарёйи Муҳит. Бузургтарин дарё, ки ба ақидайи пешиниён, ки гирдогирди заминро фаро гирифтааст).*

Чу маллоҳ омадаш, то даст гирад,
Мабодо, к-андар он ҳолат бимирад.
Ҳамегуфт аз миёни мавҷу ташвир:*
«Маро бигзору дасти ёри ман гир!».
Дар ин гуфтан ҷаҳон бар вай барошуфт,
Шунидандаш, ки ҷон медоду мегуфт:
«Ҳадиси ишқ аз он баттол манйуш,
Ки дар сахтӣ кунад ёрӣ фаромӯш!»
Чунин карданд ёрон зиндагонӣ,
Зи корафтода бишнав, то бидонӣ.
Ки Саъдӣ роҳу расми ишқбозӣ
Чунон донад, ки дар Бағдод тозӣ!

*(***Ташвир:** *дар форсӣ ба маънойи шармсоривуа шармандагист (ниг. Муҷтабойи Минавӣ, «Калилаву Димна», 1/258…), маҷозан– парешониву ошуфтагӣ, изтироб. («Фарҳанги Нафисӣ»).*

Доктор Ҳусайналийи Маҳфузин ин ҳикояти «Гулистон»-ро мутаъассир аз «Достони бахшишу исори Каъб ибни Мома» донистааст («Ал-Мутанаббӣ ва Саъдӣ», 162). Навиштаанд, ки Каъб дар тобистон бо ҷамъе сафар мекард. Қофила роҳро гум карду обе андак доштанд ва ночор баройи ҳар кас миқдоре аз он муъайян шуд. Каъб то се рӯз саҳми оби худро ба марде аз Банӣ-Намр, ки ҳамсафари ӯ буд, бахшид ва худ аз ташнагӣ аз по даромад. Аз ин рӯ, ба исору карам маъруф шудааст. Хоқонӣ гуфтааст:

Гар Каъби Мома об нахӯрду ба ташна дод,
Машҳуртар зи Даҷла шуд обишхӯри сахош!
(«Девони Хоқонӣ», 234).

*****Тозӣ:** *арабӣ ва араб; бархе ин калимаро аз ду ҷузъи мураккаб медонанд, ҷузъи аввал–«тоз» (= Тай–номи қабилайи маъруфи араб) + «ӣ»-и нисбат, яъне мансуб ба қабилайи Тай; сипас ин исм бар ҳама қавми араб итлоқ шуд («Ҳавошийи «Бурҳони қотиъ», тасҳеҳи доктор Муъин). Шояд ҳам ҷузъи аввали он «то» (= Той = Тайй?) бошаду ҷузъи дувуми «зӣ» нишони нисбат, чунонки мансуб ба Марврро марвазӣ (= марвӣ) гуфтаанд).*

Дилороме, ки дорӣ дил бар ӯ банд,
Дигар чашм аз ҳама олам фурӯ банд!
Агар Маҷнуни Лайлӣ зинда гаштӣ,
Ҳадиси ишқ аз ин дафтар набиштӣ!

(Маънойи панҷ байти охири маснавӣ:** *Саргузашти меҳрварзиро аз он ёвакори бехабар аз шарти ишқ, ки ба гоҳи душворӣ дӯсти хешро аз ёд барад, машнаву мапазир! Дӯстони ҳақиқӣ чунин зистанд; ин сухан аз корозмудайи таҷрибаандӯхта ёд гир, то роҳу расми ёрӣ биёмӯзӣ, чӣ Саъдӣ аз тариқаву ойини ошиқӣ ончунон огоҳ аст, ки тозиён аз забони тозӣ дар Бағдод; пайванди маҳаббат бо ёри ҷонором сахт устувор кун ва хотир ба вай супору аз он пас аз ҳама ҷаҳону ҷаҳониён чашм бипӯш; агар Маҷнуни Лайлӣ ба зиндагӣ боз мегашт, достони ошиқӣ аз ин китоб меомӯхту менигошт).*

Боби шашум

Дар заъф ва пирӣ

Ҳикоят (1)

Бо тойифаи донишмандон дар ҷомеъи Димишқ*** баҳсе** ҳамекардам, ки ҷавоне даромаду гуфт:

– Дар ин миён касе ҳаст, ки забони порсӣ бидонад?

Ғолиб ишорат ба ман карданд. Гуфтамаш:

– Хайр аст?

Гуфт:

– Пире саду панҷоҳсола дар ҳолати назъ *(ҷон кандан)* аст ва ба забони аҷам чизе ҳамегӯяд ва мафҳуми мо намегардад. Гар ба карам ранҷа шавӣ, музд ёбӣ; бошад, ки васийяте ҳамекунад.

*(******Ҷомеъи Димишқ:*** *ё ҷомеъи Умавӣ–масҷиди ҷомеъи маъруфи Димишқ. Аввалин ва яке аз ҷолибтарин шоҳкорҳойи меъморийи исломӣ» (ниг. «Доиратулмаъорифи форсӣ»).*

******Баҳс:*** *ҷустан ва ковидан; дар ин ҷо мурод пажӯҳиши илмиву бозҷустан аст).*

Чун ба болинаш фароз шудам, ин мегуфт:

Даме чанд, гуфтам, барорам ба ком,
Дареғо, ки бигрифт роҳи нафас!
Дареғо, ки бар хони** алвони умр
Даме хӯрда будему гуфтанд: «Бас!».

*(**Хони алвон:** суфрайи рангоранг.*

******Маънойи қитъа****: Бо худ мегуфтам: «Чанд нафасе ба муроди дил мекашам; сахт афсӯс, ки гузаргоҳи дам масдуд монд; ҷойи басе ҳасрат аст, ки бар суфрайи рангини зиндагонӣ ҳанӯз як лаҳза таматтуъ наёфта ва луқмае беш ба ком набурда, ногоҳ фармон расид, ки ҳамин қадар кофист!»).*

Маъонийи ин суханро ба арабӣ бо шомиён ҳамегуфтам ва таъаҷҷуб ҳамекарданд аз умри дароз ва таъассуфи ӯ ҳамчунон бар ҳаёти дунё. Гуфтам:

– Чигунайӣ дар ин ҳолат?
Гуфт:
– Чӣ гӯям?

Надидайӣ, ки чӣ сахтӣ ҳамерасад ба касе,
Ки аз даҳон-ш бадар мекунанд дандоне.?!
Қиёс кун, ки чӣ ҳолат бувад дар он соъат,
Ки аз вуҷуди азизаш бадар равад ҷоне!

*(**Маънойи қитъа**: Оё дидайӣ, ки чун аз даҳони касе ҳар гоҳ дандонеро кананд, чӣ ранҷу сахтиҳо мекашад; акнун озмой, ҳангоме, ки аз колбуди азизу нозанини кас ҷони ширинаш ҷудо шавад, вайро ҳолат то кадом андоза душвор хоҳад буд!).*

Гуфтам:
– Тасаввури марг *(фикри марг, пиндори марг)* аз хаёли худ бадар кун ва ваҳмро бар табиъат муставлӣ *(чира)* магардон, ки файласуфони** Юнон гуфтаанд:
– Мизоҷ арчи мустақим бувад, иътимоди бақоро нашояд ва мараз гарчи ҳойил, далолати куллӣ** бар ҳалок накунад . Агар фармойӣ, табиберо бихонам, то муъолаҷат кунад.
*(***Файласуф**–ҳаким, дӯстдори ҳикмат; аз юнонийӣ **Pihlosophos**–ҷузви аввали он ба маънойи дӯстдор ва ҷузви дувум ба маънойи ҳикмат («Ҳавошийи «Бурҳони қотиъ», тасҳеҳи доктор Муъин); ба шакли филосуф низ дар «Бурҳони қотиъ» забт аст. Дар арабӣ ба фатҳи аввалу савум хонда мешавад.*
****Далолати куллӣ:** раҳнамунийи комил.*
***Маънойи чанд ҷумлайи ахир**: Сурати марг аз пардайи пиндор маҳв кун ва гумони беҳуда (= таваҳҳум) бар табъи хеш чира мадор, ки фарзонагони юнонӣ ақида доштанд, ки табъи одамӣ ҳарчанд дурусту муътадил бошад, бар бақойи ҳаёт такя нашояд кард ва беморӣ агарчи душвору бимнок, бар мурдан далили комилу қотиъ нест!).*

Дида баркарду бихандиду гуфт:

Даст бар ҳам занад табиби зариф**,
Чун хариф** бинад афтода ҳариф**.

*(*Даст барҳам занад…: пизишки донову зирак вақте харифи*

худ (бемор)-ро (аз касрати син) дар ҳоли ҳоли табоҳ (бистарӣ) бинад, аз сари таъассуф даст барҳам сояд ва аз дармони ӯ ноумед шавад.

***Хариф**–камақлтар, пири ошуфтаҳавос, беҳуш, бадҳол. Ҳариф–ҳамдам, ёр, рафиқ; **дар ин ҷо, киноя, мурод бемор аст.*

******Хараф**–афтода).*

Хоҷа дар банди нақши айвон аст,
Хона аз пойбанд вайрон аст.

*(**Ин байт** ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Пирмарде зи назъ менолид,
Пирзан сандалаш** ҳамемолид*.

*(****Сандал:** (муъарраби чандан ё чандал)–дарахти кӯчак, ки аз қадим чӯби он масрафи доруйӣ доштааст, бахусус баройи омоси ҷигару миъдаву дарди сар. Молидани сандалро бо гулобу каме кофур бар пешонӣ баройи рафъи дарди сар муъассир медонистаанд (ниг. ба .»Ҳидоят-ул-мутаъаллимин фиттибб», с. 218–219). Манзури мисраъи дувум ин аст, ки пирзан беҳуда бар пирмард сандал мемолиду суде надошт.*

Саъдӣ дар «Бӯстон» (б. 3448–3449) низ гуфтааст:

Рамақмондаеро, ки ҷон аз бадан
Баромад, чӣ суд ангубин дар даҳан?
Яке гар зи пӯлод бар мағз х(в)ард,
Касе гуфт сандал бимолаш ба дард?!

*******Ин байт** ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Чун мухаббат** шуд иътидоли мизоҷ,
На азимат** асар кунад, на илоҷ*.

(******Мухаббат:** бар вазни муъаззам–дарҳамомехта; ва гоҳе аз он мурод бошад маънойи фосиду табоҳ («Онандроҷ»). *Маънойи ин калима дар форсӣ ошуфта, дарҳамомехта, фосид ва табоҳ аст; парешонақлро низ гӯянд. «Мухаббат», ба қиёс, исми мафъул аст аз «тахбит» масдари боби тафъил, вале ин калима дар луғоти муътабари арабӣ дида нашуд ва ба ҷойи он «тахаббут»–*

масдари боби тафаъъул ба кор рафтааст; «тахаббут» ба маънойи ба девонагӣ доштани дев касеро. (Ва ***мухаббат****– дарҳамомехтаву ошуфта, парешонақл–Муъин–О. Ш.)*

******Азимат:*** *афсун, оёти қуръонӣ, ки бар офотрасидагон хонанд (ба умеди биҳ шудан.* ***Илоҷ****–дармон кардан.*

******Маънойи чанд байт****: Чун пизишки доно беморро ба ҳоли табоҳ дар бистар бинад, ба нишони таъаассуфу андӯҳ даст бар ҳам сояд. Худованди хона дар андешайи нақшу нигори суффа аст ва сарой худ аз шолудаву бунёд сусту хароб. Марде куҳансол аз ҷон кандан нола мекард ва зане деринасол баройи ором кардани дард бар (сару кафи пойи) вай сандал (-и ба гулоб суда) мемолид. Чун истиқомат (истодагивуа дурустӣ–О. Ш.)-и табъу дурустийи ҳол ба табоҳӣ рӯй ниҳод, на афсуну на дармон ҳеч кадом асар набахшад!).*

Ҳикоят (2)

Пирмарде ҳикоят кунад, ки духтаре хоста *(ба занӣ гирифта)* буду ҳуҷра* ба гул ороставу ба хулуқат*** бо ӯ нишаставу дидаву дил дар ӯ баста ва шабҳойи дароз нахуфтию базлаҳову латифаҳо гуфтӣ. Бошад, ки муъонасат пазирад *(хӯгир шавад)* ва ваҳшат нагирад.

*(****Ҳуҷра:*** *кулба, утоқ; дар ин ҷо мақсуд «ҳаҷала» (ва гоҳе низ «ҳиҷла» (бинобар «Фарҳанги Муъин–О. Ш.); яъне, утоқи оростайи арӯсу домод аст.*

*******Ба хулуқат бо ӯ нишаста:*** *забти Фурӯғӣ дар ин иборат «хулуқат» аст. Ин калима дар луғат ҳаст–яъне, «нармӣ». (ниг. «Лисон-ул-ъараб»; «Луғатномайи Деҳхудо»). Аммо забти шодравон Юсуфӣ ва доктор Хатиби Раҳбар (ва Муҳсини Рамазонӣ–О. Ш..) «халват» аст. Шодравон Аббоси Зарёби Хаййӣ дар зимни дифоъ аз сиҳҳати забти «дев мусалмон нашавад» дар шеъри Ҳофиз, гуфтааст, ки котибон, маъмулан, калимайи душворро (филмасал* ***хулуқат)****-ро ба калимайи осонтару маънустар (дар ин ҷо* ***халват)*** *табдил мекунанд, на билъакс. Лизо ақлан пазируфтанӣ нест, ки калимайи маънус (унсгирифта–О. Ш.)-и «халват»-ро бардоранд ва ба ҷояш калимайи ғариби «хулуқат»-ро бигузоранд! Пас, муҳтамалтару маъқултар ин аст, ки дар мутун ва нусхаҳойи куҳан «хулуқат» буда бошад. Албатта, агар «хулуқат» ё бемаънӣ буд ё маънойи муносиб бо ибороти ин матнро надошт, ин истидлол беваҷҳ бувад, вале ҳоло, ки маънойи муносибе дорад, муваҷҷаҳ аст).*

Аз ҷумла мегуфтам:

– Бахти баландат ёр буду чашми бахтат бедор, ки ба суҳбати пире афтодӣ пухта, парварда *(тарбиятёфта)*, ҷаҳондида, орамида *(орому нарм)*, гарму сардчашида, неку бадозмуда, ки ҳаққи суҳбат бидонад ва шарти мавaддат ба ҷой оварад *(паймони дӯстиро вафо кунад)*. Мушфиқу меҳрбон, хуштабъу ширинзабон.

То тавонам, дилат ба даст орам,
Вар биёзориям, наёзорам!
Вар чу тӯтӣ шакар бувад хуришат,
Ҷони ширин фидойи парваришат!**

*(*****Маънойи абёт****: То маро ёрост, ба дилҷӯйиат мепардозам ва агар бар ман ҷафо кунӣ, ранҷа нашавам ва агар монанди тӯтӣ хуроки ту шаккар бошад, ҷони ширин бархи (фидойи) нашвунамоят кунам!).*

На гирифтор омадӣ ба дасти ҷавоне муъҷиб, хирарой*, сартез, сабукпой *(тундхӯйи гурезпо)*, ки ҳар дам ҳавасе пазаду ҳар лаҳза рое занад ва ҳар шаб ҷое хусбаду ҳар рӯз ёре гирад!

*(****Хирарой:*** *мустабид, лаҷуҷ, якданда (якрав–О. Ш.)– Алиакбари Деҳхудо, «Луғатнома»). «****Хирарой****» ба маънойи сустрою нодон низ ҳаст. «Хираройӣ» дар байти зер аз «Гулистон» (боби ҳашт, ҳикмати 51) бо ҳамин мафҳум аст (ин байтро устодон Хуррамшоҳӣ ва Хатиби Раҳбар бо дигар шакл овардаанд–О. Ш.)*:

Санг бар дасту мор сарбарсанг,
Хираройӣ бувад қиёсу диранг!

Аммо дар ин ҳикоят маънойи нахустин муносибтар менамояд).

Вафодорӣ мадор аз булбулон чашм,
Ки ҳар дам бар гуле дигар сароянд!**

*(*****Маънойи байт:*** *Аз андалебон интизор мадор, ки паймони дӯстӣ ба сар баранд, чӣ ҳар нафас суруди ишқ бар гуле дигар хонанд!).*

Хилофи пирон, ки ба ақлу адаб зиндагонӣ кунанд, на ба муқтазойи ҷаҳли ҷавонӣ.**

*(**__Маънойи се ҷумлайи ахир__: Кори ҷавонон мухолифи шевайи пирон аст, чӣ пирон бар ҳукми худ ва ба ойини писандида рафтор кунанд, на чунонки нодонийи ҷавонӣ иқтизо мекунад!).*

Зи худ биҳтаре ҷӯю фурсат шумор,
Ки бо чун худе гум кунӣ рӯзгор!**

*(**__Маънойи байт:__ Аз хештан фозилтаре биёбу суҳбаташро ғанимат шумор ва муҳлате муносиб бидон, чӣ мусоҳабат бо яке чун худ умр ба ройгон аз даст додану зиндагонӣ табоҳ кардан аст!*

*__*Ин байт__ аз «Бӯстон» (б. 1957) аст).*

Гуфт:

– Чандин бар ин намат *(равиш)* бигуфтам, ки гумон бурдам, ки дилаш бар қайди ман омадаву сайди ман шуд. Ногаҳ нафасе сард аз сари дард бароварду гуфт:

– Чандин сухан, ки бигуфтӣ, дар тарозуйи ақли ман вазни он сухан надорад, ки вақте шунидам аз қобилайи хеш, ки гуфт: «Зани ҷавонро*** агар тире дар паҳлу нишинад, биҳ, ки пире!».

(***__Зани ҷавонро…__: ин иборати танзомез ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ламмо раъат байна ядай баълиҳо,
Шайъан каъархо шафати-с-соъим.
Тақулу ҳозо маъаҳу маййитун ,
Ва иннаморруқяту линноъим.*

*(**__Ламмо раъат…__: чун зан чизе сусттару фурӯафтодатар аз лаби рӯзадор дар пеши шавҳари хеш дид, мегӯяд: «Иин, ки бо ӯст, мурдаесту ҳамоно афсун баройи хуфта судманд тавонад буд (на баройи мурда!).*

* * *

Зан, к-аз бари мард беризо бархезад,
Бас фитнаву ҷанг аз он саро бархезад!
Пире, ки зи ҷойи хеш натвонад хост,
Илло ба асо, каяш асо** бархезад?!

*(**__Асо__–чӯбдастӣ, ба истиъора, нарра, афзори таносул).*

Филҷумла имкони мувофақат набуду ба муфорақат анҷомид. Чун муддати иддат баромад, ақди никоҳаш бастанд бо ҷавоне тунду турушрӯй, тиҳидасти бадхӯй; ҷавру ҷафо медиду ранҷу ано *(сахтӣ)* мекашид ва шукри ниъмати Ҳақ ҳамчунон мегуфт, ки алҳамдулиллоҳ, ки аз он азоби алим *(дарднок)* бираҳидаму бад-ин наъими муқим *(нозу ниъмати ҷовид)* бирасидам!

Бо ин ҳама ҷавру тундхӯйӣ,
Борат бикашам, ки хубрӯйӣ!

Маънойи байт: *Бо ин ҳама ҷафойи бисёру бадхулқие, ки ту дорӣ, ман нозу истиғноятро таҳаммул мекунам, зеро соҳибҷамолӣ!).*

* * *

Бо ту маро сӯхтан андар азоб**,
Биҳ, ки шудан бо дигаре дар Биҳишт.
Бӯйи пиёз аз даҳани хубрӯй
Нағзтар ояд, ки гул аз дасти зишт!

*(**Маънойи қитъа**: Ман бо ту дар оташи Дӯзах гудохтанам биҳтар аз он аст, ки бо дигаре ба Фирдавси барин равам; бӯйи пиёз аз даҳони зебо ба машом хуштар бошад, то он ки аз дасти нозебо бӯйи гул шамид.*

Байти дувуми ин қитъа *ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ҳикоят (3)

Миҳмони пире шудам дар Диёри Бакр***, ки моли фаровон дошту фарзанде хубрӯй.

*(***Диёри Бакр:** «Ноҳияе дар қисмати шимолийи Алҷазира, муштамил бар сарзаминҳойи тарафайни рӯди Даҷла ... Номаш ба муносабати қабилайи Бакр ибни Воъил аст, ки дар қарни аввали ҳ. қ. ба ин ноҳия муҳоҷарат карданд» («Доиратулмаъорифи форсӣ»).*

Шабе ҳикоят кард: «Маро ба умри хеш ба ҷуз ин фарзанд набудааст. Дарахте дар ин водӣ зиёратгоҳ аст, ки мардумон ба ҳоҷат хостан он ҷо раванд. Шабҳойи дароз дар он пойи дарахт бар Ҳақ бинолидаам, то маро ин фарзанд бахшидааст».

*(**Дарахте… зиёратгоҳ аст**–Хатиби Раҳбар, бо такя бар «Мунтаҳ-ал-араб», дар ҳошияи ин ҷумла навишта, ки «дар миёни ақвоми куҳан парастиши дарахт ё дарахтро муқаддас шумурдан аз одоби мазҳабӣ будааст, чунонки дар ҷоҳилият «**уззо**» дарахте буд, ки қавми **ғатфон** онро мепарастиданд ва Паёмбари ислом фармуд, то онро сӯхтанд». Муҳаммади Ғиёсуддин низ онро муаннаси «аъаззза» ва номи бут хондааст ва навишта, ки «дарахте буд, ки араб онро мепарастиданд. Ба ҳукми Пайғамбар, саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллама, Холид ибни Валид онро бисӯхт» («Ғиёс-ул-луғот», 2, с. 65). Аммо Муҳҳаммади Муъин **уззо**-ро на дарахт, балки буте мешуморад ва фармуда, ки «**Уззо**–яке аз ду бути маъруфи тоифаи Қурайш (араб) дар аҳди ҷоҳилият ва дигаре Лот ном дошта ва аъроби бутпараст онҳоро духтарони Худо медонистанд». Ба ҳар тартиб, «**Уззо**»–исми хос, номи бут ё номи дарахте, ки аъроб онро чун бут мепарастиданд).*

Шунидам, ки писар бо рафиқон оҳиста ҳамегуфт:

– Чӣ будӣ, гар ман он дарахт бидонистамӣ куҷост, то дуъо кардамию падарам бимурдӣ! Хоҷа шодикунон, ки писарам оқил аст ва писар таънакунон, ки падарам фартут.

*(**Маънойи ҷумлаҳо**: Худойгон (мурод–падар) бо хушҳолӣ мегуфт: «Фарзандам хирадманд аст», вале фарзанд сарзанишкунон мегуфт: «Падарам хараф (камақл)-е солхӯрда!).*

Солҳо бар ту бигзарад, ки гузор
Накӯнӣ сӯйи турбати падарат.
Ту ба ҷойи** падар чӣ кардӣ хайр,
То ҳамон чашм дорӣ аз писарат?!

*(**Ба ҷойи**–дар борайи, дар ҳаққи, баройи.*

***Маънойи қитъа**: Солиёни дароз аз умр хоҳад гузашту ту ба хоки падар қадам нахоҳӣ гузошт. Ту дар ҳаққи падар чӣ некӣ кардӣ, ки он некиро аз фарзанди худ интизор мебарӣ?! Истифҳоми маҷозан муфиди нафй, яъне, некиву иҳсоне накардӣ, пас таваққуъи хубӣ мадор!).*

Ҳикоят (4)

Рӯзе ба ғурури ҷавонӣ сахт ронда будаму шабонгоҳ ба пойи гарива (*талу пушта*)-е суст монда *(**рӯзе ба фиребу ҷаҳли барнойӣ*

ба шитоб рафта ва шабҳангом дар канори пуштае баланд фурӯ монда будам). Пирмарде заъиф аз паси корвон ҳамеомад ва гуфт:

– Чӣ нишинӣ, ки на ҷойи хуфтан аст?

Гуфтам:

– Чун равам, ки на пойи рафтан аст?

*(**Маънойи чанд ҷумла:** Пирамард гуфтам: «Чӣ нишастаӣ, ин ҷойи хобидан, ки нест?!»*

Гуфтамаш, ки «Қабул, аммо пойи рафтанам нест!»).

Гуфт:

– Ин нашунидӣ, ки соҳибдилон гуфтаанд: «Рафтану нишастан биҳ, ки давидану гусастан» *(**соҳибназарон бар онанд, ки рондану даме осудан биҳтар аз шитофтану нафас гирифтан аст).*

Ай, ки муштоқи манзилӣ, машитоб,
Панди ман кор банду сабр омӯз!
Асби тозӣ дутак** равад ба шитоб
В-уштур оҳиста меравад шабу рӯз!

(***Дутак** (дар баъзе аз нусах–дутаг –О. Ш.)–дугоми тунд. Так–бисёр тунд ба роҳ рафтан; давидан.*

***Маънойи қитъа**: **Ай он, ки орзуманди расидан ба сарманзил бошӣ, тунд мапӯй, андарзи ман бишнаву ба шикебойӣ кӯш! Аспи тозӣ дупӯя шитобон мераваду мемонад, вале шутур нарм-нарм шабонрӯзон роҳ мепаймояд!*

****Ин қитъа** ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ҳикоят (5)

Ҷавоне чуст, латиф, хандон, ширинзабон дар ҳалқайи ишрати мо буд, ки дар дилаш аз ҳич навъе ғам наёмадию лаб аз ханда фароҳам.

*(**Маънойи се ҷумла**: Ҷавони чобуку нуктасанҷу мутабассиму хушгӯй дар анҷумани айши мо буд, ки дар хотири вай ҳич андӯҳ роҳ надошт ва даҳонаш аз ханда баста намешуд).*

Рӯзгоре баромад, ки иттифоқи мулоқот наюфтод. Баъд аз он дидамаш зан х(в)оставу фарзандон хоста ва бехи нишоташ бурида*(ришгайи ниҳоли хушдилияш қатъ гардида)*-ву гули ҳавас пажмурида *(баҳори орзу зард шуда)*. Пурсидамаш:

– Чӣ гунайиву чӣ ҳолат аст?

Гуфт:

– То кӯдакон биёвардам, дигар кӯдакӣ накардам *(чун фарзанддор шудам, аз он гоҳ боз нишоти кӯдакона накардам)*.

Мозоссибо* вашшайбу ғайяра лимматӣ,
Ва кафо битағйириззамони назиро.

*(****Мозоссибо…:*** *кӯдакӣ кардан чист (ба чӣ кор меояд), дар ҳоле, ки пирӣ ранги мӯйи буногӯши маро дигаргун карда; ва тағйири рӯзгор баройи бим додани одамӣ кофист!*

Ин байт *ҷузъи яке аз ашъори арабийи Саъдист.*

Тавзеҳи доктор Хатиби Раҳбар: *Инак, ки пирӣ ранги мӯйи буногӯши маро дигаргун кард, ҷавонӣ кардан чист ва чӣ ҷойи он асту бим додан; одамиро гашти рӯзгор бас аст!).*

* * *

Чун пир шудӣ, зи кӯдакӣ даст бидор,
Бозию зарофат ба ҷавонон бигузор!

*(*****Маънойи байт:*** *Чун солхӯрдаву фартут гаштӣ, нишоти кӯдакӣ бигзору лаҳву лаъабу хуштабъӣ ба ҷавонон раҳо кун!*

**Мазмуни сухан ёдовари абёти зер аст:*

Назебад маро бо ҷавонон чамид,
Ки бар оразам субҳи пирӣ дамид!

(«Бӯстон», б. 3596).

Чун бӯқ задан бошад дар вақти ҳазимат,
Марде, ки ҷавонӣ кунад андар гаҳи пирӣ!

(«Қобуснома»).

* * *

Тараби навҷавон зи пир мачӯй,
Ки дигар н-ояд оби рафта ба ҷӯй!
Заррро чун расид вақти дарав,
Нахиромад, чунонки сабзайи нав!**

*(****Н-ояд оби рафта ба ҷӯй:*** *«оби рафта ба ҷӯй бознаёмадан» тамсилест баройи бознагаштани он чӣ гузаштаву аз даст рафтааст.*

******Маънойи абёт****: Шодийи барнойӣ аз пири фартут маталаб,*

ки об чун аз ҷӯй гузашт, бидон, бознагардад (нишоти аздаст-рафтайи ҷавонӣ пиронасар бознаёяд); чун гоҳи дурудан (дарав кардан–О. Ш.)-и кишта фаро расад, дигар боло нагираду монанди сабзаҳойи тару тоза ба нишот наҷунбад!).

* * *

Даври ҷавонӣ бишуд аз дасти ман,
Оҳу дареғ он замани* дилфурӯз.
Қуввати сарпанҷайи шерӣ гузашт,
Розиям акнун ба панире чу юз*.
Пирзане мӯй сияҳ карда буд,
Гуфтамаш, ай момаки** деринарӯз,
Мӯй ба талбис* сияҳ карда гир,
Рост нахоҳад шудан ин пушти кӯз!**

*(**Замани дилафрӯз:** рӯзгори дилкушо (шодибахш).*

****Панир, юз:** юзпаланг ҷонварест шабеҳи паланг ва кӯчактар аз он, ки чун зуд аҳлӣ мешавад, дар қадим онро баройи шикори оҳуву гавазн тарбият мекарданд. Юз ба дӯст доштани паниру пурхобӣ масал аст. Саъдӣ дар «Бӯстон» (б. 1350) низ гуфтааст:*

Бар он мард кунд аст дандони юз,
Ки молад забон бар панираш ду рӯз!

***Мафҳуми мисраъи** «Гулистон» ин аст, ки дигар монанди шер нестам, ки тавоноийи шикор дошта бошам, балки мисли юз ба андак чизе, ки аз дасти ину он насибам шавад, розиям.*

***Момаки деринарӯз:** модари солхӯрда.*

***Талбис:** найранг сохтан, пинҳон кардани ҳақиқат.*

***Маънойи мисраъ** ин аст: Ангор, мӯйи худро бо найрангу чорагарӣ сиёҳранг кардӣ!*

Абутоҳири Хусравонӣ низ гуфтааст:

Аҷаб ояд маро аз мардуми пир,
Ки ҳаме мӯйи худ хизоб кунанд.
Ба хизоб аз аҷал ҳаменараҳанд,
Хештанро ҳаме азоб кунанд!
(Нақл аз «На шарқӣ, на ғарбӣ…», с. 220.

*****Кӯз:** кӯж, хамида, дуто.*

***Маънойи қитъа**: Рӯзгори ҷавонӣ аз дастам бирафт, баргу-зашт он айёми дилафрӯзи шодибахш, акнун афсӯс мехурам! Не-*

руйи чанги ҳижабронайи ман сипарӣ шуд, инак чун ҷонвари шикорӣ ба тиккае панир қониъам. Зане фартут мӯй хизоб карда буд, бо вай гуфтам: «Ай модари куҳансол, ангор, ки мӯй ба найрангу чора сиёҳ кардӣ, бо хамидагийи пушт чӣ кунӣ, ки истиқомат (ростиву пойдорӣ–О. Ш.) нахоҳад ёфт?!»).

Ҳикоят (6)

Вақте ба ҷаҳли ҷавонӣ бонг бар модар задам. Дилозурда ба кунҷе нишасту гирён ҳамегуфт:

– Магар хурдӣ фаромӯш кардӣ, ки дуруштӣ мекунӣ?!

Чӣ хуш гуфт золе ба фарзанди хеш,
Чу дидаш палангафкану пилтан.
«Гар аз аҳди хурдит ёд омадӣ,
Ки бечора будӣ дар оғӯши ман.
Накардӣ дар ин рӯз бар ман ҷафо,
Ки ту шермардию ман пирзан!»**

*(*****Маънойи қитъа****: Пирзане чун писарро палангшикору пилпайкар (=далеру разманда) ёфт, гуфт: «Агар аз рӯзгори кӯдакӣ он гоҳ ки дар канори ман нотавон будӣ, ёд мекардӣ, ин замон, ки ту шерзӯривува ман фартут, ҳаргиз бемеҳриву ситам бар ман раво намедоштӣ!).*

Ҳикоят (7)

Тавонгаре бахилро писаре ранҷур буд. Некхоҳон гуфтандаш:

– Маслаҳат он аст, ки хатми Қуръоне кунӣ *(як бор Қуръонро аз оғоз то поён баройи шифойи ранҷур бихонӣ)* аз баҳри вай ё базли қурбонӣ**.

*(*****Базли қурбонӣ:*** *назири хатми Қуръоне.* ***Қурбонӣ базл кунӣ****–шутур ё гӯсфанде садақаро забҳ карда, ба бенавоён диҳӣ.* ***Қурбон****–дар форсӣ бештар ба маънойи забҳу фидо; дар арабӣ ба маънойи он чӣ бад-он тақарруб ба Худо ҷӯянд).*

Лахт *(андак)*-е ба андеша фурӯ рафту гуфт:

– Мусҳафи маҳҷур** авлотар аст, ки галлайи дур!

*(*****Мусҳафи маҳҷур…:*** *Қуръони матрук (вогузошташуда–О. Ш.); низ нг. ба ҳикояти ҳафти боби дувум, тавзеҳи «мусҳаф»).*

Соҳибдиле бишуниду гуфт:

– Хатмаш* ба иллати он ихтиёр омад, ки Қуръон бар сари забон асту зар дар миёни ҷон!

*(****Хатмаш ба иллати он…:*** *хатми Қуръонро ба он сабаб баргузид, ки хондани он кори забон аст ва зар (баҳойи гӯсфанди қурбонӣ) ба ҷони ӯ баста аст!).*

Дареғо гардани тоъат ниҳодан,
Гараш ҳамроҳ будӣ дасти додан!
Ба диноре чу хар дар гил бимонанд,
Вар «алҳамд»-е бихоҳӣ, сад бихонанд!**

*(*****Маънойи абёт****: Сар ба ибодат бар хок судан агар бо дасти карам баркушодан ҳамзамон набошад, ҳайф аст (ҷойи басе афсӯс аст, ки сар ба ибодат бар хок соянду боре дасти карам барнакушоянд); ба ҳангоми як дуруст зар (як ашрафӣ, динор) бахшидан (аз хасисӣ) чун хар дар гил фурӯ мемонанд, вале агар аз онон як «Ал-ҳамд» (= сурайи Фотиҳа) талаб кунӣ, сад бор тиловат кунанд. Дар ин ҷо мурод аз сад хос нест, балки мақсуд таксир аст, монанди ҳазор дар ин байти Ҳофиз:*

З-остини табибон ҳазор хун бичакад,
Гарам ба таҷриба дасте ниҳанд бар дили реш!).

Ҳикоят (8)

Пирмардеро гуфтанд:

– Чиро зан накӯнӣ *(чиро издивоҷ накунӣ)*?

Гуфт:

– Бо пирзанонам айше набошад.

Гуфтанд:

– Ҷавоне бихоҳ, чу мукнат *(тавонойӣ)* дорӣ.

Гуфт:

– Маро, ки пирам, бо пирзанон улфат нест. Пас ӯро, ки ҷавон бошад, бо ман, ки пирам, чӣ дӯстӣ сурат бандад?

Пири ҳафтосала ҷавунӣ мекунад,
Ушғи муқрӣ ва хав бинӣ чиши равшт,

(Пири ҳафтосала…: (ки дар тавзеҳи он Баҳоуддини

Хуррамшоҳӣ гӯяд:) *«Ин байт ба гӯйиши маҳаллийи қадимийи шерозист. Шодравон Юсуфӣ ақволи чанд тан аз муҳаққиқонро бо ихтилофи қироъат ва маънойи ҳар як бадиққат нақл кардааст.*

Маънойи мисраъи аввал*: «Пири ҳафтодсола ҷавонӣ мекунад».*

Маънойи мисраъи дувум*: «Монанди ишқи муқрӣ (қуръономӯз)-и нобино ба чашми бино! «. Чун доварӣ дар борайи алфози ин байт душвор аст, лизо забти Фурӯғиро айнан ҳифз кардем ва дар як маврид аз нусхайи мусаҳҳаҳи марҳум Юсуфӣ нусха бадал додем».*

Тавзеҳи доктор Хатиби Раҳбар*: «Маънойи байтро чунин навиштаанд: «Пири ҳафтодсола ҷавонӣ мекунад, чунонки ишқи қуръономӯзи кӯрро ба чашми бино мебинӣ!»).*

Зӯр бояд на зар, ки бонуро
Газаре дӯсттар, ки даҳ ман гӯшт.

******Газар:*** *зардак (= ҳавиҷ); истиъора аз афзори таносул.*

*******Шайхи аҷалл*** *аз сари танз, бар хилофи назари пешинаш, ки гуфтааст: «Ҷаве зар биҳтар аз ҳафтод ман зӯр» ё «зӯри даҳмарда чӣ орӣ, зари якмарда биёр», мегӯяд, ки гоҳ ҳаст ва дар масоиле, ки афтаду донӣ, ки зӯр аз зар ва ҳавиҷе (сабзӣ) аз даҳ ман гӯшт биҳтару муҳимматар аст!).*

Ҳикоят (9)

Шунидаам, ки дар ин рӯзҳо куҳанпире
Хаёл баст ба пиронасар, ки гирад ҷуфт.
Бихост духтараке хубрӯй, Гавҳар ном,
Чу дурҷи гавҳараш аз чашми мардумон бинҳуфт.
Чунонки расми арӯсӣ бувад, тамошо** буд,
Вале ба ҳамлайи аввал асойи шайх бихуфт!

*(*****Тамошо:*** *дар форсӣ ба маънойи тафарруҷу дидори муштоқона, дидани ба шавқ ва аз «тамошӣ»-и масдари боби тафъали арабӣ, ба маънойи бо ҳам рафтан, маъхуз аст, ки ба тасарруфи форсиёна ҳарфи охири онро бо алиф бадал кардаанд ва бар ин қиёс аст «тақозо»-ву «тавалло». **Тамошо буд**–домод ба назорайи арӯс рафт ва ба мазоҳу хуштабъӣ пардохт. Ҳофиз фармояд:*

Дидамаш хурраму хандон қадаҳи бода ба даст,
В-андар он ойина сад гуна тамошо мекард!).

Камон кашиду назад бар ҳадаф, ки натвон дӯхт,
Магар ба хомайи фӯлод ҷомайи ҳангуфт.!
Ба дӯстон гила оғоз карду ҳуҷҷат сохт,
Ки хонумони ман ин шӯхдида** пок бирӯфт!

*(**__Шӯхдида:__ густохи бешарм.*

***Маънойи байт**: Ба ёрон шиква бурду маҳзар сохт, ки хонаву кошонайи маро ин густохи бешарм якбора ғорат карду ба тороҷ дод!).*

Миёни шавҳару зан ҷангу фитна хост чунон,

Ки сар ба шаҳнаву қозӣ кашиду Саъдӣ гуфт:
«Пас аз халофату** шунъат* гуноҳи духтар нест
Туро, ки даст биларзад, гуҳар чӣ донӣ* суфт?!

*(**__Халофат:__ ба маънойи аҳмақ шудан; ба назар мерасад, ки ин калима мусаҳҳафи «ҷалофат» бошад ва «ҷалофат» ба маънойи дуруштхӯйиву гӯлӣ.*

**Ин калима (__халофат__)-ро дар ин ҷо ба фатҳи аввал донистаанд, ба маънойи аҳмақӣ. Ҳадс задаанд, шояд мусаҳҳафи «ҷалофат» бошад, ба маънойи тиҳимағзӣ, ҳамоқат, сабукӣ, дуруштхӯйӣ (доктор Хатиби Раҳбар). Назари дигар он, ки «халофат» дар ин ҷо ба маънойи «ихтилоф» ба кор рафтааст, аммо ин калима ба ин маънӣ дар арабӣ маъмул нест ва аз тасарруфоти форсизабонон аст. Дар арабӣ ба ҷойи он «хилоф, мухолафат» гӯянд (доктор Хазойилӣ, «Шарҳи «Гулистон», с. 579; доктор Амин Абду-л-Маҷиди Бадавӣ, «Ҳуҷҷату-л-вард», 2/250). Ба гумони банда, назари ахир муносиб менамояд ва бо маънойи калимайи баъд (шунъат) ва ҷараёни ҳикоят созгор аст; дар айни ҳол «ҷалофат» ҳадси биҳтарест.*

***__Пас аз халофату…:__ роқими ин сутур (яъне, нависандайи ин сатрҳо) забти ҳозирро нохоно ва фоқиди маънӣ медонад ва муътақид аст, асли дурусти ин мисраъ чунин аст: «Бас аз ҷалофату шунъат, гуноҳи духтар нест». Яъне, ҷалофату шунъат бас аст; Даст аз дуруштхӯйиву ҷилфӣ ва доду қол бардоред, духтар гуноҳе надорад!*

**__Шунъат:__ зиштӣ, бадӣ, русвойӣ, таъна задан, сарзаниш кардан, зиштгӯйӣ. Дар ин ҷо ба маънойи «русвойӣ» муносибтар аст.*

**__Гуҳар чӣ донӣ суфт?!:__ чӣ гуна гуҳар (ҷавоҳир)-ро сӯрох*

тавонӣ кард? Суфтан: сӯрох кардани марворид ва амсоли он баройи ба ришта (шадда) кашидан.

Ҷумлайи ахир *дар байт иҳоме дорад бо тавақҳуҳ ба номи духтар–Гаҳвар).*

* * *

Суди дарё нек будӣ, гар набудӣ бими мавҷ,
Суҳбати гул хуш будӣ, гар нестӣ ташвиши хор!
Дӯш чун товус менозидам андар боғи васл,
Дигар имрӯз аз фироқи ёр мепечам чу мор!

Боби ҳафтум

Дар таъсири тарбият

Ҳикоят (1)

Якеро аз вузаро писаре кавдан*(гӯл, камхирад)* буд. Пеши яке аз донишмандон фиристод, ки мар инро тарбияте мекун, магар, ки оқил шавад. Рӯзгоре таълим кардашу муъассир*(таъсиргузор, фоидабахш)* набуд. Пеши падараш кас фиристод, ки ин оқил намебошаду** маро девона кард.

*(**__Намебошад__–ба маънойи намешавад ба кор рафта.*

***Маънойи ҷумлаҳо**: Ин писар гӯл асту ҳушёр нахоҳад шуд ва кори маро ҳам ба ҷунун кашонд–бесамр гардонд!).*

Чун бувад асли гавҳаре қобил,
Тарбиятро дар ӯ асар бошад!
Ҳеч сайқал накӯ надонад кард,
Оҳанеро, ки бадгуҳар бошад!
Саг ба дарёйи* ҳафтгона бишӯй,
Ки чу тар шуд, палидтар бошад!
Хари** Исо гараш ба Макка** баранд,
Чун биёяд, ҳанӯз хар бошад*!

*(**__Дарёйи ҳафтгона:__ дар қадим, аз пеш аз ислом, ақвоми мухталиф, аз ҷумла, арабҳо ва ҳиндувон, ҳафт дарё бар рӯйи замин мешинохтанд ва онҳо иборат буданд аз: дарёйи Ахзар, дарёйи Уммон, дарёйи Қулзум (баҳри Аҳмар), дарёйи Уқёнус, дарёйи Қустантания (Баҳруррум), дарёйи Асвад. Баъзе низ дарёйи Чин, дарёйи Мағриб, дарёйи Рум, дарёйи Набтас, дарёйи Табария, дарёйи Ҷурҷон ва дарёйи Хоразмро ном бурдаанд. Дар адабиёти форсӣ аз ҳафт дарё, ҳафт об ва ҳафт баҳр бисёр ёд шудааст («Фарҳанги форсӣ»). Дар Қуръони Карим, ояи 27 аз сурайи Луқмон(31), «сабъату абҳур» омадааст.*

Саъдӣ назири мазмуни ин байтро дар ҷое дигар ҳам овардааст:

Наҷас ар пираҳани Шибливу Маъруф бипӯшад,
Ҳама донанд, ки аз саг натавон шуст палидӣ!
(«Мавоъиз», 190)

Дар забони арабӣ масалест: «Анҷасу мо йакунулкалбу изағтусила» («Маҷмаъ-ул-амсол», 2/414; «Ал-Мутанаббӣ ва Саъдӣ», с. 139)–«Сагро ҳар гоҳ бишӯянд, наҷастар шавад».)

******Дарёйи ҳафтгона:*** *ҳафт муҳит ва ҳафт дарёро низ гӯянд, ки дарёйи Чин, дарёйи Мағриб, дарёйи Рум, баҳри Набташ, баҳри Табарийя, баҳри Ҷурҷон ва баҳри Хоразм бошад («Бурҳони қотиъ»).*

******Хари Исо:*** *харе, ки Ҳазрати Исойи Масеҳ бар он савор мешуду ба сафар мерафт.*

******Макка:*** *курсинишин (= пойтахт)-и Ҳиҷоз, хонайи Худо, Байтуллоҳ.*

******Маънойи қитъа****: Он гоҳ ки касе ба ниҳоду сиришти шойиста бошад, таълим пазирад ва тарбият дар вай коргар афтад; ҳеч зудоянда оҳанеро, ки бечавҳар аст, ислоҳ натавонад кард; саги палидро агар хоҳӣ дар Ҳафт дарё бишӯйӣ, вале бидон, ки чун ба об оғушта шавад, наҷастар бошад. Хари Исоро ба зиёрати Хонайи Худо ҳам бибаранд, дидори Каъба дар вай асар набахшад ва ҳамчунон кавдан бимонад; ба киноя, мурод он аст, ки тарбияту таълим дар бехирадон таъсир надорад ва табиъати номустаъидди ононро дигаргун насозад!*

*******Байти*** *охир (ва, то ҳудуде, байти қабл аз он) ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ҳикоят (2)

Ҳакиме писаронро панд ҳамедод, ки ҷонони падар, ҳунар омӯзед, ки мулку давлати дунё иътимодро нашояд ва симу зар дар сафар бар маҳалли хатар аст: ё дузд ба як бор бибарад, ё хоҷа ба тафориқ бихурад! Аммо ҳунар чашмайи зоянда асту давлати поянда! Вагар ҳунарманд аз давлат бияфтад, ғам набошад, ки ҳунар дар нафси худ давлат аст! Ҳар ҷо, ки равад, қадр бинаду дар садр нишинад* ва беҳунар луқма чинаду сахтӣ бинад**.

*(*****Маънойи ҷумлаҳо****: Дирҳаму динор дар мусофарат дар маъразии нобудист: ё раҳзан яксара ба тороҷ барад ё худованди мол андак-андак талаф кунад! Вале ҳирфаву кор обест, ки пайваста афзояд ва хостаест, ки ҳамеша пояд; агар соҳибҳунар аз мол*

тиҳидаст гардад, боке нест, чи фазилат ба зоти худ сарвату мукнат аст ва аҳли ҳунар ба ҳар ҷо рӯй кунад, эҳтирому мақом ёбад, вайро дар пешгоҳ нишонанд, вале он, ки отилу ботил аст, ба дарюза порайи ноне фароҳам орад ва миҳнат барад.).

* * *

Сахт аст пас аз ҷоҳ таҳаккум бурдан,
Хӯ карда баноз**, ҷаври мардум бурдан!

*(*****Хӯ карда баноз:*** *ба ноз хӯгир шуда ё ба ноз парварда.*

******Маънойи байт:*** *Пас аз ҳукмравойиву ситам бар зердастон фармони забардастон бурдан ва ба ситами онон хӯ кардан сахт душвор асту баъди ба бар нозпарвардӣ одат кардана бемеҳрӣ аз мардумон кашидан бисёр гарон!).*

* * *

Вақте афтод фитнае дар Шом,
Ҳар кас аз гӯшае фаро рафтанд.
Рустозодагони донишманд
Ба вазирийи подшо рафтанд.
Писарони вазири ноқисақл,
Ба гадойӣ ба русто рафтанд.

*(******Ду байти*** *охир ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ҳикоят (3)

Яке аз фузало таълими маликзодае ҳамедод ва зарби бемуҳобо*(бепарво)* задию заҷри беқиёс кардӣ**.

*(*****Маънойи се ҷумла****: Яке аз донишмандон ба шоҳзодае дониш меомӯхту вайро бепарво мезад ва беандоза меозурд).*

Боре писар аз бетоқатӣ шикоят пеши падар бурду ҷома аз тани дардманд бардошт. Падарро дил ба ҳам баромад. Устодро гуфт, ки писарони оҳоди раъийят *(афроди оммайи мардум)*-ро чандин ҷафову тавбих *(сарзаниш)* раво намедорӣ, ки фарзанди маро. Сабаб чист?

Гуфт:

– Сабаб он, ки сухан андешида бояд гуфт ва ҳаракати писандида (бояд) кардан ҳама халқро алалумум *(умуман)* ва подшоҳонро

алалхусус *(бавижа)*, ба мӯҷиби он, ки бар дасту забони эшон ҳар чӣ рафта шавад, ҳаройина ба афвоҳ бигӯянд ва қавлу феъли авомунносро чандон эътиборе набошад.

Агар сад нописанд ояд зи дарвеш,
Рафиқонаш яке аз сад надонанд.
Вагар як базла** гӯяд подшоҳе,
Аз иқлиме ба иқлиме расонанд!

*(**__Базла:__ сухани марғубу дилкаш, мутояба; ин калима форсист.*

Маънойи *қитъа: Агар сад кори зишт (феъли накӯҳида) аз фақире сар занад ёрон бар яке аз сад ношойисти вай огоҳӣ наёбанд; вале чун шоҳе як шӯхӣ кунад ё сухани мутоябатомез гӯяд, онро аз бахше аз ҷаҳон ба бахши дигар баранду бозгӯянд!).*

Пас, воҷиб омад муъаллими подшаҳзодаро дар таҳзиб *(пиростан, покиза кардан)*-и ахлоқи худовандзодагон–анбатаҳумуллоҳу наботан ҳасанан**–иҷтиҳод аз он беш кардан, ки дар ҳаққи авом.**

*(*__Анбатаҳумуллоҳу…:__ Худованд ононро ба тарбияте некӯ парвариш диҳод! Муқтабас аст аз ояи 37 сурайи Оли Имрон(3) дар борайи Марям(а):*

وَأَنبَتَهَا نَبَاتًا حَسَنًا

***__Маънойи чанд ҷумла:__ Пас, бояд омӯзгори маликзода дар пиростани хӯйи шоҳзодагон, ки Худованд ниҳоли вуҷуди ононро нек бирӯёнаду бипарварад, беш аз фарзандони сойири мардум бикӯшад).*

Ҳар кӣ дар хурдияш адаб накунанд,
Дар бузургӣ фалоҳ** аз ӯ бархост.
Чӯби тарро, чунонки хоҳӣ, печ,
Нашавад хушк ҷуз ба оташ рост!

*(*__Фалоҳ:__ растагорӣ.*

Маънойи мисраъ*: Дар бузургсолӣ растагорӣ аз ӯ дур шуд, аз растагорӣ бебаҳра гашт.*

__Чӯби тарро…:__ шохайи тару тозаро ҳар тавре мехоҳӣ, печу хам тавонӣ дод , аммо чун хушк шуд, ҷуз ба оташ рост нашавад; мақсуд он, ки дигар рост намешавад ва ба дарди сӯхтан мехурад. Абушакури Балхӣ ҳамин маъноро чунин гуфтааст:

Ба ҳангоми барноию кӯдакӣ
Ба дониш тавон ёфтан зиракӣ!
Дарахте, ки хурдак бувад, боғбон
Бигардонад ӯро, чу хоҳад, чунон!
Чу гардад калон, боз натвонадаш,
Ки аз кажживу хам бигардонадаш!

Дар форсӣ масалест: «То ниҳол тар аст, бояд рост кард» («Амсолу ҳикам», 1/530). Назири ин мазмунро дар ашъори арабӣ низ метавон дид).

Маликро ҳусни тадбири фақиҳу тақрири ҷавоби ӯ мувофиқи раъй омад, хилъату ниъмат бахшиду пояи мансаб баланд гардонид *(**дурустандешӣ ва некпосухийи донойи омӯзгори доно ба гӯши шоҳ писандида омад ва ниъмату молаш доду мартабаву пойгоҳаш баркашид)*.

Ҳикоят (4)

Муъаллими куттоб *(мактаб)*-е дидам дар диёри Мағриб** туршрӯй, талхгуфтор, бадхӯй, мардумозор, гадотабъ, нопарҳезгор, ки айши мусалмонон** ба дидани ӯ табаҳ гаштию хондани Қуръонаш дили мардум сияҳ кардӣ!

*(*****Диёри Мағриб:*** *сарзамини шимоли Африқо, бавижа, Марокашу Тунис ва Алҷазойиру Таробулуси Ғарб.*

******Айши мусалмонон:*** *зиндагийи хуши мардуми мусалмон. Мусалмон–касе, ки фармонҳойи шаръи исломро дуруст ба кор бандад; «мусалмон» ҷамъи форсийи «муслим» аст ва «муслим» исми фоъил аз «ислом», ки масдари боби афъол аст; дар сиёқи форсӣ «мусалмон»-ро ба замми аввал ва фатҳи дувум ва сукуни савум талаффуз карда ва онро муфрад ба шумор оварда ва дубора ҷамъ бастаанд; «мусалмон» гоҳ ба сурати сифат ҳам ба кор меравад.*

******Маънойи ҷумла:*** *Хушдиливу нишоти мардуми мусалмон ба дидораш завол меёфт ва Қуръонхонийи вай хотири мардум мукаддар (тира) ва аз имон безор мекард).*

Ҷамъе писарони покизаву духтарони дӯшиза ба дасти ҷафойи ӯ гирифтор. На заҳрайи ханда ва на ёройи гуфтор. Гаҳ орази симини якеро тапанча задӣ ва гаҳ соқи булӯрини дигаре шиканҷа** кардӣ.

*(*****Тапанча*** *(бо «итқӣ»–О. Ш.)–ба маънойи латма; саҳеҳи он*

тапанча ё тапонча аст ба «то»-и манқут. Гумон меравад «тапанча» дар асл таркиби изофийи ба сурати «таҳи панҷа» будааст, ки ба сурати исми мураккаб даромада ва ба тахфиф «тапанча» хондаанду навиштаанд.

******Шиканҷа кардӣ:*** *меозурдӣ. Вале дар ин ҷо мурод гирифтани узве бошад ба сари нохун ва фишурдани он, чунонки ба дард ояд.* ***Шикунҷ*** *гирифтани узве бошад ба сари нохун, чунонки ба дард ояд («Бурҳони қотиъ»).*

Алқисса, шунидам, ки тарафе аз хабосати нафси ӯ маълум карданду бизаданду биронданд *(**сухан кӯтоҳ, ба гӯшам расид, ки мардум бар андаке аз палидсириштиҳойи вай огоҳ шуданду ба зарбу зарҷр аз он ҷойгаҳ дураш карданд)* ва мактаби ӯро ба муслиҳ *(некӯкор)*-е доданд порсойи салим, некмарди ҳалим, ки сухан ҷуз ба ҳукми зарурат нагуфтию мӯҷиби озори кас бар забонаш нарафтӣ. Кӯдаконро ҳайбати устоди нахустин аз сар бирафт ва муъаллими дувуминро ахлоқи малакӣ диданду як-як дев шуданд *ваҳшиманиш гардиданд)*; ба иътимоди ҳилм *(бурдборӣ)*-и ӯ тарки илм доданд. Ағлаби авқот ба бозича фароҳам нишастандиву лавҳи дурустнокарда дар сари ҳам шикастандӣ.

*(*****Маънойи чанд ҷумла:*** *Маниши омӯзгори дувумро фаришташаш ёфтанд ва ягон-ягон аҳриманхӯй шуданду ба иттикойи бурдборияш аз донишомӯзӣ даст бардоштанд ва бештари соъатҳо ба бозӣ гирд меомаданду тахтайи машқи тамом нонавишта бар сару мағзи ҳам мекӯфтанд).*

Устоди муъаллим чу бувад беозор,
Хирсак** бозанд кӯдакон дар бозор!*

*(****Устоди муъаллим:*** *устоди омӯзгор, таълимкунанда, муъаллим.*

******Хирсак:*** *мураккаб аз хирс + ак (пасванди нисбат). Навъе аз бозӣ ва ончунон бошад, ки хатте бикашанд ва шахс дар миёни хат биистаду дигарон оянду ӯро зананд ва ӯ пойи худро ба ҷониби эшон афшонад. Ба ҳар касе, ки пойи ӯ бихурад, ӯро ба даруни хат ба ҷойи худ оварад… («Бурҳони қотиъ»).* ***Маънойи*** *байт: Устод, яъне, омӯзгор агар камозору салим бошад, тифлони мактабӣ бар сари бозор ба хирсакбозӣ мепардозанд.*

*******Ин байт*** *ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Баъд аз ду ҳафта бар он масҷид гузар кардам. Муъаллими аввалинро дидам, ки дил хуш карда буданду ба ҷойи хеш оварда. Инсоф биранҷидаму лоҳавл** гуфтам, ки иблисро* муъаллими малоика дигар чиро карданд! Пирмарде зарифи ҷаҳондида гуфт:

*(**__Ло ҳавл:__ мурод «ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳи»-ст, ки ҳангоми шигифтиву душвориву бало бар забон ронанд ва дар форсӣ аз шумори асвот аст низ ниг. ба ҳикояти 2, боби чаҳор).*

__Иблис:__ муъарраби __diabolos__-и юнонӣ: дурӯғгӯ, суханчин;шайтон, аҳриман).

Подшоҳе писар ба мактаб дод,
Лавҳи симинш** бар канор ниҳод.
Бар сари лавҳи ӯ набишта ба зар:
«Ҷаври устод* биҳ зи меҳри падар!»

(**__Лавҳи симин:__ тахтайи машқи нуқрайӣ.*

**__Ҷаври устод беҳ…:__ дар «Қобуснома» низ мехонем: «агар муъаллимон аз баҳри таълим мар ӯ (фарзанд)-ро бизананд, шафақат мабар (ҷониби фарзандро магир)!».*

Мисраъи охир ҳукми масали сойир пайдо кардааст).

Ҳикоят (5)

Порсозодаеро ниъмати бекарон аз таракайи аммон** ба даст афтод. Фисқу** фуҷур оғоз карду мубаззирӣ пеша гирифт.

*(**__Таракайи аммон:__ мерос (= мурдарег)-и аъмом. __Аммон__–аму, бародари падар; ҷамъи максури ъамм–аъмом.*

***__Фисқ:__ нофармонӣ, зинокорӣ; фармонҳойи Худоро ба ҷой наёвардан.*

***__Фуҷур:__ табоҳкорӣ ва бефармонӣ.*

***__Мубаззирӣ:__ парешон кардани мол ба исроф).*

Филҷумла намонд аз сойири маъосийи мункар *(кори зишт)*-е, ки накард ва мускир *(мастиовар)*-е, ки нахӯрд!* Боре ба насиҳаташ гуфтам:

– Ай фарзанд, дахл оби равон асту айш осиёйи гардон! Яъне, харҷи фаровон кардан мусаллам касеро бошад, ки дахли муъайян дорад!

Чу дахлат нест, харҷ оҳистатар кун,*
Ки мегӯянд маллоҳон суруде:
«Агар борон ба кӯҳистон наборад,
Ба соле Даҷла** гардад хушкрӯде!»*

*(**Даҷла: Арвандрӯд.*

***Маънойи қитъа**: Чун даромад надорӣ, камтар ҳазина кун, ки киштибонон гӯянд: «Агар дар кӯҳсор борону барф фурӯ наёяд, дар як сол аз рӯдхонайи паҳновари Даҷла ҷуз обраве хушк барҷой намонад!».*

***Ин ду байт** ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ақлу адаб пеш гиру лаҳву лаъаб бигузор, ки чун ниъмат сипарӣ шавад, сахтӣ барию пушаймонӣ хурӣ!

*(**Лаҳв**–бозӣ, беҳудакорӣ. Лаъаб–бозиву шӯхӣ).*

Писар аз лаззати ною нӯш *(аз хушийи навойи наю бонги нӯшонӯши мастона)* ин сухан дар гӯш наёвард ва бар қавли ман эътироз карду гуфт:

– Роҳати оҷил ба ташвиши миҳнати оҷил мунаққас** кардан хилофи раъйи хирадманд аст!

*(**Роҳати оҷил: осойиши нақду зудгузар ё осойиши ин ҷаҳон; оҷил–бемуҳлат, зудгузар, ин ҷаҳон.*

***Миҳнати оҷил:** ранҷи оянда ё азоби он ҷаҳон. Оҷил–он ҷаҳон ва ҳар чӣ бо муддат бошад.*

***Мунаққас кардан:** ногувор гардонидан, тираву табоҳ кардан. **Маънойи** ҷумла: Осойиши нақди зиндагиро ба нигаронийи ранҷи оянда табоҳу ногувор гардонидан мухолифи назари доноён аст!).*

Худовандони кому некбахтӣ,
Чиро сахтӣ* хуранд аз бими сахтӣ?1
Бирав, шодӣ кун, ай ёри дилафрӯз,
Ғами фардо* нашояд хӯрд имрӯз!**

*(***Чиро сахтӣ хуранд…:** назири «Анносу мин хавфилфақри филфақри», яъне, «мардум аз тарси бенавойӣ дар бенавойӣ ба сар мебаранд» (Доктор Хазойилӣ, «Шарҳи «Гулистон», с. 612). **Сахтӣ хӯрдан**: сахтӣ кашидан.*

***Ғами фардо нашояд…:** дар «Наҳҷ-ул-балоға» омадааст: «Ё*

ибну Одама ало таҳмил ҳамма йавмика-л-лазӣ лам йатика ъало йавмикаллазӣ қад атока…» («Ал-Мутанаббӣ ва Саъдӣ», с. 108)– «Ай фарзанди Одам, андӯҳ (ризқ)-и он рӯзро, ки наёмадааст (фардо), дар рӯзе, ки ҳаройина бар ту фаро расидааст (имрӯз), мабар!».

******Маънойи қитъа****: Муродёфтагону саъодатмандон чиро аз тарси воҳӣйи (воҳӣ–бебунёд, куҳнаву пӯсида–О. Ш.) тангдастиву миҳнати оянда имрӯз дар зиндагӣ ранҷу сахтӣ кашанд?! Ай дӯст, ки чашми дил ба дидори ту равшан аст, бар он бош, ки пайваста хуш бошӣ, ки ба андешайи фардо имрӯз андӯҳгин мондан сазовору шойиста нест!).*

Факайфа** маро, ки дар садри** мурувват нишаста бошам ва ақди** футувват баставу зикри инъом дар афвоҳи авом афтода?

*(*****Факайфа маро:*** *пас, чӣ гуна бошад маро, яъне, то чӣ расад ба ман, ки ғами фардо хӯрам.*

******Садри мурувват:*** *пешгоҳи маҷлиси мардонагӣ.*

******Ақд****–паймон; футувват–ҷавонмардӣ.*

******Инъом:*** *ниъматбахшӣ*

Маънойи ҷумла*: То чӣ расад ба ман, ки дар пешгоҳи маҷлиси мардонагӣ ҷой гузидаам ва паймони ҷавонмардӣ устувор кардаву боди неки ниъматбахшийи маро мардум ҳама даҳан ба даҳан боз мегӯянд?!).*

Ҳар кӣ алам шуд ба сахову карам,
Банд нашояд, ки ниҳад бар дирам!
Номи накӯйӣ чу бурун шуд ба кӯй,
Дарнатавонӣ, ки бубандӣ ба рӯй!

*(*****Алам:*** *нишон, номе, ки мард ба вай маъруф бошад, дирафш.* ***Алам шуд****–номдору машҳур шуд.*

Маънойи абёт*: Ҳар касе ба родиву бахшандагӣ номдору машҳур шуд, шойиста ва сазовор нест, ки даст аз карам бидорад ва кисайи симу зарро сар накушояд. Чун ҳусни шуҳрати ту дар маҳаллату барзан (тоҷикон «кӯю барзан» гӯянд–О. Ш.) мунташир шуд, дигар дари сарой бар хоҳандагон фароз наёрӣ кардву имсок (ба маънойи бухлу хасисӣ–О. Ш.) натавонӣ гузид!).*

Дидам, ки насиҳат намепазираду дами гарми ман дар оҳани сарди ӯ асар намекунад*. Тарки муносаҳат гирифтаму рӯй аз

мусоҳабат бигардонидам ва қавли ҳукамо кор бастам**, ки гуфтаанд: «баллиғ** мо ъалайка фаин лам яқбалу мо ъалайка»*.

*(****Дами гарми ман дар оҳани сарди вай…:*** *нафаси гарми ман дар дили чун оҳан сахти вай таъсир намекунад. Назири ин мазмунро Саъдӣ дар ҷойҳойи дигар низ овардааст:*

Дарди дил бо сангдил гуфтан чӣ суд?!
Боди сарде медамад дар оҳанат!

(«Ғазалийёт»).

Ҳар он касам, ки насиҳат ҳамекунад ба сабурӣ,
Ба ҳарза боди ҳаво медамад бар оҳани сардам!

(«Ғазалийёт»).

Ба ҳикояти 19 боби дувуми китоби ҳозир (байти «Бо сияҳдил чӣ суд гуфтан ваъз...) низ нигаред. Дар арабӣ ҳам масалест: «Ҳайҳота тазрибу фӣ ҳадидин боридин» («Маҷмаъу-л-амсол», 2/451); яъне, «Баъид аст (афсӯс!), бар оҳани сард мекӯбӣ!». Сухани Саъдиро мутаъассир аз ҳамин масал донистаанд («Ал-Мутанаббӣ ва Саъдӣ», с.139–140).

*****«Баллиғ мо ъалайка…»:*** *Бирасон (иблоғ кун) он чӣ бар уҳдайи туст, агар напазируфтанд, бар ту эроде нест! Ёдовари қисмате аз ояи шарифа аст:*

يَا أَيُّهَا الرَّسُولُ بَلِّغْ مَا أُنزِلَ إِلَيْكَ مِن رَّبِّكَ

Сурайи Моъида(5), ояи 67: «Ай Пайғамбар, он чӣ аз Парвардгорат бар ту нозил шуда, ба мардум бирасон!». Низ ниг. ба поёни боби ҳаштум, ба тавзеҳи мисраъи «Бар расулон паём бошаду бас».

******Маънойи ҷумлаҳо****: Дарёфтам, ки андарз намениюшад ва сухани муъассири ман дар дили сахту суханнопазираш корғар намеуфтад, аз андарзгӯйӣ чашм пӯшидаму аз ҳамнишинӣ рӯй бартофтаму ройи доноёнро дар амал овардам).*

Гарчи донӣ, ки нашнаванд, бигӯй,
Ҳар чӣ донӣ зи некхоҳию панд!
Зуд бошад, ки хирасар бинӣ
Ба ду пой афтода андар банд!
Даст бар даст мезанад, ки, дареғ
Нашунидам ҳадиси донишманд!**

(Ин нукта мояи тавaҷҷуҳ аст, ки донишманди тоҷик Ӯктами Холиқназар, дар дастхати ин китоб, дар ҳошияи қитъаи мазбур, ишора кардааст, ки байти охири он ёдовари ояи 10-и сурайи Мулк(67) аст:

لَوْ كُنَّا نَسْمَعُ أَوْ نَعْقِلُ مَا كُنَّا فِي أَصْحَابِ السَّعِيرِ

Яъне (иқтибос аз «Кашф-ул-асрор») «Агар мо мешунидему онро дармеёфтем, мо аз дӯзахиён набудем».

***Маънойи** қитъа: **Ҳар насиҳату андарз, ки медонӣ, бар забон овар, ҳарчанд огоҳӣ, ки напазиранд. Зуд о, ки худкомаро дар занҷири бало баста ёбӣ, ки даст бар даст сояду гӯяд, афсӯс, ки сухани доноро наниюшидам!).*

То пас аз муддате он чӣ андешайи ман буд, аз накбат *(ранҷу сахтӣ)*-и ҳолаш ба сурат бидидам, ки пора-пора ба ҳам бармедӯхт ва луқма-луқма ҳамеандӯхт. Дилам аз заъфи ҳолаш ба ҳам баромад ва мурувват надидам дар чунон ҳоле реши дарунаш ба маломат харошидану намак пошидан**. Пас бо дили худ гуфтам:

*(*****Маънойи ҷумла**: Пас аз замоне ҳар чӣ дар хотирам аз бадбахтиву парешонҳолийи вай мегузашт, ба аён дар чиҳрааш бидидам, ки васла бар васла мезад (пораҳое пайдо кардаву дар ҷомайи даридайи хеш дарбеҳ мекард–О. Ш.) ва тикка-тикка нон ба дарюза гирд меовард. Хотирам аз бадҳоливу парешонрӯзгорийи вай малул шуд ва дар он вазъи сахт ҷароҳати бечораро дигарбора ба сарзаниш маҷруҳ кардану намак бар он ниҳодан хилофи мардонагӣ шумурдам).*

Ҳарифи сифла дар поёни мастӣ,
Наяндешад зи рӯзи тангдастӣ!
Дарахт андар баҳорон бар фишонад,
Зимистон, лоҷарам, бебарг монад.

(***Лоҷарам**–ногузир, ночор.*

******Маънойи қитъа**: Майгусор (надим)-и пастхӯй дар ниҳояти бехабариву сармастӣ аз айёми фақру тиҳидастӣ ёд наёраду парво надорад; чунонки дарахте, ки дар фасли баҳор бору бар нисор мекунад, ногузир дар рӯзгори зимистон бебаргу наво бошад (memonad).*

Ҳикоят (6)

Подшоҳе писареро ба адибе доду гуфт:

– Ин фарзанди туст, тарбияташ ҳамчунон кун, ки яке аз фарзандони хеш!

Адиб хидмат** карду мутақаббил шуд ва соле чанд бар ӯ саъй карду ба ҷое нарасид ва писарони адиб дар фазлу балоғат мунтаҳӣ шуданд**.

*(**__Хидмат кард:__ намоз бурду дасти бандагӣ бар сина ниҳод.*

Ба ҷое нарасид: *дар дониш пойгоҳе наёфт.*

***__Маънойи ҷумлайи ахир__**: Писарони адиб дар донишу сухандонӣ ба ниҳоят расиданд).*

Малик донишмандро муъохазат *(сарзаниш)* карду муъотабат *(итоб)* фармуд, ки ваъда хилоф кардиву вафо ба ҷо наёвардӣ!

Гуфт:

– Ба раъйи худованди рӯйи замин пӯшида намонад, ки тарбият яксон асту тибоъ *(сиришт̣о)* мухталиф!

Гарчи симу зар зи санг ояд ҳаме,
Дар ҳама санге набошад зарру сим!
Бар ҳама олам ҳаметобад Суҳайл*,
Ҷое анбон мекунад, ҷое адим!

(***__Бар ҳама олам…:__** ситорайи Суҳайл бар ҳама ҷаҳон баробар метобад, аммо аз партави ӯ як ҷо пӯст ба воситайи қобилийят адим (пӯсти хушбӯйи сурхранги даббоғишуда, чарми булғор) мешавад ва як ҷо чарме, ки аз он анбон (кисайи чармӣ) созанд. ***__Кудамо__** (қадимиён–О. Ш.) бар он буданд, ки ҳар гоҳ ситорайи Суҳайл битобад, бар меваҳову сангҳойи қимате ва ба пӯсти даббоғишуда асар мегузорад. (Суҳайл яксон метобад, вале як ҷо чарми хубу марғуб ба амал меоваради як ҷо чарми пасту сода) Яъне, ба ҳамаи шогирдон таълими ҳамгун дода шавад ҳам, яке оқил мешаваду дигаре ҷоҳил).*

Ҳикоят (7)

Якеро шунидам аз пирони мураббӣ, ки мурид *(ҳавохоҳ, пайрав)*-еро ҳамегуфт:

– Ай писар, чандонки таъаллуқи хотир *(дилбастагӣ)*-и одами-

зод ба рӯзист, агар ба Рӯзидиҳ будӣ, ба мақом аз малоика даргузаштӣ!**

*(*****Маънойи ҷумлаҳо****: Аз шайхе муршид шунидам, ки ба яке аз пайравонаш мегуфт: «Ай фарзанд, ончунонки инсон ба ризқ пайванди хотир дорад, агар ба Рӯзирасон дилбастагӣ медошт, ба появу мартаба аз фариштагон бартар мерафт!»).*

Фаромӯшат накард Эзид дар он ҳол,
Ки будӣ нутфайи мадфуну** мадҳуш.
Равонат доду табъу ақлу идрок,
Ҷамолу нутқу рою фикрату ҳуш.
Даҳ ангуштат мураттаб кард бар каф,
Ду бозуят мураккаб сохт бар дӯш!
Кунун пиндорӣ, ай ночизҳиммат,
Ки хоҳад карданат рӯзе фаромӯш?!

*(*****Мадфун:*** *дафншуда, дар хок пинҳонкарда; дар ин ҷо мурод пинҳон дар раҳим (баччадон–О. Ш.) аст. Дар «Шарҳи «Гулистон»-и доктор Хазойилӣ «мадфуқ» чоп шуда (ба маънойи ҷаҳида, рехта), бо тавоҷҷуҳ ба ояи шарифа:*

فَلْيَنظُرِ الْإِنسَانُ مِمَّ خُلِقَ خُلِقَ مِن مَّاء دَافِقٍ

(сурайи Ториқ (86), ояҳои 5 ва 6: «Пас, инсон бояд бингарад, ки аз чӣ офарида шуда: аз обе ҷаҳанда офарида шуд!». Доктор Хатиби Раҳбар низ ҳамин ваҷҳро тарҷеҳ додаст.

******Маънойи қитъа****: Худо дар он ҳангом, ки дар раҳим обе рехтаву саргашта будӣ, аз ёдат набурд; ба ту мизоҷу хирад ва дарёфту зебойӣ ва назару андешаву зиракӣ бахшид, кафи дасти туро ба даҳ ангушт биёрост ва ду бозуйи туро бар шона дарнишонд; инак, ай беҳиммати пастназар, гумон мебарӣ, ки Вай рӯзихорайи худро аз ёд бибарад ва ризқ бад-ӯ нарасонад?!).*

Ҳикоят (8)

Аъробиеро дидам, ки писарро ҳамегуфт:

– Ё бунаййа* иннака масъулун йавмалқиёмати мозоктасабта ва ло йуқолу биманинтасабта; яъне, туро хоҳанд пурсид, ки амалат чист? Нагӯянд, падарат кист?!

*(****Ё бунаййа иннака…:*** *Ай писараки ман, рӯзи Қиёмат аз ту бозхост мешавад, ки чӣ чиз иктисоб кардӣ (чӣ кардӣ), нагӯянд, бо кӣ нисбат доштӣ!).*

Ҷомайи Каъбаро, ки мебӯсанд,
Ӯ на аз кирми пила номӣ шуд!
Бо азизе нишаст рӯзе чанд,
Лоҷарам, ҳамчун ӯ гиромӣ шуд!

(Ҷомайи Каъба: *рӯпӯши хонайи Худо.*

Пила: *асли абрешим ва ғӯзайи абрешим, ки кирм танида бошад.*

Лоҷарам, : *ногузир, ҳаройина; дар сиёқи форсӣ қайди таъкиду иҷоб аст, дар арабӣ мураккаб аз «ло» ва «ҷарам» (ба фатҳи аввалу дувум, яъне, «гуноҳ».*

Маънойи қитъа*: Рӯпӯши хонайи Худоро, ки бӯса мезананд, аз он номдору сазовору икром наёмад, ки аз асли абрешим аст, балки чанде бо соҳибҳурмате мусоҳиб шуд ва ногузир аз таъсири камоли ҳамнишин ӯ низ азизу муҳтарам гашт!).*

Ҳикоят (9)

Дар тасонифи ҳукамо овардаанд, ки каждумро** вилодат *(зодашавӣ)* маъҳуд *(маълум, дониста)* нест, чунонки дигар ҳайвонотро. Бал *(балки каждумон)* аҳшой *(дарун)*-и модарро бихуранд ва шикамашро бидаранд ва роҳи саҳро гиранд ва он пӯстҳо, ки дар хонайи каждум бинанд, асари он аст.

(**Каждум–*ҷузъи аввали он «газ» аз «газидан»ва ҷузъи дувуми он «дум» (=думб);ниг. ба «Ҳавошии «Бурҳони котиъ», тасҳиҳи доктор Муъин.*

******Маънойи чанд ҷумла:*** *Дар мусаннафоти доноён нақл кардаанд, ки зойиши ақрабро чун дигар ҷонварон надонанд, балки он чӣ даруни шиками модар аст, мехураду ба роҳи дашт мепӯяд ва он пӯстаҳо, ки дар сӯрохи вай аст, нишони он аст).*

Боре ин нукта пеши бузурге ҳамегуфтам. Гуфт:

– Дили ман бар сидқи ин сухан гувоҳӣ медиҳад ва ҷуз чунин натавон будан. Дар ҳолати хурдӣ бо модару падар чунин муъомалат кардаанд, лоҷарам, дар бузургӣ чунин муқбиланду маҳбуб!

(**Маънойи ҷумлаҳо*: Дар айёми кӯчакӣ бо падару модар чунин рафтор кардаанд, ногузир чун ба сол бароянд, бисёр некбахту гиромӣ шаванд (ба киноя, яъне, шӯрбахту манфур гарданд!).*

Писареро падар васийят кард,
К-Ай ҷавонбахт, ёд гир ин панд.
Ҳар кӣ бо аҳли худ вафо накунад ,
Нашавад дӯстрӯю давлатманд!**

*(**__Маънойи қитъа__: падаре ба андарз ба фарзанд мегуфт: «Ай некбахт, ин андарз биниюшу ба ёд супор: ҳар кас бо касони худ паймони маҳаббат ба сар набарад, маҳбубу мақбул нашавад!»).*

Ҳикоят (10)

Фақирайи дарвеше ҳомила буд***. Муддати ҳамл ба сар оварда ва мар ин дарвешро ҳама умр фарзанд наёмада буд.

*(***__Фақирайи дарвеше ҳомила буд:__ фусаҳойи араб вожаҳои ҳомила, ҳойиза, аҷуза ба кор намебаранд ва ба ҷояш ҳомил, ҳойиз, аҷуз мегӯянд. зеро ин сифот байни зану мард муштарак нест, то бо афзуданҳойи таънис мумтоз кунанд. Монанди фақира, ки фақр дар байни фақиру фақира муштарак аст, вале ҳамл байни ҳомилу ҳомила муштарак нест ва ин сифоту назоири онҳо хосси занон аст).*

Гуфт:

– Агар Худой, азза ва ҷалла, маро писаре диҳад, ҷуз ин хирқа, ки пӯшида дорам, ҳар чӣ милки ман аст, исор *(бахшиш)*-и дарвешон кунам.

Иттифоқан, *(ҳамсараш)* писар оварду суфрайи дарвешон ба мӯҷиби шарт *(ба ҳукми паймону назр)* биниҳод.

Пас аз чанд соле, ки аз сафари Шом бозомадам, ба маҳаллати он дӯст баргузаштам ва аз чигунагийи ҳолаш хабар пурсидам. Гуфтанд:

– Ба зиндони шаҳна дар аст.

Сабаб пурсидам. Касе гуфт:

– Писараш хамр хӯрдааст арбада кардааст ва хуни касе рехта ва худ аз миён гурехта. Падарро ба иллати ӯ силсила *(занҷир)* дар ной асту банди гарон бар пой.

Гуфтам:

– Ин балоро ба ҳоҷат аз Худой, азза ва ҷалла, хостааст:

*(**__Маънойи чанд ҷумла:__ Дар гардани падар ба сабаби гуноҳи ӯ занҷиру бар пояш кунд аст. Гуфтам: «Ин мусибатро бо орзуву*

ниёз аз Эзиди Тавонову Бузург талаб кардааст!». Кунд–кундае, ки бар пойи муҷримон ниҳанд («Бурҳони қотиъ»).

Занони бордор, ай марди ҳушёр,
Агар вақти вилодат мор зоянд.
Аз он биҳтар ба наздики хирадманд,
Ки фарзандони ноҳамвор** зоянд!

***(Вилодат:** зодан. **Ноҳамвор**: ноаҳл, гумроҳ.*

******Маънойи қитъа**: Ба ақидайи доноён, агар ҳомилагон дар гоҳи зойиш мори газанда ованд, биҳтар аз он аст, ки кӯдакони беадабу норостқор зоянд!).*

Ҳикоят (11)

Тифл будам, ки бузургеро пурсидам аз булуғ* Гуфт:

– Дар мастур омадааст, ки се нишон дорад: яке понздаҳсолагӣ ва дигар иҳтилом ва сеюм баромадани мӯйи пеш *(шармгоҳ)*. Аммо дар ҳақиқат як нишон дораду бас. Он, ки дар банди ризойи Ҳақ, ҷалла ва ало *(бузург ва мутаъол)*, беш аз он бошӣ, ки дар банди ҳаззи нафси хеш. Ва ҳар он, ки дар ӯ ин сифат мавҷуд нест, ба назди муҳаққиқон болиғ* нашуморандаш.

***(Булуғ**– нишонаҳои балоғат–ба камол расидани одамизод.*

***Муҳаққиқон:** аҳли таҳқиқ, ҳақиқатпажӯҳон, ҳақиқатшиносон.*

*****Болиғ:** бакамолрасида. Дар ин ҷо манзури Саъдӣ аз «болиғ» касест, ки ба Худопарастию Худошиносӣ ва иътиқод ба касби ризойи Худо ноил шудааст.*

******Маънойи чанд ҷумла:** Вале расойи ақлро танҳо ҳамин аломат аст, ки дар андешайи хушнудийи Худойи Бузургу Мутаъол афзунтар аз он бошӣ, ки дар хаёли комронийи нафси бадфармой ва ҳар кӣ дар вай ин хислат ёфт нашавад, ба ақидайи ҳақиқатшиносон, аз нисоб (сармоя–О. Ш.)-и ақл насибе наёфтааст).*

Ба сурат одамӣ шуд қатрайи об,
Ки чил рӯзаш қарор андар раҳим монд.
Вагар чилсоларо ақлу адаб нест,
Ба таҳқиқаш нашояд одамӣ хонд!**

*(*****Маънойи қитъа**: Дар оғоз инсон ба ҳайъату шакл чакка*

(чакра)-йи обе (= нутфа) аст, ки дар заҳдон чиҳил рӯз ором мемонад ва аз он пас, андак-андак, нақши ҳаёт мепазирад. Ва агар марди чиҳилсола хираду тарбият надорад, вайро, ба ростӣ, одамизод натавон номид! Байти дувум талмеҳе ба ояи 15 сурайи Аҳқоф (46) дорад, ки дар борайи иҳсон ба падару модар ва сипоси ниъматҳойи Худовандист ва ҷузъе аз оя ин аст:

إِذَا بَلَغَ أَشُدَّهُ وَبَلَغَ أَرْبَعِينَ سَنَةً

(«То чун ба тавоноийи худ расиду ба чиҳилсолагӣ наздик шуд», яъне, ба ҳадди камолу рушди ақлӣ ноил омад).

* * *

Ҷавонмардию лутф аст одамийят**,
Ҳамин нақши ҳаюлонӣ** мапиндор!

*(*****Одамийят****–ойини мардӣ, одамигарӣ ва инсонийят; муракқаб аз Одам (= Абулбашар) + «ё»-и мушаддад ва «то»-и нишони масдари ҷаълӣ (низ ниг. ба ҳикояти 28 боби аввал).*

******Ҳаюлонӣ****–моддӣ, сифати нисбӣ аз ҳаюлӣ (бо алифи мақсура хонда мешавад), яъне, моддайи аввалӣ ё мояи нахустин, ки асли ҳамайи суратҳост. Бар ҳамин қиёс аст «санъонӣ» (Санъо = пойтахти Яман) ва «руҳонӣ» (мансуб ба руҳ).*

Ҳунар бояд, ки сурат метавон кард,
Ба айвонҳо дар-аз шангарфу зангор!**
Чу инсонро набошад фазлу иҳсон,
Чӣ фарқ аз одамӣ то нақши девор?!
Ба даст овардани дунё ҳунар нест,
Якеро, гар тавонӣ, дил ба даст ор!

*(*****Зангор****–оксиди мису занги филиззот, вале дар ин ҷо мурод ранги сабз аст.*

Маънойи қитъа*: Мардумӣ родиву меҳрбонист. Ту ин сурати моддиро одамӣ гумон мабар; инсонро фазилату камол лозим аст, чӣ метавон бо ранги сурх (шангарф)-у сабз бар сафҳаҳо чиҳрайи мардум нигор кард. Чун дар одамӣ камолу накӯкорӣ набошад, вайро аз сурати девор имтиёзе ва бар он тарҷеҳе нест; хостайи ин ҷаҳон фароҳам овардан худ фазилат набошад, агар аз дасти ту барояд; диле бичӯй, ки ҳунар аст!).*

Ҳикоят (12)

Соле низоъе дар пиёдагони ҳаҷиҷ *(ҳаҷҷгузорон)* афтода буд ва доъӣ *(дуъогӯ)* дар он сафар ҳам пиёда буд. Инсоф, дар сару рӯйи ҳам фитодему доди фусуқу ҷидол бидодем.

*(*****Маънойи ҷумлаҳо****: Яке аз солҳо миёни ҳоҷиёни пиёда кашмакашу ситеза рӯй дод ва ин дуъогӯ низ дар он сафар аз пиёдагон будам; нек бар сару сурати ҳам кӯфтем ва, чандонки битавон задему ситеза кардем.*

Мазмуни ҷумлайи ахир *ишорате ба ояи 197 сурайи Бақара(2) дорад:*

وَلاَ فُسُوقَ وَلاَ جِدَالَ فِي الْحَجِّ

(«Нест берун омадан аз фармони Ҳақ ва на ситеза дар Ҳаҷ!»).

Каҷованишинеро шунидам, ки бо адили худ мегуфт:

– Ё лалъаҷаб *(шигифто)*, пиёдайи оҷ чу арсайи шатранҷ ба сар мебарад, фарзин мешавад; яъне, биҳ аз он мегардад, ки буд ва пиёдагони ҳоҷҷ** бодия ба сар бурданду батар шуданд.

(Доктор Хатиби Раҳбар *зимни тавзеҳ, бидуни он ки ба манбаъе ишора кунад,* ***шатранҷ****-ро муъарраби «шатранг» шумурда, аз бозиҳои маъруфе ном мебарад, ки ба гуфтайи ӯ, ихтироъу ибдоъи он ба ҳакимони Ҳинд дар рӯзгори Хусрави Анӯшервон нисбат дорад. Аммо дигар донишманди соҳибназари эронӣ, доктор Маҷиди Яктойӣ, бо як пажӯҳиши муфассал, собит мекунад, ки кошифи шатранҷ маҳз эрониёнанд, на ақвоми дигар (дар ин бора ниг. ба навиштаи ӯ бо номи «Пешинайи таърихи шатранҷ», маҷаллайи «Баррасиҳойи таърихӣ», чопи Теҳрон, соли чаҳорум, шуморайи 5, ки баргардони фишурдайи он дар моҳномайи «Илм ва ҳаёт» (шуморайи 10 ва 12/1990, шуморайи 3/1991) дарҷ гардидааст).*

Пиёдагони ҳоҷҷ: *пиёдагони ҳаҷҷгузор.*

******Маънойи чанд ҷумла:*** *Ай шигифт! Пиёдайи оҷ, чун ба поёни бисоти шатранҷ мерасад, вазир мегардад; мақсуд он, ки биҳтар аз он мешавад, ки пеш буд, вале пиёдагони ҳаҷгузор биёбон дарнавардиданду ба пастӣ гаройиданд!).*

Аз ман бигӯй ҳоҷийи мардумгазойро,
К-ӯ пӯстини* халқ ба озор медарад.
Ҳоҷӣ ту нестӣ, шутур аст, аз баройи он-к
Бечора хор мехураду бор мебарад!

*(**Мардумгазой:** мардумозор.*

****Пӯстини халқ… медарад:** пӯстини касе даридан: ғайбат кардан ва айби касеро изҳор намудан; низ ниг. ба ҳикояти 7 боби дувум, ба тавзеҳи «дар пӯстини халқ уфтӣ».*

****Ҳочӣ ту нестӣ…:** дар забони арабӣ масалест: «Анфақту молӣ ва ҳаҷҷалҷамалу» («Маҷмаъу-л-амсол», 2/414; «Ал-Мутанаббӣ ва Саъдӣ», 114); яъне, «Моли худро харҷ кардаму шутур ҳаҷ гузорд».*

******Маънойи абёт**: Аз қавли ман ба ҳаҷгузори мардумозор, ки ба ғайбату накӯҳиши мардум мепардозад, баргӯй, ки ба ростӣ ҳаҷ нагузордайӣ, балки ҳаҷгузор шутур аст, зеро ин ҷонвари забонбаста хори биёбон ба ком мебараду таҳаммули бори гарон мекунад.*
*******Байти охир** ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ҳикоят (13)

Ҳиндуе нафтандозӣ* ҳамеомӯхт. Ҳакиме гуфт:

– Туро, ки хона наййин аст, бозӣ на ин аст!

*(***Нафтандозӣ:** партоби машъалаҳойи нафту қирадор ва шуълавар ба сӯйи душман баройи оташ задани қалъа ва ғайруҳу.*

******Маънойи ҷумлайи охир**: Ту, ки кулбаат аз най сохта шуда, бозичаат ин набояд! **Ин ҷумла** ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

То надонӣ, ки сухан айни савоб аст, магӯй,
В-он чӣ донӣ, ки на некӯш ҷавоб аст, магӯй!**

*(*****Маънойи байт:** То ба яқин дарнаёбӣ, ки гуфтори ту рости маҳз аст, лаб фурӯ банду сухане, ки посухаш нодилпазиру накӯҳида аст, бар забон маёвар!).*

Ҳикоят (14)

Мардак (*марди нодон)*-еро чашмдард хост. Пеши байтор *(сутурпизишк)* рафт, ки даво кун. Байтор аз он чӣ дар чашми чорпой мекунад, дар дидайи ӯ кашиду кӯр шуд. Ҳукумат ба довар бурданд *(доварӣ пеши қозӣ оварданд)*.

Гуфт:

– Бар ӯ ҳеч товон нест. Агар ин хар набудӣ, пеши байтор нарафтӣ!

Мақсуд аз ин сухан он аст, то бидонӣ, ки ҳар он ки ноозмударо кори бузург фармояд, бо он ки надомат *(пушаймонӣ)* барад, ба наздики хирадмандон ба хиффати раъй мансуб гардад.

*(*****Маънойи чанд ҷумла:*** *Мурод аз ин гуфтор он, ки огоҳ бошӣ, ки ҳар кас ба ношийи корнодида амале хатир бисупорад, гузашта аз он, ки пушаймон шавад, доноён ба сабуксориву бехирадияш нисбат диҳанд).*

Надиҳад ҳушманди равшанрой
Ба фурӯмоя корҳойи хатир!
Бӯрёбоф* агарчи бофанда-ст,
Набарандаш ба коргоҳи ҳарир.

(***Хатир:*** *бузургу муҳимму бохатар.*
*****Бӯрёбоф:*** *ҳасирбоф.*

Мазмуни ин байт масал будааст:

Ба қадри шуғли худ бояд задан лоф,
Ки зардӯзӣ надонад бӯрёбоф!
(Низомӣ; нақл аз «На шарқӣ, на ғарбӣ…», с. 220).

Ҳадиси муддаъиёну хаёли ҳамкорон,
Ҳамон ҳикояти зардӯзу бӯрёбоф аст!
(«Девон»-и Ҳофиз).

******Маънойи қитъа****: Ҳушёри дурустандеш ба сифла корҳойи бузург нафармояд; ҳасирбоф (бӯрёбоф–О. Ш.) агарчи дар шумори нассоҷон (бофандагон–О. Ш.) аст, дар корхонайи дебобофӣ ба кораш нагуморанд.*
*******Ин қитъай*** *ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ҳикоят (15)

Якеро аз бузургони аимма писаре вафот ёфт. Пурсиданд, ки бар сандуқи гӯраш чӣ нависем? Гуфт:

– Оёти Китоби Маҷидро иззату шараф беш аз он аст, ки раво бошад бар чунин ҷойҳо навиштан, ки ба рӯзгор суда гардад ва халоиқ ба ӯ гузаранд…** Агар ба зарурат чизе ҳаменависанд, ин байт кифоят аст:

*(**Китоби Маҷид:** китоби шариф ва гиронқадр, мурод Қуръони Карим аст.*

*****Ба ҷойи чанд нуқта:** дар нусхайи тасҳеҳи Фурӯғӣ (ва низ нусхайи тасҳеҳи Юсуфӣ–О. Ш.) ҷумлайи «сагон бар ӯ шошанд» омадааст, вале чун ин иборат дар бархе нусхаҳо ёфт намешавад ва бо сиёқи сухан ҳам носозгор аст, аз матн ҳазф шуд.*

***Маънойи чанд ҷумла:** Гуфт: «Ояҳойи Қуръони Каримро ҳурмату бузургӣ афзун аз он аст, ки шойиста бошад бар ҷоҳое чун сандуқи гӯр бинависанд, чӣ ба гузашти замон фарсудаву пойсипари мардум шаванд. Агар ногузир чизе бояд навишт, ин ду байт бас бошад).*

Ваҳ, ки ҳар гаҳ, ки сабза дар бӯстон
Бидамидӣ, чӣ хуш шудӣ дили ман!
Бигзар, ай дӯст, то ба вақти баҳор
Сабза бинӣ дамида бар гили ман!**

*(*****Маънойи қитъа**: Шигифто, ки ҳар замон сабза дар боғ мерӯйид, ба дидори он хотири ман сахт шод мешуд. Ай ёр, ба гӯрам гузаре кун, то баҳорон сабза аз хокам руста ёбӣ. Ин байт забони ҳоли мурдаест, ки аз гӯр бо ёрон сухан мегӯяд).*

Ҳикоят (16)

Порсо *(парҳезгор)*-е бар яке аз худовандони ниъмат гузар кард, ки бандаеро дасту пой устувор баста, укубат *(шиканҷа)* ҳамекард. Гуфт:

– Ай писар**, ҳамчу ту махлуқеро Худой, азза ва ҷалла, асири ҳукми ту гардонидааст ва туро бар вай фазилат дода. Шукри ниъмати Борӣ** Таъоло ба ҷой ору чандин ҷафо бар вай маписанд. Набояд, ки фардойи Қиёмат биҳ аз ту бошаду шармсорӣ барӣ!

*(*****Ай писар:** дар ин ҷо Саъдӣ аз худованди ниъмат бо калимайи «Ай писар» таъбир мекунад, ки ба қаринайи таҳқиргунае аз ин хитоб ирода кардааст.*

***Борӣ:** Офаридгор, Холиқ; исми фоъил аз масдари муҷарради «баръ» ба маънойи офаридан.*

***Маънойи чанд ҷумла:** Ай ҷавон, Худойи Бузургу Тавоно бандае чун туро забуни фармони ту карда ва туро бар ӯ бартарӣ бах-*

шидааст; сипоси инъоми Офаридгор бинмову бисёр ситам бар вай раво мадор, мабодо, ки рӯзи Растохез аз ту ба даргоҳи Ҳақ маҳбубтар бошад ва шарманда шавӣ!).

Бар банда магир хашм бисёр,**
Ҷавраш макуну дилаш маёзор!
Ӯро ту ба даҳ дирам харидӣ,
Охир на ба кудрат офаридӣ!
Ин ҳукму ғуруру хашм то чанд?!
Ҳаст аз ту бузургтар Худованд!
Ай хоҷайи Арсалону Оғӯш**,
Фармондиҳи худ макун фаромӯш!

*(*****Хашми бисёр магир:*** *ҳаргиз ситам марон; «бисёр» қайди каммийят аст, вале дар ин ҷо маҷозан ва, ба қаринайи муфид, нафйи мутлақ аст, яъне: ҳаргиз! Шайх дар ғазале фармояд:*

Гар бонг барояд, ки саре дар қадаме рафт,
Бисёр магӯед, ки бисёр набошад!

*****Арсалону Оғӯш:*** *ду номи хосси туркист, аввалӣ ба маънойи «шер»; ва манзур аз ҳар ду дар ин ҷо ғуломону бандагони турк аст. «Оғӯш» дар «Бӯстон»-и Саъдӣ (б. 360, 3413) низ омадааст.*

******Маънойи чанд байт****: Бар чокари зархарид ҳаргиз хашм марону ситам бар вай раво мадору хотираш маранҷон; ту ӯро ба баҳойи андак (даҳ сиккайи сим) харидӣ; боре ту Офаридгораш нестӣ, ки вайро ба тавоноийи худ халқ карда бошӣ; то кай аз ин ба ситаму фармон додану кибру худхоҳиву тундхӯйӣ?! Эзиди Якто аз ту ба ҳар ҳол тавонотар аст! Ай худованд (=мавло)-и Арсалону Оғӯш, Худойи Тавоноро, ки ҳоким бар туст, аз ёд мабар ва бар чокарон меҳрбон бош!).*

Дар хабар аст аз Хоҷайи олам**, салла-л-лоҳу алайҳи ва саллам (*дуруду саломи Эзид ба ӯ бод)*, ки гуфт:

– Бузургтарин ҳасрате рӯзи Қиёмат он бувад, ки яке бандайи солиҳро ба Биҳишт баранду хоҷайи фосиқро ба Дӯзах!

*(*****Хоҷайи олам:*** *сарвари ҷаҳону ҷаҳониён–Муҳаммад(с) (низ ниг. ба ҳикояти 9 боби дувум).*

*****Хоҷайи фосиқ:*** *сарвар (дар муқобили «банда»)-и табоҳкор.*

Доктор Хазойилӣ ин хабарро марбут ба ривояте мазкур дар «Эҳёйи улум-уд-дин»-и Ғазолӣ ва кутуби дигар дониста аст («Шарҳи «Гулистон», с. 621). Ривояти мавриди назар дар

тарҷумайи «Эҳёйи улум-уд-дин» (рубъи «Одот», 1/635) чунин омадааст: «Абумасъуди Ансорӣ гуфт: дар асноe он чӣ ман ғуломи худро мезадам, аз паси худ овозе шунидам ду бор: «Иълам ё Абомасъуд!» Пас нигаристам, Пайғомбар, алайҳиссаломро дидам! Тозиёна бияндохтам. Гуфт: «Валлоҳ, аллоҳу ақдару ъалайка минка ъало ҳозо!»–»Ай ба Худой, ки Худой бар ту қодиртар аз он аст, ки ту бар ин!».

Ин маънӣ бо мазмуни абёти пешин дар ҳикояти Саъдӣ наздиктар аст. Шодравон Хазойилӣ дар идомайи сухани Пайғамбари Акрам (шояд ба нақл аз китобе дигар) афзудааст: «Чиро банда ҳангоме, ки туро ба Худо қасам медод, аз ӯ даст бознадоштӣ ва ҳангоме, ки маро дидӣ, ӯро раҳо кардӣ?» Абум Масъуд он бандаро озод кард. Пайғамбари Акрам фармуд: «Агар чунин накарда будӣ, рӯйи туро оташи Дӯзах месӯхт»!).

Бар ғуломе, ки тавъи* хидмати туст,
Хашми беҳад марону тайра магир,
Ки фазиҳат** бувад ба Рӯзи Шумор.
Банда озоду хоҷа дар занҷир!

(***Тавъи хидмати туст:*** *фармонбурдори хидмати туст, дар фармони туст.* ***Тавъ****: фармонбурдорӣ, итоъат.*

Фазиҳат: *русвойӣ.*

Рӯзи шумор*: рӯзи Қиёмат.*

****Маънойи қитъа****: бар бандае, ки аз ту фармон пазирад, беандоза хашмгин машав ва бо сабукмағзӣ муъохазат макун, чӣ дар Рӯзи Ҳисоб русвойист, ки ғулом растагору озод бошад ва мавлойи ӯ дар банди азоб гирифтор!).*

Ҳикоят (17)

Соле аз Балхи*** Бомиёнам сафар буд ва роҳ аз ҳаромиён пурхатар. Ҷавоне бадрақа** ҳамроҳи ман шуд. Сипарбоз, чархандоз, силаҳшӯр, бешзӯр, ки ба даҳ марди тавоно камони ӯ зеҳ кардандиву зӯроварони рӯйи замин пушти ӯ бар замин наёвардандӣ!

*(****Балхи Бомиён****–баъзе «аз Балх ба Бомиён» забт кардаанд, ки бевақҳ нест. Дар ҳар ҳол, ҳам Балх ноҳияесту ҳам Бомиён.* ***«Балх»*** *деҳкадае дар шимоли Афғонистони ҳолия, ки дар айёми бостонӣ ва дар қуруни вусто шаҳре муҳим ва маркази ноҳияи Балх (мутобиқи Боктариё) ва бар рӯди Балх, ки акнун хушк аст,*

*воқеъ буд»…–**Бомиён** ҳам номи дараест ва гарданаест дар қисмати ғарбийи кӯҳҳойи Ҳиндукуш, шимолу шарқийи Афғонистон ва ҳам шаҳре қадим дар ин дара (дар шимоли кӯҳи Бобо), ки монанди Балх замоне аз марокизи умдайи буддойӣ буд (ва сипас ба тасхири мусалмонон даромад) («Доиратулмаъорифи форсӣ»).*

*****Бомиён**–тангаест миёни Ҳариву Балх, ки миёни он макону Балх даҳ манзил аст ва Балхро бад-ӯ нисбат дода, Балхи Бомӣ гӯянд («Фарҳанги Рашидӣ»). Бомиён–муъарраби Ҳиндукуш бар сари роҳи Балх («Фарҳанги форсӣ ба фаронса» аз **J.P. Demaisons,** чопи Рум, 1914 милодӣ). Бомиён–шаҳрест бар ҳадди миёни Гавзгонону ҳудуди Хуросон… Ва андар вай ду бути сангин аст, ки якеро Сурхбут хонанду дигареро Хингбут (сафҳайи 101 «Ҳудуд-ул-ъолам», тасҳеҳи доктор Ситуда).*

****Дар борайи Балхи Бомӣ** ва **Балхи Бомиён**, ки дар китобҳойи форсӣ борҳо омадааст, навиштаанд, ки шаҳри Балхро ба муносабати наздикӣ бо Бомиён, Балхи Бомӣ мегуфтаанд (ки ин нукта саҳеҳ нест–О. Ш.)… Ва низ «бомӣ»-ро лақаби шаҳри Балх донистаанд (ин нукта низ саҳеҳ нест–О. Ш.), ба маънойи «дурахшанда» (ниг. ба «Бурҳони қотиъ», зайли «бомӣ» ва «Балх»; ёддоштҳойи Қазвинӣ: дурахшанда, **strahlend**) … Дар форсийи миёна **bamik** ва дар авастойӣ **bama** (низ ба маънойи «дурахшон») аст.*

***Бадрақа**–дар форсӣ, монанди арабӣ, гоҳ ба маънойи роҳбару нигоҳбон, гоҳе ба маънойи роҳбариву нигаҳбонист.*

***Сипарбоз:** варзида дар ҷанг (бо сипар).*

***Чархандоз:** камондор, тирандоз. **Чарх**: камонро гӯянд.*

Хаданге дигарбора ҳам чорпар,
Ба чарх андарун ронду бигшод бар.
(Фирдавсӣ; «Луғатномайи Деҳхудо»).

*****Маънойи чанд ҷумла:** Соле аз Балхи Бомӣ ба сафар мерафтам ва роҳ аз роҳзанони хунхор бимнок буд. Ҷавони роҳнамойи нигаҳбоне мусоҳиби мо шуд дар дифоъ бо сипар варзида, тирандоз, силоҳварз, пурзӯр, ки ба ёрийи даҳ паҳлавони қавӣ камонашро зиҳ бармебастанд).*

Валекин, чунонки донӣ, мутанаъим буду сояпарварда *(ба нозу ором парваришёта)*, на ҷаҳондидаву сафаркарда! Раъди кӯси диловарон ба гӯшаш нарасидаву барқи шамшери саворон надида!

Наяфтода бар дасти душман асир,
Ба гирдаш наборида борони тир!

*(*****Маънойи байт:*** *Ҷавоне буд дар панҷайи хасм гирифтор-наёмадаву пиромуни вай борони тир фурӯ наборида!)*

Иттифоқан, ману ин ҷавон, ҳар ду дар пайи ҳам давон**; ҳар он девори қадимаш, ки пеш омадӣ, ба қуввати бозу бияфкандиву ҳар дарахти азим, ки дидӣ, ба зӯри сарпанҷа баркандӣ ва тафохур-кунон гуфтӣ:

*(*****Давон:*** *пӯён; гумон меравад, ки дар асл «равон» ба ҷойи «давон» буда ва тасҳиф шудааст).*

Пил ку, то катафу бозуйи гурдон бинад,
Шер ку**, то кафу сарпанҷайи мардон бинад?!

(***Гурдон:*** *диловарон.*

******Ку:*** *куҷост; ҷонишини маснад ва робита. Фарқи «ку» ва «куҷо» он аст, ки ғолибан ба хилофи «ку» пас аз «куҷо» феъли «аст» ё «ҳаст» дар ҷумла ояд ва дигар он, ки «ку» аз адавоти пурсиш ва махсуси савум шахс (-и ғойиб) аст:*

Мизоҷи даҳр табаҳ шуд дар ин бало, Ҳофиз,
Куҷост фикри ҳакимеву ройи барҳамане?!

Дидам мурғе нишаста бар борайи Тӯс,
Дар пеш ниҳода каллайи Кайковус.
Бо калла ҳамегуфт, ки афсӯс, афсӯс,
Ку бонги ҷарасҳову куҷо нолайи кӯс?!

(Умари Хайём).

Мо дар ин ҳолат, ки ду ҳинду аз паси санге сар баровардану қасди қитоли мо карданд. Ба дасти яке чӯбеву дар бағали он дигар кулӯхкӯбе. Ҷавонро гуфтам:

– Чӣ пойӣ?

*(*****Ҳинду:*** *дар ин ҷо маҷозан ба маънойи дузд, дар асл ба маънойи аҳли Ҳинд; дар паҳлавӣ «ҳиндук»–ба маънойи «ҳиндӣ»).*

Биёр, он чӣ дорӣ зи мардийю зӯр,
Ки душман ба пойи худ омад ба гӯр!*.

*(**__Маънойи байт:__ Биёву ҳар чӣ паҳлавониву неру дорӣ, бинамой, ки хасм ба қадами хеш ба мағоки ҳалок омад. *
__Ин байт__ ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Тиру камонро дидам аз дасти ҷавон афтодаву ларза бар устухон.

На ҳар кӣ мӯй шикофад ба тири ҷавшанхой,
Ба рӯзи ҳамлайи ҷанговарон бидорад пой!

Чора ҷуз он надидем, ки рахту силоҳу ҷомаҳо раҳо кардем ва ҷон ба саломат биёвардем.

Ба корҳойи гарон марди кордида фирист,
Ки шери шарза дарорад ба зери хамми каманд!
Ҷавон агарчи қавиёлу пилтан бошад,
Ба ҷанги душманаш аз ҳавл бигсалад пайванд!
Набарад пеши масофозмуда маълум аст,
Чунонки масъалайи шаръ пеши донишманд!**

*(__Донишманд:__ фақиҳ; бештар аз ин калима мурод донову олими дин аст.
**__Маънойи қитъа__: Ба ҷангҳойи душвор паҳлавони ҷангозмуда равона соз, ки шери хашмгинро дар ҳалқайи каманд гирифтор орад! Ҷавон агарчи ба зоҳир сахтгардану пилпайкар бошад, дар набард бо хасм аз бим банд аз бандаш ҷудо шавад. Пайкорозмудаву корзордида чунон аз ҷанговарӣ нек огоҳ аст, ки фақиҳ аз аҳкоми дин!).*

Ҳикоят (18)

Тавонгарзодаеро дидам бар сари гӯри падар нишаставу бо дарвешбачае мунозара дарпайваста, ки сандуқи турбат *(хок)*-и мо сангин *(аз санг)* аст ва китоба рангин ва фарши рухом *(мармар)* андохта ва хишти пирӯза дар ӯ ба кор бурда, ба гӯри падарат чӣ монад? Хиште ду фароҳам оварда ва муште ду хок бар он пошида?!

Дарвешписар ин бишниду гуфт:

– То падарат зери он сангҳойи гарон бар худ биҷунбида бошад, падари ман ба Биҳишт расида бувад!

*(*****Маънойи чанд ҷумла:*** *Фақирзода ин сухан гӯш карду гуфт: «Пештар аз он, ки бобойи ту аз зери он тахтаҳойи сангин ҳаракате диҳад, ҳамоно падарам ба Мину расида бошад!»).*

Хар, ки камтар ниҳанд бар вай бор,
Бешак, осудатар кунад рафтор!**

*(*****Маънойи байт:*** *Харе, ки бори сабуктар бар пушти вай ниҳанд, роҳаттару безаҳматтар роҳ меравад).*

* * *

Марди дарвеш, ки бори ситами фоқа кашид,
Ба дари марг, ҳамоно, ки сабукбор ояд.
В-он, ки дар ниъмату осойишу осонӣ зист,
Мурданаш з-ин ҳама, шак нест, ки душх(в)ор ояд.
Ба ҳама ҳол, асире, ки зи банде бираҳад,
Биҳтар аз ҳоли амире, ки гирифтор ояд!

(*****Маънойи қитъа****: Тангдасте, ки бори ҷаври тиҳидастӣ таҳаммул карда бошад, бар остонайи аҷал ба осонию сабукборӣ гом ниҳад, вале касеро, ки умре дар фарохийи маъишату хушиву осудагӣ гузаронда, гоҳе ҷон супурдану даст аз ин ҳама ниъматҳо шустан бар вай сахт ояд; ба ҳар ҳол, гирифторе, ки аз зиндон халос ёбад, накӯҳолтар аз фармонравоест, ки дар банд афтад. Байти ахирро бад-ин гуна ҳам маънӣ тавон кард: «Фақире, ки аз зиндони дунё раҳойиш ёфт, ҳолаш биҳ аз фармонравоест, ки ба инқизойи муҳлат нозу ниъматаш сипарӣ гашту ба азоби муқим гирифтор омад!»*

Байти охир *ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ҳикоят (19)

Бузургеро пурсидам дар маънойи ин ҳадис, ки «аъдо ъадуввика нафсука-л-лати байна ҷанбайка» *(**душмантарини душманони ту нафси бадфармойи туст, ки дар даруни ту ҷой дорад!).*

Гуфт:

– Ба ҳукми он, ки ҳар он душманеро, ки бо вай иҳсон кунӣ, дӯст гардад; магар нафсро, ки чандонки мудоро беш кунӣ, мухолафат зиёдат кунад.

*(**Маънойи чанд ҷумлайи ахир**: **Пир (бузург) посух дод: «Ба иллати он, ки бо ҳар хасме, ки некӣ варзӣ, душманӣ раҳо кунаду ба дӯстӣ гарояд, ҷуз нафси бадфармой, ки ҳарчанд бо вай нармӣ кунӣ, бештар носозгорӣ кунад».).*

Фариштахӯй шавад одамӣ ба кам хӯрдан,
Вагар хурад чу баҳоим, биюфтад чу ҷамод.
Муроди ҳар кӣ барорӣ, мутеъи амри ту гашт,
Хилофи нафс, ки фармон диҳад, чу ёфт мурод.

*(**Баҳоим:** сутурон.*

***Ҷамод:** мавҷуди бечону беҳаракат.*

******Маънойи қитъа**: Инсон ба андак ғизо бас кардан парисират гардад ва агар чун сутурон бисёр хурад, бечонвор дар гӯшае беҳушу ҳаракат фурӯ монад; хостайи ҳар кас бароварӣ, ба яқин, фармонбари ту мешавад, бар хилофи шевайи нафс, ки чун вайро ба ком расонӣ, бар ту чираву фармонраво гардад).*

ҶИДОЛИ САЪДӢ БО МУДДАЪӢ ДАР БАЁНИ ТАВОНГАРИВУ ДАРВЕШӢ

*(*****Ҷидол:** муҷодала, хусумат кардан бо касе; масдари боби муфоъала; вале дар ин ҷо ба истилоҳи аҳли мантиқ мурод ҷадал кардан аст ва ҷадал дар мантиқ яке аз анвоъи синоъати хумс бошад ва он қиёсест, ки муқаддамоташ аз қазоёйи машҳуру мусаллам фароҳам ояд, то хасмро ба ҳуҷҷат илзом кунад ва дар урфи шаръ ҷидол баробар кардани далелҳост, то савоб аз носавоб боздониста шавад.*

***Муддаъӣ:** даъвикунанда; дар ин ҷо мурод хасми лофзан аст.*

*****Дарвешӣ:** дар ин ҷо ба маънойи фақир, тиҳидастӣ. Назири ин маъониро, ки «Дар ҷидоли Саъдӣ бо муддаъӣ дар баёни тавонгаривуа дарвешӣ» омадааст, дар «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳаҷвирӣ ва «Кимиёйи саъодат», фасли «Дарвеши собир фозилтар аст ё тавонгари шокир?» метавон дид).*

Яке дар сурати дарвешон, на бар сифати эшон, дар маҳфиле

дидам нишаста ва шунъате *(душному сарзаниш)* дарпайваставу дафтари шикояте боз кардаву замм *(накӯҳиш)*-и тавонгарон оғоз карда. Сухан бад-ин ҷо расонида, ки дарвешро дасти қудрат бастааасту тавонгарро пойи иродат** шикаста.

*(**__Иродат__–дар сиёқи форсӣ ба маънойи ихлосу нийяти хайр, хости нек меояд; дар арабӣ ба маънойи хостан.*

Маънойи чанд ҷумла: *Касеро ба ҳайъату шакли фақирон на, ба манишу хӯйи соликон дидор кардам дар анҷумане ҷулус кардаву ба зиштгӯйӣ пардохта ва дафтари гилаву шиква кушудаву накӯҳиши сарватмандон дар пеш гирифта; гуфтор ба он ҷо кашонда буд, ки дасти иститоъату карами фақирон ба иллати тангдастӣ аз иҳсон фурӯмондааасту пойи ағниёро тавоноийи гом ниҳодан дар роҳи хайр нест).*

Каримонро ба даст-андар дирам нест*,
Худовандони ниъматро карам нест!

*(*__Каримонро…:__ бахшандагон дар дасти худ симу зар (дирам) надоранд ва сарватмандон (худовандони ниъмат) аз бахшандагӣ баҳрае набурдаанд*

Ин байт *ҳукми масали сойир пайдо кардааст.)*

Маро, ки парвардайи ниъмати бузургонам, ин сухан сахт омад. Гуфтам:

– Ай ёр, тавонгарон дахли мискинонанд ва захирайи гӯшанишинон ва мақсади зоирон ва каҳф *(паноҳ ва ғор)*-и мусофирону муҳтамил *(баранда)*-и бори гарон баҳри роҳати дигарон. Дасти тановул он гаҳ ба таъом баранд, ки мутаъаллиқону зердастон бихуранду фазлайи макорим *(бақияи бузургиҳо)*-и эшон ба аромилу пирону ақорибу ҷирон расида.

(***Аромил:*** *бевазанон, ҷамъи армала–бевазан.*

Ақориб: *наздикону хешон; ҷамъи ақраб–хешованд.*

Ҷирон: *ҳамсоягон, ҷамъи ҷор–ҳамсоя.*

Маънойи чанд ҷумла: *__Ин гуфтор бар ман, ки ба иҳсону инъоми худовандони ниъмат бузург шудаам, душвор омад ва гуфтам: «Ай дӯст, давлатмандон мояи даромади тиҳидастону андӯхтайи оҷизони гӯшагир ва қиблагоҳи мақсуди дидоркунандагону паноҳи сафаркардагону оворагонанд ва баройи осойиши ҳамнавъон бори сангини зиндагийи ононро бар дӯш мекашанд; он гоҳ даст ба хон мекушоянд, ки вобастагону чокаронашон таъом-*

ро хӯрда бошанду дар ҳамон ҳол аз бозмондайи суфрайи карами онон ба бевагону фартутон ва наздикону ҳамсоягон низ баҳрае расида бошад).

Тавонгаронро вақф асту назру миҳмонӣ,
Закоту фитраву иътоқу ҳадю қурбонӣ.
Ту кай ба давлати эшон расӣ, ки натвонӣ,
Ҷуз ин ду ракъат, в-он ҳам ба сад парешонӣ!**

*(**Вақф:** ба истилоҳи фиқҳ, ҳабси айн (мол) бо ҳазина кардани суди он дар роҳи Худо.*

***Закот:**–порае аз мол, ки солиёна дар роҳи Худо диҳанд бар вафқи шаръ; покиза кардани мол.*

***Фитра:** садақайи кушойиши рӯза (= фитр).*

***Иътоқ:** озод кардани банда.*

***Ҳадй:** қурбонӣ (гову шутуру гӯсфанд), ки ба ҳадя ба Макка фиристанд.*

***Қурбонӣ:** он чӣ дар роҳи Худо ва баройи тақарруб ба Ӯ фидо кунанд, монанди куштани гӯсфанд.*

***Ракъат:** маҷмӯъи ҳолат ва амали намозгузор аз қиём (истодан), **рукуъ** (пушт хам кардан), саҷда (пешонӣ бар замин ниҳодан) ҳамроҳ бо қироъати зикрҳойи марбут.*

***Маънойи ду байт**: **Вақфу назру миҳмониву закоту фитраву иътоқу ҳадю қурбонӣ вижайи ағниёст, аз тиҳидастон ин гуна корҳойи нек барнаёяд. Ту, ай дарвеш, ба иқболу саъодати тавонгарон даст наёрӣ ёфт, чӣ бар коре ҷуз гузордани дугонае (ду ракъат намоз), ки он ҳам бо парокандахотирийи бисёр ҳамроҳ аст, қодир нестӣ!).*

Агар қудрати ҷуд*(бахшиш)* асту гар қуввати суҷуд, тавонгаронро биҳ муяссар шавад, ки моли музакко *(закотпардохта, покиза ва ҳалол)* доранду ҷомайи поку ирзи масун *(номуси маҳфуз ва нигоҳдошта аз таъарруз)*-у дили фориғ. Ва қуввати тоъат дар луқмайи латиф асту сиҳҳати ибодат дар кисвати назиф *(ҷомайи покиза)*. Пайдост, ки аз миъдайи холӣ чӣ қувват ояд ва зи дасти тиҳӣ чӣ мурувват ва зи пойи ташна *(пойи марди ташнаком)* чӣ сайр ояду аз дасти гурусна чӣ хайр!

*(**Маънойи чанд ҷумла:** **Тавони бахшишу неруйи ниёйиш баройи тавонгарон осонтар ҳосил ояд; моли ҳалолу либоси назифу номуси эмин аз таъаррузу хотире осуда доранд; чӣ неруйи фар-*

мони Ҳақ бурдан аз наволайи гуворову хуш падид ояд ва дурустийи парастиш ба ҷомайи покиза бозбаста аст; пӯшида нест, ки аз шиками тиҳӣ неру ва аз дасти холӣ ҷавонмардӣ ба зуҳур нарасад ва аз пойи марди ташнаком пӯяву рафтор ва аз дасти шахси гурусна иҳсон сохта наёяд!).

Шаб пароканда хусбад он, ки падид
Набувад ваҷҳи бомдодонаш!
Мӯр гирд оварад* ба тобистон,
То фароғат бувад зимистонаш!

*(*****Ваҷҳи бомдодон:*** *пули кафофи маъоши фардо. Ваҷҳ гоҳе дар сиёқи форсӣ ба маънойи пул ояд. Ҳофиз фармояд:*

Абри озорӣ баромад, боди наврӯзӣ расид,
Ваҷҳи май мехоҳаму мутриб, кӣ мегӯяд расид?

*****Мӯр гирд оварад…:*** *Саъдӣ дар яке аз* ***маҷолиси худ*** *низ овардааст: «Овардаанд, ки дар боғе булбуле бар шохи дарахте ошёна дошт. Иттифоқан, мӯре заъиф дар зери он дарахт ватан сохта ва аз баҳри чандрӯза мақому маскане пардохта! Булбул шабу рӯз гирди гулистон дар парвоз омада ва барбати нағамоти дилфиреб дар соз оварда, мӯр ба ҷамъи нафахот (дар чопи Шӯрида–нафақот)-и лайлу наҳор машғул гашта… Чун фасли баҳор бирафту мавсими хазон даромад,… булбули гуруснайи даҳрӯза пеши мӯр ба дарюза рафт… Мӯр гуфт: «Ту шабу рӯз дар қол будӣ ва ман дар ҳол… Намедонистӣ, ки ҳар баҳореро хазоневу ҳар роҳеро поёне бошад?!»*

Назири мазмуни байти Саъдиро аз суханони Луқмони Ҳаким овардаанд: «Аз пандҳойи Луқмон ба писараш: Ай писарам, мӯрча аз ту зиракртар набошад, ки дар тобистон баройи зимистонаш дона гирд меёварад» («Самор-ул-қулуб», 97).

Мазмуни мазкурро дар ҳикоёти Эзоп ҳам овардаанд.

******Фароғат:*** *дар забони форсӣ ба маънойи осудагӣ ва фароғи дил меояд; дар арабӣ ба маънойи ношикебойӣ ва беоромӣ.*

Маънойи қитъа*: Шабҳангом он кас, ки кафофи маъоши фардояш маълум нест, хотире дастхуши тафриқа (пароканда гӣ, парешон–О. Ш.) дорад; мӯрча дар гармойи тобистон дона фароҳам меоварад, то дар гоҳи барфу сармойи зимистон осуда бошад!).*

Фароғат бо фоқа напайвандаду ҷамъият дар тангдастӣ сурат набандад; яке таҳримайи ишо баставу яке мунтазири ашо ниша-

ста. Ҳаргиз ин бад-он кай монад?

(Ҷамъийят: *осудагӣ ва фароғи дил.*

Ишо ва ашо*–дар навишти арабӣ (бидуни сабти ҳаракот) ҳарду ба як шакаланд («ъайн», «шин» «алиф»), аммо агар* ***ишо*** *(ъишо)–манзур намози хуфтан; ва, агар* ***ашо*** *(ъашо)–ғизои шаб.*

Тахримайи ишо: *бастани намози хуфтан, ақди намози ишо, яъне, таҳрима дар ҳангоми намози ишо (намози хуфтан). Таҳрима–ба маънойи таҳрим ва мурод аз таҳрим ё таҳрима дар ин ҷо такбир ё такбират-ул-иҳром аст; яъне, «Аллоҳу акбар» гуфтан баъд аз нийяти намоз ва маънойи он ҳаром гардонидани сухану ҳаракотест бар худ, ки берун аз калому афъоли намоз бошад.*

Мунтазири ашо: *чашмбароҳи ғизои шом ё шаб, ё таъоми шабонгоҳӣ.*

Маънойи чанд ҷумла: ***Осудадилӣ бо фақру ниёз фароҳам наёяду оромиши дарун бо тиҳидастӣ мутасаввиру мумкин набошад. Як кас ба ақди намози хуфтан пардохтаву дигар чашмбароҳи шоми шаб мондааст; ҳеч гоҳ ҳоли ин ду ба якдигар шабоҳат надорад!).*

Худованди мукнат ба Ҳақ муштағил,
Парокандарӯзе парокандадил!

*(**Мукнат:** тавонгарву қудрат. **Худованди мукнат**–тавонгару сарватманд.Ниг. ба ҳикояти 7 боби чаҳор, тавзеҳи «худованди тадбир».*

Парокандарӯзӣ: *касе, ки асбоби ризқаш фароҳам набошад.*

Маънойи байт*: Тавонгар ба парастиши Эзиди Таъоло пардозад, аммо онеро, ки асбоби ризқ фароҳам набошад, хотир парешон аст!).*

Пас, ибодати инон ба қабул авлотар аст, ки ҷамъанду ҳозир, на парешону парокандахотир, асбоби маъишат сохтаву ба авроди ибодат пардохта.

(Аврод–*ҷамъи вирд ва вирд порае аз Қуръон ё дуъо.*

Маънойи чанд ҷумла: *Пас, тоъати тавонгарон дар пешгоҳи Ҳақ ба пазируфтан сазовортар аст, чӣ бо ҷамъийяти даруну ҳузури қалб ибодат мекунанду ошуфтаҳолу парешондил нестанд ва тафриқайи хотир надоранд; васоили зиндагӣ фароҳам кардаву ба хондани Қуръону дуъо пайваста дил бастаанд).*

Араб гӯяд: «Аъузу биллоҳи миналфақрил-мукибби ва ҷивори ман ло йуҳиббу» ва дар хабар аст: «Алфақру савод-ул-ваҷҳи фиддорайн»*.

*(*Аъузу би-л-лоҳи…: паноҳ мебарам ба Худо аз ниёзмандӣ, ки одамиро нигун меафканад ва аз ҳамсоягийи касе, ки дӯсташ надорам.*

***Ло йуҳиббу–феъли музориъи муфради муғойиб; ба маънойи дӯст намедорад дар ин ҷо муносиб нест ва саҳеҳи он, мутобиқи нусхаҳойи дигар, «ло уҳиббу» (ба маънойи дӯст намедорам, музориъи мутакаллими ваҳдаҳу) аст.*

***Маънойи иборат**: Тозиён мегӯянд: «Аз дарвешию ниёз, ки одамиро ба хоки зиллат меафканад ва аз ҳамсоягийи он, ки дӯсташ надорам, ба Худо паноҳ мебарам».*

***Доктор Хуррамшоҳӣ** овардаст, ки «Дар «Гулистон»-и мусаҳҳаҳи шодравон Юсуфӣ ин таъбир «ман ло уҳиббу» омадаааст аст (касе, ки дӯст надорам) ва ин муносибтар аст».*

***Ал-фақру саводу…: (тавзеҳи Ғуломҳусайни Юсуфӣ)** «Фақр сабаби сиёҳрӯйӣ дар ду ҷаҳон аст. «Ин ҳадис дар «Сафинайи баҳор» бино ба ривояти омма нақл шуда ва мурод аз он гадоманишӣ ва ҳирсу хоҳандагист»–доктор Хазойилӣ, «Шарҳи «Гулситон», с. 625. Пайдост, дар ин ҷо фақр ба маънойи тиҳидастиву хоҳандагисит, на ба маънойи ниёзмандӣ ба Ҳақ, ки муқтабас аз ояи 15 сурайи Фотир(35) аст ва дар тасаввуф писандида аст».*

***Тавзеҳи Хатиби Раҳбар:** «Фақр мояи сиёҳрӯйӣ дар ду ҷаҳон аст. Мақсуд он аст, ки дарвешиву ниёзмандӣ мӯҷиби куфру носипосиву хорӣ дар ин ҷаҳон ва мояи хазлон (дармондагӣ–О. Ш.)-у сияҳрӯйӣ дар он ҷаҳон аст. Фақр назди соликон иборат аз фано филлоҳ (аст)-у он чӣ фармудаанд, ки «Алфақру саводулваҷҳи фиддорайн» иборат аз он аст, ки солик бо куллия фонӣ дар Аллоҳ шавад ба ҳайсийяте, ки ӯро дар зоҳиру ботину дунёву охират вуҷуд намонад ва ба адами асливу зотӣ роҷеъ гардад ва онро фақри ҳақиқӣ гӯянд (нақл «Кашшофи «Истилоҳот-ул-фунун»-и Муҳаммад-ал-Форуқӣ», с. 119».)*

Гуфто:

– Нашнидайӣ, ки Пайғамбар, алайҳиссалом, гуфт: «Ал-фақру фахрӣ?!»

*(***Алфақру фахрӣ: дарвешӣ ифтихори ман аст.*

Ин хабар ишорати сареҳ ба ояи 5 сурайи Фотир(35) дорад:

يَا أَيُّهَا النَّاسُ أَنتُمُ الْفُقَرَاءِ إِلَى اللَّهِ وَاللَّهُ هُوَ الْغَنِيُّ الْحَمِيدُ

Тарҷумайи оя (аз «Кашф-ул-асрор», бо нигориши Ҳабибуллоҳи Омӯзгор–О. Ш.): «Ай мардумон, шумо фақиронеду ниёзманд ба Худо ва Худованд бениёз аз ҳама чиз асту ситуда». Мурод аз «фақр» дар сухани Паёмбар эътирофи фақри имконӣ ва ниёзи мумкин ба воҷиб аст; яъне, худро дар ҳама ҳол ниёзманди Ҳақ дидану сари бандагӣ бар остони Эзид судан!

*****Матни ҳадисро бад-ин сурат забт кардаанд****: «Ал-фақру фахрӣ ва биҳи афтахиру»; «фақр (ниёзмандӣ ба Ҳақ) мояи ифтихори ман асту ба он фахр мекунам!»).*

Гуфтам:

– Хомӯш, ки ишорати Хоҷа, алайҳиссалом, ба фақри тоифаест, ки марди майдони ризо *(хушнудӣ)*-анду таслими тири қазо! На инон, ки хирқайи аброр пӯшанду луқмайи идрор фурӯшанд!

(Ишорати Хоҷа: *хоҷа–сарвару кадхудо ва соҳиб ва шайху пир, мураккаб аз «худой» ва «-ҷа» (= «ча»)–пасванди тасғир. Мурод аз «Хоҷайи мутлақ» ё «Хоҷайи олам», дар бештари маворид Сарвари коинот ва Паёмбари ислом аст.*

******Луқмайи идрор фурӯшанд:*** *дар нусхайи бадал ба ҷойи «фурӯшанд» «нӯшиданд» омада ва бар матн тарҷеҳ дорад. «Нӯшидан» ба маънойи хӯрдан, чун об нӯшидан, ош нӯшидан ва бода нӯшидан («Онандроҷ») аст.*

Дар мавриди «нӯшидан» ба маънойи хӯрдан (ғайри мойиъот) мисолҳойи зер дархури тавоҷҷуҳ аст:

Он чӣ мебофӣ, ҳамарӯза бипӯш,
З-он чӣ мекорӣ, ҳамасола бинӯш!
(«Маснавӣ»-и Мавлавӣ, нақл аз «Луғатномайи Деҳхудо»).

Гуфтам эшонро, ки рӯзийи ҳалол
Аз куҷо нӯшам, ки набвад он вабол.
(«Маснавӣ»-и Мавлавӣ, 3/318).

Байти зер низ аз назари иртиботи «идрор»-у «хӯрдан» қобили тавоҷҷуҳ аст:

Нони ҳалоли касб хӯрем аз тариқи илм,
Идрор чун хурем чу ҷуҳҳол сӯфиён?!
«Девон»-и Анварӣ, 2/704).

«Ба гумони банда низ, «луқмайи идрор нӯшанд» бар забти нусхайи асос ва бархе нусхаҳойи дигар (яъне, «луқмайи идрор фурӯшанд») тарҷеҳ дорад ва мафҳуми ҷумла он аст, ки ба зоҳир ҷомайи пашминайи некону парҳезгороронро бар тан доранд, аммо муқаррарву мустамиррӣ мехуранд ва аз ин роҳ имрори маъош мекунанд. «Луқмайи идрор фурӯшанд» ба иҳтимоле баъид, намудори фурӯмоягӣ тавонад буд, яъне, он чиро баройи онон муқаррар шудааст, мефурӯшанду худ аз роҳи хоҳандагӣ аз ину он зиндагӣ мекунанд!» (докотр Юсуфӣ).

Маънойи чанд ҷумла: ***Ба посух гуфтам: «Лаб фурӯ банд, ки назари Сарвари коинот, дуруд бар вай, ба дарвешиву ниёзмандийи гурӯҳест, ки дар арсайи хушнудӣ мардона ва ба тири ҳукми Илоҳӣ ҷон супоранд, на ин гурӯҳ, ки ҷомайи порсоёни накӯкор дар бар кунанду аз суфрайи инъоми дигарон нонпорае хуранд!»).*

Ай табли баландбонги дар ботин ҳеч,
Бетӯша чӣ тадбир кунӣ вақти басеч?!
Рӯйи тамаъ аз халқ бипеч, ар мардӣ,
Тасбеҳи ҳазордона бар даст мапеч!

*(**Басеч:** қасду ирода ва тайёриву омодагӣ; корсозийи сафар.*

Тасбеҳи ҳазордона: *мавсуф ва сифат.* ***Тасбеҳ*** *гоҳе ба маънойи субҳа меояду гоҳе ба маънойи Худойро ба покӣ ёд кардан. (Ниг. ба тавзеҳи «тасбеҳ» дар ҳикояти 26 боби дувум). «Субҳа» ё «тасбеҳ» донаҳоест аз гил ё санг ё ҷуз он, ки сӯрох карда ба ришта кашанду бо он зикру вирд шумор кунанд.*

Маънойи рубоъӣ*: **Ай он, ки чун дуҳул сахтхурӯшу тиҳидарун бошӣ, бе зоди тоъату тӯшайи ибодат ҳангоми риҳлат ба ҷаҳони ҷовидон чӣ гуна созӣ сафар созӣ?! Агар озодаву ҷавонмардӣ, рухи озмандӣ аз мардум бигардону аз ҳирс эъроз кун (рӯй гардон–О. Ш.)-у субҳайи ҳазордона ба нишони зуҳду тақво чун шайхони риё бар даст матоб!).*

Дарвеши бемаърифат *(фақири нодон)* наёромад, то фақраш ба куфр анҷомад; «Кодалфақру ан йакуна куфран»*, ки нашояд ҷуз ба вуҷуди ниъмат бараҳнае пӯшидан ё дар истихлоси гирифтор *(раҳонидани асир)*-е кӯшидан ва абнои ҷинси моро ба мартабайи эшон, ки расонад ва яди ъулё* ба яди суфло чӣ монад?!

*(****Кодалфақру….:*** *фақр мумкин аст ба куфр мунҷар шавад*

*(ниг. ба «Файз-ул-қадир шарҳ-уҷ-ҷомеъ-ис-сағир», 4/542). **Мақсуд он, ки дасти дарюзагӣ (талабандагӣ, гадойӣ) пеши арбоби бемуруввати дунё дароз кардан ба куфру носипосийи ниъмати Яздон ва беимонӣ мекашад!*

***Яди ъулё ба…:** дасти бартар (диҳанда, бахшанда) ба дасти фурӯтар (гиранда, ситонанда) чӣ шабоҳат дорад? Ҳадиси набавист: «Алйад-ул-ъулё хайрум мин ядиссуфло вабда биман таъулу» «Файз-ул-қадир шарҳ-уҷ-ҷомеъ-ис-сағир», 6/466): «Дасти бахшанда биҳтар аз дасти гиранда аст; бахшиши худро нисбат ба касоне шурӯъ кун, ки таҳти такаффули туянд». **Мурод аз «яди ъулё», ба киноя, дасти диҳанда аст, зеро даргоҳи бахшиш болост ва мақсуд аз яди суфло, ба киноя, дасти ситонанда аст, ки дар ҳангоми гирифтан зер аст).*

Набинӣ, Ҳақ, ҷалла ва ъало (*бузургу бартар аз ҳар чиз)*, дар муҳками Танзил *(оёти устувори Қуръон)* аз наъими аҳли Биҳишт хабар медиҳад, ки «Улоика лаҳум ризқум маълумун»**, то бидонӣ, ки машғули кафоф аз давлати афоф *(покдоманӣ)* маҳрум асту мулки фароғат зери нигини ризқи маълум.

(****Ҳақ:** *номе аз номҳойи Эзиди Мутаъол ё аз сифоти Ӯ– собит, рост, дуруст. Дар забони форсӣ Ҳақ гоҳ ба ташдид (Ҳаққ) ва гоҳ ба тахфиф гуфта ояд.*

أُوْلَئِكَ لَهُمْ رِزْقٌ مَّعْلُومٌ

Улоика лаҳум... *Эшонро рӯзӣ муъайян аст (ояи 41, Соффот(37). Табаррусӣ «ризқун маълумун»-ро ба анвоъи ниъматҳо тафсир кардааст (ниг. ба сафҳайи 443 ҷ. 8 «Маҷмаъ-ул-баён»-и Табаррусӣ, чопи Теҳрон).*

Маънойи чанд ҷумла: *Фақири нодон аз пой наменишинад, то дарвешиву ниёзаш ба беимониву носипосӣ кашад, ки дар ҳадис омадааст: «Фақр ба куфр наздик аст, чӣ наметавон ҷуз бо мол урёнеро ҷома додан ё дар раҳойиши асире саъй кардан; ҳамрутбагону ҳамҷинсони мо (дарвешон)-ро кас ҳампояи тавонгарон нашносаду дасти бартари диҳанда ба дасти фурӯтари ситонанда шабоҳате надорад; оё нашнидаву нахондайӣ, ки Эзиди Бузурги Мутаъол дар ҳуҷҷатҳойи устувори Қуръон, ки аз осмон фурӯ фиристод, аз ниъмати биҳиштиён огоҳамон месозад, ки эшонро ниъматҳойи гуногун аст; то ҳамоно дарёбӣ, ки гирифтори ваҳҳи маъош аз ниъмати покдоманӣ бебаҳра аст ва, он, ки ризқ омодаву рӯзӣ ниҳода дорад, кишвари осудагӣ мусаххару зери нигини ӯст).*

Ташнагонро намояд андар хоб
Ҳама олам ба чашм чашмайи об!

*(*****Маънойи байт:*** *Тамоми ҷаҳон дар дидайи ташнакоми хуфта ба сурати чашмайи об ошкору ҳувайдо мешавад.*

**Мазмуни байт масал аст, ки гӯянд: «ташна дар хоб об мебинад» («Амсолу ҳикам», 1/26).*

Ҳолӣ, ки ман ин сухан бигуфтам, инони тоқати дарвеш аз дасти таҳаммул бирафт. Теғи забон баркашиду аспи фасоҳат** дар майдони вақоҳат *(бешармӣ)* ҷаҳониду бар ман давонид ва гуфт:

– Чандон муболағa дар васфи эшон бикардиву суханҳойи парешон бигуфтӣ, ки ваҳм тасаввур кунад, ки тарёқанд ё калиди хизонайи арзоқ; муште мутакаббир, мағрур, муъҷиб *(хештанбину худписанд)*, нафур, муштағили молу ниъмат, муфтатани ҷоҳу сарват, ки сухан нагӯянд илло ба сафоҳату назар накунанд илло ба кароҳат; уламоро ба гадойӣ мансуб кунанду фуқароро ба бесарупойӣ маъюб гардонанд ва ба ғиррат *(фирефтагии)*-и моле, ки доранду иззати ҷоҳе, ки пиндоранд, бартар аз ҳама нишинанду худро биҳ аз ҳама бинанд ва на он дар сар доранд, ки сар ба касе бардоранд! Бехабар аз қавли ҳукамо, ки гуфтаанд: «Ҳар кӣ ба тоъат аз дигарон кам асту ба ниъмат беш, ба сурат тавонгар асту ба маънӣ дарвеш!».

*(*****Фасоҳат:*** *шевоийи сухан. Вале гумон меравад, ки тасҳиф (хато дар навишт–О. Ш.)-и «фазоҳат» мумкин бошад, ба маънойи русвойӣ; аспи фазоҳат–тавсани русвойӣ.*

Маънойи ҷумлаҳойи ахир: *То (= ҳолӣ ки) ин гуфтор бар забон рондам, зимоми тобу тавони фақир аз каффи бурдборӣ бадар рафт (ба киноя, сахт бетобу нобурдбор шуд), шамшери забон бароҳехтву тавсани русвойӣ дар майдони бешармӣ бо шитоб ронд ва бар ман тохту гуфт: «То он ҷо дар ситудани эшон кӯшидиву ёваҳо бар забон овардӣ, ки кас пиндорад тарёк (= подзаҳр) ё мифтоҳи ганҷи рӯзианд; гурӯҳе фурӯмояйи худбин ва бехирадӣ худписанд ва раманда аз мардумон, гирифтор дар банди сарвату мол, фирефтайи мақому зар, ки ҷуз ба сабуксориву нодонӣ лаб накушоянд ва ба кас ҷуз ба дидайи таҳқир нанигаранд; доноёнро дарюзагар шуморанду бенавоёнро ба тангдастиву бесарӯсомонӣ айб кунанд ва ба фиреби зару симе, ки меандӯзанду ҳурмати мақоме, ки баройи худ ба ботил меандешанд, дар садр*

ҷой мегузинанд ва хештанро афзун аз ҳама мепиндоранду дар ин андеша нестанд, ки ба дигаре рӯй оранд, ғофил аз ройи фарзонагон, ки фармудаанд: «Ҳар кас ба фармонбариву ибодати Яздон аз касони дигар фурӯтар аст, ба сарвату мол фузунтар, ба зоҳир ғанисту ба ҳақиқат фақир!»).

Гар беҳунар ба мол кунад кибр бар ҳаким,
Куни хараш* шумор вагар гови анбар аст!

*(****Куни хар:*** *«Илова бар маънойи мақъади хар киноя аз мардуми дурушти ноҳамвори бетамиз ва нодону беақлу аҳмақ»; («Бурҳони қотиъ»). Иҳоми Саъдӣ ёдовари ҳар ду маъност.*

******Гови анбар:*** *ҷонвари дарёӣ, ки дар форсӣ бол ё вол ё моҳийи бол ва ё вол низ гӯянд ва моддае бӯё ба номи анбар аз масонайи ӯ берун мешавад; ба киноя, молдор.*

Маънойи байт: *Агар нодон ба сарват бар фарзона бузургӣ фурӯшад, вайро ба палидӣ, нодонӣ ва бетамизӣ куни хар (= аблаҳ) бишумор, агарчи худро ба иллати молдорӣ ҳамон гови гаронқимат бишносад, ки анбар аз ӯ ба даст ояд!).*

Гуфтам:

– Мазаммат *(накӯҳиш)*-и инон раво мадор, ки худованди караманд!

Гуфт:

– Ғалат гуфтӣ, ки бандайи дираманд! Чӣ фоида? Чун абри озоранду** намеборанд ва чашмайи Офтобанду** бар кас наметобанд; бар маркаби истиоъат саворанду намеронанд; қадаме баҳри Худо наниҳанду дираме бе манну азо** надиҳанд. Моле ба машаққат фароҳам оранду ба хиссат** нигаҳ доранду ба ҳасрат бигузоранд. Чунонки ҳакимон гӯянд: «Сими бахил аз хок вақте барояд, ки вай дар хок равад!».

*(*****Озор:*** *номи моҳи аввали баҳор аз соли румиён.* ***Абри озор****– абри баҳор.*

******Чашмайи Офтоб:*** *изофайи баёнӣ, ташбеҳи сареҳ.* ***Офтоб****– калимайи мураккаб аз «оф» (= об) + «тоб». «Оф» ба маънойи равшанию дурахшандагӣ. Пас «офтоб» ба маънойи равшани гармобахш аст. («Ҳавошийи «Бурҳони қотиъ», тасҳеҳи доктор Муъин). «Озор», «бор», «офтоб», «тоб» саҳъҳойи мутаррафанд.*

******Манну азо:*** *миннат ва озор. Муқтабас аз ояи 262, сурайи Бақара(2):*

الَّذِينَ يُنفِقُونَ أَمْوَالَهُمْ فِي سَبِيلِ اللّهِ ثُمَّ لاَ يُتْبِعُونَ مَا أَنفَقُواْ مَنًّا وَلاَ أَذًى لَّهُمْ أَجْرُهُمْ عِندَ رَبِّهِمْ وَلاَ خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلاَ هُمْ يَحْزَنُونَ

«Онон, ки моли худро дар роҳи Худо сарфу инфоқ мекунанду пайрави он нафақа миннату озоре ба касе надоранд, музди онон назди Худованд аст ва бар эшон биме нест ва на дар Охират андӯҳгин бошанд» (аз «Кашф-ул-асрор»), нигориши Ҳабибуллоҳи Омӯзгор.

***Хиссат**–фурӯмоягӣ.*

***Маънойи ҷумла**: Ин гурӯҳро накӯҳиш макун, ки родмардонанд. Гуфт: «Хато гуфтӣ, чокари симу заранд! Чӣ суд? Чун абри баҳориянд, вале файзе намерасонанд ва хуршеданд, аммо ба мардум нуру гармӣ намедиҳанд; бар тавсани тавонойӣ барнишастаанду дар майдони карам наметозанд; хоста ба душворӣ гирд ованду ба фурӯмоягӣ пос доранд ва бо андӯҳ барҷой ниҳанду бигзоранд, ки доноён гӯянд: «Зару сими зафт (дурушт, муҳкам, молмол–О. Ш.) он гоҳ аз даруни хок бурун ояд, ки ӯ худ дар дили замин ҷой гузинад!).*

Ба ранҷу саъй касе ниъмате ба чанг орад,
Дигар кас ояду бе саъю ранҷ бардорад!

*(**Маънойи байт:** **Шахсе моле ба заҳмату кӯшиш фароҳам созаду бигзорад; дигаре фаро расаду бе муҷоҳадаву миҳнат молик шаваду бибарад.*

***Мазмуни байтро** бо ин масали арабӣ муқояса кардаанд: «Рабба зориъи линафсиҳи ҳосидун сивоҳу» («Маҷмаъ-ул-амсол», 265; «Ал-Мутанаббӣ ва Саъдӣ», 141); яъне, «Басо касо, ки аз баройи хештан кишт карду ҷуз ӯ(касе дигар) онро дарав кард!»).*

Гуфтамаш:

– Бар бухли худовандони ниъмат вуқуф *(огоҳӣ)* наёфтайӣ, илло ба иллати гадойӣ, вагарна ҳар кӣ тамаъ як сӯ ниҳад, кариму бахилаш яке намояд. Миҳакк донад, ки зар чисту гадо донад, ки мумсик кист.

*(**Миҳак(к):** санге, ки тило ё нуқраро ба он мемоланду иёри онҳоро озмойиш мекунанд; дар форсӣ «санги зар» ҳам гуфта шуда).*

Гуфто:

– Ба таҷрибати он ҳамегӯям, ки мутаъаллиқон *(хешованду дӯстон)* бар дар бидоранду ғализони* шадид баргуморанд, то бори** азизон надиҳанд ва даст бар синайи соҳибтамизон ниҳанду гӯянд: «Кас ин ҷо дар нест!» ва рост гуфта бошанд.

(Ғализони шадид: *хидматгорони сахтдили сахтгир. *«Нозир ба иборати Қуръонист. Ояи 6 аз сурайи Таҳрим(66):*

عَلَيْهَا مَلَائِكَةٌ غِلَاظٌ شِدَادٌ

Яъне, «бар Дӯзах фариштагони сахтгиру сахтгӯй муваккаланд». «Бо иқтибоси ин алфоз хонайи тавонгарон ба Дӯзах, зимнан, ҳамонанд шудааст»–Доктор Хазойилӣ, «Шарҳи «Гулистон», 628.

Бор додан: *иҷоза додан.*

Маънойи чанд ҷумла: *Посух дод: «Ин сухан ба озмун изҳор мекунам, ки хешовандону бастагони хеш бар дари сарой бигуморанду чокарони дуруштхӯйи сахтгирро ба дарбонӣ фармон диҳанд, то инон ба мардони арҷманд иҷозайи даромадан надиҳанд ва доноёнро аз дар бironанду бар забон ованд, ки дар ин хона дайёр (соҳибдар, дайрнишин, кас–О. Ш.) нест ва дуруст гуфтаанд!».)*

Онро, ки ақлу ҳиммату тадбиру рой нест,
Хуш гуфт пардадор, ки кас дар сарой нест.**

(Маънойи байт: ***Дарбони саройи он кас, ки аз пирояи хираду андешаву фикри дурусту назари соиб (дурусту расо) бебаҳра аст, чӣ нағзу некӯ гуфт, ки дар ин хона дайёр нест! (чун «кас» ба маънойи шахси гаронмояву азизқадр низ ба кор меравад, пас, ба ибҳом, муроди Саъдӣ он аст, ки дар ин хона нокаси фурӯмояст, на касе донову арзишманд!).*

Гуфтам:

– Ба узр *(сабаб)*-и он, ки аз дасти мутаваққиъон *(уммедворон, ниёзмандон)* ба ҷон омадааанду аз руқъайи гадоён ба фиғон ва муҳол *(номумкин)*-и ақл аст, агар реги биёбон дурр шавад, ки чашми гадоён пур шавад!

(Руқъа: *навиштайи мухтасар, дар ин ҷо мурод суъолнома.*

Дурр: *марворид; дар арабӣ бо «ро»-и мушаддад ва дар сиёқи форсӣ гоҳ ба тахфиф хонда мешавад.*

Маънойи чанд ҷумла: *Посух додам: «Ба сабаби он, ки аз ситаму зӯри хоҳандагон ҷонашон ба лаб расидаву аз суъолномаҳойи*

дарюзагарон фарёд аз ниҳодашон баромадааст ва ба ҳукми ақл мумкин нест, ки агар сангрезайи биёбонҳо ҳам марворид шавад, чашми фақирон сер гардад!»).

Дидайи аҳли тамаъ ба ниъмати дунё
Пур нашавад, ҳамчунон ки чоҳ ба шабнам!

(*Доктор Хатиби Раҳбар дар шарҳи маънойи ин байт фармуда, ки «моли ин ҷаҳон чашми озмандонро сер накунад, ҳамчунон* ***жола****, ки чоҳро натавонад анбошт». «Жола» аз луғатҳойи сермаъност ва дар гӯйиши тоҷикон ба маънойи «тагарг» истифода мешавад; «****Тагарг****–қатраҳойи борон, ки аз асари сардийи ҳаво ба яхча мубаддал мегарданд» («Фарҳанги забони тоҷикӣ», ҷ. 2, с. 422.) Чунончи, Хоқонӣ дар мавриде «жола»-ро бо ҳамин маънӣ ба кор бурдааст:*

Субҳгоҳе сари хуноби ҷигар бикшоед,
Жолайи субҳдам аз наргиси тар бикшоед!
Дона-дона гуҳари ашк буборед, чунонк,
Гираҳи риштайи тасбеҳ зи сар бикшоед!

Аммо «жола» маънойи шабнамро ҳам дорад, ки байти мазкури Саъдӣ намунаҳое аз он аст. Ва дар идомайи ин баҳс хоҳем дид, ки Шайхи бузургвори Шероз «жола»-ро на ба маънойи шабнам, балки ба маънойи тагарг истифода кардаст:

Агар жола ҳар қатрае дурр шудӣ,
Чу хармуҳра бозор аз ӯ пур шудӣ!
Устод Рӯдакӣ низ бо ин мазмун фармудааст:
Ва гашта з-ин паранди сабз шохи беди бунсола
Чунончун ашки маҳҷурон нишаста жола бар лола!
Ин байт *ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ҳар куҷо сахтикашидае, талхидидаеро бинӣ, худро ба шараҳ дар корҳойи махуф *(бимнок)* андозаду аз тавобиъ *(оқибат)*-и он напарҳезад ва зи уқубати Эзид наҳаросаду ҳалол аз ҳаром нашносад.

*(*****Маънойи ҷумла:*** *Намебинӣ, ки ҳар куҷо миҳнатзадайи ранҷкашидаест, хештанро ба оз дар балоҳойи саҳмгин афканаду аз авоқиби бади он ҳазар накунад ва аз кайфари Илоҳӣ натарсаду раво аз нораво бознадонад).*

Сагеро гар кулӯхе бар сар ояд,
Зи шодӣ барҷаҳад, к-ин устухонест!
Вагар наъше ду кас бар дӯш гиранд,
Лаъимуттабъ пиндорад, ки хонест!

(Наъш: *ҷаноза (тахти мурда) бо мурда.*
Лаъимуттабъ: *фурӯмоя.*
Маънойи қитъа: ***Агар бар тораки саге ҳарис хиштпорае фурӯ афкананд, ба шавқи он, ки устухонпорест, аз ҷой барпарад ва агар ҷанозае ду тан ҳамл кунанд, озманди фурӯмоя гумон барад, ки табақе бузург аз хӯрданист!).*

Аммо соҳиби дунё ба айни иноят *(дидайи лутф)*-и Ҳақ малҳуз *(нигариста)* асту ба ҳалол аз ҳаром маҳфуз *(**вале Эзиди Якто дар сарватманд ба чашми лутфу ҳимоят менигараду тавонгар аз хостайи поку моли ҳалол бархурдор аст ва аз олудагӣ ба норавову нобойист дар амон)*. Ман, ҳамоно, ки тақрири ин сухан накардаму бурҳону баён наёвардам; инсоф аз ту таваққуъ дорам, ҳаргиз дидайӣ дасти дағо *(марди нодурусту дағал)*-е бар китф баста ё бенавое ба зиндон дарнишаста ё пардайи маъсуме дарида ё каффе аз миъсам бурида, илло ба иллати дарвешӣ?!

(Маънойи ҷумла: ***Ман ба яқин дар ин гуфтор ба истидлол напардохтаму ҳуҷҷату баййина (ҳуҷҷати возеҳу ошкор) иқома накардам; чашми он дорам, ки ту худ дод диҳӣ; оё ҳеч гоҳ дидайӣ, ки ҷуз ба сабаби фақр дасти дағалбози норостқоре дар гулу занҷир бар гардан овехта гардад ё тангдасте ба ҳабс афтад ё шунидайӣ, ки ҷуз ба иллати фақирӣ бегуноҳе ирз (моя–О. Ш.)-и гиромӣ барбод диҳад ва ё панҷайи нотавоне аз бандагон қатъ шавад?! (Дар нусхаҳойи Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ ва Муҳсини Рамазонӣ ба ҷойи «дағо» «дуъо» омадааст, аммо Ғуломҳусайни Юсуфӣ ва Халили Раҳбар «дағо»-ро афзал донистаанд. Аз ҷумла, шодравон Юсуфӣ навиштаст: «**дуъо**», ки дар нусхаҳо омада, баъид менамояд. Бисёр муҳтамал аст, ки «**дағо**» буда бошад, бахусус, ки забти ахир бо бақияи аҷзойи ҷумла таносуб дорад». Аммо дар чопи Тошканд (с. 266), тибқи қиёси Ӯктами Холиқназар, «дасти дағойӣ» забт шудааст.–О. Ш.).*

Шермардонро ба ҳукми зарурат дар нақбҳо гирифтаанду каъб *(шитолинг, буҷулаки пой)*-ҳо суфта *(**шердилоне, ки ба ҳукми*

фақру ниёзмандӣ бо кандани нақбҳо ба дуздӣ пардохтаанд, гирифтор (дар банду ғӯл) мегиранду устухони пушти пойи онон ба шиканҷа сӯрох (захмӣ) мешавад). Ва муҳтамал аст он, ки якеро аз дарвешон нафси аммора** талаб кунад. Чун қуввати иҳсонаш (*иҳсон бо «син»– О. Ш.*) набошад, ба исён мубтало гардад, ки батну фарҷ** тавъаманд, яъне, фарзанди як шикаманд. Модом, ки ин яке барҷоӣ аст, он дигар барпой аст.

(***Нафси аммора****–ин таъбир аз Каломи шариф аст ва онро Хатиби Раҳбар деви дарун мехонад; ба таъбири Ғуломҳусайни Юсуфӣ–ғалабайи ҳайвонийят бар руҳи одамӣ, ки ӯро ба корҳое зишт вомедорад; нафси бадфармой. Ҳазрати Карим дар сурайи Юсуф(12), ояи 53 фармуда:*

إِنَّ النَّفْسَ لَأَمَّارَةٌ بِالسُّوءِ

(«Ҳамоно нафс инсонро ба корҳойи зишт фармон медиҳад»).

Карими Замонӣ (яке аз соҳибназарони муъосири адаби форсӣ) аз нафси аммора ин гуна таъриф мекунад: «Акобири урафову сӯфия ақида доранд, дар ниҳоди одамӣ унсури шарире ба номи руҳи ҳайвониву шаҳвонӣ қарор дорад, ки ӯро ба зиштиҳо мекашад. Ин нафс дар лисони Қуръони Карим нафси аммора номида шудааст. Мавлоно дар «Маснавӣ» ин нафсро ба мору аждаҳо ва сагу дӯзах ташбеҳ кардааст. Урафо ақида доранд, ки то одамӣ бар қувойи шаҳвонияш султа наёбад, сухан аз дину имон беасос аст. Бино бар ин, тарвиз (парвариш, омодасозӣ–О. Ш.)-и нафс асоси диндорист. Абусаъид гуфтааст: «То ба нафси худ кофир нагардӣ, ба Худо мӯъмин нашавию тоғути ҳар кас нафси ӯст!»– Карими Замонӣ. «Шарҳи ҷомеъи Маснавийи маънавӣ», 1/181.).

***Иҳсон** (бо «син»–О. Ш.)–некӣ кардан, вале аз сиёқи иборат ин калима бояд мусаҳҳаф (калимае, ки ҳангоми навиштан ё хондан тағйир дода шуда бошад–О. Ш.)-и «иҳсон» (бо «сод») бошад (ба маънойи нигоҳ доштани нафс аз ношойист).*

***Батну фарҷ:** ба киноя, мурод шикампарастиву шаҳватронист.).*

Шунидам, ки дарвешеро бо ҳадас *(навҷавон)*-е бар хабасе* гирифтанд. Бо он, ки шармсорӣ бурд, бими сангсорӣ буд. Гуфт:

– Ай мусалмонон, қувват надорам, ки зан кунаму тоқат на, ки сабр кунам! Чӣ кунам? Ло руҳбонийята филисломи*.

(***Хабас:** доктор Юсуфӣ ин калимаро «хубс» хонда, сабабашро чунин эзоҳ додааст: «Ин калима, бо замми аввал ва сукуни дувум, дар луғат ба маънойи зино, ба ҳаром даромехтан бо касе ва низ*

даромехтани мард бо мард аст (ниг. ба «Луғатномайи Деҳхудо»), ки дар ин ҷо ҳамин амал манзур аст. Аммо баъзе шореҳони «Гулистон» (Шӯрида, доктор Хазойилӣ, доктор Хатиби Раҳбар) зоҳиран, ба қаринайи «ҳадас» онро «хабас» (палидӣ) хондаанду «кори палиду зишт» таъбир кардаанд».

***Ло руҳбонийята филисломи:** Матни ҳадис чунин аст: «Ло руҳбонийята ва ло табаттула филисломи» («Аҳодиси «Маснавӣ», 189); «риёзати роҳибони тарсову буридан аз дунё дар ислом нест». «Руҳбонийят» дар луғат ба фатҳи аввал ҳам омадааст).*

Ваз ҷумлайи мавоҷиби сукун *(асбоби оромиши дил)*-у ҷамъийяти дарун *(осудагиву фароғи хотир)*, ки мар тавонгарро муяссар мешавад, яке он ки ҳар шаб санаме дар бар гирад, ки ҳар рӯз бад-ӯ ҷавонӣ аз сар гирад. Субҳи тобонро даст аз сабоҳат *(накӯйиву зебойӣ)*-и ӯ бар дил ва сарви хиромонро пой аз хиҷолати ӯ дар гил!

***Маънойи ду ҷумлайи ахир**: Бомдоди равшанро аз зебоийи вай дасти навмедӣ бар дил ва сарви нозонро шарми ҷамоли вай пой аз рафтор фурӯ мондааст!*

Ин ду ҷумла васфест баройи санам).

Ба хуни азизон фурӯ бурда чанг,
Сарангуштҳо карда уннобранг*.

*(***Уннобранг:** сурхранг. Унноб–мевае мойил ба қирмиз ва шабеҳи санҷид, ,ки дар форсии тоҷикӣ онро «челон» ва «шелон» низ гӯянд. Байт аз «Бӯстон»-и Саъдист (б. 908).*

***Мазмуни байт**: «Ранги сурхи сарангуштҳойи маъшуқ аз хуни ошиқ» дар ашъори Саъдӣ борҳо омадааст; дар шеъри Мутанаббӣ ва дигарон дар забони арабӣ низ ҳаст (ниг. «Ал-Мутанаббӣ ва Саъдӣ», с. 238).*

***Маънойи байт:** Ба хуни ошиқони гиромӣ даст оғуштаву нохунҳо сурхфом карда.*

Ҳар мисраъи байт як сифати мураккаб ва доройи маънойи фоъилист.).

Муҳол аст, ки бо ҳусни талъати ӯ гирди маноҳӣ *(корҳойи ношиста)* гардад ё қасди табоҳӣ кунад.

*(****Маънойи чанд ҷумла**: Натавонад буд, ки бо накӯйии рӯйи вай бар пайи корҳойи нораво равад ё оҳанги зиштиву фасод кунад).*

Диле, ки ҳури биҳиштӣ рабуду яғмо кард,
Кай илтифот кунад бар бутони яғмойӣ?!

*(**Ҳур:** занони сияҳчашм, ҷамъи ҳавро (низ ниг. ба ҳикояти 7 боби аввал, ба тавзеҳи «ҳурони биҳиштӣ»).*

*****Бутони яғмойӣ:** «Чун яғмоиён (яъне, туркон аз қабилайи Яғмо, ки қабилайи маъруфе аз туркҳои машриқ будаанд) ба торочу ғорат маъруф будаанд, лиҳозо «яғмо кардан» ва «яғмо задан» (= ғорат кардан) аз ин амали ин қабилайи атрок маъруф шудааст» (Муҳаммади Қазвинӣ, «Ҳавошийи «Бурҳони қотиъ», 4/2437). Яғмо ба хубрӯён низ шуҳрат доштааст ва «яғмойӣ» «зеборӯй» маънӣ шудааст.*

******Маънойи байт:** Он, ки хотири вайро сияҳчашме биҳиштирӯю биҳиштихӯй гирифтори ишқ сохт ва дил аз даст рабуд, дигар ба зебоёни Яғмойи Туркистон нанигарад!).*

Ман кона байна ядайҳи моштаҳо рутабун,
Йуғниҳи золика ъан раҷмилъаноқиди*.

*(****Ман кона…:** касе, ки дилаш хурмойи тоза бихоҳад, онро пеши рӯй оварад, ин дастрасӣ ба хурмо ӯро аз санг андохтан ба хӯшаҳойи дарахт бениёз мегардонад).*

Ағлаб *(аксар)*-и тиҳидастон домани исмат ба маъсият олоянду гуруснагон нон рабоянд.

Чун саги даранда гӯшт ёфт, напурсад,
К-ин шутури Солиҳ аст ё хари** Даҷҷол!

*(**Шутури Солиҳ: Солиҳ**–пайғамбаре, ки бар қавми Самуд мабъус шуд ва мардумро ба парастиши Худойи Ягона даъват кард ва низ аз онон хост шутури муъайянеро бигзоранд дар он маҳал бичарад ва аз оби он ҷой бинӯшаду озораш накунанд. Аммо мухолифон онро пай карданд (чаҳор дасту пойи ҳайвонро бо шамшер буридан)-у куштанд ва ба воситайи нофармонӣ гирифтори азоби соъиқа шуданд. **Ноқа** ва шутури Солиҳ, ишора ба ҳамин кор аст (ниг. ба сурайи Аъроф(7), ояҳойи 73–79; сурайи Ҳуд(11), 61–68; сурайи Шуъаро(26), 141–158; сурайи Қамар(54), 23–31).*

Хари Даҷҷол: *хари дурӯғгӯйи охир-уз-замон.* ***Даҷҷол****–дурӯғгӯ, фиребанда; лақаби Масеҳи каззоб, ки дар охири замон зоҳир шавад ва даъвийи парвардгорӣ кунад, ки бузургтарин дурӯғ аст.*

Маънойи байт*: Чун саги гуруснайи тездандон туъма ба даст оварад, ҳаргиз суъол накунад , ки ин ноқайи Солиҳи паёмбар аст ё хари дурӯғгӯйи охируззамон!*

Ин байт ҳукми масали сойир пайдо кардааст).

Чӣ моя мастурон *(парданишинон, парҳезкорон)* ба иллати дарвешӣ дар айни фасод афтодаанду ирз *(номус, обрӯ)*-и гиромӣ ба боди зиштномӣ бардода!

*(*****Маънойи ду ҷумла****: Чӣ бисёр парданишинон, ки ба сабаби фақру тангдастӣ дар миёни манҷалоби табоҳкорӣ фурӯ рафтаву номуси азиз бар боди русвойӣ додаанд!)*

Бо гурснагӣ қуввати парҳез намонад,
Ифлос инон аз кафи тақво биситонад!

(Ифлос: *тиҳидастӣ.*

*****Маънойи байт****: Нируйи тақво ба иллати бенонӣ табоҳ гардаду тиҳидастӣ сарриштайи ихтиёр аз дасти парҳезгорӣ бирабояд!)*

Ҳотами Тойӣ, ки биёбоннишин буд, агар шаҳрӣ будӣ, аз ҷӯш *(издиҳом ва шӯриш)*-и гадоён бечора шудӣ ва ҷома бар ӯ пора кардандӣ!

Гуфто:

– На, ки ман бар ҳоли эшон раҳмат мебарам.

Гуфтам:

– На, ки бар моли эшон ҳасрат мехурӣ!

Мо дар ин гуфтору ҳар ду ба ҳам гирифтор; ҳар байдаке, ки бирондӣ, ба дафъи он бикӯшидамеву ҳар шоҳе, ки бихондӣ, ба фарзин пӯшидаме, то нақди кисайи ҳиммат дарбохту тири ҷаъба *(тирдон)*-йи ҳуҷҷат ҳама бияндохт.

(Ҳотами Тойӣ: *Ҳотам ибни Абдуллоҳ ибни Саъди Тойӣ, муканно (кунядор) ба Абусаффона, марде сахиву шоъир буд, ки андаке пеш аз зуҳури ислом даргузашт (605 милодӣ) ва Арабу Аҷам ба вай дар родмардиву бахшандагӣ масал заданд.*

Байдақ: *пиёдайи шатранҷ, муъарраби пиёда.*

Шоҳ хондан: *шоҳи ҳарифро дар бозийи шатранҷ киши додан.*

Киш–амр ба бархезонидани шоҳи шатранҷ аст, вақте ки дар хонайи муҳрайи ҳариф нишаста бошад («Бурҳони қотиъ»).

Фарзин: *вазир дар бозийи шатранҷ, фирзон.*

*****Маънойи чанд ҷумла:*** *Ҳотами Тойӣ, ки муқими саҳро буд, агар шаҳрнишин мешуд, аз шӯришу издиҳоми дарюзагарон дармемонду пираҳан бар танаш чок мезаданд. Гуфт: «Чунин набошад, ки бар аҳволи табоҳашон дилам месӯзад!» Посух додам: «Чунин нест, балки, ба сабаби тавонгаришон, бар онон ҳасад мекуниву андӯҳ мебарӣ! Ману ӯ ҳар ду аз ин гуна суханон мегуфтему ба ҷидолу муноқаша машғул будем; ҳар пиёда, ки бар натъи истидлол пеш мениҳод, ба ронданаш ҷаҳд мекардаму ҳар бор, ки ба шоҳ киш медод, бо вазир шоҳро аз таъарруз нигоҳ медоштам, то ҳар чӣ симу зар дар ҳамёни андеша дошт, дар ин бозӣ аз даст бидоду тирдони баййина (ҳуҷҷат)-ву далели вай аз бурҳон тиҳӣ гашт).*

Ҳон, то сипар наяфканӣ аз ҳамлайи фасеҳ,
К-ӯро ҷуз он муболағайи мустаъор нест!
Дин варзу маърифат, ки сухандони саҷъгӯй,
Бар дар силоҳ дораду кас дар ҳисор нест!

*(**Муболағайи мустаъор:** иғроқгӯийи ориятӣ. Муболаға дар луғат ба маънойи афзунӣ намудану саъйи балиғ кардан ва дар истилоҳи бадеъ муболағаву ғулув дар васф аст. Ҳофиз фармояд:*

Киштийи бода биёвар, ки маро бе рухи дӯст
Гашт ҳар гӯшайи чашм аз ғами дил дарёе!

Саҷъгӯй: *саҷъпардоз.* ***Саҷъ*** *дар луғат ба маънойи сухани муқаффо ва бонги кабӯтар ва ба истилоҳи илми бадеъ овардани калимотест дар ду қарина, ки ҳамвазн бошанд (саҷъи мутавозин) ё ҳамвазну мутаффиқ дар ҳарфи равӣ (мутавозӣ) ё фақат муттафиқ дар равӣ (мутарраф).*

******Маънойи қитъа****: Баҳуш бош, ки дар баробари ҳуҷуми шевосухане таслим нашавӣ, зеро вайро ғайр аз ин иғроқгӯйӣ ориятe, ки аз забон овардани дигар омӯхтааст, бурҳоне қотиъ нест; ту бар иътиқоду дониши хеш бипою ҷӯёни маърифату шинохт бош, ки сухангӯйи саҷъпардоз чун касест, ки силоҳ бар дари диж овехта, вале даруни қалъа силаҳшӯре набошад, ки муқовамат оварад!*

*******Ин қитъайи дубайтӣ*** *ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

То оқибатуламр *(дар поёни кор)* далелаш намонд, залил *(хор)*-

аш кардам. Дасти таъаддӣ *(ситаму душманӣ)* дароз карду беҳуда гуфтан оғоз. Ва суннати ҷоҳилон аст, ки чун ба далел аз хасм фурӯ монанд, силсилайи хусумат биҷунбонанд*. Чун Озари буттарош, ки ба ҳуҷҷат бо писар барнаёмад, ба ҷангаш бархост, ки лаъин лам тантаҳи лаарҷуманнака!** Душномам дод, сақаташ гуфтам, гиребонам дарид, занахдонаш гирифтам.

***(Озари буттарош:** Озари бутгар; Озар–падар ё амуйи Иброҳими расулуллоҳ, ки бутпараст буд ва Иброҳим вайро ба ягонагийи Ҳақ ва ба роҳи рост хонд, напазируфт ва Иброҳимро аз худ биронд.*

لَئِن لَّمْ تَنتَهِ

Қисматест аз ояи 46, сурайи Марям(19); аз забони Озар ба Иброҳим(а): «Агар (аз мухолафат бо бутон) даст барнадорӣ, туро сангсор кунам!»).

Ӯ дар ману ман дар ӯ фитода,
Халқ аз пайи мо давону хандон!
Ангушти таъаҷҷуби ҷаҳоне
Аз гуфтушуниди мо ба дандон!

*(*****Маънойи чанд ҷумла ва ду байт**: Ба ман фуҳш (душном) дод, носазо ба вай гуфтам, гиребонам чок кард, бар чона (манаҳ)-аш даст задам; мо ба ҳам овехтаву даст дар гиребони якдигар зада ва мардум ба дунболи мо равону хандакунон ва оламе аз гуфтугӯйи мо сарангушти ҳайрат ба даҳон!).*

Алқисса, мурофаъа *(доварӣ)*-йи ин сухан пеши қозӣ бурдему ба ҳукумати адл *(доварийи одилона)* розӣ шудем, то ҳокими мусалмонон маслаҳате биҷӯяду миёни тавонгарону дарвешон фарқе бигӯяд. Қозӣ чу ҳилат *(зиракӣ)*-и мо бидиду мантиқи мо бишунид, сар ба ҷайби тафаккур фурӯ бурд ва пас аз таъаммули бисёр бароварду гуфт:

– Ай он, ки тавонгаронро сано гуфтиву бар дарвешон ҷафо раво доштӣ, бидон, ки ҳар ҷо, ки гул аст, хор асту бо хамр хумор аст ва бар сари ганҷ мор асту он ҷо, ки дурри шоҳвор аст, наҳанги мардумхор аст; лаззати айши дунёро ладғайи аҷал дар пас асту наъими Биҳиштро девори макориҳ дар пеш!

*(****Ҳар ҷо, ки гул аст, хор аст:** ин мазмунро Саъдӣ дар «Бӯстон» ва ғазалийёт борҳо овардааст, аз ҷумла: «Буд хору гул бо ҳам, ай ҳушманд»… («Бӯстон», б. 3290)*

Сабр бар ҷаври рақибат чӣ кунам, гар накунам?!
Ҳама донанд, ки дар суҳбати гул хоре ҳаст!
(Аз ғазалиёти Саъдӣ).

Мавлоно («Маснавӣ», 5/151) низ гуфтааст:

Ганҷи бе мору гули бе хор нест,
Шодийи беғам дар ин бозор нест!

Хамр: *оби ангур.* ***Хумор****–дарди сар, ки пас аз рафъи нашъайи шароб падид ояд.*

Ладға: *неш задани мору гаждум, газидан.*

Наъим: *нозу ниъмат.*

Макориҳ: *ҷамъи макраҳ (нописандҳо, он чӣ нохушоянди одамист).*

Ҷумлайи ахир ишора ба ин ҳадис аст*: «Ҳуффатил-ҷаннату билмакориҳи ва ҳуффатиннору биишшаҳавоти» («Файз-ул-қадир шарҳ-уҷ-ҷомеъ-ус-сағир», 3/389): «Пиромуни Биҳиштро чизҳойи нохушоянди нафс фаро гирифта ва атрофи Дӯзахро хостҳойи нафс». Мақсуд он, ки расидан ба Биҳишт мусталзими таҳаммули чизҳоест, ки нафсро хуш намеояд ва ба Дӯзах дарафтодан натиҷайи шаҳват варзидан аст.*

Маънойи чанд ҷумла: ***Боре (ба ҳар ҳол–О. Ш.), доварӣ дар ин гуфторро ба назди муфтийи мусалмонон рафтем ва ба ҳукми мунозаъайи вай хушнуд гаштем, то довари мусалмонон он чӣ ба хайру салоҳ аст дар ин даъво, тақрир кунаду ғаниву фақирро ба имтиёзе аз якдигар бозшиносад. Довар чун зиракиву накӯроийи мо бишинохту ба гуфтори мо гӯш дошт, сар дар гиребони андеша афканд ва пас аз жарфандешийи фаровон назар баркарду гуфт: «Ай, ки ағниё (дороён–О. Ш.)-ро ситудӣ ва бар фақирон ситам раво доштӣ, огоҳ бош, ки дар ҷаҳони мо лутфи гулу неши хору нишоти бодаву ранҷи майзадагӣ боҳам аст; бар хазинайи симу зар аждаҳо хуфтаву дар сайдгоҳи марворидҳойи шоҳона наҳанги мардумавбор (ба ҳалқ фурӯбаранда–О. Ш.) ҷой гузида, нӯши зиндагонийи ҷаҳони фурӯдинро неши аждаҳойи марг дар пай асту бар гирди хушиҳойи боғи минӯ девори макруҳот баркашида» (мақсуд аз макориҳ, ба истиъора, тоъату аъмоли ҳасана аст, ки назди нафси амморайи роҳатписанд нописанд аст, чӣ машаққати ибодат бар нафс сахт гарон меояд ва ишорате бад-ин ҳадис до-*

рад: «Ҳуффатулҷаннати билмакориҳи ва ҳуффат-ун-нори бишшаҳавоти»; яъне, гирдогирди Биҳиштро аъмоли ҳасанайи нохушоянди нафс фаро гирифта ва пиромуни Дӯзахро орзуҳойи нафс. Ва мақсуд он аст, ки ба Биҳишт натавонанд расид магар ба хилофи нафс ва ба Дӯзах наяфтанд ҷуз ба шаҳват пардохтан!).

Ҷаври душман чӣ кунад, гар накашад толиби дӯст,
Ганҷу мору гулу хору ғаму шодӣ ба ҳаманд!

*(**Маънойи байт:** **Хостори ёр ҷафойи ағёр ба умеди висол мебарад, чӣ медонад, ки дар ин ҷаҳон зару аждаҳову гулу хору андӯҳу нишот бо ҳам омехтаанд!)*

Назар накунӣ дар бӯстон, ки беди мушк* асту чӯби хушк? Ҳамчунин дар зумрайи тавонгарон шокиранду кафур *(носипос)* ва дар ҳалқайи дарвешон собиранду заҷур *(нолону малӯл)*.

Беди мушк: *мушкбед; дарахтест аз гунайи бед, доройи шукуфаҳое муъаттар.*

Маънойи ҷумлаҳо: *Набинӣ, ки дар боғ ҳам беди хушбӯсту ҳам ҳезуми хушк?! Дар гурӯҳи ағниё ҳам сипосгузори ниъмати Ҳақ тавон ёфт, ҳам кофири он; дар анҷумани фақирон низ бар миҳнати дарвешию додайи Яздон шикебову ношикеб ҳар ду тавон дид!).*

Агар жола ҳар қатрае дурр шудӣ,
Чу хармуҳра бозор аз ӯ пур шудӣ!

*(***Агар жола…:*** *агар ҳар қатрайи борон даруни садаф ҷой мегирифту марворид мешуд, бозорҳо аз марворид монанди хармуҳра пур мешуд, яъне, арҷу баҳое надошт. **Хармуҳра**: навъе муҳрайи дурушти сафед ё обийи камбаҳо, ки бар гардани хару аспу уштур овезон мекунанд.*

Ин байт, (ки ҳукми масали сойир пайдо кардааст) аз «Бӯстон»-и Саъдист. Назири ин мазмунро Саъдӣ дар ҳамин китоб (боби ҳашт, ҳикмати 43) ба сурати дигар оварадааст: «Агар шабҳо ҳама қадр будӣ, Шаби қадр беқадр будӣ». Дар мавриди дигар омадааст:

Гар санг ҳама лаъли Бадахшон будӣ,

Пас қимати лаълу санг яксон будӣ!
Гар дар ҳама чоҳе оби ҳайвон будӣ,
Дарёфтанаш бар ҳама осон будӣ!

(«Мавоъизи Саъдӣ»).

Муқаррабон (наздикон)-и Ҳақ, ҷалла ва ало (Бузург асту баландпойгоҳ), тавонгаронанд дарвешсирату дарвешонанд тавонгарҳиммат. Ва миҳин (бузургтарин)-и тавонгарон он аст, ки ғами дарвеш хураду биҳини дарвешон он аст, ки ками тавонгар гирад. «Ва ман йатаваккал ъалаллоҳи фаҳува ҳасбуҳу».

*(**Ками тавонгар гирад**–тарки тавонгар кунад.*

***Кам гирифтан**–кам гирфтан касеро: 1. Тарк кардан, вогузоштан, нодида гирифтан; 2. Камарзиш талаққӣ кардан. 3. Ҳақир шумурдан, кӯчак донистан («Фарҳанги форсӣ»-и Муъин).*

وَمَن يَتَّوَكَّلْ қисмате аз ояи 3, сурайи Талоқ (65): «Ва касе, ки кори худро ба Худо вогузор кунад, Худо аз баройи ӯ бас аст».).

Пас, рӯйи итоб аз ман ба ҷониби дарвеш оварду гуфт:

– Ай, ки гуфтӣ, тавонгарон муштағиланду соҳӣ* ва масти малоҳӣ; наъам *(оре)*, тоифае ҳастанд бар ин сифат, ки баён кардӣ. Қосирҳиммат *(кӯтоҳҳиммат)*, кофирниъмат, ки бибаранду биниҳанду нахуранду надиҳанд; ва гар, ба масал, борон наборад ё тӯфон ҷаҳон бардорад, ба иътимоди мукнати хеш аз миҳнати дарвеш напурсанду аз Худой, азза ва ҷалла натарсанду гӯянд:

*(***Соҳӣ:** ғофил, фаромӯшкор. Аҳмади Ҷомии Жандапил навиштааст: «Соҳӣ нагардад аз ман чун мардумон соҳӣ гарданд. Яъне, ки фаромӯш накунад маро чун мардумон маро фаромӯш кунанд».*

***Маънойи ҷумлаҳойи ахир:** **Наздикони даргоҳи Эзиди Яктойи Бузург он хоҷагонанд, ки чун дарвешон фурӯтанию афтодагӣ доранд ва он фақиронанд, ки чун хоҷагон волоҳимматанд; ва дар миёни сарватмандон он арҷманду бузургтар аст, ки ба тимори фақирон пардозад ва баргузидатарини фақирон касест, ки гирди даргоҳи тавонгарон нагардаду ба тарки онон гӯяд ва рӯйи ниёз аз даргоҳи бениёзӣ ба остони онон накунад , ҳар кас кори худро ба Худо вогузорад, Эзид вайро бас аст!*

Он гоҳ аз сарзаниши ман ба вай пардохту гуфт: «Ай он, ки бовар дорӣ, ки сарватмандон ба корҳойи дунё ҳамвора пардохтаву Худойро фаромӯш карда ва аз шароби лаззоти нафсонию лаҳву лаъаб бехештан гаштаанд. Оре, гурӯҳе бад-ин хӯю ҳоланд, ки ту гуфтӣ; кӯтоҳҳиммату носипос, ки моли мусалмонон бирабоянду

бияндӯзанду худ баҳра аз он набаранду ба кас ҳам набахшанд ва агар, достонро (= ба масал), соле раҳмати Ҳақ фурӯ наёяд ё тӯфони боде гетиро аз ҷой барканад, бо такя бар сарвати худ аз ранҷи фақирон ба меҳр ҷӯё нашаванд ва аз Эзиди Тавонову Бузург бим ба дил роҳ надиҳанд!».)

Гар аз нестӣ дигаре шуд ҳалок*
Маро ҳаст, баттро* зи тӯфон чӣ бок?!

(Гар аз нестӣ…: *ин байт аз «Бӯстон»-и Саъдӣ (б 621)-ст, танҳо бо андаке дигаргунӣ дар мисраъи дувумаш:*

Гар аз нестӣ дигаре шуд ҳалок
Туро ҳаст, батро зи тӯфон чӣ бок?!

Бат(т): *мурғобӣ.*
Маънойи байт: *Агар дигаре аз нодорӣ ҷон супорад, боке надорам, зеро ман (молу милк) дорам ва мурғобӣ чӣ парвои тӯфони баҳр дорад?!*

* * *

Ва рокиботу ниёқин фӣ ҳаводиҷиҳо*,
Лам йалтафитна ило ман ғоса филкусуби!

(*Ва рокиботу…: *заноне, ки дар каҷоваҳо бар шутурони мода саворанд, ба он кас, ки дар тӯдаҳои рег фурӯ рафтааст, тавақҷуҳе надоранд!).*

* * *

Дунон чу гилеми хеш берун бурданд,
Гӯянд: «Чӣ ғам, гар ҳама олам мурданд!»

(Дунон: *фурӯмоягон, пастфитаратон.*
Гилем: *пашминайи ситабри густардани ё пӯшидани, палос; дар ин ҷо маҷозан ба алоқайи ҷузъ ва кул, яъне, рахту пахту асбобу бору буна омадааст.*
Маънойи байт*: Фурӯмоягон чун рахту пахти хешро аз мавқехези бало баркашиданд, мегӯянд: «Агар ҳамайи ҷаҳон ҷон супоранд, моро ғаме нест!»).*

Қавме бар ин намат, ки шунидӣ ва тоифае хони ниъмат ниҳодаву дасти карам кушода, толиби номанду мағфират ва соҳиби дунёву охират. Чун бандагони ҳазрати подшоҳ *(даргоҳи шаҳрёр)*-и олами одили муайяди музаффари мансур, молики азиммайи* аном, ҳомийи суғур *(бонийи марзҳо)-и* ислом, вориси мулки Сулаймон, аъдал *(додгартар)*-и мулуки замон, музаффаруддунё ваддин Атобак *(падари бузург)* Абӣ Бакри Саъд, адомаллоҳу айёмаҳу ва насара аъломаҳу.

*(****Толиби ном:** *ҷӯёйи шуҳрати нек.*

*****Молики азиммайи аном:** *соҳиби сарриштайи ихтиёри мардум.* ***Азимма****–ҷамъи зимом ва зимом ба маънойи риштаву миҳор.* ***Аном****–мардум.*

Маънойи ҷумлаҳойи ахиру алқоби подшоҳу ҷумлаҳойи дуъойӣ*: Гурӯҳе бар ин равишанд, ки донистӣ, вале бархе суфрайи иҳсон густардаву дасти бахшандагӣ боз карда, хостори номи неканду омурзиш ва бархурдор аз ниъматҳойи инсаройию онсаройӣ монанди чокарони даргоҳи шаҳрёри донойи додгар, нируёфта аз Ҳақ ва пирӯзманду ёришуда ва дорандайи зимоми ихтиёри мардумон, нигаҳбони марзҳойи ислом ва меросбари подшоҳийи Сулаймон, додгартари шоҳони рӯзгор, музаффаруди дунёву дин Атобак Абӣ Бакр ибни Саъд, ки Худованд рӯзгори шоҳийи вайро пайваста дород ва дирафшҳойи вайро пирӯзманд (мансур) гардонод).*

Падар ба ҷойи писар ҳаргиз ин карам накунад,
Ки дасти ҷуди ту бо хонадони Одам кард!
Худой хост, ки бар оламе бибахшояд,
Туро ба раҳмати** Худ подшоҳи олам кард!

*(**Раҳмат:** бахшойишу меҳрбонӣ.*

Маънойи қитъа*: **Падар дар борайи фарзанд, чунонки ту ба дудмони Одам родиву бахшандагӣ кардӣ, натавонад кард (мақсуд он, ки меҳри ту ба бандагони Эзид афзун аз шафақати падарфарзандист), чун машийяти Илоҳӣ ба афви ҷаҳониён қарор гирифт, туро ба меҳру бахшойиши хеш ба фармонравойи гетӣ баргумошт!).*

Қозӣ чун сухан бад-ин ғоят расониду аз ҳадди қиёси мо аспи муболаға даргузаронид, ба муқтазойи ҳукми қазо ризо додем ва аз мо мазо *(он чӣ гузашт)* даргузаштему баъд аз муҷоро *(мунозара кардан)* тариқи мудоро *(ба нармӣ рафтор кардан)* гирифтем ва

сар ба тадорук бар қадами якдигар ниҳодему бӯса бар сару рӯйи ҳам додем ва хатми сухан бар ин буд:

Макун зи гардиши гетӣ шикоят, ай дарвеш,
Ки тирабахтӣ, агар ҳам бар ин насақ мурдӣ!
Тавонгаро, чу дилу дасти комронат ҳаст,
Бихӯр, бибахш, ки дунёву охират бурдӣ!

(Насақ: *равиш ва сиёқ.*

Маънойи ҷумлаҳойи ахир ва қитъа*: Довар чун гуфтор то ин ҳад кашониду аз марзи санҷишу хирадӣ мо тавсани афзунандешӣ онсӯтар ҷаҳонид (мурод он, ки дар таҳқиқи даъво ба ниҳоят ҷаҳд варзид), бар вафқ (созгорӣ, мувофақат)-и ҳукми доварӣ хушнуд шудем ва аз он чӣ миёни мо гузашт, чашм пӯшидему бар якдигар бибахшидем ва пас аз мунозара роҳи нармхӯйӣ сипардему ба талофийи мо фота (гузашта) сар ба иродат бар пойи ҳам фуруд овардему ҷабину рухсори якдигар бибӯсидем ва поёни гуфтор бар ин сухан буд: «Ай тиҳидаст, аз гузашти айёму тағйири аҳволи ҷаҳон мусти (шикоят–О. Ш.)-ву гила макун, чӣ агар бар ин равиш ношикебойӣ куниву аз ҷаҳон биравӣ, бегумон сиёҳбахту рондайи даргоҳи Ҳақ шавӣ. Ай сарватманд, чун дили муродёфтаву бозуйи тавоно дорӣ, худ аз ниъматҳойи гетӣ баҳра баргиру бар дигарон низ инфоқ (нафақа–О. Ш.) кун ва бидон, ки дар ин ҷаҳону он ҷаҳон ба яқин суд хоҳӣ кард!».).*

Боби ҳаштум

Дар одоби суҳбат

Ҳикмат (1)

Мол аз баҳри осойиши умр аст*, на умр аз баҳри гирд кардани мол! Оқилеро пурсиданд:

– Некбахт кист ва бадбахтӣ чист?

Гуфт:

– Некбахт он, ки хӯрду кишт ва бадбахт он, ки мурду ҳишт*.

*(****Мол аз баҳри осойиши умр…:*** *«Назири ин маъност аз Абунувос:*

Анта лилмоли изо амсактаҳу,
Ва изо анфақтаҳу фалмолу лак.

Яъне, ту аз они мол ҳастӣ, ҳар гоҳ онро нигаҳ дорӣ ва чун молро харҷ кунӣ, мол аз они туст» (Доктор Хазойилӣ. «Шарҳи «Гулистон», с.675).

Ҳишт: *ҳиштан (= ҳилидан)– фурӯ гузоштан, вогузоштан, раҳо кардан. Назири мазмуни Саъдиро дар байти Рӯдакӣ метавон дид:*

Некбахт он касе, ки доду бихӯрд,
Шӯрбахт он, ки ӯ нахӯрду надод!

(Доктор Раҷойӣ, нашрияи Донишкадаи адабиёти Табрез, 10/436)

******Маънойи чанд ҷумла:*** *Саъодатманд касест, ки аз ниъматҳойи ҷаҳон баҳра баргирифту тухми некӣ афшонд ва шӯрбахт он кас, ки ба оз моле андӯхту худ нахӯрд ва ба ноком барҷой бигузошту бигузашт (= даргузашт).*

Саъдӣ дар чакомае низ фармояд:

Надошт чашми басират, кӣ гирд карду нахӯрд,
Бибурд гӯйи саъодат, кӣ сарф карду бидод!

****Аксари иборотии сутури оғозини боби ҳаштум ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Макун намоз бар он ҳечкас*, ки ҳеч накард,
Ки умр дар сари таҳсили мол карду нах(в)ард!

*(***Макун намоз бар он ҳечкас:** *бар ҷанозайи он фурӯмояву нокас намози маййит магузор. «Нагузордани намоз бар маййит киноя аз мӯъмин набудани мурда аст ва нозир аст ба ояи 84, сурайи Тавба(9), ки дар борайи мунофиқон ба Пайғамбари Акрам хитоб шудааст:*

وَلاَ تُصَلِّ عَلَى أَحَدٍ مِّنْهُم مَّاتَ أَبَدًا وَلاَ تَقُمْ عَلَىَ قَبْرِهِ

Яъне, «Бар ҳеч як аз онон, ки бимиранд, намоз магзор ва бар фарози гӯраш маист» (Доктор Хазойилӣ, «Шарҳи «Гулистон», с.675).

Ҳикмат (2)

Мусо, алайҳиссалом, Қорунро насиҳат кард, ки «Аҳсин камо аҳсаналлоҳу илайка»*; нашунид ва оқибаташ шунидӣ.

*(****Қорун:** *писари амми Мусо буд, ки нахуст ба вай имон оварду ба раҳнамоийи Мусо ба кимёгарӣ пардохт ва аз ин роҳ моли бисёр андӯхт. Мусо вайро ба пардохти закот амр кард, вале напазируфт ва нисбати зинокорӣ ба он ҳазрат дод. Мусо бар вай нафрин кард. Зилзилае сахт барпо бишуд ва Қорун бо чиҳил хона ганҷаш ба шиками замин фурӯ рафт.*

أَحْسِنْ *қисмате аз ояи 77, сурайи Қасас(28): «Некӣ кун, ҳамчунон ки Худо бо ту некӣ кард».*

******Маънойи ду ҷумла**: Қорун гӯш накард ва фарҷоми бади кори вай шунидӣ, ки ба хашми Яздон гирифтор омад).*

Он кас, ки ба динору дирам хайр наяндӯхт,
Сар оқибат андар сари динору дирам кард!
Хоҳӣ, ки муматтаъ шавӣ аз дунйиву уқбӣ,
Бо халқ карам кун, чу Худо бо ту карам кард!

*(**Муматтаъ:** Дар нусхаҳойи Хатиби Раҳбар ва Ғуломҳусайни Юсуфӣ ба ҳамин шакл омадааст, яъне, «муматтаъ» (ба замми аввал ва фатҳи дувум ва ташдиди савуми мафтуҳ), ба маънойи бархурдор, баҳраманд. Аммо дар «Фарҳанги форсӣ»-и Муъин «муматтеъ» омадааст.*

*****Бо халқ карам кун…:** такрори мазмуни ояи шарифа аст, ки болотар омад («аҳсин камо аҳсаналлоҳу илайка»).*

****Маънойи қитъа:** *Он, ки бо базли зару сим захирае аз иҳсону тоъат гирд наёвард, ба поён дар роҳи фароҳам овардани хоста сар бибохт; агар ҷӯёни онӣ, ки дар ин саройи фурӯдин (дунё, дунёи зерин–О. Ш.)-у саройи дигар (уқбо) баҳраёбу комрон шавӣ , ба мардум бахшандагиву родӣ кун!).*

Араб гӯяд: «Ҷуд ва ло тамнун фаиннал-фоъидата илайка оъидатун»*. Яъне, бибахшу миннат* маниҳ, ки нафъи он ба ту бозмегардад.

Дарахти карам ҳар куҷо бех кард,
Гузашт аз фалак шоху болойи ӯ!
Гар уммедворӣ, к-аз ӯ бар хурӣ,
Ба миннат маниҳ арра бар пойи ӯ!

*(***Ба миннат маниҳ…:** *илҳомгирифта аз мазмуни ин ояи шарифа аст, ки дар боби пешин низ оварда шудааст: (сурайи Бақара(2), ояи 262):*

الَّذِينَ يُنفِقُونَ أَمْوَالَهُمْ فِي سَبِيلِ اللّهِ ثُمَّ لاَ يُتْبِعُونَ مَا أَنفَقُواْ مَنًّا وَلاَ أَذًى لَّهُمْ أَجْرُهُمْ عِندَ رَبِّهِمْ وَلاَ خَوْفٌ عَلَيْهِمْ وَلاَ هُمْ يَحْزَنُونَ.

«Онон, ки моли худро дар роҳи Худо сарфу инфоқ мекунанд ва пайрави он нафақа миннату озоре ба касе надоранд, музди онон назди Худованд аст ва бар эшон биме несту на дар охират андӯҳгин бошанд» (баргардони Ҳабибуллоҳи Омӯзгор аз «Кашф-ул-асрор»).

****Маънойи қитъа***: Ниҳоли родиву бахшандагӣ ҳар ҷо реша давонад, нек биболаду аз осмон танаву шохаҳояш бартар равад. Агар чашми он дорӣ, ки аз ин дарахт баргу бор ёбӣ, пояйи онро бо аррайи миннат мабур!)***.***

* * *

Шукри Худой кун, ки муваффақ шудӣ ба хайр,
З-инъому фазли Ӯ на муъаттал гузоштат!
Миннат маниҳ, ки хидмати Султон* кунӣ ҳаме,
Миннат шинос* аз Ӯ, ки ба хидмат бидоштат!

*(**Муъаттал:** фурӯгузошта, беҳосил, беҳуда, бекора.*

***Миннат шинос:** *миннат шинохтан–сипосгузор будан. Зоҳиран, илова бар маънойи луғавӣ, мақсуд аз «султон» дар ин ҷо тамсиле баройи Худованд аст, бо таваҷҷуҳ ба сухани Саъдӣ дар «Бӯстон» (б. 988 -989):*

Туро нест миннат зи рӯйи қиёс
Худовандро манну фазлу сипос!
Ки дар кори хайрат ба хидмат бидошт,
На чун дигаронат муъаттал гузош!

******Маънойи қитъа****: Яздонро сипос гузор, ки бар некиву некӯкорӣ туро дастрас дод ва аз ниъматбахшиву иҳсони Худ туро тиҳидасту бебаҳра нагузошт. Агар Подшоҳи подшоҳон ба ту тавфиқи хидмати халқ арзонӣ дошт, миннат бар дӯши бандагони вай маниҳ, балки сипосдори Эзид бош, ки туро ба коргузорийи мардум баргумошт!).*

Ҳикмат (3)

Ду кас ранҷи беҳуда бурданду* саъйи бефоида карданд: яке он, ки андӯхту нах(в)ард ва дигар он, ки омӯхту накард!

*(****Ранҷи беҳуда… саъйи бефоида:*** *ин ду ҷумла бидуни изофа кардани «ранҷ»-у «саъй» ҳам ба калимоти баъдӣ, соҳиби маъностанд.*

Иборати ин ду сатр ҳукми масали сойир пайдо кардаанд).

Илм чандонки бештар хонӣ*
Чун амал дар ту нест, нодонӣ!
На муҳаққиқ бувад, на донишманд,
Чорпое* бар ӯ китобе чанд!
Он тиҳимағзро чӣ илму хабар,
Ки бар ӯ ҳезум аст ё дафтар?!**

(Байти *аввал ҳукми масали сойир пайдо кардааст.*

Муҳаққиқ: *ниг. ҳикояти 11 боби ҳафтум. Дар ин ҷо ба маънойи орифу донойи илми ботин омадааст, бо тавоҷҷуҳ ба «донишманд» ба маънойи фақиҳу огоҳ аз улуми шаръӣ.*

*****Чорпое бар ӯ…:*** *ишора аст ба ояи 5, сурайи Ҷумуъа(62):*
مَثَلُ الَّذِينَ حُمِّلُوا التَّوْرَاةَ ثُمَّ لَمْ يَحْمِلُوهَا كَمَثَلِ الْحِمَارِ يَحْمِلُ أَسْفَارًا.

Яъне: «Ҳоли касоне, ки ба Таврот бар дӯшашон ниҳода шуд, сипас мутобиқи фармудаи он амал накарданд, монанди ҳоли харест, ки китобе чанд бар пушт ҳамл мекунад (бе он, ки аз онҳо огоҳ бошад»).

******Маънойи абёт****: Дониш ҳар қадар афзунтар омӯзӣ, чун ба кор набандӣ ва бар муқтазойи он рафтор накӯнӣ, ҷоҳиле бехабар*

бошӣ; сутуре, ки бар ӯ чанд китоб бор кунанд, на фақиҳ бошаду на доное пажӯҳанда; он сабуксор донишу огоҳӣ надорад, ки бар пушти вай китоб аст ё ҳима (ҳезум)». Дар зимн ишорае ба ояи 5, сурайи Ҷумуъа (62) дорад...

Ҳикмат (4)

Илм аз баҳри динпарвардан аст, на аз баҳри дунёхӯрдан!**

*(*****Маънойи калом****: Дониш баройи посдорийи дин асту ривоҷ додани ойин, на ин ки баройи бештар баҳра ёфтан аз хушиҳойи пасти дунёвӣ)*

Ҳар кӣ парҳезу илму зуҳд* фурӯхт,
Хирмане гирд карду пок** бисӯхт!

*(****Зуҳд:*** *порсойӣ, парҳезгорӣ.*

Маънойи мисраъ*: «Ҳар кас парҳезгориву порсойиву донишро ба дунёдорӣ фурӯхт» ёдовари ҷумлайи «динбадунёфурӯшон…» (ҳикмати 63 ҳамин боб) аст. Саъдӣ дар «Бӯстон» (б. 2270) низ гуфтааст:*

На парҳезгору на донишваранд,
Ҳамин бас, ки дунё ба дин мехаранд!,

ки нозир аст ба ояи 86 аз сурайи Бақара(2). Доктор Хазойилӣ ва оқойи доктор Хатиби Раҳбар «парҳез ва зуҳд фурӯхтан»-ро дар ин ҷо «риё» таъбир кардаанд.

******Пок:*** *батамом, яксара.*

Маънойи байт*: Ҳар кас колойи донишро ба мол савдо кунад ва хешро ба мардум аз рӯйи риё муттақиву порсо намоёнад, чун касест, ки киштае фароҳам оварду охир ҳама ба оташ кашид!).*

Ҳикмат (5)

Олими нопарҳезгор кӯри машъаладор** аст.

*(*****Машъаладор:*** *қандилдор.*

Маънойи ҷумла*: Донойи нопорсо нобиноест қандилбадаст, ки дар партави он роҳ набинаду ба чоҳ фурӯ афтад!).*

Бефойида ҳар кӣ умр дарбохт,
Чизе нахариду зар бияндохт!

*(****Зар бияндохт:*** *сармояву ва пулашро аз даст дод).*

Ҳикмат (6)

Мулк аз хирадмандон ҷамол гираду дин аз парҳезгорон камол ёбад. Подшоҳон ба суҳбати хирадмандон аз он муҳтоҷтаранд, ки хирадмандон ба қурбат *(наздикӣ)*-и подшоҳон!

*(****Мулк:*** *салтанат, подшоҳӣ; гоҳ ба маънойи кишвару қаламрави ҳукумат ба кор меравад, назири ин ҷумла: «Мулк аз хирадмандон…»-ро аз қавли Ардашери Бобакон, нахустин подшоҳи Сосонӣ, нақл кардаанд: «Ло мулка илло бирриҷоли…»– «Мулк бе мардум мазбут намонад...» («Калилаву Димна»; ва низ ниг. ба ҳикояти 6 боби аввал, ба тавзеҳи «подшаҳро карам бояд…»).*

***Маънойи ҷумла**: **Ниёзи подшоҳон ба мусоҳабати доноён беш аз эҳтиёҷи ҳакимон ба наздикӣ ҷустан ба даргоҳи шаҳрёрон аст!).*

Панде агар бишнавӣ, ай подшоҳ,
Дар ҳама олам биҳ аз ин панд нест:
«Ҷуз ба хирадманд мафармо амал,
Гарчи амал кори хирадманд нест!».

(***Маънойи қитъа**: Шоҳо, агар андарзе аз ман бишнавӣ, раво бошад, зеро биҳтар дар ҷаҳон набошад: «Корҳойи девониро ҷуз ба фарзонаву файласуф масупор, ҳарчанд ҳакими бахирад тан ба коргузорийи девон надиҳад ва ба он напардозад!».*

***Байти** дувуми ин қитъа ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ҳикмат (7)

Се чиз пойдор намонад: моли бетиҷорат ва илми бебаҳс ва мулки бесиёсат.

***(Баҳс:** кунҷковӣ, ҷустуҷӯ, ковиш, таҳқиқ, гуфтугӯ.*

***Сиёсат:** қавоиди мамлакатдорӣ; раъийятдорӣ кардан ва нигоҳ доштани ҳадди ҳар чиз.*

***Маънойи сухан**: Се чиз бақо накунаду зуд аз даст биравад: дороиеву сарвате бе бозаргонӣ; донише бе ҷустуҷӯву гуфтугӯву пажӯҳишҳои бодавом ва подшоҳӣ (кишвардорӣ)-е, ки берун аз ҳадди қонун (ормону мароми мардум) ва бидуни риъояти қавоиди мамлакатдорию раъиятдорӣ бошад.*

Дар нусхаҳои Ғуломҳусайни Юсуфӣ ва Муҳаммади Хазойилӣ, ин ҳикмат бо ин қитъа хатм шудааст:

Вақте ба лутф гӯйиву мудорову мардумӣ,

Бошад, ки дар каманди лутф қабул оварӣ диле!
Вақте ба қаҳр гӯйӣ, ки сад кӯзаи набот
Гаҳ-гаҳ чунон ба кор наёяд, ки ҳанзале!

Ҷавҳари ин қитъа он бувад, ки (ба қали Хазойилӣ) «Сиёсату тадбири иҷтимоъӣ ҳукм мекунад, ки лутфу қаҳр бо ҳам омехта шавад ва ҳар кадом дар мавриди худ ба кор ояд. Ин матлаб батафсил дар номае, ки Ҳазрати Алӣ(а) ба Молики Аштар навишта, мундариҷ аст»).

Ҳикмат (8)

Раҳм* овардан бар бадон ситам аст бар некон; афв кардан аз золимон ҷавр аст бар дарвешон.

***Раҳм овардан бар бадон…:** «Назир аз каломи Амирулмӯъминин (каррамаллоҳу вачҳаҳу): «Некикунандаву бадикунанда набояд дар пешгоҳи ту дар як мақом бошанд, зеро ин кор мӯҷиби адами рағбати аҳли некист ба некӣ ва мояи ташвиқи аҳли бадист ба бадӣ!» (Доктор Хазойилӣ. «Шарҳи «Гулистон», с. 679).*

Хабисро чу таъаҳҳуд кунию бинвозӣ,
Ба давлати ту гунаҳ мекунад ба анбозӣ!

*(***Хабисро…:** фурӯмояи палидро чун парастириву навозиш кунӣ, ба пушти гарми ту ба гуноҳу табаҳкорӣ мепардозад ва ту ҳам шарики ӯ хоҳӣ буд».*

Ин мазмунро Саъдӣ дар ҷойҳойи дигар ҳам овардааст.

Касе бо бадон некӯйӣ чун кунад?!
Бадонро таҳаммул бад афзун кунад!
(«Бӯстон», б. 1603).

Ёдовари сухани Мутанабист: «Агар фурӯмояро гиромӣ дорӣ, саркашӣ мекунад (аз худ меравад)!).

Ҳикмат (9)

Ба дӯстийи подшоҳон иътимод натавон карду бар овози хуши кӯдакон, ки он ба хаёле мубаддал шаваду ин ба хобе мутағаййир гардад.

*(**Мутағаййир:** дигаргун.*

***Ва ин ба хобе…:** ***мурод аз хоб иҳтилому расидан ба ҳадди*

булуғ аст, ки аз алоиму осори он хашану дурага шудани садойи навҷавон аст, ки дар ин сурат овози хуши кӯдакон дигаргун мешаваду аз даст меравад. Ва дар баъзе кишварҳо кӯдаконеро, ки дар хондани овозҳойи динӣ (бавижа, дар калисо) ширкат доштаанд, хасӣ/хоҷа (ахта, хоякаш–О. Ш.) мекардаанд, ки садояшон барнагардад (вайрон нашавад, табдил наёбад).

***Маънойи калом**: **Бар маҳаббати мулук ва овойи нағзи тифлон такя натавон кард, чи ба пиндоре бар ҷойи он дӯстӣ душманӣ нишинад ва ин овози хуш ба як иҳтилом (= хоби булуғ) дигаргун шавад.).*

Маъшуқи* ҳазордӯстро дил надиҳӣ,
Вар медиҳӣ, он дил ба ҷудойӣ биниҳӣ!

*(****Маъшуқи ҳазордӯстро...**: ҳушёр бош, ба маҳбубе, ки ёри ҳазор кас бошад, дил мадиҳ; агар додӣ, ногузир, бояд ба ҷудойӣ аз ӯ тан дардиҳӣ!).*

Ҳикмат (10)

Ҳар он сирре, ки дорӣ* бо дӯст дар миён маниҳ. Чӣ донӣ, ки вақте душман гардад; ва ҳар газанде, ки тавонӣ, ба душман марасон, ки бошад ки вақте дӯст шавад.

*(****Ҳар он сирре…:** мутаъассир аз суханони Ҳазрати Алист: «Дӯсти худро аз рӯйи миёнаравӣ дӯст бидор, шояд рӯзе бо ту душман гардад ва душмани худро ба иътидол душман бидор, шояд рӯзе бо ту дӯст шавад («Наҳҷ-ул-балоға», чопи «Файз-ул-ислом», 6/1206).*

Дар «Калилаву Димна» ин ҳадис аз қавли Пайғамбари Акрам(с) нақл шудааст).

Розе, ки ниҳон хоҳӣ*, бо кас дар миён маниҳ ва гарчи дӯсти мухлис *(покдил)* бошад, ки мар он дӯстро низ дӯстони мухлис бошад ҳамчунин мусалсал *(пайваста)*.

*(****Доктор Юсуфӣ** «розе, ки пинҳон» овардааст ва тавзеҳ медиҳад, ки Саъдӣ ин маъноро дар ҷоҳойи дигар ҳам овардааст:*

Ба дӯст, гарчи азиз аст, рози дил макушой,
Ки дӯст низ бигӯяд ба дӯстони азиз!
(«Мавоъиз»-и Саъдӣ)

Фирдавсӣ ҳам гуфтааст: («Шоҳнома», чопи Калкатта, с.

1414; нақл аз «Армағони навид», 90):

Сухан ҳеч масрой бо роздор,
Ки ӯро бувад низ анбозу ёр!

Муъаллифи «Қобуснома» навиштааст: «Ва ҷуз бо худ рози хеш магӯй, агар бигӯйӣ, он суханро з-он пас роз махон!». Дар «Муҳозарат-ул-удабо» (1/125) омадааст:

Фало туфши сиррака илло илайка,
Фаинна ликулли насиҳин насиҳо!

«Рози худро ҷуз назди худ фош макун, чи ҳамоно ҳар дӯсти хайрхоҳу самим дӯсте самим дорад!»

Дар «Муҳозарат-ул-удабо» байти дигаре ҳам наздик ба ин мазмун вуҷуд дорад, аз ҷумла, дар борайи масали «Куллу сиррин ҷовазал-иснайни шоъа»–«ҳар роз, ки аз байни ду тан (ё ду лаб) таҷовуз кард, шойиъ (овоза) шуд».

Дар «Калилаву Димна» (чопи Муҷтабойи Минавӣ, с. 99) ҳам ин байт мазкур аст:

Фазунна бисойирилихвони шарран,
Ва ло таъман ъало сиррин фуодан.

Яъне, «Бар ҳамайи дӯстон гумони бад бибару ҳеч дилеро бар ҳеч розе эмин машумор!»).

Хомӯшӣ биҳ, ки замири дили хеш
Бо касе гуфтану гуфтан, ки магӯй!
Ай салим, об зи сарчашма бибанд,
Ки чу пур шуд, натавон бастани ҷӯй!

*(*****Салим:*** *дурусту бегазанд аз офат; дар ин ҷо ба тасарруфи форсӣ–содадил ва андакхирад.*

Маънойи қитъа*: Лаб аз гуфтор фурӯ бастан аз он биҳ, ки рози ниҳони хотир бо кас дар миён ниҳодану аз ӯ дархостан, ки бо кас бознагӯяд. Ай содадили андакхирад, бар маҷорӣ (дар роҳгузар)-и обҳо аз оғози ҷараён сад(д) (банд, дарғот, мониъа) бибанд, ки обҳойи андак чун ба ҳам пайвандад, рӯд шавад ва бар он роҳ натавон гирифт!).*

* * *

Сухане дар ниҳон набояд гуфт,
Ки бари анҷуман нашояд гуфт!

*(*****Маънойи байт:*** *суханеро, ки сазо нест дар миёни ҷамъ бар забон овардан, ниҳонӣ ҳам нашояд гуфт!).*

Ҳикмат (11)

Душмане заъиф, ки дар тоъат ояд ва дӯстӣ намояд, мақсуди вай чуз он нест, ки душманӣ қавӣ гардад. Ва гуфтаанд: «Бар дӯстийи дӯстон иътимод нест, то ба тамаллуқ *(чоплӯсӣ)*-и душманон чӣ расад *(**бар маҳаббату вафойи ёрон такя натавон кард ва бо ин ҳол бар чоплусийи душман чӣ ҷойи иътимод бошад)*?!». Ва ҳар кӣ душмани кӯчакро ҳақир медорад, бад-он монад, ки оташи андакро муҳмал мегузорад *(мавриди беэътиноӣӣ қарор медиҳад)*!

Имрӯз бикуш*, чу метавон кушт,
К-оташ чу баланд шуд, ҷаҳон сӯхт!
Магзор, ки зеҳ кунад камонро,
Душман, ки ба тир метавон дӯхт!**

*(****Имрӯз бикуш:*** *Муҳаммади Хазойилӣ дар мавриди мазмуни байт навиштааст: «Ишораест ба ҳадиси набавӣ: «Уқтулул-муъзийя қабла ан йуъзийа»; «Муъзӣ (азияткунанда)-ро пеш аз он, ки озоре расонад, бикушед» («Шарҳи «Гулистон», с. 682). Низ ёдовари ин байти Носири Хусрав аст:*

Мадон мар хасмро хурд, ай бародар,
Ки сӯзад оламе як зарра озар!
(«Амсолу ҳикам», 3/1506).

******Маънойи қитъа****: Акнун, ки метавон оташро фурӯ нишонд, хомӯш кун; чӣ он гоҳ ки боло гирад, оламе шуълавар созад! Душмане, ки ба як чӯба тир тавон кушт, раҳо макун, то зеҳ бар камон бандаду туро омоҷ (ҳадаф–О. Ш.) созад!).*

Ҳикмат (12)

Сухан миёни ду душман чунон гӯй, ки гар дӯст гарданд, шармзада нашавӣ.

Миёни ду кас ҷанг чун оташ аст,
Суханчини бадбахт ҳезумкаш аст!

(***Ин байт*** *ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

* * *

Кунанд ину он хуш дигарбора дил,
Вай андар миён кӯрбахту хиҷил!
Миёни ду тан оташ афрӯхтан
На ақл асту худ дар миён сӯхтан!**

(***Маънойи қитъа**: Пайкор дар миёни ду тан ба оташе афрӯхта монад, ки сиъоятгар (бадгӯй–О. Ш.)-и тирабахт ҳимарасон (ҳезумрасон–О. Ш.) аст; ситезаҷӯён пас аз пайкор роҳи оштӣ пӯянду дили якдигар ҷӯянд, вале суханчин сарафкандаву тирабахт монад; бале, дар миёни ду кас оташи душманӣ равшан кардану худро дар шуълаҳойи он афкандан аз нодонист!).*

* * *

Дар сухан бо дӯстон оҳиста бош,
То надорад душмани хунхор гӯш!
Пеши девор* он чӣ гӯйӣ, ҳуш дор,
То набошад дар паси девор гӯш!

(****Пеши девор…:*** *Саъдӣ дар «Бӯстон» (б. 2897) низ гуфтааст:*

Макун пеши девор ғайбат басе,
Бувад к-аз паяш гӯш дорад касе!
Пеш аз Саъдӣ ҳам ин масал будааст:
Чӣ гуфт он сухангӯйи посухниюш,
Ки девор дорад ба гуфтор гӯш!

(Фирдавсӣ).

Гуфто: «Диҳам, ай ҳама ҷафо, нак зинҳор,
Овоз мадиҳ, ки гӯш дорад девор!»

(Фаррухийи Систонӣ).

Ба халват низаш аз девор мепӯш,
Ки бошад дар паси деворҳо гӯш.

(Низомӣ).

Имрӯз низ гӯянд: «Девор муш дорад, муш гӯш дорад» («Амсолу ҳикам», 2/851), назири масали арабӣ: «Инна лилҳийтони озонан» («Маҷмаъ-ул-амсол», 78); «деворҳо гӯш доранд»…

******Маънойи қитъа****: бо ёрон ба нармӣ сухан гӯй, то хасми ҷоншикор гуфтори туро нашунавад ва ба душманӣ барнахезад. Баҳуш бош, то он чи дар канори девор бар забон меронӣ, набояд, ки дар пушти девор гӯше шунавад ва ту надонӣ!).*

Ҳикмат (13)

Ҳар кӣ бо душманон сулҳ мекунад, сари* озори дӯстон дорад.

*(****Сари озори…:*** *Муҳаммади Хазойилӣ ин пандро нозир ба қисмате аз ояи 1, сурайи Мумтаҳана(60), донистааст:*

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا تَتَّخِذُوا عَدُوِّي وَعَدُوَّكُمْ أَوْلِيَاء

(«Шарҳи «Гулистон», 683): «Душманони Марову душманони хешро ба дӯстӣ магиред!».

Бишӯй, ай хирадманд, аз он дӯст даст,
Ки бо душманонат бувад ҳамнишаст!

*(*****Маънойи байт:*** *Ай фарзона, аз он ёр, ки бо душманони ту ҳамнишину ҳамдам бошад, чашми ёриву умеди вафодорӣ мадор!).*

Ҳикмат (14)

Чун дар имзойи* коре мутараддид бошӣ, он тараф ихтиёр кун, ки беозортар барояд.

*(****Имзойи кор:*** *равон кардан ва гузордани коре.*

Мутараддид*–дудилаву саргашта.*

Маънойи сухан*: Чун дар равон кардани амреву дар гузарондани коре дудила монӣ, он сӯй баргузин, ки бе газанду заҳмати камтар ба даст ояд.)*

Бо мардуми саҳлхӯй душх(в)ор магӯй,
Бо он ки дари сулҳ занад, ҷанг маҷӯй!

Ҳикмат (15)

То кор ба зар бармеояд, ҷон дар хатар афкандан нашояд.

*(**Маънойи калом**: То ҷое, ки ҳар гуна кори муҳим аз роҳи симу зар бароварда шаваду дуруст гардад, ҷонро ба ҳалокату хатар андохтан сазовор нест!).*

Чу даст аз ҳама ҳилате даргусаст,
Ҳалол аст бурдан ба шамшер даст!

*(****Маънойи байт:** Чун даст аз ҳар чора кӯтоҳу ҷудо монд, он гоҳ равост, ки даст ба теғи обдор баранд, ки гуфтаанд: «Ас-сайфу охирул-ҳияли», яъне, «Шамшер баркашидан бозпасин чора аст».*

Ҳикмат (16)

Бар аҷзи душман раҳмат макун, ки агар қодир шавад, бар ту набахшояд.

*(****Маънойи гуфта**: Бар нотавонийи хасм меҳр маёвар, ки агар тавонойӣ ёбад, бар ту раҳм накунад!).*

Душман чу бинӣ нотавон, лоф аз бурути худ мазан,
Мағзест дар ҳар устухон, мардест дар ҳар пираҳан!

*(****Маънойи байт:** Чун адуро оҷиз ёбӣ, аз саблат (ё сабалат–бурут–О. Ш.)-и мардонайи худ гизоф магӯй ва хештан маситою бидон, ки дар ҳар устухоне мухх (мағз-О. Ш.)-ест (ба киноя: дар ҳар саре тадбиресту)-у даруни ҳар ҷома паҳлавоне!)*

Ҳикмат (17

Ҳар кӣ бадеро бикушад, халқро аз балойи ӯ бираҳонад ва ӯро аз азоби Худой, азза ва ҷалла.

*(****Маънойи гуфта**: Ҳар кас табаҳкореро ба қатл расонад, мардумро аз озори вай бираҳонад ва худ ӯро аз шиканҷайи Худойи Тавонову Бузург).*

Писандида аст бахшойиш, валекин
Маниҳ бар реши халқозор марҳам.
Надонист он, ки раҳмат кард бар мор,
Ки он зулм аст бар фарзанди Одам!

(Бахшойиш: *гузашт, гузашт (аз масдари бахшойидан).*

Фарзанди Одам: *одамизода.*

Маънойи қитъа*: **Гузашту иғмоз (чашмпӯшӣ–О. Ш.) некӯ корест, аммо бар ҷароҳати мардумозор марҳами афв магзор! Касе, ки бар мори газанда меҳр оварад, оё огоҳ нест, ки он меҳрбонӣ ба ҳақиқат ситам бар Банӣ-Одам аст?*

«Дар ин байт таваҷҷуҳе ҳаст ба адовати мор бо фарзандони Одам. Ба мӯҷиби Таврот, мору Одаму Ҳавво аз Биҳишт ихроҷ шуданд» (Доктор Хазойилӣ. «Шарҳи «Гулистон», с. 675).

Ҳикмат (18)

Насиҳат аз душман пазируфтан хатост, валекин шунидан равост, то ба хилофи он кор кунӣ, ки он айни савоб аст.

(Хато: *норосту ғалат ва гуноҳи беқасд.*

Савоб: *ростӣ, нақизи хато.*

Маънойи калом*: Андарзи душман ниюшидан ғалат аст, вале бад-он гӯш додан сазовору дуруст, то зидди он амал кунӣ, ки ин кор маслаҳати маҳз аст!).*

Ҳазар кун з-он чӣ душман гӯяд: «Он кун!»,
Ки бар зону занӣ дасти тағобун
Гарат роҳе намояд рост чун тир,
Аз ӯ баргарду роҳи дасти чап гир!

(Тағобун: *зиёнкорӣ.*

Маънойи абёт*: **Аз он чӣ хасм ба ту суфориш мекунад, ки анҷом бидиҳ, бипарҳез, ки агар чунон кунӣ, дасти зиёнкориву пушаймонӣ бар ҳам хоҳӣ суд! Агар душман роҳе ба истиқомат (дурустӣ)-и чӯбайи тир ба ту нишон диҳад, бад-он роҳ марав ва тариқи чап (муқобил, дигар)дар пеш гир).*

Ҳикмат (19)

Хашми беш аз ҳад гирифтан ваҳшат орад ва лутфи бевақт ҳайбат *(бузургӣ)* бибарад. На чандон дуруштӣ кун, ки аз ту сер гарданд ва на чандон нармӣ, ки бар ту далер шаванд!

(**Маънойи панд*: Бештар аз андоза қаҳру ғазаб кардан мӯҷиби тарсу безорӣ шаваду меҳри нобаҳангому бечо шукӯҳу бузургӣ табоҳ гардонад; чандон сахт магир, ки аз ту безор шаванд ва чандон ба рифқу осон рафтор макун, ки бар ту густох оянд!).*

Дуруштию нармӣ ба ҳам-дар биҳ аст,
Чу фосид*, ки ҷарроҳу марҳамниҳ аст!
Дурушт нагирад хирадманд пеш,
На сустӣ, ки ноқис кунад қадри хеш!
На мар хештанро фузунӣ ниҳад,
На якбора тан дар мазаллат** диҳад!

(***Фосид*** *(бо «сод»–О. Ш.)**:** рагзан; касе, ки мутобиқи усули тибби қадим баройи муъолаҷайи бархе аз бемориҳо раги махсусеро мезанаду миқдоре аз хуни беморро мегирад ва бар он маҳал марҳам мениҳаду рагро мебандад.*

Ин байт аз «Бӯстон» (б. 293) нақл шудааст.

***Мазаллат:** хорӣ.*

***Маънойи ҳарсе байти боло**: Тундиву қаҳрро ба рифқу нармӣ омехтан некӯтар аст, чун рагзан, ки ҳам хаста кунаду ҳам бар ҷароҳат марҳам гузорад; оқил на якбора қаҳр варзаду на яксара нармӣ намояд, то аз мақоми худ бикоҳад; на худро бартар аз дигарон шумораду кибр оварад ва на ҳамвора фурӯтанӣ кунаду тан ба хорӣ супорад!*

***Байти аввали ин қитъа** ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

* * *

Шубоне бо падар гуфт: «Ай хирадманд,
Маро таълим диҳ пирона як панд!»
Бигуфто: «Некмардӣ кун на чандон,
Ки гардад хира гурги тездандон!»

(***Пирона:** чунонки аз пирони донову озмуда сазад.*

***Бигуфто: «Некмардӣ кун….:** Ин маъноро Саъдӣ борҳо гуфтааст. Аз ҷумла,*

Сифларо қувват мадиҳ чандонки муставлӣ шавад,
Гургро чандонки дандонтезтар, хунрезтар!
(«Мавоъиз»-и Саъдӣ, 218).

*Дар «Қобуснома» низ омадааст: «Дигар тундиву тезӣ одат макуну аз ҳилм холӣ мабош; валекин якбора чунон мабош нарм, ки аз хушиву нармӣ бихурандат ва низ чунон дурушт мабош, ки ҳаргиз ба даст напасовандат!»; (**пасовидан**: ламс кардан.*

******Маънойи ҳарду байт****: Ҷавончӯпоне бо падараш мегуфт: «Ай фарзона, ба ман андарзе диҳ, чунонки аз пирони озмуда сазад!». Падар гуфт: «Ба он андоза салимнафсиву нексиришт макун, ки гурги даранда густох шаваду бар рамайи ту ҳамлавар шавад!».)*

Ҳикмат (20)

Ду кас душмани мулку динанд: подшоҳи беҳилму зоҳиди беилм!

*(****Маънойи калом****: **Ду тан хасми кишвару душмани Худоянд: подшоҳи нобурдбору порсойи нодон.*

Дар ин калом санъати лаффу нашр мураттаб ба кор рафтааст).

Бар сари мулк мабод он малики* фармондиҳ,
Ки Худоро набувад бандайи фармонбурдор!

*(****Малики фармондиҳ:*** *подшоҳи фармонраво. Саъдӣ дар «Бӯстон» (б. 207) дар ҷиҳати мутафовит бо мазмуни ин байт фармонравойи Худопарастро офарин мегӯяд:*

Зиҳӣ бандагонро худовандгор,
Худовандро бандайи ҳақгузор!

******Маънойи байт:*** *Подшоҳе, ки аз бандагони мутеъи Яздон набошад, бар умури кишвар ҳукмрон мабод!)*

Ҳикмат (21)

Подшаҳ бояд, ки то ба ҳадде хашм бар душманон наронад, ки дӯстонро иътимод намонад. Оташи хашм аввал дар худованди хашм афтад, пас он гаҳ забона ба хасм расад ё нарасад (***шоҳ набояд бад-он андоза бар хасмонаш ғазаб кунад, ки ёронаш ҳам пиндоранд рӯзе ҳамчунон бар онон ҳам сахт хашм гирад ва аз ин нигаронӣ дил ба меҳри вай беш устувор надоранд; оташи ғазаб нахуст дар хашмгин гирад, пас аз он шуълааш дар он кас, ки бар ӯ хашм гирифтаанд, афтад ё наяфтад)*.

Нашояд Банӣ-Одами хокзод,
Ки дар сар кунанд кибру тундию бод!
Туро бо чунин гармию саркашӣ,

Напиндорам аз хокӣ, аз оташӣ!

*(*****Банӣ-Одами хокзод:*** *фарзандони Одами хоксиришт (низ ниг. ба ҳикояти 42, боби дувум, тавзеҳи «Банӣ-Одам»).*

Маънойи абёт*: Сазовор нест, ки фарзандони Одами хоксиришт нахвату хашму ғурур дар сар дошта бошанд! Бо ин гардан-кашиву тундийи оташи хашм, пиндорам, ки туро на аз хоки афтода (= табиъати Одам), балки аз оташи саркаш (= ниҳоди Шайтон) офаридаанд!).*

Дар хоки Байлақон бирасидам ба обиде,
Гуфтам: «Маро ба тарбият аз ҷаҳл пок кун!».
Гуфто: «Бирав, чу хок таҳаммул кун, ай фақиҳ,
Ё ҳар чӣ хондайӣ, ҳама дар зери хок кун!»

*(**Байлақон:** шаҳре аз вилояти Арон, мобайни Шервону Озарбойҷон («Бурҳони қотиъ»).*

******Маънойи қитъа****: Дар сарзамини Байлақон ба порсое бозхӯрдам. Ба вай гуфтам: «Маро аз чанги деви нодониву саркашӣ ба гуфтори ҷонпарвари хеш раҳойӣ бахш!» Посух дод: «Ай донойи дин, монанди замин, ки пайсипари ҳамагону барандайи борҳойи гарон аст, шикебову бурдбор бош, вагарна аз ин донишҳо туро суде нест ва ҳамон биҳ, ки онро дар гӯристони фаромӯшӣ ба хок биспорӣ!»).*

Ҳикмат (22)

Бадхӯй дар дасти душмане гирифтор аст, ки ҳар куҷо равад, аз чанги уқубати ӯ халос наёбад.

*(*****Маънойи калом****: Зиштхӯй асири хасмест, ки ба ҳар ҷо равад, аз дасти шиканҷайи вай раҳойӣ надорад!).*

Агар зи дасти бало бар фалак равад бадхӯй,
Зи дасти хӯйи бади хеш дар бало бошад!

*(*****Маънойи байт:*** *Агар зиштхӯй аз бими рӯйдодҳойи бад бар осмон гурезад, ҳанӯз аз шарри маниши зиштхӯйиаш озор бинаду ранҷ кашад).*

Ҳикмат (23)

Чу бинӣ, ки дар сипоҳи душман тафриқа афтодааст, ту ҷамъ бош. Ва гар ҷамъ шаванд, аз парешонӣ андеша кун!

*(*****Маънойи ҳикмат**: Чун огоҳ шавӣ, ки дар лашкари душман парокандагиву ихтилофи назар падид омадааст, ту осудахотир бинишин ва агар якоҳанг шаванду иттифоқ кунанд, аз ошуфтагиву бадҳолийи хеш дар бим бош).*

Бирав, бо дӯстон осуда биншин,
Чу бинӣ дар миёни душманон ҷанг.
Вагар бинӣ, ки бо ҳам якзабонанд,
Камонро зиҳ куну бар бора бар санг!

*(*****Маънойи қитъа**: Чун дар миёни душманон нифоқу ситеза бархезад, ту хуш бо дӯстон биёром ва агар иттиҳоди калима ёбанд (якзабон шаванд)-у оҳанги ту кунанд, зеҳ бар камон бубанд (то тир афканӣ) ва санг бар фарози девори ҳисор ниҳ (то бар сарашон фурӯ борӣ!)*

Ҳикмат (24)

Душман чу аз ҳама ҳилате фурӯ монад, силсилайи дӯстӣ бичунбонад. Пас он гаҳ ба дӯстӣ корҳое кунад, ки ҳеч душман натавонад!

*(*****Маънойи калом**: Хасм, чун дасташ аз ҳар ҷо кӯтоҳ гардад, риштайи дӯстӣ ҳаракат диҳаду дӯстӣ намояд, аз он пас ба номи дӯстиву маҳаббат чунон осеб расонад, ки душмане аз душманон наёрад кард!)*

Ҳикмат (25)

Сари мор ба дасти душман бикӯб, ки аз иҳдал-ҳуснайайни холӣ набошад; агар ин ғолиб омад, мор куштӣ ва гар он, аз душман растӣ.

*(****Сари мор ба дасти душман бикӯб…:** назири «Ба дасти касон мор бояд гирифт» («Қобуснома», 171) аст.

**Иҳдал-ҳуснайайни*

إِحْدَى الْحُسْنَيَيْنِ

Яъне, «Яке аз ду амри нек» (муқтабас аз ояи 52, сурайи (9)Тавба).

Чун ёр ба бӯса доданам бор гирифт,
Зулфаш бигирифтам, зи ман озор гирифт!
Чун ёрийи ман ёр ҳаме хор гирифт,
З-он хост, ба дасти ман ҳаме мор гирифт!

(Абулфараҷи Рунӣ)

Давлати туст он, ки ҳеч мӯр наёзурд аз ӯ,
Лек ба дасти касон арқаму суъбон гирифт!
(Салмони Совақӣ, «Амсолу ҳикам», 3/1385)

******Маънойи ҳикмат****: Каллайи морро бо дасти хасм хурд бишкан (бикӯбу майда кун!), чӣ ин кор яке аз ду фарҷоми нек дар бар дорад: агар вай пирӯз шавад, мор табоҳ кардӣ ва агар мор чира ояд, аз душман раҳидӣ!).*

Ба рӯзи маърака эмин машав зи хасми заъиф,
Ки мағзи шер барорад, чу дил зи ҷон бардошт!

(***Маърака:*** *ҷангҷой, ҷойгоҳи ҳарб.*

Маънойи байт*: Дар корзор аз хасми нотавону камнеру худро дар амон мапиндор, зеро ҳар кӣ даст аз ҷон шуст, мағз аз косайи сари шер берун кашад!)*

Ҳикмат (26)

Хабаре, ки донӣ, ки диле биёзорад, ту хомӯш, то дигаре биёрад!

Булбуло, муждайи баҳор биёр,
Хабари бад ба бум бозгузор!

*(*****Маънойи байт:*** ***Ай андалеб, башорати фароз омадани баҳор баргӯй ва паёми шум овардану ҳадиси бад кардан ба ҷуғдон (чуғзҳо) бигзор!*

Дар ин ҷо муаллиф муждадиҳандаро ба булбулу хабарибадоварандаро ба ҷуғд ҳамонанд кардааст).

Ҳикмат (27)

Подшаҳро бар хиёнати касе воқиф магардон. Магар он гаҳ, ки бар қабули куллӣ восиқ бошӣ, вагарна дар ҳалоки хеш саъй мекунӣ.

*(*****Маънойи фикра****: Дағалию норостийи касеро бар шоҳ ошкор макун, ҷуз он, ки яқин дошта бошӣ, ки суханат батамом пазируфта меояд, вагарна дар нобудийи худ мекӯшӣ!).*

Басечи** сухан гуфтан он гоҳ кун,

Ки донӣ, ки дар кор гирад сухун!

(Басеч: *омодагӣ ва сохтагийи корҳо ва корсозиҳо; дар тадовули имрӯз «басеч» ба ҷим нависанду хонанд.*

Маънойи байт*: **Ба сухан гуфтан он гоҳ оҳанг кун, ки бидонӣ гуфторат асар бахшаду коргар афтад!).*

Ҳикмат (28)

Ҳар кӣ насиҳати худраъе мекунад, ӯ худ ба насиҳатгаре муҳтоҷ аст *(**ҳар кас ба худкомаву худсару якрав андарз гӯяд, худ ба носиҳу андарзгӯ ниёзманд аст)*.

Ҳикмат (29)

Фиреби душман махӯру ғурури маддоҳ махар, ки ин доми зарқ ниҳодаасту он домани тамаъ кушода. Аҳмақро ситоиш хуш ояд, чун лоша, ки дар каъб *(буҷули пой, шитолинг)*-аш дамӣ, фарбиҳ намояд.

(Ғурури маддоҳ: *фиреби ситойишгар (чарбзабон, тамаъкор).*

Домани тамаъ кушода: *Муҳаммади Хазойилӣ дар ин маврид навиштааст: «Ишора аст ба қиссайи Ашъаби таммоъ, ки дар Араб ба тамаъ маъруф аст ва мегӯянд ҳар гоҳ кабӯтаре дар осмон парвоз мекард, ӯ домани худ мекушуд, ки агар мурғ дар миёни ҳаво байза гузорад, дар домани ӯ бияфтад. Гӯянд, аз Ашъаб пурсиданд: «Ҳеч тамаъкортар аз худ дидайӣ?» Гуфт: «Оре, завҷаам! Ӯ ҳангоме, ки ман доман баройи афтодани байзайи кабӯтар кушодаам, дегро ба рӯйи оташ мегузорад ва омодайи пухтани он мешавад!» («Шарҳи «Гулистон», с. 692).*

******Маънойи калом****: Ба найрангу дами хасм аз роҳ марав ва харидори фиреби ситойишгар мабош, ки душман банди макр густардаву саногӯ дасти оз дароз кардааст. Нодон аз мадҳу сано шод шавад, чун пайкари бечони гӯсфанд, ки дар устухони пояш фурӯ дамӣ (дам фурӯ андозӣ–О. Ш.), баромосаду гӯштнокаш нишон диҳад).*

Ало, то нашнавӣ мадҳи сухангӯй,
Ки андак моя нафъе аз ту дорад!
Ки гар рӯзе муродаш барнаёрӣ,
Дусад чандон уюбат баршуморад!

(Ало: *бидон ва огоҳ бош! Ҳон! (дар мавриди огоҳонидан ва танбеҳи касе бигӯянд).*

Уюб: *айбҳо.*

Маънойи қитъа*: **Ҳон, ба сухани ситойишгар гӯш фаро мадиҳ, зеро ситойишро ба сабаби андак суде, ки аз ту умед дорад, бар забон меронад ва агар як рӯз хостайи вай ба ӯ нарасонию ҳоҷаташ раво надорӣ, садҳо баробари он ситойиш ба накӯҳиши ту бипардозад!*

Ҳикмат (30)

Мутакаллимро то касе айб нагирад, суханаш салоҳ напазирад *(то бар сухангӯ хурда нагиранду нақси вай нанамоянд, гуфтораш нағзу накӯ нагардад)*.

Машав ғарра бар ҳусни гуфтори хеш
Ба таҳсини нодону пиндори хеш!

*(*****Маънойи байт:*** *Ба офарини ҷоҳил, ки сухани туро нек шуморад, ё ба гумони ботили хеш фирефтайи нағзийи гуфтор мабош!).*

Ҳикмат (31)

Ҳама касро ақли худ ба камол намояду фарзанди худ ба ҷамол *(ақли ҳар касе ба назари худи ӯ комил меояду фарзандаш ба назараш зебо ҷилва мекунад. Дар арабӣ масал аст: «Зуййина фӣ айни волидин валаду» («Ал-Мутанаббӣ ва Саъдӣ», с 142), яъне: «Фарзанд ба чашми падар ороставу зебост»*.

*******Ин иборат*** *ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Яке яҳуду мусалмон низоъ мекарданд,
Чунонки ханда гирифт аз ҳадиси эшонам.
Ба тайра гуфт мусалмон: «Гар ин қаболайи ман,
Дуруст нест, Худоё, яҳуд миронам!»
Яҳуд гуфт: «Ба Таврит мехурам савганд,
Вагар хилоф кунам, ҳамчу ту мусалмонам!»
Гар аз басити замин ақл мунъадим гардад,
Ба худ гумон набарад ҳеч кас, ки нодонам!

(***Яҳуд:*** *ҷуҳуд; қавми яҳуд, мутадаййини Мусо.*
Ба тайра: *бо хашм, хашмнок.*
Қабола: *санад, чак (чек).*
Таврит*–Таврот, китоби осмонийи Ҳазрати Мусо*

*****Гар аз басити замин…:*** *агар ақл аз паҳнайи замин нобуд шавад, ҳеч кас худро нодон нашуморад. Мутанаббӣ низ гуфтааст («Шарҳи девони Мутанаббӣ», 4/3):*

Кадаъвока куллун яддаъӣ сиҳҳатал-ъафли,
Ва ман зал-лазӣ бимо фиҳи мин ҷаҳли?
(«Армағони навид», 62).

Яъне, («ай маломатгар) ҳар кас иддиъойи дурустийи ақли худро дорад, чунонки ту муддаъийи он ҳастӣ. Ва кист, ки аз нодонийи хеш бохабар бошад?!»

Мунъадим: *нобуд.*

Маънойи қитъа*: Ҷуҳудеву муслиме ситеза мекарданд бар он шева, ки аз сухани онон ба ханда афтодам. Муслим ба хашм ба вай мегуфт: «Илоҳо, агар ин санади ман саҳеҳ нест, маро ба ойини яҳуд аз дунё бибар!» Ҷуҳуд дар посухаш медамид: «Қасам ба Таврот мехурам, ки агар сухани ман мухолифи савоб бошаду нодуруст, монанди ту пайрави ислом бошам!» Агар аз паҳнайи хок хирад пинҳону нобуд гардад, дигар як тан хештанро ҷоҳил напиндорад!*

Байти охир *ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ҳикмат (32)

Даҳ одамӣ бар суфрае бихуранду ду саг бар мурдоре бо ҳам ба сар набаранд. Ҳарис *(тамаъкор, гурусначашм)* бо ҷаҳоне гурусна асту қониъ ба ноне сер. Ҳукамо гуфтаанд: «Тавонгарӣ ба қаноъат** биҳ аз тавонгарӣ ба бизоъат!»

(Қаноъат: *хурсандийи одамӣ бад-он чӣ дорад ё хушнудӣ ба рӯзийи мақсум.*

Бизоъат: *молу хоста, порае аз мол, ки бад-он бозаргонӣ кунанд.*

Маънойи калом*: **Даҳ тан бар як хон бо ҳам навола баргиранду нон шикананд ва ду саг бар як лоша бо якдигар созгорӣ накунанд. Озманд бо доштани мулки ҳама олам сер нашаваду хурсанд; (ва қониъ) ба як нони тиҳӣ оташи гуруснагӣ фурӯ нишонаду ором монад. Истиғнойи нафс ва худро бениёз ёфтан биҳ аз ганҷҳойи гарону сарвати фаровон андӯхтан. Саъдӣ дар ғазале низ фармояд:*

Мулки озодагиву кунҷи қаноъат ганҷест,

Ки ба шамшер муяссар нашавад султонро!)

Рӯдайи танг ба як нони тиҳӣ пур гардад,
Ниъмати рӯйи замин пур накунад дидайи танг!

*(*****Маънойи байт:*** *рӯдагони борик ба ноне бе хӯриш анбошта шавад, вале хоставу моли ҷаҳоне чашми танги озмандро сер натавонад кард).*

* * *

Падар, чун даври умраш мунқазӣ гашт,
Маро ин як насиҳат карду бигзашт,
Ки шаҳват оташ аст, аз вай бипарҳез,
Ба худ-бар оташи Дӯзах макун тез!
Дар он оташ надорӣ тоқати сӯз,
Ба сабр обе бар ин оташ зан имрӯз!

*(*****Мунқазӣ:*** *сипарӣ, поён, охир.*
******Шаҳват:*** *орзумандиву озмандӣ ва дӯстиву хост.*
Маънойи қитъа*: Падар, чун рӯзи зиндагонияш сипарӣ шуд, аз ин ҷаҳон бирафту ба ман андарзе дод, ки озмандиву орзумандӣ оташе сӯзанда аст, аз он дурӣ кун, то ба пайравӣ аз ҳавойи нафс худро гирифтори Ҷаҳаннам насозӣ; ту тавони дар оташи Дӯзах сӯхтанро надорӣ,;пас, бо сабру шикебойӣ бар (нохушоянди) нафси бадфармой шуълайи шаҳват фурӯ нишон!).*

Ҳикмат (33)

Ҳар кӣ дар ҳоли тавонойӣ накӯйӣ накунад , дар вақти нотавонӣ сахтӣ бинад *(ҳар кас ҳангоми тавонгарӣ накӯрафторӣ накунад, ба гоҳи заъфи ҳолу дармондагӣ душвориву нокомӣ бинад)*.

Бадахтартар аз мардумозор нест,
Ки рӯзи мусибат касаш ёр нест!

(Шумтолиътар аз ситамгори бар касон мояи озор кас набошад, ки дар рӯзҳои нохушиву балову бад паҳлуяш холӣ, бе ёру мададгор аст).

Ҳикмат (34)

Ҳар чӣ зуд барояд, дер напояд.

*(**Маънойи фикра**: Чизи осону зуд ба даст омада бақо накунад (**чунонки осори бузургони илму адаб, ки ба ранҷи солиёну саъйи рӯзгорон фароҳам омада, ҷовид мемонад, вале сухани сусту афкори нодурусти навхостагони ноозмуда зуд аз дафтари айём сутурда мешавад).*

Хоки Машриқ шунидаам, ки кунанд
Ба чиҳил сол косае чинӣ.
Сад ба рӯзе кунанд дар Мардашт,
Лоҷарам, қиматаш ҳамебинӣ.

*(***Хоки Машриқ…:** *шунидаам, ки хоки Машриқзамин (Чин)-ро чиҳил сол варз медиҳанд, сипас аз он косае чинӣ месозанд (ки гаронбаҳост). Дар Марвдашт (ноҳияе дар Форс) ба осонӣ рӯзе сад коса дуруст мекунанд, ногузир (лоҷарам,) баҳояш чунин арзон аст, ки мебинӣ!*

Оқойи доктор Хатиби Раҳбар «косае чинӣ»-ро саҳви котиб шумурдаст. (ба ҷойи «косайи чинӣ»), зеро дар дар расмулхатти қадим ҳар дуро ба як сурат менавиштаанд. Дар айни ҳол қаринайи «сад» дар байти дувум муаъйиди «косае чинӣ» тавонад буд.

******Мардашт:*** *мухаффафи Марвдашт, номи яке аз бахшҳойи устони Форс (дар наздикийи Шероз).*

*******Ин ду байт*** *ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

* * *

Мурғак аз байза бурун ояду рӯзӣ талабад,
Водамибачча надорад хабару ақлу тамиз!
Он, ки ногоҳ касе гашт, ба чизе нарасид,
В-ин ба тамкину фазилат бигузашт аз ҳама чиз!
Обгина ҳама ҷо ёбӣ, аз он қадраш нест,
Лаъл душх(в)ор ба даст ояд, аз он аст азиз!

*(****Маънойи қитъа**: Чӯҷаи мурғ аз тухм берун меояду ба ҷустуҷӯйи дона мепардозад, аммо навзоди одамӣ огоҳиву хираду ташхиси неку бадро надорад. Он, ки ногаҳон касе шуд, дар ҳақиқат ба чизе даст наёфт ва ин (ки кӯшиш кард) ба иҳтирому мақому дониш аз ҳама бартар шуд. Шиша ҳар ҷо ҳаст, арзише надорад (зеро осон ба даст меояд), аммо лаъл ба осонӣ, ки фароҳам намеёяд, ин аст, ки гаронбаҳост!).*

Ҳикмат (35)

Корҳо ба сабр барояд ва мустаъҷил *(шитобкор)* ба сар дарояд *(корҳоро ҳар гуна, ки бошанд, шикебойӣ бароварда кунад ва фаровардаи шитобкор нокомию сарафкандагист)*.

Ба чашми хеш дидам дар биёбон,
Ки оҳиста сабақ бурд аз шитобон.
Саманди бодпой аз так фурӯ монд,
Шутурбон ҳамчунон оҳиста меронд.*

(***Сабақ бурдан:*** *пешӣ гирифтан.*
Саманди бодпой: *аспи тундпӯй.*
Так, таг: *пӯя, тохт.*
Маънойи ду байт*: Дар саҳро дидам, ки кундраве бар тундраве пешӣ гирифт (коҳилпое аз бодпое пеш гузашт), аспи сабуксайр аз тохтан бозмонду сорбон нармак-нармак ҳанӯз шутур меронд.*
Ин ду байт *ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ҳикмат (36)

Нодонро биҳ аз хомӯшӣ нест вагар ин маслаҳат бидонистӣ, нодон набудӣ *(баройи нодон (ҷоҳил) ҳунаре биҳтар аз хомӯшӣ нест ва ӯ агар ин ҳикмат медонист, нодон набуд)*!

Чун надорӣ камоли фазл, он беҳ,
Ки забон дар даҳон нигаҳ дорӣ!
Одамиро забон фазиҳа** кунад,
Ҷавзи бемағзро сабуксорӣ!

*(*__Чун надорӣ…:__ байти Саъдӣ ёдовари сухани Абулфатҳи Бустӣ аст (тарҷумайи сухан оварда мешавад–О. Ш.): «Агар сухани дурусту устуворе наёфтӣ, ки бигӯйӣ, сукути ту аз гуфтани сухани нодуруст дурусту савоб аст!» (нақл аз «Ал-Мутанаббӣ ва Саъдӣ», с 188).*
Фазиҳа, фазиҳат: *русвойӣ; ин ҷо фазиҳа (исм ё масдар) ба ҷойи фазиҳ (сифат) ба маънойи русво ба кор рафта, баройи таъкид дар васф омадааст.*
Ҷавз: *гирду, чормағз, муъарраби гавз.*
Маънойи қитъа*: Чун дар дониш ба ҳадди тамоме нарасидайӣ,*

шойиста аст, ки забон барбандиву сухан нагӯйӣ. Инсонро гуфтори беҳуда (ёфа) русво месозад, чунонки гирдуйи пӯкро сабукмағзӣ).

* * *

Хареро аблаҳе таълим медод,
Бар ӯ-бар сарф карда саъйи доим.
Ҳакиме гуфташ: «Ай нодон, чӣ кӯшӣ?
Дар ин савдо битарс аз лавми лоим!**
Наёмӯзад баҳойим аз ту гуфтор,
Ту хомӯшӣ биёмӯз аз баҳойим!»

*(**Саъйи доим:** кӯшиши пайваста.*
***Савдо:** хаёли ботил.*
***Лавм:** сарзаниш; лоим ё лойим–маломатгар.*
***Маънойи қитъа**: Нодоне ба дарозгӯше сухан гуфтан меомӯхт ва дар ин роҳ пайваста мекӯшид. Фарзонае ба вай гуфт: «Ай аҳмақ, беҳуда макӯш ва дар ин хаёли ботил аз сарзаниши маломатгар нигарон бош: сутурон аз ту сухан фаро намегиранд, ту сукут аз онҳо ёд гир!»).*

* * *

Ҳар кӣ таъаммул накунад дар ҷавоб,
Бештар ояд суханаш носавоб.
Ё сухан орой чу мардум ба ҳуш,
Ё бинишин чун ҳайвонон хамӯш!

*(**Таъаммул:** жарфандешӣ.*
***Носавоб:** хато.*
***Ҳайвонон:** ҷонварон, ҷамъи ҳайвон ва ҳайвон дар сиёқи форсӣ ба фатҳи аввал ва фатҳи дувум ё сукуни дувум («ҳайвон») ба маънойи ҷонвар ва гоҳ ба маънойи зиндагӣ ба кор меравад. Дар арабӣ ҳамеша ба фатҳи дувум («ҳаявон») хонда мешавад. Ҳофиз фармояд:*

Риндӣ омӯзу карам кун, ки на чандон ҳунар аст,
Ҳайвоне, ки нанӯшад маю инсон нашавад!

******Маънойи ду байт**: Ҳар кас дар посух жарф нанигарад, гуфтораш ҳамеша норосту нодуруст бошад; ё чу одамиён ба донойиву*

ҳушёрӣ гуфтор оғоз кун ё чун ҷонварон забонбаста бимон).

Ҳикмат (37

Ҳар кӣ бо донотар аз худ баҳс кунад, то бидонанд, ки доност, бидонанд, ки нодон аст!

Чун дарояд миҳ аз туе ба сухан,
Гарчи биҳ донӣ, иътироз макун!

*(**Маънойи байт:** Чун бузургтар аз туе ба гуфтор ояд, ҳарчанд ба пиндори худ ҳамон матлабро аз ӯ накӯтар донӣ, хурда бар вай магир!).*

Ҳикмат (38)

Ҳар кӣ бо бадон нишинад, некӣ набинад.

*(**Маънойи сухан**: Ҳар кас бо бадкорон ҳамнишин шавад, рӯйи хайру хубӣ набинад).*

Гар нишинад фариштае бо дев,
Ваҳшат омӯзаду хиёнату рев.
Аз бадон некӯйӣ наёмӯзӣ,
Накунад гург пӯстиндӯзӣ!

(***Рев:** ба маънойи макру ҳилаву тазвиру фиреб.*

***Маънойи ин ду байт**: Агар малаксирате бо аҳриманхӯе канор омад, аз вай норостиву найрангу бадаҳдӣ хоҳад омӯхт. Аз бадкорон ҷуз бадӣ наметавон омӯхт, чунонки гурги дарандаи хунхор харобкор асту намешавад аз он ободгарӣ интизор дошт!*

***Накунад гург…:** *Мақсуд он, ки аз гург, ки даридани пӯсти ҷондорон табиъати ӯст, интизори пӯстиндӯзӣ наметавон дошт; назири он, ки дар ҳамин китоб (ҳикояти 6 боби аввал) омадааст:*

*Накунад ҷаврпеша султонӣ,
Ки наёяд зи гург чӯпонӣ!).*

Ҳикмат (39)

Мардумонро айби ниҳонӣ пайдо макун, ки мар эшонро русво кунӣ ва худро беиътимод*.

*(***Маънойи гуфта**: Айби ниҳонийи мардумро ошкор масоз, **ки ононро беоборӯ кунӣ ва каси дигар туро устувор надораду*

муътамад нашуморад. Шодравон Хазойилӣ дар ин маврид навиштааст: «Ишора дорад ба он чӣ дар номайи Ҳазрати Алӣ ба Молики Аштар омадааст. Ҳазрати Алӣ аз кашфу бознамудани уюби ниҳонӣ наҳӣ мекунад ва, ҳатто, вазифайи волиро татҳир ва рафъи уюби зоҳирийи мардум медонад ва танҳо Худоро ҳоким бар ниҳони мардум мешиносад» («Шарҳи «Гулистон», с. 702).)

Ҳикмат (40)

Ҳар кӣ илм хонду амал накард, бад-он монад, ки гов ронду тухм наяфшонд *(ҳар кӣ дониш омӯхту аз он кор нагирифт, ба он кас шабиҳ аст, ки замин шудгор кунаду бар он базр напошад).*

Ҳикмат (41)

Аз тани бедил** тоъат наёяд ва пӯсти бемағз бизоъатро нашояд!

*(**Тани бедил:** пайкаре, ки диле равшан надорад; ***бедил**: дар ин ҷо ба маънойи беихлос ва сустиътиқод омадааст.*

***Маънойи калом**: Аз пайкаре, ки қалби солиму дили равшан надорад, фармонбурдориву ибодати Ҳақ имконпазир нест, монанди донайи пӯке, ки колову сармоя натавонад буд).*

Ҳикмат (42)

На ҳар кӣ дар муҷодала чуст, дар муъомала дуруст!

*(****Муҷодала ва ҷидол:** хусумат кардан, вале дар ин ҷо мурод ҷидолу суханороийву баҳс аст.*

***Муъомала:** дар форсӣ ба маънойи рафтору доду ситад.*

***Маънойи сухан**: На ҳар каси дар суханороийву баҳс чусту дастболо дар рафтору доду ситад росту дурусткор бувад.).*

Бас қомати хуш, ки зери чодар бошад,
Чун боз кунӣ, модари модар бошад!

*(**Ин байт** ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ҳикмат (43)

Агар шабҳо ҳама қадр будӣ, шаби қадр беқадр будӣ.

(***Қадр:** Ба маънойи тақдиру азамату бузургворӣ. «Дар «Тафсири Абулфутуҳ» (чопи Маҷлис, ҷилди 5, сафҳайи 558) дар борайи «қадр» чунин омадааст: «Аммо **Шаби қадр** дар он хилоф кар-*

данд, ки баройи чӣ қадр хонанд. Бештарини эшон гуфтанд: «Яъне, шаби тақдир аст ва фасли аҳкому тақдири қазоё он чӣ хоҳад бувад, дар сол аз оҷол (муҳлатҳо, ҷамъи аҷал)-у арзоқ (рӯзиҳо, ҷамъи ризқ) ҳама дар ин шаб кунанд. ***Шаби қадр****– лайлатулқадр, шаби барот.» (иқтибос аз Хатиби Раҳбар). Муҳаммади Биҳиштӣ–мусаннифи «Фарҳанги Сабо», «шаби барот»-ро понздаҳуми шаъбон овардааст. Аммо Муҳаммади Ғиёсуддин дар «Ғиёс-ул-луғот» дар зайли «лайлат-лқадр» менигорад, ки «Шабест дар як сол як бор ва дар таъйини он ихтилофи ривоёт аст; магар наздики аксар шаби бисту ҳафтуми рамазон аст; ибодати ин шаб биҳтар аз ибодати ҳазор моҳ аст»–«Ғиёс-ул-луғот», ҷилди 2.).*

Маънойи калом*: **Агар шабони сол ҳама лайлатулқадр мебуд, шаби барот ин ҳама арзишу мақом надошт).*

Гар санг ҳама лаъли Бадахшон будӣ,
Пас қимати лаълу санг яксон будӣ.

*(*****Бадахшон:*** *вилоятест маъруф мобайни Ҳиндустону Хуросон.*

Маънойи байт*: Агар ҳар порасанге лаъле бадахшӣ мегашт, лаъл чун сангпора баҳое надошт. Санойӣ фармояд:*

Солҳо бояд, ки то як санги аслӣ з-Офтоб
Лаъл гардад дар Бадахшон ё ақиқ андар Яман!).

Ҳикмат (44)

На ҳар кӣ ба сурат накӯст, сирати зебо дар ӯст; кор андарун дорад, на пӯст!

*(****Маънойи ҳикмат****: **Ҳама онон, ки ба чиҳра зебоянд, накӯйии манишу хӯйи эшон мусаллам нест; бояд ба сирату хулқи писандида назар дошт, яъне, эътибор ба ботин ороста аст, вагарна чӣ басо зоҳире ороста, ки ботине коста дорад! Мавлоно фармояд:*

Ай басо иблиси одамрӯ, ки ҳаст,
Пас ба ҳар дасте набояд дод даст!)

Тавон шинохт ба як рӯз дар шамойили мард,
Ки то куҷош расидааст пойгоҳи улум.
Вале зи ботинаш эмин мабошу ғарра машав,
Ки хубси нафс нагардад ба солҳо маълум!

(***Хубси нафс:*** *нопокию палидӣ дар нафс.*

***Маънойи қитъа**: **Дар давоми як рӯз (андак муддате) метавон аз тарзи гуфтору ҳайъати намоёни шахс ба дараҷайи дониши ӯ пай бурд, вале аз ниҳони дилу хӯю маниши вай худро дар амон мапиндор ва ба зоҳири ороста фирефта машав, чӣ палидийи ботин дар имтидоди солиёни дароз ҳам дониста нашавад!).*

Ҳикмат (45)

Ҳар кӣ бо бузургон ситезад, хуни худ резад *(аз сари ҷанг ҳар кас ба сарону миҳтарон гардан ёзонад, гаданаш хоҳад шикаст)*!

Хештанро бузург пиндорӣ,
Рост гуфтанд: «Як ду бинад лӯч!»
Зуд бинӣ шикаста пешонӣ,
Ту, ки бозӣ кунӣ ба сар бо ғӯч!**

*(**Лӯч:** коҷ, кож, он, ки як чизро ду бинад; олӯс, аҳвал. Санойӣ фармояд:*

Гӯшкарро суханшинос кӣ дид?!
Дидайи лӯч ростбин кӣ шунид?!
(Нақл аз «Луғаномайи Деҳхудо»).

***Ғӯч:** гӯсфанди шохдори ҷангӣ (дар туркӣ «қӯч» мегӯянд («Фарҳанги Сабо»).*

******Маънойи қитъа**: Худро бузург гумон мебарӣ; оре, дуруст гуфтаанд, ки дидайи кож(аҳвал) як чизро ду чиз мебинад. Ту, ки бо гӯсфанди ҷангӣ бо сар ба бозӣ мепардозӣ, ба зудӣ ҷабҳайи худро ба захми вай шикаста хоҳӣ ёфт).*

Ҳикмат (46)

Панҷа бар шер задану мушт бо шамшер, кори хирадмандон нест.

Ҷангу зӯроварӣ макун бо маст,
Пеши сарпанҷа дар бағал ниҳ даст.

*(**Сарпанҷа:** қавидаст.*

***Маънойи байт**: Бо арбадаҷӯйи шаробзада ба ситезаву зӯрозмойӣ мапардоз ва дар баробари қавидаст даст аз остин берун маёвар!).*

Ҳикмат (47

Заъифе, ки бо қавӣ диловарӣ кунад, ёри душман аст дар ҳалоки хеш *(ба душман дар нобудийи хештан ёрӣ мекунад)*.

Сояпарвардаро чӣ тоқати он
Ки равад бо муборизон ба қитол*.
Сустбозу ба ҷаҳл мефиканад,
Панҷа бо марди оҳанинчангол.

*(**Сояпарварда:** нозпарварда,ба ноз бузургшуда.*
***Қитол:** корзор, ҷанг, куштан.*
***Сустбозу…:** шахси нотавон ва заъиф аз рӯйи нодонӣ бо мардуми оҳанин панҷа ба ҷанг бармехезад; мақсуд он, ки набояд чунин кунад).*

Ҳикмат (48)

Беҳунарон ҳунармандро натавонанд, ки бинанд, ҳамчунон ки сагони бозорӣ саги сайд *(шикорӣ)*-ро машғала бароранду пеш омадан наёранд, яъне, сифла чун ба ҳунар бо касе барнаёяд, ба хубсаш дар пӯстин уфтад.

*(**Машғала:** он чӣ боздорад одамиро аз корҳойи дигар. **Машғала баровардан**–ба киноя бонгу хурӯш баровардан, ғалоғула ангехтан.*

***Дар пӯстин уфтодан:** ғайбат кардан (ниг. ба ҳикояти 7 боби дувум, ба тавзеҳи «дар пӯстини халқ уфтӣ»).*

***Маънойи калом**: **Нобихрадони бедониш чашми диди доноёни соҳибфазилатро надоранд, монанди сагони ҳарзагарди кӯчаву бозор, ки чун саги шикориро натавонанд дид, аз дур бонгу хурӯш баркашанд, вале наздик омаданро дил надоранд; мақсуд он, ки сифла (фурӯмоя) чун дар фазлу дониш бо касе баробарӣ натавонад, аз рӯйи бадниҳодӣ аз ӯ бадгӯйӣ кунад).*

Кунад ҳаройина ғийбат ҳасуди кӯтаҳдаст,
Ки дар муқобала гунгаш бувад забони мақол.

(***Ҳасуд:** бадхоҳ ва ҳосид; сиғайи муболаға аз «**ҳасад**», яъне, бад хостану орзу кардани заволи ниъмату фазилати касе.*

***Маънойи байт**: Ҳосидро чун дар баробари одаме забони гуфтор аз ҳуҷҷат фурӯ монад, дар қафо ҳамоно ба зиштёду накӯҳиш*

пардозад).

Ҳикмат (49)

Гар ҷаври шикам нестӣ, ҳеч мурғ дар доми сайёд наюфтодӣ, балки сайёд худ дом наниҳодӣ. Ҳакимон дер-дер хуранд ва обидон нимсер ва зоҳидон садди рамақ ва ҷавонон то табақ баргиранд ва пирон то арақ бикунанд. Аммо қаландарон чандонки дар миъда ҷойи нафас намонад ва бар суфрайи рӯзӣ кас!

***(Рамақ:** боқийи ҷон, ними ҷон; **садди рамақ**–нигаҳдошти ними ҷон; **табақ**–зарфест васеъ бо деворааи кӯтоҳ, ки зарфҳои дигар бар он ниҳанд. Мурод аз табақ дар ин ҷо хону суфра аст.*

***Қаландар:** марди вораставу толиби ҷамолу ҷалоли Ҳақ, вале дар ин ҷо ба қаринайи мақоле дарвешони даврагарди шикампараст бошад, ки ба дурӯғ номи қаландар бар худ ниҳодаанд. Дар тавзеҳи ин калима Муҳаммади Хазойилӣ менависад: «Решааш ба дурустӣ маълум нест. Баъзе пиндоштаанд, ки маъхуз аст аз лафзи форсийи «каландар» ба маънойи чӯби нотарошидайи ноҳамвор. Бархе «қаландар»-ро маъхуз аз «калонтар» донистаанд, вале бисёр иҳтимол дорад ,ки решаи «қаландар» «гарданда» бошад, зеро хӯйи ин гуна мардум гардиш дар шаҳрҳову ба ин дару он дар будасат ва* **quemander** *дар Фаронса маъхуз аз решайи лотин ба маънойи гадойӣ кардан аст ва ин лафз бо қаландар қаробати лафзию маънавӣ дорад. Зимнан, таъсиси силсилаи «қаландария»-ро баъзе дар Андалус донистаанд. Саъдӣ дар ин ҷо аз лафзи «қаландар» маънийи ғайр аз дарвеш мехоҳад ва дар назари вай «қаландар» мардест ба ҳайати дарвешон, ки бо гадойиву фиребкорӣ касби маъишат кунад ва ҳатто дар хӯрдани ғазо риндӣ ба кор мебарад».*

Гуфтори Хазойилӣ тақрибан таъйидгари ин фармудаи Ҳазрати Мавлоност, ки дар «Маснавӣ» меорад:

Дер ёбад суфӣ оз аз рӯзгор,
З-он сабаб суфӣ бувад бисёрхор.
Ҷуз магар он сӯфие, к-аз нури Ҳақ,
Сер хӯрд, ӯ фориғ аст аз нанги Дақ!
Аз ҳазорон андаке з-ин сӯфиянд,
Боқиён дар давлати ӯ мезиянд!
(дафтари дувуми «Маснавийи маънавӣ»).

***Маънойи ҳикмат**: **Ситам аз шиками мурғ намерафт (= агар*

ранҷи гуруснагӣ дар кор набуд), ҳеч паранда дар тала (дом)-йи домёр гирифтор намешуд, балки шикоргар ба яқин дом намегустард. Фарзонагон зуд-зуд тановул накунанду ибодатгарон сер нахӯрда, даст аз таъом бикашанд ва порсоён баробари нигаҳдошти ними ҷон қут (хӯриш–О. Ш.) баргиранду ҷавонон то хон барчинанд, бихуранд ва куҳансолон даме, ки хай (арақи бадан–О. Ш.) резанд; аммо дарвешони ҳарзагарди шикампараст то гоҳе хуранд, ки дам барнатавонанд бароварду бар хони ниъмат таъоме намонад).

Асири банди шикамро ду шаб нагирад хоб:
Шабе зи миъдайи сангӣ, шабе зи дилтангӣ.

*(**Банди шикам:** зиндони шикам.*
***Маънойи байт**: Гирифтори зиндони миъда ду шаб натавонад хуфт–шабе аз гаронийи бори шикаму серӣ, шаби дигар аз андӯҳи ғизо ноёфтану гуруснагӣ).*

Ҳикмат (50)

Машварат бо занон табоҳ асту саховат бо муфсидон гуноҳ!
*(**Машварат:** ройзанӣ, салоҳандешӣ, насиҳат , канкош.*
***Маънойи калом**: Рой задан бо занон ба кор наёяду беҳуда бошад ва бо бадкорон некиву родӣ кардан базаҳу маъсият аст (зеро ба диҳишу бахшиши ту баройи бадкорӣ тавону нируйи бештар ёбанд!).*

Хабисро чу таъаҳҳуде куниву бинвозӣ,
Ба давлати ту гунаҳ мекунад ба анбозӣ!**

*(**Ин байт** пеш аз ин дар панди шуморайи 8 низ омадааст ва дар бархе нусах ба ҷойи он ин байт овардаанд:*

Тараҳҳум бар паланги тездандон,
Ситамкорӣ бувад бар гӯспандон!).

Ҳикмат (51)

Ҳар киро душман пеш аст, агар накӯшад, душмани хеш аст.
*(**Пеш аст:** пеши рӯй аст. Мафҳуми ҷумла шабоҳат дорад ба ин байти ҳикмати 11 ҳамин боб:*

Имрӯз бикуш, чу метавон кушт,

К-оташ чу баланд шуд, ҷаҳон сӯхт!

Саъдӣ дар «Бӯстон» гуфтааст: «Чу дастат расад, мағзи сари душман барор!». Дар «Амсолу ҳикам» -и Деҳхудо (2/813) низ ин абёт мазкур аст:

Душман чу ба даст омаду мағлуби ту шуд.
Ҳукми хирад он аст, амонаш надиҳӣ!
(«Ҷомеъ-ут-тамсил»)

Диловар чу аз беша бигрифт шер,
Нишон диҳ, куҷо зинда монад-ш дер?!
Вагар меҳр бар хаста шер оварад,
Ҳамон шер ӯро ба зер оварад!).

Мор бар дасту мор сар бар санг,
Хираройӣ бувад қиёсу диранг!

***(Нукта**: ин байт дар нусхаҳои Баҳоуддини Хуррамшоҳиву Хатиби Раҳбар (аз рӯйи «Гулистон»-и Муҳаммадалийи Фурӯғӣ) чунин омадааст. Аммо Муҳсини Рамазонӣ (ки мадраки ӯ ҳам «Гулистон»-и устод Фурӯғист) ва Ғуломҳусайни Юсуфӣ онро ба дигар шакл меоранд. Яъне:*

Санг бар дасту мор сар бар санг,
Хираройӣ бувад қиёсу диранг!

Ва Муҳаммади Хазойилӣ тақрибан шакли дуюмро муътабар медонад:

Санг дар дасту мор сар бар санг,
Хираройӣ бувад қиёсу диранг!

Бо ин дугонагии назари соҳибназарон ба байти мазбур, шойиста аст ин фармудаи устод Хатиби Раҳбарро қобили мулоҳаза шумурд: «Дар бархе нусах «санг бар даст» ба ҷойи «мор бар даст» дида мешавад (Яъне, «Санг бар дасту мор бар сари санг!»– О. Ш.), ки аз назари маънӣ созгортар аст».

***Қиёс:** муқоясаву санҷиш; дар ин ҷо мурод гунагун андешидан аст.*

***Маънойи байт:** Чун санг бар каф дориву мори газанда дар*

пеши ту сар бар санг ниҳода бошад, дар куштани он таъхир раво доштан (дудилагӣ зоҳир намудан)-у гунагун андешидан аз нодониву сабуксорист!).

Ҳикмат (52)

*(**Боз як баҳс**: дар нусхаи Муҳаммадалийи Фурӯғӣ ва нусхаҳои Хуррамшоҳиву Хатиби Раҳбар, ки бар пояи ин асаранд, ҳикмати 51 пас аз байти мавриди баҳс («Санг бар дасту...») хатм шудааст. Сипас ҳикмати баъдӣ (52) меояд. Аммо дигар мусаннифони арҷманд, ки мо аз онҳо истинод кардаем (Муҳаммади Хазойилӣ, Ғуломҳусайни Юсуфӣ, Муҳсини Рамазонӣ) ҳикмати 52-ро на ба таври ҷудогона, балки бо афзудани ҷумлае дар сароғози он (яъне: «*Ва гурӯҳе ба хилофи маслаҳат дидаанду гуфтаанд, ки дар **куштани бандиён таъаммул**...*») ба ҳикмати пешин илҳоқ кардаанд).*

Куштани бандиён таъаммул авлотар аст, ба ҳукми он, ки ихтиёр боқист. Тавон кушту тавон бахшид ва гар бетаъаммул кушта шавад, муҳтамал аст, ки маслаҳате фавт шавад, ки тадоруки мисли он мумтаниъ** бошад.

*(**Мумтаниъ:** ношуданӣ.*

***Маънойи калом** (бо ҷумлаи илҳоқӣ дар ҳошия): Бархе бар акси ин (= куштани душмане, ки дар баробар аст) андешидаанд ва муътақиданд, ки дар қатли зиндониён жарф нигаристан сазовортар аст, зеро гузиниш ва ҳукм турост: бар ҳалок кардану бахшидан ҳар ду даст дорӣ, вале агар зиндонӣ бе андеша кардан аз фарҷоми кор ба қатл расад, шояд, ки хайру суде аз даст равад, ки талофиву дарёфти назири он муҳол бошад).*

Нек саҳл** аст зинда бечон кард,
Куштаро боз зинда натвон кард!
Шарти ақл аст сабри тирандоз,
Ки чу рафт аз камон, наёяд боз!

*(**Нек саҳл:** бисёр осон.*

***Маънойи ду байт**: Ҷондор куштан бисёр осон аст, вале мақтул (кушташуда)-ро ҷон боз натавон бахшид. Дирангу таваққуфи камондор пеш аз тирандозӣ натиҷаи хирадмандиву оқибатандешист, чӣ тир аз камон гузарад, дигар бознагардад).*

Ҳикмат (53)

Ҳакиме, ки бо ҷуҳҳол дарафтад, таваққуъи иззат надорад *(чашмдори эҳтиром набояд бошад)* ва гар ҷоҳиле ба забоноварӣ бар ҳакиме ғолиб ояд, аҷаб нест, ки сангест, ки гавҳар ҳамешиканад.

*(*****Маънойи фикра****: Фарзонае, ки бо нодонон ба ситеза бархезад, чашми эҳтиром набояд дошта бошад ва агар нодоне ба пургӯйиву ҳарзадироӣ бар доное чира гардад, шигифт набошад, зеро порасангест, ки нигини гаронбаҳоеро хурд (реза) кунад!).*

На аҷаб, гар фурӯ равад нафасаш,
Андалебе ғуроб ҳамқафасаш!

*(**Андалеб:** булбул, ҳазорово ё ҳазордастон. Булбуле, ки бо зоғ ҳамқафас бошад, агар дам фурӯ бандаду хомӯш монад, таъаҷҷуб нест).*

* * *

Гар ҳунарманд аз авбош ҷафое бинад,
То дили хеш наёзораду дарҳам нашавад.
Санги бадгавҳар агар косайи заррин бишикаст,
Қимати санг наяфзояду зар кам нашавад!

*(****То дили хеш наёзораду…:*** *набояд озурдахотиру мукаддар (тирадил) шавад. «То» дар ин ҷо ба маънойи зинҳор, ҳон ва барҳазар будан аст.*

Зар кам нашавад: *баҳойи зар коста намешавад; **агар санги бадасл ҷоми зарнигор хурд кунад, худ аз хормоягӣ баҳо нагираду аз қимати тилло накоҳад.*

Байти дувум *ҳукми масали сойир пайдо кардааст).*

Ҳикмат (54)

Хирадмандеро, ки дар зумрайи аҷлоф сухан бибандад, шигифт мадор, ки овози барбат бо ғалабайи духул барнаёяд ва бӯйи анбар аз ганди сир фурӯ монад.

*(**Аҷлоф:** ҷамъи ҷилф ва ҷилф аз луғоти муштараки форсиву арабист ба маънойи нодону сабуксор ва бебоку сафеҳ.*

Барбат: *номи созе машҳур ва баъзе гӯянд «барбат» сози уд асту он танбӯрмонанде бошад, ки косабузургу дастакӯтоҳ («Бурҳони қотиъ») ва ба ҳамин сурат муъарраб шудааст.*

Анбар: *моддайи хушбӯе, ки аз масонайи моҳийи бол, (гови ан-*

ба) берун мешаваду дар савоҳили бархе дарёҳо тавон ёфт. Дар бархе аз нусах абир ба ҷойи анбар омадааст ва бо сир ҳам муносабати лафзӣ дорад. ***Абир****–хушбӯйии омехта аз заъфарону чанд хушбӯйи дигар.*

******Маънойи калом****: Аҷаб мадор агар доноеро дар миёни гурӯҳи фурӯмоягони сабуксор забон банд ояду аз сухан фурӯ монад, чи овойи хуши барбат бо чирагийи бонги табл баробар наёяду ва бӯёйи анбар аз бӯйнокийи сир ночиз гардад).*

Баландовози нодон гардан афрохт,
Ки доноро ба бешармӣ бияндохт.
Намедонад, ки «оҳанги ҳиҷозӣ»
Фурӯ монад зи бонги табли ғозӣ!

*(****Баландовози нодон…:*** *нодон бо садойи баланд ба худнамойиву иддиъо пардохта, доноро бо густохӣ мағлуб кардааст.*

Намедонад, ки…: *огоҳ нест, ки нағмайи Ҳиҷоз («оҳанги ҳиҷозӣ»: «пардайи Ҳиҷоз», номи навое аз мусиқӣ (низ ниг. ба ҳикояти 20 боби дувум, ба тавзеҳи «пардайи ушшоқ») бо бонги табли ҷанговарон баробарӣ наметавонад кард.* ***Ғозӣ****–ҷанговар, марди ҷангӣ).*

Ҳикмат (55)

Ҷавҳар агар дар халоб афтад, ҳамчунон нафис аст ва ғубор агар ба фалак расад, ҳамон хасис!

*(****Ҷавҳар агар…:*** *гавҳар агар дар лаҷанзор бияфтад, ҳанӯз ҳам гаронмоя асту гард агар бар осмон ҳам бирасад, ҳамон фурӯмоя аст, ки буд!*

Мутанаббӣ дар байте гуфтааст:

Ва ҳоказо кунту фӣ аҳлӣ ва фӣ ватанӣ,
Иннаннафиса ғарибун ҳайсумо коно.
(«Шарҳи девони Ал-Мутанаббӣ», 4/354)

Яъне: «Инчунин ман дар хонадону ватани хеш ғариб будам; ҳамоно гаронмоя ҳар ҷо бошад, ғариб (беназир) аст». Муъаллифи китоби «Ал-Мутанаббӣ ва Саъдӣ» (с. 252–253) фақат мисраъи дувуми ин байтро ба сурати «Иннаннафса нафисун ҳайсумо коно» нақл карда ва сухани Саъдиро назири он шумурдааст).

Истеъдоди бетарбият дареғ асту тарбияти номустаъидд зойиъ *(*омодагийи (қобилийяти) бидуни тарбият ҷойи афсӯс аст ва парвардани ноқобил беҳуда аст)*. Хокистар насабе олӣ дорад, ки оташ ҷавҳари улвист, валекин чун ба нафси худ ҳунаре надорад, бо хок баробар аст ва қимати шаккар на аз най аст, ки он худ хоссийяти вай аст!

(Ҷавҳари улвӣ (ъулвӣ ё ъилвӣ): *гавҳари фалакӣ ё аз ҷаҳони барин. *»Дар қадим муътақид буданд «гирд бар гирди ҳаво оташ аст» (ниг. Абурайҳони Берунӣ, «Ат-тафҳим», 59). Аз ин рӯ, оташ гавҳаре фалакӣ ба шумор меомад».*

Хоссийят: *дар гуфту навишти форсӣ метавонад бидуни ҳар ду ташдид ояд, ба маънойи вижагиву табиъат.*

Маънойи панд*: **Гуҳар ҳарчанд бо гилу лой олояд, ҳамоно гаронмоя аст, ки пеш буд; агар мустаъиддони тарбиятпазирро напарвараnd, ҷойи афсус аст ва агар ба парвардани он касе, ки аз қобилийят баҳра надорад, бипардозанд, коре беҳудаву табоҳ аст, чунонки хокистар аз асле воло–аз оташ зояд, ки гавҳаре фалакӣ (барин)-ст, аммо чун ба худийи худ аз фазилат баҳра надорад, ҳамсони хоки роҳ бошад ва баҳойи шаккар аз он нест, ки аз най ба даст ояд, балки ин ҳунар ҳамоно табиъати ӯст:*

Гарчи аслофи ман бузургонанд,
Ҳар як андар ҳама ҳунар устод.
Нисбат аз хештан кунам чу гавҳар,
На чу хокистарам, к-аз оташ зод!
(Масъуди Саъди Салмон).

Чу Канъонро табиъат беҳунар буд*,
Паяёбарзодагӣ қадраш наяфзуд.
Ҳунар бинмой, агар дорӣ, на гавҳар*,
Гул аз хор асту Иброҳим аз Озар.

*(****Канъон:*** *номи писари носолиҳи Нуҳ(а), ки дар воқиъайи тӯфон (ниг. ба тавзеҳи «Нуҳи киштибон» дар дебочайи ҳамин китоб) аз фармони падар пайравӣ накарду савори киштӣ нашуд ва ғарқ гашт. Канъонро номи писари Сом ибни Нуҳ низ навиштаанд. Мақсуд он, ки Канъон чун худ фазилате надошт, фарзанди паёмбар будан бар ӯ чизе наяфзуд (низ ниг. ба ҳикояти 4 боби аввал, ба тавзеҳи «Ҳамсари Лут»).*

*****Ҳунар бинмой…:*** *агар фазлу донише дорӣ, онро нишон бидиҳ,*

на аслу насаби худро! Гул аз хор падид омадаву Иброҳими Худопараст(а) аз насли Озари бутпараст аст. Низ Саъдӣ гуфтааст, ки «гул аз хор ҳамеояд ва субҳ аз шаби торе» (Ғазалийёт, 316).

Назири ин байти Ибн-ул-Вардӣ:

Ва казалварду минашшавки ва мо,
Йанбутуннарҷису илло мин басали.
(«Ал-Мутанаббӣ ва Саъдӣ», 189).

Яъне: «Ва, ҳамчунин, гул аз хор асту наргис ҷуз аз пиёз намерӯяд!»).

Ҳикмат (56)

Мушк он аст, ки бибӯяд, на он, ки аттор бигӯяд. Доно чу таблайи аттор аст хомӯшу ҳунарнамой ва нодон худ табли ғозӣ баландовозу миёнтиҳӣ.

(***Мушк он аст…:*** *ин иборат ҳукми масали сойир пайдо кардааст. Саъдӣ дар ҷойҳойи дигар низ гуфтааст:*

Агар мушки холис надорӣ, магӯй,
Варат ҳаст, худ фош гардад ба бӯй!
(«Бӯстон», б.2944).

Ҳунар намудан агар низ ҳаст, лоиқ нест,
Ки худ абир бигӯяд, чӣ ҳоҷати аттор!
(«Мавоъиз»-и Саъдӣ)...

******Табла:*** *сандуқчайи кӯчак.)*

Олим андар миёни ҷоҳилро
Масале гуфтаанд сиддиқон:

«Шоҳиде дар миёни кӯрон аст,
Мусҳафе дар саройи зиндиқон!»

(***Сиддиқон:*** *бисёр ростгӯён, сидқан сухангӯён.*

Шоҳид: *зебо; низниг. ба ҳикояти 4 боби панҷум, ба тавзеҳи «шоҳид»).*

Мусҳаф: *Қуръон; низ ниг. ба ҳикояти 7 боби дувум, ба тавзеҳи «Мусҳафи азиз».*

Зиндиқ: *муъарраби «зиндик», бар вазни «наздик» аст, ки дар*

даврони Сосониён (224–651) бар монавийи фосидъақида итлоқ мешуд ва пас аз ислом мусалмонон ҳар бедину мулҳидеро зиндиқ мехонданду илҳоду аз дин баргаштагиро зиндиқа.

******Маънойи қитъа****: Ростгўёни дурусткирдор ҳоли доноеро, ки дар ҳалқайи нодонон гирифтор омада бошад, ҳамонанди зебое донанд дар миёни нобиноён, ки ҷамоли вай нашиносанд, ё Қуръоне дар хонайи бединон, ки ҳурмати Вай надонанд. Мавлавӣ ҳам дар тарҷумайи ҳадиси набавӣ–«Ирҳаму салосан ъазиза қавмин залла ва ғанийя қавмин афтақара ва ъолиман алъабу биҳилҷуҳҳолу» фармояд:*

Ай меҳон, яъне, ки бар ин се гурӯҳ
Раҳм ored, ар зи сангед, ар зи кӯҳ:
Он ки ӯ баъди азизӣ хор шуд;
Вон, ки буд бо молу бединор шуд.
Вон савум, он олиме, к-андар ҷаҳон
Мубтало гардад миёни аблаҳон!

«Маснавийи шариф».

Дар «Шарҳи ҷомеъи Маснавӣ»-и Карими Замонӣ ин пора чунин омадааст:

Гуфт Пайғамбар, ки бо ин се гурӯҳ,
Раҳм ored, ар зи сангеду зи кӯҳ:
Он ки ӯ баъд аз раъисӣ хор шуд,
Вон тавонгар ҳам, ки бединор шуд!
Вон савум, он олиме, к-андар ҷаҳон
Мубтало гардад миёни аблаҳон!

(Китоби зикршуда, ҷ. 5, с. 245).

Ҳикмат (57)

Дӯстеро, ки ба умре фарочанг оранд, нашояд, ки ба як дам биёзоранд*(ёреро, ки дар муддати зиндагонӣ ба даст ояд, сазовор нест, ки ба як нафас ранҷа созанду аз худ бironанд).*

Санге ба чанд сол шавад лаълпорае,
Зинҳор то ба як нафасаш нашканӣ ба санг.

*(*****Маънойи байт:*** *Порасанге, ки пас аз солиёни бешумор табдил ба лаъл шавад, ҳуш дор, ки ба ғафлат дар як дам ба сангаш накӯбию табоҳияш наҷӯйӣ!).*

Ҳикмат (58)

Ақл дар дасти нафс чунон гирифтор аст, ки марди оҷиз бо зани гурбуз. Раъйи беқувват макру фусун асту қуввати бераъй ҷаҳлу ҷунун!

*(*****Гурбуз:*** *фиребанда ва зираку доно.*

Маънойи гуфта*: Хирад дар панҷайи деви нафси бадфармой ҳамчун марди сустрой дар чанги зани фиребанда асир аст; *андешаву тадбири бидуни неруву тавонойӣ ҳилаву найранг асту зӯри бидуни андешаву тадбир нодониву девонагист!).*

Тамиз бояду тадбиру ақлу он гаҳ мулк,
Ки мулку давлати нодон силоҳи ҷанги Худост!

*(**Тамиз:** шинохти неку бад, қуввайи ташхис.*

Маънойи байт*: Нахуст шинохти неку бад ва дурандешиву хирад лозим аст, он гоҳ подшоҳӣ тавон кард, зеро салтанату давлати нодон чун аслиҳаест дар ҷанг бо Худо (дар роҳи ситам).*

Муҳаммади Хазойилӣ дар мавриди ин байт навиштааст: «Ишора дорад ба қисмате аз номайи Ҳазрати Алӣ(а) ба Молики Аштар: «Касе, ки ба бандагони Худо ситам кунад, бо Худо дар ҷанг аст (то аз ситам) даст кашаду тавба кунад)–«Шарҳи «Гулистон», с. 716.

******Ин байт*** *ишорате ба ояи Аҳзоб(33) сурайи 5 дорад:*

إِنَّمَا جَزَاء الَّذِينَ يُحَارِبُونَ اللّهَ وَرَسُولَهُ وَيَسْعَوْنَ فِي الأَرْضِ فَسَادًا أَن يُقَتَّلُواْ أَوْ يُصَلَّبُواْ

Тарҷума: «Ҳамоно ҷазойи касоне, ки бо Худову Расул ҷанг мекунанду дар замин ба фасоду ноэминӣ саъйу кӯшиш доранд, ин аст, ки ононро бикушанд ё дор зананд»… (иқтибос аз «Кашф-ул-асрор»).

Ҳикмат (59)

Ҷавонмард, ки бихурад ва бидиҳад, биҳ аз обид, ки рӯза дораду биниҳад. Ҳар кӣ тарки шаҳавот аз баҳри халқ додааст, аз шаҳвате ҳалол дар шаҳвате ҳаром афтодааст!

*(**Маънойи калом**: Родмарде, ки худ бинӯшаду бипӯшаду бибахшад, бартар аст аз ибодатгаре, ки рӯза дораду мол андӯзад ё захира кунад (яъне, хайр накунад). Ҳар кас аз баройи фиреби мардум (бо нийяти худнамойӣ) хостаҳойи дилро тарк гуфтааст, аз*

хоҳише ҳалол (баҳраварӣ аз зиндагӣ) ба хости ҳаром (риёкорӣ) гирифтор шудааст).

Обид, ки на аз баҳри Худо гӯша нишинад,
Бечора дар ойинайи торик чӣ бинад?*!

*(*****Маънойи байт:*** *ибодатгаре, ки баройи дидори мардум ва худнамойӣ гӯшагирӣ кунад, тирадарунест, ки дар дили сиёҳи хеш чиҳрайи ҳақиқат нанигарад.* ***Ойинайи торик****–ба истиъора, мурод дили сиёҳ аст).*

Ҳикмат (60)

Андак-андак хеле шаваду қатра-қатра селе гардад*.

*(****Қатра-қатра селе гардад:*** *ин мазмунро Саъдӣ дар ҷоҳойи дигар ҳам овардааст:*

Ҳазар кунед зи боронӣ дидайи Саъдӣ,
Ки қатра сел шавад, чун ба якдигар пайваст!
(Ғазалийёт, 22)

Ҳақир то нашуморӣ ту оби чашми фақир,
Ки қатра-қатрайи борон чу бо ҳам омад, ҷӯст!
(Ғазалийёт, 51).

Носири Хусрав низ гуфтааст:

Андак-андак илм ёбад, нафс чун олӣ бувад,
Қатра-қатра ҷамъ гардад, вон гаҳе дарё шавад!

Фараздақ ҳам сурудааст: «Вақад йамлоъулқатрулиноъа файуфъаму». Яъне, «Ҳаройина, қатраҳо зарфро пур мекунанд, пас саршор мешавад»).

Яъне, онон, ки дасти қувват надоранд, сангхурда нигаҳ доранд, то ба вақти фурсат димор аз димоғ *(мағзи сар)*-и золим бароранд.

(Сангхурда: *санги хурда, порасанг. Дар гӯйиши кӯҳистониёни Масчо (масалан, рустои Худгифи Соя–зодгоҳи банда), дар ин маврид ба ҷойи* ***«сангхурда» «парсич»*** *(бар вазни* ***«вартич»)*** *гӯянд.* ***Вартич*** *исми паранда, ки дар баъзе аз қомусҳо омадааст ва дар гӯйиши умум акнун онро* ***бедана***, ***бедона***, ***будана*** *гӯянд (дар Эрони имрӯз вожаи*

туркии ***билдирчин*** *ҷойгузини* ***вартич*** *шудааст). Аммо* ***парсич****–санги мувофиқи мушт баройи кӯбидан ба фарқи сари бадхоҳ).*

******Вақти*** *фурсат: вақти муносиб. Саъдӣ дар ғазале фармояд:*

Саъдиё, умр азиз аст, ба ғафлат магузор,
Вақти фурсат нашавад фавт магар нодонро!

******Маънойи калом****: Зарра-зарра бисёр гардаду чакка-чакка рӯде шавад; мақсуд он, ки нотавонон сангпора ниҳон созанд, то бо он мағзи ситамгар табоҳ кунанд (ё он, ки нотавонон санги бар сари худ исобаткардаро ниҳон созанд. (Низ ниг. ба ҳикояти 21 боби дувум).*

Ва қатрун ъало қатрин изаттафақат наҳрун,
Ва наҳрун ъало наҳрин изаҷтамаъат баҳрун.

*(*****Маънойи байт****: чакка бо чакка чун яке шавад, рӯд гардад ва рӯд бо рӯд чун ба ҳам бипайвандад, дарё падид ояд).*

* * *

Андак-андак ба ҳам шавад бисёр,
Дона-дона-ст ғалла дар анбор!

(Ғалла: *он чӣ аз замин ҳосил ояд; кирояйи макон.*

Маънойи байт*: **Кам бар кам чун бияфзояд, зиёд шавад, чунонки ғалла ҳабба-ҳабба (дона-дона–) фароҳам ояду махзане бузург пур кунад).*

Ҳикмат (61)

Олимро нашояд, ки сафоҳат аз омӣ ба ҳилм даргузаронад, ки ҳар ду тарафро зиён дорад: ҳайбати ин кам шаваду ҷаҳли он мустаҳкам.

Сафоҳат: *сабукмағзӣ.*

Маънойи калом*: **Сазовор нест, ки доно сабукмағзию ҳарзадироийи нодонро ба бурдбориву матонати хеш нодида гирад, чун ин сукут баройи ҳар ду зарар дорад: ҳам шукӯҳи доноро ночиз кунаду ҳам нодонро дар нодонӣ устувор бидорад!)*

Чу бо сифла гӯйӣ ба лутфу хушӣ,
Фузун гардадаш кибру гарданкашӣ.

*(**Маънойи байт:** Чун бо фурӯмоя забон ба меҳру нармӣ кушойӣ, нозу такаббуру саркашиву нофармонийи вай зиёд шавад).*

Ҳикмат (62)

Маъсият аз ҳар кӣ содир шавад, нописандида асту аз уламо нохубтар, ки илм силоҳи ҷанги шайтон аст ва худованди силоҳро чун ба асирӣ баранд, шармсорӣ беш барад.

*(****Маънойи калом**: Гуноҳ аз ҳар кас падид ояд, зишт аст, вале аз доноён накӯҳидатар. Зеро ки , чи дониш худ созу барги пайкор бо деви нафси бадфармой асту ҳар гоҳ силаҳшӯрро асир кунанд, беш аз онон, ки созаш набард надоштаанд, хиҷилу сарафканда шавад).*

Оми нодони парешонрӯзгор
Биҳ зи донишманди нопарҳезгор,
К-он ба нобиноӣ аз роҳ уфтод,
В-ин ду чашмаш буду дар чоҳ уфтод!

*(***Аз роҳ афтод:** аз роҳи рост бозмонд, гумроҳ шуд. Доктор Хазойилӣ дар мавриди ин байт навиштааст: «Ишора дорад ба каломи қуръонӣ:*

هَلْ يَسْتَوِي الأَعْمَى وَالْبَصِيرُ

(Сурайи Анъом(6), ояйи 50): «Оё нобинову бино мусовиянд?!».

*****Маънойи абёт**: Марди бенавойи содадил, ки аз дониш баҳрае надораду гумроҳмонанд аст, ба санҷиш биҳ аз олими табоҳкор аст, зеро нодон ба кӯрдилӣ аз роҳи рост рӯй бартофт ва доно бо дидайи бино дар мағоки гумроҳиву фасод фурӯ рафт!).*

Ҳикмат (63)

Ҷон дар ҳимояти як дам аст ва дунё вуҷуде миёни ду адам. Динбадунёфурӯшон харанд, Юсуф бифурӯшанд, то чӣ харанд?!

*(****Юсуф:** паёмбар ва худовандгори ҳусн, фарзанди Яъқуби набӣ, ки бародаронаш дар кӯдакӣ бар вай ҳасад бурданду дар чоҳ афкандаанд ва ба самани бухс («саман» (бо «со»-и мусаллас)–баҳо, қимати чизе; самани бухс–баҳойи ночиз, кам) ба корвониён фурӯхтанд. Дар ин ҷо мурод аз Юсуф, ба истиъора, наъими боқиву дини Ҳақ ва зимнан, талмеҳест ба достони Юсуфу бародарони ҳасуд.*

***Маънойи калом**: Зиндагӣ ба нигаҳбонийи як нафас бозбаста аст ва ин ҷаҳон ҳастиест миёни ду нестӣ (марҳалайи пеш аз зодану марҳалайи мурдан); онон, ки ойини Ҳаққу ниъмати ҷовидонӣ*

ба баҳойи зиндагийи фонӣ фурӯшанд, нодонанду надонам дар бадали он чӣ тавонанд харид?! (чизе биҳ аз он натавонанд ёфт!) Ҳофиз фармояд:

Ёр мафрӯш ба дунё, ки басе суд накард,
Он, ки Юсуф ба зари носара бифрӯхта буд!).

«А лам аъҳад илайкум ё банӣ одама ал ло таъбуду- ш- шайтона».

أَلَمْ أَعْهَدْ إِلَيْكُمْ يَا بَنِي آدَمَ أَن لَّا تَعْبُدُوا الشَّيْطَانَ

(***Ин қисматест*** *аз ояи 60, сурайи Ёсин(36), ки ин тавр баргардон шудааст: (аз «Кашф-ул-асрор»–О. Ш.): «Ай фарзандони Одам, оё бо шумо аҳд набастам, ки шайтонро парастиш макунед, ки ӯ душмани ошкори шумост?!» Аммо донишманди тоҷик Ӯктами Холиқназар, бар дигар ақида аст: «Ин порайи ояти 60-уми сурайи Ёсин(36) бояд чунин тарҷума шавад: «Оё ба шумо, ай фарзандони Одам, суфориш накардам, ки шайтонро мапарастед?!» Баройи чӣ? Сабаб дар он аст, ки феъли* ***ъаҳида*** *маънойи «паймон бастан» ва «ъаҳд кардан» ва «аҳд бастан»-ро надорад, ҳарчанд аз муштақоти* ***ъаҳд*** *аст. Дар «Фарҳанги арабӣ ба русӣ» (Х. К. Баранов) дар шарҳи феъли* ***ъаҳида*** *ба ҳарфи ило маънои* ***поручать****, яъне, «супурдан», «суфориш кардан» ва* ***вверять****–яъне «вогузор кардан» ва «суфориш кардан»-ро дорад. Баройи тавзеҳи бештар ниг. ба навиштайи банда бо номи «Оё ъаҳида паймон бастан аст ё…?»).*

Ба қавли душман паймони дӯст бишкастӣ,
Бибин, ки аз кӣ буридию бо кӣ пайвастӣ?!

(***Қавл:*** *гуфтор.*
Маънойи панд*: Гуфтори хасми бадхоҳ пазируфтиву аҳду вафо бо ёр ба сар набурдӣ; пас жарф бияндеш, ки аз чӣ кас ришгайи дӯстӣ гусастӣ ва бо чӣ кас устувор кардӣ?!).*

Ҳикмат (64)

Шайтон бо мухлисон барнамеояду султон бо муфлисон.

(***Шайтон:*** *Аҳриман ва, ба истиъора, мурод деви нафс ё нафси аммора мебошад.*

*****Маънойи калом****: Шайтон бар бандагони покдилу содиқ чира натавонад шуду подшоҳ бар тиҳидастон (аз тиҳидастон чизе натавонад гирифт)!*

Ҷумлайи аввал мутаъассир аст аз ояи қуръонӣ: «Шайтон, пас аз он, ки бар асари нофармонӣ ронда шуд, аз Худованд муҳлат хост ва чун фурсат ёфт, гуфт: фарзандони Одамро гумроҳ хоҳам кард, ба ҷуз бандагони покдилу самимиӣи Туро! Ва Худованд фармуд:

إِنَّ عِبَادِي لَيْسَ لَكَ عَلَيْهِمْ سُلْطَانٌ إِلاَّ مَنِ اتَّبَعَكَ مِنَ الْغَاوِينَ

(Яъне: «Ҳаргиз туро бар бандагони (баихлоси) Ман тасаллут нахоҳад буд, магар бар гумроҳоне, ки туро пайравӣ кунанд!» (ниг. сурайи Ҳичр(15), ояи 39-42; сурайи Сод(38), ояи 82-83).

Вомаш мадиҳ, он, ки бенамоз аст,
Гарчи даҳанаш зи фоқа боз аст!
К-ӯ фарзи Худо намегузорад,
Аз қарзи ту низ ғам надорад!

*(**Бенамоз:**ториксалоту нопоку нопорсо; аҳдшикан, фиребгар.*
***Фоқа:** дарвешию ниёз.*
***Фарз:** фармудайи Худо, намозу рӯза.*
***Маънойи ин ду байт**: **Ба нопорсойиториксалот ҳар чӣ, ки даҳонаш ба иллати дарвешиву ниёз аз гуруснагӣ ба ҳам намеояд, қарз мадиҳ, ки касеро, ки фармудайи Худованд ба ҷой намеоварад, ҳаргиз парвойи адойи вами ту нест!).*

* * *

Имрӯз думарда беш гирад миркан
Фардо гӯяд: «Турбе аз ин ҷо баркан!»

*(**Думарда:** чаҳордастӣ, чаҳордаста.*
***Миркан:** лаган, тағор (тағора–О. Ш.)-и бузург.*
***Маънойи байт**: Вай акнун ташти хоҳандагиро чаҳордаста (чаҳордастӣ) баробари ту медорад, то ба вом чизе дар он резиву фардо чун вом бозхоҳӣ, ба ту мегӯяд: бирав аз замини ман дар бадали вомат турб (ё чизе беарзиши назири он) бурун ор!).*
***Ҷолиб аст, ки байти мазбур** дар «Шарҳи «Гулистон»-и Муҳаммади Хазойилӣ ба шакли дигар оварда шудааст:*

Имрӯз думарда беш гирад миркан
Фардо гӯяд: «Сарбе аз ин ҷо баркан!»

***Ва тавзеҳи Хазойилӣ**: «**Сарб** (бо фатҳаи «со»-и мусаллас) пиҳ (чарбӣ, равған–О. Ш.))-ест, ки ба рӯйи шикам ё зери пӯст густарда*

*шавад. Дар ҳамаи нусхаҳо ба ҷойи «**сарбе**» «**турбе**» (бо «то»-и дунақта) забт шудааст. Аммо «турб кандан» бо ҳавола додани вомдору вомхоҳ таносубе надорад, магар он ки мурод аз «ин ҷо» кафи даст ё мавзеъи зиште аз бадан бошад, чунонки шореҳи ҳиндӣ гуфта:»Турб, бо киноя, ба ҷойи пашм зикр шуда бошад. «Сарб» муносибтару бетакаллуфтар менамояд, зеро дар урфи қадими Рум маъмулан чунон буда, ки агар вомгиранда (қарздор), қарзи худро намепардохта, вомхоҳ ҳақ доштааст қисмате аз гӯшти ӯро бибуррад. Аммо чунин ҳукме дар урфи Эрону қавонини исломӣ вуҷуд надорад ва ин гуна рафтор ба куллӣ норавост ва қарздори муфлиси имрӯза ба талабкори худ мегӯяд: «Аз кафи ман мӯй баркан!». Гӯё дар қадим муфлис ба ҷойи ин иборат ба талабкор (қарзхоҳ)-и худ мегуфтааст: «Чарбе аз шиками ман баркан!» Ин иборат киноя аз он буда, ки вай чизе ҷуз аъзои худ надорад ё ба воситаи гуруснагӣ ҳатто шикамаш фоқиди пиҳу чарбист ва ҳама кас фақру гуруснагии ӯро медонад. **Мазмуни шеър** он ки «Шахси ғайримутадаййин ҳангоми қарз гирифтан беш аз тоқати худ ва ҳато бештар аз имкони молиаш ду нафар қарз мекунад, вале чун навбати пардохти қарз мерасад, талабкорро ба мӯйи кафи дасти худ ё чарбиш шиками хеш ҳавола медиҳад».)*

Ҳикмат (65)

Ҳар кӣ дар зиндагонӣ нонаш нахуранд, чун бимирад, номаш набаранд. Лаззати ангур бева донад, на худованди мева! Юсуфи сиддиқ, алайҳиссалом, дар хушксоли Миср сер нахӯрдӣ, то гуруснагон фаромӯш накунад.

***(Сиддиқ:** бисёр ростгӯ; доимуссидқ–сиғайи муболағa аз «сидқ», лақаби Юсуф, алайҳиссалом.*

***Маънойи гуфта**: Ҳар кас дар айёми умр бар суфрааш ноне нашикананд, чун даргузарад, номи вай ба некӣ ёд накунанд; мазайи ангур зани шӯймурдайи тангдаст дарёбад, на соҳиби боғ; Юсуфи сиддиқ, дуруд бар вай, дар қаҳтсоли Миср ба андозайи кифоят тановул намекард, то гуруснагонро аз ёд набарад).*

Он ки дар роҳату танаъъум зист,
Ӯ чӣ донад, ки ҳоли гурсана чист?!
Ҳоли дармондагон касе донад,
Ки ба аҳволи хеш дармонад!

*(**Танаъъум:** дар фарохиву осонӣ ва нозу ниъмат зистан.*

***Маънойи қитъа**: **Касе, ки дар осойишу нозу ниъмат зиндагӣ кунад, вазъи гуруснагон дарнаёбад; ба ҳоли заъифон касе пай барад, ки дар кори худ фурӯ монад ва оҷизу музтар гардад.*

Аттор гӯяд:

Гар бувад дар мотаме сад навҳагар,
Оҳи соҳибдардро бошад асар!).

* * *

Ай, ки бар маркаби тозанда саворӣ, ҳуш дор,
Ки хари хоркаши мискин дар обу гил аст.
Оташ аз хонайи ҳамсояи дарвеш махоҳ,
К-он чӣ бар равзани ӯ мегузарад, дуди дил аст!

*(**Равзан:** манфаз, равшандон, равзана.*

***Маънойи қитъа**: **Ай, ки бар аспи тозӣ барнишастайӣ, баҳуш бош, ки чорпойи хоркани дармондайи ҳоҷатманд дар халоб (замини гилнок) фурӯ мондааст; аз ҳамсояи мустаманди тангдаст оташ талаб макун, чи дуде, ки аз манфаз (сӯрох, дарича, равзан–О. Ш.)-и хонайи вай бармеравад, оҳи сӯзони дил аст!)*

Ҳикмат (66)

Дарвеши заъифҳолро дар хушкийи** тангсол мапурс, ки чунӣ, илло *(магар)* ба шарти он, ки марҳами решаш биниҳиву маълум *(нақдина ё моли маълум)*-е пешаш.

*(*****Хушкӣ:** тангиву сахтӣ аз наёмадани борон.*

***Маънойи ҳикмат**: Аз ҳоли фақир дар сахтиву тангийи қаҳтсол бозмапурс, ки чӣ гуна асту чӣ бар вай мегузарад, магар бар он аҳду паймон, ки марҳами лутфе бар захми хотири вай гузориву нақдинае муъайян наздаш ниҳӣ).*

Харе, ки бинию боре ба гил дарафтода,
Ба дил бар ӯ шафақат кун, вале марав ба сараш!
Кунун, ки рафтию пурсидияш, ки чун афтод,
Миён бубанду чу мардон бигир думби хараш!

*(*****Маънойи қитъа**: Чун чорпоеву боре дар замини гилнок фурӯмонда бинӣ, бар хари банда меҳр овар, вале ҷуз ба қасди ёрӣ ба назди вай машитоб ва агар пеши вай омадиву аз ҳолаш ба меҳр*

ҷӯё шудӣ, ки дар гил чӣ гуна фурӯ рафт, шояд, ки камар барбандию чун ҷавонмардон хару бораш баркашӣ).

Ҳикмат (67)

Ду чиз муҳоли ақл аст: хӯрдани беш аз ризқи мақсум ва мурдани пеш аз вақти маълум.**

*(*****Маънойи панд****: Ду амр ба наздики хирадманд ношуданист– афзунтар аз рӯзийи ниҳодаву бахшида баҳра ёфтан ва қабл аз аҷал ҷон супурдан. Муҳаммади Хазойилӣ ин ду ҷумлайи Саъдиро ишора ба ду ояи қуръонӣ донистааст: сурайи Зухруф(43), ояи 32, сурайи Аҳқоф(46), ояи 3).*

Қазо дигар нашавад вар ҳазор нолаву оҳ,
Ба куфр ё ба шикоят барояд аз даҳане.
Фариштае, ки вакил аст бар хазойини бод,
Чӣ ғам хурад, ки бимирад чароғи пирзане.

(***Қазо:*** *ҳукму фармон. Ба истилоҳи файласуфони ислом «қазо» ҳукми кулливу «қадар» ҳукми ҷузъист, чунонки сӯхтани оташ ё марг ё пирӣ қазосту гар ман даст дар оташ бараму бисӯзам, ин сӯхтан қадар аст.*

Куфр: *носипосӣ, куфрон.*

Вакил: *гумошта; касеро баройи коре гумоштан.*

Маънойи қитъа*: **Аҳкоми куллийи ҷаҳони офариниш ва навомиси олами ҳастӣ тағйир напазирад, агарчи одамӣ ҳазор бор ба носипосӣ ё гила хурӯш кунаду дами сард бароварад; малаке, ки бар махзанҳойи бод ба фармони Яздон гумошта аст, аз хомӯш шудани чароғи зол (пирзан)-е ба тундбоде наяндешад ва парво накунад.*

Шарҳи Хуррамшоҳӣ*: Фариштае, ки бодҳойи ҷаҳон зери фармони ӯст, ғарқ дар аҳаммийят додан ба кори хеш аст ва то ин ҳад нозукандешу ғуссахӯр нест, ки агар боде барояду чароғи пирзанеро хомӯш кунад, парвову андеша кунад. Ин ду байт ҳукми масали сойир пайдо кардааст.).*

Ҳикмат (68)

Ай толиби рӯзӣ, бинишин, ки бихӯрӣ ва ай матлуби аҷал, марав, ки ҷон набарӣ!

(***Матлуби аҷал:*** *талабкардайи аҷал.*

Маънойи калом*: Ай рӯзиҷӯй, барҷой бимону беш тан ба ранҷ*

маяфкан, ки аз рӯзийи мақсум баҳра ёбӣ ва ай, ки марг ҷӯёйи туст, магурез, ки ҷон аз чангаш раҳо натавонӣ кард!).

Ҷаҳди ризқ ар кунӣ ва гар накӯнӣ,
Бирасонад Худой, азза ва ҷалл.
В-ар равӣ дар даҳони шеру паланг,
Нахурандат магар ба рӯзи аҷал!

*(*****Ҷаҳди ризқ:*** *кӯшиши баройи ризқу рӯзӣ.*

******Азза ва ҷалла:*** *тавонову бузург (низ ниг. ба оғози дебочайи китоб, ба тавзеҳи «азза ва ҷалла»).*

Маънойи қитъа*: Рӯзиро, чӣ бикӯшӣ, чӣ накӯшӣ, Эзиди Тавонйи Бузург ба ту диҳад; агар ба коми шеру паланг пой ниҳӣ, туро ҷуз дар соъати муқаррар туъма насозанд).*

Ҳикмат (69)

Ба нониҳода даст нарасад ва ниҳода ҳар куҷо ҳаст, бирасад.

(Ниниҳода: *рӯзийи номуқаддар.*

Маънойи ҷумла*: Рӯзийи номуқаддар натавон дастрас кард ва ризқи қисматшуда ҳар ҷо бошад, пешат ояд).*

Шунидайӣ, ки Сикандар бирафт то зулумот,
Ба чанд миҳнату хурд он, ки хӯрад оби ҳаёт!

(Сикандар: *мурод Искандари Зулқарнайн аст, ки ба ҷустуҷӯйи оби зиндагонӣ рафт ва пас аз гузаштан аз торикиҳо ба чашмаи оби ҳаёт расид, вале чашма ногоҳ ниҳон гашт ва вай аз нӯшидани оби бақо бебаҳра монд (низ ниг. ба ҳикояти 16 боби аввал, ба тавзеҳи «оби чашмайи ҳайвон»).*

Зулумот: *торикиҳо. **Бархе дар рӯзгори бостон муътақид буданд, ки дар ниҳояти замин ба сӯйи шимол сарзамини торикиҳост ва чашмайи ҳайвон дар он ҷой дорад.*

*****Маънойи байт:*** *Шунидайӣ, ки Искандари Зулқарнайн (ниг. ба сурайи Каҳф(18), ояи 82 ба баъд) бо ранҷи бисёр то сарзамини торикиҳо рафт ва чашмайи оби ҳаёт нопадид шуду аз он нанӯшид, аммо ба оне, ки муқаддар буд аз он бинӯшад (Хизр), нӯшиду умри ҷовидон ёфт).*

Ҳикмат (70)

Сайёди берӯзӣ моҳӣ дар Даҷла нагирад ва моҳийи беаҷал дар хушк намирад.

*(**Сайёди берӯзӣ**: шикорийи бенасибу қисмат.*

***Даҷла:** Арвандрӯд, наҳре бузург, ки аз Бағдод мегузарад. **Дар ин ҷо мурод рӯдхонайи бузург аст, на танҳо Даҷлайи Бағдод; ба истилоҳи илми баён зикри хоссу иродайи ом.*

***Маънойи калом**: Шикорие, ки ризқаш ҳаволат нашуда бошад, дар рӯдхонайи бузург сайд натавонад кард ва моҳӣ, ки поёни зиндагияш фаро нарасида, бар замин ҷон насупарад).*

Мискин ҳарис дар ҳама олам ҳамеравад,
Ӯ дар қафойи ризқу аҷал дар қафойи ӯ!

*(**Маънойи байт:** Озманди бадбахти бечора саросари ҷаҳон дарнавардад, вай аз пайи рӯзӣ даваду марг аз паси вай!).*

Ҳикмат (71)

Тавонгари фосиқ кулӯхи зарандуд асту дарвеши солиҳ шоҳиди хоколуд. Ин далқи Мусост мураққаъ ва он риши Фиръавн мурассаъ!

*(**Кулӯх:** хоки барҳамчаспидайи хушкшуда. **Аз матн калимайи «кулӯх», ки ба иттифоқ дар бештари нусхаҳо дида омад, соқит шудааст ва ногузир афзуда шуд, то калом комил шавад. Кулӯхи зарандуд–порагили обизардода.*

***Шоҳиди хоколуд:** зебойи ба гил оғушта.*

***Мурассаъ:** гуҳарнишон.*

***Маънойи калом**: **Сарватманди бадкор ҳамчун порагилест обизардода (зоҳироростайи ботинкоста)-ву тангдаст некӯкори зебоест чиҳра ба гил андуда (зоҳиркостайи ботинороста): ин чун пашминҷомайи Ҳазрати Мусост пора-пора ва он чун буруту риши Фиръавн аст ба гавҳар ороста!*

Дар достонҳо омадааст, ки риши Фиръавн гуҳарнишон буд; аз нақшҳойи осори бостонӣ низ пайдост, ки подшоҳон баройи мазиди ҷамолу ҷалол бар риши худ гавҳар меовехтанд).

Ҳикмат (72)

Шиддати некон рӯй дар фарач̧ *(кушоиш)* дораду давлати бадон сар дар нишеб.

*(*****Маънойи фикра****: сахтиву душворийи кори накӯкорон ба осониву кушойиши рӯй ниҳад ва ҳолашон биҳ шавад, вале ахтари иқболи бадравишон рӯй ба уфул (ғуруб) ниҳаду давлаташон завол пазирад).*

Ҳар киро ч̧оҳу давлат асту бад-он
Хотире хаста дарнахоҳад ёфт.
Хабараш деҳ, ки ҳеч давлату ч̧оҳ
Ба саройи дигар нахоҳад ёфт.

*(*****Маънойи қитъа****: Ба ҳар касе, ки дар ин саройи фонӣ пойгоҳе баланду иқболе мусоъид дорад, вале ба дилч̧ӯийи хастадилон напардозад, бигӯй, ки ғофил дар саройи боқӣ аз наъими ч̧овид маҳрум хоҳӣ буд, «иродате бинамой, то саъодате бибарӣ»).*

Ҳикмат (73)

Ҳасуд аз ниъмати Ҳақ бахил асту бандайи бегуноҳро душман медорад.

(Ҳасуд *нисбат ба ниъмате, ки Худо ба касе дода, тангчашмӣ нишон медиҳад ва ӯро бесабаб душман мешуморад).*

Мардаке хушкмағзро дидам,
Рафта дар пӯстини соҳибч̧оҳ.
Гуфтам, ай хоч̧а, гар ту бадбахтӣ,
Мардуми некбахтро чӣ гуноҳ?**

(Хушкмағз: *бехирад, нодон; марди фурӯмояи камхирад.*

*****Рафта дар пӯстини…:*** *аз соҳибмақоме бадгӯйӣ мекунад. Дар борайи «дар пӯстини касе (дар пӯстини халқ) рафтан (афтодан). Ниг. ба тавзеҳи ҳикояти 7 боби дувум).*

* * *

Ало, то нахоҳӣ бало бар ҳасуд,
Ки он бахтбаргашта худ дар балост!
Чӣ ҳоч̧ат, ки бо ӯ кунӣ душманӣ,
Ки ӯро чунин душмане дар қафост?!

Ҳикмат (74)

Тилмизи беиродат *(шогирде, ки шавқи омӯхтан надорад)* ошиқи безар асту равандайи бемаърифат мурғи бепар; ва олими беамал дарахти бебару зоҳиди беилм хонайи бедар.

*(*****Равандайи бемаърифат:*** *солики ноогоҳ.*

Маънойи калом*: Шогирде, ки дарди талаб дар вай набувад ва матлуби хеш нашиносад, чун дӯстдорест тиҳидаст, ки ба висоли ёр нарасад ва солики ноогоҳи роҳношинос чун парандаест, ки бол надорад.*

Ҳофиз фармояд:

Ба кӯйи ишқ маниҳ бе далели роҳ қадам,
Ки ман ба хеш намудам сад иҳтимому нашуд!

Доное, ки бар дониши худ кор накунад , ниҳоле бесамар асту порсое, ки бе донишу одоби шариъат зуҳд варзад, сароест беқуфлу дар ва ноэмин!

**Ҳадиси қудсӣ: «Масалу-л-ъилми било ъамалин камасалишшаҷари било самарин» («Тазкират-ул-мӯъминин, 173; ба нақл аз «Ал-Мутанаббӣ ва Саъдӣ», с. 111), яъне, «масали илми беамал назири дарахти бебар аст»).*

Ҳикмат (75)

Мурод аз нузули Қуръон таҳсили сирати хуб аст, на тартили сурати мактуб. Омийи мутаъаббид пиёдайи рафта асту олими мутаҳовин *(саҳлангор)* савори хуфта. Осӣ, ки даст бардорад, биҳ аз обид, ки дар сар дорад.

*(**Тартил:** ҳамвору орамидаву пайдо хондан.*

Сурат: *сура, номи ҳар як бахши Қуръони Маҷид; сура дар луғат ба маънойи шарафу манзилат аст ва бахшҳойи Қуръонро ҳам, ки ҳар кадом манзилате дар олами маънӣ дорад, бад-ин сабаб сура ном додаанд.* ***Сурати мактуб****–сурайи навишта ва марқум.*

Осӣ: *гунаҳкор, нофармон.*

*****Маънойи гуфта****: Мақсуд аз фуруд омадани Қуръон фаро гирифтани рафтору ахлоқи некӯст, на некӯ шумурда хондани сураҳойи навиштайи он; дарснохондайи ибодатгузор пиёдаест, ки дар партави имон ба роҳи саъодат мераваду ба мақсуд мерасад ва донишманди саҳлангор саворест хуфтаву аз роҳ боз-*

монда. Нофармону гунаҳкоре, ки даст ба тавбаву дуъо бардорад, биҳтар аз ибодаткунандаву порсое, ки (ғурур) дар сар дорад!).

Сарҳанги латифхӯйи дилдор
Биҳтар зи фақиҳи мардумозор!

***(Сарҳанг:** сардору пешрави сипоҳ; исми мураккаб аз «сар», ба маънойи миҳтару бузург + «ҳанг» ба маънойи сипоҳу қабила.*

***Маънойи қитъа**: Паҳлавони сипоҳиро, ки нармхӯйиву дилҷӯӣ пеша бошад, бар донишманде, ки тундхӯйӣ кунаду дилҳо биранҷонад, бартарист; яъне, дар санҷишу муқояса ин аз он биҳ аст ва мурод он нест, ки яке хуб асту дигаре хубтар).*

Ҳикмат (76)

Якеро гуфтанд: «Олими беамал ба чӣ монад?» Гуфт: «Ба занбӯри беасал!»

Занбӯри дурушти бемурувватро гӯй:
«Боре, чу асал намедиҳӣ, неш мазан!»

***(Маънойи байт:** Ба занбӯри бузурги бетараҳҳуму мардумозор бигӯй, ки ба ҳар ҳол, агар, нӯш намедиҳӣ, неш назан!)*

Ҳикмат (77)

Марди бемурувват зан асту обиди ботамаъ раҳзан.

Ай ба номус карда ҷома сапед,
Баҳри пиндори халқу нома сиёҳ!
Даст кӯтоҳ бояд аз дунё,
Остин хуҳ дарозу хуҳ кӯтоҳ!

(*Номус: дар ин ҷо ба тасарруфи форсӣ, ба маънойи овозаву шуҳрат омадааст.*

****Хуҳ… хуҳ**–мухаффафи «хоҳ», шибҳи ҳарфи рабт баройи тасвийя ба маънойи «чи… чи».*

***Маънойи қитъа**: Ай он, ки аз рӯйи фиребу риё баройи ҳусни занни мардум ҷомайи сафеди парҳезкорӣ бар тан кардайӣ ва номайи аъмолат аз гуноҳ сиёҳ аст; аз дунёдӯстӣ бояд даст кашид, хоҳ остини ҷомаат дароз бошад ва хоҳ ба расми сӯфиён кӯтоҳ!*

Мақсуд он, ки тарзи либосу зоҳирсозӣ беҳосил аст. «Гӯё сӯфиён остини кӯтоҳ доштаанд ва ё нимтанайи пӯстини кӯтоҳостин мепӯшидаанд». (Алиакбари Деҳхудо, зайли «кӯтаҳостин»). Ҳофиз низ гуфтааст:

Ба зери далқи мураққаъ камандҳо доранд,
Дароздастийи ин кӯтаҳостинон бин!

Суфӣ пиёлапаймо, Ҳофиз қаробапарҳез,
Ай кӯтаҳостинон, то кай дароздастӣ!)

Ҳикмат (78)

Ду касро ҳасрат аз дил наравад ва пойи тағобун аз гил барнаёяд: тоҷири киштишикаставу вориси бо қаландарон нишаста!

(Пойи тағобун: *пойи зиёнкорӣ.*

Вориси бо қаландарон нишаста: *қаландар дар ин ҷо мурод ринди нопарво ва сӯфийи шикампарвар (ниг. ба ҳикмати 49-и ҳамин боб, ба тавзеҳи «қаландар»).*

Маънойи калом*: **Хотири ду тан пайваста гирифтори андӯҳ монад ва пойи зиёнкоришон аз вартайи пушаймонӣ берун наёяд– бозаргоне, ки киштийи вай дар дарё ғарқа шавад ва меросбаре, ки бо риндони нопарво нишасту бархост кунаду моли падар бар боди нестӣ диҳад).*

Пеши дарвешон бувад хунат мубоҳ,
Гар набошад дар миён молат сабил.
Ё марав бо ёри азрақпираҳан,
Ё бикаш бар хонумон ангушти нил!
Дӯстӣ бо пилбонон ё макун,
Ё талаб кун хонае дархурди пил!

(*****Азрақпираҳан:*** *ҷомакабуд; сӯфиён, ки кабудҷома буданд. Ҳофиз дар иҳтироз аз кабудҷомагон фармудааст:*

Мо нагӯем баду майл ба ноҳақ накунем,
Ҷомайи кас сияҳу далқи худ азрақ накунем!

Нил: *номи рустанийи маъруфе, ки бо усорайи он ҷомаро кабудранг кунанд ва ин рангро нилӣ гӯянд.* *****Ангушти нил кашидан***

***бар чизе**–рақами сиёҳ бар чизе расм кардан ва ба киноя чизеро тарк кардану нобуда ангоштан.*

****Байти охири** қитъа ҳукми масали сойир пайдо кардааст ва имрӯза бо таҳрифу тағйир чунин хонда мешавад:*

Ё макун бо пилбонон дӯстӣ,
Ё бино кун хонае дархурди пил.

***Маънойи қитъа**: Агар дороийи худро бар сӯфиёни шикамбора вақф накӯнӣ, куштани туро ҷойиз шумаранд; ё бо кабудҷомагон (сӯфиён) ҳамнишинӣ макун, ё бар хонаву мулку асосайи хеш рақами сиёҳ баркашу ба тарки ҳама гӯй; ё бо филчаронон суҳбат мапӯй ё дӯстӣ бо эшон гузидӣ, ҷое бичӯй, ки муносиби пайкари фил бошад, то дар он бигунҷад.*

Мазмуни «хонае дархурди пил» дар байти охир ёдовари ҳикояти зер аз «Асрорнома»-и Аттори Нишопурист:*

Шунудам ман, ки муше дар биёбон
Магар дид уштуреро бенигаҳбон,
Миҳораш сахт бигрифту давон шуд,
Ки то уштур ба осонӣ равон шуд.
Чу овардаш ба сӯрохе, ки будаш,
Набудаш ҷойи он уштур, чӣ судаш!
Бад-ӯ гуфт уштур: «Ай гумкарда роҳат,
Ман инак омадам, ку ҷойгоҳат?!...
Куҷо ояд дарун аз тангравзан,
Чу ман уштур бад-ин сӯрохи сӯзан?!...
Бирав, ай мӯр, худро хонае ҷӯй,
Сухан дархурди худ аз донае гӯй!»)

Ҳикмат (79)

Хилъати султон агарчи азиз аст, ҷомайи хулқон *(куҳна)*-и худ баиззаттар. Ва хони бузургон агарчи лазиз аст, хурдайи анбони худ балаззаттар.

*(**Маънойи калом**: Ташрифи шоҳ ҳарчанд арҷманд аст, либоси фарсудайи худ арҷмандтар ва таъоми аъёну миҳтарон, бо он ки гуворост, нонпорайи кисайи худ хуштар!).*

Сирка аз дастранҷи хешу тара,
Биҳтар аз нони деҳхудову бара!

*(**Деҳхудо:** кадхудо, райиси деҳ; «худо» дар ин таркиб ба маънойи соҳибу молику бузург аст.*

***Маънойи калом**: Сиркаву сабзӣ (сабзавот) бо кӯшиши худ ба даст овардан биҳ аз нону баррайи кадхудо хӯрдан).*

Ҳикмат (80)

Хилофи роҳи савоб асту акси раъйи улулалбоб *(хирадмандон)* дору ба гумон хӯрдану роҳи нодида бе корвон рафтан.

Имоми муршид, Муҳаммади Ғазолиро, раҳматуллоҳи алайҳ, пурсиданд:

– Чӣ гуна расидӣ бад-ин манзилат *(пойгоҳу мартаба)* дар улум?!

Гуфт:

– Бад-он, ки ҳар чӣ надонистам, аз пурсидани он нанг надоштам.

*(Соҳибназароне ҳамчун Хатиби Раҳбар, Юсуфӣ ва Хазойилӣ луғати «**ғазолӣ**»-ро бо ташдид, яъне, «ғаззолӣ» навиштаанд. Аз ҷумла, Хатиби Раҳбар менависад: «Муҳаммади Ғаззолӣ: мурод ҳуҷҷатулислом Имом Муҳаммади Ғаззолийи Тусӣ (450–505), устоди «Низомия»-и Бағдод ва нобиғайи олами ислом аст, ки дар анвоъи дониҳо аз фиққу ҳадис ва фалсафаву калом маҳорате дошт ва ҳам дар водийи сайру сулуки руҳонӣ ба манзалайи олӣ расид. Ғаззолӣ (ба фатҳи аввал ва ташдиди дувум) аз «ғаззол» (= пашмрес) ва «ё»-и нисбат». Вале донишманди дигар–Муҳаммади Ғиёсуддин, ба ин мантиқ розӣ нест, ки онро хатои маҳз хондааст: «**Ғазолӣ** мансуб ба **Ғазола**, ки қарияест аз музофоти Тӯс, мавлид (зодбум)-и Имом Муҳаммади Ғазолӣ, раҳматуллоҳи алайҳ (аз «Лубоб-ул-албоб»); баъзе гӯянд, ки **Ғаззолӣ** (бо ташдиди «зо»-и муъҷам) мансуб ба **ғаззол**–ресмонфурӯш бошад. Чун ба ресмонфурӯше эшонро дӯстийи камол буд, лиҳозо ба ин нисбат шуд. Бояд донист, ки ин ваҷҳ маҳзи хатост» («Ғиёс-ул-луғот», ҷ. 2, с. 87). Зимнан, дар нусхайи Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ нисбати Имом Муҳаммад бидуни ташдиди «зо» омадааст, яъне, **Ғазолӣ.***

***Маънойи гуфта**: мухолифи тариқайи Ҳақ асту манофийи назари соҳибдилон даво ба пиндор нӯшидан ва роҳи бознашнохта бе ҳамроҳи қофила паймудан! Аз пешвойи роҳнамо Муҳаммади Ғазолӣ, бахшойиши Худой бар вай, суъол шуд:»Ба чӣ тариқ ба ин пойгоҳ дар дониш нойил омадӣ?» Посух дод: «Ба сабаби он, ки ҳар*

чӣ бар ман маълум набуд, бозмеҷустам ва пурсиш аз онро айбу ор намешумурдам»).

Умеди офият он гаҳ бувад мувофиқи ақл,
Ки набзро ба табиъатшинос бинмойӣ!
Бипурс, ҳар чӣ надонӣ, ки зулли пурсидан
Далели роҳи ту бошад ба иззи донойӣ!

***(Офият:** саломат аз бемориву бало; дур кардани Худой аз банда макруҳро.*

***Набз:** дар луғати арабӣ ба маънойи ҷунбидани раг ва дар сиёқи форсӣ раги ҷунбандайи даст бошад, ки пизишк озмуни ҳоли беморро бар он сарангушт ниҳад.*

***Табиъатшинос:** пизишки ошно ба мизоҷ.*

***Изз (ъизз):** арҷмандӣ.*

***Маънойи қитъа**: **Он замон ба тандурустӣ ба ҳукми худ тавон дошт, ки набзро ба пизишки ошно ба мизоҷ нишон диҳӣ; *Он чиро намедонӣ, бипурсӣ, зеро хории пурсиши нодонистаҳо роҳнамойи ту дар расидан ба иззату шарафи доноӣ хоҳад шуд).*

Ҳикмат (81)

Ҳар он чӣ донӣ, ки ҳаройина маълуми ту гардад, ба пурсидани он таъчил *(шитоб)* макун, ки ҳайбати салтанатро зиён дорад.

*(*****Маънойи калом**: ҳар чизе, ки ба яқини худ тавонӣ дарёфт, дар суъоли он шитоб маварз, ки ба шукӯҳу фармонравойи ту газанд расонад).*

Чу Луқмон дид, к-андар дасти Довуд
Ҳаме оҳан ба муъҷиз мум гардад.
Напурсидаш, чӣ месозӣ, ки донист,
Ки бе пурсиданаш маълум гардад!

***(Муъҷиз** ва муъҷиза: кори хориқи одате, ки аз набӣ ба зуҳур бирасад; умуман, амале ғайриодӣ.*

****Ин ду байт** марбут аст ба ҳикояти зер: «Худойи Таъоло Луқмонро ҳикмат дод ва сӣ сол бо Довуд буд. Рӯзе дар пеши ӯ рафт. Довуд зиреҳ ҳамекард ба дасти хеш. Ва оҳан Довудро чун мум нарм буд. Луқмон надонист, ки чӣ мекунаду он чист ва аз ҳикмат воҷиб надид сухан пурсидан ва хомӯш буд, то тамом кард ва дар Луқмон пӯшид, то бибинад. Довуд гуфт: «Ҳозо ҷаййидун*

лилҳарби» («Ин аз баройи ҷанг кардан хуб аст»). Ва ин сухан Луқмон он вақт гуфт, ки «Ас-самту ҳикам ва қалилун фоъилуҳу», яъне, «Хомӯшӣ ҳикматест ва камтар ба кор доранд» («Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас, 209). Ин ҳикоят дар «Эҳёу улум-уд-дин», «Кимиёи саъодат» ва «Маснавийи Мавлавӣ» омадааст. Дар ин китобҳо Довуд худ зиреҳро мепӯшад…

******Маънойи қитъа****: Чун Луқмон мушоҳада кард, ки дар панҷайи Ҳазрати Довуд ҳамоно ба эъҷози паёмбарӣ оҳан чун мум нарм шуд, аз вай суъол накард, ки чӣ мекунӣ, зеро пай бурд, ки нопурсида худ дониста ояд).*

Ҳикмат (82)

Яке аз лавозими суҳбат он аст, ки хона бипардозӣ ё бо хонахудой дарсозӣ *(аз асбоби устуворийи пайванди дӯстӣ яке он аст, ки ё хона холӣ кунӣ ва дуриву дӯстӣ баргузинӣ ё дар хона бимониву бо соҳибхона созгор бошӣ)*.

Ҳикоят бар мизоҷи мустамиъ гӯй,
Агар хоҳӣ, ки дорад бо ту майле!
Ҳар он оқил, ки бо Маҷнун нишинад,
Набояд карданаш ҷуз зикри Лайлӣ!

*(*****Маънойи қитъа****: Агар хоҳӣ, ки шунаванда ба ту гарояд, сухан ба муқтазойи табъи вай соз кун; ҳар доное, ки бо Маҷнун ҳамсуҳбат шавад, нашояд ғайр аз зикри Лайлӣ сухане бар лаб оварад!).*

Ҳикмат (83)

Ҳар кӣ бо бадон нишинад, агар низ табиъати эшон дар ӯ асар накунад, ба тариқат *(равиш, сират)*-и эшон муттаҳам гардад ва гар ба хароботе равад ба намоз кардан, мансуб шавад ба хамр хӯрдан.

*(**Харобот:** шаробхона ва қиморхона.*

Маънойи гуфта*: Ҳар кӣ бо бадманишон суҳбат гузинад, агарчи хӯйи эшон напазирад, ба равиши нописанди онон мансуб гардаду гар ба майхона ба қасди гузордани намоз рафта бошад, ба вай гумони шаробхорӣ баранд).*

Рақам бар худ ба нодонӣ кашидӣ,
Ки нодонро ба суҳбат баргузидӣ!

Талаб кардам зи доное яке панд,
Маро фармуд: «Бо нодон мапайванд,
Ки гар донойи даҳрӣ, хар бибошӣ,
Вагар нодонӣ, аблаҳтар бибошӣ!»

*(**Рақам:** ба тасаввури форсиёна–навиштан, маҷозан, ҳоли худро бад кардан.*

***Бибошӣ:** яъне, хоҳӣ шуд; «будан» ба маънойи шудан ва гаштан ба кор мерафт. Рӯдакӣ фармуда:*

Кунун замона дигар гашту ман дигар гаштам,
Асо биёр, ки вақти асову анбон буд!

******Маънойи абёт**: Бар хештан доғи ҷаҳолат ниҳодӣ, чи ҷоҳилро ба ҳамнишинӣ интихоб кардӣ! Аз олиме андарз хостам, гуфт: «Бо аблаҳ дӯстӣ макуну маёмез, зеро худ агар фарзонайи оламӣ, аз суҳбати нодон ҷоҳил гардӣ ва гар худ ҷоҳилӣ, аҳмақтару бетамизтар хоҳӣ шуд!).*

Ҳикмат (84)

Ҳилм *(бурдборӣ)*-и шутур, чунонки маълум аст, агар тифле миҳор *(зимом)*-аш гираду сад фарсанг барад, гардан аз мутобаъаташ напечад, аммо агар дарае ҳавлнок пеш ояд, ки мӯҷиби ҳалок бошад ва тифл он ҷо ба нодонӣ хоҳад шудан, зимом аз кафаш даргусилонад ва беш мутоваъат *(фармонбарӣ)* накунад , ки ҳангоми дуруштӣ мулотафат *(нармӣ намудан)* мазмум асту гӯянд: «Душман ба мулотафат дӯст нагардад, балки тамаъ зиёдат кунад».

*(**Маънойи ҷумла**: Он гоҳ ки хушунату хашм ба кор бошад, нармхӯйӣ накӯҳида аст ва аз ин ҷо гуфтаанд: «Хасм ба нармиву лутф меҳрбон нашавад, балки туро забун гираду бар ози хеш дар озори ту бияфзояд!»).*

Касе, ки лутф кунад бо ту, хоки пояш бош,
Вагар ситеза барад, дар ду чашмаш оган хок!
Сухан ба лутфу карам бо дуруштхӯй магӯй,
Ки зангхӯрда нагардад ба нармсуҳон пок!

*(*****Маънойи қитъа**: Он ки бо ту меҳрбониву нармӣ кунад, ба тавозӯъ хоксори вай бош, вале бо ту ба пайкор бархезад, дидагонашро аз хок пур кун (камар ба озори вай барбанд); гуфтор бо тундхӯй ба меҳру ҷавонмардӣ оғоз макун, ки суҳони нарм аз зангоргирифта занг натавонад зудуд).*

Ҳикмат (85)

Ҳар кӣ дар пеши сухани дигарон афтад, то мояи фазлаш бидонанд, пояи ҷаҳлаш маълум кунад.

*(*****Маънойи фицра****: Касе, ки дар миёни каломи дигарон сухан оғоз кунад, то миқдори донишаш бишиносанд, нодонийи вайро дарёбанд).*

Надиҳад марди ҳушманд ҷавоб,
Магар он гаҳ, к-аз ӯ суъол кунанд!
Гарчи барҳақ бувад мизоҷи сухан,
Ҳамли даъвиш бар муҳол кунанд.

*(**Муҳол:** ботил ва нодуруст.*

Маънойи қитъа: *Доно, то аз вай напурсанд, посух нагӯяд, зеро касе, ки напурсида сухане бар забон орад, ҳарчанд суханаш дурусту устувор бошад, муддаъойи вайро ботилу нодуруст шуморанд).*

Ҳикмат (86)

Реш *(ҷароҳат)*-е даруни ҷома доштам ва шайх *(пир)* аз он ҳар рӯз бипурсидӣ, ки чун асту напурсидӣ, куҷост. Донистам, аз он эҳтироз *(парҳез)* мекунад, ки зикри ҳама узве раво набошад. Ва хирадмандон гуфтаанд: «Ҳар кӣ сухан насанҷад, аз ҷавобаш биранҷад!»

*(*****Маънойи гуфта****: Ҳар кас гуфтораш ба тарозуйи хирад сохта ва ба миъёри ақл дуруст набошад, чун бар суханаш хурда гиранд, аз ин хато гирифтани баҷо ноҷо озурдахотир гардад).*

То нек надонӣ, ки сухан айни савоб аст,
Бояд, ки ба гуфтан даҳан аз ҳам накушойӣ!
Гар рост сухан гӯйиву дар банд бимонӣ,
Беҳ з-он, ки дурӯғат диҳад аз банд раҳойӣ!

*(*****Маънойи қитъа****: Нохуб дарнаёбӣ, ки гуфторат дурусту рост аст; сазад, ки лаб аз сухан фурӯ бандӣ; агар каломе ҳақ бар забон рониву гирифтор ойӣ, биҳтар аз он аст, ки бо сухане норост аз банд (гирифторие) халос шавӣ!).*

Ҳикмат (87)

Дурӯғ гуфтан ба зарбати лозим монад, ки агар низ ҷароҳат дуруст шавад, нишон бимонад. Чун бародарони Юсуф, ки ба дурӯғе мавсум шуданд, низ ба рост гуфтани эшон иътимод намонд. «Қола бал саввалат лакум анфусукум амро»**.

*(**Мавсум:** нишонкардашуда, доғгузордашуда.*

***Маънойи калом**: Рост ногуфтан захмест собиту ҷойгир, ки ҳарчанд решаш биҳбуд ёбад, аломаташ барҷой монаду пойдор бошад, монанди бародарони Юсуф, ки ба доғи дурӯғе нишон карда шуданду дигар касе ба ростгӯишон бовар надошт.*

قَالَ بَلْ سَوَّلَتْ لَكُمْ أَنفُسُكُمْ أَمْرًا

Қисмате аз ояи 18 ва низ ояи 83, сурайи Юсуф(12): «(Яъқуб) гуфт: «Чунин нест, балки нафси бадфармой ба фиреб кореро дар дидайи шумо биёрост ва гумроҳатон кард».

Дурӯғи бародарони Юсуф он буд, ки чун бо Юсуф ба тафарруҷ ба саҳро рафтанд, дар чоҳаш афкандану гирён назди падар омада гуфтанд: «Мо аз Юсуф ҷудо мондем ва гурге фароз омаду вайро бихӯрд»).

Якеро, ки одат бувад ростӣ,
Хатое равад, даргузоранд аз ӯ!
Вагар номвар шуд ба қавли дурӯғ,
Дигар рост бовар надоранд аз ӯ!

*(****Маънойи қитъа**: Касе, ки ба ростгӯйӣ хӯ карда бошад, агар сухане норост ҳам бар забон орад, аз он дурӯғи вай чашм пӯшанд; вале агар ба норост гуфтан машҳур гардад, сухани рости дурусташро ҳам тасдиқ накунанду напазиранд).*

Ҳикмат (88)

Аҷалли коинот аз рӯйи зоҳир одамисту азалли мавҷудот саг; ва, ба иттифоқи хирадмандон, саги ҳақшинос биҳ аз одамийи носипос!

*(**Аҷалл:** бартару бузургтар; **аҷалли коинот**–миҳтари миёни ҳастиёфтагон.*

***Азалл:** нақизи аҷалл, яъне, хурдтар (хортар).*

***Маънойи калом**: Бартару бузургтари бошандагон, чунонки ошкор аст, одамизод асту пасттару фурӯмоятари*

ҳастиёфтагон саг ва оқилон ҳама бар онанд, ки саге, ки поси ниъмат дорад, аз марде, ки ҳаққи иҳсон нагузорад, бартар аст.

**Саъдӣ дар «Бӯстон» (б. 2246) низ гуфтааст:*

Гар инсоф хоҳӣ, саги ҳақшинос
Ба сират биҳ аз мардуми носипос!).

Сагеро луқмае ҳаргиз фаромӯш
Нагардад вар занӣ сад навбаташ санг.
Ва гар умре навозӣ сифлаеро,
Ба камтар тундӣ ояд бо ту дар ҷанг!

*(*****Маънойи қитъа**: Агар ба саге порайи нон диҳию сад бораш ба санги ҷафо биёзорӣ, иҳсони ту аз ёд набарад, вале дар саросари зиндагонӣ бо фурӯмояе караму лутф кунӣ, бо андак дурушт, ки аз ту бинад, бо ту ба пайкор бархезад!).*

Ҳикмат (89)

Аз нафспарвар ҳунарварӣ наёяд ва беҳунар сарвариро нашояд *(аз танпарвару худхоҳ накӯкорӣ наояду ва марди бефазилат сазовори пешвоийи мардум набошад)* **.**

Макун раҳм бар гови бисёрбор,
Ки бисёрхусб асту** бисёрхор.
Чу гов ар ҳамебоядат фарбиҳӣ,
Чу хар тан ба ҷаври касон дардиҳӣ!

*(**Бисёрхусб:** он, ки бисёр бихобад. Ин байт дар бархе нусах чунин аст ва бар матн тарҷеҳ дорад:*

Макун раҳм бар гови бисёрхор,
Ки бисёрхор аст, бисёр хор!

***Маънойи ду байт**: Бар гови шикамбора (гов, ба истиъора, марди шикамборайи ангал) меҳр маёвар, ки шикампарастон пасту фурӯмояанду дархури эътино нестанд. Чун гов агар туро тавонмандӣ ба кор аст, бояд чун харони забонбаста ба тамаъи обу алаф ба ҳар гуна хорӣ тан супорӣ! Носири Хусрав фармуда:*

Касе, ки қасд зи олам ба хобу х(в)ар дорад,
Агарчи чиҳрааш хуб аст, табъи хар дорад!

Ва Паёмбари Акрам фармудааст: «Ъазза ман қаниъа ва залла

ман тамиъа» («Иззат ёфт касе, ки қаноъат варзид ва хор гашт касе, ки тамаъ парварид»–баргардони Ӯктами Холиқназар).

Ҳикмат (90)

Дар Инҷил омадааст, ки Ай фарзанди Одам, гар тавонгарӣ диҳамат, муштағил *(ба коре пардозанда)* шавӣ ба мол аз ман; ва гар дарвеш кунамат, тангдил нишинӣ; пас, ҳаловат *(ширинӣ)*-и зикри ман куҷо дарёбӣ ва ба ибодати ман кай шитобӣ?!

(Инҷил: *номи китоби муқаддаси масеҳиён аст чаҳоргона ва ба маънойи мужда ва башорат ҳам ояд.*

Одам: *дар асл калимайи ибрист, яъне, инсони нахустин, падари навъи башар.*

Маънойи калом*: «Дар Инҷил мазкур аст, ки ай одамизода, агар туро аз мол бениёзӣ диҳам, дил ба меҳри хоста бандӣ ва аз ман ғофил шавӣ. Ва агар ниёзманд гардонам, андӯҳгин монӣ; пас ба лутфи зикри Ман пай набарӣ ва ба роҳи парастиши Ман ҳеч гоҳ напӯйӣ!» (Хатиби Раҳбар). «Худованд ба инсон мефармояд:»Агар туро тавонгар созам, ба мол машғул мешавию аз Ман дур мемонӣ ва агар ба фақр гирифторат кунам, ғамгину тангдил менишинӣ. Пас, дар ҳар ду ҳолат маҷоли ибодат куҷо бароят мемонад ва кай мехоҳӣ ба ширинийи зикру ёди Ман баҳраманд шавӣ!» (Муҳаммади Хазойлӣ).*

Гаҳ андар ниъмате мағруру ғофил,
Гаҳ андар тангдастӣ хаставу реш!
Чу дар саррову зарро ҳолат ин аст,
Надонам кай ба Ҳақ пардозӣ аз хеш?!

*(*****Саррову зарро*** *(**السَّرَّاء وَالضَّرَّاء**)–шодкомӣ ва бадкомӣ. Маъхуз аз Қуръони Карим, сурайи Оли Имрон(3), ояи 134.*

******Маънойи қитъа****: Ҳангоми нозу таносонӣ бехабару фирефта мониву ба вақти тангдастӣ маҷруҳдилу озурдахотир бошӣ; чун дар осониву сахтӣ чунину чунонӣ, пас ҳамвора ба хеш гирифтору ба савдойи худ аз Худо ғофилӣ!).*

Ҳикмат (91)

Иродати Бечун якеро аз тахти шоҳӣ фурӯ орад ва дигареро дар шиками моҳӣ накӯ дорад.

(Иродати Бечун: *хости Худованди Бемонанд**, ки ба васф дарнамеояд.*

******Маънойи ҷумла****: Машийяту хости Эзид, ки ба васф дарна-*

меояду касро чуну чиро дар кори вай нарасад, бандаеро аз сарири салтанат ба зер афканад ва бандайи дигарро дар шиками моҳӣ (шӯра аст ба саргузашти Юнуси паёмбар) ҳифз кунад).

Вақтест хуш онро, ки бувад зикри Ту мунис,
В-ар худ бувад андар шиками ҳут чу Юнис.

*(**Ҳут:** моҳӣ. Юнис: («Юнус//Юнас//Юнис–магар замми нун афсаҳ аст; исми набӣ алайҳиссалом, ки моҳӣ эшонро фурӯ бурда буд («Ғиёс-ул-луғот»/2/416). Низ ниг. ба ҳикояти чаҳори боби аввал.*

***Маънойи байт**: Касеро, ки ёди Ту ҳамдам бошад, ҳол накӯст, агарчи монанди Юнуси паёмбар дар андаруни моҳӣ бошад).*

Ҳикмат (92)

Гар теғи қаҳр баркашад, набийю валӣ сар даркашад ва гар ғамзайи лутф бичунбонад, бад-он ба некон даррасонад.

*(**Набӣ:** паёмбари Худо; аз «набо» «ба маънойи хабару огоҳӣ. **Валӣ**–ёру дӯсту меҳрбон; аз «вилоят» (ба маънойи ёриву дӯстӣ ва тасарруфу даст ёфтан).*

*****Ғамзайи лутф:** ишорат ба чашми иноят.*

***Маънойи калом**: Чун Эзид шамшери бало барорад, паёмбари Худову валӣ ҳам сар ба зер афкананд ва агар ба чашми иноят бингарад, гунаҳкоронро пояйи аброру покон бахшад).*

Гар ба Маҳшар хитоби қаҳр кунад,
Анбиёро чӣ ҷойи маъзарат аст?!
Парда аз рӯйи лутф, гӯ, бардор,
К-ашқиёро умеди мағфират аст!

*(****Ашқиё:** гунаҳкорон; ҷамъи шақӣ–гунаҳкор.*

****Маънойи қитъа**: Агар дар рӯзи Қиёмат сахт бозхост кунад, паёмбарон низ узр натавонанд хост. Дархост кун, ки Худовандо, парда аз лутфи Худ баргир (бо назари лутф ба мо бинигар), ки табоҳкорони тирабахт умеди омурзиш аз Ту доранд!)*

Ҳикмат (93)

Ҳар кӣ ба таъдиби дунё роҳи савоб *(дуруст)* нагирад, ба таъзиб *(шиканҷа)*-и уқбо гирифтор ояд: «Ва ланузиқаннаҳум мина-л-ъазоби-л-адно дуна-л-ъазоби-л-акбари»*

وَ لَنُذِيقَنَّهُمْ مِنَ الْعَذابِ الأَدْنى دُونَ الْعَذابِ الأَكْبَرِ

(қисмате аз ояи 21, сурайи Саҷда(32), ки чунин хатм мешавад: «**لَعَلَّهُمْ يَرْجِعُونَ**»

яъне, «Бегумон ба эшон (нофармонон, кофирон) азоби наздиктару камтар (балоҳойи дунё) ғайри он азоби бузургтар (дар Қиёмат) бичашонем, шояд аз нофармонӣ бозгарданд» ***Таъдиб:*** *адаб омӯхтан, нигаҳдошти ҳадди ҳар чизеро ба касе омӯхтан.*

Маънойи калом*: Ҳар кас аз ҳаводису рӯйдодҳойи ин сарой дарси ибрат наёмӯзад ва захирайе аз амали солиҳ наяндӯзаду ба роҳи рост наёяд, дар банди шиканҷайи он сарой бимонад.)*

Панд аст хитоби миҳтарон, он гаҳ банд,
Чун панд диҳанду нашнавӣ, банд ниҳанд!

*(*****Маънойи байт:*** *бузургон нахуст ба андарз лаб кушоянд, пас ба занҷиру банд бим кунанд, яъне, чун ба нофармонӣ ба андарзашон гӯш фаро наниҳӣ, ба мушкиле (банде) гирифтор ойӣ.)*

Ҳикмат (94)

Некбахтон ба ҳикояту амсоли пешиниён панд гиранд з-он пештар, ки пасиниён ба воқиъайи ӯ масал зананд; дуздон даст кӯтаҳ накунанд, то дасташон кӯтаҳ кунанд.

*(*****Даст кӯтаҳ кардан:*** *ба киноя, мурод қатъи даст аст ва талмеҳе ба ояи 38 сурайи Моъида(5) дорад, ки кайфари дуздро қатъи даст муқаррар доштааст; низниг. ба ҳикояти 14 боби дувум, ба тавзеҳи «қатъ».*

Маънойи калом*: Саъодатмандон аз саргузаштҳову достонҳойи даргузаштагон панд омӯзанд, пештар аз он, ки оянда гон пешомадҳойи зиндагийи ҳар як аз ононро ба достон бозгӯянд; дуздон то ба кайфари дуздӣ дасташонро набуранд, аз дароздастӣ даст бознадоранд).*

Наравад мурғ сӯйи дона фароз,
Чун дигар мурғ бинад андар банд.
Панд гир аз масойибиро** дигарон,
То нагиранд дигарон ба ту панд!

*(****Масойиб****–ҷамъи мусибат, андӯҳ, сахтӣ.*

Маънойи қитъа*: Паранда чун парандайи дигарро гирифтор бинад, ба обу донаву доми густарда наздик нашавад. Ту ҳам,*

ҳанӯз рӯйдодҳойи бади зиндагоният мояи ибрати мардумон нашуда, аз ҳаводиси ногувори дигарон ибрат гир!

**Дар «Муҳозарот-ул-удабо», 1/62, омадааст (нақл аз «Ал-Мутанаббӣ ва Саъдӣ», с., 144): «Касе, ки аз аҳволи дигарон панд нагирад, Худо дигареро аз ҳоли ӯ панд диҳад»).*

Ҳикмат (95)

Онро, ки гӯши иродат гарон офаридаанд, чун кунад, ки бишнавад?! Ва онро, ки каманди саъодат кашон мебарад, чӣ кунад, ки наравад?!

*(*****Маънойи калом****: Касе, ки гӯши рағбати вай қобилийяти шунавойӣ надорад, агар бихоҳад бишнавад, натавонад (= ҳаргиз панд пазируфтан натавонад); он касро, ки некбахтиву раҳмати Илоҳӣ ҳалқа бар гардан афканда ба сӯйи Худ мекашад, агар наравад, чӣ тавонад кард?! (Яъне, аз паймудани роҳи рост ногузир аст!)*

Шаби торики дӯстони Худой
Мебитобад чу рӯзи рахшанда!
В-ин саъодат ба зӯри бозу нест,
То набахшад Худойи Бахшанда!

(*****Маънойи қитъа****: Шаби зулмонийи ёрони Ҳақ чун рӯзи тобон медурахшад ё, ба таъбире дигар,*

Шаби мардони Худо рӯзи ҷаҳонафрӯз аст,
Равшанонро ба ҳақиқат шаби зулмонӣ нест!

Оре, ин некбахтию равшандилиро агар Худованд ба кас надиҳад, ба неруйи сарпанҷа ба даст наёяд!).

* * *

Аз Ту ба кӣ нолам, ки дигар довар нест,
В-аз дасти Ту ҳеч даст болотар нест.
Онро, ки Ту раҳбарӣ, касе гум накунад ,
В-онро, ки Ту гум кунӣ, касе раҳбар нест!

*(*****Маънойи қитъа****: Ҷаҳондоваро, аз Ту ба кас шикоят натавонам бурд, ки ҷуз Ту қозийи одиле нест ва аз қудратат неруе афзунтар набошад; касеро, ки Ту ҳидоят кунӣ, кас вайро гумроҳ на-*

созад ва онро, ки Ту ба залолат афканӣ, кас ҳодӣ натавонад шуд!

Мисраъи аввал ишорате ба ояи 178, сурайи Аъроф(7) дорад:

وَ مَن يَهْدِ اللّٰهُ فَهُوَ الْمُهْتَدِي وَمَن يُضْلِلْ فَأُوْلَئِكَ هُمُ الْخَاسِرُونَ

(«Ҳар кас, ки Худо ӯро роҳнамойӣ кард, ӯ ба роҳи рост рафта ва ҳар кас, ки Худо ӯро бероҳ кард, онон зиёнкоронанд». Иқтибоси баргардон аз «Кашф-ул-асрор»).

Мисраъи дувум ишорате ба ояи 186, сурайи Аъроф(7) дорад:

وَ مَن يُضْلِلِ اللّٰهُ فَلاَ هَادِيَ لَهُ

«Ҳар киро Худо ба гумроҳӣ афканад, вайро ҳидояткунандае набошад!»).

Ҳикмат (96)

Гадойи неканҷом биҳ аз подшойи бадфарҷом *(**дарвеши тангдасти хушоқибат биҳтар аст аз шоҳи табоҳанҷом)*.

Ғаме, к-аз паяш шодмонӣ барӣ,
Биҳ аз шодие, к-аз пасаш ғам хӯрӣ!

*(**Маънойи байт:** «Андӯҳе, ки ба дунболи он хушӣ ёбӣ, биҳтар аз хушҳолист, ки баъд аз он дилгир шавӣ!». Саъдӣ дар қасидае низ фармояд:*

Ғаме хӯр, к-он ба шодиҳойи беандоза анҷомад,
Чу беақлон марав дунболи он шодӣ, ки ғам гардад!).

Ҳикмат (97)

Заминро аз осмон нисор** аст ва осмонро аз замин ғубор. «Куллу иноъин йатарашшаҳу бимо фиҳиҳ».

***Нисор:** парокандагӣ; он чӣ ба расми ҳадя бар сар (ё қадам)-и касе бияфшонанд.*

***Маънойи фиқра**: Сипеҳр ба тӯдайи хок донайи борон мепароканаду замин бар афлок гарду хок!*

***«Куллу иноъин…:** масалест маъруф, ки дар сафҳайи 94 «Калилаву Димна» (тасҳеҳи устод Минавӣ) бо андаке ихтилоф чунин мазкур аст: «Ва куллу иноъин биллазӣ фиҳи яршаҳу»–«К-аз кӯза ҳамон бурун таровад, ки дар ӯст!».*

**Носири Хусрав гуфтааст:*

Аз ҳар чӣ сабӯ пур кунӣ, аз сар ва зи паҳлӯш,
З-он чиз бурун ояду берун диҳад оғор!

Холӣ аз худ буду пур аз ишқи дӯст,
Бас зи кӯза он таровад, к-андар ӯст!
(Мавлоно, нақл аз «Амсолу ҳикам», 1/142).

Гар доирайи кӯза зи гавҳар созанд,
Аз кӯза ҳамон бурун таровад, ки дар ӯст!
(Бобоафзал, нақл аз «Амсолу ҳикам», 1/142).

Феъли олуда гавҳар олояд,
Аз хуми сирка сирка полояд!
(Унсурӣ, нақл аз «Амсолу ҳикам», 1/142).

Гарат хӯйи ман омад носазовор,
Ту хӯйи неки хеш аз даст магзор!

(***Маънойи байт:*** *Агар ахлоқи ман ба назди ту нописанд ояд, ту худ хушхӯйиро тарк магӯй!)*

Ҳикмат (98)

Ҳақ, ҷалла ва ало, мебинаду мепӯшад ва ҳамсоя намебинаду мехурӯшад.

(****Мепӯшад:*** *фош намекунад. Гёте, шояд, таҳти таъсири ҳамин сухани Саъдӣ гуфтааст: «Агар Худо ҳам ҳамсояе ба носозгорийи ману ту буд, туву ман дар зиндагӣ ором надоштем. Аммо Худованд ба хилоф мо бадонро ба ҳоли хеш мегузорад ва коре ба зишту зебоийи онон надорад» («Девони шарқӣ», 146).*

Наъузу биллоҳ, агар халқ ғайбдон будӣ,
Касе ба ҳоли худ аз дасти кас наёсудӣ!

(***Наъузу биллоҳ:*** *паноҳ мебарам бар Худо!*

Маънойи байт*: Агар махлуқ, паноҳ бар Худо, аз ниҳон хабар медошт, як тан аз дасти забони мардум осойишу ором намеёфт).*

Ҳикмат (99)

Зар аз маъдин *(кон, маъдан)* ба кон кандан бадар ояду аз дасти бахил ба ҷон кандан.

Дунон нах(в)аранду гӯш доранд,
Гӯянд: «Умед биҳ, ки хӯрда!»
Рӯзе, бинӣ, ба коми душман
Зар мондаву хоксор мурда!

*(*****Гӯш доранд:*** *ҳифз кунанд ва нигаҳ доранд; феъли мураккаб. Ҳофиз гӯяд:*

Ай Малик-ул-арш, муродаш бидиҳ
В-аз хатари чашми бадаш дор гӯш!

Хоксор: *хору залил. Дар ғазале ҳам Саъдӣ фармояд:*

Дигар сари ману болини офият, ҳайҳот,
Бад-ин ҳавас, ки сари хоксори ман дорад!
(«Луғатномайи Деҳхудо», зайли «хоксор»).

******Маънойи қитъа****: Фурӯмоягон молро (дар ҳавойиҷ (ҷамъи ҳоҷат–ниёзмандӣ ва эҳтиёҷ)-и худу иҳсон ба дигарон) сарф накунанду нигоҳ доранд ва пиндоранд, ки ба доштани хоста дилхуш будан биҳтар аз ҳазина кардани он аст; бошад, як рӯзе ба муроди душман моли бахилро барҷой ниҳодаву он залили бадбахтро дар хок хуфта ёбӣ!).*

Ҳикмат (100)

Ҳар кӣ бар зердастон набахшояд, ба ҷаври забардастон гирифтор ояд.

На ҳар бозу, ки дар вай қуввате ҳаст,
Ба мардӣ оҷизонро бишканад даст.
Заъифонро макун бар дил газанде,
Ки дармонӣ ба ҷаври зӯрманде!

*(****Маънойи қитъа****: Ҳар бозуе, ки неруманд аст, набояд дасти нотавононро ба зӯр бишканад; **хотири фурӯмондагонро маёзор, агар на, ба ситам гирифтор хоҳӣ шуд!).*

Ҳикмат (101)

Оқил, чун хилоф андар миён ояд, биҷаҳад ва чу сулҳ бинад, лангар биниҳад, ки он ҷо саломат бар карон асту ин ҷо ҳаловат дар миён.

(***Хилоф:*** *душманӣ, зиддият.*

Лангар: *олатест оҳанӣ ва бисёр сангин, ки бо фурӯ афкандани он дар об киштиро аз ҳаракат боздоранд. «Лангар ниҳодан» киноя аз мондан ва иқомат кардан аст.*

******Маънойи калом****: Чун душманӣ дар миёни ҷамъ афтад, хирадманд зуд каноре гирад ва он гоҳ ки дӯстию оштӣ падид ояд, раҳли иқомат афганад, чи дар он ҳол эминӣ дар канор гирифтан ва дар ин ҳол хушӣ ба миёни ҷамъ будан аст).*

Ҳикмат (102)

Муқомирро се шаш мебояд, валекин се як меояд.

(***Муқомир:*** *қиморбоз.*

******Се шаш:*** *се нақши шаш. Дар қадим бозийи нард се каъбтайн дошт ва дар як навбат мумкин буд бозикун се шаш оваради аз шашдар шудан бираҳад, вале се як камтарин нақш аст. Шояд мурод аз се шаш нақши се бо шаш ва мақсуд аз се як нақши се бо як бошад (ниг. ба сафҳайи 573 «Нафоис-ул-фунун», ҷ. 3; тасҳеҳи устод Шаъронӣ ва низ ниг. ба сафҳайи 71 «Чаҳор мақола», ба иҳтимоми доктор Муъин).*

Доктор Юсуфӣ гӯяд: «Қиморбоз нақши се шаш (се нақши шаш ё се бо шаш) мехоҳад, аммо, бар хилофи дилхоҳи ӯ, се як (се нақши як ё се бо як) меояд. Дар қадим бозийи нардро бо се тос анҷом медоданд; се нақши шаш (бештарини нақш) ва се нақши як (камтарини нақш) марбут ба он аст».

Ҳазорбора чарогоҳ хуштар аз майдон,
Валекин асп надорад ба дасти хеш инон!

(***Маънойи байт:*** *Дар назари асп чарогоҳ ҳазор бор биҳтар аз майдони ҷанг аст, аммо лагомаш дар дасти дигар (савор)-ест!)*

Ҳикмат (103)

Дарвеше ба муноҷот дар-мегуфт: «Ё Раб, бар бадон раҳмат кун, ки бар некон Худ раҳмат кардайӣ, ки мар эшонро нек офаридайӣ!».

Ҳикмат (104)

Аввал касе, ки алам*(тироз, нигору нишон)* бар ҷома карду ангуштарӣ дар даст, Ҷамшед буд. Гуфтандаш:

– Чиро *(баройи чӣ)* ба чап додӣ ва фазилатрост рост?

Гуфт:

– Ростро зинати ростӣ тамом аст!

***(Ҷамшед:** номи подшоҳи бостонии Эрон; исми мураккаб, маънойи луғавийи он ҷами равшан аст.*

***Маънойи калом**: Нахустин кас Ҷам буд, ки бар либос нақшу нигору тироз дӯхт ва хотам дар ангушт кард. Аз вай пурсиданд: «Чиро хотам дар ангушти чап кардӣ, бо он, ки афзуниву бартарӣ бо ангушти рост аст?» Посух дод: «Баройи дасти рост зевари рост будан комилу кофист!».*

**Гёте низ таҳти таъсири сухани Саъдӣ гуфтааст: «Чиро як дасти хешро беш аз он чӣ бояд ба зеварҳо меоройиву дасти дигарро яксара бенасиб мегузорӣ?!*

– Охир, агар дасти чап зинати рост набошад, дигар ба чӣ кор ояд?!»)

Фаридун гуфт наққошони Чинро
Ки пиромуни харгоҳаш бидӯзанд:
«Бадонро нек дор, ай марди ҳушёр,
Ки некон худ бузургу некрӯзанд!».

***Фаридун** ё Фиридун: номи подшоҳи Эрони куҳан, ки Заҳҳоки ситамгарро гирифту аз тахти шоҳӣ сарнигун карду дар кӯҳи Дамованд ба зиндон афканд.*

***Маънойи қитъа**: Фаридун ба суратгарони чинӣ дастур дод, ки бар гирди саропардайи шоҳӣ ин суханонро бинигоранд: «Ай оқил, бо бадхӯйии мардумони тирабахт ба некӣ рафтор кун, то ба пайравӣ аз ту роҳи некон гиранд, чӣ некмардон худ бузургвору некбахтанд!».*

***Байти дувуми** қитъа ҳукми масали сойир пайдо кардааст*).

Ҳикмат (105)

Бузургеро пурсиданд:

– Бо чандин фазилат, ки дасти ростро ҳаст, хотам дар ангушти чап чиро мекунанд?

Гуфт:

– Надонӣ, ки аҳли фазилат ҳамеша маҳрум бошанд?

*(*****Маънойи калом**: Аз фарзонае пурсиданд: «Бо он ҳама бартариву афзунӣ, ки дасти рост дорад, чиро ангуштарӣ ба ангушти дасти чап диҳанд?» Посух дод: «Магар намедонӣ, ки худованд дониш ҳамвора аз ниъмати дунё бебаҳраанд?!)*

Он, ки ҳаз офариду рӯзӣ дод,
Ё фазилат ҳамедиҳад ё бахт!

*(**Маънойи байт:** Худое, ки баҳраву бахт халқ мекунаду ризқ мерасонад, ё донишу камол мебахшад ё иқболу баҳрамандӣ аз ҷаҳон.*

**Мазмуни сухани Саъдӣ ёдовари абёти машҳури Шаҳиди Балхист:*

Донишу х(в)оста аст наргису гул,
Ки ба як ҷой нашкуфанд ба ҳам.
Ҳар киро дониш аст, х(в)оста нест,
В-он киро х(в)оста аст, дониш кам!

Муъаллифи китоби «Ал-Мутанаббӣ ва Саъдӣ» (с. 251) гуфтори Саъдиро бо ин байти Мутанаббӣ наздик ёфтааст:

Ва малҷамъу байналмоъи ваннори фӣ йадӣ,
Биасъаб мин ан аҷмаъалҷадда валфаҳмо.

Яъне, гирд омадани обу оташ дар дасти ман душвортар аз он нест, ки бахту насиб аз дунё ва фаҳму дониш ро бо ҳам гирд оварам.

Доктор Маҳдийи Муҳаққиқ, бо таваҷҷуҳ ба зикри калимаҳойи «ҳазз», «фазл» байти Саъдиро назири ин шеъри Туғройи Исфаҳонӣ донистаанд:

Абайаллоҳу ҷамаъалҳазза валфазла лилфато,
Ило ан йуро моъун маъан ва лаҳибу!

Яъне, Худованд насибу донишро баройи мард фароҳам нахоҳад кард, магар вақте, ки обу оташ бо ҳам дида шаванд!).

Ҳикмат (106)

Насиҳати подшоҳон кардан касеро мусаллам *(муқаррару собит)* бувад, ки бими сар надорад ё умеди зар.

Муваҳҳид, чӣ дар пой резӣ зараш,
Чи шамшери ҳиндӣ ниҳӣ бар сараш,
Умеду ҳаросаш набошад зи кас,
Бар ин аст бунёди тавҳиду бас!

*(**Муваҳҳид:** яктопарасту якегӯй.*

***Маънойи қитъа**: Агар дар қадами яктопараст зар нисор кунанд ё бар торакаш теғ зананд, на ба зар шоду на аз шамшери буранда бимнок хоҳад шуд; зеро бунёни яктопарастӣ бар ин аст, ки*

Агар теғи олам биҷунбад зи ҷой,
Набуррад раге, то нахоҳад Худой!

Саъдӣ дар ғазале низ фармуда:

Ғаму шодӣ бар ориф чӣ тафовут дорад?!
Соқиё, бода бидиҳ, шодийи он, к-ин ғам аз Ӯст!).

Ҳикмат (107)

Шоҳ аз баҳри дафъи ситамкорон асту шаҳна баройи хунхорон ва қозӣ маслаҳатҷӯйи тарророн. Ҳаргиз ду хасми ба Ҳақ розӣ пеши қозӣ нараванд.

***(Таррор:** кисабур ва дузд.*

***Маънойи калом**: **Рондани золимону дур кардани шарри онон бар уҳдайи подшоҳ аст ва ба кайфар расондани қотилон кори шаҳрбонону зобитон (шаҳна ё шиҳна)-и султон аст ва довари шаҳр ба танбеҳу сиёсат дуздону кисабуронро аз табоҳкорӣ бозмедорад. Ҳеч гоҳ ду соҳибдаъво, ки инсоф худ бидиҳанд, ба довар шикоят набаранд.*

Муҳаммади Хазойилӣ ба муносабати ҷумлайи ахир ин масали арабиро овардааст: «Лав ансафанносу ластароҳалқозӣ»: «Агар мардум инсоф дошта бошанд, касе суроғи қозӣ намераваду қозӣ осуда мемонад»).

Чу Ҳақ муъояна донӣ, ки мебибояд дод,
Ба лутф биҳ, ки ба ҷанг оварӣ ба дилтангӣ!
Хироҷ агар нагузорад касе ба тийбати нафс,
Ба қаҳр аз ӯ биситонанду музди сарҳангӣ!

(***Тийбат:*** *хушиву хушнудиву ризо.*

Маънойи қитъа*: Чун дармеёбӣ, ки моли мардумонро бояд ба онон бозгардонӣ, агар ба хушӣ бидиҳӣ, биҳ аз он, ки аз ту ба ситезаву бар хилофи майл биситонанд. Ҳар кӣ боҷ ба ризойи хотир напардозад, аз вай ба дуруштиву зӯр ҳуқуқи девониро бо поймузди сарҳангон бигиранд).*

Ҳикмат (108)

Ҳама касро дандон ба туршӣ кунд шавад, магар қозиёнро, ки ба ширинӣ.

(***Маънойи нукта:*** *Дандони касон маъмулан аз турушӣ кунд мешавад, ба ҷуз аз қозиён, ки ришва дандонашонро кунд кунад. Муҳаммади Хазойилӣ овардааст:»Мурод аз «ширинӣ» дар ин ҷо ришва аст. Гӯё ҳамеша дар ҷумлаи ришваҳову ҳадяҳо ҳалвоҳову ширинӣ ҳам тақдим медоштаанд. Ба ин муносабат дар гузаштаву акнун «ширинӣ» ба маънойи «ришва» ба кор рафтааст».)*

Қозӣ чу ба ришват бихурад панҷ хиёр,
Собит кунад аз баҳри ту даҳ харбузазор.

(Қозие, ки аз ту панҷ хиёр (бодранг)-ро ришва гираду бихурад, даъвоятро бар даҳ полизи харбуза исбот хоҳад кард.)

Ҳикмат (109)

Қаҳбайи пир аз нобакорӣ чӣ кунад, ки тавба накунад ва шаҳнайи маъзул аз мардумозорӣ?

(***Қаҳба:*** *руспӣ ё зинокори табоҳкирдор.*

****Маънойи фикра****: Руспийи пир агар аз руспигарӣ тавба накунад ва шаҳрбони аз кор барканоршуда аз озори мардум даст барнадорад, чӣ кори дигар тавонад кард?)*

Ҷавони гӯшанишин шермарди роҳи Худост,
Ки пир худ натавонад зи гӯшае бархост!

(****Маънойи байт:*** *Ҷавони канорагир (парҳезкор) аз ҳавасҳойи*

дунё шермарде дар роҳи Худост, зеро пир худ наметавонад аз гӯшае бархезад, чӣ расад ба он, ки бихоҳад ба гуноҳ бипардозад!)

* * *

Ҷавони сахт мебояд, ки аз шаҳват бипарҳезад,
Ки пири сустрағбатро худ олат барнамехезад!

Ҳикмат (110)

Ҳакимеро пурсиданд:

– Чандин дарахти номвар, ки Худой, азза ва ҷалла, офаридааст баруманд, ҳеч якро озод нахондаанд, магар сарвро, ки самарае надорад; дар ин чӣ ҳикмат аст?

Гуфт:

– Ҳар дарахтеро самара муъайян аст, ки ба вақте маълум ба вуҷуди он тоза ояд ва гоҳе ба адам *(нестӣ)*-и он пажмурда шавад ва сарвро ҳеч аз ин нест ва ҳама вақте хуш аст ва ин аст сифати озодагон!

***(Баруманд:** борвар, босамар, мевадор. Сифати дарахт аст: номвар ва баруманд.*

******Маънойи гуфта**: Аз фарзонае пурсиданд: «Эзиди Тавонову Бузург бисёре дарахтони машҳури боровар халқ кардааст ва аз ин миён ҷуз бар сарв номи озод наниҳодаанд. Ин номгузориро чӣ иллати ҳакимонаву далели оқилонаест?» Посух дод: «Ҳар дарахте боре вижа дорад, ки ба ҳангоми падид омаданаш дарахт тоза шаваду замоне бо нобудийи он пажмурад ва сарв ҳаргиз чунин набошад, балки ҳамеша сабзу хуррам аст ва ин сирати озодмардони вораста аст!». Ҳофиз фармояд:*

*На ҳар дарахт таҳаммул кунад ҷафойи хазон,
Ғуломи ҳиммати сарвам, ки ин қидам дорад!).*

Бар он чӣ мегузарад, дил маниҳ, ки Даҷла басе
Пас аз халифа бихоҳад гузашт дар Бағдод!
Гарат зи даст барояд, чу нахл бош карим,
В-арат зи даст наёяд, чу сарв бош озод!

***(Халифа:** ҷонишини касе ё ҷонишиншуда. Ин ҷо мурод– ҷонишини Паёмбари ислом.*

******Бағдод:** маркази хилофати Аббосӣ, Маънойи луғавийи он «Худо офарид» аст ва ин калима форсисту мураккаб аз ду ҷузъ– «Баг»–Худо + «дод»–офарид.*

******Маънойи ҷумла****: Бар авзоъи нопойдори ҷаҳон дил мабанд, ки «ҳар чӣ напояд, дилбастагиро нашояд». Бингар, ки Даҷла пас аз марги халифа ҳамчунон дар Бағдод меравад мегузарад. Агар метавонӣ монанди дарахти хурмо бахшанда бош ва агар натавонӣ, монанди сарв вораста шав!*

**Ин ду байт аз як қасидайи Саъдист дар насиҳат ва ситоиши Маҷдуддини Румӣ бо матлаъи зер, ки ҳикмати мазкурро таъйид мекунад:*

Ҷаҳон бар об ниҳодаасту зиндагӣ бар бод,
Ғуломи ҳиммати онам, ки дил бар ӯ нанҳод!).

Ҳикмат (111)

Ду кас мурданду ҳасрат бурданд: яке он, ки дошту нах(в)ард ва дигар он, ки донисту накард *(ду тан баҳасрат (бо ғаму андӯҳ) мурданд: нахуст –касе, ки мол гирд оварду аз он баҳра барнагирифт; дувум–он кас, ки илм дошту амал накард!)*.

Кас набинад бахили фозилро,
Ки на дар айб гуфтанаш кӯшад!
В-ар кариме дусад гунаҳ дорад,
Карамаш айбҳо фурӯ пӯшад!

*(*****Маънойи қитъа****: Касе нест, ки хасисийи донишварро бибинаду бар ӯ айб нагирад; аммо агар бахшандае дувист (бисёр) гуноҳ низ дошта бошад ҳам, бахшандагийи ӯ айбҳояшро мепӯшонад.*

Саъдӣ дар ҷойи дигар низ гуфтааст:

Гар кони фазойиливу гар дарёйӣ,
Бе роҳати халқ бод мепаймойӣ!
Вар бо ҳама айбҳо каримосойӣ,
Айбат ҳунар асту зиштият зебойӣ!

Байти дувуми қитъа ёдовари ин фармудаи Мавлоност:

Хоҷа дар айб аст, ғурфа то ба ғӯш,
Хоҷаро мол асту молаш айбпӯш!

(Дафтари аввали «Маснавӣ», б. 2349).

* * *

Тамом шуд китоби «Гулистон», **وَاللّٰهُ الْمُسْتَعَانُ** (Валлоҳ-ул-мустаъону); ба тавфиқи Борӣ, аззасмуҳу *(номи Вай гиромитару бартар аст)*; дар ин ҷумла, чунонки расми муъаллифон аст, аз шеъри мутақаддимон*ба тариқи истиъорот талфиқе нарафт.

وَاللّٰهُ الْمُسْتَعَانُ

Яъне, «Ва Худост, ки аз Ӯ ёрӣ хоҳанд (хоҳам)» (қисматест аз ояи 18, сурайи Юсуф). ***Мустаъон****: ёрихоста; он, ки аз ӯ ёрӣ хоҳанд; аз сифоти Худо.*

Мутақаддимон: *пешиниён, гузаштагон, бузургони пешин.*

Истиъорот: *ҷамъи истиъора; чизеро ба орият хостан.*

Талфиқ: *бо ҳам овардан, бо ҳам бастан. Мақсуд он, ки шеъри пешиниёнро ба орият бо сухани худ напайвастам).*

Куҳанхирқайи хеш пиростан,
Биҳ аз ҷомайи орият хостан!

*(****Пиростан:*** *дар ин ҷо Яъне, сохтану мураттаб кардан, васла ва руфӯ кардани ҷома, дӯхтани даридагӣ. Ҳофиз низ гуфтааст:*

Шармам аз хирқайи олудайи худ меояд,
Ки бар ӯ васла ба сад шуъбада пиростаам.

Мазмуни байти «Гулистон»-ро бо ин масали арабӣ наздик шумурдаанд: «Алъуро хайрун минассавбилмуъори» (доктор Маҳдийи Муҳаққиқ, «Роҳнамойи китоб», 2/237); яъне, «Бараҳнагӣ аз ҷомайи орият пӯшидан биҳтар аст!»).

Ғолиби гуфтори Саъдӣ тарабангез асту тибатомез *(намакину хушоҳанг)* ва кӯтаҳназаронро бад-ин иллат забони таън дароз гардад, ки мағзи димоғ беҳуда бурдану дуди чароғ бефоида хӯрдан кори хирадмандон нест. Валекин бар раъйи равшани соҳибдилон, ки рӯйи сухан дар эшон аст, пӯшида намонад, ки дурри мавъизаҳойи шофӣ *(шифобахш)*-ро дар силки иборат кашидаасту доруйи талхи насиҳат ба шаҳди зарофат баромехта, то табъи малули эшон аз давлати қабул маҳрум намонад. Алҳамду лиллоҳи раббилъоламин.

اَلْحَمْدُ لِلّٰهِ رَبِّ الْعَالَمِينَ

(Ояи 2 сурайи Фотиҳа(1) аст: сипос Худоро, ки Парвардгори ҷаҳониён аст!).

(Таън: *сарзаниш кардан ва бо сухан касеро ранҷонидан; дар асл ба маънойи задан бо найза меояд.*

Дурри мавъизаҳойи шофӣ: *марвориди андарзҳойи дуруст.*

Табъи малул: *дили зудранҷу малолатпазир.*

Маънойи чанд ҷумлайи ахир*: **«Бештари суханони Саъдӣ нишотовару намакин аст ва онон, ки жарфбин набошанд, бадин сабаб забон ба сарзаниш кушоянд, ки вай бефойида мағзро ранҷаву хаста кардаву бе он, ки баҳре аз дониш ба даст оварад, ранҷи мутолаъа кашидааст; вале бар равшанбинони хирадманд, ки мухотаби ин сухананд, ошкор аст, ки вай марвориди андарзҳойи дурустро дар риштайи сухан мураттаб сохта ва давойи талхи андарз ба нӯши латифагӯйӣ мамзуҷ (омехта) карда, то дили зудранҷи малолатпазири онон аз ниъмати пазириши панд бебаҳра намонад. Сипос Эзидро, ки Парвардгори ҷаҳониён аст!».*

Дар «Бӯстон» ҳам наздик ба ҳамин мазмун омадааст:

Агар шарбате боядат судманд,
Зи Саъдӣ ситон доруйи талхи панд!
Ба парвезани маърифат бехта,
Ба шаҳди зарофат баромехта!).

Мо насиҳат ба ҷойи худ кардем,
Рӯзгоре дар ин ба сар бурдем.
Гар наёяд ба гӯши рағбати кас,
Бар расулон паём бошаду бас!

*(*****Маънойи ин ду байт****: «Мо ба муқтазойи мақому навбати хеш ба андарзгӯйӣ пардохтем ва умре дар ин кор ба поён овардем ва агар ба самъи қабул нашунаванд, гӯяндаро чӣ зиён, ки паёмовар танҳо уҳдадори расондани паём бошад!».*

Мазмуни каломи Саъдӣ дар мисраъи охир муқтабас аз ояи 99, сурайи Моъида(5) аст:

مَّا عَلَى الرَّسُولِ إِلاَّ الْبَلاَغُ

(Яъне: «Бар фиристода ҷуз расондани паём (масъулияте дигар) нест». Дар ғазале низ фармояд:

Гар бишнавӣ насиҳату гар нашнавӣ ба сидқ,
Гуфтему бар расул набошад ба ҷуз балоғ!

****Гёте*** *китоби «Девони шарқӣ ва ғарбӣ»-и худро бо тарҷумайи ин ду байти Саъдӣ ва нақли айни матни форсийи он ба поён овар-*

дааст (ниг. «Девони шарқӣ»; доктор Абдулҳусайни Зарринкӯб. «Ёддоштҳо ва андешаҳо». с. 299–300).

* * *

Ё нозиран фиҳи, сал биллоҳи марҳаматан,
Ъалалмусаниффи вастағфир лисоҳибиҳи!
Ва-тлуб линафсика мин хайри туриду биҳо,
Мин баъди золика ғуфронан ликотибиҳи*.

(****Ё нозиран…****: Ай назаркунанда дар ин китоб, аз Худованд баройи мусаннифи он дархости раҳмат кун ва аз баройи дорандайи он (доктор Хазойилӣ: Саъд ибни Зангӣ) омурзиш биталаб! Аз баройи хештан ҳар хайре, ки муроди туст, бихоҳу пас аз он аз баройи котиб (нависанда) дархости омурзиш кун!)*

ФЕҲРИСТИ БАРХЕ АЗ МАЪХАЗҲО

1. ҚУРЪОНИ МАҶИД. Тарҷумайи Абдулмуҳаммади Оятӣ. Интишороти Суруш, Теҳрон, 1374 ҳ. ш.

2. Хулосайи ТАФСИРИ АДАБӢ ВА ИРФОНИИ ҚУРЪОНИ МАҶИД ба форсӣ, аз «Кашф-ул-асрор»-и даҳҷилдӣ. Таълифи Имом Аҳмади Майбудӣ. Нигориши Ҳабибуллоҳи Омӯзгор; иборат аз ду ҷилд. Интишороти «Иқбол», Теҳрон1381.

3. ТАРҶУМА ВА ҚИССАҲОИ ҚУРЪОН (иборат аз ду ҷилд), аз рӯйи нусхайи мавқуфа бар Турбати Ҷом, мубтанӣ бар «Тафсири Абубакр Атиқи Нишопурӣ». Ба саъйу иҳтимоми Яҳёйи Муҳаммадӣ ва Маҳдийи Баёнӣ; Теҳрон,1338 ҳичрийи шамсӣ.

4. МУҲАММАД. Пайғамбаре, ки аз нав бояд шинохт. Нависанда: Констон Вержил Георгию, адиби Румонӣ (Руминия), баргардони Забиҳуллоҳи Мансурӣ, Теҳрон, 1343 ҳ. ш.

5. Доктор Муҳаммадризо Рошид Муҳассил. ПАРТАВҲОЕ АЗ ҚУРЪОНУ ҲАДИС ДАР АДАБИ ФОРСӢ. Теҳрон, 1380 ҳ. ш.

6. КУЛЛИЁТИ САЪДӢ. Бар асоси тасҳеҳу табъи шодравон Муҳаммадалийи Фурӯғӣ (бо тасҳеҳ, муқаддима, таълиқот ва фаҳорис). Бо кӯшиши Баҳоуддини Хуррамшоҳӣ. Теҳрон, 1381 ҳ. ш.

7. КУЛЛИЁТИ САЪДӢ. Бо иҳтимоми Муҳаммадалийи Фурӯғӣ, Теҳрон, 1369 ҳ. ш.

8. ГУЛИСТОНИ САЪДӢ. Тасҳеҳ ва тавзеҳи доктор Ғуломҳусайни Юсуфӣ. Теҳрон, 1368 ҳ. ш.

9. ГУЛИСТОН, бо маънойи вожаҳо ва шарҳи ҷумлаҳову байтҳойи душвор ва бархе нуктаҳойи дастуриву адабӣ ва феҳристи оёту эълому амсолу қавофиву қавоъиди дастурӣ. Бо кӯшиши доктор Халил Хатиби Раҳбар (устоди Донишгоҳи Теҳрон).–Теҳрон, 1378 ҳ. ш.

10. Шарҳи «ГУЛИСТОН». Таълифи доктор Муҳаммади Хазойилӣ; чопи даҳум, Теҳрон, интишороти Фахри Розӣ, 1379 ҳ. ш.

11. Шарҳи «БӮСТОН», таълифи доктор Муҳаммади Хазойилӣ, Теҳрон, 1363 ҳ. ш.

12. ГУЛИСТОН. Тасҳеҳи матни илмийи интиқодӣ, тарҷумайи русӣ, муқаддима, таълиқоти ҳавошӣ бо қалами шодравон Рустам Мусо Ӯғлӣ Алиеф,– нашриёти адабийёти Ховар, Маскав, 1959.

13. ГУЛИСТОН-и Саъдӣ (бо ду забон–форсию арабӣ–

«Равзат-ул-вард»), Бо кӯшиши Муҳсини Рамазонӣ, аз рӯйи тасҳеҳи Муҳаммадалийи Фурӯғӣ. Интишороти «Падида, Теҳрон, 1338 ҳ. ш.

14. Шавқи «ГУЛИСТОН»-и мусаввар. Таълифи Саййидмуродҷонхоҷа. (Матбуъайи матбаъайи Ғуломӣ (чопи сангийи Ғуломҳасан Орифҷонов).

15. Карими Замонӣ, ШАРҲИ ҶОМИЪИ «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ»; иборат аз ҳафт ҷилд;–Теҳрон, 1381 ҳ. ш.

16. Муҳаммади Ғиёсуддин. ҒИЁС-УЛ-ЛУҒОТ. Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи Амон Нуров; Душанбе, «Адиб», 1987.

17. Муҳаммади Биҳитӣ. ФАРҲАНГИ САБО. Интишороти «Сабо», Теҳрон, 1370 ҳ. ш.

18. ФАРҲАНГИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ. Аз асри даҳ то ибтидойи асри бист, иборат аз ду ҷилд. Маскав. Нашриёти «Советская Энциклопедия», 1969.

19. Муҳаммади Муъин. ФАРҲАНГИ ФОРСӢ. Теҳрон, 1375.

20. Ғуломҳусайн Садри Афшор, Насрини Ҳакамӣ, Настарани Ҳакамӣ. ФАРҲАНГИ ФОРСИЙИ ИМРӮЗ. Теҳрон, 1374.

21. Озартоши Озарнӯш. ФАРҲАНГИ МУОЪСИРИ АРАБӢ–ФОРСӢ. Теҳрон, 1387.

22. Ӯктами Холиқназар. ҒАЛАТ МЕНАВИСЕМ. Душанбе, 2000.

23. Доктор Абдулғанӣ, АҲВОЛ ВА ОСОРИ МИРЗО АБДУЛҚОДИРИ БЕДИЛ. баргардони Мирмуҳаммад Осафи Ансорӣ.–Кобул, 1351 ҳ. ш.

24. РӮДАКӢ. Бо кӯшиши доктор Халил Хатиби Раҳбар (устоди Донишгоҳи Теҳрон), Теҳрон, 1373 ҳ. ш.

25. ЗИКРИ ҶАМИЛИ САЪДӢ. Дар се ҷилд.–Теҳрон, 1377.

26. ИТТИЛОЪОТИ УМУМИИ ПАЁМ. Таҳия ва таълифи Саййидмаҳмуди Ахтариён.–Теҳрон, 1388 ҳ. ш.

ШАРҲИ БАЪЗЕ ЛУҒОТ

А

Абвоб–ҷамъи боб; яъне, дар ва *абвоби духул*–дарҳойи даромад, даромадгоҳҳо.

Аблаҳ–коно, нодон.

Абно–ҷамъи *ибн; яъне*, писар*; абнойи ҷинси мо*–ҳамкорон ё ҳамҷинсон ё ҳамшаънони мо.

Або–ҷомайи кушоду дароз, ки рӯйи либосҳойи дигар бар дӯш меандозанд.

Авомм–ҷамъи омма–тӯдайи мардум, зидди хос.

Авоммуннос–оммайи мардум; мардуми ҷоҳил.

Авн–ёрӣ, мусоъадат ҳамдастӣ.

Аврат–ҳар чӣ мавзеъи сатр бошад; амре, ки инсон аз он шарм дошта бошад; узве, ки нсон аз рӯйи шарму ҳаё мепӯшонад; олати таносул, шармгоҳ.

Авлотар–бартар биҳтар.

Аёд–дастҳо; ҷамъи *яд*–даст.

Азал (дар навишти форсӣ бо «зо»)–ҳамешагӣ, деринагӣ; он чӣ аввалу ибтидо надошта бошад.

Азалл (дар навишти форсӣ бо «зол»)–нақизи *аҷалл*, яъне, залилтар, хортар, аз *зиллат*–хор шудан, паст шудан, афтодан.

Азалл (бо «зод»)–гумроҳтар.

Азрақпираҳан–кабудҷома; киноя аз сӯфиён, ки кабудҷома будаанд.

Аврод–ҷамъи *вирд*; вирд–порае аз Қуръон ё дуъо.

Адам–нестӣ, нобудӣ.

Адиб–доно, сухансанҷ, бофарҳанг.

Адил–ҳамсанг, монанд; ҳамкаҷова.

Адл–дод, зидди зулм; додгартар, одил.

Адим–чарми дабоғатёфта ё чармкорӣ шуда, пироста, ороста.

Адув–душман, хасм, бадхоҳ.

Азза ва ҷалла–тавонову бузург аст ҳамеша!

Аззасмуҳу–номи Вай гиромӣ бод.

Азаб–мард ё зани бекасу танҳо; марди безан; муҷаррад.

Азизи Миср–лақаби фармонраво ё вазири мулки Миср.

Азимма–ҷамъи *зимом;* яъне, ришта, маҳор.

Азимат–дил бар коре ниҳодан, қасд кардан ва низ ба маънойи афсун (ҷоду)-е, ки афсунгар бихонад.

Азм–ният, майл, оҳанг, қасд.

Азо (алифу фатҳа ва зол)–ранҷ, озор, малоли хотир; зарар, зиён.

Аимма–ҷамъи *имом*, ба маънойи *муқтадо* ва бузург.

Айёр–тезрав, тездав; тардаст, зирак.

Айни иноят–дидайи лутф, нигоҳи марҳамат.

Айши рабиъ–хушийи баҳорӣ; фароғати баҳоргоҳон.

Алайҳиссалом –дуруду салом бар ӯ бод!

Алам–дирафш, парчам, ливо, байрақ.

Ало–нидо; ҳой, ҳон, ай, ой...

Алҳон–ҷамъи лаҳн, овозҳо, оҳангҳо, навоҳо...

Амим–том, тамом, комил, пурра.

Аммон–ҷамъи *ъамм*, яъне, бародарони падар.

Анбоз–ҳамкор, шарик, ҳамто, ҳамбоз.

Анбон–халтайи сафарӣ, ки аз чарми буз ё гӯспанд сохта мешавад.

Анису ҷалис–ҳамдаму ҳамнишин.

Ано–машаққат, миҳнат, ранҷ, азоб.

Аном–мардум.

Анфос–ҷамъи нафас.

Ар–агар; *арчи* (агарчи).

Арбада–ситеза, ҷанҷол, ғавғо.

Ариз–номус, шараф.

Арса–майдон, саҳна; *арсайи шатранҷ*–майдон ё суфра (тахта)йи шатранҷ.

Арзоқ–ҷамъи ризқ.

Аромил–ҷамъи *армала,* бевазанон.

Арсалону Оғӯш–номҳойи хосси туркӣ.

Арқам–мори сиёҳусафед; мори сиёҳе, ки бар пушташ холҳойи сафед бошад; бадтарини морҳо.

Арҷаҳ–биҳтар, хубтар, бартар, авлотар.

Асбоб–ҷамъи *сабаб*–боис, мӯҷиб, иллат, омил; чора, тадбир; чиз, шай; дастовез, қаробат, хешӣ.

Астар–хачир, қотир.

Асҳоб– ҷамъи соҳиб, ёрон.

Атиббо– ҷамъи табиб, пизишкон, табибон, шифокорон.

Атобак–мураббӣ; бахусус, мураббийи шаҳзодагон; падарбузург; *атобакӣ*–мақому мартабайи атобак.

Аттор–атрфурӯш; касе, ки доруҳову атриёт мефурӯшад.

Аъробӣ–тозийи биёбоннишин.

Афвоҳи авом–вирди забони умум; *афвоҳ*–ҷамъи *фавҳ*, даҳанҳо.

Афоф–парҳезкорӣ, порсойӣ, покдоманӣ.

Ашо–шом, ғизойи шом.

Ашқиё–ҷамъи шаққӣ; бадбахт, зидди *саъйид.*

Ақвол–ҷамъи қавл.

Ақориб–наздикон, ҷамъи *қариб*.

Аҳд–даврон.

Аҳшо–ҷамъи *ҳашо*–даруни бадан: дилу ҷигар ва шушу гурдаву сипурз.

Аъдо–ҷамъи адув; душман.

Ағниё–ҷамъи *ғанӣ;* доро, бобизоъат, сарватманд.

Аҳё–ҷамъи *ҳай*; қавму қабила ва низ зинда, нақизи майит.

Аҳлийят–шойистагӣ, сазоворӣ, истеъдод.

Аҷалл–бартар ва бузургтар; *аҷалли коинот*–миҳтар ё бузургтар дар миёни ҳастиёфтагон; *шайхи аҷалл*–шайхи бузургу гаронқадру олишаън.

Аҷз–дармондагӣ, нотавон шудан, ба сутӯҳ омадан.

Аҷлоф–ҷамъи *ҷилф*–ҷафокунанда ва хуми тиҳӣ ҳар чизи миёнтиҳӣ бошад.

Б

Баввоб–дарбон, нигаҳбони дар.

Бадеъ–тоза, нав, шигифт.

Байза–тухм, тухми мурғ.

Базаҳ–гуноҳ, хато, ҷурм.

Базл–бахшиш, инъом, иҳсон.

Базла–сухани хушу дилкаш.

Балиғ–фасеҳу расо.

Балийят–ранҷ, азоб, пешомади бад, бало.

Балоғат–расоӣ ва фасеҳийи сухан; дар истилоҳи адаб–овардани каломи мутобиқи иқтизои мақом ва муносиби ҳоли мухотаб.

Банда–чокар, ғулом, хидматгор.

Банди ғариб–фан ё усули ноошно.

Банӣ-амм–писарони амак, амакзодаҳо.

Баноти набот–(*банот*–ҷамъи «бинт» (духтар)-и арабӣ–духтарон), *набот*–гиёҳ, он чӣ аз замин бирӯяд, ба мисли гиёҳу дарахт); *баноти набот*–духтарони гиёҳ.

Бадахтар–бадбахт, тирабахт, бадтолиъ.

Бадрақа–нигаҳбон; нигаҳбонони қофила; муҳофиз.

Байдақ–муъарраби *пиёда* (дар бозийи шатранҷ).

Байлақон–шаҳре аз вилояти Арон, мобайни Шервону Озарбойҷон.

Байтор–пизишки чорпоён.

Бар, бари ширин–мева (ҳосил), мевайи ширин.

Бард–хунукӣ, сармо.

Барот–навиштае, ки ба мӯҷиби он дарёфт ё пардохти пулеро ба дигаре вогузор кунанд.

Басит–фарох, паҳновар, бузург.

Басеч–омодагӣ, сохтагӣ ва корсозийи сафар.

Бат(т)–мурғобӣ, урдак.

Батну фарҷ–киноя аз шикампарастиву шаҳватронӣ.

Баттол–бекора, муҳмал, дурӯғгӯ, ёвагӯ ва низ диловар, далер.

Батш–ҳамла кардан, тундӣ, сахтгирӣ.

Бағй–ситам кардан, саркашӣ , гарданкашӣ, нофармонӣ.

Баққол–хоруборфурӯш, дукқондори хурока.

Баҳҷат–шодмонӣ, суруру хуррамӣ, хубию тозагӣ.

Баҳойим–ҷамъи *баҳима*–сутур, чорпо.

Бедарег–бемузояқа, бебозгашт.

Бемуҳобо–бе риъояти хотири касе, бидуни андешаву тарсу истиҳола.

Бетавфиқ–бадкор, бадахлоқ.

Бетаҳошӣ–бе ҳеч парҳезу эҳтиёт (*таҳошӣ*–дурӣ гузидан, парҳез кардан).

Бидруд–бадруд, пидруд, падруд, видоъ, худоҳофизӣ.

Бизоъат–сармоя, дороӣ, колойи бозаргонӣ.

Бирка–ҳавзи об, толоб, истахр.

Бишоем–шоиста (ё сазовор) бошем.

Биҳ–биҳӣ (мева).

Бора–девор, девори қалъа, ҳисор; девори шаҳр.

Борӣ–Офаридгор, Худованд*; Борӣ Таъоло*–Худойи Бузург.

Босиқ–баланд, дароз, болида.

Булдон–ҷамъи билод, кишварҳо.

Булуғ–болиғ шудан, расидан ба ҳадди рушд, расидан ва ҷавон шудани кӯдак

Бун–бех, бунёд, поён; ҳар гоҳ баъд аз номи мева дарояд, дарахт маъно диҳад, мисли олубун, бодомбум, хурмобум.

Бурд–навъе порчайи катонӣ; *бурди ямонӣ*–порчайи катонийи мансуб ба Яман.

Бурҷ–кушк, қалъа ё манорайи канори қалъаро гӯянд баройи по-

сбониву муҳофазат ва низ ҳар як аз дувоздаҳ бахши фалак, амсоли Ҳуту Ҳамалу Ҷавзо…

Бутони яғмойӣ–зебосанамони Яғмо ва Яғмо шаҳре аз Туркистон, ки ба ҳуснхезӣ

шуҳрат доштааст.

Бухтӣ–шутури бузургҷусса.

Буқъа–хона, сарой; дунё, олам.

В

Валлоҳ-ул-мустаъон–Ёрӣ танҳо аз Худо ҷӯед.

Валаъ–ҳирсу алоқайи шадид ба чизе; озмандӣ, ҳарисӣ.

Валиниъмат–олиҳиммат, сахӣ; хоҷа мураббӣ.

Валиъаҳд–ҷонишин, касе, ки шоҳ ӯро дар замони салтанат ба ҷонишинӣ баргузинад.

Варо–сиво, ҷуз ва низ пас, ақиб, пушт, фарзанди фарзанд, набера.

Вақоҳат–бешармиву густохиву беадабӣ.

Вақф–чизе, ки назр карда шудааст (бахшида шудааст) ва низ таваққуф ва ист.

Ваҳал–ботлоқ, манҷалоб, лой.

Ваҳид–танҳо, ягона, якто ва низ касе, ки дар дониш ё ҳунаре назир надорад.

Ваҳм–гумони нодуруст, хаёл, тасаввур; биму тарс.

Ваҷҳ–рӯй, чиҳра, тариқа, ҷиҳат, қасд, нийят; дар форсӣ ба маънойи пулу мол ҳам мегӯянд; *чунин касонро ваҷҳи кафоф ба тафоруқ муҷрӣ доранд*–чунин касонро моли мавриди ниёз ба андак диҳанд; *ваҷҳи бомдодон*–маъоши фардо.

Восит–дар миён, он чӣ дар миёна бошад; касе, ки дар васат нишаста бошад.

Восиқ–бовардошта, мутмаъин.

Вофир–фаровон, бисёр, афзун.

Воқиф–огоҳ.

Воҷиб–сазовор ва лозим.

Вуҷуҳ–ҷамъи *ваҷҳ*–сабаб, иллат.

Г

Габр–зардуштӣ, пайрави зардуштия; оташпараст.

Газанд–осеб, озор, офат, ранҷ.

Газар–ҳавиҷ, сабзӣ, зардак; муъарраби он–*ҷазар*.

Гарива–тал, пушта, гарданайи кӯҳ; *рева* ҳам гуфта шуда.

Гармидор–гарммизоҷ.

Гарон (гирон)–сангин, вазнин.

Гизоф (газоф)–бисёр, беҳисоб; беҳад; беҳуда, абас, сухани ёфа.

Гозур(козур)–либосшӯй, ҷомашӯй.

Гузир–чора, раҳойӣ.

Гурбуз–фиребанда, зирак ва доно, ҳилагар.

Гусилонидан–гусастан, пора-пора кардан.

Гӯй (гӯ)–ҳар чизи гирди монанди гулӯла; тӯпе, ки бо он чавгон мебозанд.

Гӯшмолӣ–гӯшмол, танбеҳ; сиёсат, муҷозот.

Д

Дабиқӣ–абрешиме нафис, ки мансуб ба шаҳри Дабиқи Миср аст.

Далқ–дар форсӣ ба маънойи пӯстин ва ҷомайи дарвешӣ.

Дар пӯстин афтодан–ғайбат кардан.

Даракот–ҷамъи дарака, яъне, таҳ, нишеб; табақа ё пиллайи сарозеру нишеб; табақайи Дӯзах.

Дараҷот–ҷамъи дараҷа–поя, мартаба, рутба.

Дарвеш–тиҳидаст, бенаво, фақир, қаландар, гӯшанишин.

Даргузар–раҳгузар.

Дарёйи ҳафтгона–киноя аз ҳафт дарё (*дарё*–ба арабӣ *баҳр*), ки дар ҷуғрофиёи

қадим ба ҳафт иқлим нисбат дода шудаанд.

Дарнавардидан–гаштан, тай кардан, гузаштан.

Дарюза–гадой, гадойӣ; *ба дарюза омадан*–ба гадойӣ омадан.

Дасти карам баркушодан–хайру саховату бузургворӣ оғоз кардан.

Дасти татовул–зӯрӣ, густохӣ, дастдарозӣ.

Дағал–нодуруст, ҳилагар; *сими дағал*–пули қалб, носара.

Дақ гирифтан–айбҷӯйӣ ва эътироз кардан.

Даҳри мухолиф–дунёи носозгор, сарнавишти бад.

Даҷҷол–каззоб, бисёр дурӯғгӯ ва фиребдиҳанда; номи шахсе, ки гӯё дар охируз замон харсавор пайдо мешавад ва бисёре аз мардум фиреби ӯро мехуранд.

Дебо–навъе аз порчайи абрешимин; абрешими рангин.

Деҳхудо–райиси деҳ.

Димор ё дамор–табоҳ шудан, ҳалок, табоҳӣ; *дамор бароварданин*–интиқом гирифтан, ҷазо додан, нобуд кардан, ба сахтӣ куштан.

Диранг–таъхиру деркард ва сустиву оҳистагӣ ва саботу ором; зидди шитоб; низ садои занг, садое, ки аз баҳам хӯрдани ду чизи филиззӣ ё булӯр ё чинӣ баланд шавад.

Дироят–огоҳӣ доштан, донистан, фаҳмидан.

Дома мулкуҳу–фармонравоӣ (салатанат)-яш бардавом бод.

Доъӣ–дуъокунанда; касе, ки мардумро ба дину мазҳаби худ даъват кунад.

Доъия–иллат, сабаб, ангеза.

Дугонӣ бигузоридан–намози дуракъатӣ гузоридан (хондан).

Дудмон–хонадон, хонавода, хонумон, авлод.

Думрада–чаҳордастӣ.

Дун–паст, хасис, фурӯмоя, сифла.

Дунйӣ, дунё–зиндагонийи ҳозир; курайи замин, гетӣ, ҷаҳон, кайҳон.

Дур(р)–марворид.

Дурроъа–ҷомайи дароз, ки машойиху зуҳҳод мепӯшидаанд.

Дурушт–дағал, сахт, бузург.

Дурҷ–сандуқча; ҷаъбайи кӯчаке, ки дар он ҷавоҳир ё зеваролот (пирояҳо) гузоранд.

Душх(в)ор–душвору сахту мушкил; зидди осон.

Дӯшиза–духтар; духтари ҷавони шавҳарнокарда.

Дӯстор–аз «*daus-tar*» (форсийи бостон) ба маънойи ёр, рафиқ, дӯстдор; *дӯсторӣ*–ёрӣ, рафоқат, дӯстдорӣ.

З

Завол–нобудӣ, нестӣ.

Заврақ–киштийи кӯчак.

Зайбақ–симоб, ҷева.

Займарон–райҳон.

Зайғам–шер.

Закот–порае аз моли солиёна, ки дар роҳи Худо диҳанд; покиза кардани мол.

Залил–хор, бенаво, афтода, зерипо.

Залолат–гумроҳ шудан, гумроҳӣ.

Заман–вақт, ҳангом, рӯзгор.

Замин (дар навишти форсӣ бо «зо»)–хок, кишвар, мамлакат.

Замин (бо «зод»)–кафил, уҳдадори ғаромат, пойбанд.

Зам(м) (бо «зол»)–накӯҳиш, маломат, сарзаниш; бадгӯйӣ, ҳаҷв.

Замойим–ҷамъи *замима*, яъне, накӯҳида, зишт.

Замӣ–замин.

Занахдон–занах, манаҳ.

Занн–гумон, пиндор.

Зарандуд–олуда ба зар.

Зарбати лозим–захми собит ва ҷойгир.

Зари ҷаъфарӣ–зари холис.

Зарро–сахтӣ ва бадҳолӣ.

Зарқ–макр, фиреб, риё, дурӯягӣ.

Заъф–сустӣ ва нотавонӣ.

Зачур–ношикебу нолону малӯл.

Заҳир–ёру ёвар, мададгор, пуштибон.

Заҳра–талхадон, киса (халта)-и сафро, кисайи зардоб.

Зачр–рондан, бонг задан, манъ кардан.

Зикр–ёд кардан ва низ ба маънойи сано, дуъо, намоз, вирд.

Зил(л)–соя ва низ ба маънойи паноҳ ва торикийи шаб.

Зиллат–лағзиш, хато; ва низ ба маънойи миҳмониву арӯсӣ ё худ *валима*.

Зимом (дар навишти форсӣ бо «зо»)–лаҷом, инон, миҳор, банд.

Зимом(бо «зол»)–ҳақ, обрӯ, ҳурмат, воҷиб.

Зиндиқ–бедин, кофир; касе, ки дар ботин кофир бошад ва ба зоҳир худро бо имон намойиш диҳад; *зиндиқӣ*–зиндиқ будан.

Зод (дар навишти форсӣ бо «зо»)–тӯша, хуроки андак, таъом ё хуроки андак, ки гоҳи сафар бо худ баранд.

Зодбум–меҳан, ватан, маҳалли таваллуд, зодгоҳ.

Зоир–зиёраткунанда.

Зол–пир, фартут, пири сафедмӯй ва номи писари Сом–падари Рустам, ки ҳангоми таваллуд мӯйҳойи сараш сафед буда; Золи Зар ва Дастон ва Дастонзанд ҳам номида шудааст.

Зоҳид–порсо, парҳезкор; касе, ки тарки дунё гӯяду ба ибодат машғул шавад

Зухри замон–захирайи рӯзгор; шахсе, ки рӯзгор ё Худованд ӯро баройи корҳойи бузург захира кардааст.

Зул(л)–хорӣ, нармӣ, фурӯтанӣ.

Зуҳҳод–ҷамъи зоҳид.

И

Ибдоъ–нав пайдо кардан, нав падид овардан, чизи тоза овардан, эҷод, ихтироъ, ба тарзи нав шеър сурудан.

Ибриқ–зарфи обу шароб; офтоба, кӯза; муъарраби «обрез» , ба маънойи офтоба.

Иддат (ъидда)–ҷамоъат, шумора, шумор ва низ ба маънойи

рӯзҳойи ҳайз ва рӯзҳойи талоқи занон; муддате, ки зан пас аз фавти шавҳар ё гирифтани талоқ набояд шавҳар кунад.

Иёл ё аёл–зану фарзанд,; аҳли хона ва касоне, ки нонхури мард бошанд

Иёр (ъиёр)–миқёс баройи санҷиши холисии тилову нуқра ё он чӣ ки дар сойири чизҳойи сохташуда аз симу зар ба кор рафта; *сими бадъиёр*–зари нохолис ё бадсифат.

Иззат–ҳурмат ва арҷмандӣ.

Издиҳом–ҳуҷум кардан, анбуҳӣ кардан; ба ҳам фишор овардани ҷамъият ва ҳангома барпо кардан.

Изор (ъизор,)–рухсор, рӯй.

Икром–бузург доштан, гиромӣ доштан, эҳтиром кардан, бахшиш кардан.

Илзом–лозим гардонидан, воҷиб кардан, бар уҳда қарор додан.

Илоҷ–дармон.

Имзойи коре–равон кардани амре.

Имом–пешво.

Иморат (ъиморат)–ободонӣ, обод кардан, хона барпо кардан.

Имтиноъ–худдорӣ кардан, худдорӣ аз пазируфтани амре, бозистодан.

Имъон–диққату дурандешӣ дар коре.

Инод–ситеза кардан, каҷравӣ, гумроҳӣ, гарданкашӣ кардан.

Инон–лагом, лаҷоми асп.

Ирзи масун–номуси маҳфуз ва нигоҳдошта аз таъарруз.

Иродат–хостан; *иродати бечун*–машийят (хостан)-и Эзид, ки ба васф дарнамеояд.

Иртифоъ–баландӣ, устуворӣ.

Исён–нофармонӣ ва гунаҳкорӣ.

Исор–доду диҳиш, ато; бахшиш кардан; дигареро бар худ бартарӣ додан ва суди ӯро бар суди худ муқаддам доштан.

Истибсор–биноийӣ, бинодилӣ, талаби биноӣ кардан.

Истинос–унс гирифтан, хӯ гирифтан, улфат шудан.

Иститоъат–тавоноӣ доштан, сармоя доштан, тавоноӣ.

Истиъдод–омодагӣ, тайёр шудан ё тайёр кардан; қобилият, тавонойӣ, лаёқат.

Истиъорот–истиъора–чизеро ба орият (амонат) хостан аз касе; дар истилоҳи илми бадеъ иборат аз истеъмоли калимае дар ғайри маънойи ҳақиқийи худаш бар сабили орият ё овардани яке аз ду тарафи ташбеҳ… Мисол: «Моҳеро дидам, сар аз дарича берун кард». «Моҳ» дар ин ҷумла ба ҷойи калимайи маҳбубу маъшуқ ё зане зебо ба кор рафтааст.

Истиғфор–тавба, узрхоҳӣ.

Истиқсо–кӯшишу таҳқиқ дар амре, ба ниҳояти амре ё чизе расидагӣ кардан, баррасийи дақиқ кардан.

Истиҳқор–ҳақир доштан, кӯчак шумурдан.

Истиҳқоқ–шойистагӣ, сазоворӣ.

Иттилоъ–огоҳӣ, вуқуф.

Итоб–маломат кардан, сарзаниш кардан, хашм гирифтан, дуруштӣ кардан.

Ифлос–тиҳидастӣ, фақр, бенавойӣ.

Ишо–намози хуфтан; аввали торикӣ, аз фурӯ рафтани Офтоб то ними шаб.

Ишрат–дӯстӣ ва омезиш; суҳбат, хушдилӣ, хушгузаронӣ.

Иъодат–дубора гуфтани сухан; бозгардонидан, баргардондан; иъ*одати зикри он нокардан авло*–дубора ба забон наовардани он беҳ.

Иъроз–рӯй гардонидан, парҳез кардан аз чизе.

Иътоқ–банда озод кардан.

Иқд–шадда, зеби гардан; иқди Сурайё–галаситорайи Парвин.

Иқлим– мамлакат, кишвар, ноҳия, қитъае аз олам, ки аз лиҳози обу ҳавову сойири авзоъ ва аҳволи табиъӣ аз минтақа ва қитъайи дигар ҷудо бошад; пешиниён куллия хушкиҳойи оламро ба ҳафт қисмат тақсим кардаву қисматро иқлим номидаанд; *ақолим*–ҷамъи он.

Иқтидо–пайравӣ кардан, тақлиду пайравӣ аз имоми ҷамоъат.

Иқтисор–иктифо кардан, ба кӯтоҳӣ пардохтан.

Иҳмол–фурӯ гузоштан, вогузоштан, дар коре ё дар борайи чизе сахтиву танбаливу саҳлангорӣ кардан.

Иҳом–дар шакку гумону иштибоҳ андохтан; дар истилоҳи бадеъ–овардани калимае, ки ду маънӣ дошта бошад–яке қарибу дигаре баъид (наздику дур–*О. Ш.*); яъне, шоъир ё нависанда калимоте дар назм ё наср меоварад, ки иҳтимол ду маънойи мутазод диҳад. Мисол:

Дар гӯшае нишастаам акнуну ҳамчунон
Ҳастам зи дасти мардумаке чанд дар азоб.
Ман дардро ба гӯш наёрастаме шунид,
Акнун ба чашми хеш ҳамебинам ин иқоб!

(*иқоб*–шиканҷаву дард). Дар байти аввал тасаввур меравад, ки шоъир аз дасти мардум дар азоб будаву гӯшанишинӣ ихтиёр карда, аммо дар байти дувум эҳсос мешавад, ки шоъир аз дарди чашм нолидааст.

Иҳтилом– хоб дидан, ҷимоъ кардан дар хоб.

Иҷтиҳод–кӯшидан, ҷидду ҷаҳд кардан; дар истилоҳи фиқҳ– истинботи масоили шаръия аз Қуръону аҳодис ва иҷмоъу ақл.

К

Кавдан–кундфаҳм, камақл, танбал, аҳмақ.

Кадхудо–бузурги деҳу маҳалла, деҳхудо, бузурги хона ва низ шавҳар ё марди зандор.

*Каёнӣ (*аз *Каён)*–ҷамъи *Кай;* яъне, подшоҳи бузург ва номи силсилае аз подшоҳони эронии баъд аз Пешдодиён (бино бар «Шоҳнома»).

Камина–камтарин, камарзиш; *каминапешавар*–ҳунарманд ё косиби майдакор.

Карам–ҷавонмардӣ, бузургворӣ, ҷуд, бахшиш.

Карим–аз сифоти Худованд; бахшанда, сахӣ, соҳиби карам.

Кареҳманзар–зиштсурат, бадрӯй, нозебо.

Кареҳуссавт–бадовоз, нохушовоз.

Каримуннафси некмаҳзар–бузургманиши поксиришт.

Каромот–(ҷамъи «*каромат*»)– корҳойи хориқи одот, ки бар дасти авлиё (дӯстони Ҳақ) сурат пазирад.

Кароҳат–нописанд , нохуш доштан.

Каррубӣ (ҷамъаш *каррубиён*)–фаришта́йи муқарраб, фаришта.

Кафоф–он миқдор рӯзиву хурок, ки инсонро бас бошад; он чӣ ба қадри ҳоҷат бошад ва каму зиёд набошад.

Каффорат (каффора)–он чӣ ки ба василайи он гуноҳро бипӯшонанд ва ҷуброн кунанд, аз қабили рӯза гирифтан ва садақа додан.

Кафур–кофир, ногараванда, ҳақношинос, носипос.

Каъб–шитолинг; ҳар банди устухон; устухони дарози пушти по; тоси бозийи нард, ки мураббаъи шашпаҳлӯ буда, дар паҳлӯҳояш аз як то шаш хол насб шуда.

Каҳф–ғор, ғори бузург; паноҳгоҳ.

Киҳ, киҳтар–хурд, пастмартаба, зидди миҳ ва миҳтар.

Киёсат–зиракӣ, ҳушмандӣ.

Кирдгор–бисёркунанда, фаъъол; яке аз номҳойи Борӣ Таъоло.

Кисват–пӯшок, ҷома, либос.

Китоба–он чӣ бар сари дари масҷиду биноҳойи бузург ва бар санги гӯр нависанду нигор кунанд; *катиба* низ гӯянд.

Кифоят–кофӣ будан, бас будан, бас кардан.

Кобин–маҳр, маҳрия; пул ё чизи дигар, ки ҳангоми ақди никоҳ

ба зиммайи мард муқаррар мешавад.

Косид–беравнақ, беривоҷ.

Коффайи аном аз хавоссу авом–аном–мардум, офаридашудагон; *хавос*–ҷамъи хосса–касону наздикони касе ва низ ба маънойи бузургону баргузидагони қавм; муқобили авом. Маънойи ин ибора–ҳамайи мардум аз бузургону ғайрибузургон.

Куном–ҷойгоҳи ҳайвоноти чарандаву даранда, чарогоҳ.

Кунҳ–аслу гавҳару ҳақиқат ва поёну ниҳояти ҳар чизе.

Курбат–машаққат, азоб.

Кулӯхкӯб–олатест, ки кишоварзон бад-он кулӯхи калонро бикӯбанду бишкананд.

Кӯс–нақора ё табли бузург, дуҳул.

Кӯфта–нонхурише маъруф, ки аз биринҷу гӯшту сабзӣ (сабзавот) сохта ва пухта шавад.

Л

Лаъимуттабъ–фурӯмоя, хасис.

Лавм–сарзаниш.

Лавҳ–ҳар чӣ паҳн бошад (гирифта аз санг ё чӯб ё устухон ё филиз); қитъайи устухон ё филиззи паҳн, ки бар он бинависанд.

Ладға–неш задани мору каждум; газидан.

Лалъаҷаб–ай шигифт, шигифто.

Лангар–оҳанест бисёр вазнин, ки киштиро бад-он аз рафтор нигоҳ доранд.

Латифон–касони нарму меҳрбону хушхӯ.

Латифа–сухани борику намакин ва нуктайи ширин.

Лахте–қадре, андаке; порае, ҷузъе.

Лаъанаҳумуллоҳу ъалоҳидаҳ–лаънати ё нафрини Худой бар эшон ба танҳойӣ бод.

Лаҳву лаъаб–бозиву шӯхӣ.

Лизо–бино бар ин.

Лойим–сарзанишкунанда, маломатгар.

Лоша–ҷасад; одами лоғар.

Лоҳавл–мухаффафи калимайи *ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ*–нест неруву тавонойие, магар Худовандро; неруйи ҳусули ҳеч хайре ва тавони вусули ҳеч амре муяссар нест магар ба ёрийи Худованд ва таъйиди Яздон.

Лоҷарам,–ночор, ногузир; бино бар ин.

Лояд (аз лойидан)–зуза кашидан, нолидан, ҳарза гуфтан.

Ло яълам–нодон.

Луч–аҳвал, чапчашм, каҷчашм; касе, ки чашмаш печида бошад.

М

Маънус–унсгирифта, хӯгирифта.

Мабит–маскан, хобгоҳ, шабгузаронӣ.

Маваддат–дӯстӣ, ишқу маҳаббат.

Мавоҷиб–воҷиб ва муқарраркардашудаҳо ва низ ҷамъи *мавҷиб*–марг.

Мавоҷиби сукун –асбоби оромиши дил.

Маврус–ирсгузошташуда, моле, ки ба ирс ба касе бирасад.

Мавъиза–панду андарз, каломи воъиз, панд додан.

Мадфун–дафншуда, зери хокшуда.

Мадҳуш–саргашта, саргардон; беҳуш.

Мазаллат–хорӣ ва пастӣ; хор шудан.

Мазмум–нописанд, мазамматшуданӣ.

Мазаррат–зарар, зиён, газанд.

Мазанна /мазинна–ҷойи гумонбарӣ; ҷое, ки ба будани чизе гумон меравад; гумон, хаёл.

Мазид–афзунӣ, афзункардашуда.

Мазийят–афзуниву бартарӣ аз ҳайси илм ё ақл ё карам ё шуҷоъат ё шараф.

Макойид–макру ҳилаҳо.

Макорим–бузургиҳо ва ҷавонмардиҳо ва мардумиҳо.

Макориҳ–ҷамъи *макруҳ*–нописанд, нораво, шару бадӣ.

Макшуф–кашфшуда, ошкоршуда; бараҳна, бараҳнашуда.

Малакут–бузургӣ ва чирагӣ ва қудрату азамату султайи осмонӣ; олами фариштагон; ботини ҳар чиз.

Малоз–қалъа, диж, паноҳгоҳ.

Маллоҳ–киштибон.

Малоҳида–ҷамъи мулҳид–кофир, бедин, мункири Худованду пайравони Ҳасани Саббоҳро низ гуфтаанд.

Малоҳӣ–ҷамъи *малҳо*–ба маънойи олати *лаҳв* (саргармиву дилхушӣ).

Малҳуз–нигариста.

Малъун–рондашуда, лаънатшуда.

Малҷаъ–паноҳгоҳ.

Мамлуҳ–намакин ва ба маънойи дидашуда, душман.

Мамқут–тарафи буғзу душманӣ воқеъшуда.

Манзилат–пойгоҳу мартаба.

Маниъ–устувору баланд.

Ман(н)–некӯийи худро бар касе баён кардан, миннат ниҳодан.

Манофиъ–ҷамъи манфаъат–баҳра, фоида.

Маноҳӣ–корҳое, ки шаръан ё урфан манъ карда шудаанд.

Мансур (дар навишти форсӣ бо «сод»)–пирӯз, ғолиб.

Манҷалоб–оби бадбӯю гандида, ки дар як ҷо ҷамъ шавад.

Манҷфаз–роҳ, гузаргоҳ, сӯрох(ӣ).

Марази ҳоъил (дар навишти форсӣ бо «ҳо»-и ҳаввоз)–беморийи даҳшатнок, ҳавлнок, ваҳшатангез.

Мардашт–(ё Марвдашт)–номи яке аз бахшҳойи устони Форс (дар наздикийи Шероз).

Маръуб–тарсида, тарсонидашуда.

Масканат–фақру ҳоҷат.

Маслаҳат–он чӣ ки боъиси хайру салоҳу нафъу осойиши инсон бошад.

Масоъ–аввали шаб, сари шаб; шабонгоҳ; хилофи *сабоҳ*.

Масоъиб–ҷамъи *мусибат*–андӯҳ ва сахтийи расанда ба касе.

Масолиҳ–ҷамъи маслаҳат.

Масокин–мискинҳо, бенавоёну фақирон.

Мастур (дар навишти форсӣ бо «итқӣ»)–навишташуда, дар китобҳо навишташуда.

Матмаҳ–ҷойи назар андохтан, назаргоҳ.

Маъунат–васойити таъминот, нафақа, хурокворӣ.

Мафхар–ҷойи фахр кардану нозидан; он чӣ ба он фахр кунанд.

Махдум–хоҷа, сарвар, корфармо.

Махофат–тарсу нигаронӣ.

Махуф–бимнок; он чӣ ки аз он битарсанд.

Машмум–бӯйиданӣ; он чӣ ки бо бӯйидан дарк шавад.

Машойих–ҷамъулҷамъи шайх–ришсафедон, пирон, муршидон, олимони дин.

Машшота–шона, пироишгар, ороишгар.

Машғала–кору касбу пеша; он чӣ шахсро машғул кунад; доду фарёд, ҳаёҳу.

Маъдум–несту нобуд, хилофи мавҷуд.

Маъзул–бекор, гӯшанишин.

Маъзулӣ–гӯшанишинӣ, бекорӣ.

Машғулӣ–шуғл варзидан, андармони коре шудан.

Маълуф–улфатпайдокарда, унсгирифта.

Маъман–ҷойи амн, паноҳгоҳ.

Маъзул–аз кор барканоршуда.

Маълум–аз илм, ба маънойи донистан; нақдина ё моли маълум.

Маъосӣ–ҷамъи маъсият–нофармонӣ, гуноҳ; *маъосийи мункар*–

гуноҳи бад.

Маъраз–ҷойи нишон додани чизе, намойишгоҳ.

Маъсум–пок, покниҳод, боъисмат.

Маъҳуд–аҳдкардашуда, маъруф, дида ва шинохташуда, куҳнаву қадим.

Маъюб–айбнок гардонидан; айбнок, нуқсондор.

Мағиб–пинҳон шудан, дур шудан.

Мағора–ғор, каҳф, шикофи васеъ дар кӯх.

Мақдур–қудратдодашуда, он чӣ дар таҳти қудрату дархури тавонойист, амри ҳатмӣ.

Мақом–ҷойи иқомат, ҷойи истодан; манзилат, рутба, поя, ҷойгоҳ.

Мақсум–қисматшуда, бахшшуда, аз азал муайяншуда.

Маҳлика–ҳалокатгоҳ, ҷойи хавфнок, хатарнок; ҳалокат, хатар.

Мақол–гуфтугӯ, гуфтор, сухан.

Маҳобат–тарсу бим.

Маҳрум–бебаҳрагардонида.

Маҳҷуб–боҳиҷоб, рӯйпӯшида.

Маҳҷур–ҷудомонда, дурафтода.

Миҳин–(таркибёфта аз *миҳ*–бузург ва пасванди *-ин*) бузургтарин, бузург.

Миҳнат–ранҷу балову азоб.

Миҳтар–бузургтар.

Миннат–сипос, шукр; иҳсон, некӣ, марҳамат.

Мино–обгина, шиша; обгинайи рангин, ки рӯйи онро бо тило ё нуқра наққошӣ мекунанд; *хурдайи мино*–гулҳойи рангоранг.

Мирваҳа–бодзан, бодбизан.

Миркан–лаган ва тағор (тағора)-и бузург.

Мискин–фақир, бенаво, дарвеш, бечиз.

Миъсам–банди даст.

Миъбар–гузаргоҳ; ҷойи муайяни киштигузари дарё.

Миқвад–ресмон, расан; ҷилав, инон.

Миҳакк–санге, ки бар он симу зар иёр кунанд.

Миҳор–чӯбе, ки бар бинийи шутур кунанду ресмоне бар он банданд; зимом.

Мозӣ–гузашта, пешин, собиқ.

Мо маозо–он чӣ гузашт.

Мост–ҷурғот.

Мохӯлиё (*молихулиё)*–суханҳойи парешону дардисаровар; як навъ беморӣ.

Моҳазар–он чӣ ҳозир ва мавҷуд аст, хуроки сода.

Моя–миқдор, андоза; дастгоҳу сомон; бунёди чизе; дар истилоҳи тиб доруе, ки баройи ҷилавгирӣ аз мараз ба бадани инсон дохил кунанд; «воксин».

Муъайяд–тасдиқшуда, таъйидшуда.

Муассир–асаргузор, таъсирбахш.

Мубаззир–исрофкор, беҳудахарҷ; *мубаззирӣ*–исрофкорӣ.

Мубаййин–баёнкунанда, ошкоркунанда; *мубайян*–баёншуда, ошкоршуда.

Мубоҳ–раво, ҷойиз.

Мувоҳҳид–яктопараст, инсони роҳи Худованд.

Мувоҷҷаҳ–соҳиби ҷоҳу мақом; хубу писандида; калом ё узре, ки бо далелу бурҳон писандида бошад.

Мувозабат–нигаҳбон ва муроқиб; касе, ки пайваста ба коре ё амре нигаҳбонӣ кунад; пайваста дар коре будан.

Мувозана, мувозанат–ҳамвазн кардан, санҷидани ду чиз ва баробар кардани онҳо бо ҳам ва дар истилоҳи илми бадеъ он аст, ки шоъир аз ду мисраъ аз шеър калимоте ҳамвазн биоварад ва онро *мумосала* ҳам гуфтаанд.

Мувофақат–созгорӣ, бо ҳам созиш кардан, ҳамроҳ шудан.

Мувоҷаҳа–рӯёрӯй шудан, рӯбарӯ шудан бо касе.

Мудаббирон–чорасозон, тадбиргарон, вазирон.

Муддаъӣ–хоҳон, даъво ё иддиъокунанда.

Мудовамат–давом додан, идома додан, пойдорӣ ва сабот дар коре, пайваста пайи коре будан.

Мудоро–бо нармиву ҳусни хулқ бо касе рафтор кардан, лутфу меҳрбонӣ.

Мудоъабат–шӯхӣ, мазоҳ кардан; мулоъабат.

Музакко–покизакарда ва ҳалол, закотпардохта.

Музоддат–бо ҳам мухолафат кардан, зиддият.

Музояқа–бар касе сахгирӣ кардан; *музояқа кардан*–аз анҷом додани коре баройи касе худдорӣ кардан.

Мулаввас–палиду олуда шудан.

Мулотафат–некӯйӣ ва нармӣ кардан, нисбат ба касе лутфу меҳрбонӣ кардан.

Музаффар–пирӯз, ғолиб.

Музоъаф–ду баробар, дучандон.

Музӣ–азийяткунанда, озоррасонанда.

Мукаррар–такрор, дубора гуфтан, бозгӯ шудан.

Мукошафат–ошкор кардан, кашф кардан, амреро зоҳир кар-

дан.

Мукнат–қудрат, тавонойӣ, неру, тавонгарӣ.

Муктасаб–дороийи бадастовардашуда.

Мулозим–хидматгор, чокар.

Мулозамат–хидмат, доим дар хидмати касе будан.

Мулотафат–меҳрбонӣ, нармӣ, илтифот.

Мулоъабат–шӯхӣ, бозӣ кардан бо ҳам.

Мулҳид–кофир, бедин, мункири Худованд.

Мулук–ҷамъи малик; подшоҳ.

Мулаъ–озманду ҳарис ва бисёр моил ба чизе.

Мумид(д)–мададкунанда ёрикунанда.

Мумтаниъ–душвор.

Мунаггас–тира, ногувор, мукаддар.

Мунаҷҷим–ситорашинос.

Мунис–ҳамдам.

Мункар–кори зишту нописанд, амали баду ношойиста; номи яке аз ду фариштаи Накиру Мункар, ки мегӯянд, дар гӯр ҳозир мешаванду аз мурда пурсиш мекунанд.

Мунодамат–ҳамнишинӣ.

Мунозара–дар амре бо ҳам баҳсу гуфтугӯ кардан.

Муносабат–бо ҳам нисбат доштан, хешӣ доштан; ҳамшакл; наздик ба ҳам, дархур, шойиста.

Муносаҳат–андарз додан, ҳамдигарро насиҳат кардан.

Мунсариф–баргарданда, бозгашткунанда; *мунсариф кардан*–дур кардан.

Мунтаҳӣ–ба поён расанда, баохиррасида.

Мунъадим–нобуд, нест шудан.

Мунъим–ниъматдиҳанда.

Мунқазӣ–сипарӣ.

Мунқатъ–бурида, гусаста, пора–пора.

Мунҳанӣ–хамида, кач.

Муъохазат–касеро ба гуноҳе гирифтан ва озор кардан.

Мураббӣ–устод, раҳнамо, муршид.

Мурассаъ–гавҳарнишон, ба гавҳар ороста.

Мураққаъ–ҷомайи пина ё дарбеҳдору пора-пораи ба ҳам дӯхта; хирқае, ки пинаҳойи чаҳоргӯша дошта бошад.

Мурдод–моҳи панҷум аз соли хуршедийи эронӣ, мутобиқ ба 23 июл–22 август.

Мурдор–мурда, ҳайвони худмурдайи бӯйгирифта.

Муросала–ба ҳам нома навиштан, нома фиристодан.

Мурофақат–ҳамроҳу ҳамсафар шудан.

Муроқабат–нигаҳбонӣ кардан, зери назар қарор додан.

Муртаҳан–чизи ба раҳн гирифташуда; чизе, ки дар гарав бошад.

Мурувват–ҷавонмардӣ, мардонагӣ, нармдилӣ.

Муршид–роҳбар ва раҳнамо.

Мусаввар–сурати наққошишуда; ба назар намоён, аксёфта.

Мусаммам–қарори қатъӣ, қатъӣ.

Мусаҳҳаф–калимае, ки ҳангоми навиштан ё хондан тағйир дода шуда бошад, масалан ба ҷойи «китф» «кифт».

Мускир–чизи мастиоваранда, мисли шаробу арақу ҳоказо.

Мусомаҳат–ба нармиву мудоро кор гирифтан; осон гирифтан.

Мусораъат–гуштигирӣ, бо ҳам гуштӣ гирифтан.

Муставлӣ–чира, мусаллат.

Муставҷиб–сазовор, сазоворшаванда.

Мустамиъ–шунаванда.

Мустасқо–он ки об баройи ошомидан хоҳад.

Мустахлас кардан–раҳо кардан, озод кардан, халосӣ бахшидан.

Мустафид–истифодакунанда, фоидагиранда.

Мустаъҷил–шитобкор.

Мустаҷобуддаъва–касе, ки дуъояш иҷобат (қабул) шавад, пазируфтадуъо.

Мустағриқ–ғутаваршуда, фурӯрафта.

Мустақбиҳ–зиштшумуранда.

Мусҳаф (мисҳаф, масҳаф)–китоб; номаҳо ва авроқе, ки онҳоро дар як ҷилд ҷамъ оварда бошанд; ба маънойи Қуръон низ мегӯянд.

Мутабаҳҳир–бисёр доно, касе, ки дар илм маълумоти фаровон дорад.

Мутаваққиъ–таваққуъдоранда, уммедвор; касе, ки аз дигаре чизе таваққуъ дорад.

Мутайяб–атромез, хушбӯй.

Мутакаллим–такаллумкунанда, сухангӯ;суханвар, сухандон; донандайи илми калом.

Муталаҳҳиф–андӯҳгин, дареғхӯр.

Мутамаккин–ҷойгирифта, ҷойгузин; м*утамаккин шудан*–ҷойгир шудан, ҷой гузидан.

Мутаматтиъ–баҳраманд, бархурдор.

Мутанаъъим–молдор, соҳиби ниъмат; касе, ки дар нозу ниъмат ва бархурдор аз лаззоти зиндагӣ бошад.

Мутараддид–дудила ва саргашта.

Мутарассид–чашмбароҳ, мунтазир, интизордоранда.

Мутарассил–касе, ки рисола менависад; номанавис, дабир.

Мутараққиб–чашмдоранда, интизоркашанда.

Муттасиъ–фарох, боз, васеъ.

Мутаттаббиъ–мутолаъакунанда, таҳқиққунанда.

Муматтаъ–баҳараёб, бархурдор.

Муттафиқ–бо ҳам яке шуда, ҳамъаҳд.

Мутаъаббид–ибодаткунанда, бисёр ибодаткор.

Мутаъаввид–одатпазир, хӯгиранда.

Мутаъаййин–зоҳиру ошкор ва низ шахси бузургвору сарватманд.

Мутаъаллим–донишҷӯ, талабгори илм.

Мутаъаллиқ–алоқаманд, вобаста, дахлдор; хешон, пайвандон; моил, дӯстдор.

Мутаъаннит–он ки хоҳони хориву зиллати касе бошад, озоррасонанда.

Мутаъарриз–эътирозманд, касе, ки ба дигарон эътироз ё дастдарозӣ бикунад.

Мутағаййир–дигаргун.

Мутақаддимон–пешиниён, гузаштагон.

Мутаҳаллӣ–ороста, зевардор, зинатёфта.

Мутаҳаррик–ҳаракаткунанда, раҳрааванда.

Мутақаббил–пазиранда, қабулдорам.

Мутаҳовин–касе, ки дар коре сустӣ мекунад; саҳлангор, ғафлатзада.

Мутаҷаллӣ–ошкоршаванда, зоҳиршаванда.

Мутоваъат–фармонбурдорӣ.

Муфарреҳ–фараҳовар, шодкунанда; доруйи қувватдиҳандайи қалб.

Муфлис–тиҳидаст, фақир, нодор.

Муфоваза–муъошарат, ҳамхобӣ ва низ баробарӣ кардан дар амре.

Муфорақат–ҷудойӣ, фироқ.

Муфсид–бадкор, вайронкор, фосидкунанда, бадахлоқ.

Муфтатан–дар фитнаафканда ва шефтагардонидаву ба гумроҳӣ афтода.

Муфтақир–мӯҳтоҷ, ниёзманд.

Мухаббат–касе, ки ақли солим надошта бошад; аз ҳоли иътидол беруншуда..

Мухаллас–халоскардашуда, раҳойиёфта.

Муханнас–марде, ки ҳолоту атвори занонро аз худ намойиш диҳад; занмонанд; киноя аз марди бадкор.

Мухлис–дӯсти поку бериё ва беолойиш; касе, ки кори бериё анҷом бидиҳад, ҳаводор, ихлосманд.

Мухолатат–бо ҳам омезиш ва муъошарат доштан; омехта кардан.

Мушир–ишоракунанда машвараткунанда.

Мушобаҳат–монандӣ, ҳамгунӣ.

Мушоҳада–нигаристан, нигоҳ кардан, ҳозир будан.

Мушоҳара–моҳиёна, маоши мавоҷиби якмоҳа.

Мушрик–касе, ки бароиии Худо шарик фарз кунад; касе, ки ба худоёни мутаъаддид ақида дошта бошад.

Муштағил–саргарм, машғул.

Муштақ–чизе, ки аз чизи дигар ҷудо шуда, ҷудогардида, калимае, ки аз калимайи дигар (калимайи аслӣ) гирифта шуда, монанди «нола», «рафтор», «кирдор», ки аз «нолидан», «рафтан», «кардан» муштақ шудаанд.

Муълам–нақшдор, рангоранг, мунаққаш.

Муъодала (*муъодалат)*–баробар кардан, ҳамвазн кардани ду чиз; баробарӣ, ҳамвазнӣ.

Муъомала, муъомалат–рафтор ва доду ситад, бо ҳам доду гирифт кардан.

Муъонид–душман, ситезакунанда, инодкор.

Муътабат–ба касе хашм гирифтан ва сарзаниш кардан.

Муъоқабат–сазо додан бароиии гуноҳу кори бад; озору шиканҷа.

Муъояна–бо чашм дидан, рӯбарӯ чизеро дидан.

Муътамад–фарди мавриди иътимод.

Муъҷиб–хештанбин ва худписанд.

Муъотабат–сарзаниш, итоб, хашм.

Муътакиф–гӯшанишин,ниг. окиф.

Муқарраби ҳазрат–аз наздикони (ҳазрати) султон.

Муқбил–соҳибиқбол, хушбахт; рӯй ба чизе ованда.

Муқрӣ–хонанда; касе, ки таълими хондани Қуръон бидиҳад ва низ хонандайи Қуръони Маҷид, Қуръономӯз.

Муҳаққиқ–ҳақиқатшинос, пажӯҳандайи ҳақиқат.

Муҳмал–саҳлу беаҳаммийят.

Муҳовара–гуфтугӯ, суҳбат.

Муҳол–амри номумкин, кори ношуданӣ.

Муҳтамал–иҳтимолдошташуда, амре, ки вуқуъи он тахмин ра-

вад, шояд.

Муҳтамил–бардорандайи бор, сабру тоқаткунандайи бор (-и гарон).

Муҳтасиб–доруға, кадхудо, нигаҳбон; маъмури ҳоким, ки вазифааш амр ба маъруфу наҳй аз мункар буда; башумороваранда.

Муҷаввaф–ковок, он чӣ миёнаш тиҳӣ шуда бошад.

Мӯҷиб–боъис, сабаб, ангеза.

Муҷоварат–ҳамҷаворӣ, ҳамсоягӣ.

Муҷодала–баҳс, ҷидол.

Муҷоласат–ҳамнишинӣ.

Муҷонабат–дурӣ гузидан, канора ҷустан.

Муҷоҳада–кӯшиш кардан; мухолифат бо ҳавойи нафс.

Муҷрӣ–иҷрокунанда.

Мӯриёна–зангоре бошад, ки оҳану фӯлодро зойъ кунад.

Н

Набз–дар арабӣ ба маънойи ҷунбидани раг; дар сиёқи форсӣ раги ҷунбандайи даст бошад, ки пизишк баройи озмудани ҳоли бемор бар он сарангушт ниҳад.

Надомат–пушаймонӣ, афсӯс, андӯҳ.

Назиф–тоза, покиза.

Назр–шарту паймон; он чӣ шахс бар худ воҷиб кунад, ки дар роҳи Худо бидиҳад ё ба ҷо орад.

Назъ–кандани чизе аз ҷое; ҷон кандан, ҷон додан.

Наййин (хонайи наййин)–аз най сохташуда.

Накбат–ранҷу сахтӣ.

Намат–тариқа, тарз, равиш.

Намоз–парастиш ва хидматгорӣ ва ниёз.

Нафй–дур кардан, нест кардан; зидди собит кардан; рондан ва берун кардани касе аз шаҳре ба шаҳри дигар.

Нафси аммора–нафси шайтонӣ, ки инсонро ба ҳавову ҳавас ва корҳойи ношойиста вомедорад.

Нафур–раманда, гурезон.

Нахли босиқ–дарахти баланд.

Наъам–оре, бале.

Наъйиб–бонги зоғ ё калоғ.

Наъим–ниъмат, мол; хуррамӣ, сурур ва саъодатмандӣ; *наъими муқим*–ниъмати собиту доимӣ.

Наът–васф ё ситойиш кардан; сифат.

Наъш–ҷаноза, тобут; дар форсӣ ба худи мурда ҳам итлоқ ме-

шавад.

Наъузу биллоҳ–паноҳ мебарем ба Худо.

Нақди кисайи ҳиммат–зару сими ҳамёни андешаву қасд.

Нақс–кам шудан, коста шудан, камӣ, костӣ.

Наҳй–боздоштан, манъ кардан; хилофи амр.

Наҷм–ситора; *наҷми саъодат*–ситорайи хушбахтӣ.

Некмаҳзар–покизаниҳод, он ки дар ғайбат ба некӣ аз мардум ёд мекунад.

Нигорин–оройишдида, зинатёфта, ороста, пироста, рангин; зебохубрӯй, маъшуқа, маҳбуба.

Нифоқ–дурӯӣ, макру фиреб; *ба нифоқ*–ба дурӯйӣ, мунофиқона.

Нишемани узлат–гӯшайи танҳоӣ.

Нишони мулоъабат ва бисоти мудоъабат–мулоъабат–бо ҳам шӯхиву бозӣ кардан; *мудоъабат*–улфатӣ (ё шӯхӣ) кардан.

Ниҳуфт–ниҳуфтан–пӯшида ва пинҳон кардан.

Ниюшидан–шунидан, гӯш кардан; *манюш*–гӯш макун.

Ной –ҳалқ, ҳалқум, гардан; *силсила дар ной*–занҷир дар гардан.

Номустаъид–беистеъдод, белаёқат.

Нониҳода–рӯзийи номуқаддар; рӯзие, ки дар насибу тақдир набошад.

Нофир–нафратдоранда, раманда ва низ ба маънойи ғолиб, чирашаванда.

Носиҳ–насиҳатдиҳанда, андарзгӯй, хайрхоҳ.

Носия–пешонӣ.

Нузул–фуруд омадан.

Нузҳат–покӣ, покизагӣ, покдоманӣ, хушҳолӣ, хуррамӣ.

Нуқсон–кам шудан, коста шудан; камию костӣ; ин калима дар борайи дин ва ақл истеъмол намешавад ва наметавон гуфт: «нуқсон» дар ақл ё дини касе пайдо шуда. Бояд гуфт: *нақс* дар дин ё ақли ӯ рух дода.

О

Обгина–шиша, булӯр, ойина.

Обид–ибодаткунанда, парастанда, порсо; касе, ки Худоро парастиш мекунад.

Оз–тамаъ, талаб, дарюза, гадойӣ.

Озари буттарош–Озари бутгар; *Озар*–падар ё амаки Иброҳими расулуллоҳ, ки бутпараст буд; Иброҳим ӯро ба ягонагийи Ҳақу роҳи рост хонд, аммо напазируфт ва Иброҳимро аз худ биронд.

Озармҷӯй–обрӯталаб, бошарм, афиф, боинсоф.

Окан, оган–феъли окандан–пуркардан, анбоштан.

Окиф–гӯшанишин; касе, ки баройи ибодат дар масҷид ё гӯшайи дигаре иқомат кунад, муътакиф.

Омоҷ–тӯдайи хок, ки нишонайи тирро рӯйи он қарор бидиҳанд, нишон, нишонайи тир, ҳадаф.

Омӣ–нобино, бесавод, нодон; касе, ки қодир ба тамйизи роҳи худ набошад.

Ораз–рухсор, рӯй.

Ориф–доно, шиносанда, худошинос, сабур, шикебо.

Осӣ–нофармон, саркаш, гуноҳкор.

Офият–тандурустӣ, сиҳҳати комил, растагорӣ.

Охар–дигар, ғайр, яке аз ду чиз ё ду кас; *охир*–пасин, бозпасин, поён, саранҷом, зидди аввал.

Оқибатуламр–дар поёни кор, саранҷом.

Оҳанги ҳиҷозӣ–номи навое аз мусиқӣ, *пардайи Ҳиҷоз.*

Оҳод–ҷамъи аҳад, ба маънойи як, яке.

Оҷ–дандони фил, ки гаронбаҳост ва баройи сохтани баъзе ашё ба кор равад.

Оҷил (ъоҷил)–шитобанда, шитобкунанда, бемуҳлат, ин ҷаҳон; зидди *оҷил.*

Оҷил ё оҷул–оянда, дероянда, муддатдор, охират; зидди *оҷил.*

П

Пайкон–тир, сарнайза, қитъайи оҳани нӯктези сари тир ё найза.

Парда–чодар, рӯпӯш; порчае, ки ба дари хона овезон кунанд.

Пардадор–дарбон, ҳоҷиб.

Пардайи «Ушшоқ» ва пардайи «Хуросон» ва пардайи «Ҳиҷоз»–ҳар кадом номи навое аз мусиқист.

Парниёну насиҷ–ҳарир ё абрешими гулдор ва матоъи бофта, газвор.

Парокандарӯз–касе, ки бисоти ризқаш фароҳам набошад.

Пашиз–пули хурди филиззийи камарзиш; пули сиёҳ.

Пеш аз вақти маълум–пеш аз аҷал.

Пилавар–шахсе, ки доруву аҷноси атторӣ ва сӯзану абрешим ва муҳраву амсоли он ба хонаҳо гардонаду фурӯшад.

Поймардӣ–ёрӣ, кумак, миёнҷигарӣ, шафоъат.

Порсо–некӯсурат, некдил, покдоман, солиҳ, худотарс, парҳезгор.

Р

Равандайи беиродат–солики ноогаҳ.

Радди ҷавоб–одоби посухдиҳӣ.

Радӣ–табоҳ, ҳалокатбор.

Раз–ниҳоли ток ё ангур.

Разияллоҳу ъанҳу–хушнуд бод Худой аз ӯ.

Рамақ–ними ҷон, боқийи ҷон.

Раъийят–оммайи мардум.

Раҳил–риҳлаткунанда, раванда, кӯч.

Раҳим (дар навишти форсӣ бо касри «ҳ»)–заҳдон, баччадон, хешӣ.

*Раҳим (дар навишти форсӣ бо **«ё»-и «ҳ»**)*–раҳмкунанда, бахшоянда, меҳрбон.

Раҳматуллоҳи алайҳ–бахшойиши Худо бар вай бод.

Раяъони ҷавонӣ–оғози ҷавонӣ, биҳтарин мавсими ҷавонӣ.

Рев–макру ҳила, тазвиру фиреб.

Реш–захм, ҷароҳат.

Рибот ё работ–ришта ва он чӣ ки бо он чизеро ба чизи дигар бибанданду пайванд диҳанд; ришташо ва пайҳое, ки устухонҳойи баданро ба ҳам пайванд медиҳад, *зардпай*; ва низ ба маънойи миҳмонсаро ва корвонсаройи миёни роҳ ва хонақоҳ ва ҷойҳое, ки баройи фуқарову бенавоён сохта шавад.

Ризқи мақсум–рӯзийи ниҳода ва бахшида.

Ринд–ҳилагар, зирак, бебок, беқайд; мункире, ки инкори ӯ аз умури шаръия аз зиракӣ бошад, на аз ҷаҳл; гоҳ ин калима ба маънойи мазмум (бад, зишт, мазамматшуда) ба кор намераваду дар ашъори орифона бештар ба маънойи солики аз қайди алойиқ раста меояд.

Рисолат–нома; пайғом бурдан, пайғомбарӣ.

Рифқ–нармӣ ва мудоро кардан.

Риққат–раҳмат, шарм, нозукӣ, нармӣ, меҳрбонӣ, шафақат, латофат.

Ромиш–мухаффафи оромиш–осоиш, осудагӣ, шодмонӣ.

Росих–устувор, побарҷо, собит.

Роъӣ–чӯпон, рамабон, шубон.

Роят–дирафш, парчам.

Руй–филизест сафедрангу каме мойил ба кабудӣ, ки баройи сохтани анвоъи зуруф ва бархе чизҳойи дигар ба кор мебаранд.

Руйин–чизе, ки аз рӯй сохта шуда бошад; муҳкам, устувор.

Рухом–санги мармар.

Руқъа–нома, навиштаварақ; пина, ки ба либос бидӯзанд; тикка ва порайи чиз.

Руқъайи муншаот–номайи навишта.

Руҳҳон–афзун омадан, бартарӣ ва афзунӣ.

С

Сабил–роҳ.

Сабоҳ–бомдодон, субҳ; *ъалассабоҳ*–субҳгоҳ, дар субҳ.

Сабоҳат–хубрӯйӣ, зебойӣ.

Сабуксор–сафеҳ, бехирад, худрой, фурӯмоя, паст; *сабуксар* ё *сабукмағз* ҳам гуфта шуда.

Саврат–тундиву тезӣ, ҳиддату шиддат.

Сад(д) (дар навишти форсӣ бо «син»)–боздоштан ва устувор кардан; банду ҳоил; *садди рамақ*–нигаҳдошти ними ҷон.

Сад дирам санг–дирам–пули хурди сабук; *санг*–(ҷисми сахте, ки дар замину маъдану кӯҳ ба ақсому рангҳойи мухталиф вуҷуд дорад); ба маънойи вазну қадру виқор ҳам гуфта шуда; *сад дирам санг*–ба қадри сад дирам сабуку андак.

Садмат (маҷозан)–савлат, ҳайбат, ҳамлаву ҳуҷум.

Сайд— шикор, *саги сайд*–саги шикорӣ.

Сайф (дар навишти форсӣ бо «сод») -у шито–тобистону зимистон; гармову сармо.

Саллалоҳу ъалайҳи васаллам–дуруду саломи Худой бар ӯ бод.

Салим–бегазанд аз офат, солими дуруст.

Салоҳ–хайру некӣ.

Самин (*дар навишти форсӣ бо «со»-и мусаллас*)–гаронбаҳо.

Самин (бо «син»)–фарбиҳ, чоқ.

Самоҳат–ҷавонмардӣ, бахшиш.

Самум–боди гарм, боди заҳрогин.

Санам–бут, дилбари зебо.

Сангхурда–порасанг.

Санъати истихдом–иродайи як лафз ба ду маънӣ.

Сар–узви бадани инсону ҳайвон; раъис, сарвар, сардори лашкар; оғозу ибтидо; майлу рағбат, ишқу маҳаббат.

Сарир–тахт, тахти подшоҳӣ, авранг.

Сареҳ–равшан ва ошкор.

Саркаш–гарданкаш, мағрур, тавоно, сарфарозу сарбаланд.

Сароча–саройи кӯчак, хонайи андарунӣ, саройча ҳам гуфта шуда.

Сарпанҷа–қавидаст.

Сарро–осонӣ.

Сарҳанг–сардор ва пешрави сипоҳ.

Сатват–шавкату шукӯҳ, қувват, қаҳр, сахт гирифтан.

Сафват–покиза ва баргузида, холис.

Сафеҳ–нодон, сабукақл, бехирад.

Сафоҳат–сабуксорӣ, нодонӣ.

Сафий(й)–дӯсти мухлису якдил, баргузида, баргузидаву холис аз аз ҳар чизе.

Саъат–фарохӣ, вусъат, тавонгарӣ, тавоноӣ.

Сақат гуфтан–бад гуфтан, душном додан.

Сақим–бемор, мариз.

Саҳлхӯй–нармрафтор, нармхислат.

Саҳмгин–хавфнок, пурбим, тарснок.

Сиддиқ–касе, ки бисёр ростгӯй асту дурусткирдор.

Сиёҳ–ҳар чизе ба монанди ангишт тираву шабгун; ва низ ба маънойи одами сиёҳпӯсту ғуломи ҳабашӣ.

Силаҳшӯр–марди ҷангиву далер ва доройи силоҳ.

Силоҳ (дар навишти форсӣ бо «сод»)–созиш кардан, оштӣ кардан, неку некӯкор шудан.

Силӣ–тапонча ба бехи гӯш, торсакӣ, шапалоқ.

Силсила–занҷир.

Симот–суфра, дастархон, он чӣ бар замин густуранд ва ба рӯйи он таъом бигзоранд ва низ ба маънойи назм, саф, рада, раста.

Сипар бияндохт–шикаст хӯрду таслим шуд ва даст аз мубораза бардошт.

Сир(р)–роз, амри пӯшида; *асрор*–ҷамъи он.

Сит–овоза ва номи нек.

Сифла–нокас, дун, фурӯмоя ва паст; *ҳарифи сифла*–надими паст.

Сияр–ҷамъи сират.

Сиёҳгӯш–пистондорест гӯштхор аз гурӯҳи гурбасонон, аз ҷинси юзпаланг, ки аз юзпаланг кӯчактар асту қадаш ба андозайи рӯбоҳ мерасад ва махсуси навоҳийи гарми Осиёву шимоли Африқост.

Сойир–ҳама, дигарон.

Соил–гадой, дарюза.

Солик–раванда, пайрав, порсо, зоҳид, ориф; *солики тариқат*–толиби роҳи васлати Ҳақ Таъоло.

Солиҳ–порсо, некӯсурат, некдил, покдоман.

Соъид–(бо син) дасти инсон, аз сарангушт то оринҷ.

Соҳибдил–ориф, Худошинос, порсо, далер.

Соҳӣ–ғофил ва фаромӯшкор.

Сояпарварда–бо ноз парваришёфта, нозпарвар.

Субҳон–покиза кардан; ба покӣ ёд кардани Худованд.

Субҳоналлоҳ–поку муназзаҳ аст Худованд; дар мақоми таъаҷҷуб ҳам мегӯянд.

Суккон–думи киштӣ, ки ба манзалайи миҳор ва фармони он бошад.

Сулаҳо–накӯкорон; ҷамъи солиҳ.

Суннат–табиъат ва равиш.

Сурра–ҳамёни тангаву тило; кисае, ки дар он пул ниҳанду бар миён банданд.

Сурат (дар навишти форсӣ бо «син»), сура–фазл, шараф, манзилат; фасл ё қитъае аз китоб; як фасл аз Қуръон; ҳар як аз фаслҳойи саду чордаҳгонайи Қуръони Маҷид; *сурати мактуб*–сурайи навишта.

Сутур–чаҳорпо, ҳайвон.

Сутурда–ситурда, тарошидашуда, покшуда.

Сутӯҳ–хаста, дармонда, афсурда, ранҷур.

Сухра–касе (чизе), ки мардум ӯро ришханд кунанд; касе, ки дигарӣ ӯро ба кори бемузд во дорад.

Суъбон–мори бузург.

Суғур (дар навишти форсӣ бо «со»-и «мусаллас»)–марзҳо, ҷамъи *сағр*–марз.

Суҳайл–ситораест дар наздикийи қутби ҷануб, ки дар шабҳойи поёни тобистон дида мешавад, ки дар тулуъи он *фавокиҳ* расида шаванду гармо ба поён расад; ба форсӣ онро *парак* мегӯянд.

Т

Таъаммул–андеша, фикру мулоҳаза; жарфандешӣ; андешайи амиқ.

Таъдиб–адаб омӯзондан; нигаҳдошти ҳадди ҳар чизеро ба касе омӯхтан.

Табарро–безорӣ ҷустан, дурӣ ҷустан.

Табиъатшинос–пизишки ошно ба мизоҷ.

Табла–табли кӯчак, сандуқча, қутӣ.

Табъ (дар навишти форсӣ бо «итқӣ»)–сиришт, хӯй.

Таваккул–кори худро ба Худо вогузоштан ва ба умеди Худо будан; ба дигаре иътимод кардан.

Таваққуъ–интизор, чашмдошт ё умедвори чизе будан.

Тавбих–сарзаниш ё накӯҳиш кардан.

Тавдиъ –видоъу падруд гуфтан бо мусофир.

Тавила–ресмони дарозе, ки ба пойи сутур банданд; ҷойи бастани чаҳорпоён.

Тавкил–вакил қарор додани касе; касеро аз тарафи худ вакил сохтан ва анҷоми кореро ба уҳдайи ӯ вогузоштан.

Тавозӯъ–хоксорӣ, фурӯтанӣ.

Тавонгар–тавоно, зӯрманд, доро, сарватманд, молдор.

Таврот–китоби осмонийи Ҳазрати Мусо(а).

Тавфиқ–касеро бар кори нек даст додан.

Тавъ–фармон бурдан, фармонбурдорӣ.

Тавҳид–ягона гардонидан; Худоро ягона донистан, ба ягонагийи Худо имон овардан.

Тазарруъ–зорӣ кардан, хорӣ ва фурутанӣ кардан.

Тайиб–поку покиза, некӯ, ҳалол; хилофи хабис.

Тайра–хашм, қаҳр, сабукӣ, сабукақлӣ: *ба тайра*–бохашм, хашмнок.

Тайши хариф–нохушӣ ва парешонийи хазонӣ.

Так–дав, тохт, тезӣ дар рафтор; *дутак*–дудав.

Такаллуф–ранҷу сахтӣ бар худ ниҳодан, ба худ ранҷ додан; коре ба машаққат ва хилофи одат кардан.

Такосул–сустию танбалӣ, сустӣ кардан.

Талаввун–доройи ранг шудан, ранги баранг шудан; ҳар дам ба ранге даромадан.

Талбис (дар навишти форсӣ бо «син»)–пӯшондан, пинҳон кардани ҳақиқат, пинҳон доштани макру айби худ аз мардум, фиреб ба кор бурдан.

Талфиқ–тартиб додан, оростан ва бо ҳам ҷӯр кардан; ба ҳам пайванд додан ва мураттаб сохтани калимот.

Талъат–рӯй, чиҳра, симо.

Тамаллуқ–чоплусӣ кардан.

Таманно–орзу кардан, хоҳиш доштан.

Таматтуъ–баҳраманд шудан, бархурдорӣ ёфтан.

Таммоъ–тамаъкунанда.

Тамуз–гармойи сахт; номи моҳи аввали тобистон ва моҳи даҳуми соли румиён; тобистон, фасли гармо.

Танаъъум–ба ниъмат расидан, доройӣ ё сарват пайдо кардан; фарохиву осойишу нозу ниъмат.

«Танзил»–яке аз номҳойи Қуръон, ба маънойи фурӯ фиристодан; муҳқами Танзил–оёти устувори Қуръон.

Тапанча (дар навишти форсӣ бо «итқӣ»)–силӣ, тапонча, торсакӣ.

Тара ё тарра–аз сабзавотҳост, ки хом ё пухта истеъмол шавад; гандано низ мегӯянд.

Тараннум–замзама*; ба тараннум гуфтӣ*–замзамакунон гуфтӣ.

Тарёқ–тарёк, ки чун подзаҳр ба кор равад.

Таррор–кисабуру дузд.

Тарсо–масеҳӣ, насронӣ.

Тартил–ҳамвору пайдо хондан; хушовозӣ ва ҳусни калом; Қуръонро бо қироъати дурусту оҳанги хуш тиловат кардан; суханро ороставу бетакаллуфу ошкор кардан.

Тарф–гӯшаву канора ва низ чашм, нигоҳ аз гӯшайи чашм.

Тасаннуъ–худоройӣ кардан, зоҳирсозӣ кардан.

Таслим–гардан ниҳодан, вогузор кардан.

Тасониф–ҷамъи *тасниф*–гуна-гуна ва даста-даста кардани чизе; навиштани китоб ва мураттаб кардани он; шеър гуфтан; дар форсӣ гунае аз шеърро ҳам мегӯянд, ки ба оҳанги тарабангез хонда мешавад.

Татаввуъ–фармонбурдорӣ кардан, коре ба қасди некиву ибодат анҷом додан; он чӣ фариза набошад, ба ҷой овардан.

Татимма–тамомкунанда, тамомиятдиҳанда, камолбахш.

Татовул–изҳори қудрат, дастдарозӣ ё густохӣ кардан; *дасти татовул*–тавону имкони дароздастӣ ва таҷовуз.

Тафарруҷ–сайругашт; кушодагийи хотир, зоил шудани ғаму андӯҳ; *тафарруҷи булдон*–сайри шаҳрҳову кишварҳо.

Тафаққуд–ҷӯё шудан, гумшударо бозҷустан, дилҷӯйӣ кардан.

Тафаҳҳус–ҷустуҷӯ кардан, ковиш кардан, таҳқиқ кардан дар борайи амре ё чизе.

Тафвиз–вогузор кардан, супурдан.

Тафориқ–ҷузъ-ҷузъ, андак-андак, ҷудо-ҷудо.

Тафриқа–ҷудойӣ, парокандагӣ.

Тафта–тофта, гармкарда ва гудохтаву сӯзон.

Тахлис–халосӣ, раҳоӣ.

Ташвир–ошӯбу изтироб; шармсорӣ, шарманда сохтан; ишора кардан.

Таъаббуд–бандагӣ кардан, ба ибодат пардохтан.

Таъаддӣ–ситам кардан, таҷовуз кардан, аз ҳад гузарондан.

Таъаллуқ–дилбастагӣ доштан ба касе ё чизе; овехта шудан, даровехтан ба чизе, алоқа ва пайвастагӣ доштан.

Таъаннут–хориву машаққати касеро хостан, айбҷӯйиву сахтгирӣ кардан, озор расондан.

Таъарруз–пархош кардан, дастдарозӣ ё эътироз кардан.

Таъассуб–ҷонибдорӣ кардан аз касе ё аз тариқаву мазҳабе; ба хешиву ҳамнажодӣ дӯстӣ варзидан.

Таъаҳҳуд–поси хотири касе доштан; тимордошт, навохтан.

Таъбия–сохтану оростан, омода кардан, басеч кардан.

Таъзиб–шиканҷа, дар шиканҷаву азоб монда.

Таъоло–бас баландқадр; *таъало ва тақаддус*–бузургу пок.

Тағобун–ҳамдигарро ба зиён афкандан, якдигарро дар муъомала фиреб додан; зиёнкорӣ, афсӯсу пушаймонӣ; *дастҳоийи тағобун бар якдигар ҳамемолид*–дастҳойи афсӯсу пушаймонӣ ба ҳам мемолид.

Тақарруб–наздикӣ, ҳамнишинӣ.

Тақоъид–бозистодан аз коре.

Тақрир–гуфтан ва муҳаққақ кардан, қарору сабот додан, иқрор кардан.

Таҳаввур–густохӣ, далерӣ, бебокӣ ва низ мунҳадим шудан ва фурӯ рехтани бино

Таҳайюр–ҳайрат.

Таҳаккум–фармон бурдан ва ҳукм кардан.

Таҳаммул–бурдборӣ кардан, тоқат овардан, шикебойӣ, бурдборӣ, сабр.

Таҳзиби абвоб–покиза ва холис кардани бобҳо; ислоҳ кардани бобҳо аз нақс.

Таҳовун–сабук шумурдан; саҳлу осону хор шумурдан; сустиву саҳлангорӣ.

Таҳсил–ҳосил кардан; фароҳам овардан; ба даст овардан; дониш омӯхтан, дарс хондан.

Таҳаннуб–дур шудан, дурӣ гузидан, карона гирифтан.

Таҳассус–ҷосусӣ.

Таҳосур–густохӣ, далерӣ, ҷасорат.

Таярон–парвоз.

Тибоъ–сириштҳо, ҷамъи *табъ*.

Тийбат–ризо; *таййиб*–хушиву хушнудӣ; *тибатомез*–намакин, ҳушоҳанг.

Тилмизи беиродат–шогирди бешавқу рағбат.

Тимор–парастириву навозиш;ғамхорӣ, дилсӯзӣ; фикру андеша ва дарду ранҷ.

Тоъинон–таъназанандаҳо, маломаткунандаҳо.

Торам–гунбад, саропарда, болохона; *торами аъло*–болохонайи баланд; киноя аз осмон.

Тоғӣ–золим, гарданкаш, нофармон, ситамгар.

Тоғут–саркаш ва ҳар чизи ботил, ки парастишаш кунанд; ҳар маъбуде ҷуз Худо; бут.

Турбат–хок.

Туфулийят–кӯдакӣ, баччагӣ, хурдсолӣ.

У

Уд–чӯб ё ҳезум; чӯби хушбӯйи сиёҳранг, ки дар табла ё мичмар сӯзонанд, бӯйи хуш медиҳад; ниг. *табла.*

Удул–ҷамъи *одил*–доддиҳанда, додгар, додгустар, довар.

Узри мозӣ–(аз пайи) узрхоҳийи он чӣ ки гузашт.

Улвӣ–боло, болойӣ, афлокӣ.

Улё–бартар*; яд*–даст*; яди улё*–дасти кушодаву бартар, дасти дарозу сахо; *яди суфло*–дасти пасту танг.

Улулулбоб–худовандони хирад, аҳли ақлу дониш.

Умедвор–орзуманд; касе, ки уммед дорад, зидди ноумед.

Унноб–мевайи сурхранге монанди санҷид, ба форсӣ онро шелон ё челон низ гӯянд.

Унфувон–оғози ҷавонӣ, аввали ҳар чиз.

Урдибиҳишт–моҳи дувуми соли хуршедӣ; моҳи дувуми баҳор ва номи рӯзи савуми ҳар моҳи хуршедӣ.

Устувона–сутун.

Уқубат–шиканҷа, сазойи гуноҳу бадӣ; озор.

Уқбӣ (уқбо)–охират; рӯзи вопасин; ҷазо, сазойи кирдор; поёну оқибати амре.

Уҷрат–дастмузд, кироя, музди кор.

Уюб (ъуюб)–ҷамъи айб, нақс, камбуд.

Ф

Фавокиҳ–меваҳо, ҷамъи *фокиҳа.*

Фазиҳа (фазиҳат)–русвойӣ.

Фазла–боқимонда, бозмонда, бақияи чизе; бақияи таъом; дар форсӣ саргин ва ғояро низ мегуянд.

Фазойил–ҷамъи *фазилат*–афзуниҳо ва ҳунарҳо ва дараҷоти ба-

ланд; баъзе *фазойил*-ро ба маънои ниъматҳойи ҳам ботин овардаанд.

Факайфа–пас чӣ гуна бошад?

Фалоҳ–растагорӣ ва пирӯзӣ ва бақо ва мондан дар хайру некӣ; *фалоҳ аз ӯ бархост*–фалоҳ аз ӯ бегона ё дур шуд.

Фарағ–кушойиш, кушоийиши кор; раҳойиву халосӣ аз сахтӣ.

Фароз–боло, баланд, зидди паст; *фароз шудан*–наздик шудан.

Фаррош–фаршгустар ва низ ба маънойи пешхидмат.

Фарсанг–фарсах, масофайи муайян, ки тақрибан баробар ба 6 километр аст.

Фасеҳ–шевосухан ва сухани шево.

Фасоҳат–равон будани сухан, теззабонӣ, хушгӯйӣ; дар истилоҳи бадеъ–холӣ будани калом аз заъфи таълиф ва танокуз ва таъқиди лафзиву маънавӣ.

Фатрат–сустӣ, кундӣ, заъф; мобайни ду навбати таб (болоравийи ҳарорати бадан) ва замоне, ки байни ду пайғамбар бошад; замоне, ки ҳукумат ё давлате аз миён рафта ва ҳанӯз дигар ба ҷойи он барқарор нашуда; дар форсӣ ба маънойи муддати таълиқи маҷлиси шуро, аз поёни як давра то ташкили даврайи ҷадид низ мегӯянд.

Фақира–муъаннаси *фақир*– тангдаст; *фақирайи дарвеш*–зани тангдасти суфӣ.

Фақиҳ–доно, донишманд, олими аҳкоми шариъат.

Филҷумла–боре, ҳосили калом, сухан кӯтоҳ.

Фиросат–ҳушёрӣ, зиракӣ, тезҳӯшӣ.

Фисӯс–фиребу лаҳву истеҳзо; беҳуда, дареғу ҳасрат.

Фитра–(= фитр) садақайи кушойиши рӯза.

Фиқра–калом ё нукта

Фориҷа–шӯху шӯхтабъ.

Фосид (бо «син»)–табоҳ, гандида, зойиъ.

Фосид(бо «сод»)–рагзан.

Фохир–нозанда, гаронмоя; ҳар чизи хуб, ки бар навъи худ бартарӣ дошта бошад.

Фоқа–ҳоҷат, фақр, тангдастӣ, ниёзмандӣ, нодорӣ.

Фузул–пургӯй, забондароз.

Фунун–ҷамъи *фан(н)*–ҳол, гуна, нафъ; дар форсӣ ба маънойи санъату ҳунар ҳам гӯянд.

Фурӯмоя–нокас, паст, хасис, муфлис, нодон, беҳунар, бадсиришт.

Фусуқ–ҷамъи *фисқ*–нофармонӣ, фармонҳойи Худоро ба ҷо наёвардан, зинокорӣ.

Фусҳат–фарохӣ, кушодагӣ, майдон.

Футувват–ҷавонмардӣ, сахо, карам.

Фуҷур–табоҳкорӣ ва нофармонӣ.

Х

Хабар–огоҳӣ, сухане, ки бад-он эълом кунанд; ба маънойи ҳадиси набавӣ(с).

Хабис–палид ва фурӯмоя.

Хазаф–сафол, зарфи гилӣ, ки дар кӯра пухта шуда бошад.

Хавз–фитна, туҳмат, буҳтон кардан; дар об фурӯ рафтан; дар амре андешидан, амиқ андешидан.

Х(в)остан–орзу доштан, талаб кардан; дӯст доштан, касеро назди худ фаро хондан; хоҳидан ҳам мегӯянд; *зан х(в)остан*–зандор шудан.

Хаз(з)–ҳарир, порчайи абрешимӣ.

Халоб–замини пур аз лой, бодлох (ботлоқ).

Хамр–шароб, май, бода, арақ.

Хариф–сахт пир, ки тағйир дар ҳавосаш роҳ ёфта бошад; *хараф*–табоҳийи ақл ва калонсолӣ.

Хармуҳра–навъе муҳрайи дурушт ба ранги сафед ё обӣ, ки бар гардани асп ё хар бананд.

Харобот–майхона, майкада.

Хасм–душман, рақиб, хусуматкунанда, мухолиф.

Хасис–фурӯмояву пастҳиммат.

Хасорат–зиён бурдан, зиён дидан, зиёнкорӣ, зиён.

Хатиб–воъиз, суханрон; *хутба*–сухане, ки дар ситойиши Худову наъти Паёмбар ва андарзи мардум бошад.

Хатир–бузург, шариф, баландмартаба хатарнок.

Хафоҷа–қабилаест дар Араб аз Банӣ-Омир, ки аксари он қавм роҳзанӣ мекарданд.

Хизона–хазина, ганҷхона, ганҷина, *хизонайи ғайб*–хизонайи ғайбӣ–хизонайи караму атои Худованд, ки аз чашми бандагон пинҳон аст.

Хиёр–бодранг, бодринг.

Хилқат–фитрат, ҳайат, сиришт, офариниш.

Хирадирой–ҳарзадирой,беҳудагӯй, (*дироидан* ба маънойи овоз баровардан аст).

Хирасар–худсар, густох, бепарво; ба маънойи ошуфтаву парешон низ гуфта шуда.

Хирарой–сустрой ва парешонфикр.

Хирқа–ҷомайи махсуси дарвешон, ки аз пораҳо дӯхта шуда бошад.

Хиссат–хасисӣ, фурӯмоягӣ, пастӣ.

Хиффати ақл–камақлӣ, сабукройӣ.

Хиффатройӣ–камхирадӣ, сабуксорӣ.

Хон (х(в)он)–дастархон, суфрайи нону ғизо; *хони алвон*–дастархони пур аз хурокҳойи гуногун.

Хос(с)–вижа, баргузида, ягона; зидди ом(м) (тӯдайи мардум).

Хоҷа–сарвар, соҳиб, бузург, шайх, худованд, молдор ва низ мардеро ҳам гӯянд, ки хояи ӯро кашида бошанд (хоҷасарой).

Хоҷатош–ду ғулом ё ду навкар, ки дар хидмати як хоҷа бошанд ва ҳар як нисбат ба якдигар хоҷатош гуфта мешаванд.

Хубфарҷом–оне, ки поёни кораш неку хуб аст.

Хубс–кори зишту палид; нопокӣ, палидӣ; *хубси ботин*–бадсиришти.

Хубра (хибра)–донойиву биноӣ ба ҳақиқати чизе ё амре; огоҳӣ доштан ва озмуда будан дар коре.

Худованд (худовандгор)–Худо, Парвардгор; соҳиб, молик; валиниъмат; подшоҳи бузург.

Худдом–ҷамъи ходим–канизу чокар.

Худрой–худкома ва мустабид.

Хуллон–ҷамъи халил–дӯсти меҳрбону якдил, дӯсти содиқ.

Хунук–зидди гарм ва низ ба маънойи хубу хушу хуҷаста.

Хуфия–ба таври пинҳонӣ; хилофи ошкор(о).

Хулқон–ҷамъи *халақ*–куҳна, ҷомаҳойи куҳна.

Ш

Шабоб–ҷавонон, ҷамъи *шобб.*

Шагол–(шакол) шағол

Шайёд–риёкор, маккор, ҳилагар, чоплус, фиребанда. Ин калима аслан форсист ва дар арабӣ дида намешавад.

Шайх–лақабе будааст баройи орифони бузургу раҳнамоёни тариқат ва бузургони дин; миҳтар хоҷа, пир.

Шак(к)–гумон.

Шамойил–хулқу хӯйҳо; дар форсӣ ба маънойи шаклу сурат ҳам мегӯянд; ҳайъат.

Шамотат–шодӣ кардан ба ғаму ранҷи касе; сарзаниш, душманкомӣ, маломат.

Шангарф (шанҷарф)–омезае аз гугирду симоб, ки дар наққошӣ ба кор мебаранду рангаш сурх аст.

Шанеъ–зишт, қабеҳ.

Шараҳ–ҳарис шудан, майли фаровон ба чизе доштан; ҳирс, оз.

Шарза–хашмин, зӯровар.

Шар(р)–бадӣ, фасод.

Шафақат–меҳрбонӣ, дилсӯзӣ, нармдилӣ.

Шафоъат–хоҳиш кардан, дархости афв ё ёрӣ аз касе баройи дигаре.

Шаҳват–хоҳиши нафс, майлу рағбат ба дарки лаззат; майл ба ҷимоъ.

Шаҳраво–дираму динори носара, ки хос дар як шаҳр роиҷ бошад; номи пуле қалбӣ буда, ки дар қадим яке аз подшоҳон ба ҷабр ривоҷ дода; пуле, ки арзиши ҳақиқийи он камтар аз арзиши исми он бошад.

Шикебидан–сабру таҳаммул кардан.

Ширк–куфр, шарик донистан баройи Худо, иътиқод ба таъдоди худоён, бутпарастӣ.

Шиъб–роҳи кӯҳӣ, дара, ғор.

Шаҳна (*шиҳна*)–шаҳрбон, доруға, пулис, посбон, нигаҳбон.

Шомиён–мардуми Шом.

Шотир–ҷангӣ, диловар, чусту чолок.

Шофӣ–дурусту кофӣ; аз *шифо*–даво кардан, тандурустӣ додан.

Шоҳид–гувоҳ; ҳозир; шахси хубрӯю зебо.

Шубоб–ҷавонӣ.

Шубон–чӯпон.

Шунъат–зиштӣ, қубҳ.

Шурта–мувофиқ ва муносиб баройи ҳаракати киштӣ.

Шутури Солиҳ–ноқайи Солиҳ-паёмбар. Солиҳ номи пайғамбарест, ки мурсал буд ба суйи (қавми) Самуд ва ба дуъойи ӯ ноқа аз миёни санг пайдо шуда буд.

Шӯхдида–бешарм, беҳаё, шӯхчашм.

Шӯхчашмӣ–бешармӣ, беҳаёйӣ.

Ғ

Ғаввос–оббоз; касе, ки дар дарё зери об меравад баройи берун овардани садаф ё марҷон ё чизе дигар.

Ғавр–замини сарошеб, нишебӣ; таҳи чизе, мисли таҳи чоҳ ва

низ ба маънойи тафаккуру андеша ва бадиққат нигаристан дар амре.

Ғадр–хиёнат, паймоншиканӣ; макру фиреб.

Ғазбон–хашмгин, бадқаҳр, норозӣ; *ғазбони фалак*–киноя аз Хуршед ё Миррих.

Ғализони шадид–чокарони дуруштхӯй ва сахтгир.

Ғалла–ҳосили замин, кирояи макон, даромади ҳар чизе.

Ғанӣ–доро, сарватманд.

Ғариқ–каси дар об ғарқшаванда.

Ғарра (ғирра, ғиррат)–мағрур, фирефта; умедворийи беҳуда, ғофилӣ.

Ғозӣ–ҷангҷӯ; аз *ғазва*–ҷанг кардан бо душманон.

Ғофил–бехабар, фаромӯшкор, кавдан.

*Ғурба*т–оворагӣ, ғарибӣ.

Ғӯч–гӯсфанди шохдори ҷангӣ, дар туркӣ *қуч* ё *қучқор* мегӯянд.

Қ

Қабола–навишта ё санаде, ки ба мӯҷиби он чизеро бар зимма бигиранд; васиқа; санади ъақди муъомала ё никоҳ.

Қавиёл–(*ёл*–гардан)–сахтгардан, шахгардан.

Қажоканд–хафтон, ҷомайи ҷангӣ, ки бо абрешими хом оганда бошад; ғазоғанду кажоганд ва қазоганду қазоганг ҳам гуфтаанд; қаж (муъарраби «каж»-и форсӣ)–навъе абрешим.

Қазо–ҳукм кардан, раво кардан; ва низ ба маънойи ҳукми Илоҳӣ, ки дар ҳаққи махлуқ воқеъ шавад ва дар истилоҳи фуқаҳо намоз ё рӯза, ки дар хориҷ аз вақте ки шориъ муъайян карда, ба ҷой оварда шавад.

Қароин–наздикон; ҷамъи *қарин*–(ёри) наздик.

Қасаб–най ва ҳар гиёҳе, ки соқайи он монанди най миёнтиҳӣ бошад ва низ ба маънойи устухони соқи даст ё по, ной; марвориди обдор ва навъе порчайи зариф, ки дар қадим аз катон мебофтанд.

Қаҳба–аҷуз, пирзан, гандапир; зани бадкор, руспӣ.

Қилоъ–ҷамъи қалъа.

Қитол–куштор, кушокуш дар ҷанг; *қутол*–корзор кардан, куштан.

Қисос–кушандаро куштан, ҷароҳат ивази ҷароҳат кардан.

Қобила–момодоя.

Қомате об–андаке об; оби кам.

Қосирҳиммат–кӯтоҳҳиммат, хасис.

Қузбон–ҷамъи қазиб–шох, навда.

Қурб (қурбат)–наздик, дар наздикӣ.

Қуроза–резаҳое, ки аз буриши қайчӣ ҳосил шаванд, бавижа, резайи оҳану тило ва ғ. ва, маҷозан, пули хурди сикказада.

Қурӯҳ–ҷамъи *қарҳ*– обила, ки чирку фасод дар он пайдо шуда бошад; захму реш.

Қут–хуриш, хӯрданӣ, таъом; *қути лоямут*–хӯрданӣ ба қадре, ки касе хураду намурад.

Ҳ

Ҳабба–донайи ҷав, маҷозан заррае, андаке.

Ҳавал–аҳвал, олус, каҷбин, каҷбинӣ.

Ҳавошӣ–ҷамъи ҳошия, канора; канорайи ҷома ё китоб; ноҳия; шарҳе, ки дар канорайи китоб навишта шавад.

Ҳадас–нав, бидъат; амре, ки маъруф дар суннат ва шариъат набошад.

Ҳадйӣ–қурбонӣ (гову шутуру гӯсфанд), ки ба *ҳадя* ба Макка фиристанд ва баройи Худо забҳ кунанд.

Ҳайъат–шаклу сурати чизе.

Ҳайбат–шукӯҳ, ҳишмат.

Ҳаз(з)–баҳра, насиб, бахту насиб аз хайру хушиву саъодат, комёбӣ.

Ҳазорпо–ҳазорпоя; ҳашарест дарозу зардранг, дарозияш то даҳ сантиметр, баданаш аз ҳалқаҳойи бисёр ташкил шуда ва дар ҳар ҳалқа ҷуфте по дорад.

Ҳазрат–боргоҳ, даргоҳ, дарбор.

Ҳаловат–ширинӣ.

Ҳамедун–мухаффаф (тахфифёфта, сабукшуда)-йи ҳам эдун; ҳамин дам, ҳамчунин.

Ҳамийят–мурувват, ғайрат, нангу ор; *беҳамийят*–акси он.

Ҳамим–содиқ, наздик, хешованд.

Ҳамойид– ҷамъи *ҳамида* –хубиҳо, хислатҳойи писандида.

Ҳанзал–мевайи тарбузшакли хурдтар аз норинҷ ё лиму бисёр талх.

Ҳанӣ–гуворо; он чӣ бе ранҷу машаққат ба даст ояд.

Ҳарам–гирдогирд, андарун ё дохили хона; дохили Каъба, гирдогирди Каъба.

Ҳаройина–ночор, ба ҳар ҳол, ба ҳар ваҷҳ.

Ҳаромӣ–дар форсӣ бештар ба маънойи раҳзани мардумкушу дузд ва дар арабӣ–*ҳаромий* аз фоъили *алҳарому* = ҳаромкор меояд.

Ҳаросат (ҳиросат)–нигаҳбонӣ, нигаҳдорӣ, посбонӣ.

Ҳар(р)–гармо; гармӣ, зидди *бард*.

Ҳарур–гармо, боди гарм, гармийи Офтобу оташ.

Ҳасаб–шумора, андоза; қадру шарафу бузургӣ; гавҳари шахс, аслу табор.

Ҳасбо–сангреза.

Ҳасрат–андӯҳ.

Ҳашам–хешону касон, хидматгорону бандагони мард.

Ҳақир–хурду кӯчак, хору залил.

Ҳақорат–кӯчак, пастӣ, хорӣ, забунӣ.

Ҳаҷир–нимарӯз, гармойи нимарӯз.

Ҳақ(қ)–номе аз номҳойи Худо; дурусту росту собит.

Ҳаҷиҷ–ҳаҷгузорон.

Ҳаюлонӣ–мансуб ба *ҳаюло*–модда, моддайи аввалӣ, асли ҳама чиз; дар форсӣ ба маънойи сурату ҳайкал низ меояд.

Ҳиддат–тезиву хашму ғазаб, бузургӣ.

Ҳилат–зиракӣву накӯройӣ; гоҳ ба маънойи фиребу макр.

Ҳилидан–ҳиштан, гузоштан, фурӯ гузоштан, раҳо кардан, вогузор кардан.

Ҳилм–бурдборӣ, шикебойӣ, сабр; зидди тундиву ғазаб.

Ҳиля–зевар, зинат, пироя.

Ҳирз–дуъое, ки бар коғаз бинависанд ва ҳамроҳи худ нигоҳ доранд ва низ ба маънойи ҷойи муҳкаму устувор, паноҳгоҳ.

Ҳирмон–бебаҳрагӣ, навмедӣ, бебаҳра мондан.

Ҳисор–қалъа, диж.

Ҳечкас–фурӯмоя, нокас, сифла.

Ҳишт–аз феъли *ҳиштан*–раҳо кардан, фурӯ гузоштан.

Ҳодис–тоза, нав; зидди қадим.

Ҳойил–ҳавлнок, тарсовар, ваҳмангез.

Ҳол(л)–ҳулулкунанда,фурудоянда, ҷойгиранда.

Ҳоҷ(ҷ)–ҳаҷгузор, ҳоҷӣ.

Ҳукумати ъадл–доварийи мунсифона.

Ҳур (дар навишти форсӣ бо «ҳавваз»)–Хуршед, Офтоб, Хур.

Ҳуррос (бо «син»)–ҷамъи *ҳорис*–посбон.

Ҳусни зан(н)–хушгумонӣ.

Ҳусни хитоб–фасоҳат, одоби сухан, ширинкаломӣ.

Ҳусул–ҳосил шудан, ба даст омадан, расидан ба мақсад.

Ҳут–моҳӣ.

Ҳутоми дунё–моли дунё.

Ҳуҷҷоҷ–ҷамъи ҳоҷҷ ва порсигӯён ба ҳоҷӣ табдил додаанд; касоне, ки ба зиёрати Каъба мераванд.

Ҷ

Ҷабал–кӯҳ.

Ҷабр–устухони шикастаро бастан; узверо, ки устухони он шикастааст, гач кардан ё ба тахта (навор) бастан; фақиреро тавонгар сохтан; касеро ба зӯр ба коре во доштан; номи тариқае, ки пайравони он «ҷабрия» номида мешаванд ва ба ақидайи онон, тамоми аъмоли одамӣ ба иродайи Худованд сурат мегирад ва банда ҳеч ихтиёре аз худ надорад.

Ҷавз–муъарраби гавз–чормағз.

Ҷавсақ–муъарраби кушк; болохона, қаср.

Ҷавҳар–муъарраби *гавҳар*.

Ҷаййид–нек, хуб, писандида.

Ҷайш–лашкар, сипоҳ, артиш.

Ҷалис–ҳамнишин.

Ҷалла ва ъало–бузург асту бартар (баландтар) аст аз ҳар чиз (Худой).

Ҷалд–чобуку чолок; зирак.

Ҷалофат–миёнтиҳӣ будан, бемағзӣ, сабукӣ, ҳамоқат.

Ҷамод–ҳар чизи бечону беҳаракат, аз қабили сангу чӯбу филиз(з).

Ҷамъийяти дарун–осудагӣ ва фароғи хотир.

Ҷаниб–асп, аспи радиф; аспе, ки саворон ҳамроҳи худ мебаранд.

Ҷар(р)–кашидан, имтидод додан; ҳаракати зер (*ҷарри манофиъ*–ба даст овардани манфаъатҳо, фоида ҳосил карданҳо).

Ҷаъбайи ҳуҷҷат–тирдони далел.

Ҷаҳонпаноҳ–паноҳдиҳандайи ҷаҳон, ҳомийи ҷаҳониён.

Ҷибиллӣ–табиъӣ, зотӣ, аслӣ, фитрӣ.

Ҷибиллат–хилқат, табиъат, сиришт, фитрат.

Ҷилф–миёнтиҳӣ, сабук, гӯл, аҳмақ.

Ҷирон– ҷамъи *ҷор*–ҳамсоягон.

Ҷиср–пул; пули муваққати рӯйи об.

Ҷомеъ–гирдоваранда; ҳар чизи тамому комил ва низ ба маънойи масҷиди бузург; масҷиде, ки дар он намози ҷумъа бихонанд.

Ҷоҳ–фарру шукӯҳ, қадру манзилат, дараҷа, рутба.

Ҷуд–бахшиш.

Ҷуҳҳол– ҷамъи *ҷоҳил* –нодонон.

Э

Эмин–аз *амн*и арабӣ–бетарсу бим; осудадил.

Эътироз–айб гирифтан, эрод гирифтан, нуктагирӣ.

Эҳтироз–парҳез кардан, дурӣ ҷустан, хештанро нигоҳ доштан.

Ю

Юз (юзпаланг)–ҳайвонест гӯштхор ва монанди паланг, аммо кӯчактар аз ӯ; дар қадим баройи шикор тарбият мекарданд.

Юмн–фархундагӣ, хайру баракат, майманат, некбахтӣ.

Я

Яке аз ҷуласойи бетадбир–яке аз ҳамнишинони кӯтоҳбин.

Ямин–дасти рост, тарафи рост, зидди ясор (чап); ва низ ба маънойи савганд.

Яъс–навмедӣ, парешонҳолӣ.

ФЕҲРИСТ

Пешгуфтор 3
Саъдӣ ва «ГУЛИСТОН» 10

«ГУЛИСТОН»

Дебоча 25

Боби аввал
Дар сирати подшоҳон

Ҳикояти 1. Подшоҳ ва марди асир ва сухани вазирон 60
Ҳикояти 2. Яке аз мулуки Хуросон Маҳмуди Сабуктакинро хоб дид 63
Ҳикояти 3. Маликзодайи кӯтоҳу ҳақир ва бародаронаш 64
Ҳикояти 4. Тойифайи дуздон ва ҷавоне аз эшон 68
Ҳикояти 5. Сарҳангзодайи ҳушманд ва ҳасади ҳамкорон 74
Ҳикояти 6. Малики бедодпеша ва вазири носеҳ 78
Ҳикояти 7. Ғуломи аҷамӣ дар киштӣ 81
Ҳикояти 8. Ҳурмуз ва сабаби дар банд кардани вазирони падар 82
Ҳикояти 9. Малики бемори араб ва муждайи кушойиши қалъа 83
Ҳикояти 10. Бар болини Яҳёи пайғамбар, алайҳиссалом 84
Ҳикояти 11. Дуъойи дарвеш дар ҳаққи Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф 87
Ҳикояти 12. Порсо ва малики беинсоф 88
Ҳикояти 13. Подшоҳ ва дарвеш 88
Ҳикояти 14. Подшоҳе, ки лашкарро дар сахтӣ медошт 91
Ҳикояти 15. Вазири маъзул дар ҳалқайи дарвешон 92
Ҳикояти 16. Марде гиламанд аз рӯзгор ва саранҷоми ӯ дар кори девон 93
Ҳикояти 17. Шафоъати Саъдӣ дар борайи тане чанд аз дарвешон 103
Ҳикояти 18. Маликзодайи бахшанда 106
Ҳикояти 19. Нӯшинравон дар шикоргоҳ 107
Ҳикояти 20. Ғофиле, ки хонайи раъийятро хароб мекард 108
Ҳикояти 21. Мардумозор ва марде солиҳ 110
Ҳикояти 22. Шифо ёфтани подшоҳе аз маразе ҳойил 111
Ҳикояти 23. Гурехтани яке аз бандагони Амри Лайс ва назари вазир 114
Ҳикояти 24. Малики Завзан ва хоҷайи каримуннафс 115
Ҳикояти 25. Назари малики араб дар борайи мутаъаллиқони девон 118

Ҳикояти 26. Марди золим ва хариду фурӯши ҳезум 118
Ҳикояти 27. Устоди куштигир ва шогирди мағрур 120
Ҳикояти 28. Дарвеши муҷаррад ва подшо 122
Ҳикояти 29. Зуннуни Мисрӣ ва вазир 124
Ҳикояти 30. Подшоҳ ва фармони қуштани бегуноҳ 125
Ҳикояти 31. Гуфтугӯйи вазирони Анӯшервон
бо Бузурҷмеҳр 126
Ҳикояти 32. Шайёд ва подшоҳ 127
Ҳикояти 33. Гирифтор шудани вазире,
ки бо зердастон меҳрбон буд 128
Ҳикояти 34. Душноми сарҳангзодае ба
писари Ҳорунуррашид 129
Ҳикояти 35. Рафтори маллоҳ бо ду
бародари ғариқ дар гирдоб. 131
Ҳикояти 36. Ду бародар: яке дар хидмати султон
ва дигаре бо саъйи бозу..... 132
Ҳикояти 37. Сухани Анушервон дар муждайи
барафтодани душман 133
Ҳикояти 38. Назари Бузурҷмеҳр дар борайи
ройи гурӯҳи ҳукамо 134
Ҳикояти 39. Хасиб, бандайи Ҳорунуррашид ва
фармонравоии Миср 134
Ҳикояти 40. Подшоҳ ва канизаки чинӣ 137
Ҳикояти 41. Пурсиш аз Искандари Румӣ 139

Боби дувум
Дар ахлоқи дарвешон

Ҳикояти 1. Изҳори назари порсое дар борайи обиде 140
Ҳикояти Ниёиши дарвеше бар остони Каъба 141
Ҳикояти 3. Абдулқодири Гелонӣ дар ҳарами Каъба 143
Ҳикояти 4. Дузд дар хонайи порсо 144
Ҳикояти 5. Дузд дар ҷамъи дарвешон 145
Ҳикояти 6. Зоҳиде меҳмони подшоҳ 148
Ҳикояти 7. Гуфтугӯйи Саъдӣ бо падар 149
Ҳикояти 8. Сухани бузурге, ки ӯро меситуданд 150
Ҳикояти 9. Аҳволи яке аз сулаҳойи Лубнон 151
Ҳикояти 10. Посухи Яъқуби гумкардафарзанд (а)
ба он пурсанда 154
Ҳикояти 11. Ваъзи Саъдӣ дар ҷомеъи Баъалбак(к) 156
Ҳикояти 12. Шабе дар биёбони Макка 158
Ҳикояти 13. Порсое, ки захми паланг дошт 159
Ҳикояти 14. Дарвеше ва дуздийи гилем 160
Ҳикояти 15. Подшоҳу порсо 161

Ҳикояти 16. Ба хоб дидани солиҳе подшоҳеро дар Биҳишт 161
Ҳикояти 17. Пиёдае сару по бараҳна дар корвони Ҳиҷоз 162
Ҳикояти 18. Дору хӯрдани обид 163
Ҳикояти 19. Луқмони Ҳаким дар корвон 164
Ҳикояти 20. Мутриби нохушовоз 165
Ҳикояти 21. Адаб омӯхтани Луқмон аз беадабон 172
Ҳикояти 22. Обиди бисёрхор 172
Ҳикояти 23. Гумроҳе, ки ҳидоят ёфту сухани бадгӯён 173
Ҳикояти 24. Гилайи Саъдӣ пеши яке аз машоих 175
Ҳикояти 25. Дар ҳақиқати тасаввуф 176
Ҳикояти 26. Шӯридае шабе дар корвон 176
Ҳикояти 27. Бо ҷамоъате ҷавонон дар сафари Ҳиҷоз 178
Ҳикояти 28. Дарвеше дар мақоми подшоҳӣ 180
Ҳикояти 29. Абу Ҳурайра ва дидори ҳаррӯза бо Мустафо (с) .. 183
Ҳикояти 30. Яке аз бузургон дар ҳолате беихтиёр 184
Ҳикояти 31. Саъдӣ дар биёбони Қудс ва асирияш
ба дасти фарангиён 184
Ҳикояти 32. Пурсиши подшоҳе аз авқоти обиде 188
Ҳикояти 33. Яке аз мутаъаббидони Шом дар беша ва шаҳр 189
Ҳикояти 34. Дар ҷустуҷӯйи зоҳидони ростин 193
Ҳикояти 35. Назари яке аз уламо дар борайи нони вақф 194
Ҳикояти 36. Дарвеши гуруснайи базлагӯй 195
Ҳикояти 37. Пурсиши муриде дар борайи
бисёрии дидоркунандагон 195
Ҳикояти 38. Дар борайи суханони мутакаллимон 196
Ҳикояти 39. Маст ва обид 199
Ҳикояти 40. Озор дидани дарвеш ва сухани пири тариқат 200
Ҳикояти 41. Рояту парда 201
Ҳикояти 42. Зӯрозмойи камтоқат 202
Ҳикояти 43. Сирати ихвони сафо 203
Ҳикояти 44. Кафшдӯз ва ҳамсараш 205
Ҳикояти 45. Духтари зиштрӯй ва шавҳари нобино 206
Ҳикояти 46. Олами дарвешон 207
Ҳикояти 47. Гулу гиёҳ 209
Ҳикояти 48. Саховату шуҷоъат 211

Боби севум
Дар фазилати қаноъат

Ҳикояти 1. Хоҳандайи мағрибӣ дар саффи баззозони Ҳалаб 212
Ҳикояти 2. Ду амирзода дар Миср 213
Ҳикояти 3. Дарвеши тиҳидасту бениёз 214
Ҳикояти 4. Табиби ҳозиқ дар хидмати Мустафо (с) 215
Ҳикояти 5. Пурсиши Ардашери Бобакон аз ҳакими араб 217

Ҳикояти Ду дарвеши хуросонӣ 218
Ҳикояти 7. Наҳйи яке аз ҳукамо аз бисёр хӯрдан 218
Ҳикояти 8. Баққол ва талаби ӯ аз суфиён 220
Ҳикояти 9. Ҷавонмарди мачруҳу баландтабъ 220
Ҳикояти 10. Изҳори ниёзи яке аз уламо
дар назди бузургворе 222
Ҳикояти 11. Дарвеши ниёзманд ва тавонгари туршрӯй 223
Ҳикояти 12. Хушксоле дар Искандария 224
Ҳикояти 13. Ҳотами Тойӣ ва хоркан 227
Ҳикояти 14. Мусо(а) ва дарвеши бараҳна 228
Ҳикояти 15. Аъробийи гурусна дар биёбон
ва кисайи пури марворид 230
Ҳикояти 16. Араби ташна дар биёбон 231
Ҳикояти 17. Дарвеши аз гуруснагӣ мурда ва дирамҳояш 231
Ҳикояти 18. Сабр бар бекафшӣ аз мушоҳадайи касе,
ки пой надошт 232
Ҳикояти 19. Подшоҳе дар хонайи деҳқон 233
Ҳикояти 20. Подшоҳ ва гадойи сарватманд 234
Ҳикояти 21. Саъдӣ бо бозаргоне дар ҷазирайи Кеш 235
Ҳикояти 22. Молдори бахил 237
Ҳикояти 23. Сайёде заъифу моҳие қавӣ 241
Ҳикояти 24. Даступойбурида ва куштани ҳазорпо 242
Ҳикояти 25. Аблаҳе тавонгар 242
Ҳикояти 26. Дузд ва гадо 243
Ҳикояти 27. Ҷавони муштзан 244
Ҳикояти 28. Дарвеши вораста ва даъвати подшоҳ 262

Боби чаҳорум
Дар фавойиди хомӯшӣ

Ҳикояти 1. Он чӣ душман бинад 265
Ҳикояти 2. Бозаргонеро ҳазор динор хасорат афтод 267
Ҳикояти 3. Ҷавони хирадманд 268
Ҳикояти 4. Мунозарайи олиме муътабар
бо яке аз малоҳида 269
Ҳикояти 5. Ҷолинус ва аблаҳе, ки чанг бар гиребони
донишманд мезад 270
Ҳикояти 6. Фасоҳати Саҳбони Воъил 271
Ҳикояти 7. Сухан гуфтан дар миёни сухани дигаре 272
Ҳикояти 8. Роздорийи Ҳасани Маймандӣ 273
Ҳикояти 9. Ҳамсоягийи ҷуҳуд 274
Ҳикояти 10. Шоъир ва амири дуздон 275
Ҳикояти 11. Мунаҷҷим ва занаш 276
Ҳикояти 12. Хатиби нохушовоз 276

Ҳикояти 13. Муъаззин дар Масҷиди Синҷор 278
Ҳикояти 14. Нохушовоз ва хондани Қуръон 279

Боби панҷум
Дар ишқу ҷавонӣ

Ҳикояти 1. Султон Маҳмуду Аёз 282
Ҳикояти 2. Хоҷа ва бандайи зебову беадаб 283
Ҳикояти 3. Порсое гирифтори маҳаббат 284
Ҳикояти 4. Дилбохтайи таркиҷонгуфта 285
Ҳикояти 5. Мутаъаллими зеборӯй ва муъаллим 291
Ҳикояти 6. Дидори ёри азиз 293
Ҳикояти 7. Муштоқи дӯст 293
Ҳикояти 8. Қосид ва ёри ғойиб 294
Ҳикояти 9. Донишманди дилдода 295
Ҳикояти 10. Дилбастагӣ дар унфувони ҷавонӣ 297
Ҳикояти 11. Якеро аз мустаърабони Бағдод пурсиданд 301
Ҳикояти 12. Забони бадгӯён 302
Ҳикояти 13. Тӯтӣ ва зоғ 302
Ҳикояти Оштӣ бо дӯст 307
Ҳикояти 15. Даргузашти зан ва дидори модарзан 309
Ҳикояти 16. Ташна ва барфоб аз дасти маҳбуб 310
Ҳикояти 17. Дар Ҷомеъи Кошғар 312
Ҳикояти 18. Хирқапӯше дар корвони Ҳиҷоз 318
Ҳикояти 19. Подшоҳи араб ва Маҷнуну Лайлӣ 321
Ҳикояти 20. Қозийи Ҳамадон 326
Ҳикояти 21. Ишқу исор дар ғарқоб 336

Боби шашум
Дар заъфу пирӣ

Ҳикояти 1. Пире дар ҳолати назъ дар Димишқ 339
Ҳикояти 2. Пирмард ва ҳамсари ҷавон 342
Ҳикояти 3. Пире дар Диёри Бакр ва орзуи фарзанди ӯ 345
Ҳикояти 4. Сахт рондан ва аз роҳ мондан 346
Ҳикояти 5. Ҷавони шодоб ва падар шудани ӯ 347
Ҳикояти 6. Сухани модари дилозурда 350
Ҳикояти 7. Тавонгари бахил ва фарзанди бемор 350
Ҳикояти 8. Пирмарди муҷаррад 351
Ҳикояти 9. Ҳамсар гирифтани марди куҳансол 352

Боби ҳафтум
Дар таъсири тарбият

Ҳикояти 1. Писари кавдан 355
Ҳикояти 2. Давлати пояндайи ҳунар 356

Ҳикояти 3. Таълими маликзода 357
Ҳикояти 4. Муъаллими туршрӯй ва муъаллими нармхӯй 359
Ҳикояти 5. Порсозодайи исрофпеша ва мероси аммон 361
Ҳикояти 6. Тарбияти яксон ва табоийъи мухталиф 366
Ҳикояти 7. Рӯзӣ ва Рӯзидеҳ 366
Ҳикояти 8. Ҳунар ва насаб 367
Ҳикояти 9. Каждум 368
Ҳикояти 10. Он дарвеш, ки писар орзу мекард 369
Ҳикояти 11. Нишони булуғ 370
Ҳикояти 12. Низоъ дар миёни пиёдагони ҳуҷҷоч 372
Ҳикояти 13. Ҳиндуйи нафтандоз 373
Ҳикояти 14. Мардаки чашмдард ва байтор 373
Ҳикояти 15. Ду байт шеър дар сандуқи гӯр 374
Ҳикояти 16. Хоҷа ва банда 375
Ҳикояти 17. Ҷавони бадрақа 377
Ҳикояти 18. Мунозирайи тавонгарзода ва дарвешбача 380
Ҳикояти 19. Душманийи нафс 381
Ҷидоли Саъдӣ бо муддаъӣ дар баёни тавонгарӣ ва дарвешӣ 382

Боби ҳаштум
Дар одоби суҳбат

Ҳикмати 1. Мол аз баҳри осойиши умр аст 409
Ҳикояти 2. Мусо, алайҳиссалом, Қорунро насиҳат карда 410
Ҳикояти 3. Ду кас ранҷи беҳуда бурданд 412
Ҳикояти 4. Илм аз баҳри дин парвардан аст 413
Ҳикояти 5. Олими нопарҳезгор кӯри машъаладор аст 413
Ҳикояти 6. Мулк аз хирадмандон ҷамол гирад 414
Ҳикояти 7. Се чиз пойдор намонад 414
Ҳикояти 8. Раҳм овардан бар бадон ситам аст бар некон 415
Ҳикояти 9. Ба дӯстийи подшоҳон иътимод натавон кард 415
Ҳикояти 10. Ҳар он сирре, ки дорӣ, бо дӯст дар миён маниҳ ... 416
Ҳикояти 11. Душмане заъиф, ки дар тоъат ояд 418
Ҳикояти Сухан миёни ду душман чунон гӯй 419
Ҳикояти 13. Ҳар ки бо душманон сулҳ мекунад 420
Ҳикояти 14. Чун дар имзойи коре мутараддид бошӣ 420
Ҳикояти 15. То кор ба зар бармеояд 421
Ҳикояти 16. Бар ачзи душман раҳмат макун 421
Ҳикояти 17. Ҳар ки бадеро бикушад 421
Ҳикояти 18. Насиҳат аз душман пазируфтан хатост 422
Ҳикояти 19. Хашми беш аз ҳадд гирифтан ваҳшат орад 422
Ҳикояти 20. Ду кас душмани мулку динанд 424
Ҳикояти 21. Подшаҳ бояд, ки то ба ҳадде хашм
бар душманон наронад 424

Ҳикояти 22. Бадхӯй дар дасти душмане гирифтор аст 425
Ҳикояти 23. Чу бинӣ, ки дар сипоҳи душман
тафриқа уфтодааст 425
Ҳикояти 24. Душман чу аз ҳама ҳилате фурӯ монад 426
Ҳикояти 25. Сари мор ба дасти душман бикӯб 426
Ҳикояти 26. Хабаре, ки донӣ, диле биёзорад 427
Ҳикояти 27. Подшаҳро бар хиёнати касе воқиф магардон 427
Ҳикояти 28. Ҳар ки насиҳати худрое мекунад 428
Ҳикояти 29. Фиреби душман махӯр 428
Ҳикояти 30. Мутакаллимро то касе айб нагирад 429
Ҳикояти 31. Ҳама касро ақли худ ба камол намояд 429
Ҳикояти 32. Даҳ одамӣ бар суфрае бихӯрданд 430
Ҳикояти 33. Ҳар ки дар ҳоли тавонойӣ накӯйӣ накунад 431
Ҳикояти 34. Ҳар чӣ зуд барояд 431
Ҳикояти 35. Корҳо ба сабр барояд 433
Ҳикояти 36. Нодонро беҳ аз хомӯшӣ нест 433
Ҳикояти 37. Ҳар ки бо донотар аз худ баҳс кунад 435
Ҳикояти 38. Ҳар ки бо бадон нишинад 435
Ҳикояти 39. Мардумонро айби ниҳонӣ пайдо макун 435
Ҳикояти 40. Ҳар ки илм хонду амал накард 436
Ҳикояти 41. Аз тани бедил тоъат наёяд 436
Ҳикояти 42. На ҳар ки дар муҷодала чуст 436
Ҳикояти 43. Агар шабҳо ҳама қадр будӣ 436
Ҳикояти 44. На ҳар ки ба сурат накӯст 437
Ҳикояти 45. Ҳар ки бо бузургон ситезад 438
Ҳикояти 46. Панҷа бар шер задан 438
Ҳикояти 47. Заъифе, ки бо қавӣ диловарӣ кунад 439
Ҳикояти 48. Беҳунарон ҳунармандро натавонанд, ки бинанд .. 439
Ҳикояти 49. Гар ҷаври шикам нестӣ,
ҳеч мурғ дар дом наюфтодӣ 440
Ҳикояти 50. Машварат бо занон табоҳ аст 441
Ҳикояти 51. Ҳар киро душман пеш аст 441
Ҳикояти 52. Аз куштани бандиён таъаммул авлотар аст 443
Ҳикояти 53. Ҳакиме, ки бо ҷуҳҳол даруфтад 444
Ҳикояти 54. Хирадмандеро, ки дар зумрайи
аҷлоф сухан бибандад 444
Ҳикояти 55. Ҷавҳар агар дар халоб уфтад 445
Ҳикояти 56. Мушк он аст, ки бибӯяд 447
Ҳикояти 57. Дӯстеро, ки ба умре фарочанг оранд 448
Ҳикояти 58. Ақл дар дасти нафс чунон гирифтор аст 449
Ҳикояти 59. Ҷавонмард, ки бихӯраду бидиҳад 449
Ҳикояти 60. Андак-андак хеле шавад* ва қатра-қатра селе 450
Ҳикояти 61. Олимро нашояд, ки 451

Ҳикояти 62. Маъсият аз ҳар ки содир шавад,
нописандида аст 452
Ҳикояти 63. Ҷон дар ҳимояти як дам аст 452
Ҳикояти 64. Шайтон бо мухлисон барнамеояд 453
Ҳикояти 65. Ҳар ки дар зиндагонӣ нонаш нахуранд 455
Ҳикояти 66 Дарвеши заъифҳолро
дар хушкийи тангсол мапурс 456
Ҳикояти 67. Ду чиз муҳоли ақл аст 457
Ҳикояти 68. ай толиби рӯзӣ, бинишин, ки бихӯрӣ 457
Ҳикояти 69. Ба ниҳода даст нарасад 458
Ҳикояти 70. Сайёд бе рӯзӣ моҳӣ дар Дақла нагирад 459
Ҳикояти 71 Тавонгари фосиқ, дарвеши солиҳ 459
Ҳикояти 72. Шиддати некон рӯй дар фарақ дорад 460
Ҳикояти 73. Ҳасуд аз неъмати Ҳаққ бахил аст 460
Ҳикояти 74. Тилмизи беиродат ошиқи безар аст 461
Ҳикояти 75. Мурод аз нузули Қуръон
таҳсили сирати хуб аст 461
Ҳикояти 76. Якеро гуфтанд, олими беамал ба чӣ монад? 462
Ҳикояти 77. Марди бемурувват зан аст 462
Ҳикояти 78. Ду касро ҳасрат аз дил наравад 463
Ҳикояти 79. Хилъати султон агарчи азиз аст 464
Ҳикояти 80. Хилофи роҳи савоб асту акси раъйи улулулбоб ... 465
Ҳикояти 81. Ҳар он чӣ донӣ, ки ҳаройина
маълуми ту гардад 466
Ҳикояти 82. Яке аз лавозими суҳбат он аст,
ки хона бипардозӣ 467
Ҳикояти 83. Ҳар ки бо бадон нишинад 467
Ҳикояти 84. Ҳилми шутур, чунонки маълум аст 468
Ҳикояти 85. Ҳар ки дар пеши сухани дигарон уфтад 469
Ҳикояти 86. Реше даруни ҷома доштам 469
Ҳикояти 87. Дурӯғ гуфтан ба зарбати лозим монад 470
Ҳикояти 88. Аҷалли коинот аз рӯйи зоҳир одамист 470
Ҳикояти 89. Аз нафспарвар ҳунарварӣ наёяд 471
Ҳикояти 90. Дар Инҷил омадааст, ки ай фарзанди Одам 472
Ҳикояти 91. Иродати бечун якеро аз тахти шоҳӣ фурӯ орад 472
Ҳикояти 92. Гар теғи қаҳр баркашад,
набию валӣ сар даркашад 473
Ҳикояти 93. Ҳар ки ба таъдиби дунё роҳи савоб нагирад 473
Ҳикояти 94. Некбахтон ба ҳикояту амсоли
пешиниён панд гиранд 474
Ҳикояти 95. Онро, ки гӯши иродат гарон офаридаанд 475
Ҳикояти 96. Гадойи неканҷом беҳ аз подшоҳи бадфарҷом 476
Ҳикояти 97. Заминро аз осмон нисор аст 476

Ҳикояти 98. Ҳаққ, Ҷалла ва Ъало, мебинаду мепӯшад 477
Ҳикояти 99. Зар аз маъдан ба кон кандан бадар ояд 478
Ҳикояти 100. Ҳар ки бар зердастон набахшояд 478
Ҳикояти 101. Оқил чу хилоф андар миён омад, биҷаҳад 479
Ҳикояти 102. Муқомирро се шаш бояд 479
Ҳикояти 103. Дарвеше ба муноҷот дар-мегуфт 479
Ҳикояти 104 Аввал касе, ки алам бар ҷома ва
ангуштарӣ дар даст 480
Ҳикояти 105. Бузурге ва фазилати дасти рост 480
Ҳикояти 106. Насиҳати подшоҳон кардан
касеро мусаллам бувад 482
Ҳикояти 107. Шоҳ аз баҳри дафъи ситамкорон аст 482
Ҳикояти 108. Ҳама касро дандон ба туршӣ кунд шавад 483
Ҳикояти 109. Қаҳбайи пир аз нобакорӣ чӣ кунад,
ки тавба накунад 483
Ҳикояти 110. Ҳакимеро пурсиданд, чандин дарахт 484
Ҳикояти 111. Ду кас мурданду ҳасрат бурданд 485
Феҳристи бархе аз маъхазҳо 489
Шарҳи баъзе луғот 491

ОБИД ШАКУРЗОДА

ШАРҲИ «ГУЛИСТОН»-И САЪДӢ

Ороиши *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р.Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*

Ба матбаа 26.05.2014 супурда шуд.
Чопаш 06.06.2014 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 33.75. Андозаи 60х84 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»– и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар ҶДММ «Эр-граф» чоп шудааст.